ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2023. №10

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2023. №10

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2023. No.10

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2023

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Кароматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сироҷиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳринисо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2023. – №10. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.
Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.
Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2023

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)
ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:	
Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)
ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:	
Исмонов Кароматулло	Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета
РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:	
Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Юсуфзода Носирджон Салими	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ
Рахматуллозода Сахидод	Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ
Назарзода Сайфиддин	Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ
Гулназарова Джило	Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде
Абдуллозода Масрур Ахмад	Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета
Сироджиддини Эмомали	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Кучарзода Аламхон	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ
Саидов Халимджон Азизович	Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета
Мамадназаров Абдусалом	Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета
Муродов Мурод	Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета
Нагзибекова Мехринисо Бозоровна	Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета
Ходжаев Давлатбек	Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета
Дустзода Хамрохон Джума	Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2023. – №10. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

©ТНУ, 2023

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Yusufzoda Nosirjon Salimi	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST
Khorkashev Sakhidod	Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST
Nazarzoda Saifiddin	Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST
Gulnazarova Jilo	Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda
Abdullozoda Masrur Akhmad	Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University
Sirojiddini Imomali	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Kucharzoda Alamkhon	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST
Saidov Khalimdzhon Azizovich	Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University
Mamadnazarov Abdusalom	Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University
Murodov Murod	Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University
Khodzhaev Davlatbek	Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2023. – № 10. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.
The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**
The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.
The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.
© TNU, 2023

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

ТДУ: 811.21/.22-54+82

МУҚОИСАИ ВИЖАГИҲОИ МАФҲУМИИ БАРХЕ ИСТИЛОҲОТИ АХЛОҚИИ ОСОРИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ БО ИСТИЛОҲОТИ “АНДАР АХЛОҚ”-И ИБНИ СИНО

Сулаймонов С., Маҳмудзода М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Махзани асосии вожаҳову истилоҳоти забони моро осори пурбаҳои донишмандони форсу тоҷик ташкил менамояд, ки дар робита ба ин мавзуъ М.Н. Қосимова чунин иброзе андеша намудааст: “Дар ташаккул ва инкишофи истилоҳоти соҳаҳои мухталиф нақши олимони соҳаҳои гуногун ва осори онҳо бағоят бузург аст. Хидмате, ки дар ташаккул ва рушду инкишофи истилоҳоти мо Ибни Сино, Ғаззолӣ, Ҷомӣ ва дигарон кардаанд, бо ягон чиз қиёс кардан мумкин нест” [4, с.159].

Дар ҳақиқат, яке аз аввалин донишмандоне, ки ба сохтани истилоҳоти тоҷикии илмӣ ба таври ҷиддӣ даст задааст, аллома Абуалӣ ибни Сино мебошад. “Донишнома”-и Сино маҳорати эҷодии ӯро дар адабиёти форсу тоҷик ба хубӣ нишон додааст.

Инчунин, Ибни Сино дар таърихи фарҳанги миллатамон яке аз асосгузорони истилоҳоти ахлоқӣ ба забони арабӣ мебошад, ки аксари онҳоро муаллифони баъдина дар забони форсӣ-тоҷикӣ низ истифода кардаанд. Аз ин рӯ, мо рисолаи “Андар ахлоқ”-и Ибни Синоро бо осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ асоси таҳқиқи муқоисавии ин мақола қарор додем.

Муқоиса дар илми забоншиносӣ на танҳо барои ошкор кардани монандӣ ва фарқият кумак мерасонад, балки он ҳамбастагӣ, тобеият, зиддият ва муқобилиятҳои объектҳоро низ муайян менамояд.

Дар фарҳанги истилоҳоти забоншиносии О.С. Ахманов мафҳуми “муқоиса” ҳамчун воҳиди забонӣ чунин таъриф дода шудааст: “Муқоиса мафҳумҳои баробарӣ-нобаробарӣ, камӣ ва зиёдии сифатҳоро ҳам дар категорияи грамматикии дараҷаи муқоисаи сифату зарф ва ҳам дар луғат ва фразеология ифода менамояд. Ин расми гуфторест, ки як предметро ба предмети дигар ташбеҳ дода, мавҷудияти як хусусияти шабеҳро дар онҳо тахмин мекунад” [2, с.450].

Ҳамин тариқ, агар ҷиҳати материалии калима аломати мафҳум бошад, маънии калима асос ва воситаи шаклгирии мафҳум ба ҳисоб меравад. Мафҳум дар заминаи забон ва пеш аз ҳама, дар замина ва ёрии калима ба вуҷуд меояд.

Шарҳи мафҳумии истилоҳоти ахлоқӣ ба воҳидҳои тафаккур пайвастагии зич дорад. Масалан, агар забоншинос ба воҳидҳои тафаккур, яъне мафҳум ва муҳокима такя нанамояд, маънии калимаву ҷумларо муайян карда наметавонад. Яъне, забон ва тафаккур дар алоқамандии якдигар инкишоф меёбанд. Вале бояд қайд кард, ки онҳо дар навбати худ қонунҳои хосси худро доро мебошанд. Вазифаи забон ва калимаҳо танҳо ифодаи мафҳуму муҳокима набуда, вай категория ва маъноҳои худро дорад, ки мувофиқи қонуни дохилии забон инкишоф меёбад [6, с. 11].

Таҳлили луғавӣ ва мафҳумии истилоҳоти ахлоқӣ аз ин қарор аст, ки дар баёни он мутафаккирон назарияҳои мувофиқ, вале баъзан мухолифро низ ироа намудаанд, аз қабили истилоҳи “сабр”, ки шакли масдари навъи якуми феъли арабии [сабара] – шикебоӣ, тоқат, таҳаммул мебошад, ки дар забони тоҷикӣ дар қолаби исм қабул гардида, маънои истилоҳии онро Ибни Сино чунин шарҳ додааст:

“Сабр ин аст, ки қувваи худро тарзе ба низом медарорад, ки дарду алам ва чизи нописандро, ки ба инсон фуруд меояд, бартараф намояд” [1, с. 645].

Ибни Сино истилоҳи сабрро ба танзим даровардани қувваи худ ҳангоми мушкилиҳо ва барканор намудани онҳо арзёбӣ намудааст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ ҳамин истилоҳро дар боби панҷуми “Ахлоқи муҳсинӣ” шарҳ дода чунин мегӯяд: “Ва он шикебоӣ бошад бар макориҳ ва балиёте, ки аз Ҳақ таъоло ба банда мерасад” [9, с.10]. Яъне, Воизи Кошифӣ таҳаммул кардан бар мушкилоту балоҳои рӯзгорро сабр гуфтааст.

Гарчанде ки истилоҳи сабр аз ҷониби мутафаккирон бо шаклҳои гуногун баён гардидааст, вале аз ҷиҳати маъно назароти онҳо мувофиқ мебошад.

Иффат - калимаи арабӣ буда, масдари навъи якуми феъли [’аффа] мебошад, ки дар

луғатҳо ба маънои покӣ, покдоманӣ, порсоӣ, парҳезгорӣ омадааст. Ин калима дар забони тоҷикӣ дар шакли исм қабул гардида, маънои истилоҳии он аз нигоҳи Ибни Сино чунин шарҳ дода шудааст:

“Иффат [покдоманӣ] боздоштан ва нигоҳ доштани шавқ аст нисбат ба навъҳои ҳархелаи шаҳватҳои ҳисшаванда, аз қабили хӯрдану ошомидан, ҷимоъ кардан ва тобеъ насохтани худ ба яке аз онҳо. Гузашта аз ин, иффат тобеъ кардан ва муносибат кардан ба ин шаҳватҳо аз рӯйи андешаи саҳеҳ аст” [1, с.644].

Ва ҳамин истилоҳро Воизи Кошифӣ низ дар боби нуҳуми “Ахлоқи муҳсинӣ” қайд намуда, онро чунин шарҳ додааст: “Ва он эътироз бошад, аз иртикоби муҳаррамот, хусусан, аз шаҳвати ҳаром ва ин аз ҷумлаи макорими ахлоқ аст” [9, с.15]. Сипас, мутафаккир ба гуфтаҳои бузургон такя намуда, чунин илова кардааст: “Бузургон гуфтаанд, одамӣ ду нисбат дорад: яке бо малоика, ки бад-он нисбат моил аст ба илму амал. Дигаре бо баҳоим, ки ба он муносабат ҳарис аст бо ақлу шурбу виқоъ” [9, с.15]. Дар охир Ҳусайн Воизи Кошифӣ фикрро ҷамъбаст намуда, чунин мегӯяд: “Шарти ақл он аст, ки то метавонад нисбати малакиро қувват диҳад ва ба ҷониби баҳимӣ майл нанамояд” [9, с.15].

Инҷо, фарқи байни ин ду мутафаккир ҳангоми баёни мафҳуми истилоҳи “иффат” дар он аст, ки рағбатҳои одамӣ, яъне хӯрдану ошомидан ва ҷимоъ карданро яке аз мутафаккирон – Воизи Кошифӣ хоҳишҳои баҳимӣ ва дигаре – Ибни Сино шаҳватҳои ҳисшаванда гуфтаанд. Илова бар ин, Ҳусайн Воизи Кошифӣ зикр намудааст, ки иффат – ин қувват додани нисбати малакӣ ва майл накардан ба ҷониби хоҳишҳои баҳимист, яъне ба ҳадди имкон қатъи хоҳиш намудан аз рағбатҳои нафсӣ. Вале Ибни Сино мегӯяд, ки иффат – ин бо андешаи дуруст идора кардани шавқ аст, нисбат ба шаҳватҳои ҳисшаванда, яъне бо тадбир ва ахлоқ нигоҳ доштани рағбатҳои одамӣ.

Дар маҷмуъ, гуфта метавонем, ки Ибни Сино мафҳуми зикршударо аз нуқтаи назари илмӣ ва Воизи Кошифӣ аз назари диниву мазҳабӣ маънидод намудаанд.

Ҳаё – аз калимаи арабии [ҳайа̄] гирифта шудааст ва дар фарҳанг маънии онро шарм, хиҷолат ва хиҷлат гуфтаанд [8, с.520].

Мафҳуми ин истилоҳи ахлоқиро Ибни Сино чунин тавзеҳ додааст: “Ҳаё наку боз доштани нафс аст, аз умури носазое, ки иҷро кардан ва амалӣ сохтани онҳо, агар мулоҳиза карда шавад, пайомадҳои бад ва пешомадҳои аҷибу шигифтовар ба бор меоварад” [1, с.649].

Агар ин гуфтаҳои Ибни Синоро маънидод намоем, пас гуфта метавонем, ки ҳаё ин нафсро аз ҳар гуна амалҳои ғайриахлоқӣ нигоҳ доштан аст ва беҳаёӣ оқибати бад ва шармангез дорад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ такя ба ҳамин гуфтаҳои Ибни Сино истилоҳи “ҳаё”-ро шарҳ додааст: “Ва он (ҳаё) хислати шариф ва сирати мақбул аст... Агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеҷ касро аз ҳеҷ кас шарм набошад, манозими ҷаҳон халал пазирад ва масолеҳи халоиқ аз якдигар фурӯ резад. Аммо сифати ҳаё намегузорад, ки ҳар кас ҳар чӣ хоҳад бикунад” [9, с.12].

Воизи Кошифӣ ҳаёро аз муҳимтарин хислатҳои инсонӣ дониста, низоми ҷаҳон ва сулҳу салоҳияти одамиёнро ба ҳаё вобаста медонад.

Дар шарҳу тавзеҳи истилоҳи ҳаё назари мутафаккирон мувофиқ буда, мазмуни он аз ҷониби ҳарду мутафаккир шабеҳ тавсиф ёфтааст.

Сидқ – калимаи арабӣ буда, аз масдари навъи якуми феъли [садақа] гирифта шудааст ва дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм қабул шудааст.

Маънои луғавии вожаи “сидқ” дар “Фарҳанги Муин” чунин шарҳ ёфтааст: “рост гуфтан, ростӣ, мутобиқати ҳукм аст бо воқеият” [11, с.986].

Маънои истилоҳии ин вожаро Ибни Сино мувофиқат намудани замири инсон, бо забону гуфтор ва рафтори ӯ дониста мегӯяд: “Сидқ ин аст, ки он чӣ ба забон, олати ифода намудан, баён мегардад, бо он чӣ дар замир аст ва [инсон] тавассути забон дар бораи он хабар медиҳад, мувофиқат намояд, то он чӣ дар замираш амри воҷиб мегардад, дар забонаш инкор нагардад ва он чӣ дар замираш воҷиб мегардад, ба забонаш рад нагардад [Дар акси ҳол] умур аз ҳақиқати худ дур гардад ва аҳкоме ботил гардад, ки пайванди онҳо ба сидқ воҷибу зарурист” [1, с.649].

Воизи Кошифӣ низ мафҳуми “сидқ”-ро дар боби бисту панҷуми китоби “Ахлоқи муҳсинӣ” баён намуда, онро мувофиқат намудани замири инсон, бо забону гуфтор ва рафтори ӯ шуморида мегӯяд: “Сидқ ростгӯӣ ва росткорӣ аст ва ростӣ ва росткорӣ сабаби эминӣ ва

растагорист” [9, с.62].

Маънои истилоҳи “сидқ”-ро мутафаккирон таърифи якхела додаанд, вале аз рӯйи услуби нигориш Ибни Сино онро бо услуби илмӣ ва Воизи Кошифӣ бо услубӣ бадеӣ маънидод кардаанд.

Ҳазм – низ вожаи арабӣ буда, масдари навъи якуми феъли [ҳазама] мебошад. Ин калима дар “Луғатномаи Деҳхудо” васеътар маънидод карда шудааст, ки мазмуни он аз ин қарор мебошад: “Ҳазм – устуворӣ ва ҳушёрӣ, огоҳӣ ва бедорӣ дар кор, ҳушёрӣ ва бедорӣ, эҳтиёткорӣ, оқибатбинӣ, дурандешӣ...” [10, с.1699].

Мафҳуми ин истилоҳ дар рисолаи “Андар ахлоқ” чунин арзёбӣ гардидааст: “Ҳазм [собитқадамӣ] гом гузоштан дар ҳаводисе мебошад, ки имкони вуқуъ доранд, бо назардошти он ки ӯ ба саломатӣ наздиктару аз зарар дуртар бошад” [1, с.649].

Аз таърифи зикршуда хулоса баровардан мумкин аст, ки Ибни Сино ҳазмро бо омодогӣ ва ҳушёрӣ ворид шудан ба ҳодисаҳои зиндагӣ мегӯяд.

Вале Ҳусайн Воизи Кошифӣ мафҳуми истилоҳи “ҳазм”-ро ба шакли андаке мухталиф иброз намудааст, ки аз ин қабил мебошад: “Ҳазм андеша кардан аст дар оқибати амри мавҳум ва мутахайял ва эҳтироз намудан ба қадри имкон аз халал ва залал” [9, с.70].

Ин ҷо Ҳусайн Воизи Кошифӣ “ҳазм”-ро андеша ва тадбир кардани ҳаводиси ваҳмангези зиндагӣ ва дар ин миён ҳимояту эҳтиёткорӣ намудан аз мушкилиҳо гуфтааст.

Яъне, фарқи таърифҳои мутафаккирон дар он аст, ки Ибни Сино истифодаи ин хислати инсониро дар тамоми ҳодисаву воқеаҳои зиндагӣ пайваста ва зарурӣ шуморидааст. Воизи Кошифӣ бошад, бедор кардани ҳазмро дар ҳодисаҳои шубҳаовар ва мушкилиҳои зиндагӣ тавсия додааст.

Фаросат – калимаи арабӣ буда, он аз масдари навъи якуми феъли [фараса] гирифта шудааст ва дар забони тоҷикӣ дар шакли исм қабул гардидааст.

Вожаи “фаросат” дар “Фарҳанги Муин” ба шакли зерин шарҳ ёфтааст: “Дар ёфтани ботини чизеро ба воситаи нигаристан ба зоҳири ӯ” ва чунин илова карда шудааст, ки он: “идрок, дарёфт, зиракӣ, ҳушёрӣ” [11, с.1163] аст.

Ибни Сино истилоҳи зикршударо бо як ҷумла шарҳ додааст: “Фаросат ва ҳадси наку – бо шитоб ба ҳақоиқи маоние, ки ҳавос онҳоро ворид месозад, нуфуз кардан аст” [1, с.648].

Ба андешаи мо, Ибни Сино фаросатро некбиниву некандешӣ гуфтааст. Ва илова намудааст, ки он аввалин ҳиссест, ки дар натиҷаи мушоҳидаи масъала пайдо мешавад, ки қабул намуда, иҷро кардани он шояд.

Аз нигоҳи Ҳусайн Воизи Кошифӣ вожаи “фаросат” ба шакли зерин таъриф ёфтааст: “Фаросат – ин аст, ки агар сирри воқеа нек зоҳир нест, бо нури фаросат дарки он бояд кард” [9, с.92, 93].

Дар мавриди баёни мафҳуми ин истилоҳ Ибни Сино мухтасар ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ васеъ ва бо мисолҳову ишораҳо назароти худро ироа намудаанд. Сабаби ин фарқиятро мо дар услубҳои нигориши асарҳои мутафаккирон арзёбӣ менамоем.

Саховат – ҷамъи калимаи сахо [саха̄]-и арабӣ мебошад. Он дар луғатномаҳо ба маънои зерин омадааст: “бахшиш доштан, карам доштан”.

Истилоҳи “саховат”-ро Ибни Сино шарҳи пурраву мукаммал ва хеле ҳадафрас додааст, ки аз ин қарор мебошад: “Саховат – тобеъ сохтани зимоми қувваи хеш барои додан ва бахшидани дороии худ ба ҳамҷинси худ аст, ки ба он ниёз дорад. Ва ҳамчунин некӣ, дилсӯзию ҳамдардӣ кардан аст нисбат ба чизе, ки сазовори дилбардорӣ кардан аст” [1, с.645].

Яъне, Ибни Сино нафси худро монеъ шуда, аз дороии хеш ба инсонҳои ниёзманд чизе бахшиданро “саховат” гуфтааст. Ва илова намудааст, ки амали нек ва ҳамдардиву дилсӯзӣ низ аз хусусиятҳои саховат мебошанд.

Ҳамин истилоҳи ахлоқиро Воизи Кошифӣ дар “Футувватномаи султонӣ” чунин шарҳ додааст: “саховат аст, ки бе суол ато кунад ба маҳал ва мулоҳиза истиҳқоқ намояд [3, с.28].

Яъне Ҳусайн Воизи Кошифӣ “саховат”-ро бе фикру хаёл ва дилбастагӣ ба касе бахшидани чиз ва ё моли худ гуфтааст.

Гарчанде андешаҳои мутафаккирон вобаста ба мафҳуми умумии истилоҳи “саховат” мувофиқат мекунанд, вале нуқтаи дигаре низ мавҷуд аст, ки ба фарқияти ин мафҳумҳо далолат мекунад. Хусусияти асосии фарқкунандаи таърифи Ибни Сино дар он аст, ки ӯ саховатро на танҳо бахшидани молу ашё, балки зуҳури хислатҳои нек ва муносибатҳои хуб низ гуфтааст.

Қаноат – масдари навъи якуми феъли [кана‘а]-и забони арабӣ мебошад, ки он дар забони тоҷикӣ дар шакли исм қабул гардидааст.

Дар “Фарҳанги Муин” маънии калимаи “қаноат” чунин оварда шудааст: “хурсанд будан ба қисмати худ; сарфаҷӯй” [11, с.1264].

Маънои истилоҳии вожаи “қаноат”-ро Ибни Сино ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ чунин шарҳ додаанд:

1) Мафҳуми вожаи “қаноат” аз нигоҳи Ибни Сино. “Қаноат ин аст, ки [инсон] қувваи хешро аз машғул шудан ба чизе, ки аз андозаи кофӣ ва миқдори ниёзи ӯ аз қабили маош, хӯроки лозимии бадан берун аст, монеъ мегардад ва ба чизе, ки дар ғайри худ мушоҳида менамояд, ҳирсу озмандӣ намекунад” [1, с.645].

2) Шарҳи мафҳумии истилоҳи “қаноат” аз назари Воизи Кошифӣ. “Қаноат – яъне бад-он чӣ Худо дода бошад, бад он розӣ бошад ва зиёдат наталабад, ки ҳар меҳнате ва шиддате, ки ба халқ мерасад, бештар аз ҳирси бешталабӣ аст [3, с.29].

Чуноне ки мушоҳида намудем, дар таърифу тавзеҳи истилоҳи зикршуда мутафаккирон назари ягона дошта, иброз медоранд, ки қаноат ин розӣ будан ба ҳадди ақал аз маводи қобили ниёз, аз қабили хӯрданӣ ва пӯшиданӣ мебошад.

Шуҷоат – шакли масдари навъи якуми феъли арабии [шаҷа‘а] мебошад, ки маънои аслии он далерӣ, пурдилӣ, ҷасурӣ, нотарсӣ, ҷуръат [8, с. 660] аст.

Ибни Сино шуҷоатро аз фазилатҳои қувваи ғазабия гуфта, маънои истилоҳии онро чунин шарҳ медиҳад: “он иқдом намудани инсон дар умуре мебошад, ки вақти паси сар кардани онҳо эҳтимол дорад ба таҳқир ва дарду алам рӯ ба рӯ гардад, мисли дифоъ аз обрӯ ва ҳурмати зани худ ва ғайра” [1, с. 645].

Яъне, шуҷоат аз нигоҳи муаллиф амале мебошад, ки бо иҷро кардани он инсон худ ва наздиконашро муҳофизат мекунад, вале дар натиҷаи ин аз атрофиён эҳтимоли маломат диданро низ дорад.

Мавлоно Кошифӣ боби сиюми китоби “Ахлоқи муҳсинӣ”-и хешро ба мавзуи шуҷоат бахшида, дар бобати мафҳуми истилоҳии вожаи зикршуда чунин мегӯяд: “Шуҷоат аз уммаҳоти фазоил аст ва он қувватест мутавассит миёни ҷубну таҳаввур” [9, с.51].

Ба андешаи мо, маънои истилоҳии вожаи “шуҷоат” аз назари мутафаккирон ба ҳам мувофиқат менамояд, зеро гарчанде ки тарзи баёни матлаб мухталиф арзёбӣ гардидааст, ҳамоно, мафҳум ва маънои он ягона мебошад.

Сир ниҳон доштан – ин истилоҳи ахлоқие мебашад, ки дар шакли ибора омадааст ва мафҳуми онро Ибни Сино чунин таъриф додааст: “Сир ниҳон доштан ин аст, ки инсон аз гуфтори чизи дар майна ҷо дошта, ки ба ӯ зарар меоварад, худдорӣ мекунад, то онро пеш аз вақт ифшо накунад” [1, с. 648].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ҳамин истилоҳро ба шакли зерин шарҳу тавзеҳ медиҳад: “... мо фи-з-замири одамӣ аз ду берун нест. Ё нишони неъмат аст, ё баёни меҳнат. Ва ин ҳарду пинҳон доштанист. Агар мавоҳиби неъмат аст, ниҳон бояд, то чашми ҳасудон бар он кор накунад ва аз офати аҳли тамаъ эмин монад ва агар навоиби меҳнат аст, ҳам махфӣ бояд дошт, то дӯстонро сабаби малол нашавад ва душманонро муҷиби шамотат нагардад” [9, с.97].

Аз таърифҳои овардашуда мушоҳида менамоем, ки Ибни Сино сир ниҳон доштанро ошкор накардани масоиле, ки зикр кардани он хатар дорад, медонад. Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ, айнан ҳамин гуфтаҳоро ироа менамояд, вале масъаларо ба худи инсон нигаронида, сирри асосӣ, ки ошкор кардани он хавфнок аст, хушбахтиву тавоноӣ ва неъматҳои касбкардаи худи инсон медонад.

Тавозуъ – калимаи арабӣ буда, шакли масдари навъи шашуми феъл мебошад. Маънои ин калима дар луғатномаҳо чунин оварда шудааст: “фурӯтанӣ, хоксорӣ” [8, с.289], “нармгарданӣ, хорӣ намудан, худро фурӯ ниҳодан, шикастанафсӣ, фамонбардорӣ” [10, с.1383].

Ибни Сино маънои истилоҳии вожаи зикршударо ба таври зерин тавзеҳ додааст: “Тавозуъ – монеъ шудан аз шинохти табиатест, ки инсон аз сиришт моили табиати заифон ва ситамгарон аст ва мақсади худхоҳӣ ва такаббур надоштан ба афроди ҷинси хеш ва зоҳир накардани он нисбат ба яке аз онон, хоҳ аз роҳи фазилати худписандии ҷисмонӣ бошад, хоҳ нафсонӣ” [1, с. 649].

Маънои истилоҳии вожаи тавозуъро Ҳусайн Воизи Кошифӣ чунин шарҳ додааст: “Тавозуъ он аст, ки касе миқдори худро аз миқдори дигаре камтар бинад. Пас иззату ҳурмати

худ бартараф ниҳода, дигаронро азизу муҳтарам созад [9, с.53].

Тавре ки аз гуфтаҳои боло бармеояд, мафҳуми ироанамудаи мутафаккирон мушаббеҳ аст ва дар зери истилоҳи тавозуъ ҳардуи мутафаккирон маънои фурӯтанӣ ва эҳтиром бар атрофиёнро баён намудаанд.

Мо дар натиҷаи таҳқиқу таҳлил ва муқоисаи хусусиятҳои луғавӣ ва мафҳумии осори адибони бузург, аз ҷумла Ибни Сино ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ як қатор андешаҳои мувофиқ ва баъзан мухолифро низ мушоҳида намудем, ки аз ин қарор мебошанд:

Андешаҳои мувофиқи мутафаккиронро чунин иброз медорем:

а) ҳангоми шарҳи мафҳуми бештари истилоҳот Ибни Сино ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ маъноҳои мушобеҳро баён намудаанд; б) ҳарду мутафаккир дар мавриди баёни масъалаҳои ахлоқӣ муродифи истилоҳотро хеле устокорона ба кор бурдаанд.

Андешаҳои фарқкунандаи мутафаккиронро чунин баён менамоем:

Ҳангоми шарҳи истилоҳот Ибни Сино бо як ва ё ду ҷумла фикри худро ҷамъбаст намуда, ба масъалаи дигар мегузарад. Ҳусайн Воизи Кошифӣ бошад, мафҳуми истилоҳро шарҳ дода, баъзан ибора-истилоҳоти аз он вожа корбастнамудаашро низ шарҳ медиҳад ва бо панду ҳикматҳо онро тавзеҳ менамояд. Ин фақиятро мо дар гуногунии услуби нигориши мутафаккирон арзёбӣ менамоем.

Услуби нигориши Ибни Сино услуби илмӣ буда, “хусусияти муҳимтарини ин услуб амиқии баёни ақида мебошад... ва он аз баобурангии сухан маҳрум аст” [5, с. 74,75].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ бошад, асарҳои ахлоқии хеш (Ф.С. ва А.М.)-ро, асосан бо услуби бадеӣ нигоштааст. М. Қурбонов дар китоби “Услубшиносӣ” қайд менамояд, ки: “Дар забони асарҳои бадеӣ унсурҳои тамоми услубҳоро дучор шудан мумкин аст ва баобурангии он ба хусусияти забонӣ ва истеъмоли рангини калимаҳо вобаста аст” [5, с. 90].

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса менамоем, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ мафҳуми истилоҳотро бо риояи услуби илмӣ таъриф дода, сипас ба услуби бадеӣ ручуъ менамояд ва матолиби мавриди назари хешро васеъ ва оммафаҳм намуда, иброз медорад. Вале Ибни Сино дар эҷоди ин рисолаи хеш танҳо услуби илмии нигоришро ба кор бурдааст.

Ҳамин тавр, мувофиқат ва фарқияти шарҳи мафҳумии истилоҳоти ахлоқиро дар осори мутафаккирони мавриди таҳқиқ мушоҳида намуда, иброз медорем, ки ин таҳқиқ баҳри инкишофи таърихии мафҳуми истилоҳоти ахлоқии забони тоҷикӣ аҳаммияти вижа дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. I. [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2005. – 802 с.
2. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов. [Текст] / О.С. Ахманова. – М.: Советская энциклопедия, 1966. – 608с.
3. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ. Нашри мукаммалгардида. [Матн] / Ҳусайн Воизи Кошифӣ. – Душанбе: Дониш, 2010. – 272 с.
4. Қосимова, М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар). [Матн] / М.Н. Қосимова. – Душанбе: Сино, 2007. – 172 с.
5. Қурбонов, М. Услубшиносӣ (Созмони услубии забони адабии ҳозираи тоҷик). [Матн] / М. Қурбонов. – Душанбе, 1991. – 103 с.
6. Норматов, М. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе: [Матн] / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 252 с.
7. ФЗА – Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ. Чопи дуюми ислоҳшуда ва иловашуда. [Матн] / С. Сулаймонӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1564
8. ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1–2. (зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов ва диг.). [Матн]. - Душанбе, 2008. – 950 с.
9. А.М. – حسین واعظ کاشفی: اخلاق محسنی، مطبعه نولکشور، 1279 ه. ق.
10. ЛД – علی اکبر دهخدا: لغتنامه، سازمان لغتنامه، تهران.
11. ФМ – محمد معین: فرهنگ محمد معین، تهران، 1381 ه. ش.
12. ФЗФ – دکتر مهشید مشیری: نخستین فرهنگ زبان فارسی، تهران 1371 ه. ش.

МУҚОИСАИ ВИЖАГИҲОИ МАФҲУМИИ БАРХЕ ИСТИЛОҲОТИ АХЛОҚИИ ОСОРИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ БО ИСТИЛОҲОТИ “АНДАР АХЛОҚ”-И ИБНИ СИНО

Ахлоқ ҳамчун зерсутуни ҳастии ҷомеаи башарӣ дорои вожаву истилоҳоти басо фаровоне мебошад, ки қариб ҳама ниҳодҳои ҳаёти иҷтимоиро шомил аст ва калимаву истилоҳоти ин соҳа барои равшан намудани бисёр масъалаҳои таърихи ҷомеаи тоҷикон, таърихи фарҳанг ва диди эстетикии мардум мусоидат менамояд. Ибни Сино дар таърихи фарҳанги миллатамон яке аз асосгузорони истилоҳоти ахлоқӣ ба забони арабӣ мебошад, ки аксари онҳоро муаллифони баъдина дар забони форсӣ-тоҷикӣ низ истифода кардаанд. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур истилоҳоти ахлоқии “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино бо осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди муқоисаи мафҳумӣ қарор дода шудааст. Дар баёни таҳлили луғавӣ ва мафҳумии истилоҳоти ахлоқӣ мутафаккирон назарияҳои мувофиқ, вале баъзан мухолифро низ ироа намудаанд, яке аз истилоҳоти мавриди муқоисаро зикр менамоем: “сабр”, ки он шакли масдари навъи якуми феъли арабии [сабара] – шикебой, тоқат, таҳаммул мебошад ва дар забони тоҷикӣ дар қолаби исм қабул гардида, маънои истилоҳии онро Ибни Сино чунин шарҳ додааст: “Сабр ин

аст, ки қувваи худро тарзе ба низом медарорад, ки дарду алам ва чизи нописандро, ки ба инсон фуруд меояд, бартараф намояд” [1, с.645]. Ибни Сино истилоҳи сабрро ба танзим даровардани қувваи худ ҳангоми мушкилиҳо ва барканор намудани онҳо арзёбӣ намудааст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ ҳамин истилоҳро дар боби панҷуми “Ахлоқи муҳсинӣ” шарҳ дода чунин мегӯяд: “Ва он шикебоӣ бошад бар макориҳ ва балиёте, ки аз Ҳақ таъоло ба банда мерасад” [9, с.10]. Яъне, Воизи Кошифӣ таҳаммул кардан бар мушкилоту балоҳои рӯзгорро сабр гуфтааст. Гарчанде ки истилоҳи “сабр” аз ҷониби мутафаккирон бо шаклҳои гуногун баён гардидааст, вале аз ҷиҳати маъно назароти онҳо мувофиқ мебошад. Мувофиқат ва фарқияти шарҳи мафҳумии истилоҳоти ахлоқиро дар осори мутафаккирони мавриди таҳқиқ мушоҳида намуда, иброз медорем, ки ин таҳқиқ баҳри инкишофи таърихии мафҳуми истилоҳоти ахлоқии забони тоҷикӣ аҳаммияти вижа дорад.

Калидвожаҳо: истилоҳоти ахлоқӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ибни Сино, муқоиса, мувофиқат ва фарқият.

СРАВНЕНИЕ ПОНЯТИЙНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ НЕКОТОРЫХ ЭТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ НАСЛЕДИЯ ХУСЕЙНА ВАИЗИ КАШИФИ С ТЕРМИНАМИ "АНДАР АХЛАК" ИБН СИНА

Этика, как одна из основ человеческого общества, имеет множество слов и терминов, включающих в себя практически все институты общественной жизни, а слова и термины этой области помогают прояснить многие вопросы истории таджикского общества, история культуры и эстетическое мировоззрение народа. В истории культуры нашего народа Ибн Сина является одним из основоположников этнических терминов в арабском языке, большинство из которых использовались и более поздними авторами в персидско-таджикском языке. Поэтому в данной статье сравниваются моральные термины Ибн Сины «Андар ахлок» и произведения Хусейна Ваизи Кашифи. При объяснении лексического и понятивного анализа моральных терминов мыслители представили совместимые, но порой и противоречивые теории. Упомянем один из сравниваемых терминов: «сабр», который является инфинитивной формой первого типа арабского языка глагол [сабара] – выносливость, терпение, терпимость, а в таджикском языке он принят в форме существительного, а его буквальное значение Ибн Сина объяснил следующим образом: «Терпение заключается в том, что человек регулирует свои силы таким образом, чтобы преодолеть боль и печаль и то неприятное, что постигает человека». Ибн Сина дал оценку термину “терпение” как регулирование своих сил во время трудностей и их преодоление. Хусейн Ваизи Кашифи также объясняет этот же термин в пятой главе «Ахлоки мухсини» и говорит: «И это терпение против трудностей и бедствий, исходящих от Всевышнего к рабу». Другими словами, Хусейн Ваизи Кашифи называл самообладание при жизненных проблемах и невзгодах сабром (терпением). Хотя термин «терпение» выражался мыслителями в различных формах, однако по смыслу их взгляды совпадают. Наблюдая последовательность и различия в понятийном объяснении моральных терминов в трудах исследуемых мыслителей, мы выражаем особое значение данного исследования для исторического развития концепции моральных терминов в таджикском языке.

Ключевые слова: этическая терминология, Хусейн Ваизи Кашифи, Ибн Сина, сравнение, согласие и различие.

COMPARISON OF CONCEPTUAL FEATURES OF SOME ETHICAL TERMS OF THE HERITAGE OF HUSSEIN WAIZI KASHIFI WITH THE TERMS OF "ANDAR AKHLAK" IBN SINA

Ethics, as a subpillar of human society, has many words and terms that include almost all institutions of social life, and the words and terms in this area help to clarify many issues in the history of Tajik society, the cultural history and aesthetic worldview of the people. In the cultural history of our people, Ibn Sina is one of the founders of ethnic terms in the Arabic language, most of which were used by later authors in the Persian-Tajik language. Therefore, this article compares the moral terms of Ibn Sina’s “Andar Ahlok” and the works of Hussein Vaizi Kashifi. In explaining the lexical and conceptual analysis of moral terms, thinkers have presented compatible but sometimes contradictory theories. Let us mention one of the compared terms: “sabr”, which is the infinitive form of the first type of the Arabic language verb [sabara]- endurance, patience, tolerance, and in the Tajik language it is taken in the form of a noun, and Ibn Sina explained its literal meaning as follows: “Patience consists in the fact that a person regulates his forces in such a way as to overcome pain and sadness and the unpleasant things that befall a person”. Ibn Sina assessed the term “patience” as regulating one’s strength during difficulties and overcoming them. Hussein Vaizi Kashifi also explains the same term in the fifth chapter of Akhloki Muhsini and says: “And this is patience against difficulties and calamities that come from the Almighty to the slave.” In other words, Hussein Vaizi Kashifi called self-control during life's problems and adversities sabr (patience). Although the term “patience” has been expressed by thinkers in different forms, their views nevertheless coincide in meaning. Observing the consistency and differences in the conceptual explanation of moral terms in the works of the thinkers under study, we express the special significance of this study for the historical development of the concept of moral terms in the Tajik language.

Keywords: ethical terminology, Hussein Vaizi Kashifi, Ibn Sina, comparison, agreement and difference.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Сулаймонов Саидраҳмон*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17
Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калон, кафедраи мутолиоти Шарқ, факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **umar.mo@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-57-77-37**

Сведения об авторах: ***Сулаймонов Саидрахмон*** – Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор. **Адрес:** 734025, ш. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17
Махмудзода Мунираи Каноатшох – Таджикский национальный университет, старший преподаватель, кафедра восточных исследований, факультет международных отношений. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **umar.mo@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-57-77-37**

Information about the authors: ***Sulaimonov Saidrakhmon*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17
Mahmudzoda Munirai Qanoatshoh – Tajik National University, senior teacher of the Department of East Research, Faculty of International Relations. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17. E-mail: **umar.mo@mail.ru.** Phone: **(+992) 988-57-77-37**

ТДУ: 891.550+82

ВОЖАГОНИ МАРБУТ БА ТӮЙИ АРУСИИ ГӮЙИШИ ШИМОЛӢ ВА ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ОН

Ҳомидов Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ хеле пурғановат буда, он аз қабатҳои гуногуни луғавӣ таркиб ёфтааст. Ин ғановат дар мавҷудияти қабатҳои гуногуни маъноӣ ва гурӯҳҳои зиёди мавзуии вожаҳо, унсурҳои вомвожагирӣ аз забонҳои бегона, воҳидҳои сермаънову зидмаъно, муродифот, муодилҳову мувозаҳои мухталифи вожаҳо, таъбироту таркибҳои фразеологӣ, субстратҳову унсурҳои бозмонда аз забони адабиёти классикӣ, қолабҳои вожасозӣ ва васоити махсуси вожасозу вожабанд ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Ин аст, ки бе таҳқиқи ҳамаҷонибаи луғати забоншиносии мардумии (этнолинг-вистӣ) ин ё он забон дар алоҳидагӣ ва бе натиҷагирӣ аз ҷузъитарин вижагии дохилии онҳо, муайян намудани раванди таърихии ташаккулу таҳаввули забони меъёрии тоҷикӣ амалест аз имкон берун. Дар робита ба ин маводи этнолингвистии забони тоҷикӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми ғановати таркиби луғавии забони адабӣ буда, таърихан дар минтақаҳои мухталифи ҳудуди густариши забони тоҷикӣ шакл гирифтаанд.

Мусаллам аст, ки маросими тӯю сур яке аз куҳантарин оинҳои миллии аҷдодии мо аҳсуб меёбад. Дар аҳди бостон маросими тӯю сур, аз ҷумла тӯйи арусӣ ба назар намерасид. Маросиме буд, ки мардҳо бо дилхоҳ занҳо, занҳо бо дилхоҳ мардҳо издивоҷ мекарданд. Торафт замона рӯ ба рушд оварда, тадричан маросими тӯйи арусӣ ташкил ёфт. Маросими ҷашни арусӣ дар Тоҷикистон ва шаҳру вилояту деҳоти он ба таври анъанаҳои миллии хосси худ ҷашн гирифта мешавад. Аз ин ҷост, ки дар поён вожагонеро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки марбути маросими тӯю сур ҳастанд ва онҳоро аз рӯйи муҳтавояшон ба гурӯҳҳои вожагони мансуб ба расму оинҳои пеш аз ҷашни арусӣ ва вожагони мансуб ба расму оинҳои баъд аз ҷашни арусӣ тасниф кардан мумкин аст. Дар забоншиносии қавмӣ ё мардумӣ барои ифодаи вожагони этнолингвистии соҳаи ҷашни арусӣ истилоҳи этнографизмҳо истифода мешаванд, ки онҳо мувофиқи гуфтаи муҳаққиқон метавонанд ба забонҳои дигаре, ки дар як минтақаи маҳдуд мавҷуданд, низ тааллуқ дошта бошанд ва онҳо бештар номи ашёҳоеро мефаҳмонанд, ки танҳо дар ин маҳал маълуманд ва дар забони умумиистифодабаранда муодил надошта, бештар истилоҳоти урфу одат ва расму анъанаҳоро фаро мегиранд.

Вожагони мансуб ба расму оинҳои пеш аз ҷашни арусӣ. Тӯй анъана ё суннатест, ки аз ниёгон ба мардуми мо мерос мондааст. Мафҳуми тӯй дар фарҳангҳои тафсирӣ чунин арзёбӣ гардидааст: «**Тӯй** вожаи туркӣ-ӯзбекӣ буда, маънои ҷашн, идро дорад. Ин вожа дар таркиби вожагони *тӯйи арусӣ, тӯйи хатна*, ***тӯёна*** *(ҳадяи тӯй)*, ***тӯйгардӣ*** *(тӯй ба тӯй гаштан),* ***тӯйфурорӣ*** *(*арусфурорӣ), тӯю сур (1.ҷашн, шодӣ. 2. зиёфат; тӯй), **сурур (**шодӣ, хурсандӣ, шодмонӣ, нишот) омада, маънои хурсандӣ, шодӣ, тараб ва хушҳолиро ифода мекунад [ФТЗТ 2008, Ҷ. 2, 377]. Инчунин ҳамчун ҷузъи калимасоз ин вожа дар калимасозӣ дар забонамон чандин вожагонро шакл додааст: т**ӯйхабар (**он ки ба тӯй хабар мекунад), тӯйхона (хонаи тӯйдор), тӯйхӯр (иштирокдори тӯй), т**ӯйи хатна** (т-а. 1. буридани пӯсти сари олати мардинаи бача. 2.маросими махсусе, ки ба муносибати буридани пӯсти сари олати мардинаи бача барпо карда мешавад: тӯйи хатна, хатна кардан), ***тӯёна*** *(ҳадяи тӯй)*, ***тӯйгардӣ*** *(тӯй ба тӯй гаштан),* ***тӯйфурорӣ*** *(*арусфурорӣ) ва амсоли инҳо.

Бояд гуфт, ки доир ба тӯю сури тоҷикӣ ва роҳҳои сурат гирифтану дар он ичро гардидани суруду мусиқӣ муҳаққиқони соҳаи адабиёти шифоҳӣ силсилаи мақолаву асарҳои алоҳида ба нашр расонидаанд, ки таълифоти фолклоршинос Ф. Зеҳниева намунаи барҷастаи он маҳсуб меёбад. Таълифи китоби «Сурудҳои маросими тӯйи тоҷикон»-и Ф. Зеҳниева як навъ ҷамъбасте дар омӯзиши анъанаҳо ва сурудҳои вобаста ба ҷашни арусиву домодии забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад ва доир ба бештари осоре, ки то таълифи китоби мазкур ба вуҷуд омадааст, то ҳадди имкон муҳаққиқ маълумот додааст [ниг.: Зеҳниева 1978, с. 3-13]. Як нуқтаи муҳимро бояд қайд кард, ки аз ҷиҳати типологӣ ҳамаи тӯйҳо як умумияте доранд. Вале агар ба ҷузъиёти онҳо бо диққат назар афканем, тафовутҳои хосси поэтикиро дар ҳар кадомаш метавон мушоҳида кард. Аз ин рӯ, омӯхтани суннатҳои марбут ба тӯй ва таҳлили фактҳои он ба чандин масъалаҳои муҳимми ичтимоӣ, тарбиявӣ, ахлоқӣ ва ба

ҳамдигар муштарак будани фарҳанги тоҷикони ҷаҳон кумак мерасонад. Агар асарҳои дар гузашта дар бораи фолклор ва этнография таълифшударо аз назар гузаронем, ҳамин гуна тафовутҳои ҷолибро ба таври фаровон метавон дид. Дар ин бобат дар нигоштаҳои **А.Д. Гребкин** [Гребенкин 1872], **М.С.Андреев** [1953]; **Н.А.Кисляков** [1960] ва чанде дигарон ин тафовуту афзалиятҳо ва вижагиҳо оварда шудаанд.

Ҷашни арусӣ дар мавзеъҳои мухталифи тоҷикнишини Осиёи Марказӣ рангоранг ва боҳашамат баргузор мегардад. Барои баргузории ин ҷашни бостонӣ силсилаи вожагони соҳавӣ вобаста ба мавзеу маҳалҳо мавриди корбурд қарор мегиранд, ки маъмултаринашон инҳоянд: **ҷашни камсамолӣ ё саристолӣ** [ҷашни замонавӣ бо хӯрокҳою нӯшокиҳо ва рақсу бозӣ], **ҷашни чавку** [дар гирди алов бе хӯрок рақсу бозӣ мекунанд], **ҷашни суфиёна** [тӯй бе ҳофизию рақсу бозӣ, ки хосси диндорон ё шахсоне, ки шароити оилавиашон имконияти даъвати ҳофизонро намедиҳад, мебошад].

Дар маҷмуъ, вожагони мансуб ба расму оинҳои пеш аз ҷашни арусӣ фарогири чунин вожагонанд: **хушкунӣ ё интихоб кардан, ҳамдигарро дидан, намоянда барои гап пазондан, фиристодани хостгор, кӯрпаю болишт тайёр кардан** ва монанди инҳо.

Вожагони **хушкунӣ** дар қатори вожагони ҷашни арусӣ шомил гардида, аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **хуш** [1. хуб, нек, неку, зебо; дилкаш, ширин, форам; 2.шод, хурсанд, хушвақт, хуррам; **забони хуш,** забони ширин ва форам; **овози хуш** овози форам; **рӯйи хуш додан-ба** *касе* муомилаи хуб кардан, меҳрубонӣ изҳор намудан; **хуш кардан** а) писандидан, маъқул кардан; б) интихоб кардан, баргузидан; хуш омадан (-и чизе ба касе) маъқул шудан, писандида шудан аз асоси замони ҳозираи феъли таркибии **хуш кардан** «писандидан, интихоб кардан, таваҷҷуҳ кардан» ва пасванди -ӣ], кун (асоси замони ҳозираи феъл) ва пасванди калимасози -ӣ таркиб ёфтаанд.

Ҳамдигарро дидан, вохӯрдан ё мулоқот кардани арусу домоди оянда пеш аз амалҳои хостгорӣ аст, ки ин ифода дар шакли ибораи феълӣ баён мегардад ва ҳамон амалиёти пешазхостгориро мефаҳмонад.

Фиристодани намояндаи писардор дар шахсияти хола ё амма барои гап пазондан ба тарафи духтардор аст, ки ин баён низ дар шакли ибораи феълӣ сурат мегирад.

Маслиҳатошӣ. Аввалин вожагоне, ки дар маросими тӯйи домодию арусӣ ё умуман дар маросимҳои хурсандии ин минтақа истифода мешаванд аз маъракаи **маслиҳатошӣ** шуруъ мешавад. Маънои ин калима он аст, ки як шахс маросими хурсандии худро тӯй аст ё маъракаст, сар карданӣ шуд, ӯ аввалан раиси маҳалла ва калонсолону масъулони маҳалларо дар хонаи худ ҷамъ оварда, аз онҳо дар бораи чӣ гуна ба маҳалла **“Ош додан”** ва аз чӣ ё аз кадом кор сар намудани маъракаашро маслиҳат мегирад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи **маслиҳатошӣ чунин шарҳ дода шудааст:** «**Маслиҳатошӣ**, маслиҳат, оши маслиҳат. **Маслиҳатошӣ** [а] 1. Он чӣ барои пешрафту хайру нафъи коре ё касе изҳор карда мешавад.Салоҳи кор: гуфтугузори хайрандешона дар атрофи ягон масъала, машварат: маслиҳат он аст, ки …салоҳи кор ин аст, ки…: маслиҳат нест, салоҳ нест, дуруст нест. 2. Фикру мулоҳизаи донандаи коре ё мутахассиси соҳае дар бораи коре ё чизе: маслиҳати пухта, маслиҳати судманд, маслиҳати хуб, маслиҳати ҷузъӣ: маслиҳати касеро қабул кардан, маслиҳати ҷиддӣ додан, маслиҳати тӯйро кардан: бо маслиҳати… [ФЗТ 1969, Ҷ. 1, 789].

Хостгорӣ низ яке аз вожагони ҷашни тӯйи арусу домод маҳсуб меёбад. Пас аз маслиҳат кардан бо масъулони маҳалла ва хешу таборони наздики домод ба хулосаи аниқ омада ба хостанӣ, яъне хостгории духтари хола, амма, таго, амак ва ё қавми омма ё бегона ба хотири арус ё келин интихоб кардан ба писарашон равона мешаванд. Вожагони **хостгорӣ** яке аз маросими муҳим, диққатҷалбкунанда ва тақдирсози ду нафар ҷавони навхонабунёдкун бо ризояти тарафайн маҳсуб меёбад. Тибқи гуфтаҳои бузургони гузаштаамон падару модар барои фарзанд се вазифаро бояд адо намояд: 1. Номи наку ба фарзанд мондан; 2. Хатна кардани фарзанд; 3. Хонондани фарзанд; Агар ин се фарз барои падару модар ба фарзанд ҳатмӣ бошад, пас фарзи 4-ум ҳам муҳим аст, ки фарзандро ба хонаи бахт гусел намудан аст. Албатта, аз замонҳои пеш то имрӯз падару модар фарзандонашонро бо хости худаш ва ё нагздида дошта бошад бо маслиҳати тарафайн ва дӯстдории беохири дилдодагон ба хонаи бахт мегуселонанд, ки ин хуб аст. Тавре ки мегӯянд: «Ҷомаи бомаслиҳат на дароз ояд ва на кӯтоҳ». Инчунин давоми зиндагии ду нафар навхонадорон аз рафтору кирдор ва ҳурмату иззати якдигар вобастагӣ дорад. Ин кори неки падару модар хуб аст ва боиси тез-тез

дилсард аз якдигар шудану ба хонавайронӣ намеорад. Вожагони зикршуда дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба таври **хостгор, хостгорӣ, хостгоршаванда** шарҳ ёфтааст, ки чунин аст: «**Хостгор** хоҳанда, толиб, толиби издивоҷ: **хостгор фиристодан**-завчӣ фиристодан ба воситаи касе ба духтаре толиб шудан [ба занӣ], кас мондан: **хостгор шудан**: толиб шудан, духтарро ба занӣ хостан; **хостгорӣ** завчагӣ, толибшавӣ ба издивоҷ: **ба хостгорӣ рафтан**-завчӣ шуда рафтан ба духтаре. **Завчӣ** дар луғати зикршуда ба маънои вожаи гӯйишии хостгор омадааст. **Хостгоршаванда** [ФТЗТ, Ҷ. 2, С. 432]. Вожаи з**авчӣ** ба маънии «хостгорӣ» танҳо дар гӯйиши шимолӣ мавриди корбурд қарор мегирад ва дар гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ дида намешавад. Дар гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ вожаи **гапқарордиҳӣ** ба ин маънӣ мустаъмал аст. Дар байни мардуми тоҷик мегӯянд, ки одамони соҳибрӯзгору зиндагидида ҷиҳати хостгорӣ ба хонаи волидайни арус мераванд. Ин расм баъд аз хушкунӣ шуруъ мешавад. Ба нудрат дида мешавад, ки бо як бор омадани одамони хостгорон ризояти **духтардор** ба даст оварда шавад. Бо як бор омадани хостгорон масъала дар сурате ҳал мешавад, ки домоду арус [шаҳмарду арус] гаҳворабахш бошанд. Дар сурати гаҳворабахш будан одамон ё хостгорон ҷавоби ҳа ё не-ро мешунаванд, вагарна имкони бори дигар ва ё дафъи сеюм ба хостгорӣ омадан ҳам мавҷуд аст, то ки тарафҳо ба мувофиқа расанд: «Падару модари арус розӣ шудан, акнун барои машварат меравем».

Марҳилаи фотиҳа. Ин марҳила бо завчиравонкунон шуруъ мешавад. Ин вожа аз ҷузъҳои **завчӣ** (туркӣ-ӯзбекӣ) ва **равонкунон** (тоҷикӣ, феъли ҳол) таркиб ёфтааст. Вожагони **тӯйбарӣ** [тӯқузбарӣ], **таги лаълигардонӣ** [якҷоя бо кулчаю ҳалво ба домод фиристодани туҳфа], **идӣ** [туҳфаҳое, ки ба муносибати ид аз тарафи домод ба арус фиристода мешаванд] ва ғайра низ дар забони тоҷикӣ ба марҳилаи фотиҳа иртибот доранд.

Марҳилаи парчабурон. Ин марҳиларо дар ҳар гӯйишҳои забони тоҷикӣ гуногун номгузорӣ кардаанд. Дар гӯйиши Рашт **туқузбинон** ва дар лаҳҷаи Панҷакент **астардарон** ва маъракаи **занона** мегӯянд. Чунонки забоншинос Ғ. Ҷӯраев қайд кардааст, дар лаҳҷаи арабҳои тоҷикзабон ба ҳамин маънӣ вожаи **парчадарун** истифода мешавад [Ҷӯраев 1975, 49]. Воҳидҳои луғавие, ки дар ин маросим ба кор мераванд, инҳоянд: **туқӯзнишонтейак [**он туҳфаҳо ва сарупое, ки аз тарафи домод ба арус овардаанд, ба меҳмонҳо нишон медиҳанд], **киҳитпӯшонӣ** [ба модару хешовандони домод модари арус либосворихо ҳадя мекунад], **сақичтақсимкунӣ** [он ширинихое, ки аз тарафи домод овардаанд, бо сақичи бозорӣ ба занҳои нишастагӣ тақсим карда мешаванд], **чимиликдӯзикунон** [аз матои парча барои домоду арус чодар медӯзанд], **буронактақсимкунонӣ** [матои модари домод овардаро ба меҳмонон дарронда медиҳанд, то онҳо ҳам ба ҳамин рӯз расанд], **туқузбарон** [гову гӯсфанде, ки ба хонаи арус меоранд] ва ғайра. Дар мавриди вожагони марбут ба **луғот ва истилоҳоти мансуб ба қалин** чунин вожагон ворид мешаванд: **қалин, маҳр, ҳаққи шир**.

Қалин ҳаққе аст, ки бояд волидайни домод ба хонаи духтардор, тарафи арус бидиҳад ва онро дар гӯйишҳои тоҷикӣ – ҷанубӣ ва шимолӣ бо вожаи ӯзбекии тӯқӯз низ баён мекунанд. Маъмулан ба унвони **қалин** либоси арус, маводи ғизоӣ барои тӯй, мол [ҳайвон] ва бо унвони маҳр миқдоре пул ба хонаи арус бурда мешавад. Ҳангоми овардани ҳамин туқуз хешу табори духтардор дар хонаи вай ҷамъ мешаванд, то чиҳоз ва сарулибоси арусро бубинанд: Ҳичӣ медуни//ҳичи медоне чан сару по ба арус овардан? «Ҳеҷ медонед, ки чанд сару либос барои арус овардаанд?»

Ҳаққи шир ҳаққе аст, ки бояд падару модари домод ба падару модари духтардор бидиҳанд. Дар гузашта бо чизу чора пардохт карда мешуд ва ҳоло бо маблағи муайяни асъори миллӣ ё байналмилалӣ қадр карда мешавад.

Маросими никоҳ. Баргузории ҷашни арусу домоди тоҷикиро бе баргузории маросими никоҳ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз рӯйи ҳам қонуни шариат ва ҳам қонунгузории расмӣ бояд маросими ақди никоҳ баргузор гардида, қонунан зану шавҳар гардидан ду ҷавонро дар назди ҳама эълон карда бошанд. Дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ вожаи **никоҳ**ро бо вожагони **иҷов** низ ифода мекунанд. Дар ин маросим истилоҳоти зерин истифода мешаванд: **косаи об** ё **сари коси ow** [аз арус барои никоҳ розигӣ пурсидан], **домод, шаҳмард** [ёру рафиқони домод], **падарвакил** [вакиле, ки дар вақти никоҳ падари арус интихоб мекунанд**], иҷов** [ақди никоҳ], **бандғалтӣ** [агар дар вақти никоҳ пойафзолҳо чаппаву роста гузошта шуда бошанд ё одамҳои дар он ҷо нишаста панҷаҳояшонро маҳкам кунанд, гӯё ба никоҳи арусу домод банд меафтида бошад].

Марҳилаи арусбарон ё келинбуророн: **сарҷилав** [вакили арус дар рӯзи тӯй], **йанга** [дар ин маврид вожаи янга ба маънои хешутаборӣ не, балки ба маънои дугонаҳои **арус,** наздиконе, ки бо ҳамроҳии арус ба хонаи домод омадаанд, фаҳмида мешавад], **барчошкунӣ** ё **сочулуккунӣ** [қанд ё пулро ба зери по ва сари арусу домод мечошанд], **гирдиалоwгардонӣ** [ин анъана аз давраи зардуштиён ба мо мерос мондааст, ки зиндагиашон чун оташ равшан шаваду сурхии аловро ба худ гиранд], **келиншинонӣ** [падару модари домод даромада, ба арус барои нишастан иҷозат медиҳанд], **муборакбодӣ** [ба арусу домод фотиҳа дода, аз даргоҳи худованд хушбахтӣ хостан], **лаъличакашӣ** [ба арус ва янгаҳо дар лаълиҳо ширинӣ, хӯришҳои гуногун, тухм, ҳалво медиҳанд], **оинанишонтейак** [пеши арусу домод оина меоранд, то зиндагиашон мисли оина равшан шавад], **поандозкашӣ** [тарафдорони домод бо тарафдорони арус ба тариқи қувваозмоӣ пойандози домодро мекашанд], **почаҷиқак // почакӯбак** [домоду арус ҳамин, ки ба таги чодар даромаданд, пойи якдигарро зер мекунанд, касе ки якум зер кунад, чолоку чаққон будани ӯро нишон медиҳад], **нукчадарорӣ** [дар аксари деҳаҳо ду то шамъро, дар баъзе деҳаҳо нӯкчаро ба нияти зиндагии гарму равшан даргиронида медароранд], **испанддудкунӣ** [аз бӯйи испанд сад бало, ҷину парӣ, шайтон гурезад], **шаҳдоwдарорӣ** [ба арусу домод қандчой менӯшонанд, то зиндагиашон шаҳду шакар барин ширин шавад, баъд боқимондаи шаҳдобро нишастагон ба нияте, ки ин рӯзро Худо ба онҳо ҳам лоиқ бинад, менӯшанд], **рӯкушоён** [аз дарахти сабзи мевадор химча гирифта, ба дасти зане, ки кӯдаки майда дорад, медиҳанд ва кӯдак бо нӯги химчааш рӯйи арусро мекушояд, то дигарон бинанд], **рӯбинон** [занҳо рӯйи арусро кушода мебӯсанд], **рӯбинак** [он туҳфаҳое, ки ба арус тақдим мекунанд], **рӯганрезон** [хушдомани арус ба дасти келинаш дар болои орд равган мерезад, арус кулча шӯрида, пухта ба ҳамсояҳо тақсим мекунад, яъне хушдоман кадбонугиро ба келин медиҳад].

Вожаи **вечир** [базм] иқтибос аз забони русист, ки дар луғат чунин маънидод шудааст: **вечер** – 1.бегоҳӣ, бегоҳирӯзӣ, шаб, шом; 2. шабнишинӣ, зиёфат, зиёфати хосса; 3. шаб, тамошои шабона [Русско-таджикский словарь 1985, 97].

Дар расми арусбинӣ вожагони этнолингвистии **шаҳмард** [шаҳ, домод], **арус** [сунҳор], **хусур, хушдоман, ҳевар, хоҳарарус, додарарус** ва монанди инҳо мансуб буда, хеле қадимианд.

Вожагони мансуб ба расму оинҳои баъд аз ҷашни арусӣ. Дар мавриди вожагони марбут ба расму оинҳои баъд аз ҷашни арусӣ чунин вожагон ворид мешаванд: арусбаророн, чизпӯшон, домодчеғзанон, домодталабон, апабинон, очабинон, додобинон, талабон ё шакли туркӣ-ӯзбекиаш чақирдӣ ва монанди инҳо.

Арусбаророн расми баровардани арус аз хонаи падар дар рӯзи тӯй ва гусели ӯ ба хонаи домод аст. Солҳои начандон дур аз хонаи падар арусро аммаҳо ва дугонаҳояш иҳота карда, ба берун ва аз он ҷо ба хонаи домод мебурданд. Ҳоло бошад, бештар худи домод рафта аз ҳуҷраи модар арусашро аз даст гирифта, таҳти садои суруд то назди мошин ва бо аммаҳояшу холаҳояш ба хонаи худ меорад. Қаблан дар ин гуна мавридҳо арус бо аммаву холаҳояш ва домод бо дӯстонаш, ҳар гурӯҳ дар алоҳидагӣ ба хонаи домод меомаданд, ҳоло домоду арус аз хонаи арус то базмгоҳ ё хонаи домод бо мошини сабукрав якҷоя меоянд. Аммаҳои арус гуфта занонеро меноманд, ки хешовандони арус [на хоҳарони падари ӯ] буда, ҳамроҳи ӯ ба хонаи домод мераванд ва дар маросими тӯй дар хонаи домод иштирок мекунанд. Ин расм дар сурате анҷом меёбад, ки домоду арус аз деҳоти гуногун бошанд ё оилаи ҳамдигарро хуб надонанд ва ё намешиносанд. Мисол: “Барои дидани арус қати йак-ду ҷурааш меравад шомар «Шаҳ бо як-ду ҷурааш меравад». Дар гӯйиши шимолии забони тоҷикӣ аммаҳои арусро ҳамроҳи арус меноманд.

Чизпӯшон, расмест дар ҳолати баровардани арус аз хонаи падар дар рӯзи тӯй ва гусели ӯ ба хонаи домод сурат мегирад.

Домодчеғзанон, расмест вақти баровардани арус аз хонаи падар домод рӯзи тӯй ва гусели ӯ ба хонаи домод даъват карда мешавад

Домодталабон, расмест домодро бо дӯстонаш барои талбидан ба хонаи арус пас аз ҷашни арусӣ даъват мекунанд.

Апабинон, расмест, ки апаҳои домод ва арус арусро бо ҳадяе мебинад ва ба онҳо арус пас аз таъзим додан салом медиҳад.

Очабинон, расмест, ки очаҳои домод ва арус арусро бо ҳадяе мебинанд ва ба онҳо арус пас аз таъзим додан салом медиҳад.

Додобинон, расмест, ки додои домод ва арус арусро бо ҳадяе мебинад ва ба онҳо арус пас аз таъзим додан салом медиҳад.

Вожагони ифодакунандаи номи анвои хӯрданӣ, ки дар дастархони арусу домод мегузоранд: қанду қурс, мағзу маиз, нон, печак, салача, гӯшберон, ош, шӯрwo, кулча, самбӯса, пичинак, мева ва ғ.

Дарқапӣ расми бостонии қапидани дари хонаи арус аст. Пас аз ин ки домод ва ҳамроҳони вай ба хонаи арус мерасанд, як нафар аз тарафи арус дарро баста, намегузорад, ки домод ва ҳамроҳонаш вориди хонаи арус гардад, ки ин шахсро **дарқап** мегӯянд. Домод ва ҳамроҳони вай ба дарқап ҳадяе медиҳанд то ӯ дарро кушояд. Агар дарқап баъди ҳадя ё пул гирифтан дарро накушояд, ҳамроҳони домод мегӯянд: Ҳақи дар-қап-а хъшру бъдай-и бо чӣ ноз мекъна-кънаме «Ба дар қап ҳаққи хуб доданду аммо ҳанӯз ноз мекунад».

Қаҳруна расми бахшиши лафзӣ барои қаҳру нози зоҳирии домод аст. Дар маросими даркан лексикаи зерини этнографӣ истифода мегардад: даркан, ҳадя, ҳақи фарқепи, пул ва ғайра. Дар хонаи арус ҳини ворид шудан ё ҳангоми никоҳ шомард қаҳр мекунад. Тарафи арус ҳам инро ба меҳрубонӣ қабул мекунад ва чизу ашёи барои худашон азизи хонаашонро ба домод мебахшанд, то ки бо арусаш хушбахт шаванд ва инро **қаҳруна** гуфтаанд. Дар ин маврид мегӯянд шомард қар караст, ҳамин чормағз қаруна ай шомар-д «Домод қаҳр кардааст, ин дарахти чормағз қаҳрона аз шоҳмард». Дарахти мевадор ва сарсабз тақдим кардан ба домод рамзи серию пурӣ ва бо самар бурдани зиндагии хонаводагии домоду арус аст.

Никоҳкунӣ. Агар пеш аз тӯй никоҳ карда шавад, дар хонаи арус баргузор мешавад, вагарна бегоҳии рузи туй дар хонаи домод никоҳ мекунанд. Дар ин маросим шоҳидо, вакил, муллои никоҳкун иштирок карда, он дар ҳузури одамони зиёде сурат мегирад, ки дар рӯзи тӯй ё дар рӯзи ҷамъ омадаанд. Муллои никоҳкун никоҳро бо исми таолло шуруъ намуда хутбаи никоҳро, ки нимарабию нимтоҷикист, мехонад ва пас аз ин ки дар ҳузури шоҳидо ризояти арусу домод барои никоҳ гирифта мешавад [Дар сурати ризоият арус бояд «ҳа!» гӯяд. Гоҳо арус ҳатто муддати чанд соат «ҳа» намегӯяд ва дугонаҳои арус вайро барои «ҳа!» гуфтан водор кунанд ва тарафи домод барои ин кор ба онҳо ҳадя медиҳад], **вакил** дар гӯйиши шимолӣ падарвакил ба онҳо косаи об [оби никоҳ] менӯшонад.

Арусхабаргирӣ расмест, ки баъд аз ду моҳи тӯй волидон ва хешу табори арус бо ҳадяҳо барои дидорбинии ӯ хонаи домод меоянд.

Моли мерос расмест, ки баъд аз як соли тӯй арус ба хонаи падар меравад ва аз падару хешу ақрабо ба ӯ колое медиҳанд. Дар ин маврид гуфта мешавад: Арус бойи молу мерос мерава «арус барои молу мерос меравад».

Дар маросими тӯйи арусӣ **хидматгузорон** ҳастанд, ки онҳо вобаста ба корашон бо чунин вожагон номбар мешаванд:

Ҷахтгаро – шахсоне, ки ҳам аз тарафи хонаводаи арус ҳам аз хонаводаи домод мардумро ба тӯй даъват мекунанд.

Кулчабандо – заноне, ки барои тӯй нону кулча мепазанд.

Говкушо – мардоне, ки барои тӯй дар хонаи арус ё домод гову гӯсфанд кушта гӯшти онҳоро барои таоми тӯй тайёр мекунанд.

Ошпаз – шахсоне, ки барои тӯй таом мепазанд ва касби ошпазӣ барояшон доимӣ аст.

Ҳезумкашо – шахсоне, ки ҳезумро барои пухтани нон ва оши тӯй тайёр мекунанд.

Чойхоначӣ – шахсе, ки ба тайёр кардани чой барои меҳмонон масъул аст.

Вожаҳои марбут ба тарафи домод: **бехирезакунон, сӯқумкушон, нонвойдаророн, оши калон, оши занако, нонушта, саллабандон, домодбаророн, миёнчӣ** [тӯёна].

Сабзирезакунон, амалест дар хонаи домод ё шаҳ сурат мегирад ва мардуми зиёд, яъне мардҳои ҳамсоя, хешу табор ва ашхоси солхӯрда дар хонаи домод ҷамъ омада, сабзии зиёдро бо маслиҳати ошпаз реза мекунанд. Дар ҷараёни ин амалиёт, ки аз соати 8^{00} оғоз мешавад ва то пешин идома меёбад, суҳбати бисёр ширину ҳаматарафа дар байни мардуми иштирокчии ин маъракa сурат мегирад. Дар радифи ҳамин амал боз чандин амалҳое мавҷудаанд, ки барои пешбурди ҷашну маросими тӯйи арусу домодӣ бо вожагони алоҳида истифода мешаванд: г**овкушон, нонвойдаророн, оши калон, оши занако, нонушта, саллабандон, домодбаророн,** м**иёнчӣ, бехирезакунон, сӯқумкушон** ва монанди инҳо. Вожаҳои

ба маросими тӯйи арусӣ дахлдор: **фотиҳакунон, ноншиканон, латтадаронӣ, сафедигирон** (оғози маросими тӯй). Ин навъи вожагон, дар навбати худ, ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) Вожаҳои марбут ба тарафи арус: **чокбурон, тӯйбарон, кӯрпакашон, таҳшиканон, тагиҷо, рӯкушойон, ҷезкушойон, ҷезпӯшон, духтарчиғон, домодчиғон, домодталабон, ҷалла // залла** [ширинӣ ва қанду қурс, ки ба ҷӯраҳои домод медиҳанд], **шарбат додан** [қандчой, ки пеш аз хонаи падараш баромадан ба арус менӯшонанд];

б) Номи ашёи ороиши арус: **ҷиғ** [асбоби зинати пешонӣ], **ҷаваки тилло** [дар шакли тӯмори секунҷа барои ороиши сари сина], **нози гардан** [гулӯбанд], **натибинӣ** [холи бинӣ], **қантарча, лоқачабандӣ** [тарзҳои рӯмолбандӣ], **ҷамолак, чилбоф, чимчимбоф, дӯла** [намудҳои мӯйбофӣ]; **банно [**номи умумии сару либос, пойафзол ва дигар ашёи арус]; **чокбурон,** расмест, ки тарафи арус матои домод додаро пора-пора мекунанд ва барои либосдӯзӣ онҳоро омода мекунанд; **тӯйбарон,** расмест, ки тарафи домод ба хонаи арус ашёҳои тӯйро мебаранд ва онҳоро намояндагони арус қабул мекунанд; **кӯрпакашон,** расмест, ки хешутабори арус барои домоду арус кӯрпа тайёр мекунанд; **таҳшиканон,** расмест, ки апаҳои домод ва арус арусро бо ҳадяе мебинад ва ба онҳо арус пас аз таъзим додан салом медиҳад; **тагиҷо, рӯкушойон, ҷезкушойон, ҷезпӯшон, духтарчиғон, домодчиғон, домодталабон, ҷалла** (ширинӣ ва қанду қурс, ки ба ҷӯраҳои домод медиҳанд), **шарбат додан** ва ғайра.

Вожагони марбут ба ҷашни арусии забони тоҷикиро аз нигоҳи сохт ба вожагони сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ё дар қолаби ибора муқаррар кардан мумкин аст:

Вожагони мардумшиносии сода. Дар луғатҳои тафсирӣ ва истилоҳии забоншиносӣ, инчунин дар адабиёти таълимӣ вожаҳои содаро чунин шарҳ додаанд: «Калимаҳое, ки танҳо аз як реша таркиб ёфтаанд, вожаҳои сода мебошанд» [2, с. 45]. Аз ин ҷост, ки ба гурӯҳи вожаҳои лаҳҷавии аз нигоҳи сохтор сода асосан чунин вожаҳоро мансуб донистан мумкин аст: **ҷашн, ид, маросим, муносибат, ош, шӯрwo, мева, арус, шоҳ, домод, шаҳ, қанд, мағз, мавиз, нон, фотиҳа, раис, гов, гӯспанд, буз, кӯрпа, болишт, сару либос, қолин, палас, лаълӣ, лаганд, дастархон …**

Арус *а.* عروس1.духтаре, ки нав шавҳар кардааст; 2.зан нисбат ба хонаводаи шавҳараш, келин; **арус овардан, арус фуровардан**-хонадор кардани писар. 3.*мач.* ҳар чизи бисёр зебо ва марғуб; ◊ **аруси сол**-фасли баҳор; **аруси ховар**-офтоб [15, с. 123];

Лаълӣ, [номи дастовези занҳоро ифода мекунад, ки дар даруни ин чизҳо тухфаҳои махсус гузошта мешавад]; **Лаганд,** [номи дастовези занҳоро ифода мекунад, ки дар даруни ин чизҳо тухфаҳои махсус гузошта мешавад]; **Дастархон** [номи дастовези занҳоро ифода мекунад, ки дар даруни ин чизҳо тухфаҳои махсус гузошта мешавад].

Вожагони мардумшиносии сохта. Дар луғатҳои тафсирӣ ва истилоҳии забоншиносӣ, инчунин дар адабиёти таълимӣ вожаҳои сохтаро чунин шарҳ додаанд: «Калимаҳое, ки аз реша ва вандҳо таркиб ёфтаанд, вожаҳои сохта номида мешаванд» [2, с. 45]. Аз ин ҷост, ки ба гурӯҳи вожагони ҷашни арусии аз нигоҳи сохтор сохта чунин вожаҳоро мансуб донистан мумкин аст: **печак, салача, кулча, самбӯса, пичинак, идӣ** [тухфаҳое, ки ба муносибати ид аз тарафи домод ба арус фиристода мешаванд], **тӯйёна, корсонча** ва амсоли инҳо.

-Пасванди -чӣ яке аз пасвандҳои сермаҳсули забони адабии ҳозираи тоҷик буда, дар ташаккули чунин вожагони ҷашни арусӣ нақш дорад**: хабарчӣ, чойчӣ, самоворчӣ, ҳезумчӣ** ва ғайра.

-Пасванди -бон. Дар забони муосири тоҷикӣ морфемаи **-бон** маънои луғавии худро барҳам дода, ба категорияи пасванди калимасоз гузаштааст. Ба категорияи калимасоз гузаштани **-бон** дар калимаҳои **миз+бон, нигоҳ+бон, бод+бон** ва **соя+бон** равшан зоҳир мегардад.

-Пасванди-**ак** сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад: 1] аз исмҳои конкрет номи ашё, ки ба асосаш аз ягон ҷиҳат монанд буданро мефаҳмонад: **печак,** пичинак,

-Пасванди -ча аз исмҳои конкрет номи чиз сохтааст: **олуча, тоқча, остинча, думча, дӯлча, салача,** кулча**, корсонча [**номи дастовези занҳоро ифода мекунад, ки дар даруни ин чизҳо тухфаҳои махсус гузошта мешавад]. Бо ин пасванд аз сифати **ало** номи газвор сохта шудааст: **алоча…**

-пасванди -она [-ёна] дар исмсозӣ каммаҳсул аст, бештарини исмҳо бо пасванди-**она** аз сифат гузаштаанд. Ин пасванд аз исмҳои конкрет ва маънӣ исмҳое месозад, ки асбоб, музд, тухфа ва инъомро мефаҳмонад ва мансуби истилоҳи иқтисодианд: **тӯйёна,** [тухфаҳое, ки ба

муносибати ид аз тарафи домод ба арус фиристода мешаванд], **шомиёна, бобоёна, хизматона, идона ва ғ.**

-бо пасванди -а: самбӯса...,

-бо пасванди -ӣ: идӣ [тухфаҳое, ки ба муносибати ид аз тарафи домод ба арус фиристода мешаванд]...

Вожагони мардумшиносии мураккаб. Дар луғатҳои тафсирӣ ва истилоҳии забоншиносӣ, инчунин дар адабиёти таълимӣ вожаҳои мураккабро чунин шарҳ додаанд: «Калимаҳое, ки аз ду ва зиёда реша таркиб ёфтаанд, калимаҳои мураккаб номида мешаванд» [2, с. 45]. Аз ин ҷост, ки ба ин гурӯҳи вожагон чунин вожаҳоро мансуб донистан мумкин аст: **арусбаророн** аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **арус** ва аз асоси замони ҳозираи **барор** ва пасванди ҷамъбандии **-он** шакл гирифтааст. Вожагони дигар, ки марбути маросими ҷашни арусианд аст, **фотиакун+он, ноншикан+он, сафедигир+он** [оғози маросими тӯй], п**оандоз** [пойандоз] ҳангоми вориди хонаи домод шудани арусу домод дар масири роҳи онҳо аз матоъ [ҚОЛИН] поандоз густурда мешавад), *пояндозкашак, рӯбинон, арусбинон, келинбинон, гӯшберон, маслиҳатошӣ, қавмошӣ, тӯйхawарчӣ, ошпаз, дастowгир, аспакбоз, шарwатбошӣ, наълисозкун, киҳитпарто, осақолроикунӣ, тӯйбарӣ [тӯқузбарӣ], пулҷамкунак, арусхабаргирӣ, кулчабандакон, говкушон, ошпаз, ҳезумкашон, чойхоначӣ* ва амсоли инҳо.

Вожагони мардумшиносӣ дар қолиби ибора: раиси маърака, ҷашни камсамолӣ ё саристолӣ, ҷашни чавку, ҷашни суфиёна, марҳилаи фотиҳа, таги лаълигардонӣ ва амсоли инҳо.

Ҳамин тавр, вожагони марбут ба тӯйи арусии гӯйиши шимолӣ дорои таърихи куҳан буда, барои ифодаи расму оин ва роҳҳои баргузории онҳо истифода мешаванд. Ин вожагон аз нигоҳи мансубияти забонӣ тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ-ӯзбекиву русӣ-байналмилалӣ мебошанд. Аз нигоҳи сохт сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ маҳсуб меёбанд. Ба таври дигар, вожагони ифодакунандаи ҷашни арусиву домодии забони тоҷикиро шомили калимаҳои умумихалқӣ ё умумитоҷикӣ донистан мумкин аст ва аз нигоҳи мавзуъ тамоми паҳлуҳои ҳастӣ ва фаъолияти соҳибони забони тоҷикиро фарогир аст. Вале, чунонки рафти таҳқиқ собит намуд, ин навъи вожагон дар нутқи ҳамаи мавзеъҳои тоҷикнишин дар як шакл истеъмол намеёбанд. Комилан дуруст аст, ки аксарияти кулли онҳо аз лиҳози таркиби овозӣ аз меъёрҳои забони адабии муосири тоҷик тафовут надоранд. Барои намуна вожаҳои ситора, замин, дарахт, гов, санг, саг, зан, зону, гесу, сурх, гарм, сиёҳ, равшан, доно, хишт, ҷангал, торик, ширин, талх, шакар, карбос, шаҳол, рафтан, омадан, хондан, бардоштан, харидан, пагоҳ, бегоҳ, хурд, калон ва амсоли инҳоро мисол овардан мумкин аст. Аммо дар муқобили ин вожагоне низ кам нестанд, ки тибқи меъёрҳои фонетикии худи баъзе гӯйишҳо амал карда, тағйироти муайяни овозиро аз сар мегузаронанд. Мисли биwӣ [бибӣ], ука[уко], ховар[хоҳар], бowа [бобо] ва ғайра.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев, Б.П. Лексикаи этнографии забони яғнобӣ / Б.П. Алиев. – Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илми филология. – Душанбе, 1998. – 160 с.
2. Қодиров, Р. Назаре ба фолклори тоҷикони вилояти Қашқадарё / Р. Қодиров. –Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.
3. Маҳмудов, М. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М.Маҳмудов, Б.Бердиев. – Душанбе, 1989. – 281с.
4. Маҳмудов М. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ / М.Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев, –Лаҳҷаҳои ҷанубӣ.Ҷ.1. – Душанбе, Дониш, 1997. – 380 с.
5. Писарчик, А. К. Таджики долина Хуф / А. К. Писарчик. – М., 1957. – С.3-65.
6. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии / В.С.Расторгуева. -Вып.1. Варзобский говар таджикского языка. – М., 1952. Полосы Шайдан-Ашт-Чуст-Косансай. – М., 1952. Вып.3. Ленинабадско-Канибадамская группа северных таджикских говоров. – М., 1956; Вып.4. Южно-Ферганские говоры [Риштон, Сӯх] и говоры Ура-тюбинской группы. – М., 1961. вып.5. Таджикско-русский диалектный словарь. – М., 1963.
7. Розенфельд А.З. Ванджские говоры таджикского языка / А.З. Розенфельд. – М., Наука, 1972. – С. 3-25.
8. Розенфельд А.З. Таджикского-русский диалектный словарь [юго- восточный Таджикистан] / А.З. Розенфельд. –Л.,1982. - 240 с.
9. Стебан-Каменский И.М. Этимологический словарь ванчского языка / Стебан-Каменский И.М. – М., 1999. – 478 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. – М, СЭ, 1969. – Ҷ.1. – 808 с; Ҷ.2. – 807 с.
11. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – Ҷ.1. – 380 с.
12. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1980. – Ҷ.2. – 380 с.
13. Ҳомидов Д. Шевашиносии тоҷик [васоити таълим] /Д.Ҳомидов. – Душанбе, 2006. – 164 с.
14. Ҳомидов Д. Раҳнамо барои таълифи корҳои илмии донишҷӯён / Д.Ҳомидов. – Душанбе, 2008. – 64 с.

15. Эшниёзов М. Шеваи ҳардурӣ / М.Эшниёзов. - Душанбе, 1967. - 180 с.
16. Эшниёзов М. Диалектологияи тоҷик [васоити таълим] / М.Эшниёзов. Қисми 1, 1977. – Қисми 2, 1979, Қисми 3, 1986.
17. Эшниёзов М. Лаҳҷашиносии тоҷик / М. Эшниёзов. – Душанбе, 1996. – 220 с.
18. Эшниёзов М. Қазияи вожаноманависӣ ва харитабардории хусусиятҳои лаҳҷавӣ / М.Эшниёзов. – Душанбе, 1999. – 298 с.

ВОЖАГОНИ МАРБУТ БА ТӮЙИ АРУСИИ ГӮЙИШИ ШИМОЛӢ ВА ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ОН

Дар мақолаи мазкур сухан аз бобати роҳҳои шаклгирии вожагони марбут ба туйи арусии гӯйиши шимолӣ ва ҷанбаҳои этнолингвистии онҳо меравад. Аз ҷумла гуфта мешавад, ки таркиби луғавии забони тоҷикӣ хеле пурғановат буда, он аз қабатҳои гуногуни луғавӣ таркиб ёфтааст. Ин ғановат дар мавҷудияти қабатҳои гуногуни маъноӣ ва гурӯҳҳои зиёди мавзуии вожаҳо, унсурҳои вомвожагирӣ аз забонҳои бегона, воҳидҳои сермаънову зидмаъно, муродифот, муодилҳову мувозаҳои мухталифи вожаҳо, таъбироту таркибҳои фразеологӣ, субстратҳову унсурҳои бозмонда аз забони адабиёти классикӣ, қолабҳои вожасозӣ ва васоити махсуси вожасозу вожабанд ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Ин аст, ки бе таҳқиқи ҳамаҷонибаи луғати забоншиносии мардумии (этнолингвистӣ) ин ё он забон дар алоҳидагӣ ва бе натиҷагирӣ аз ҷузъитарин вижагии дохилии онҳо, муайян намудани раванди таърихии ташаккулу таҳаввули забони меъёрии тоҷикӣ амалест аз имкон берун. Дар робита ба ин маводи этнолингвистии забони тоҷикӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми ғановати таркиби луғавии забони адабӣ буда, таърихан дар минтақаҳои мухталифи ҳудуди густариши забони тоҷикӣ шакл гирифтаанд.

Калидвожаҳо: вожаҳо, забон, сохтор, калимаҳо, сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, қолаб, гурӯҳбандӣ, луғатҳо, тафсирӣ, истилоҳ, забоншиносӣ, реша, этнолингвистика, тӯй, ҷашн, маънавӣ, вомвожаҳо, арабӣ, таркиби луғавӣ, забони тоҷикӣ...

ЛЕКСИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ, СВЯЗАННЫЕ СО СВАДЬБОЙ, В СЕВЕРНЫХ ДИАЛЕКТАХ И ИХ ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

В данной статье речь идет о способах образования лексических единиц, связанных со свадьбой, в северных диалектах и их этнолингвистических аспектов. В частности, говорится, что словарный состав таджикского языка очень богат и состоит из разных лексических пластов. Это богатство отражается в наличии разных семантических пластов и множества тематических групп слов, заимствованных элементов из других языков, полисемантичных и антонимических лексических единиц, синонимов, разных эквивалентов и параллелей слов, фразеологических единиц, субстратов и элементов из языка классической литературы, моделей словообразования и специальных средств словообразования и т.п. По этой причине без комплексного исследования этнолингвистических словарей того или иного языка в отдельности и не делая выводов из их внутренних особенностей, невозможно определить исторический процесс формирования и развития литературного таджикского языка. В связи с этим этнолингвистические материалы таджикского языка являются одним из важнейших источников богатства словарного фонда литературного языка и исторически формировались в разных регионах территории распространения таджикского языка.

Ключевые слова: слова, язык, структура слова, простые, производные, сложные, составные, модель, классификация, словари, толковые, термин, лингвистика, корень, этнолингвистика, свадьба, праздник, духовный, заимствованные слова, арабский, лексический состав, таджикский язык.

LEXICAL UNITS ASSOCIATED WITH THE WEDDING OF THE NORTHERN DIALECT AND THEIR ETHNOLINGUISTIC ASPECTS

This article deals with the ways of forming lexical units associated with the wedding of the northern dialect, and their ethnolinguistic aspects. In particular, it is said that the vocabulary of the Tajik language is very rich and consists of different lexical layers. This wealth is reflected in the presence of different semantic layers and many thematic groups of words, borrowed elements from other languages, polysemantic and antonymic lexical units, synonyms, various equivalents and parallels of words, phraseological units, substrates and elements from the language of classical literature, word formation models and special means word formation, etc. For this reason, without a comprehensive study of the ethnolinguistic dictionaries of a particular language separately and without drawing conclusions from their internal features, it is impossible to determine the historical process of the formation and development of the literary Tajik language. In this regard, ethnolinguistic materials of the Tajik language are one of the most important sources of the richness of the vocabulary fund of the literary language and were historically formed in different regions of the territory of distribution of the Tajik language.

Key words: words, language, structure, words, simple, derivative, complex, compound, model, classification, dictionaries, explanatory, term, linguistics, root, ethnolinguistics, wedding, holiday, spiritual, borrowed words, Arabic, lexical composition, Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳомидов Дилмурод*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроғa:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail**: homidov65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-79-82-65**

Сведения об авторе: ***Хомидов Дилмурод*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, кафедра истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Рудаки, 17. E-mail: **homidov65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-79-82-65**

Information about the author: ***Khomidov Dilmurod*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **homidov65@mail.ru.** Phone: **(+992) 907-79-82-65**

ТДУ: 811.21/.22-54+82

ВИЖАГИҲОИ МУРОДИФОТ ДАР ҲИКОЯҲОИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

Гулназарзода Ж.Б., Сатторова Д.Қ.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муродифҳо яке аз категорияҳои луғавӣ ба шумор рафта, дар захираи умумии луғавӣ нақши муҳим мебозанд. Ҳар як муродиф барои ифодаи ягон ҷиҳат ё хусусияти нутқ хизмат мекунад. Ҳодисаи муродифотро ҳанӯз донишмандони асримиёнагӣ дар пажуҳишҳои худ мавриди баррасӣ қарор дода буданд. Ақидаҳои онҳо дар бораи муродифот аз назари муҳаққиқон дур намондааст. Чунончи, Д. Хоҷаев дар китоби хеш «Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI» чунин нигошааст: «Насируддини Тусӣ дар «Асос-ул-иқтибос» меорад, ки алфози бисёр ба як маънӣ далолат кунад ва онҳоро мутародифа (муродиф) медонад» [23, с.116].

Доир ба муродифот, ки яке аз воситаҳои бойшавии таркиби луғавии забон аст, таҳқиқотҳои хеле зиёд ба назар мерасад. Забоншиносон ба монанди Ю.Д. Апресян, В.А. Звингенсев, А.А. Уфимсова, М. Муҳаммадиев, Р. Ғаффоров, Н. Маъсумӣ, Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, М. Қосимова, Д. Хоҷаев, С. Ҳошимов, А. Ҳасанов, Т. Шокиров, О. Қосимов, М. Саломов,Ш. Буриев, З. Назарова, Р. Усмонов, Р. Шодиев, С. Ҷӯраева, М. Мирзоева, Ж. Гулназарзода ва дигарон назаррасанд.

Мавҷудияти муродифҳо дар забон омили муҳим мебошад. „Синонимҳо калимаҳои ҳаммаъное аз решаҳои гуногунанд, ки таркиби луғавии забонро бой мекунанд… барои аз такрори калима худдорӣ кардани муаллиф (гӯянда) бо мақсади шаклҳои гуногуни ифодаҳои дар забон бударо истеъмол кардан ва ба ин восита саҳеҳӣ, равшанӣ ва қувваи бадеӣ гуфтаи худро таъмин намудан ба кор бурда мешаванд” [18, с.79].

Аз рӯйи хулосаҳои В.А. Звягинсев доир ба муродифҳо забоншиноси машҳур И. Гумболдт ҳанӯз дар асри XIX ақидаи худро чунин иброз дошта буд: «Калима намояндаи ашё нест, балки ифодаи назари шахсии мо ба ашёст» [4, с.16]. Инчунин, забоншиноси тоҷик Ҳ. Маҷидов овардааст, ки «Ҳамчун ҳодисаи семантикӣ синонимия тамоми қабатҳои забонро фаро мегирад…Табиист, ки ҳар яке аз ин ҳодисаҳо дар сатҳи муайяни забон амал мекунад ва аз ҳамин ҳодисаи сатҳи дигар ба куллӣ фарқ дорад» [11, с.78-79]. Нависандагон ба мақсади пуробуранг намудани забони асар ва ғанӣ гардонидани он муродифҳоро дар нутқи персонажҳо истифода кардаанд. «Ҳангоми истифодаи синонимҳо нависанда кӯшиш мекунад, ки калимаҳои ба кор бурдааш ба хонанда чи аз ҷиҳати мазмун ва чи аз ҷиҳати оҳангу талаффуз хуш ояд» [5, с.92].

Муродифшавии калимаҳо, асосан, дар заминаи маънои асосии луғавии онҳо ба амал меояд, ки дар ин маврид андешаи Ж. Гулназарзода ба мақсад мувофиқ аст: «Дар муродифшавӣ калимаҳое ворид мегарданд, ки мансубияти онҳо ба як гурӯҳи муайяни лексикию грамматикӣ аст ва фақат калимаҳои мансуби ҳиссаи нутқи муайян бо ҳам муродиф мешаванд» [2, с.232].

Муродифҳо дар таркиби луғавии забон ҳамчун воситаи муҳимми забон барои возеҳу равшан ифода кардани афкори нависандагон дар асарҳои бадеӣ мавқеи муҳим дорад. Ба андешаи мо муродифҳо яке аз имконоти беҳтарин ва муваффақтарин дар баёни афкор нисбат ба дигар воҳидҳои луғавии забон мебошад. Интихоби дурусту дар ҷойи худ истифода намудани муродифҳо аз лаёқату забондонии муаллифи асари бадеӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ин на ба ҳар адиб даст медиҳад. Нависанда ва адиби нозукбин барои корбаст намудани ин қабати луғавӣ бояд, ки дар доираи силсилаи муродифӣ давр зада, яке аз онҳоро, ки услубан дар асар мувофиқат менамояд, ба риштаи наср ё назм бикашад. Муродифҳо дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаю шеваҳои забони тоҷикӣ кайҳо боз мавриди омӯзиши хеле зиёд қарор ёфтаанд. Омӯзиши мавзуи мазкур барои муайян намудани боигарии қабати луғавии забон дорои аҳаммияти калон аст. Қ. Мухторӣ хусусиятҳои услубии муродифҳоро баррасӣ намуда, дар ин маврид андешаи худро чунин иброз намудааст: «Интихоби калима, ба назар гирифтани тобишҳои нозуки маъно ва обуранги услубии калимаҳо аз ҷанбаҳои сабки нигориш буда, бо масъалаи муродифҳо алоқаи устувор дорад. Худи муродифҳо низ аз масъалаи марказии услубшиносӣ дониста шудааст

ва муродифот дар сатҳи лексикология, фразеология ва грамматика баррасӣ мегардад» [16, с.90].

Тавассути муайян намудани роҳҳои истифодаи муродифҳо ва хусусиятҳои маъноию услубии онҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ дар баробари ошно гардидан ба забони асари алоҳида, инчунин саҳмгузории адибро ба масъалаи вазъи забонии давраҳои фаъолияти ӯ муайян менамоем, ки ин масъала дар оянда метавонад ба муҳаққиқони дигар ёрӣ расонад. Дар баробари омӯзиши муродифҳои асар, бо тасвири ҳаёти он даврае, ки адиб ба риштаи тасвир кашидааст, шинос мегардем ва ба ин васила аз забони зиндаи мардум, ки дар нутқи қаҳрамонҳо ба кор рафтаанд, ошно мегардем. Истифодаи муродифҳо дар асар на танҳо дар забони адиб, балки дар забони персонажҳо низ мушоҳида мегардад. Забони ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ дар алоҳидагӣ омӯхта нашудааст ва мо тасмим гирифтем, ки корбасти муродифҳоро дар ҳикояҳои адиб то қадри имкон ҳаллу фасл намоем.

Муҳаққиқи муродифҳои забони муосири тоҷик М.Муҳаммадиев дар мавриди муродифҳо чунин меорад: ″Дар ҳақиқат, муродифҳо ду ва зиёда калима ва мафҳумҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати маъно наздик ва баъзан баробар буда, бо маъноҳои иловагӣ, тобиши услубӣ –маъноии худ ва мавқеи истеъмолашон дар забон аз якдигар фарқ мекунанд″ [17, с.88].

Ҳаминро бояд қайд кард, ки ҳар яке аз калимаҳои муродифӣ дар эҷоду таълифоти нависанда хусусияти услубӣ зоҳир намуда, дар баёни андешаи мақсадноки ӯ хизмати бузургеро адо мекунад. Аз ин рӯ, М. Қосимова қайд мекунад, ки манбаъҳои пайдоиши муродифот дар забон, аз рӯйи таҳқиқоти забоншиносон, чунинанд:

а) калимасозӣ;

б) ворид шудани калимаҳо дар забони гуфтугӯйӣ ва шеваҳо;

в) иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар;

г) эвфемизмҳо [10, с.101].

Зимни омӯзиш маълум гардид, ки исмҳои маънӣ дар ин бандҳои маноӣ на танҳо аз рӯйи маънӣ, балки бо тобишҳои иловагии маноӣ, хусусиятҳои услубӣ ва дараҷаи истеъмол аз ҳамдигар фарқ карда меистанд. Ба ин маънӣ забоншиноси маъруфи тоҷик Н. Маъсумӣ қайд мекунад, ки ″Муродифот қариб ҳамеша бо маънои луғавии худ тобишҳои хосси он калимаҳо, ё бо обуранги бадеӣ – эҳсосӣ, ё бо хусусияти хосси услубӣ ба ин ё он намуди муродифҳо мансуб будани худ, ё аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол ва ё аз рӯйи имконияти бо дигар калимаҳо муродиф шудан аз якдигар фарқ мекунанд” [13, с.37].

Дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ силсилаи муродифии **зулм, ҷабр, ҷафо, ситам, азоб, шиканҷа** дар мавридҳои муносиб истифода шудаанд. Ин вожаҳо аз ҷиҳати услуб ва тобиши маноӣ каму беш фарқ доранд, аммо дар маҷмуъ аз лиҳози маънӣ наздикмаъно буда, бо ҳам муродиф мешаванд.

*... сардорон хабардор шуда ононро бисёр **азоб доданд**…*[26, с.35].

Дар мисоли боло вожаи **азоб** ба маънии аз тарафи касе азоб кашидани шахсро ифода кардааст. Муродифҳои ***ҷафо*** ва ***зулм,*** ки аз тарафи шахсе ба амал оварда мешавад, дар осори адиб ба назар расид. Дар ҳикояи “Ҳамидаи сиёҳбахт” ин калима рӯзи сиёҳи персонажи асарро нишон додааст:

*Хулоса, Ҳамида ин гуна **ҷафоҳоро** аз шавҳараш ҳам бисёр дид, аммо чӣ кор кунад? [*26, с.*15].*

*Модари бечора аз бекасии худ оҳ кашида ва аз **зулми** босмачиён шикояткунон гиря мекард [*26, с.*37].*

Дар ин ҷо низ калимаи ***зулм*** ба маънии *ситам, ҷабр, ҷафо* ва беадолатии босмачиён омадааст. Дар ин ҷумла нависанда ба воситаи калимаи зулм нишон додааст, ки чи тавр босмачиён ба беморон ва падару модарони онҳо бераҳмӣ мекунанд. Ба ғайр аз ин силсилаи муродифҳо доир ба ин калимаҳо боз якчанд муродифҳои дигар низ дар ҳикояҳои адиб вохӯрдан мумкин аст. Калимаи ***заҳмат,*** ки маънои луғавиаш ***ранҷ, машаққат, меҳнат, азият, озор ва азоб*** аст, дар осори нависанда ба маънои ранҷ ва меҳнат омадааст:

*Аммо ба ивази ин дар редаксия кори вай боз як парда боло шуд, вай акнун **заҳмат** кашида тарҷумаҳошро дастӣ наменавишт... [*26, с.*78].*

Дар мавриди дигар калимаҳои ***гам ва кулфат*** низ маънои азобро ифода кардааст:

Оҳ, Ҳамидаи берӯзӣ, чи гуна бахти сиёҳе доштӣ, ки бо ин қадар ***гаму кулфатҳои*** *пай дар пай мубтало гаштӣ [*26, с.*15].*

Чунин саволҳои одӣ майнаҳои моро то ҳол ***азоб*** *медиҳад [*26, с.*112].*

Исмҳои маънии **гиря**, **дод**, **фарёд** ва **фиғон** дар ҳикояҳои адиб як силсилаи муродифро ташкил дода, аз нигоҳи маънӣ мафҳуми амалро ифода менамояд. Ин калимаҳои ҳаммаъно дар шакли муродифҳои ҷуфт низ оварда шудаанд. Ҷузъҳои дуюми **доду фарёд**, **доду фиғон** дар нигоштаи нависанда шиддат ёфтани амалро нишон медиҳад. Ҷузъи дуюми ин вожаи ҷуфт ба якдигар муродиф бошад ҳам, таъсири экспрессивиашон мухталиф аст, яъне **фарёд** амале мебошад, ки онро оромтар иҷро кардан мумкин аст.

Аз дур овози ***гиряи*** *гамолуди зане ба гӯш мерасид [*26, с.*15].*

Овози ***гиряю фигони*** *хурду калон, ёҳугӯӣ ва азонҳои пай дар пай аз ҳар як ҳавлӣ мебаромад [*26, с.*45].*

Аз бисёр ***гиря*** *овозаш гирифта, аз камхобӣ аз чашмонаш об мерафт, гурусна монданашро намедонист, гоҳо як шабонарӯз боз чизе нахӯрда мегузаронид* [8].

Дар ин асно Ойҷон "дод аз дасти номусулмон" гӯён ***фигон*** *бардошта, давида ба кӯча баромад ва якбора чунон хомӯш ва бедарак шуд, ки ба куҷо рафтанаш маълум набуд [*26, с.*100].*

Аммо баръакси ин таркиби муродифии **доду фиғон** амалеро ифода менамояд, ки дар натиҷаи ғаму андӯҳ ва мусибати зиёд ба миён омадааст. Калимаи ***нола*** низ дар силсилаи муродифӣ ворид шудааст:

Оё ин ***нолаи*** *кадом зани ситамдида ва кулфатзадаи бечора бошад [*26, с.*15].*

Калимаҳои **қувват, маҷол, тоб, тавон бо** ҳам муродифанд**.** Қувва [т) маънои умумикунандаи зӯр, қудрат, нерӯ, қувваи ҷисмониро ифода мекунад ва серистеъмол аст. Маҷол, тоб, тавон, тоқат, мадор қувваи коре надоштан, маҷол надоштан барои иҷрои кореро мефаҳмонад.

–Хайр, чӣ шудааст, келинчак шудам гуфта дар кунҷи хона шишта чарху дук кунад-мӣ? – ҷавоб дод Одил оромона ва ин оромӣ оташи Зиёдаро боз ҳам ***қувват*** *дод [*26, с.*37].*

Дар ҷумлаи поён калимаи **маҷол** ба маънои бемадорию беқувватӣ омадааст. *Танҳо камтар шир хӯрда бошад ҳам, аз баландии ҳарорати дарунӣ ҳазм карда натавониста қай намуда буд, рангаш чун заъфарон зард шуда ва баданаш мисли чӯби хушк хароб шуда,* ***маҷоли*** *гап задан ва чашм кушодан надошт [*26, с.*37].*

Аммо Солеҳзода ***тоқат*** *карда натавониста, забони тезашро ба кор даровард* [26, с.99].

Дар забони тоҷикӣ муродифи калимаи **шарм** ва **ҳаё** хеле зиёд буда, онҳоро ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар забони гуфтугӯйӣ бо ҷилоҳои услубӣ истифода мебаранд. Азбаски асари бадеӣ бо воқеияти бадеӣ офарида мешавад, нависандаро лозим аст, ки силсилаи муродифиро бо нозукиҳояш истифода барад. Айни замон, мо ҳамин гуна истифодаи муродифотро дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мушоҳида намудем.

Калимаҳои **шарм** ва **ҳаё** ифодаи хислат ва хусусияти шахс мебошад. Калимаи **шарм** сермаъно ва серистеъмол аст. Ин калима дар забони гуфтугӯйӣ бо калимаҳои шармандагӣ, расвоӣ, нанг, хиҷил, ибо, айб низ муродиф мешавад, ки нависанда дар забони қаҳрамонхои ҳикояҳояш истифода намудааст:.

"Вақте ки домулло ҷумлаи "қабул кардедаш ба занӣ"-ро такрор мекард, магар аз ***шарм*** *доштан буд, ки домод оҳиста "қабул кардам" мегуфт [*26, с.*14].*

Ҳам ман, ҳам келинатон муаллим ҳастем, ин хел номҳои доқиюнусӣ мондан барои мо ***айб*** *аст* [26, с.82].

Очаю додош ҳолӣ ҷавон, ба фарзандашон ном мондани худи онҳо ***айб*** *мешавад-а!* [26, с.81].

Калимаи ***ҳаё*** тобиши зиёди маъноӣ надорад, асосан ба маънои муродифӣ истеъмол мешавад: **хиҷолат кашидан, шарм доштан, ҳаё кардан**. Вале вобаста ба мавриди истеъмол бояд зикр намоем, ки бештар дар услуби адабӣ ба кор меравад.

Дар истеъмоли калимаҳо адиб ин масъаларо ба инобат гирифта, вожаҳои номбурдаро ҳам дар нутқи муаллиф ва ҳам дар нутқи персонажҳои асар ба кор мебарад:

Зиёданисо як навъ ***хиҷолат*** *кашида, ба Ойҷон нигоҳи маънидоре карда монд, лекин фавран он ҳолаташро номаълум кард [*26, с.*99).*

-Рости гапро гуям, - гуфт акои "харбузашинос"-и мо аз ***шармаш*** *каме сурх шуда, амак ширинакбозиро шумо бурдед [*26, с.*110].*

Аз байни ин галогула фарёди худи Рачаб ба гӯшам мерасид, ки вай дар ҳамон ҳолат ҳам бо як лабханди ***бешармона*** *ба ман муроҷиат мекард [*26, с.*123].*

Маро ***шарманда*** *кардӣ, -гуфт Ойҷон оҳиста ва дар байни гапҳои дигар [*26, с.*98].*

-Эҳа, гуноҳамон аз мӯйи сарамон ҳам бисёр,.. боз зану духтаромон ***шарму ҳаё*** *накарда, бо рӯи кушода кокул партофта ба мактаб мераванд, дар қатори мардҳо ба замини колхоз кор мекунанд [*26, с.*43].*

Дар нутқи шифоҳӣ муродифи **шарм айб** мебошад, ки дар истифода хеле фаъол аст ва мо низ бо ин калима дар ҳикояҳои нависанда вохӯрдем:

Ягон масъаларо яклухт насанҷед, чунки сад кунед ҳам боз шербачаҳои танқид айб *меёбанд, лекин вақте ки "баъзе" ё "ҷудогона" гуфта пешакӣ қайду шарт карда мондед, - коратон осон [*26, с.*103].*

Дар ин ҷумла айб ёфтан ба маънои ошкор сохтани нуқсоне, иллате, эрод гирифтан, наҳ задан омадааст.

Охир ***айб*** *намешавад-мӣ?*

-Не, ба кор набаромаданам ***айб*** *мешавад, бибиҷон [*26, с.*95).*

Ин ***айби*** *ман не,* ***айби*** *машинистка* [26, с.80].

Дар ҷумлаи охирин калимаи **айб** ба маънои гуноҳ, камбудӣ, яъне ба гардани касе гуноҳе бор кардан омадааст. Дар нутқи шифоҳӣ вожаи ***айб*** ба ду маъно истифода мешавад: якум ба маънои шарм, дуюм ба маънои гуноҳ, ҷурм, амали нораво меояд.

Шумораи зиёди муродифот дар захираи луғавии забон аз он шаҳодат медиҳад, ки муродифот қисмати мукаммал ва ғании таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад, аз ин рӯ, ҳамаи нависандагон ин имконоти бойи луғавии забонро аз даст надода, барои бемаврид такрор наёфтани калимаҳо онҳоро самаранок истифода менамоянд. Аз ин рӯ, олимону забоншиносони тоҷик ин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта, таъкид менамоянд: "Агар кас таркиби луғавии забони худро хуб донад, аз он ба хубӣ истифода бурда тавонад, забони ӯ равон, сода ва ифоданок мешавад" *[17, с.17].*

Вожаҳои ***ашк, сиришк ва оби дида, гиря, нола, фарёд, фигон*** бо ҳам хусусияти муродифӣ пайдо намудаанд, ки нависанда ҳар яки онро дар ҷой ва мавриди муносиб корбаст намудааст*:*

Ҳамидаи мо, ки аз чашмаш ***ашки*** *ятимӣ, аз дилаш доги фироқи падару модар нарафта буд, дар болои он ӯро мастона мезад, ё бо баҳонаи андак коре ба синаи реш-реши ӯ намак мепошид* [26, с.14].

Аз дур овози ***гиряи*** *гамолуди зане ба гӯш мерасид [*26, с.*15].*

Оё ин ***нолаи*** *кадом зани ситамдида ва кулфатзадаи бечора бошад?* [26, с.15].

Дасту пояш аз тарс чун шохчаи бед меларзид, ***фарёд*** *баровард, аламаш тоза шуд ва* ***фигонаш*** *баланд гардид [*26, с.*12].*

Аммо чи гуна хомӯшӣ, ки даруни дилаш чун оташи танӯр аланга мезад, ***оби чашмаш*** *аз рухсораи сурхаш ҳамчун борони баҳорие... равон буд* [26, с.12].

Қ. Мухторӣ дар мавриди вожаи ***сиришк*** ҳангоми баррасии хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ меорад: «Интихоби калимаи беҳтарин барои ифодаи мафҳум, мақсад ва андешаи худ ҳунар аст, масалан, шоир… калимаи сиришкро аз силсилаи синонимҳои чакра, қатра, сиришк истифода мекунад. Пас, дар ин ҷо ғарази услубие мавҷуд аст» [16, с.91].

Муродифот барои таъмини обуранги бадеию тобишҳои гуногуни услубӣ ва дар баробари ин тасвири нависандаро образноку дилкаш ифода кардан ва ҳамчунин воқеӣ инъикос намудани ҳодисаю воқеоти зиндагии персонажҳои асар воситаи муҳимму ҷолибтарини забон ба шумор меравад. Забони ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ хеле диққатҷалбкунанда буда, хонандаро водор месозад, ки баробари муаллиф ва персонажҳои он амал намояд ва дар ҳалли мушкилиҳое, ки дар зиндагии қаҳрамонҳои асар вуҷуд дорад, ҳамроҳӣ намояд. Забоншинос Тоҳирова Қ. дар китоби хеш "Забони адабии муосири тоҷик" қайд менамояд, ки се роҳи ба вуҷуд омадани муродифҳо дар забон ба назар мерасад: а) калимасозӣ; б) қабули вожаҳо аз шеваҳои маҳаллии забони тоҷикӣ; в) иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар [20, с.21].

Дар забони тоҷикӣ муродифҳои адабӣ хеле зиёданд. Абдусалом Деҳотӣ ҳам аз муродифҳои адабӣ ва ҳам аз муродифҳои лаҳҷавӣ истифода кардаанд.

Забоншинос М. Муҳаммадиев ҳангоми баррасии баъзе хусусиятҳои лексикии «Шоҳнома» доир ба муродифҳо меорад: «Барои ифодаи як мафҳум калима-синонимҳо оварда мешаванд ва ҳар кадоми онҳо тобишҳои маъноии ба худ хосе низ доранд» [18, с.91].

Гурӯҳи дигари исмҳои маънӣ ҳолати руҳии инсонро ифода намуда, нисбат ба муҳит муносибати шахсро мефаҳмонанд. Масалан, калимаҳои **тарс** ва **ҳарос** аз ҳамин қабиланд:

*Бечора Қосимҷон аз **тарс** беҳуш шуда афтодааст ва аз ҳамон шаб ин ҷониб аз по мондааст [*26, с.*55].*

Калимаи **тарс** нисбат ба дигар муродифҳои худ маънои васеътар дорад ва серистеъмолтар аст. Калимаҳои ҳаммаънои он аз ҷиҳати услуб ва андозаи истеъмол баробар нестанд. Калимаи **ваҳм** ҳам дар гуфтугӯ ва ҳам дар услуби бадеӣ роиҷ аст, аммо доираи истеъмоли ин калимаи нисбат бар **тарс** маҳдудтар буда, як навъ тарси воҳимаангезро ифода мекунад:

*Қодир ҳис кард, ки аз овози Қосим ҳанӯз ҳам аломатҳои **ваҳм** нарафтааст ва дили вай бо изтироб тез-тез мезанад [*26, с.*50].*

Абдусалом Деҳотӣ вожаҳои ***тарс ва ваҳмро*** дар як ҷумла истифода бурдааст:

*Бо вуҷуди ин шердилиҳо **тарс** ва **ваҳми** «ба доми худ кашидани аждаҳо» ҳанӯз дар хотирашонбуд, ларзида, такида роҳ мерафтанд [*26, с.*21].*

Вале дар баъзе маврид ин ду калима ҳамроҳ шуда ҷозибаи суханро зиёдтар менамоянд ва дар натиҷа тасвири ҳолати персонаж равшантар ба қалам дода мешавад. Доираи истеъмоли калимаи **ҳарос** бошад, нисбат ба калимаи ваҳм маҳдудтар аст:

*Бечора Қосимҷон аз **ҳарос** ва тарси зиёд беҳуш шуда афтодааст ва аз ҳамон шаб инҷониб аз по мондааст [*26, с.*54].*

Калимаҳои **вақт, замон, фурсат, айём, лаҳза,** ки силсилаи муродифиро ташкил кардаанд, маънои замонро ифода мекунанд. Дар ин силсила калимаи **вақт,** ки маънои васеъ дорад, сарсилсила буда, назар ба дигар муродифҳояш серистеъмол аст, аз ин рӯ, дар матн метавонад ба ивази онҳо ояд. Ҳоло ин ҷо метавонем, ҷиҳатҳои услубии онҳоро аз назар гузаронем:

*-Қосим ака,- гуфт вай дар миёни роҳ истода,-дар ин ҷо аз гап гап баромаду манаҳ тафсид; як **вақт** як ҳикояи аҷоиб шунида будам, акнун ба шумо гуфта диҳам [*26, с.*50].*

Калимаи **замон** маънои давраи муайянеро низ мефаҳмонад. Масалан: **замони ҳозира**, **замони қадим**, замони **аввала** ва ғайра, яъне давраи умр ба сар бурдан дар назар дошта шудааст.

*Аммо, чи ҳодиса, ки мавзуъҳои таҳқиқоти вай ба **замонҳои** хеле қадими, ҳатто аз Доқёнус ҳам пештар оид буданд* [26, с.103].

*Дар **замони** советии мо садҳо номҳои одӣ ... расм шудаанд [*26, с.*84].*

Калимаи **айём** ба маънои васеъаш бо калимаҳои дигар низ муродиф мешавад. Ин калима баъзан ба маънои кӯчида: айёми ҷавонӣ ҳам меояд ва дар чунин ҳолат низ маънои умумиаш бо калимаи **вақт** як андоза нигоҳ дошта мешавад:

*Рӯзе дар **айём**и сайри наврӯзӣ як гурӯҳ аз рафиқони ман ҳам дар яке аз он ошхонаҳо оши дастӣ пухта хӯрдан хостанд, ки ошпази онҳо ман будам* [26, с.65].

Муродифи дигари калимаи **вақт** ин **фурсат** низ ба шумор меравад, ки дар ин асар мушоҳида кардан мумкин аст:

*Соатҳои панҷи бегоҳ аз тарафи шимол абри сиёҳе баланд шуда, дар андак **фурсат** тамоми осмонро фаро гирифт* [26, с.41].

*Акнун бачагон **фурсат** ёфта ба дарду ҳасратгӯйӣ сар карданд [*26, с.*16].*

Калимаи ***лаҳза*** бошад, нисбатан вақти кӯтоҳро ифода мекунад.

*Дар **лаҳзаи** фикр кардани ин мазмун вазъияти Туробӣ якбора дигаргун шуд* [26, с.78].

Калимаи **боз** дар ин ҷумла **вақт ва замонро** ифода кардааст: аз бозе ки, аз вақте ки, аз он даме ки:

*Бечора писарам, **аз бозе к**и сараш дута шуд, аз дард, аз касофат намебарояд* [26, с.99].

***Ҳар замон** ба латтаи машъалҳои гиронида равган мерехтанд [*26, с.*14].*

Муҳаққиқ Д. Фозилов ҳангоми баррасии хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав калимаҳои муродифии онро ба се гурӯҳ ҷудо намуда, меорад, ки «калимаҳои муродифие, ки пурра дар забони адабии муосир дар истеъмоланд: шӯр-талх,

дин-кеш, зулм-ҷавр, халқ-раият, мардум… то ҳол дар адабиёти бадеии забони ҳозира пурра дар истеъмоланд» *[24, с.118-119].*

Ҳамин тавр, зимни омӯзиш маълум гардид, ки муродифшавии исмҳои мухталиф дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ ба таври фаровон истифода гаштааст.

Аз ин рӯ, роҳҳои пайдоиш ва хусусиятҳои муродифшавии калимаҳо ва ифодаҳо дар забони тоҷикӣ хеле гуногун буда, вобаста ба инкишофу тараққиёти ҳар як сохти ҷамъиятӣ онҳо низ ба тағйирот дучор мешаванд. Ин ҳодисаи забонӣ ба ҳамаи забонҳои мавҷудбуда дахл дорад. Абдусалом Деҳотӣ дар корбурди ин гуна муродифҳо фаъол буда, ба ин восита аз фонди луғавии забони тоҷикӣ моҳирона истифода бурдааст.

Баъзе калимаҳои муродифӣ аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик буда, дар ҳолатҳои гуногун якеро ба ҷойи дигаре ба кор бурдан маънои заруриро ифода карда наметавонанд. Зеро ҳар як вожаи муродифӣ тобишҳои маъноии алоҳидаро доро буда, бо ҳамин тобиши маъноӣ фарқияти хешро равшантар зоҳир менамояд. Дар ин маврид ба ақидаи забоншинос М. Усмонова ҳамфикр мегардем, ки чунин овардааст: “Маҳз интихоби дурусту бамавриди яке аз калимаҳои ҳаммаъно аз силсилаҳои синонимӣ ба эҷодкор имконият медиҳад, ки ӯ хусусиятҳои хос ва фарққунандаи ин ё он ашё ва рӯйдодҳои олами воқеиро ба риштаи тасвир кашад” [25, с.64].

Муродифҳои мансуб ба сифати инсон дар осори адиб хеле фаровон корбаст шудаанд ва ба ин васила андешаҳои адиб таъсирбахшу муассир ифода ёфтаанд. Зимни омӯзиши муродифҳо дар осори Абдусалом Деҳотӣ мушоҳида шуд, ки ӯ барои дар мавриди муносиб ба кор бурдани муродифҳои сершумори ин ё он силсилаи муродифӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дода, то андозаи зарурӣ ба мақсади хеш ноил гаштааст.

Муродифҳо дар осори Абдусалом Деҳотӣ ҷойгоҳи худро доранд. Маҳорати адиб дар ҷобаҷогузорӣ ва бамаврид истифода кардани онҳо мушоҳида мешавад, зеро муродифҳо ҳамчун калимаҳои ҳаммаъно ё наздикмаъно фасоҳату назокати сухан ва зебоиву муассири забони асарро таъмин мекунанд. Аз сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки онҳо воситаи бой намудани таркибӣ луғавӣ, дилчаспу мухтасарбаёнӣ ва дар шаклу намудҳои беҳтарин ифода намудани фикр мебошанд.

Фарқият ва таъсири мутақобилаи обуранги услубиро Крилова М.Н. дар китоби хеш “Введение в языкознание для бакалавров” чунин шарҳ медиҳад: *«Обуранги функсионалӣ-услубӣ ва эмотсионалӣ-услубӣ ду ҷониби обуранги услубӣ ба шумор меравад»* [7, с.92].

Дар осори Абдусалом Деҳотӣ на танҳо муродифшавии сифатҳои ифодакунандаи хусусияти инсон, балки сифатҳое, ки аломати ашёи беҷонро нишон медиҳанд, хеле фаровон ба назар мерасанд ва мо тасмим гирифтем, ки ин қабил вожаҳоро дар алоҳидагӣ таҳлил намоем.

Калимаҳои **хунук, сард ва сармо** дар забони тоҷикӣ силсилаи маъноиро ташкил медиҳанд. Калимаи хунук сермаъно аст. Ин калима ба ғайр аз маънои муродифҳои зикршуда бо маънои маҷозии худ бо калимаҳои зиёд муродиф шуда меояд: қиёфаи хунук, хунук хӯй (баднамо, ганда), хабари хунук, (нохуш, бад, сухан, (нафаси) хунук, хунук хӯрдан ва ғайра.

*Вай бо як **табассуми хунукаки** истеҳзоомез ба модараш нигоҳ карда, бо ишораи ҳайрат китфҳояшро боло кашида монд [*26, с.*82].*

***Хунукиҳои сахт**, барфҳои пай дарпай ва рӯзгузарониҳои душвори зимистон гузашта, рӯзҳои аввали фасли баҳорон дохил шуда буд [*26, с.*32].*

*Дилашро аз ман **хунук** кардаанд, илоҳо худашон **хунук** шаванд [*26, с.*99].*

Калимаи ***сард*** камистеъмол буда, бештар дар забони адабии китобӣ ба кор бурда мешавад ва дар забони гуфтугӯйии баъзе маҳалҳои ҷанубӣ вожаи сармо низ ба маъни хунукӣ низ истифода мешавад:

*Ин фасл агар мисли зимистон **сард на**буд, вале барои деҳқонони камбагал ва мардикорон рӯзгузаронӣ он қадар хуб набуд [*26, с.*33].*

*Як пагоҳ аз рӯзҳои **сармои зимистон** ҳаво ба дараҷаи баланди **сардӣ** расида, аз бисёр боридани барф шохҳои дарахтон хам гардида буд [*26, с.*15].*

Хулоса, истифодаи муродифҳо дар ҳикояҳои нависанда маҳорати баланди суханофарии ӯ буда, осори пурғановати нависанда ба ин восита равшану таъсирнок тасвир ёфтааст. Муродифҳо дар забони тоҷикӣ аҳаммияти назаррас дошта, дар гуногунии ифода, муассирии сухани муаллиф ва батафсил баён кардани фикр хеле муҳимманд.

А Д А Б И Ё Т

1. Виноградов, В.В. Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов // Избр. труды – М. : Наука, 1977. – 306 с.
2. Гулназарова, Ж.Б. Таснифоти маъноии феъл дар «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / Ж.Б. Гулназарова. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 168 с.
3. Ғаффоров, Р. Хусусиятҳои услубии синонимҳо / Р. Ғаффоров // Мактаби советӣ. – 1990. – № 6. – С. 15-18.
4. Звегинцев, В.А. Проблема знаковости языка / В.А. Звегинцев. – М., 1956. - 34 с.
5. Исматуллоҳ, Ш. Дафтари ишқ. [Баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ] / Ш. Исматуллоҳ. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 144 с.
6. Каримов, Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / Ш.Каримов. – Душанбе, 1993. – 146 с.
7. Крылова, А.О. Лингвистическая стилистика в 2 кн. Практикум, учебное пособие / А.О. Крылова. – М.: Высш. школа, 2006. – 120 с.
8. Қосимова, М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2002. – 113 с.
9. Қосимова, М.Н. Хусусияти лексикӣ-грамматикии зарбулмасал ва мақолҳои ҳамгуни забонҳои тоҷикӣ ва русӣ / М.Н. Қосимова // Забон - рукни тоат. - Душанбе, 2003. – 184 с.
10. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Қ.1 / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2011. – 420 с.
11. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. - 244 с.
12. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони адабии тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982.
13. Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Дониш, 1976. – 76 с.
14. Мирзоев, М. Синонимҳои фразеологӣ дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ / М. Мирзоев // Адаб. - №4. - 2002.
15. Муминов, А. Полисемия дар забони тоҷикӣ (рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филоогия) / А.Муминов. – Душанбе, 1972. - 152 с.
16. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2006. – 129 с.
17. Муҳаммадиев, М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик [ҳиссаҳои номии нутқ] / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: УДТ, 1962. – 162 с.
18. Муҳаммадиев, М. Баъзе хусусиятҳои лексикии «Шоҳнома» / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. – 138 с.
19. Саъдуллоев, У. Хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / У. Саъдуллоев. – Душанбе, 2013. - 140 с.
20. Тоҳирова, Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Қ. Тоҳирова. – Душанбе, 1967. - 80 с.
21. Фозилов, Д. Хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Д.Фозилов. – Душанбе, 2013. - 168 с.
22. Хоҷаев, Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 1998. – 152 с.
23. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе: 2013. – 343 с.
24. Фозилов, Ф. Хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Ф.Фозилов. – Душанбе, 2013. - 170 с.
25. Усмонова, М. Лексико-семантические пласты и их стилистические особенности в литературной прозе Хабибулло Назарова / М. Усмонова. – Душанбе: ООО «Нушбод», 2022. - 160 с.

Манобеъ

26. Деҳотӣ, А. Куллиёт / А.Деҳотӣ. - 1966. – Ҷ.3. - 380 с.

ВИЖАГИҲОИ МУРОДИФОТ ДАР ҲИКОЯҲОИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

Инкишофи ботадричу муназзами ҳама ҷанбаҳои забони муосири тоҷикиро дар муддати начандон тулонии истиқлол равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Дар роҳи инкишофи забони миллати тоҷик хизмати нависандагони шуравии тоҷик, бахусус Абдусалом Деҳотӣ басо калон аст. Нависанда фикру ақидаи худро доир ба забони тоҷикӣ баён намуда, дар шаклгирии он саҳми арзанда гузоштааст. Бештари мақолаҳои ӯ ба инкишофи забони адабии тоҷик алоқамандии зиёд дорад. Муродифҳо дар ҳақиқат дар адабиёти бадеӣ ва нутқи гуфтугӯйӣ хеле зиёданд. Онҳо барои таъкиди маъно, риояи таносуби сухан, оҳангнокии гуфтор, такрори ҳолатҳо ва ба ин восита, саҳеҳӣ, равшанӣ ва қувваи бадеии гуфтаи худро таъмин намудан ба кор бурда мешаванд. Аз ин рӯ, Абдусалом Деҳотӣ барои пуробуранги ва ҷозибанок шудани осораш кӯшиш кардааст, ки аз ин гуна муродифҳо истифода барад ва ин маҳорати баланди нависанда дар осораш инъикос гардидааст. Муаллифи мақола кӯшиш намудааст, ки муродифоти ҷуфтистеъмолро дар осори Абдусалом Деҳотӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳад. Абдусалом Деҳотӣ фикру ақидаҳои худро дар хусуси забони тоҷикӣ ба воситаи мақолаҳояш баён мекунад. Абдусалом Деҳотӣ дар давоми фаъолияти эҷодии хеш ба масъалаи забон ва риояи меъёрҳои он бетарафӣ зоҳир накардааст. Абдусалом Деҳотӣ дар эҷоди асарҳои насрӣ ба муваффақиятҳои калон соҳиб гаштааст. Сабаби асосии муваффақияти нависанда, пеш аз ҳама, дар забон ва услуби нигориши ӯ, дар навишти ҳикоя ва осори насриаш мебошад.

Калидвожаҳо: муродиф, имло, алифбо, забони тоҷикӣ, муъҷазбаёнӣ, забони асари бадеӣ, нависанда, услуб, истилоҳ, Абдусалом Деҳотӣ.

СИНОНИМЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ АБДУСАЛОМА ДЕХОТИ

Постепенное и системное развитие всех сфер современного таджикского языка можно чётко проследить за очень короткий период становления Независимости Республики Таджикистан. В деле развития национального языка таджиков велики заслуги многих таджикских литераторов советского периода, особенно А. Дехоти. Данный писатель выражал своё видение относительно таджикского языка. Многие его статьи непосредствено связаны с развитием таджикского литературного языка. На самом деле существует множество синонимов в художественной и разговорной речи. Они используются для подчеркивания смысла, соблюдения пропорции слов, тональности речи, повторения ситуаций и тем самым обеспечения точности, ясности и художественной силы речи. Поэтому Абдусалам Дехоти старался использовать такие сравнения, чтобы сделать свои произведения красочными и привлекательными, и это высокое мастерство писателя нашло отражение в его произведениях. Автор данной статьи рассматривает роль Абдусалома Дехоти в формировании современного таджикского языка. Абдусалом Дехоти на протяжении своей творческой деятельности не был равнодушен к вопросам языка и соблюдения нормы литературного языка. Наряду с научной деятельностью он достиг больших успехов в написании художественно – прозаических произведений. Главный секрет успеха писателя прежде всего заключается в его стиле изложения, в написании рассказов и других прозаических произведений. Таким образом, Абдусалом Дехоти внес весомый вклад в развитие таджикского языка.

Ключевые слова: формирование, орфография, алфавит, таджикский язык, краткость изложения, язык художественного произведения, писатель, стиль, термин, Абдусалом Дехоти.

ON ABDUSALOM DEHOTI'S ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

The gradual and systemic development of all areas of the modern Tajik language can be clearly traced back to the very short period of independence of the Republic of Tajikistan. Many Tajik writers of the Soviet period, especially A. Dehoti, has great merits in the development of the national language of Tajik. This writer expressed his vision regarding the Tajik language. Many of his articles are closely related to the development of the Tajik literary language. In fact, there are many synonyms of the usage in fiction and colloquial speech. They are used to emphasize the meaning, to observe the proportion of speech, tonality of speech, repetition of situations and thus ensure accuracy, clarity and artistic power of your speech. Therefore, Abdusalam Dehoti tried to use such similes to make his works colorful and attractive, and this high skill of the writer is reflected in his works. The author of this article examines the role of Abdusalom Dehoti in the formation of the Modern Tajik Language. Abdusalom Dehoti was not indifferent to language and the rule of literary language during his career. Along with his scientific work, he achieved great success in writing artistic and prose works. The main secret of the writer's success is primarily his style of presentation, writing stories and other prose works.

Keywords: formation, spelling, alphabet, Tajik language, brevity, language of artwork, writer, style, term, Abdusalom Dehoti.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Гулназарзода Жило Бурӣ*** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ. **Адрес:** 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6

Сатторова Дилрабо Қаҳоровна – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, муаллими калон, кафедраи забони тоҷикӣ. **Адрес:** 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 901-30-36-91**

Сведения об авторах: ***Гулназарзода Жило Бури*** – Таджикский международный университет иностранных языков имени С.Улугзода, доктор филологических наук. **Адрес:** 734019, ш. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6

Сатторова Дилрабо Кахоровна – Таджикский международный университет иностранных языков имени С.Улугзоде, старший преподаватель, кафедра таджикского языка. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 901-30-36-91**

Information about the authors: ***Gulnazarzoda Zhilo Buri*** – Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulugzoda, Doctor of Philology. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadieva, Str., 17/6

Sattorova Dilrabo Qahorovna - Tajik Invernational University of Foreign Langyuages named after S.Ulugzode, is a senior lecturer in the Department. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadiev Str., 17/6.

Phone: **(+992) 901-30-36-91**

ТДУ: 811.111+811.21/.22-3

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҶУМЛАҲОИ САВОЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Саидзода Ҳ.А., Асадова М.Р., Ҷӯраева Ҷ.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Яке аз принсипҳои асосии методҳои таълими забони хориҷӣ ин такя намудан ба дониши забони модарии хонандагон аст [6, с.56]. Аз ин рӯ муаллимони забони хориҷӣ ҳангоми таълими ҳар як ҳодисаи забони хориҷӣ бояд ба назар гиранд, ки оё шогирд муродифи тоҷикии мавзуи омӯхташавандаи забони хориҷиро медонад ё не. Агар надонад, ӯ бояд аввал ба хотири шогирдаш он ҳодисаи забони модариро оварда, ва пас муайян кунад, ки кадом тарафи ҳодисаи омӯхташавандаи забони хориҷӣ дар забони модарӣ муродиф дорад ё надорад. Бе ин тартиб ба шогирд хуб омӯзонидани ҳодисаҳои забони хориҷӣ амрест маҳол. Аз ин рӯ, аз омӯзгорони ояндаи забони англисӣ талаб карда мешавад, ки ҳангоми таълими ҳар як ҳодисаи забони англисӣ ин принсипи муҳимми таълими забони хориҷиро ба инобат гиранд.

Бо вуҷуди он ки ҳар дуи забонҳо ба қатори шохаи аналитикии забонҳои типи флективӣ дохил мешаванд, дар сохти синтаксисии онҳо тафовутҳои зиёде ба назар мерасанд. Онҳоро як ба як номбар ва шарҳу таъбир мекунем. Дар ҳарду забони муқоисашаванда, чун дигар забонҳо ҷумла яке аз муҳимтарин алоқаи нутқ буда, он мавҷуд будани сохти муайяни алоқаро дар байни аъзоёни худ нишон медиҳад.

Аз рӯйи мақсади гуфтор дар ҳар ду забон ҷумлаҳоро ба 3 гурӯҳ тақсим мекунанд:

1) ҷумлаҳои ҳикоягӣ,
2) ҷумлаҳои саволӣ,
3) ҷумлаҳои амрӣ.

Дар ҷумлаҳои **ҳикоягӣ** ягон фикр тасдиқ ё инкор карда мешавад.

We know English. We don’t know French.

Дар ҷумлаҳои **саволӣ** дар бораи чизе пурсида мешавад.

Do you know English? Where did you study English?

Дар ҷумлаҳои **амрӣ** мусоҳиб ё мусоҳибон ба иҷрои амале водор ё хоҳиш карда мешаванд.

Learn English well!

Ҳар яке аз ин 3 навъи ҷумлаҳо дар ин ду забон хусусияти сохтории худро доранд, ки ин чиз дар забони англисӣ хеле барҷаста зоҳир мешавад. Як хосияти барҷастаи ҷумла дар забони англисӣ дар он аст, ки ҳар як аъзои ҷумла ҷойи қатъии худро дорад ва аксаран иваз кардани ин ҷой ба вайроншавии вай меоварад [17, с.115]. Алалхусус дар ҷумлаҳои ҳикоягӣ чун қоида дар аввал бояд мубтадо баъд аз он хабар, пуркунанда ва баъд дигар аъзоҳои ҷумла ҷойгир шаванд.

Масалан: I read many English books at the school.

Дар забони тоҷикӣ ҷойи аъзоҳои ҷумла андаке дигар аст. Аввал мубтадо, баъд ҳол, дар ҷойи 3-ум пуркунанда ва хабар дар охир меояд. Чуноне ки мебинем, дар байни ин забон тафовути ҷиддӣ мавҷуд аст. Дар забони англисӣ вайрон кардани чунин тартиб ҷариб мумкин нест, вале дар тоҷикӣ ин таркибро вайрон кардан мумкин аст.

Ҷойи аъзоҳои пайрави ҷумла низ дар ин ду забон ба ҳадде фарқ мекунад. Билхосса, ҷойи **ҳол** дар забони тоҷикӣ назар ба англисӣ андаке озодтар аст. Муқоиса кунед: Дирӯз вай аз Москва омад. Yesterday he came from Moscow. Дирӯз вай аз Москва омад. Аз Москва вай дирӯз омад. He came from Moscow yesterday.

Чуноне ки аз мисолҳо маълум шуд, дар забони тоҷикӣ **ҳоли замон** метавонад ҷойҳои гуногунро ишғол кунад, ҳол он ки дар забони англисӣ он танҳо ду ҷойро ишғол карда метавонад, ин ҳам бошад ё дар аввали ҷумла ё дар охири ҷумла.

Ҳоли макон бошад, дар ҳар ду забон дар аввали ҷумла меояд. Масалан: Дар Москва дӯстони деринаамонро дидам. In Moscow I met our old friends.

Агар ҷумлаи забони англисӣ якчанд ҳол дошта бошад, чун қоида аввал ҳоли тарзи амал меистад, баъд аз он ҳоли макон ва баъд ҳоли замон меояд.

Масалан: We saw her sister by chance in the street yesterday.

Дар забони тоҷикӣ ҷойи ҳол дар ҷумла андаке озодтар аст. Муқоиса кунед, ки ҷумлаи болоӣ ба забони тоҷикӣ бо чанд намуд тарҷума мешавад: Мо дирӯз тасодуфан хоҳари худро дар кӯча дидем. Тасодуфан мо дирӯз хоҳари худро дар кӯча дидем. Дирӯз мо тасодуфан хоҳари худро дар кӯча дидем. Дар кӯча мо дирӯз хоҳари худро тасодуфан дидем. Чи хеле ки, аз тарҷума маълум шуд, дар забони тоҷикӣ ҳол метавонад ҷойҳои худро дар ҷумла иваз кунад.

Дар ҳар ду забон **муайянкунанда** низ мавқеи худро дорад. Дар забони тоҷикӣ муайянкунанда баъд аз муайяншаванда ё пеш аз он меояд: Вай бачаи боақл аст – He is a clever boy. Нағзтарин одамҳо ҳам баъзе хислатҳои аҷиб ва номафҳум доранд -Sometimes even the wise men are strange and complicated. Аммо, чи хеле ки аз тарҷумаи ин ҷумлаҳо маълум шуд, дар ҳар ду ҳолат муайянкунанда дар забони англисӣ пеш аз муайяншаванда омадааст, ҳол он ки дар забони тоҷикӣ, дар ҷумлаи якум муайянкунанда баъд аз калимаи муайяншаванда (бача) омадааст, ки ин ҳодисаи муқаррарӣ мебошад. Аммо, чи хеле ки аз тарҷумаи ҷумлаи дуюм маълум шуд, дар забони тоҷикӣ баъзе вақт муайянкунанда (нағзтарин) пеш аз муайяншаванда меояд.

Ҷойи **пуркунанда** низ андаке фарқ мекунад, яъне дар забони англисӣ мубтадо ва пуркунанда дар ҷумла паҳлуи ҳам ҷойгир мешаванд. Мубтадо дар паҳлуи чап ва пуркунанда дар паҳлуи рост. Дар аксар вақт пуркунандаро пеш аз мубтадо гузоштан мумкин нест, зеро на пуркунанда ва на мубтадо нишондиҳандаи махсус надоранд. Бинобар он, вақти ҳампаҳлу истодани онҳо кадомашон мубтадо ва кадомашон пуркунанда буданашон номуайян мемонанд. Мисол: John beat Jack. John Jack beat. Дар ҷумлаи тоҷикӣ бошад, мавҷуд будани пасоянди –ро бо пуркунандаи бевосита, ки бо исмҳои ҷондор ифода меёбад, имкон намедиҳад, ки мубтадо ва пуркунанда омехта шаванд. Мисол: Духтур муаллимро муоина кард. Муаллимро духтур муоина кард. Аз ин ҷумлаҳо бармеояд, ки пуркунанда пасоянди –ро дорад, мубтадо пасоянди –ро надорад. Дар забони англисӣ маҳз набудани пасоянди –ро бо пуркунанда омехта шудани мубтадо сабаб мешавад. Дар забони англисӣ пуркунандаро дар як ҳолат пеш аз мубтадо мондан мумкин аст. 1) Вақте ки пуркунанда бо ҷонишини шахсӣ ифода мешавад, маълум аст, ки ҷонишини шахсӣ дар вазифаи пуркунанда, дар падежи объектӣ меистад ва аз ин рӯ, мубтадо, ки дар падежи номӣ ё умумӣ меистад, бо пуркунандаи дар падежи объектӣ истода омехта кардан нашояд. Мисол: Him I saw. 2) Вақте ки пуркунанда бавосита аст ва он пешоянд дорад. Мисол: Jack gave the book to John. To John Jack gave the book. Дар ин ҳолат пешоянди ба нишон медиҳад, ки исми баъди он истода бо хабар робита дорад ва ин робитаи объектӣ аст. Мисли ҳамин мубтадоро баъди хабар дар паҳлуи пуркунанда гузоштан мумкин нест. Зеро маҳз шаклан якхела будани исм-пуркунанда ва исм-мубтадо ба омехташавии онҳо меорад. Дар забони тоҷикӣ бошад мубтадоро ҳам пеш аз ва ҳам баъд аз пуркунанда гузоштан мумкин аст: Ҷамил китобро ба Ҷалил дод. Китобро Ҷамил ба Ҷалил дод. Китобро ба Ҷалил Ҷамил дод.

Дар ҷумла баъзан мешавад мубтадо ва хабар набошад. Ин хели ҷумлаҳоро ҷумлаҳои яктаркиба меноманд. Дар он ҷумлаҳо мубтадо ба назар намерасад, бинобар он, онҳо яктаркибаанд. Дар забони англисӣ, дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ҷумлаҳои яктаркиба хело каманд, зеро партофтани мубтадо дар забони англисӣ мумкин нест, ки он ба вайроншавии сохти ҷумла меорад.

Дар забони тоҷикӣ бошад, ҷумлаҳои яктаркиба бештар истифода мешаванд, зеро аз партофтани мубтадо ҷумла зарари мантиқӣ намебинад. Ин аз он сабаб аст, ки дар забони тоҷикӣ хабар дорои флексияи шахс мебошад, ки он кӣ ё чӣ будани мубтадоро нишон медиҳад [7].

Агар дар ҷумлаи англисӣ иштироккунанда номуайян бошад, ба вазифаи мубтадо ҷонишини one ё they кор фармуда мешавад: One should be careful when crossing the road – Вақти аз роҳ гузаштан эҳтиёт бояд шуд. They say he is a good doctor – Мегӯянд, ки ӯ духтури хуб аст.

Дар забони англисӣ мубтадои формалӣ низ васеъ истифода мешавад. Масалан: Соат 5-и бегоҳ – It is 5 o`clock in the afternoon. Хунук шуда истодааст – It is getting cold. Дар ин ҷо it ба сифати мубтадои формалӣ омадааст.

Мебинем, ки дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳо якаъзогиянд, вале дар забони англисӣ ҷумлаҳо дуаъзогӣ буда, мубтадо тавассути ҷонишини бешахси it ифода гаштааст, ки ин хусусияти типологии забони англисӣ аст.

Як хусусияти барҷастаи забони тоҷикӣ ин аст, ки дар ҷумла мубтадо метавонад ба осонӣ партофта шавад, ки аз ин ҷумла коста намешавад, зеро чӣ будани мубтадоро метавон аз рӯйи пасванди хабар муайян сохт. Дар забони англисӣ партофтани мубтадо мумкин нест, ки он ба вайроншавии сохти ҷумла меорад, зеро хабар аксаран пасвандҳои шахсу шумораро надорад.

Масалан: пагоҳ меравам- ам нишон медиҳад, ки мубтадо калимаи ман аст. Shall go tomorrow гӯем маълум нест, ки мубтадо вожаи We аст ё I.

Дар ҳар ду забони муқоисашаванда инчунин ҳодисаи **инверсия** (ивазшавии ҷойи калима) ба назар мерасад. Ҳодисаи гуногуни инверсияро дар забони тоҷикӣ вохӯрдан мумкин аст. Масалан: Мо ба Душанбе дар соли 2005 омадем. Дар соли 2005 мо ба Душанбе омадем.

Дар забони англисӣ бошад, ҳодисаи инверсия (ивазшавии ҷойи калима) вақте мушоҳида мешавад, ки агар ҷумла бо ибораи there is (there are, there was, there were, etc) оғоз шуда бошад: There is a big park in our town – Дар шаҳри мо боғи калон ҳаст. There are many interesting books in our library – Дар китобхонаи мо бисёр китобҳои шавқовар ҳастанд.

Ҷумлаҳои саволии забони англисӣ низ сохти махсус доранд ва дар онҳо тартиби ҷойгиршавии қатъии аъзоҳои ҷумла ба назар мерасад. Дар ҷумлаҳои саволии забони англисӣ тартиби калима хусусиятҳои вобастагӣ дошта, онҳо устувор мебошанд, ки ин аз устувор будани тартиби муқаррарии калимаи ҷумлаи ҳикоягӣ шабоҳат медиҳад. Аз рӯйи мақсад ҷумлаҳои саволӣ ба он нигаронида шудаанд, ки мусоҳиб ба саволи гӯянда дар хусуси ақидае «ҳа» ё «не» гӯяд ё худ доир ба предмете, аломате, ҳодисае, вақт, ҷой ё тарзи иҷроиши амалу ҳолате посух диҳад. Мутаносибан ба ин, дар забонҳои муқоисашаванда ҷумлаҳои саволиро ба чор намуд ҷудо мекунанд, ки инҳо умумӣ, хусусӣ, интихобӣ (ҷудоӣ), ҳамрайӣ мебошад.

Дар забони англисӣ **саволи умумӣ** низ тартиби ҷойгиршавии қатъии аъзоҳои ҷумларо дорад ва аз тартиби ҷойгиршавии калимаи ҷумлаи ҳикоягӣ фарқ мекунад. Алалхусус дар ин намуди савол ҷумла бояд ҳатман бо феъли ёридиҳанда (модалӣ) ё ноқис, ки як қисми хабарро ташкил мекунад, оғоз шавад. Баъди чунин феъл-хабар мубтадо меояд. Пас қисми дигари хабар ҷойгир мешавад. Дигар аъзоёни ҷумла бошанд мисли ҷумлаи ҳикоягӣ ҷойҳои худро ишғол мекунанд. Аммо дар забони тоҷикӣ ин тартиб мавҷуд нест. Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои саволӣ бо ёрии оҳанги саволӣ бо тағйир наёфтани ҷумлаи ҳикоягии муқаррарӣ, ё ин ки бо истифодаи ҳиссачаи оё-, магар, -мӣ ифода карда мешавад [7]. Муқоиса кунед:

Did you study many English books at the school? – Оё ту дар мактаб бисёр китобҳои англисӣ хондӣ? – Дар мактаб ту бисёр китобҳои англисӣ хондӣ-мӣ?

Саволи умумӣ бо оҳанги болораванда талаффуз мешавад: Do you get up early?

Дар ҳар ду забон саволи умумӣ ба мусоҳиб бо мақсади тасдиқ ё инкори фикр, ки мусоҳиб ба саволи гӯянда дар хусуси ақидае «ҳа» ё «не» (yes or no) гуфта ҷавоб медиҳад, дода мешавад: Шумо бо забони англисӣ гап мезанед? –Ҳа. Не. Do you speak with English? – Yes, I do. No, I don't.

Бояд қайд кард, ки бар хилофи забони тоҷикӣ **ҷавоби саволи умумӣ** дар забони англисӣ бояд ин тавр бошад: ҳангоми ҷавоб додан аввал вожаи yes or no, баъд мубтадо дар шакли ҷонишини шахсӣ меояд, пас феъли ёвар ё ноқис ҷойгир мешавад. Дар ҷавоби инкорӣ бошад, баъди феъли ноқис ё ёвар ҳиссачаи «not» истифода мешавад: Do you speak with English? – Yes, I do. No, I don't. Аммо, дар забони тоҷикӣ танҳо вожаи «ҳа» ё «не»-ро истифода бурда ҷавоб додан ҳам мумкин аст: Шумо бо забони англисӣ гап мезанед? – Ҳа. Не.

Саволи хусусӣ. Тартиби калима дар саволи хусусӣ шакли махсус дорад. Алалхусус дар забони англисӣ саволи хусусӣ бояд бо калимаҳои саволӣ (who, what, when, which, where, how many (much), how, how long, whose, whom ва ғайраҳо) оғоз меёбад, ки ин ба кадом аъзои ҷумла тааллуқ доштани саволро нишон медиҳад.

Аммо, дар забони тоҷикӣ калимаи саволӣ (кӣ, чӣ, кай, кадом, кучо, чӣ қадар, чӣ тавр, чанд вақт, аз они кӣ, киро ва ғайраҳо) метавонад ҷойи худро иваз кунад ва саволдиҳанда онро дар кучое, ки хоҳад (ё дар аввали ҷумла, ё дар охир ва ё дар мобайни ҷумла) гузорад. Муқоиса кунед:

Where did you study many Englidh books? – Дар кучо ту бисёр китоби англисӣ хондӣ? – Ту дар кучо бисёр китоби англисӣ хондӣ? – Бисёр китоби англисӣ ту дар кучо хондӣ?

Чи хеле ки аз мисолҳо маълум шуд, бар хилофи забони тоҷикӣ дар саволи хусусии забони англисӣ баъди калимаи саволӣ як қисми хабар (did) меояд. Пас аз он мубтадо ва қисми дигари хабар гузошта мешавад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки савол ба худи мубтадо ё муайянкунандаи он гузошта мешавад.

Аз ин маълум мешавад, ки агар who/ what / which/ инҳо мубтадои ҷумла бошанд, мо дар савол феъли ёридиҳандаи do/ does/ did–ро истифода бурда наметавонем. Муқоиса кунед:

who – the Object (пуркунанда) **who –** the Subject (мубтадо)

Alice phoned somebody. Somebody phoned Alice.

Who did Alice phone? Who phoned Alice.

Чунон ки дида мешавад, ҳангоми ба мубтадо савол гузоштан савол зоҳиран ба ҷумлаи ҳикоягӣ монанд аст. Дар ҷойи аввал мубтадо дар мисоли мо он калимаи саволии who аст, яъне баъд аз он do/ does/ did ба назар намерасад. Баъди он хабар, пуркунанда ва ҳол меояд.

Дар ҳар ду забон саволи махсус бо оҳанги фурӯраванда талаффуз карда мешавад ва ин намуди савол ҳамеша ҷавоби пурраро талаб мекунад: Кай омадед? – When did you come?

Саволи ҳамрайӣ. Дар забони англисӣ саволи ҳамрайӣ ин тавр сохта мешавад: он аз ду қисм иборат буда, қисми аввали он зоҳиран ҷумлаи ҳикоягиро мемонад, ки он метавонад тасдиқӣ ё инкорӣ бошад. Қисми дуюмаш бошад шаклан саволи умумии эллиптикӣ мебошад, яъне он аз феъли ёвар ё ноқис, ки як қисми хабар мебошад ва аз мубтадое, ки ба ҷумлаи якум мутобиқ аст, таркиб меёбад [15] ва дар забони тоҷикӣ он «ҳамин тавр мӣ, ҳамин тавр не-мӣ» тарҷума мешавад. Мисол:

You read many English books didn’t you? – Ту бисёр китоби англисӣ хондӣ, ҳамин тавр не? – Бисёр китоби англисӣ хондӣ ту, ҳамин тавр не?

Агар қисми якуми саволи ҳамрайи тасдиқӣ бошад, қисми дуюмаш инкорӣ мешавад:

Tom won't be late, will he?, They don't like us, do they? ё баръакс агар қисми якуми саволи ҳамрайӣ инкорӣ бошад, бояд қисми дуюмаш тасдиқӣ шавад:

Ann will be here soon, won't she?, Tom should pass his exam, shouldn't he?

Қисми якуми ин намуди савол бо оҳанги фурӯраванда талаффуз мешавад ва қисми дуюмаш бошад, бо оҳанги ё болораванда, ё фурӯраванда талаффуз мегардад.

Фурӯравии овоз вақте воқеъ мегардад, ки гӯянда нисбати ақидаи гуфтааш боварии қатъӣ дорад ва аз шунаванда тасдиқ намудани ақидаашро интизор аст, яъне шунаванда ба ин гуфтор розигӣ медиҳад. Масалан: The weather is not bad, is it?.

Болоравии овоз дар қисми дуюми ин савол дар ҳолате рух медиҳад, ки гӯянда ба гуфтааш боварии қавӣ надорад ва интихоби ҷавоби «ҳа» ё «не» ба салоҳияти шунаванда вогузор карда мешавад. Масалан: Father is in the garden, isn't he?

Ҷавоб ба саволи ҳамрайӣ мисли ҷавоби саволи умумӣ аст, аммо дар муқоиса ба тоҷикӣ ба ҷавоби мусбӣ ҳамеша калимаи yes истифода мешавад. Диққат диҳед ба мазмуни калимаи yes or no, дар ҷавоб ба саволи ҳамрайӣ:

You do not go to work today, do you? – Yes. (I go). No. (I do not go).

Аммо дар забони тоҷикӣ ба саволи болоӣ ин тавр ҷавоб медиҳанд:

Ту имрӯз ба кор намеравӣ, ҳамин тавр мӣ? – Не. (ӯ - Ман имрӯз ба кор меравам) – Ҳа. (Ман имрӯз ба кор намеравам)

Саволи интихобӣ (ҷудоӣ) чунин пурсишест, ки шунаванда аз ду мафҳуми зикршаванда бояд якеро интихоб кунад, яъне ин савол интихобкуниро талаб менамояд. Аз рӯйи сохти худ чунин пурсиш аз ду қисм иборат аст. Аз лиҳози ҷойгиршавии аъзоҳои ҷумла ва оҳанги талаффузашон он ду қисми савол якхела нестанд. Қисми аввал шаклан саволи умумӣ аст, ки бо оҳанги болораванда талаффуз мешавад ва дар охири он номи яке аз мафҳумҳои интихобшаванда меистад. Қисми дуюми саволро мафҳуми дигари интихобшаванда ташкил мекунад ва он оҳанги пастраванда дорад. Қисматҳои он бо ҳамдигар бо воситаи пайвандаки ҷудоии «or» пайваст мегарданд [16, с.63]. Пайвандаки «or» дар забони тоҷикӣ «ё» тарҷума мешавад. Мисол: Did you read many English or French books.

Ту бисёр китоби англисӣ ё франсавӣ хондӣ?

Бисёр китоби англисӣ ё франсавиро ту хондӣ?

Хондӣ ту, бисёр китоби англисӣ ё франсавӣ?

Ба саволи интихобӣ мо «ҳа» ё «не» гуфта посух намедиҳем, балки ба таври мушаххас ба он ҷавоб мегардонем.

Таълими ҷумлаҳои саволии забони англисӣ низ барои хонандагони тоҷик як зумра мушкилоти азбаркуниро пеш меоварад. Пеш аз ҳама, сохти махсус доштани ин навъ ҷумлаҳо садди роҳи азбаркунӣ мешавад. Ҳангоми сохтани **саволи умумӣ** ҳатман ҷумла бояд бо феъл-хабар оғоз ёбад. Чунин феъл дар як маврид аз ҷойи муқаррарияш (дар ҷумлаи ҳикоягӣ) ба ҷойи аввал мекӯчад, ки ин барои азхудкунӣ андаке осонтар аст. Дар мавриди дигар, ин хел феълро бояд худи гӯянда вобаста ба маънои лексикию семантикии феъл-хабари ҷумлаи ҳикоягӣ ва шакли замонию намуди он интихоб намуда, ба ҷойи аввал гузорад, ки ин хело мушкил аст. Дар забони тоҷикӣ чунин тартиби саволгузорӣ мавҷуд нест. Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои саволӣ бо ёрии оҳанги саволӣ бо тағйир наёфтани ҷумлаи ҳикоягии муқаррарӣ, ё ин ки бо истифодаи ҳиссачаи оё-, магар, -мӣ ифода карда мешавад.

Боз як мушкилоти дигар ҳангоми ҷавоб додан ба ин намуди савол аст, ки бояд аввал вожаи yes or no, баъд аз он мубтадо дар шакли ҷонишини шахсӣ ояд, пас феъли ёвар ё ноқис ҳатман такрор карда шавад. Дар ҷавоби инкорӣ бошад, баъди феъли ноқис ё ёвар ҳатман ҳиссачаи «not» гузошта шавад, ки ин хело мушкил аст. Зеро дар забони тоҷикӣ танҳо вожаи «ҳа» ё «не»-ро истифода бурда ҷавоб додан ҳам мумкин аст.

Омӯзиши **саволи хусусӣ** низ барои хонандагони тоҷик якчанд мушкилотеро пеш меоварад. Беш аз ҳама сохти махсус доштани ин навъ савол садди роҳи азбаркунӣ мешавад. Ҳангоми сохтани саволи хусусӣ ҳатман ҷумла бояд бо калимаи саволӣ оғоз ёбад. Пас аз калимаи саволӣ як қисми хабар ва баъд аз он мубтадо ва қисми дигари хабар гузошта шавад. Боз ҳолатҳое ҳастанд, ки агар савол ба мубтадо ё муайянкунандаи он гузошта шавад, баъди калимаи саволӣ феъли ёридиҳандаи do/ does/ did истифода бурда намешавад, ки ин барои хонандагони тоҷик мушкил аст, зеро дар забони тоҷикӣ тартиби калима ҳам дар ҷумлаи ҳикоягӣ ва ҳам дар ҷумлаи саволӣ каме озодтар аст.

Омӯзиши **саволи ҳамрайи** низ якчанд мушкилотҳоро дорад, ки аввалин мушкилоти он дар қисми дуюми ин намуди савол дида мешавад. Яъне, бояд хонанда феъли ёвар ё ноқисро вобаста ба маънои лексикию семантикии феъл хабари ҷумлаи ҳикоягӣ, ки қисми якуми ин намуди савол аст ва шаклу замони онро ба назар гирифта, мубтадои онро ба ҷумлаи якум мутобиқ карда қисми дуюми саволро тартиб диҳад, ки ин хело мушкил аст.

Мушкилоти дигар ин ҷавоб додан ба ин намуди савол аст, яъне ҷавоби саволи ҳамрайӣ мисли ҷавоби саволи умумӣ аст, аммо дар муқоиса ба тоҷикӣ дар забони англисӣ ба ҷавоби мусбӣ ҳамеша калимаи yes истифода мешавад.

Дар омӯзиши **саволи интихобӣ** низ мушкилот ба назар мерасад, ки ин мушкилотҳоро дар саволи умумӣ ва қисми дуюми саволи ҳамрайӣ баррасӣ кардем.

Барои таълими ҷумлаҳои саволии забони англисӣ, пеш аз ҳама, дастурҳои мушаххасро сохтан лозим мешавад, то хонандагон интихоби феъли зарурӣ ва шаклу ҷойи онро нағз сарфаҳм раванд. Пас тавассути машқҳои сохторӣ ва табодулӣ малакаи зарурии саволсозиро соҳиб шудани хонандагон зарур аст, ки ин басо мушкилу сердомана аст, зеро он вақти дурудароз ва иҷрои машқҳои мунтазамро талаб мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014». Асноди меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф. – Душанбе, 2003, №3.
2. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. - М., 1977.
3. Артемов, В.А. Психология обучения иностранным языкам / В.А. Артемов. - М., 1969.
4. Беляев, Б.В. Применения сознательности в обучении иностранным языкам психология в обучении иностранным языкам / Б.В. Беляев - М.: Просвещение, 1967.
5. Бим, И.М. Подход к проблеме упражнений / И.М. Бим. - Жур. ин-яз в школе, 1979.
6. Гез, Н.И. Методика обучения иностранным языкам в средней школе Н.И. Гез и др. - М.: Высшая школа, 1982. – С.56.
7. Грамматикаи забони адабии тоҷик. Қисми II. - Душанбе, 1986.
8. Зимняя, И.А. Самоконтроль как компонент речевой деятельности и уровни его становления / И.А. Зимняя. – Москва, 1970.
9. Леоньтев, А.А. Некоторые вопросы психологии обучения речи на иностранном языке / А.А. Леоньтев. - М., 1971.
10. Пассов, И.Е. Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению / И.Е. Пассов. – М.: Просвещение, 1991.

11. Пассов, Е.И. Цель обучения иностранному языку на современном этапе развития общества / Е.И. Пассов. - М., 1991.
12. Рогова, Г.В. Методика обучения иностранным языкам в средней школе / Г.В. Рогова, Ф.М. Рабинович, Т.Е. Сахарова. - М.: Просвещение, 1991. - Гл. 6, § 2.
13. Скалкин, В.Л. Коммуникативные упражнения на английском языке / В.Л. Скалкин. - М.: Просвещение, 1978.
14. Усмонов, К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К.Усмонов. – Душанбе-Хуҷанд, 2009.
15. Усмонов, К. Методикаи таълими забони англисӣ / К.Усмонов, А.Бойматов. – Душанбе-Хуҷанд, 2009.
16. Усмонов, К. Грамматикаи амалии забони англисӣ / К.Усмонов, Н.Қурбонова. – Душанбе-Хуҷанд, 2011. – С.63.
17. Джамшедов П. Очерки по сравнительной типолологии английского и таджикиского языков / П.Джамшедов и др. - Душанбе, 1989.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҶУМЛАҲОИ САВОЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур муаллифон тарзи сохти ҷумлаҳои саволиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил карда баромадаанд. Муаллифон қайд намудаанд, ки бо вуҷуди он ки дар ҳар дуи забонҳо ба қатори шохаи аналитикии забонҳои типи флективӣ дохил мешаванд, дар сохти синтаксисии онҳо тафовутҳои зиёде ба назар мерасанд. Онҳоро як ба як номбар ва шарҳу таъбир мекунем. Дар ҳар ду забони муқоисашаванда, чун дигар забонҳо ҷумла яке аз муҳимтарин алоқаи нутқ буда, он мавҷуд будани сохти муайяни алоқаро дар байни аъзоёни худ нишон медиҳад. Дар забони тоҷикӣ ҷойи аъзоҳои ҷумла андаке дигар аст. Аввал мубтадо, баъд ҳол, дар ҷойи 3-ум пуркунанда ва хабар дар охир меояд. Чуноне ки мебинем дар байни ин забон тафовути ҷиддӣ мавҷуд аст. Дар забони англисӣ вайрон кардани чунин тартиб қариб мумкин нест, вале дар тоҷикӣ ин таркибро вайрон кардан мумкин аст. Ҳамчунин муаллифон қайд наудаанд, ки ҷойи пуркунанда низ андаке фарқ мекунад, ки дар забони англисӣ мубтадо ва пуркунанда дар ҷумла паҳлуи ҳам ҷойгир мешаванд. Мубтадо дар паҳлуи чап ва пуркунанда дар паҳлуи рост. Дар аксар вақт пуркунандаро пеш аз мубтадо гузоштан мумкин нест, зеро на пуркунанда ва на мубтадо нишондиҳандаи махсус надоранд. Бинобар он вақти ҳампаҳлу истодани онҳо кадомашон мубтадо ва кадомашон пуркунанда будаашон номуайян мемонад.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, забони англисӣ, муқоиса, грамматика, фонетика, ҷумлабандӣ, калимасозӣ, аъзоҳои ҷумла, пуркунанда, муайянкунанда, хабар, забоншиносӣ.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ВОПРОСИТЕЛЬНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье авторы проанализировали структуру вопросительных предложений в таджикском и английском языках. Авторы отмечают, что, несмотря на то, что оба языка входят в аналитическую ветвь флективных языков, в их синтаксической структуре существует множество различий. Авторы перечислили и объяснили их. В обоих сравниваемых языках, как и в других языках, предложение является одним из важнейших средств речевого общения и свидетельствует о существовании определенной структуры общения между его членами. В таджикском языке место членов предложения несколько иное. Сначала подлежащее, потом обстоятельство, на 3-м месте дополнение и в конце идет сказуемое. Как мы видим, между этими языками существует серьезная разница. В английском языке такой порядок нарушить практически невозможно, а вот в таджикском сломать эту структуру можно. Также авторы не заметили, что место наполнителя тоже немного отличается, что в английском языке подлежащее и дополнение ставятся в предложении рядом. В большинстве случаев поставить дополнение перед подлежащем не представляется возможным, поскольку ни у дополнения, ни у подлежащего нет специального индикатора. Поэтому, когда они стоят рядом, остается неясным, какой из них главный, а какой - дополнение.

Ключевые слова: таджикский язык, английский язык, сравнение, грамматика, фонетика, словообразование, части речи, дополнение, определение, сказуемое, лингвистика.

COMPARATIVE ANALYSIS OF INTERROGATIVE SENTENCES IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

In this article, the authors analyzed the structure of interrogative sentences in the Tajik and English languages. The authors note that, despite the fact that both languages are included in the analytical branch of inflectional languages, there are many differences in their syntactic structure. The authors have listed and explained them one by one. In both languages being compared, as in other languages, the sentence is one of the most important means of verbal communication and indicates the existence of a certain structure of communication between its members. In the Tajik language, the place of sentence members is somewhat different. The subject comes first, then the adverbial clause, the complement comes third, and the predicate comes at the end. As we can see, there is a serious difference between these languages. In the English language it is almost impossible to break this order, but in Tajik it is possible to break this structure. Also, the authors did not notice that the place of the filler is also slightly different, that in English the subject and object are placed side by side in the sentence. In most cases, it is not possible to place an object before the subject, since neither the object nor the subject has a special indicator. Therefore, when they stand next to each other, it remains unclear which of them is the main one and which is the addition.

Key words: Tajik language, English, comparison, grammar, phonetics, word formation, parts of speech, addition, definition, predicate, linguistics.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Саидзода Ҳалим Азиз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **saidovhalim@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-555-22-54**

Асадова Моҳчеҳра Рустамовна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент, кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mohasadova@tnu.tj.** Тел.: **(+992) 93-523-06-78**
Ҷӯраева Ҷамила Абдурашидовна – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, муаллими калон, кафедраи забони англисӣ барои ихтисосҳои интегралӣ. **Суроғa:** 734019, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Муҳаммадева, 17/6. Тел.: **(+992) 917-33-30-08**

Сведения об авторах: ***Саидзода Халим Азиз*** – Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор, общеуниверситетская кафедра английского языка. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **saidovhalim@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-555-22-54**
Асадова Мохчехра Рустамовна – Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент, общеуниверситетская кафедра английского языка. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки,17. E-mail: **mohasadova@tnu.tj.** Тел.: **(+992) 93-523-06-78**
Джураева Джамила Абдурашидовна - Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, старший преподаватель, кафедра английского языка для интегрированных специальностей. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадева, 17/6. Тел.: **(+992) 917-33-30-08**

Information about the authors: ***Saidzoda Halim Aziz*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of English language. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **saidovhalim@mail.ru**. Phone: **(+992) 93-555-22-54**
Asadova Mohchehra Rustamovna - Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of the department of English language. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mohasadova@tnu.tj.** Phone: **(+992) 93-523-06-78**
Juraeva Jamila Abdurashidovna – Tajik International University of Foreign Languages named after S.Ulughzoda, senior lecturer at the Department of English for Integrated Specialties. **Address:** Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadeva, Str., 17/6. Phone: **(+992) 917-33-30-08**

ТДУ: 811.21/.22-3 (03)

ЗАМИНАҲОИ ИЛМИИ ТАҲИЯИ ФАРҲАНГҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Шодиев Р.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Этнолингвистика ё забоншиносии қавмӣ ба ҳайси яке аз бахшҳои нави илми забоншиносӣ забонро дар муносибат ба қавм ва муносибати қавмро ба забон дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули таърихии он мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Имрӯзҳо муҳаққиқони этнолингвисти кишварҳои хориҷӣ кӯшиш намуда истодаанд, ки дар асоси маводи мавҷуд «луғати этнолингвистӣ» таҳия намоянд. Ҳамчунин, барои ба вуҷуд овардани «конкорданс»–и матн талош менамоянд, ки ин гуна корҳо ҳанӯз дар таҳқиқи забони матнҳои фолклории мо, ки барои таҳқиқи этнолингвистика муҳим аст, ба вуҷуд наомадааст. Дар бобати «конкорданс» бояд гуфт, ки рӯйхати алифбоии калимаҳо бо нишон додани контекст аст, ки дар матн мавриди истифода қарор мегирад (калимаи «конкорданс» юнонӣ буда, ба маънояш ҳамоҳангӣ мебошад, ба лотинӣ «concordia» – ризоият аст).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои таҳияи чунин фарҳангҳо фурсати муносиб ба вуҷуд омадааст. Муҳаққиқон оид ба ҷанбаҳои гуногуни этнолингвистика таҳқиқот анҷом додаанд, яъне барои таҳияи фарҳанг маводи лозима мавҷуд аст. Ҳамчунин доир ба забоншиносии қавмӣ як силсила пажуҳиш ва мақолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар солҳои охир анҷом дода шуд, ки барои таҳияи фарҳангҳои этнолингвистӣ заминаи мусоиде фароҳам овардааст. Солҳои тулонӣ эҷодиёти шифоҳии халқӣ, ба мисли суруду тарона, афсона, зарбулмасалу мақол, чистон ва ғайра ҷамъоварӣ гардид, ки барои таҳияи фарҳанги этнолингвистӣ маводи ғанӣ медиҳад. Мавзуи эҷодиёти шифоҳии халқӣ басо доманадор ва гуногун мебошад.

Барои он ки масъала ба таври дақиқ нишон дода шавад, мо ҳамчун намуна суруди «Саршӯён»–ро аз назар мегузаронем. Вариантҳои ин суруд аз минтақаҳои Кӯлоб, Дарвоз, Ғарм, Қаротегин, Оби Гарм ҷамъ шуда, дар маҷмуаи «Гуларусак» ду матни он оварда шудааст. Хуб аст, ки мураттиби маҷмуа Ф. Зеҳнӣ дар аввали матн шарҳи зеринро овардааст, ки ин барои таҳқиқи этнолингвистика муҳим мебошад: «Рӯзи тӯй. Арусро занон ба саршӯй омода месозанд. Баъди шустани сараш мӯяшро мебофанд, либоси нав мепӯшонанд. Дар давоми ин маросим суруд мехонанд. Сурудро гурӯҳи занҳо ва дугонаҳои арус иҷро мекунанд.

Арус сараш луч, гӯё шарм дошта нишастааст. Пиразане сари ӯро ба пеш каме хам карда, ба болои мӯяш як коса шир мерезад. Садои доира баланд мешавад. Суруд оғоз меёбад. Суруд аз муколимаи занҳо, арус ва дугонаҳои ӯ иборат аст. Дугонаҳо ба савти доира ҷӯр шуда, суруд мехонанд ва мераксанд» [2, с. 9].

Матни суруд чунин аст:

Занҳо:
Гуларусак, сар бишӯй,
Пага ваъдай рафтанай.

Арус:
Сарма шуста чӣ кунум?
Ношустанум беҳтарай.

Дугонаҳо:
Сарша намешуяде,
Хонай оташ беҳтарай.

Занҳо:
Гуларусак, сар бибоф,
Пага ваъдай рафтанай.

Арус:
Сарма намебофуме,
Набофтанум беҳтарай.

Дугонаҳо:
Сарша намебофаде,
Хонай бобош беҳтарай.

Занҳо:

Гуларусак, курта бипуш,
Пага ваъдай рафтанай.

Арус:

Курта пушида чӣ кунум?!
Напушиданум беҳтарай.

Дугонаҳо:

Курта намепушаде,
Хонай оташ беҳтарай.

Занҳо:

Гуларусак, гушвор бидоз,
Пага ваъдай рафтанай.

Арус:

Гушвор дохта чӣ кунум?!
Надохтанум беҳтарай.

Дугонаҳо:

Гушвор намедозаде,
Хонай очаш беҳтарай.

Занҳо:

Гуларусак, муҳра бибанд,
Пага ваъдай рафтанай.

Арус:

Муҳра баста чӣ кунум?!
Набастанум беҳтарай.

Дугонаҳо:

Муҳра намебандаде,
Набастануш беҳтарай.

Занҳо:

Гуларусак, туфлӣ бипуш,
Пага ваъдай рафтанай.

Арус:

Туфлӣ пушида чӣ кунум?!
Напушиданум беҳтарай.

Дугонаҳо:

Туфлӣ намепушаде,
Напушиданаш беҳтарай.

Модар:

Гул духтар, ҷонум духтар,
Нури ду чашмонум духтар.
Пагоҳ туют меоран,
Вахта хуш кун, эй духтар!

Арус:

Шинакуму шинакум,
Холаи саршуякум.
Оста бизан шонара,
То накана муякум.

Занҳо:

Саршуёнем мо,
Мешуёнем мо,
ТаҒораи шишгин,
Биёр, шуёнем мо [2, с. 9-12].

Ҳамчун намуна дар асоси ҳамин матни суруди «Саршӯён» чи будани конкордансро дар асоси калимаи «сар» нишон медиҳем. Дар суруди мазкур вожаи «сар» дар фазои ичрои матн ва ҳам калимасозӣ иштирок намудааст. Ҳангоми дар муҳити ичрои матни суруди мазкур ба кор рафтани вожаи «сар» конкорданси онро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст:

Сар – 1. ба маънои сар, калла, яке аз узвҳои бадани одам, ҳайвон, ҳашарот, хазанда; 2. аввал, сар, ибтидо; манбаъ, боло, нӯги ҳар чиз; 3. сар, нафар, теъдод (чор сар барра). Ин вожа дар

фарҳанги суннатии мардум хеле зиёд ба кор рафтааст. Вожаест, дар робитаи халқият ва ҷомеа хеле фаъол буда, дар шеваҳои ҷануби Тоҷикистон, ба хусус Кӯлоб дар мавридҳои зиёд ба кор меравад. Аз ҷумла, дар ибораҳои зерин мавриди истифода қарор гирифтааст: сари афтав, сари аскар, сари бора, сари гала ва ғ. Ба воситаи сар калимаҳои зиёде сохта шудааст, ки дар байни мардум роиҷ аст. Чанд намунаи онро аз гӯйиши минтақаи Кӯлоб меорем: сара, саравзол, сараскар, сарбан, сарбандак, сарбандон, сарбандък, сарбар, сарбофӣ, сарбофун, сарбър (қассоб), саргардун, сарғӣ (беморӣ), сарғърак (навъи рустанӣ), сардевол, сардегӣ, сардарав, сардегӣ, сардуз, саркалун, сарқът, сарморезак, саросемачоп, саростин, сарпачала, сарпистун, сар–сарӣ, сарсихакӣ ва ғайра [10, с. 600–612].

Ин вожа дар суруди «Саршӯён» дар контекстҳои зерин омадааст:

Сар – ба маънои сари одам: гуларусак сар бишӯй [2, с. 9]; **Сарма** – сари худро: сарма шуста чӣ кунум? [2, с. 9]; **Сарша** – сари ӯро: сарша намешуяде [2, с. 10]; **Сарма** – сарамро: сарма намебофуме [2, с. 10]; **Саршуякум** – касе, ки сар мешӯяд: холаи саршуякум [2, с. 11]; **Саршуёнем** – мо касоне ҳастем, ки сар мешӯйем: саршуёнем мо [2, с. 12].

Таҳияи луғатномаи конкорданс дар асоси матнҳои фолклорӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад, зеро барои хонанда дар бораи вожа, ки дар контекст оварда мешавад, иттилои муфассал медиҳад. Ҳамчунин, ҳудуди маъно ва бадеияти вожаро дар матни фолклорӣ низ дақиқан муайян менамояд. Дар ҳамин матни «Саршӯён» бо такрорҳои писандидаи мардум, нақши арус ба пеши назар ҷилвагар мешавад. Агар дақиқтар гӯем, ҳофизон аз тариқи такрор ба такрор ёдовар шудани калимаҳои ҳамоҳанг таъсири матнро барои шунавандагон бештар месозанд. Мисол:

Арус, гуларусак, гули гулгунак, келин – арус; номи рамзии арус. Дар матн «Гуларусак, сар бишӯй…» [2, с. 9]; «Гуларусак, сар бибоф…» [2, с. 10]; «Гуларусак, курта бипӯш…» [2, с. 10]; «Гуларусак, гӯшвор биндоз…» [2, с. 10]; «Гуларусак, муҳра бибанд…» [2, с. 11]; «Гуларусак, туфлӣ бипӯш…» [2, с. 11].

Агар мо бо равишҳои марбут ба этнолигвистика ба вожаҳои матни фолклорӣ (зарбулмасал, чистон, суруд, афсона ва ғ.) таваҷҷуҳ намоем, он гоҳ дар ҳар кадоме моҳият ва таъсири вожаро бештар дарк менамоем. Фарз кардем вожаи «либос»–ро дар фарҳанги мардуми як қавм аз назар гузаронем, бояд ба ин ҷиҳатҳои муҳим будани «либос» аҳаммият диҳем.

Либос: тасаввуроти мардум дар бораи либос, тасвири либоси маросимӣ, вазифаи либоси расму оин, кор, мотам, ва ғ. 1. унсурҳои либос; либоси ҳаррӯза, ҷашнӣ, бемор; 2. либоси расмӣ, куртаи мард, зан, духтар, писар, либоси даравгарӣ, ҷома, ҷома, ҷелак, попӯш; 3. тоқии ҷашнӣ: аз духтарон, аз писарон, арус, домод, занҳо, мардҳо; 4. боварҳо дар бораи либос; аввал дасти ростро пӯш, пойи ростро пӯш; сӯхтани либоси бемор; шустан, хушк кардан, дӯхтан, чакандӯзӣ, гулдӯзӣ, либоси мурдаро гирифта гиря кардан; 5. расму оину боварҳо дар робитаи либосдӯзӣ, матоъ, ҳангоми дӯхтан; 6. боварҳо баъди куҳна шудани либос, предметҳои вобаста ба либос, либоси ба чизе монанд; 7. либос дар матнҳои фолклорӣ: чистон, зарбулмасал, афсона, суруд, таъбири хоб ва ғайра. Агар ҳангоми таҳқиқи этнолигвистии матни фолклорӣ ба ҳар вожа ҳамин гуна таваҷҷуҳ шавад, бисёр масъалаҳои дар матн тасвиршуда, таҳқиқ мешавад.

Бояд гуфт, ки расму оин ва маросимҳои мардуми тоҷик хеле дилнишин ва хотирмон ҷашн гирифта мешаванд ва таваҷҷуҳи олимон ва мардумшиносонро ба худ ҷалб намудааст. Аз ҷумла, забоншинос Н. Гадоев дар мақолааш «Луғот ва истилоҳоти этнографӣ дар гӯйиши Тагнов» оид ба ҷашни арусӣ дар байни мардуми минтақаи Кӯлоб фикру ақидаҳои ҷолиб овардааст. Ӯ таъкид намудааст, ки тоҷикон таърихи қадим ва бой доранд ва анъанаву расму оинҳои зиёди ин мардум то ҳозир маҳфуз нигоҳ дошта мешавад [1, с. 71–79]. Ҷашни арусу домодӣ барои тоҷикон яке аз ҷашнҳои муқаддас ба ҳисоб рафта, тоҷикон онро пос медоранд ва барои гузаронидани он муддати дуру дароз тайёрӣ мебинанд. Вожаву истилоҳоти вобаста ба ин маросим хеле зиёданд. Дар сарзамини Хатлон маросими тӯй дар ҳама давраҳо, аз қадим то ба кунун дар натиҷаи ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ба дигаргуниҳо дучор шудааст. Имрӯз, дар байни тоҷикони кӯҳистон истилоҳоти ҷашни арусӣ вижагиҳои худро дорад. Аз тадқиқотҳои илмию маводи фолклорӣ метавон ба чунин натиҷа расид, ки дар ҷашни арусӣ баробари доштани хусусиятҳои муштарак тафовутҳо низ мавҷуд аст.

Барои таҳқиқи матнҳои фолклорӣ таҳияи анвои ҷадвалҳо, луғатҳо, нақшаҳои маҳаллу минтақаву кишвар ва монанди ин муҳим аст. Яке аз луғатҳои дигар, ки бояд дар асоси матнҳои фолклорӣ таҳия шавад, ин луғати басомад мебошад. Ф. Муродов ҳангоми таҳқиқи ҳамосаи «Гӯрғулӣ» аз таҳияи басомади вожаҳо истифода намудааст. Ӯ ҳангоми таҳқиқи мазмун ва

мундаричаи ҳамосаи «Гӯрғулӣ» (Гӯрӯғлӣ) асосан 9 достони гӯяндаи машҳур Одина Шакарро (1888–1960) ҷудо карда, дар асоси онҳо луғати 5699 калима ва ибораро таҳия намудааст. Дар натиҷа се луғат: 1. Луғати алифбоӣ; 2. Луғат дар асоси мавзуъ; 3. Луғати басомад ба вуҷуд меояд [7, с. 6].

Сипас Ф. Муродов дар рисолаи илмии худ номгӯи 19 мавзуъро меорад, ки инҳо мебошанд: 1. Коинот, олами ғайриорганикӣ, ҷирмҳои осмону замин». 2. Табиат; инсон як ҷузъи табиат, рустаниҳо, ҷонварон, ҳайвонот. 3. Фазо ва макон. 4. Ҳаҷм, шумора. 5. Моҳият, воқеа, ҳодиса. 6. Замон, вақт. 7. Биниш, рӯшноӣ, ранг, садо (овоз), ҳарорат, вазн, бӯй, таъм. 8. Табдили макон. 9. Хоҳишу амал. 10. Ақл, шуур, ҳиссиёт, хулқу атвор. 11. Тафаккур, фикркунӣ, андеша. 12. Забон, забон ҳамчун воситаи бадеӣ. 13. Хат ва имло. 14. Санъат, ҳунар. 15. Ҷамъият. 16. Сохтмон, нақлиёт, лавозимоти ҷангӣ, рӯзгор. Авзори асп. 17. Хоҷагӣ. 18. Ҳуқуқ, этика, шариат, одат, хурофот. 19. Дин, Худо [7, с. 17–95].

Муаллиф дар асоси ҳамин луғати мавзуӣ, ба мисли оина он чи дар достонҳои гӯянда Одина Шакар тасвир шудааст, изҳори назар кардааст. Ба гуфти Р. Раҳмонӣ, агарчи ӯ оид ба масъалаҳои лингвофолклористика ва этнолингвистика баҳс накардааст, вале кори анҷомдодааш дар ҳамин самт аст [9]. Зеро, Ф. Муродов таҳти роҳнамоии И. Левин фолклоршиносе, ки аз равишҳои байналмилалӣ хуб огоҳ буд, таҳқиқ анҷом додааст. Аз таҳқиқи 9 достони Одина Шакар маълум мешавад, ки кадом вожаҳо дар кадом мавзуъ дар байни мардуми минтақаи Кӯлоб вирди забон буда, дар ин ҳамоса мавриди истифода қарор гирифтааст. Теъдоди вожаҳо дар мавзуи аввал чунин будааст: «Мавзуи коинот, олами ғайриорганикӣ. Ҷирмҳои осмону замин ҷамъ 2446 бор такрор ёфтааст. Калимаҳои дунё – 581, об – 235, хок – 208, замин – 138, ҳаво – 116, мавқеи бештареро касб кардааст. Чор унсур, ки асоси зиндагӣ ва ҳастиро ташкил медиҳад, сетои он: об, хок, ҳаво дар луғати тартибдодаи мо бараъло зиёдтар дида мешавад» [7, с. 20].

Дар идома ин муҳаққиқ барои тасдиқи фикри худ мисолҳо меорад, ки дар асоси намунаҳои овардаи ӯ метавон оид ба ҷиҳатҳои лингвофолклористӣ ва этнолингвистии ин ҳамоса иттилоъ пайдо намуд: «Ду чашмаи ма косаи тар», «Сайқал кунум дар хоки тар», «Яке нагарда боди ҳаво», «Сина мемола дар хоки сиё», «Печида дар хокои тар», «То зонура ғутида дар хоки сиё», «Ай кимхову рубастшон ай оби зар», «Такяҳое, ки мондан ай оби тилло», «Оби чашма мереза мисли борон», «Оби чашми ту мисли боронай» ва ғайра.

Дар таҳқиқи анҷомдодааш Ф. Муродов ба он гурӯҳи луғатҳо ишора менамояд, ки ба инсон ба сифати як ҷузъи табиат, ҷонварон, ҳайвонот марбут мебошанд. Ин муҳаққиқ баъди овардани намунаи 181 калима, ки ҳар кадоме аз 5 бор (алафи тар, гулдашт, гули бодом, ғӯл, дулта, зиё, зилга, зилол, қири Аваз, қири безувон, реша, ривоҷ, себарга, тату, чавлӣ, ярадор) то 344 бор (зан) дар достон такрор шудаанд, чунин натиҷагирӣ кардааст: «Образи инсон дар нуҳ достони «Гӯрӯғлӣ»–и Одина Шакар 1283 бор, табиат – 3406 маротиба такрор ёфтааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки тасвири табиат дар эпоси «Гӯрӯғлӣ» мавқеи бештаре дорад» [7, с. 25].

Ф. Муродов андешаҳояшро дар асоси луғатҳои таҳиянамудааш баён кардааст. Дарвоқеъ, барои дарки бештари ин матни ҳамосӣ, тасвирҳои халқии достонсаро ва бо муҳит ҳамоҳанг будани ҳамосаи «Гӯрғулӣ» таҳияи луғати матн мусоидат намудааст.

Ҳамаи матнҳои достонҳои ҳамосаи «Гӯрғулӣ» бо гӯйиш сабт ва нашр шудааст. Муҳаққиқони этнолингвист ба он назаранд, ки матни фолклорӣ дар баён ё иҷро кардани ҳар гӯянда тафовут дорад. Ин тафовутҳо дар иҷрои ҳар гӯянда хуб ба назар мерасад. Ҳар гӯянда шунидаашро ба таври худ, ҳатман, ба восита думбура дар қолаби назм дароварда сароидааст. Барои мисол, чанд пора аз оғози достонро дар иҷрои чанд достонсаро меорем. Ба ин порчаҳои манзум на аз диди фолклорӣ, балки аз диди забони гуфтории гӯяндагон назар мешавад. Мо барои он порчаҳоро меорем, ки гӯяндагон матнро айнан он тавре ки шунидаанд, насароиданд, балки онро бадоҳатан эҷодкорона бо истифодаи забони муҳити худ, пешкаши шунавандагон намудаанд. Порчаи аввалро дар иҷрои Одина Шакар меорем, ки дар маҷмуа зери унвони «Достони таваллуд ёфтани Гӯрғулӣ» омада, бо чунин мисраъҳо шуруъ мешавад:

Дунё дунёи гулбурон,
Чамбул гуфтанӣ номай дар ҷиён,
Хуҷаи Аҳрор гуфтанӣ кас дар шаҳр калон,
Рамаву галаш ҳаст дар майдон.
Хазинаҳои зар дора, моли фураймон.
Як бача дора дар ҷиён,

Садри Кибор номи худшон,
Як духтарай мурчамиён,
У ҳастай келини худшон,
Бибиҳилол ҳастай номшон,
Хушҷамол ҳастай суратшон.
Паймона пур шид ай ҳардушон.
Азроил шидасту меҳмон.
Ба амри холиқи раҳмон,
Чанги нозук зад ба таншон,
Арақ баромад ай лабшон,
Ларза давид дар баданшон,
Ба амри холиқи акбар,
Қазо кардаст зану шавҳар.
Як дашт ҳастай биёбуна,
Худуш ҳастай гулбуруна,
У ҷа гирифтан манзилшона,
Ҳомила буд Бибиҳилол,
Пурормун рафтак у чолдор,
Хонаи қавр шидаст ҷошон,
Нуҳ моҳ кашидай баданшон.
Ай вуҷуди мурдашон,
Таваллуд шидаст бачашон [5, с. 9].

Порчаи дигаре меорем, ки гӯяндаи он Рачабов Қурбоналӣ буда, достон бидуни унвон оғоз мешавад:

Як сифат кунем, эй рафиқо,
Ай таваллуди Гуруғлишо,
Шунидам, ки дар мулки дурман,
Бибӣ–Ҳилол будай номи яг зан,
Хоҳари Алпомиш буд Ҳилол,
Акаи майда буд Аҳмадохон.
Дар хона яг рӯзе ҷанҷол шид,
Ҳилола лат кардан, малол шид.
Бо ду руш оби дида ҷар шид,
Ай ватан ба саҳро бадар шид.
Рафта–тафта қишлоқе дид,
Ҳавлии Алида расидак,
Зани Алӣ дида бабарбар,
Синуш гуфтак: «Биё–ку, эй хоҳар».
Яг шабе дар ун ҷа меҳмон шид,
Нақл карду сируш айён шид [4, с. 35].

Порчаи сеюм дар ичрои Ҳикмат Ризо (1894–1990), зодаи ноҳияи Файзобод буда, зери унвони «Достони Райҳонараб подшоҳ аз модар омадани Гӯруғлӣ ба дунё ва бино мондани Чамбули мастон» оварда шудааст. Ӯ ба достонсароёни минтақаи Кӯлоб низ иртибот дошт ва дар айни замон бо ҳофизии худ дар байни мардуми Кӯлоб низ шуҳрат пайдо карда буд. Забон гуфтории то ҳадде ба забони минтақаи таҳқиқи мо наздик аст. Барои муқоиса аз оғози достони ӯ чанд мисраъ меорем:

Райҳонараб буд подшоҳи калон.
Ҳукмронӣ мекард ба ҷаҳон,
Қизу қирғин дошт чандинта ойҷон,
Хирмангул гуфтагӣ духтар дошт – моҳи ҷон,
Тилисмгар дошт сеҳрхон,
Қуръазан дошт, қуръа мекард баён.
Хоҳ дуст медид, хоҳ душман,
Дар Райҳон мекард баён.
Қуръа зад, дид халқи туркманон,
Ободишон дар туқаи Найистон,

Аҳмад корфармо аст, дар халқи турманон,
Арбоб аст – амали калон,
Юсуфхон, Қаҳҳорхон,
Нодирхону Зуҳурхон,
Камлобеку Қарахон.
Далла гуфтанӣ зан дошт Аҳмадхон,
Духтар дошт моҳи тобон,
Ҳилол ном дошт як хуҳар,
Аз ҳуснаш олам мунаввар,
Ҳуснаша мекард панно,
Хизмата мекард ба янгаҳо,
Ҷавр мекашиду ҷафо,
Хизмати ҳафт янгара меовард бачо,
Булак буд ҷои хобашон,
Шабзиндадорӣ мекард ойҷон,
Гиря мекарду фиғон,
Зиндагонӣ мекард ҳамчунон [3, с. 47].

Мо фақат се порчаеро аз се гӯяндаи машҳур барои муқоисаи забони матнҳо овардем. Чунонки ба назар мерасад, дар ҳамаи матнҳо дар дохили матн, ҳангоми сабти онҳо, навиштагирандаҳо номи қаҳрамони асосии ҳамосаро «Гурғулӣ» (ё Гӯруғлӣ) овардаанд. Яъне, он таврe ки шунидаанд, матнро ҳамон тавр ба нашр омода кардаанд. Вале дар рӯйи ҷилди баъзе китобҳо, аз ҷумла китобе, ки соли 1962 чоп шуд, унвонро «Гӯрӯғлӣ» нишон додаанд. Ин матнҳо, ки бо гӯйиши мардум аст ва дар дохили матн низ гуфтори маҳаллӣ риоя шудааст, бояд дар унвони китоб ҳам дар номгузорӣ шакли дурусти он бо лаҳҷа «Гуруғлӣ» риоя мешуд. Дигар ин ки, агар бодиққат аз ҷиҳати забони гуфторӣ ба ҳар се матн назар намоем, мебинем, ки онҳо вижагиҳои худро доранд. Дар ҳар се матн аз тариқи забони омиёна шунидаҳо ва мушоҳидаҳои гӯяндагон инъикос ёфтааст. Дар се матн мазмун айнан якранг нест. Ин нуктаҳо барои таҳқиқи этнолингвистии матнҳои фолклорӣ муҳим ба шумор меравад, ки дар оянда метавон бо ҷузъиёт ба таҳқиқи онҳо пардохт.

Боз як мисол меорем, ки он марбут ба насри фолклорӣ, яъне жанри афсона аст. Ин афсона «Маликаи Зебоҳусн» аст, ки ба воситаи магнитофон сабт шудааст. Гирдоварандаи он А.Маҳмадаминов бо заҳмати зиёд онро айнан ба нашр омода намудааст. Афсона аз аввал то охир барои таҳқиқи забони матнҳои фолклорӣ муфид аст. Барои ошноии бештар ва ба асли мақсади таҳқиқи худ наздик шавем, чанд ҷумлае аз аввали афсонаро дар зер меорем ва шарҳи луғатҳои гирдоварандаро, ки дар поварақ аст, дар қавс пас аз вожаи лаҳҷавӣ ҷой медиҳем: «Яг (=як) боя яг сурук (=рамаву гала гӯсфандон) гуспанд дошту да (=дар) ёғбайи (=ағбаи) Санги Сабз (=номи кӯҳ) воре (=мисли) ҷо гуспанд мечарунд (=мечаронад). Ай (=аз) хов хесту гуфт:

– Ё тани Парвардигор, мо (=ман) умрум (=умрам) и (=ин) хел хов надида будум (=будам). Бояд, ки яг қишлоқ браму (=бираваму) таъбири ховма (=хобамро) ай яг домулло пурсум (=пурсам). Гуспанда бесоҳиб партофт, хамбид, умад як қишлоқда (=дар қишлоқ) суроғ кард, як хунайи (=хонаи) домуллора (=домуллоро) ишунуш (=нишонаш) додан. Друмад (=даромад), салом доду гуфт…» [6, с. 11–12].

Бо диди этнолингвистӣ ба ин порчаи матни афсона назар меандозем. Аввал, матн бо лаҳҷа буда, барои таҳқиқи лаҳҷашиносӣ маводи беҳтарин аст ва худи таҳиягари матн низ вожаҳои лаҳҷавиро шарҳ додааст. Дуюм, матн барои таҳқиқи забони фолклор, яъне лингвофолклористика ҷолиб аст ва ба меъёрҳои лингвофолклористӣ [8] ҷавбгӯ мебошад. Сеюм, матн дар як фазои этникӣ, бо лаҳҷа, бо тасвири расму оинҳои вобаста ба мардуми он минтақа, бо вижагиҳои анъанаи фолклорӣ нақл карда шудааст. Ин матн бо ҳамон гӯйиши маҳаллӣ, барои этноси ҳамон маҳал, хеле ҷаззоб буда, гӯяндаи он солҳост, ки бо ин забону маҳорати махсуси ба мардум ошнову қарин ба онҳо ғизои маънавӣ мебахшад. Аз ин рӯ, матнҳои фолклорӣ барои пажуҳиши масъалаҳои этнолингвистӣ сарчашмаи муҳим ба ҳисоб мераванд ва дар оянда муҳаққиқонро лозим аст, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Ҳамин тавр, жанрҳои фолклорӣ (чистон, зарбулмасалу мақол, дубайтӣ, рубоӣ, суруд, афсона, қисса ва амсоли ин), ки аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон сабт шудаанд, барои омӯзиши масъалаҳои этнолингвистӣ маводи муҳим ба шумор мераванд. Дар оянда, бояд ба ҳар

кадоми ин жанрҳои фолклорӣ аз диди этнолингвистистӣ таҳқиқи муфассал ва густурда анҷом дода шавад ва луғатҳои этнолингвистистӣ таҳия гарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Гадоев, Н. Луғот ва истилоҳоти этнографӣ дар гӯйиши Тагнов / Н. Гадоев, // Номаи Пажуҳишгоҳ. Фаслномаи пажуҳишҳои эроншиносӣ. - Душанбе, 2007. – № 15-16. - С.71-79.
2. Гуларусак (Сурудҳои тӯи арусии тоҷикон) / Мураттиб: Ф. Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1986. – 180 с.
3. «Гуругли». Таджикский народный эпос / Вступ. статья И.С. Брагинского. – М.: Главная редакция восточной литературы издательства, 1987. – 701 с.
4. Гӯрӯғлӣ. Достони баҳодури Чамбули Мастон. Ҷ.1. Гӯянда Курбоналӣ Рачабов. / Навиштагиранда: М. Холов ва Қ. Ҳисомов / Ба нашр тайёркунанда: Қ. Ҳисомов / Дар зери таҳрири Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 464 с.
5. Куллиёти фолклори тоҷик (Ҳамосаи «Гӯрғулӣ). Ҷ. VII. Гӯянда Одина Шакар / Тартибдиҳандагон Ф. Муродов. – Душанбе: Дониш, 2007. – 265 с.
6. Маликаи Зебоҳусн. Афсонаҳои Сайид Маҳмадӣ дар сабти Абдулҳай Маҳмадаминов. Матни илмӣ. Ҷилди 1 / Зебоҳусн Малика. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – 176 с.
7. Муродов, Ф. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ҳамосаи «Гӯрғулӣ» / Ф. Муродов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 300 с.
8. Раҳмонӣ, Р.Адабиёти гуфтории тоҷикон (Фолклори тоҷик, дастури таълимӣ) / Р. Раҳмонӣ, С.А. Қосимӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. – 352 с.
9. Раҳмонӣ, Р. Лингвофолклористика, этнолингвистика ва фолклор (Масъалаҳои назарӣ) / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: МДМТ, 2022. – 62 с.
10. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. Мураттибон: М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 946 с.

ЗАМИНАҲОИ ИЛМИИ ТАҲИЯИ ФАРҲАНГҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Этнолингвистика як равияи забоншиносӣ буда, алоқамандии забонро бо фарҳанг, робитаи омилҳои забонӣ, этномаданӣ ва этнопсихологӣ дар фаъолият ва таҳаввули забон меомӯзад. Этнолингвистика низ ҳамчун илм зодаи садаи XX аст. Этнолингвистика як бахши забоншиносӣ ё ба маънои васеъ як самти забоншиносӣ мебошад, ки муҳаққикро барои баррасии таносуб ва робитаи забон ва фарҳанги маънавӣ, забон ва менталитети халқӣ, забон ва ҳунари мардумӣ, вобастагии онҳо ва навъҳои гуногуни мукотибаи онҳо равона мекунад. Муҳаққиқони этнолингвисти кишварҳои хориҷӣ кӯшиш намуда истодаанд, ки дар асоси маводи мавҷуд «луғати этнолингвистӣ» таҳия намоянд. Ҳамчунин, барои ба вуҷуд овардани «конкорданс»–и матн талош менамоянд, ки ин гуна корҳо ҳанӯз дар таҳқиқи забони матнҳои фолклории мо, ки барои таҳқиқи этнолингвистика муҳим аст, ба вуҷуд наомадааст. Дар бобати «конкорданс» бояд гуфт, ки рӯйхати алифбоии калимаҳо бо нишон додани контекст аст, ки дар матн мавриди истифода қарор мегирад (калимаи «конкорданс» юнонӣ буда, ба маъноиш ҳамоҳангӣ мебошад, ба лотинӣ «concordia» – ризоият аст). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои таҳияи чунин фарҳангҳо фурсати муносиб ба вуҷуд омадааст. Муҳаққиқон оид ба ҷанбаҳои гуногуни этнолингвистика таҳқиқот анҷом додаанд, яъне барои таҳияи фарҳанг маводи лозима мавҷуд аст. Ҳамчунин доир ба забоншиносии қавмӣ як силсила пажуҳиш ва мақолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар солҳои охир анҷом дода шуд, ки барои таҳияи фарҳангҳои этнолингвистӣ заминаи мусоиде фароҳам овардааст. Солҳои тулонӣ эҷодиёти шифоҳии халқӣ, ба мисли суруду тарона, афсона, зарбулмасалу мақол, чистон ва ғайра ҷамъоварӣ гардид, ки барои таҳияи фарҳанги этнолингвистӣ маводи ғанӣ медиҳад. Мавзуи эҷодиёти шифоҳии халқӣ басо доманадор ва гуногун мебошад.

Калидвожаҳо: этнолингвистика, фарҳангҳои этнолингвистӣ, забоншиносӣ, таҳқиқ, забон, фарҳанг, истилоҳ, жанрҳои фолклорӣ, матни фолклорӣ, забоншиносии муосир, мардумшиносӣ, лаҳҷашиносӣ.

НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ СОЗДАНИЯ ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИХ СЛОВАРЕЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

Этнолингвистика - раздел лингвистики, изучающий взаимосвязь языка с культурой, взаимосвязь языковых, этнокультурных и этнопсихологических факторов в функционировании и эволюции языка. Этнолингвистика как наука также является творением XX века. Этнолингвистика - это раздел лингвистики или, в самом широком смысле, область лингвистики, которая направляет исследователя на рассмотрение взаимосвязи между языком и духовной культурой, народным языком и менталитетом, языком и народным искусством, их взаимозависимостью и различными типами соответствия. Исследователи этнолингвистики зарубежных стран стараются на основе имеющихся материалов составить этнолингвистический словарь. Вместе с тем они пытаются создать конкордáнцию текста, чего до сих пор не делалось при изучении языка наших фольклорных текстов, что важно для изучения этнолингвистики. Относительно термина «конкорданс» следует отметить, что он представляет собой алфавитный список слов с указанием контекста, используемого в тексте (слово «конкорданс» греческого происхождения и означает «созвучие», по-латыни «concordia» означает «согласие»). В Республике Таджикистан созданы необходимые условия для составления таких словарей. Исследователи проанализировали различные аспекты этнолингвистики, то есть имеются необходимые материалы для составления словаря. Также за последние годы опубликованы ряд исследований и научно-исследовательских статей по этнолингвистике, что создало благоприятную основу для создания словарей. В течение долгих лет были собраны народные устные произведения - песни, сказки, пословицы, поговорки, загадки, дающие богатый материал для этнолингвистического словаря. Тематика народного устного творчества весьма многогранна и разнообразна.

Ключевые слова: этнолингвистика, этнолингвистические словари, лингвистика, исследование, язык, культура, термин, фольклорные жанры, фольклорные тексты, современная лингвистика, этнография, диалектология.

SCIENTIFIC BASES FOR THE DEVELOPMENT OF ETHNO-LANGUAGE DICTIONARIES IN TAJIK LINGUISTICS

Ethnolinguistics is a linguistic approach that studies the relationship between language and culture, the relationship between linguistic, ethnocultural and ethnopsychological factors in the functioning and development of language. Ethnolinguistics as a science originated in the 20th century. Ethnolinguistics is a section of linguistics or, in a broad sense, a direction of linguistics that directs the researcher to study the relationship and interconnection of language and spiritual culture, language and folk mentality, language and folk art, their dependence and various types of their correspondence. Ethnolinguistic researchers in foreign countries are trying to develop an "ethnolinguistic dictionary" based on available materials. They are also trying to create "concordance" of the text, which has not yet been done when studying the language of our folklore texts, which is important for the study of ethnolinguistics. Regarding "concord," it should be said that it is an alphabetical list of words indicating the context used in the text (the word "concord" is of Greek origin and means harmony , i.e. The Latin " concordia " means agreement). There is an opportunity for the development of such dictionary in the Republic of Tajikistan. Researchers have conducted research on various aspects of ethnolinguistics, that is, the necessary materials are available for the development of dictionary. Also, in recent years, a number of studies and research articles on folk linguistics have been carried out, which has created a favorable basis for the development of ethnolinguistic cultures. Over the past years, folk oral works have been collected - songs, fairy tales, proverbs, riddle, etc., providing rich material for the development of ethnolinguistic culture. The subjects of folk oral art are very diverse and varied.

Keywords: ethnolinguistics, ethnolinguistic cultures, linguistics, research, language, culture, terminology, folklore genres, folklore text, modern linguistics, ethnology, dialectology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Рустам*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, кафедраи филологияи эронии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. Суроғa: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рудакӣ, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Сведения об авторе: ***Шодиев Рустам*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедра иранской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика таджикистан, пр.Рудаки, 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-27-07-91**

Information about the author: ***Shodiev Rustam*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, the docent of the department of Iranian philology of the faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Shodirys@mail.ru.** Phone: **(+992) 919-27-07-91**

ТДУ: 811.211.22 (575.3)

ТАҲҚИҚОТИ БУНЁДИИ МАСЪАЛАИ СЕРМАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Абдураҳмонова М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аслан таваҷҷуҳ ба омӯзиши сохтори забони тоҷикӣ пас аз Инқилоби Октябр, аз эътироф гардидани забоншиносӣ ҳамчун илм дар нимаҳои дуюми асри XIX ба вуҷуд омада бошад ҳам, оғози давраи бунёдии омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба солҳои 60-уми садаи XX нисбат додан мумкин аст. Зеро маҳз дар ин давра таҳқиқи хелҳои ҷудогонаи ҷумлаҳои пайрав рушд ёфта, ба туфайли ин таҳқиқот масъалаи тобиши маънои иловагӣ, сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ҳам дар забоншиносии рус ва ҳам дар забоншиносии тоҷик мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шуданд.

Дар забоншиносии рус яке аз таҳқиқоти хеле мукаммал, ки ба ин масъала дахл мекунад, таҳқиқоти В.А. Белошапкова буд. Соли 1967 асари ӯ бо номи “Сложное предложение в современном русском языке” рӯйи чоп омад. Дар ин таълифот муҳаққиқ назарияи таснифоти ҷумлаҳои мураккабро дар забоншиносии рус то давраи мазкур то андозае ҷамъбаст намуда, принсипҳои асосии таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва пайвастро дар асоси омӯзиши се назарияи то ин дам мавҷудбуда – назарияи Ф.И. Буслаев, А.М. Пешковский ва В.А. Богородитский пешниҳод намуд [3].

Муҳаққиқи дигар А.Н. Гвоздев дар китоби “Современный русский литературный язык. Синтаксис. Часть 2” таснифоти мукаммали ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва хелҳои ҷумлаҳои пайравро меорад, назарияҳои мавҷудаи забоншиносии русро таҳлил мекунад ва таъкид менамояд, ки ду принсипи асосии таснифоти ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии анъанавӣ вуҷуд дорад ва як ҷумларо мисол оварда, ду принсипро дар муайян кардани хели он нишон медиҳад: “Дар қисмати зиёди ҷумлаҳои мураккаби тобеъ муносибати байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав мураккаб аст ва ҳам ба сохтор ва ҳам ба мазмуни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав вобастагӣ дорад. Агар чунин ҷумлаҳоро танҳо яктарафа арзёбӣ кунем, 1. Аз нигоҳи вазифа нисбат ба сарҷумла; 2. Аз нигоҳи сохтори ҷумлаи пайрав, ки тавассути худи ҷумлаи пайрав муайян карда мешаванд, моҳияти ҷумлаи мураккаб ошкор нашуда мемонад” [4, с.234].

Муҳаққиқ дар идомаи ин андеша як мисол меорад ва аз рӯйи присипи якум онро таҳлил намуда, хели ҷумлаи пайравро аз рӯйи принсипи дуюм нишон медиҳад. Инро ба асос гирифта,таъкид мекунад, ки ду принсипи таснифот маънии ҷумлаи пайравро ду хел нишон медиҳанд, аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки ҳангоми ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи пайрав дар китоби мазкур ӯ ба принсипи анъанавии сохтори ҷумлаи пайрав ва муносибати он ба сарҷумла (принсипи дуюм) такя кардааст [4, с. 234-236].

А.Н. Гвоздев хелҳои ҷумлаҳои пайравро таҳлил менамояд, аммо ба масъалаи тобиши иловагии маъноии онҳо камтар таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ҷумлаҳои пайрави мубтадоро шарҳ дода, қайд мекунад, ки онҳо гоҳо тобиши маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунандагӣ мегиранд. Агар мубтадои бо ҷонишин ифодашудаи сарҷумла, ки дар сарҷумла зикр наёфтааст, дар ҷумлаи пайрав мушаххас карда шавад, ин ҷумлаҳо тобиши гуногуни маъноӣ мегиранд ва ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб аз гурӯҳҳои дигари ин гуна ҷумлаҳо фарқ мекунанд. Ҷумлаҳои пайрави хабарро низ таҳлил намуда, ба наздик будани маънои онҳо бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ишора мекунад ва таъкид мекунад, ки фарқи онҳо аз ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар мавҷудияти калимаҳои пайвандакӣ мебошад [4, с. 246].

Ҳамчунин, қайд мекунад, ки истифодаи баъзе хелҳои пайвандакҳо ба ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда тобиши маънои мақсадро медиҳад.

Дар мавриди ҷумлаҳои пайрави замон мулоҳиза ронда, ишора мекунад, ки агар хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав амалҳои ҳамзамонро ифода кунанд, онҳо метавонанд тобиши маъноии шартиро дошта бошанд. Дар ҷумлаҳои пайрави мақсад, агар дар таркиби сарҷумла ҳиссачаи “бигузор” омада бошад, он тобиши маъноии хилофиро ифода мекунад.

Дар ҷумлаҳои пайрави шарт истифодаи пайвандаки “когда” боиси пайдоиши тобишҳои маъноии замон мегардад, махсусан, агар хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав бо феълҳои ифодакунандаи такрори амал ифода шуда бошанд.

Муаллиф ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва миқдору дараҷаро таҳти як фасл таҳлил мекунад ва онҳоро як хели ҷумлаи пайрав мешуморад, воситаҳои алоқаи грамматикии онҳоро бо сарҷумла низ дар як ҷо таҳлил намуда, онҳоро “придаточные предложения образа действия и меры и степени” [4, с. 285] мегӯяд. Мушкилоти шинохти онҳоро дар ҳамин медонад, ки онҳо гоҳо тобишҳои маънои замониро низ ифода мекунанд [4, с. 285-286].

Ҷумлаҳои пайрави натиҷаро низ таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки маънои натиҷаро ҷумлаҳои пайрави хабар, муайянкунанда низ доранд, аммо натиҷа дар онҳо чун амали ба амали асосӣ тобеъ зоҳир мешавад [4, с. 286, 291, 294].

Ба ин тариқ, қайдҳои муаллифи китоб дар мавриди тобишҳои иловагии маънои ҷумлаҳои пайрав мухтасар бошанд ҳам, мулоҳизаҳои баённамудаи ӯ арзиши баланди илмӣ доранд ва баҳси илмии амикро талаб мекунанд, дар баробари ин бояд гуфт, ки баъзе масъалаҳои баённамудаи муаллиф дар мавриди принсипи таснифоти ҷумлаҳои пайрав, хелҳои он, махсусан дар мавриди баъзе хелҳои ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносии имрӯзаи рус ҳал карда шудаанд, баъзе масъалаҳои дигари он ҳанӯз ҳам баҳсталаб боқӣ мондаанд.

Профессор А.К. Федоров ба масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дахл намуда, мушкилоти асосиро дар он мебинад, ки маънои асосӣ ва иловагӣ чӣ гуна бояд муайян карда шавад, яъне чиро ба асос гирифта мо маънои асосӣ ва иловагӣ бигӯем. Ин масъала, қабл аз ҳама, таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъро душвор мегардонад. Муҳаққиқ бо овардани мисолҳои гуногун мавҷудияти ин мушкилиро нишон медиҳад. Зимнан ӯ ҷумлаи “Сосед разговаривал со мной, как будто мы поссорились // Сосед разговаривал со мной так, что мы поссорились”-ро мисол оварда мегӯяд, ки дар ин ҷо омезиши ду маъно ба вуҷуд меояд, маънои аввал аз мазмуни сарҷумла бармеояд, яъне маънои монандӣ, маънои дуюм бошад, аз ҷумлаи пайрав, пайвандак бармеояд. Муҳаққиқони гуногун дар ҳамин гуна ҳолат бартариро ба принсипҳои гуногун медиҳанд. Муаллифони “Грамматика русского языка” ва Формановская бартарияти маъноиро ба сарҷумла медиҳанд, А.Г. Руднев бошад, ба ҷумлаи пайрав ва пайвандак медиҳад [15, с. 194]. Муҳаққиқ ин масъаларо махсусан дар таълим мушкил шуморида, таъкид мекунад, ки “ба ҳар сурат яке аз нишонаҳоро чун асосӣ мебояд ба инобат гирифт, дигарашро, чун иловагӣ, дар акси ҳол, таснифот ихтилофнок боқӣ мемонад” [15, с. 195].

Дар идомаи ин фасли таҳқиқот мисолҳои фарвонеро оварда тарзе ба онҳо баҳодиҳӣ мекунад, ки худи ӯ низ ҷонибдори бартарияти маъноӣ додан ба хели ҷумлаи пайрав аз рӯйи муносибати ҷумлаи пайрав ба сарҷумла, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ-хабарҳо аст [15, с. 199].

Муҳаққиқ масъалаи ифодаи маъноӣ ва тобиши маъноии ҷумлаҳои пайравро яке аз масъалаҳои хеле баҳсноки синтаксис шуморида, нуқтаи назари муҳаққиқони зиёдро ба риштаи баҳс мекашад ва бо вуҷуди ибрози назари худ дар ҷудо кардани сарҳади маъноии ҷумлаҳо, нишон додани маънои асосӣ, аввал ва иловагӣ, онро масъалаи баҳсталаб ва ҳанӯз ҳалношуда мешуморад ва бо чунин ҷумла хулоса мекунад.

Яке аз муҳаққиқоне,ки дар забоншиносии рус таҳқиқоти махсуси монографӣ дар мавриди сермаъноӣ, омонимия ва синонимияи ҷумлаҳои пайрав анҷом додааст, С.И. Дружинина мебошад. Рисолаи доктории муҳаққиқ “Синкретизм в системе сложноподчиненных предложений современного русского языка” [5] ба масъалаҳои назария ва таърихи омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, таснифоти онҳо, масъалаҳои омӯзиши сермаъноӣ, тобишҳои маъноӣ,муродифот, омонимия, антонимияи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бахшида шудааст. Муҳаққиқ асосан масъалаҳои назарияи омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, принсипҳои таснифоти ҷумлаҳои пайрав ва, махсусан ба масъалаи синкретизм – дар як шакли грамматикӣ ба ҳам омадани маъноҳои гуногуни грамматикиро дар мисоли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баррасӣ мекунад. Азбаски худи масъалаи синкретизм як мавзуи баҳси нисбатан нав дар забоншиносӣ аст, муҳаққиқ ба назарияи ин масъала дахолат намуда, баъдан ҳар як навъи ҳодисаи синкретиро дар мисоли

ҷумлаҳои пайрав таҳқиқ мекунад. Ӯ масъалаҳои сермаъноӣ,омонимия,муродифот, антонимияи ҷумлаҳои мураккаби тобеъро чун унсурҳои ҳодисаи синкретӣ ба таҳқиқ мегирад.

Азбаски худи маънои ҳол ба амал, рафтору ҳолат вобастагӣ дорад, аксари муҳаққиқони синтаксиси солҳои 50 ва 60-ум навъҳои гуногуни ҳолро бо ҳоли тарзи амал вобаста медонанд ва аз ин рӯ, дар ҷумлаҳои пайрави монандӣ, мавҷудияти тарзи амалро низ зикр мекунанд.

Охири солҳои 50-ум ва оғози солҳои 60-уми асри ХХ-ро метавон давраи нав ва бунёдии таҳқиқот дар наҳви забони тоҷикӣ шуморид. Дар ин давра, аллакай, мактаби омӯзиши наҳви забони тоҷикӣ ташаккул меёбад ва таҳқиқоти илмии масъалаи мазкур шуруъ мегардад. Бисёр таълифоти арзишманди илмию методӣ таҳти назари Б. Н. Ниёзмуҳаммадов ва як зумра забоншиносони аллакай шинохташуда таълиф мегарданд. Агарчи бисёр китобҳои дарсӣ танҳо бо андаке тағйири маълумоти назарию амалӣ нашр мешаванд, чопи мақолаҳои илмӣ, монографияҳои ҷудогона дар мавриди шинохти ҷумлаҳои мураккаб ба ҳукми анъана медарояд. Аз ҷумла, дар матбуоти даврӣ, қисман дар маҷмуаҳои илмӣ як силсила мақолаҳо чоп шуданд, ки қисме бевосита ба масъалаи муносибати ҷумлаҳои пайрав бо ибораҳои феълӣ, қисми дигар алоқамандона ба таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар мактаб ба масъалаи ҳаммаъноии воҳидҳои наҳвӣ дахл мекунанд. Дар байни онҳо таҳқиқотеро низ мушоҳида мекунем, ки бевосита ба масъалаи тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав бахшида шудаанд. Аз ҷумла, ишораҳои нахустин дар асару мақолаҳои Н. Маъсумӣ [7], Х.Ҳусейнов [16], М.Қосимова [6] мушоҳида гардид, ки онҳо доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дахл намудаанд.

Дар ин миён “Очеркҳо оид ба инкишофи забони тоҷикӣ”-и Н. Маъсумӣ аз пурарзиштарин таҳқиқотест, ки дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маълумот медиҳад. Дар мавриди ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар ин асар фасли ҷудогона ҷудо шуда, хусусиятҳои ҷумлаҳои пайрав, муносибати гуногуни маъноии онҳо нисбат ба сарҷумла, инчунин нақши пайвандакҳо дар таркиби ҷумлаҳои пайрави гуногун шарҳ дода шуда, баъзе ҷумлаҳои пайрав бо номҳои дигар, ки дар таҳқиқоти имрӯза ба назар намерасанд, зикр мешаванд.

Таҳқиқоти дигари пурарзиш, ки дар ин давра ба масъалаи таҳқиқоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бахшида мешавад, монографияи Х. Ҳусейнов аст.

Дар ин монография, ки: “Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик” ном дошта, асари пурарзише дар наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аст, истилоҳи “сермаъноӣ” ба кор бурда намешавад, аммо муаллиф фаслеро бо номи “Ифодаҳои шарт, сабаб ва натиҷа дар ҷумлаҳои пайрави замон” ҷудо намуда, қайд мекунад,ки «Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баъзан ҷумлаҳои пайрави замон ба замми маънои замонии худ мазмунҳои иловагиро низ ифода менамоянд,ки он ифодаҳо махсусан, аз хабари онҳо фаҳмида мешавад”.

Солҳои 1952, 1958 аз ҷониби Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ “Грамматикаи забони тоҷикӣ” навишта ба нашр расонида шуд, ки синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккабро дар бар мегирифт. Муаллифони он дар баробари шарҳи хусусиятҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, дар таснифоти он дар нашри соли 1958 маълумоти китобҳои солҳои пешинро ба инобат гирифта, кӯшиш мекунанд, ки дар шинохти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ равшании бештар андозанд, аз ҷумла, дар муайян кардани навъи ҷумлаи пайрав саволгузориро ҷиҳати асосӣ мешуморанд ва менависанд: «Ҷумлаҳои пайрав ҳам одатан ба ҳамон саволҳои аъзоҳои пайрави ҷумла ҷавоб мешаванд. Аз ҳамин ҷиҳат онҳо аъзои батафсил ифодашудаи сарҷумла барин мебошанд. Ҷумлаҳои пайрав мувофиқи вазифаашон ва ба кадом савол ҷавоб доданашон нигоҳ карда, ба панҷ гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷумлаи пайрави пуркунанда, ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ҷумлаи пайрави мубтадо, ҷумлаи пайрави хабар ва ҷумлаи пайрави ҳол» [8, с.76]. Ҳам дар нашри соли 1952 ва ҳам дар нашри соли 1958 ҷумлаи пайрави ҳолро ба 8 хел ҷудо мекунанд (дар нашри соли 1958 ба иштибоҳи техникӣ номи ҷумлаи пайрави макон зикр намешавад, аммо дар шарҳ оварда мешавад. Ин иштибоҳ дар нашрҳои минбаъдаи он ислоҳ карда шудааст – М.А.) “1) ҷумлаи пайрави ҳоли

тарзи амал (аз он ҷумла, муқоисавӣ), 2) ҳоли макон, 3) ҳоли замон, 4) ҳоли сабаб, 5) ҳоли мақсад, 6) ҳоли натиҷа, 7) ҳоли шартӣ, 8) ҳоли хилофӣ” [8, с. 82].

Дар баробари ин, муаллифон дар мавриди тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳол маълумот дода, менависанд: «Ҷумлаи пайрави тарзи амал баъзан ба воситаи монандкунӣ тарзи воқеъ шудани амалро мефаҳмонад. Чунин ҷумлаҳо пайрави муқоисавӣ низ номида мешаванд: Абрпораҳои хурд, монанди моҳиҳои хокистарранг, ки дар баҳри васеи шаффоф сайр карда гарданд, дар ҳавои соф шино мекарданд- монанди моҳиҳои хокистарранг, ки дар баҳри васеи шаффоф сайр карда гарданд, ҷумлаи пайрави монандӣ-муқоисавӣ аст. Баъзе ҷумлаи пайрави тарзи амал натиҷаро ифода карда метавонад. Кабӯтар чунон баланд парид, ки аз назарҳо ғоиб шуда рафт-аз назарҳо ғоиб шуда рафтани кабӯтар- натиҷаи баланд паридани он аст. Баъзе ҷумлаҳои ҳоли тарзи амал аломатро аз ҷиҳати миқдор ва андоза муайян карда, бо калимаҳои ба андозае ки, ба қадре ки, ҳар қадар, ба дараҷае ки пайваст мешаванд: Ба андозае ки шумо пеш меравед, ҷӯйча ҳам фарохтар ва обаш фаровонтар мешавад.

Ҳамчунин солҳои 1960, 1961 аз ҷониби Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Ниёзӣ “Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис. Барои мактабҳои ҳафтсола ва миёна”, инчунин солҳои 1962, 1964 [8] аз ҷониби Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, А. Каримов китоби “Забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис. Барои синфҳои 7-8” чоп карда шуданд. Ин китобҳои дарсӣ дар мавриди ҷумлаҳои мураккаби тобеъ асосан ҳамон маълумоти соли 1952-ро такрор мекунанд.

Таҳқиқоти арзишманди дигаре, ки дар ин солҳо анҷом дода шуд ва қадами навбатиро дар масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрави ҳолӣ гузошт, монографияи М.Н. Қосимова “Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик” буд. Муаллиф дар баробари баррасии хусусиятҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрави ҳол шартӣ, воситаҳои алоқаи он бо сарҷумла, масъалаи муродифоти ҷумлаҳои пайрави шартӣ дар мавриди тобишҳои маъноии онҳо низ ишора ва қайдҳо дорад.

Инчунин муҳаққиқ таснифоти ҷумлаҳои пайравро ҳангоми дақиқ омӯхтани забонҳо ва муайян намудани масъалаҳои асосии наҳви забони тоҷикӣ муҳим ҳисобида, чунин арзёбӣ намудааст: «Бояд эътироф намуд, ки ҳама гуна классификатсия дар забон, яъне ба ягон категорияи муайяни грамматикӣ гузаронидани якчанд фактҳои забонӣ дар асоси умумияти онҳо то як дараҷа шартӣ мебошад, зеро ҷумлаҳо тобишҳои маъноии гуногунро ифода менамоянд ва тамоми ин гуна тобишҳои гуногунро бо категорияи муайяни забонӣ пурра дар бар гирифтан имкон надорад» [6].

Таҳқиқоти мазкур, агарчи танҳо ба масъалаи хусусиятҳои грамматикии ҷумлаи пайрави шартӣ бахшида шудааст, дар омӯзиши махсусиятҳои синтаксисии забони тоҷик, сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, масъалаи муродифоти грамматикӣ арзиши баланд дорад.

Силсилаи таҳқиқоти арзишмандро дар ин солҳо нашри китобҳои дарсии такмилёфта пурратар месозанд ва омӯзиши масъалаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо хусусиятҳои гуногуни сохторию маъноӣ шаклан комилтар мегарданд.

Дар китобҳои «Забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис», нашри солҳои 1962, 1964 низ дар мавриди ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маълумоти умумӣ ба назар мерасад. Аз нигоҳи мундариҷа ва баррасии масъалаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ин китобҳо аз ҳам ҳариб фарқе надоранд ва чунон ки қаблан низ гуфтем, онҳо ҳамон маълумоти “Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис”-и солҳои 1958, 1960, 1961-ро айнан такрор мекунанд. Муаллифон мисли китобҳои солҳои қаблӣ маълумотро аз ҷумлаи пайрави пуркунанда, муайянкунанда, мубтадо, хабар оғоз намуда, сипас, дар хусуси ҷумлаҳои пайрави ҳол маълумот медиҳанд [8].

“Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ” [8] як навъ муносибати нав ба омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб ва, умуман, ба омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ аст. Муаллифон ба омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ муносибати нав зоҳир мекунанд.

Таҳқиқоти нисбатан мукаммал доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар осори профессор Д.Тоҷиев ба назар мерасад. Муҳаққиқ дар давоми солҳои 60-ум дар бораи хелҳои

гуногуни ҷумлаҳои пайрави ҳол силсилаи таҳқиқотро анҷом дода, дар шакли мақолаҳои ҷудогона аз чоп баровард [9; 10; 11].

Дар силсилаи мақолаҳои профессор Д.Тоҷиев дар ин давра масъалаи омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол, воситаи алоқаи онҳо бо сарҷумла, хелҳои онҳо, тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав ба баҳси илмӣ кашида мешаванд. Бешубҳа, мақолаҳои дар ҳамин давра таълифгардидаи Д.Т. Тоҷиев ва муҳаққиқони дигар оғози баҳсҳои ҷиддӣ ва доманадор дар масъалаи омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб дар забоншиносии тоҷик гардиданд. Истилоҳи сермаъноӣ ва тобиши маъноии ҷумлаҳои пайрав, нақши пайвандакҳои тобеъкунанда дар сермаъноии ҷумлаҳои пайрав низ маҳз аз мақолаҳои Д.Т. Тоҷиев қувват гирифтанд.

Соли 1967 ду мақолаи С. Атобуллоев - “Оид ба таснифи ҷумлаи пайрави мубтадо дар забони адабии тоҷик [1] ва “Муносибатҳои гуногуни маъноии ҷумлаи пайрави хабар бо сарҷумла” [2] нашр шуданд.

Муаллиф дар мавриди ҳар ду гурӯҳи ҷумлаҳои пайрав сухан ронда, масъалаи тобишҳои маъноии ин ҷумлаҳои пайравро дар маркази таваҷҷуҳи худ қарор медиҳад. Муҳаққиқ тобишҳои маъноии шартӣ, сабабӣ ва натиҷагиро дар ҷумлаҳои пайрави мубтадо характернок мешуморад ва дар баробари ин таъкид мекунад, ки: “Тобишҳои гуногуни маъноӣ дар ҷумлаҳои пайрав зиёд бошанд ҳам, онҳо вазифаи аввалиндараҷаи ҷумлаи пайравро адо намекунанд” [1].

Дар мақолаи “Муносибатҳои гуногуни маъноии ҷумлаи пайрави хабар бо сарҷумла” бошад, бевосита тобишҳои сабаб, мақсад, шарт, қиёс, натиҷаро ба таври ҷудогона таҳлил намуда, ду ҷиҳатро ба асос мегирад: аввалан, дар ҷумлаҳои пайрави хабар ченаки асосӣ бар эзоҳи хабарҳои номии бо ҷонишини ишоратӣ ифодаёфта омадани ҷумлаи пайрав, дуюм, ба ибораи масдарӣ баргашта муродифи ҳамин гурӯҳи ҷумлаҳои пайрав шуда тавонистани онҳо [2].

Муаллиф ба таври хеле равшану возеҳ масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрави хабарро ба миён гузошта, кӯшиш намудааст, ки дар шинохти ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб ҳангоми пеш омадани масъалаи тобишҳои маъноӣ ва гуногунандешӣ дар мавриди шинохти ҷумлаҳои пайрави ба ҳам монанд, аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ба ҳам наздик назари худро баён намояд.

Муаллифони силсилаи мақолаҳои дар ин давра таълифгардида дар баробари шинохти ҷумлаҳои пайрав ва хелҳои онҳо, масъалаи тобишҳои маъноӣ ва сермаъноии ҷумлаҳои пайрави ҷудогонаро мавриди баҳс қарор медиҳанд.

Соли 1968 монографияи Ш. Рустамов “Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии тоҷик” аз чоп баромад. Муаллиф бевосита доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ва тобишҳои маъноии онҳо фасле ҷудо накарда бошад ҳам, дар мавридҳои ҷудогона ишораҳо доир ба тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави сабаб ба назар мерасанд.

Умуман, солҳои 60-уми садаи XX илми наҳвшиносии тоҷик дар самти шинохт ва таснифи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дастовардҳои зиёд дошт. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ, хелҳои ҷумлаҳои пайрав, воситаҳои алоқа, тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав, имконоти муродиф шуда тавонистани онҳо бо воҳидҳои дигари наҳвӣ ба баҳси илмӣ дароварда шуда, хелҳои ҷудогонаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар шакли таҳқиқоти монографӣ омӯхта шуданд.

Мукарриз: ***Мирзоёров Ф.*** – номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Атобуллов С. Оид ба таснифи ҷумлаи пайрави мубтадо дар забони адабии тоҷик / С. Атобуллоев // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. -Душанбе: Дониш, 1967. -С.146-154.
2. Атобуллоев С. Муносибатҳои гуногуни маъноии ҷумлаи пайрави хабар бо сарҷумла / С. Атобуллоев // Маҷмуаи илмӣ (материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). -1967. -Ҷилди 55. Серияи филологӣ. -С.110-123.
3. Белошапкова В.А. Сложное предложение в современном руссском языке / В.А. Белошапкова.-М.: Просвещение, 1967. -160 с.
4. Гвоздев А.Н. Современный русский литературный язык. Синтаксис. Часть 2 / А.Н. Гвоздев. - М.: Просвещение, 1972. -344 с.
5. Дружинина С.И. Синкретизм в системе сложноподчиненных предложений современного русского языка: дисс.докт.филол.наук / С.И. Дружинина. -Орел, 2009. -471с.

6. Қосимова М.Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. -Сталинобод, 1961.- 80с.
7. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 2011.- 385с (бознашр).
8. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис. Барои синфҳои 7-8 / Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, А. Каримов. -Душанбе, 1964.-170 с.
9. Современный русский язык. Под редакцией В.А. Белошапковой.- М.: Высшая школа, 1989. -800с.
10. Тоҷиев Д. Доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав / Д.Тоҷиев // Мактаби Советӣ.- 1970. - №1. - С. 12-15.
11. Тоҷиев Д. Ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа / Д.Тоҷиев // Мактаби Советӣ. -1966. -№7. -С.18-23.
12. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаи пайрави монандӣ / Д.Т. Тоҷиев // Мактаби советӣ. -1966. -№8. -С.7-11.
13. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаи пайрави хилофӣ / Д.Т. Тоҷиев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. -Душанбе, 1967. -С.5-21.
14. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаи пайрави натиҷа / Д.Т.Тоҷиев // Мактаби советӣ. -1964. -№12. - С.26-29.
15. Федоров А.К. Трудные вопросы синтаксиса. Пособие для учителя / А.К. Федоров. -М.: Просвещение, 1972. – 239 с.
16. Ҳусейнов Х. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Сталинобод, Нашр. АФ Тоҷикистон, 1960.- -С.20-27.

ТАҲҚИҚОТИ БУНЁДИИ МАСЪАЛАИ СЕРМАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Дар мақола масъалаи омӯзиши сермаъноии ҷумлаҳои пайрав баррасӣ карда мешавад. Муҳаққиқ барои нишон додани ҷузъиёт ва асоси омӯзиши масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ба сарчашмаҳои зиёде рӯ оварда, оғози онро ба забоншиносии рус мепайвандад. Дар асоси омӯзиши таҳқиқоти давраҳои гуногун дар забоншиносии рус муаллиф оғози баррасии ин масъаларо ба нимаҳои дуюми асри XIX ва, баъдан ибтидои садаи XX нисбат дода, назари онҳоро дар мавриди тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав баён мекунад. Сипас, таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷикро ба масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав шарҳ дода, таъкид мекунад, ки ин масъала бо масъалаҳои таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ алоқамандии узвӣ дорад. Дар мақола назари олимони рус ва тоҷик дар мавриди сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, давра ба давра таҳлил карда мешавад. Муҳаққиқ саҳми олимонеро чун Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев, М. Норматов ва дигарон таъкид намуда, мақоми онҳоро доир ба хусусиятҳои сермаъношавии ҷумлаҳои пайрав муайян мекунад. Ба андешаи муаллиф дар омӯзиши масъалаи тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ дар баробари таҳқиқоти монографию мақолаҳои илмӣ дар маҷмуаҳои илмӣ, инчунин китобҳои дарсӣ нақши муҳим доранд. Муаллифон ва мураттибони китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ дар баробари нишон додани таълими масъалаҳои баррасишаванда хусусиятҳои сермаъношавии ҷумлаҳои пайравро қайд намудаанд, ки барои илми забоншиносии тоҷик арзиши баланди имлӣ доранд.

Калидвожаҳо: наҳв, наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, сарҷумла, ҷумлаи пайрав, тобишҳои маъноӣ, синкретизм.

ФУНДАМЕНТАЛЬНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОБЛЕМЫ МНОГОЗНАЧНОСТИ ПРИДАТОЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

В статье рассматривается вопрос изучения многозначности придаточных предложений.Исследователь обратился ко многим источникам, чтобы показать детали и основу изучения проблемы многозначности придаточных предложений, связывая ее с русским языкознанием. На основе изучения исследований разных периодов в русском языкознании автор относит начало рассмотрения данного вопроса ко второй половине 19 века, а затем к началу 20 века, и высказывает свои взгляды. Затем он обращает внимание таджикских исследователей на проблему многозначности придаточных предложений и подчеркивает, что этот вопрос тесно связан с классификацией сложноподчиненных предложений. В статье анализируются взгляды российских и таджикских ученых на многозначность придаточных предложений поэтапно. Исследователь использует вклад таких ученых, как Н. Масуми, Д. Таджиев, Ш. Рустамов, М. Касимова, Б. Камолиддинов, Д. Ходжаев, М. Норматов и др., подчеркивает и отмечает роль многозначных придаточных предложений. По мнению автора,в изучении многозначных придаточных предложений в таджикском языке, наряду с монографическими исследованиями, важную роль играют научные статьи в научных сборниках, а также учебники. Авторы и составители учебников и учебно-методических пособий, наряду с изученным материалом, отметили содержательные особенности многозначности придаточных предложений, которые имеют высокую орфографическую ценность для таджикского языкознания.

Ключевые слова: грамматика, сложные придаточные предложения, структура предложения, придаточное предложение, семантические оттенки, синкретизм.

FUNDAMENTAL STUDY OF THE PROBLEM OF POLYSEMY OF SUBORDINATE CLAUSES IN TAJIK LINGUISTICS

The article discusses the issue of studying the meaning of investigative sentences. The researcher turned to many sources to show the details and the basis for studying the problem of the polysemy of afterwords, linking its beginning with Russian linguistics. Based on the study of studies of different periods in Russian linguistics, the author refers the beginning of the consideration of this issue to the second half of the 19th century, and then to the beginning of the 20th century, and expresses his views on the meaning of the following sentences. Then he explains the attention of

Tajik researchers to the problem of polysemy of subordinate clauses and emphasizes that this issue is closely related to the classification of complex sentences. The article analyzes the views of Russian and Tajik scholars on the meaning of the following sentences from time to time. The researcher uses the contribution of such scientists as N. Masumi, D. Tadzhiev, Sh. Rustamov, M. Kasimova, B. Kamoliddinov, D. Khodzhaev, M. Normatov and others. He emphasizes and notes the contribution of their role to the semantic features of the following sentences. According to the author, in the study of the meaning of subjunctive sentences in the Tajik language, along with monographic studies, scientific articles in scientific collections, as well as textbooks, play an important role. The authors and compilers of textbooks and teaching aids, along with showing the teaching of the issues under discussion, noted the content features of the following sentences, which have a high spelling value for Tajik linguistics.

Key words: grammar, complex subordinate clauses, sentence structure, subordinate clause, semantic shades, syncretism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдурахмонова Мастура Амиралиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ 17. E-mail: **abdurahmonzoda-m@mail.** ru.
Тел.: **(+992) 988-34-29-59**

Сведения об авторе: ***Абдурахмонова Мастура Амиралиевна*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **abdurahmonzoda-m@mail.** ru.
Тел.: **(+992) 988-34-29-59**

Information about the author: ***Abdurakhmonova Mastura Amiralievna*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **abdurahmonzoda-m@mail. ru.**
Phone: **(+992) 988-34-29-59**

ТДУ: 891.550+61+82

НАҚШИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ ДАР НОМАҲОИ УСТОД АЙНӢ

Мавлонзода Ш.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳу истилоҳшиносӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба шумор меравад. Истилоҳот нисбат ба дигар қисматҳои забони тоҷикӣ дар таърихи забон ва забони муосир бештар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Вожаҳое, ки аз дигар забон ба забони мо ворид мешаванд, бештарашон истилоҳанд. Бинобар ин, баъд аз истиқлолро ба даст овардан дар таркиби луғавии забонамон истилоҳоти зиёд аз дигар забонҳо ворид шудаанд. Ҳамчунин Истиқлол барои мо- забоншиносон роҳеро боз намуд, ки солҳо орзуи онро доштем. Яъне, барои интихоби калимаю истилоҳ мо ба осори гаронбаҳои классиконамон таваҷҷуҳ намудем. Донишмандони гузаштаи мо тавассути осори мондагорашон дар рушд ва инкишофи забони тоҷикӣ нақши босазо гузоштаанд, ин ҷойи шакку шубҳа нест. Ба таъкиди муҳаққиқон бунёди истилоҳоти тоҷикиро донишмандон Абурайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тусӣ ва дигарон гузоштаанд.

Муҳаққиқ А. Байзоев дар хусуси таълифи «Донишнома» -и Абуали ибни Сино чунин гуфтааст: «Сабаби таълифи «Донишнома» (ба забони модарӣ, тоҷикӣ-Ш.М) ин ҳисси баланди дӯстдории забони модарӣ ва саъю кӯшиш дар роҳи бою ғанӣ гардонидан дар инкишофи он мебошад. Фаъолияти самарабахши Ибни Сино дар ҷодаи ташаккули истилоҳоти илмии порсии дарӣ ва бо ин роҳ нишон додани имкониятҳои фаровони дохилии забони модариаш ба ин далолат мекунад [1, с.11].

Дар истилоҳоти тиббӣ тамоми неру, дониш ва таҷрибаи донишмандон ва табибони мамолики мухталифи дунё, донишҳои перомуни дарки табиати инсон, сохтор ва вазифаи организм, сабабҳои беморӣ ва ихтирои муолиҷаи онҳо фароҳам омадаанд [20, с. 2].

Дар забоншиносии тоҷик олимон М. Шукуров, С. Ҳалимов, С.Назарзода, Ҳ. Маҷидов, Д., Хоҷаев, Мирзо Ҳасани Султон, А Юсуфов, Қ. Тураҳасанов ва дигарон дар хусуси истилоҳу истилоҳшиносӣ пажуҳиш намудаанд.

Доир ба истилоҳоти тиббӣ таҳқиқоти назаррас ба анҷом расида бошанд ҳам, то ҳол паҳлуҳои норавшани ин бахши забоншиносӣ мавҷуданд.

Мирзо Ҳасани Султон дар асари худ доир ба истилоҳот чунин иброзе назар кардааст: “Истилоҳ калимаест (ё ибораест), ки тобиши махсуси маъноӣ дошта, дар ҳавзаи амалкарди як соҳа ё илми мушаххас мафҳуми муайянеро ба шакли муъҷазу дақиқ ифода мекунад ва ҳамзамон бо воҳидҳои дигари забонӣ, ки бо онҳо дар робита қарор дорад, як системаи муназзам ва томи истилоҳотро ташкил медиҳад [6, с. 11].

Нависандаи машҳур Сотим Улуғзода дар рисолаи «Пири ҳакимони машриқзамин» дар фасли «Илми тиб «Алқонун» чунин меоварад: « Боби якуми «Алқонун» ба таърифи илми тиб ва вазифаҳои он бахшида шудааст. Аз ин боб мо дар ин ҷо порчае дар тарҷимаи тоҷикӣ ба тариқи намуна орем, шояд ҷоиз бошад: Ман мегӯям- тиб илмест дар маърифати (дарёфтану донистани) ҳолати тани инсон дар саломатӣ ва барқарор кардани он, агар он табоҳ шуда бошад [13, с. 103].

Мирзо Ҳасани Султон дар китоби хеш дар бораи ташаккули истилоҳот маълумот дода, истилоҳоти тиббиро дар муқоиса бо истилоҳоти соҳаҳои дигар дар ташакули истилоҳоти забони тоҷикӣ муассиртар донистааст [Ниг.6].

Мо низ гуфтаҳои муҳаққиқ Мирзо Ҳасани Султонро ҷонибдорӣ менамоем, чунки дар ҳақиқат, истилоҳоти тиб ҳам дар таърихи забон ва ҳам дар забони адабии муосири тоҷикӣ аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол нисбат ба дигар гурӯҳҳои истилоҳоти илмӣ бештар истифода мешавад.

Ҳаминро бояд қайд намоем, ки истилоҳоти соҳаи тиб нисбат ба дигар соҳаҳо дар забон серистеъмолтар аст. Дар номаҳои устод Айнӣ низ истилоҳоти тиббӣ зиёд истифода шудааст. Бештари номаҳои устод Айнӣ бо шарҳи вазъи саломатиаш оғоз мешавад. Ҳамчунин дар номаҳо роҳу усули табобат ва аз кадом навъи доруҳо истифода кардан оварда шудааст.

Мо дар асоси мисолҳо истилоҳҳои тиббиро аз рӯйи баромад, баъзеи онҳоро аз рӯйи маъно ва сохт мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем.

Ман ҳамон шаб дар поезд **бемор** шудам, дар Самарқанд омада, ба доктур нишон додам, грипп шуда будаам [12, с. 80].

Истилоҳи бемор дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба гурӯҳи калимаҳои фаъол дохил мешавад. Бемор касест, ки гирифтори дарде мебошад. Устод Айнӣ беморро чунин шарҳ додааст- бемор- каси нотандуруст [11, с.50].

Дар забон синонимҳои бемор - касал ва мариз истифода мешаванд, аммо устод Айнӣ дар номаҳо танҳо калимаи беморро истифода кардааст. Яъне, истилоҳҳои арабии касал ва мариз дар алоҳидагӣ истифода нашудааст.

Танҳо дар қолаби ибора истифода шудааст. Ин аст, ки ман бо вуҷуди камоли эҳтиёт сармо хӯрдам ва илова бар ин, **касалии меъдагии одатӣ ҳам сар** шуд [12, с.154].

Ҳамчунин устод Айнӣ ибораистилоҳҳои зеринро истифода кардааст: Рафиққон, ман хеле **бемори дарунӣ** шудаам, ки бо андак таъсири хориҷӣ, масалан бо ягон хӯроки андак нофорам ё шамоли тундтар зуд бистарӣ мегардам [12, с.112]. Аз 22 август то сари сентябр боз як **бемори бистарӣ** шуда гирифтам. Порсола **бемории шуш** маро ба ҳолате овард, ки аз 15 дақиқа зиёда бо овози баланд гап заданам ва хонданам мумкин нест [12, с.565]. Хавфнок аст, зеро ман **бемории меъдагии куҳнаи** 25-сола дорам, ки ҳеҷ даво ба вай ёрӣ намедиҳад [12, с.327-328].

Ин ҷо он **доруро** ба Хӯқандбой ҳам фармудам ба вай ҳам нафъ кард. Мегӯяд, ки дар се рӯз асп барин шудам ва ҳол он ки аҳволи он кас бисёр бад шуда буд [12, с. 91]. Хавфнок аст, зеро ман бемории меъдагии куҳнаи 25-сола дорам, ки ҳеҷ **даво** ба вай ёрӣ намедиҳад [12, с. 327-328].

Маънои дору - он чӣ барои дафъи беморӣ, рафъи ҷароҳат ва таскини дард истеъмол мекунанд, даво, дармон аст.

Устод Айнӣ дар номаҳо ҳам истилоҳи тоҷикии дору ва ҳам истилоҳи арабии даворо истифода кардааст.

Дар бораи бемории охирии ман, ки дар Сталинобод рӯй дода буд, дарёфти дуктурони Самарқанд тамоман дуруст баромад – ҳақиқатан ман **грипп** шуда будаам. Баъд аз хонанишинии дуру дароз, тахминан чиҳил рӯз, озори пой гуфта мешавад, ки тамоман зоил шуд, аммо бо андак шамол ба зудӣ **зукоме** сар мешавад [12, с. 139]. Соттисин дар 9 декабри соли 1937 маро ба Тошкент даъват кард, азбаски ман ҳамон рӯзҳо **сармо хӯрда будам**, рафтан натавонистам ва ваъда додам, ки баъд аз интихобот биравам [12, с. 92]. Ба Самарқанд баргаштам, дар роҳ **шамол хӯрда** бемор шуда, 6 нуябр ба хона омадам [12, с. 85].

Грипп- касалии вазнини сирояткунанда ва тез паҳншавандаи роҳҳои нафасгирии инсон, ки табу ларза, дарди сару мушакҳо, сулфаю зуком аз аломатҳои он ҳисоб мешаванд.

Истилоҳи **грипп** аз забони **фаронсавӣ** гирифта шудааст. Ин истилоҳ ба воситаи забони русӣ ба забони мо ворид шудааст. Дар номаҳои устод Айнӣ калимаи грипп ва синонимҳои он зуком, сармо хӯрдан, шамол хӯрдан истифода шудааст. Аз таҳлили мисолҳо маълум гардид, ки дар номаҳои устод Айнӣ бештар истилоҳи грипп истифода шудааст.

Истилоҳи **шамол хӯрдан** ва ё **шамол задан** ҳам дар номаҳо ва ҳам дар забони адабии муосири тоҷикӣ ҳарчанд синоними калимаи **зуком** шуда ояд ҳам, аммо боз маънои васеътар доранд. Яъне, ба маънои узви аз хунукӣ таъсирдида мебошад.

Докторони Самарқанд дар зери назорати сахт гирифтанд [12, с. 539-540]. Бо вуҷуди ин ки **духтурҳо** аз гап задан ва ба масъалаҳое, ки асаби маро вайрон мекунанд, машғул шудан, маро сахт манъ кардаанд, талаб кардам, ки мактуби рафиқон Нурматов ва Аҳрориро ба ман хонда шунавонанд ва мувофиқи хоҳиши онҳо ҷавоби эҷобӣ додам [12, с. 525]. Ҳамин қадар, ки қуввати рафтор ва гуфтор кам мондааст [12, с. 327]. Як одами пир **пеши табиб** рафта гуфтааст: сарам сахт дард мекунад, даво кунед! [12, с. 326]. Ман ҳамон шаб дар поезд бемор шудам, дар Самарқанд омада, ба **доктур** нишон додам, грипп шуда будаам [12, с. 80]. Аммо назар ба қавли **врачҳои** мутахассис асоси бемориам сустии шуш будааст [12, с.367]. Баъд аз ин, аз **ҳакимони** зерин консилум (ҳайати мушовараи **дуктурон**)-ро ҷеғ зананда худатонро нишон диҳонед [12, с. 538].

Аз мисолҳои зикргардида маълум мешавад, ки устод Айнӣ дар номаҳо истилоҳи **доктор** ва синонимҳои он **духтур, табиб, ҳаким** ва истилоҳи русии **врачро** истифода кардааст. Ба назари мо сабаби истифодаи синонимҳои истилоҳи **доктор** ин ба мухотаб вобастагӣ дорад. Инчунин худдорӣ аз такрор низ мебошад.

Истилоҳи **доктор** аз забони **лотинӣ** гирифта шудааст. Устод Айнӣ дар номаҳо истилоҳи **докторро** дар ду шакл **доктур** ва **доктор** истифода кардааст. Истилоҳи **духтур** дар нутқи гуфтугӯйӣ истифода мешавад. Истилоҳи **табиб ва ҳаким** аз забони **арабӣ** гирифта шудааст.

Дар номаҳо бештар истилоҳоти **духтур ва врач** истифода шудааст. Шояд ин таъсири нутқи гуфтугӯйӣ бошад. Дар номаҳои устод Айнӣ, ки мо мавриди омӯзиш қарор додем, истилоҳи **пизишк** истифода нашудааст.

Устод Айнӣ дар номаҳо истилоҳи мураккаби **сардухтурро** низ истифода кардааст: Ба **сардуктури сонотурии** ба номи Фрунзе [12, с. 98].

Даво навишт, бонка фармуд ва аз хона баромаданро манъ кард [12, с. 80].

Агар дар ҳафта – як рӯз аз хона бароям, албатта, шамол мехӯрам ва ба комприс ё **бонка** муҳтоҷ мешавам [12, с. 200].

Истилоҳи **бонка** бештар дар нутқи гуфтугӯйӣ истифода мешавад. Устод Айнӣ дар номаҳо калимаи банкаро дар шакли гуфтугӯйиаш бонка истифода кардааст.

Истилоҳи **банка** аз забони русӣ гирифта шудааст. Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" ин истилоҳ чунин шарҳ ёфтааст: 1.зарфи устувонашакли шишагӣ, тунукагӣ ва ғ. барои нигоҳ доштани чизҳои обакӣ ва ордак; қуттӣ: банкаи консерва. 2. ниг. **бодкаш**.

Вожаи **банка** ҳамчун истилоҳ дар забони тоҷикӣ ба маънои 2-юм, бодкаш истифода мешавад. Бодкаш 2. тиб. зарфи шишагии махсусест, ки барои пӯсти баданро кашида, суръатнок кардани ҳаракати хун ба тахтапушти бадани бемори шамолхӯрда мегузоранд [12, с. 215]. Банкаҳои тиббӣ зарфи шишагии кӯзашакл, ки бо таъиноти духтур ҳангоми бемориҳои илтиҳоби узвҳои сандуқи сина (баронхҳо, шуш, шушпарда) истифода мекунанд [2, с.185].

Ба назари мо, дар тибби муосир ба ҷойи калимаи **банка** истилоҳи тоҷикии бодкашро истифода кунанд, беҳтар аст.

Ин бор ҳам намурда халос шудам, вагарна дарди бад буд, агар ба **восполени** мегашт, мемурдам [12, с.80]. Ба шумо маълум аст, ки ман дар соли 1935 бо **крупузнуй (крупозни) восполини лухки** бемор шуда будам [12, с.94]. Беморие зоҳириам аввал шамол хӯрдан ва баъд аз он ду бор болои ҳам «**воспаленнии лёгкий»** шудан буд [12, с.367].

Устод Айнӣ калимаҳои иқтибосии русию аврупоиро вобаста ба нутқи гуфтугӯӣ истифода кардааст. Шакли дурусти **(крупозни) восполини лухки** ин **крупозное воспаление** лёгких мебошад. Крупозное воспаление легких як навъи бемории илтиҳобӣ мебошад.

Истилоҳи **воспаленӣ** аз забони **лотинӣ** гирифта шудааст. Ин истилоҳ дар нутқи гуфтугӯйӣ бештар дар истеъмол аст. Дар номаҳои устод Айнӣ низ калимаи **восполений** бештар истифода шудааст.

Доруро давомат дошта бошанд-мӣ? **Қувваташон ба** чӣ дараҷа аст? [12, с.91]. Мебахшед, ки ҳанӯз **қуввати** дуруст надорам, бинобар он, қисми зиёд бадхон шуд [12, с.129].

Истилоҳи **қувват** аз забони **арабӣ** гирифта шудааст. Ин калима дар забони муосири тоҷикӣ ба гурӯҳи калимаҳои серистеъмол дохил мешавад. Ҳамчун истилоҳ дар соҳаи тиб ба маънои **солим, инсони солим** истифода мешавад. Ба воситаи калимаи **қуввати** арабӣ истилоҳҳои сохтаи **беқувват, камқувват** ва **бақувват** сохта шудааст. Устод Айнӣ дар номаҳои хеш ҳамчун истилоҳ калимаҳои зикршударо истифода кардааст: Бо ин ҳама **камқувватӣ** нахостам, ки дар ёдоварии Пушкин иштирок накарда монам [12, с.85]. Ҳанӯз сиҳҳат наёфтаам, меъда бад аст, бисёр **беқувват** шудаам, бо вуҷуди ин, дар хона нишаста ба қадри қувва кор карда истодаам [12, с.192]. Аммо ӯ **бақувват** буд ва рост мегашт, ҳам дар зери равзанча рафта, Регистонро аз назар мегузаронид [12, с. 543].

Калимаи арабии **аҳвол** низ монанди калимаи **қувват** дар забони тоҷикӣ ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам дар нутқи шифоҳӣ серистеъмол аст. Ин вожа ҳамчун истилоҳи тиббӣ низ дар забони тоҷикӣ истифода мешавад. Дар номаҳо калимаи **аҳвол** ҳам ҳамчун калима ва ҳам ҳамчун истилоҳ истифода шудааст. Мегӯяд, ки дар се рӯз асп барин шудам ва ҳол он ки **аҳволи он кас бисёр бад** шуда буд [12, с.91]. Ҳоло **аҳволи умумӣ** нисбат ба ман хуб шуд, аммо **аҳволи хусусӣ** – сиҳҳиам бад аст [12, с.94].

Назар ба қавли дуктурҳо, баъд аз он беморӣ, сиҳҳати ман **хавфнок** шуда монда буд [12, с.94].

Истилоҳи **хавфнок** аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳи истилоҳоти сохта дохил мешавад. Таркиби истилоҳи мазкур аз калимаи хавфи арабӣ ва пасванди -нок таркиб ёфтааст. Устод Айнӣ дар

номаҳо ҳамчун истилоҳи тиббӣ бештар истифода кардааст. Маънои калимаи хавфнок - ҳамчун истилоҳ **хатарнок** мебошад.

Дар соҳаи тиб узви инсон ҳамчун истилоҳ истифода мешавад. Устод Айнӣ дар мактубе, ки ба Деҳотӣ навиштааст, як ҳикоя овардааст, ки узви инсон ҳамчун истилоҳоти тиббӣ истифода шудааст: Дар ин мактуб аз аҳволи сиҳҳии худам ба шумо наменависам, фақат як ҳикоя мекунам: Як одами пир пеши **табиб** рафта гуфтааст: **сарам сахт дард мекунад, даво кунед**!

Табиб гуфтааст: – зарар надорад, пирӣ аст, **даво** лозим нест.

П: – **Паси меъдаам** ҳам дард дорад?

Т: – Зарар надорад, пирӣ аст!

П: – **Миёнам** аз дард ҷариб аст, ки шиканад?

Т: – Зарар надорад, пирӣ аст!

П: – **Поям** аз рафтор мондааст?

Т: – Зарар надорад ва аломати пирӣ аст.

Охир, пир шӯрида бо **табиб** ҷанг кардааст.

Табиб гуфтааст, зарар надорад, ин ҳам аломати **пирӣ** аст.

Мисли ҳамин ҳикоят ҳама душвориҳо ва бемориҳои ман аломати пирӣ аст. Ба пирӣ тан дардодан ва рафиқонро дарди сар надодан, даркор аст [12, с.326].

Истироҳати порсола, ки дар муддати 20 сол бо маҷбур кардани дуктурҳо қабул карда будам, ба ман бисёр фоида дода, **диламро хеле ба эътидол оварда** буд. Ба сабаби воқеаҳои имсол ба сарам омада, **дил ва асаб аз кор баромад, ҳоло зуд-зуд тапиши дил рӯй дода** аз ҳол меравонад [12, с.94]. Аммо назар ба қавли врачҳои мутахассис асоси бемориам **сустии шуш** будааст [12, с. 367]. Фақат эҳтиёҷи зиндагӣ маҷбур мекунад, ки ҳеҷ набошад, ҳафтае як ё ду бор берун равам, дар он вақт фавран **хориши гулӯ,** сурфа ва обойӣ аз **димоғ** сар мешавад [12, с.139-140].

Бештари вожаҳои узви инсон ҳамчун калимаи умумиистеъмол маъмуланд. Ба назари мо, маънои онҳоро овардан муҳим нест.

Устод Айнӣ ба ғайр аз истилоҳҳои тоҷикии узви инсон, инчунин баъзе истилоҳҳои русии узви инсонро ҳамчун истилоҳи тиббӣ дар номаҳо истифода бурдааст. Ман ба росизм (ратсионализм) пӯшида кардам ва натавонистам зани бемори **малорӣ (малерия-Ш.М.), ревмотизм ва порук сертсаи (порок сердца- Ш.М.)** худро бо бачагони хурдсол бароварда пеш кунам [12, с.104].

Истилоҳи **ревмотизм** аз забони **юнонӣ** гирифта шудааст. Дар забони тоҷикӣ синоними ин истилоҳ **тарбод** мебошад, аммо истилоҳи ревмотизм серистифода аст. **Ревмотизм, тарбод -** беморие, ки бар асари он буғумҳои пову миён ва ғ. ба дард медарояд.

Истилоҳи **малерия** аз забони **италиявӣ** гирифта шудааст.

Лекин азбаски пиру барҷомонда шудаам, метарсам, ки то ба зуҳур омадани ҳақиқат **оргонизми** ман тоб наёварда маҳв шавам [12, с.105]. Сиҳҳати бадан хуб нест, **оргонизм** бо ремонт ҳам кор кардан намехоҳад [12, с.313].

Истилоҳи **организм** аз забони **юнонӣ** гирифта шудааст. Ин истилоҳ дар нутқи гуфтугӯйӣ кам истифода мешавад. Бештар дар шакли истилоҳи тиббӣ дар истеъмол аст. Дар номаҳои устод Айнӣ низ ҳамчун истилоҳи тиббӣ истифода шудааст. Маънои истилоҳи организм - бадан, ҷисм мебошад.

Аммо бемории пирӣ, хусусан синни ба 80 наздик расида бошад, ҳеҷ мумкин нест, ки тамом бартараф шуда, саломатӣ ба **эътидол** биояд [12, с. 551]. Тафсили ин иҷмол он аст, ки агар одам дар ҷавонӣ бемор шавад, барои ба анҷом расондани баъзе корҳои заруриаш то «ба **норма** омадани аҳволи саломатиаш» метавонад ва лозим аст, ки сабр кунад [12, с. 551].

Истилоҳи **эътидол** дар «Вожаномаи тиббӣ» чунин тафсир шудааст. Эътидол - тибби қадим дараҷаи миёна (на гарм ва на хунук, на тар, на хушк, на тафрит, на ифрот), муътадилӣ.

Истилоҳи **эътидол** аз забони **арабӣ** ба забони мо ворид шудааст. Ин истилоҳ ҳамчун истилоҳи илмӣ дар забон дар истифода аст. Дар номаҳо бештар ҳамчун истилоҳи тиббӣ истифода шудааст. Дар истилоҳи тиббӣ синоними калимаи **эътидол- норма** низ истифода мешавад. Истилоҳи норма аз забони **лотинӣ** гирифта шудааст.

Аммо дар шаби 17-апрел бо 39 дараҷа **таб** ба як қаю исҳоли сахт гирифтор шудам ва ба ҳамин ҳол як ҳафта бештарин беҳуш будам. Аммо, бадбахтона, ба ман вақте расид, ки **39 дараҷа таб** доштам [12, с.125]. Аммо аз он ҷо, ки якчанд рӯз **ҳарорат баланд** шуда буд, ҷавоб дер монд [12, с.551].

Истилоҳи тиббии **таб -** ин ҳолати беморие, ки набз тез зада ва ҳарорати бадан аз дараҷаи муқаррарӣ баландтар мебарояд.

Дар номаҳо истилоҳи **таб** ба гурӯҳи истилоҳҳои фаъол дохил мешавад. Инчунин барои худдорӣ аз такрор истилоҳи **ҳарорат** истифода шудааст.

Шумо медонед, ки дар вақти **беморие қаю исҳол бемор беҳуш бошад**, чӣ фалокатҳо рӯй медиҳад [12, с.12].

Истилоҳҳои **қай ва исҳол аз забони арабӣ** гирифта шудааст.

Истилоҳи сохтаи **беҳуш** ҳамчун истилоҳи тиббӣ серистеъмол аст. **Беҳушӣ** – ин дар натиҷаи ба мағзи сар омадани хун якбора аз ҳуш рафтан аст.

Ҳоло ором аст. Ва ҳол он ки ман дар **парҳез** камоли эҳтиётро ба кор мебарам [12, с.132].

Истилоҳи **парҳез** ҳамчун истилоҳи тиббӣ серистеъмол аст. Парҳез ин худдорӣ кардан аз баъзе хӯрок ва мева ва монанди инҳо мебошад. Ҳаминро бояд, қайд намоем, ки устод Айнӣ бинобар сабаби бемор будани меъдаашон ҳамавақт парҳезро риоя мекарданд.

Маълум мешавад, ки нам барои ман аз сармо **музиртар** аст, ҳоло ки борон давом дорад, бо вуҷуди дар хона – дар пеши печка бо гармии 19 дараҷа нишастанам, зукоме сар шуд, аз димоғ **зардоб ома**д [12, с. 142].

Истилоҳи **музир** аз забони арабӣ гирифта шудааст. Маънои истилоҳи музир- **зараровар, зарраросон** мебошад.

Истилоҳи з**ардоб** дар соҳаи тиб серистеъмол аст. Ин истилоҳ аз ҷиҳати сохт мураккаб мебошад. **Зардоб-** чирки зардранг, ки баъд аз пухта расидани реш аз он мебарояд, фасод, рим, мадда [2, с.511].

Аммо дар ҳақиқат ӯ бемор шуда буд, ки баъд аз он тамошо, **бо ангина ва аслоҷнениями** (осложнения -Ш.М.) он як моҳ бистарӣ шуд, на танҳо ӯ, ман ҳам грипп шуда, 15 рӯз дард кашидам [12, с.177].

Истилоҳи **ангена** аз забони **лотинӣ** гирифта шудааст. Ин истилоҳ дар номаҳо бештар истифода шудааст. **Ангина** – гулӯдард, беморие сироятие, ки чун илтиҳоби бодомакҳои ком зоҳир мешавад [2, с.81].

Фақат эҳтиёҷи зиндагӣ маҷбур мекунад, ки ҳеҷ набошад, ҳафтае як ё ду бор берун равам, дар он вақт фавран хориши гулӯ**, сурфа** ва обойӣ аз димоғ сар мешавад [12, с.139-140]. Дар рӯзҳои охир қадре беҳтар мебошам, аммо ҳоло ҳам **сурфаи (сулфаи)** сахт намондааст ва тангии нафас давом дорад, бинобар ин, қуввати кор нест ва ҳамеша ба давохӯрӣ машғулам [12, с. 503-504].

Дар номаҳои устод Айнӣ бештар калимаи **сурфа** истифода шудааст. Дар як нома аввал истилоҳи **сурфа** баъд аз он дар дохили қавс гунаи он **сулфаро** овардааст.

Сурфа/сулфа дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин маънидод шудааст: **Сулфа** - беморие узвҳои нафасгирӣ, садои раъшадоре, ки бо роҳи гулӯ барояд; сулфаи хушк сулфа бе ҷудошавии балғам [16, с.269]. **Сурфа** - садои раъшадоре, ки ба сабаби сармохӯрдагӣ ва беморие шуш ва аъзои нафасгирӣ аз сина ва гулӯ мебарояд, сулфа [16, с.274].

Як кас, ки аз мактаб намондааст Лутфия аст, вай ҳам **дарди** меъда дорад, лекин ба мактаб давом ҳам дорад, гуфта мешавад, ки танҳо ҳамин «сиҳҳати комил» аст [12, с.326]. Маълуми шумост, ки ман дар Истолинобод дар охирҳои соли 1939 сахт **дарди** по шуда будам [12, с.356].

Истилоҳи **дард** ҳамчун истилоҳи тиб дар алоҳидагӣ ҳариб дар истеъмол нест. Ин истилоҳ ҳатман дар қолаби ибора истифода мешавад. Маънои **дард** ҳамчун истилоҳ – ин беморӣ, касалӣ, мараз: дарди гулӯ, дарди дандон, дарди чашм мебошад.

Устод Айнӣ дар баъзе аз мактубҳояшон истилоҳи тиббиро дар шакли иқтибосиашон ва баъзеи онро тарҷума, ё синонимҳои онҳоро овардаанд, ба монандӣ тарбандӣ (компресс), таҷовуз (аслажнения).

Ин тарзи баён дар классиконамон низ роиҷ буд. Чунонки дар китоби «Забони миллат–ҳастии миллат» -и Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оварда шудааст: «Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ тиб(б)» аз қадимтарин навиштаҳои тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар илми тиб ба

ин забон аст. Муаллифи китоб Абубакри Рабеъ ибни Аҳмади Ахавайнӣ аз аҳли Бухоро буда, ин асарро ба манзури ёдгорӣ ба фарзанд ва манфиат ба мардум тақрибан дар байни солҳои 980-983 таълиф кардааст. Забони таълифи асар хеле содаву равон буда, аз устодии муаллиф дар баёни матолиби илми тиб ба забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад. Муаллифи китоб дар бисёр маврид номи дору, беморӣ ё узверо ҳам ба арабӣ, ҳам ба тоҷикӣ (форсӣ) ва гоҳе ба юнонӣ ё забони дигар меоварад, ки ҳамин шеваи ифодаро баъдтар Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ дар таълифоти худ мавриди истифода қарор додаанд» [19, с. 255].

Вақте ки ман аз он ҷо баргашта, ба хона омада, ба дуктурони таҷрибакори Самарқанд худро **муоина кунондам**, онҳо бемории асосии маро «грипп» ва дарди поро аз асари таҷовузи он (аслажнениями он) қарор дод (анд) ва мувофиқи ин дарёфти худи онҳо, аз як тараф, барои грипп даво дода бошанд, аз тарафи дигар, барои дарди по бо арақ – ё бо испирти обомехта **тарбандӣ (компресс)** фармуданд [12, с.356]. Вақте ки ман дар ду-се рӯз сечор бор бо **арақ (водка)** т**арбандӣ** кардам, пеш аз рафъ шудани грипп дарди по бартараф шуд [12, с.356]. Агар дар ҳафта – як рӯз аз хона бароям, албатта, шамол мехӯрам ва ба **комприс** ё бонка муҳтоҷ мешавам [12, с.199].

Истилоҳи **компресс** аз забони л**отинӣ** гирифта шудааст.

Кумиссия Кисловодскиро лозим дидааст (қарори 12 морти 1941 нумраи 396 кумиссияи Гуриздрови Самарқанд дар пеши **поликлиникаи** нумери 1) [12, с.298].

Истилоҳи **поликленика** аз забони **юнонӣ** гирифта шудааст.

Холабачаи Холида, ки Узгуро тамом карда, ба муаллимагӣ даромад, дарди меъда аст, 15 рӯз аз кор монд, ҳозир ҳам беҳтар нашудааст, аммо маҷбур шуд, ки ба кор равад, як холабачаи дигараш ҳам бемор аст, бо вуҷуди ин, ба медтехникум давом мекунад ва маҷбур аст, ки ҳафтае ду бор **ба болнитсаи** тифҳо 18-соатӣ навбатдор шавад [12, с. 326]. Аз дуру дароз ба **беморхона** хобидани шумо ман хеле ташвишманд мебошам, зеро ҳарчанд беморӣ сабук бошад, валекин ягон сабаби дар б**еморхона** дароз хобиданро «ҳакиме дарёфта бошад», ин як кори дилгиркунанда ва бемории нобударо ба вуҷудоваранда аст [12, с.538].

Истилоҳи **болнитса** аз забони русӣ гирифта шудааст. Дар номаҳо ҳам истилоҳи **беморхона** ва ҳам болнитса истифода шудааст.

Агар дар ин миён андаке **брушной (брюшной -М.Ш.) тиф** рӯй диҳад, кори ман тамом аст [12, с.328].

Истилоҳи **тиф** аз забони **юнонӣ** гирифта шудааст. Дар забони тоҷикӣ ин истилоҳ серистеъмол аст. Синоними тоҷикии истилоҳи **тиф** вожаи домана мебошад. Устод Айнӣ дар номаҳо калимаи доманаро истифода накардааст.

Охир, дуктури ҳозиқе вохӯрд, ки асоси бемории ӯро дар ангинаи **музмин** ёфт ва ба ҳамин асос ба як пруфесуре, ки мутахассиси ҳамин беморӣ буд, муолиҷа кунонданро маслиҳат дод [12, с.359].

Истилоҳи **музмин** аз забони **арабӣ** гирифта шудааст. Музмин ҳамчун истилоҳи тиббӣ чунин маъно дорад: музмин- куҳна, дерина; бемории музмин бемории дер боз дар бадан ҷойгиршуда, дарди куҳна.

Дар ҳақиқат, ин муолиҷа **– амалиёти ҷарроҳии** гулӯ, фоидаи калон бахшид ва беморӣ тамоман бартараф нашуда бошад ҳам, хеле сабук шуд [12, с.359].

Аслан таркиби ибораи мазкур, ки аз калимаи **амал ва ҷарроҳ** сохта шудааст, калимаҳои **арабиан**д. Бинобар ин ки калимаҳои мазкур бо пасвандҳои тоҷикӣ калима сохтаанд, мо инҳоро ҳамчун калимаҳои тоҷикӣ меҳисобем.

Ҷарроҳӣ – дасткорӣ, як соҳаи тиб, ки бемориҳои муайянро бо амалиёти ҷарроҳӣ ва кумаки даст сиҳат мекунад [3, с.533-534].

Устод Айнӣ дар номаҳо ҳам **амалиёти ҷарроҳӣ** ва истилоҳи **апперaтсияро** истифода кардааст: Мо, маҷруҳонро, ба беморхонаи шаҳри Когон бурданд. Мирзо Назрулло дар се рӯз вафот кард, ман 52 рӯз хобида, аз 25 бо**р оператсия** гузаштан, саломатӣ ёфта, рост ба Самарқанд рафтам ва аз ҳамон рӯз то имрӯз дар Самарқанд мебошам [12, с.548].

Истилоҳи **оператсия** аз забони **лотинӣ** гирифта шудааст. Ин истилоҳ дар соҳаи мақомотҳои қудратӣ низ истифода мешавад.

Имсол боз ҳам беҳтар аст. Албатта, боз **муолиҷа дар обҳои маъданӣ** зарур аст. Ба дуктурҳои гуногун **табобат** кунонда шуд [12, с.359].

Истилоҳҳои **табобат ва муолиҷа** дар номаҳо баробар истифода шудаанд. Истилоҳи **табобат ва муолиҷ** аз забони арабӣ гирифта шудааст. Аммо истилоҳи муолиҷа пасванди тоҷикӣ гирифтааст.

Дуктур ҷеғ задам, ӯ баъд аз он ки ба ман (монанди пештара) доруҳои таҳвияи шушу дил дод, тавсия кард, ки аз миён поёнамро, хусусан поҳоямро бисёр гарм нигоҳ дорам, то ки **ҷараёни хун** эътидол ёбад [12, с. 402].

Истилоҳи **ҷараён аз забони арабӣ** гирифта шудааст. Ин истилоҳ дар забони тоҷикӣ серистеъмол аст. Маънои истилоҳии ҷараён ин - ҷорӣ шудан, равон шудан: ҷараёни об, ҷараёни хун, ҷараёни ҳаво мебошад.

Ва ҳатто дар ин гуна маврид **ба сар задани ғалаёни хун** ҳам мумкин аст, ки **натиҷаи вай ҳалокат ва ҳеҷ набошад фалаҷӣ** аст [12, с.402]. Ҳарчанд бинобар ҳавонагирии дурудароз нафаскашӣ душвории худро давом дод, аммо бо тадбири мазкур **ғалаёни хун**, ки дар **тибби куҳна «сакта»** меноманд, рӯ надода истод [12, с. 402].

Истилоҳи **ғалаён** аз забони арабӣ ба забони мо ворид шудааст. Ғалаёни хун ин – бемории ҳипортения, баланд шудани фишори шараён [3, с.312].

Истилоҳи **сакта** низ аз забони арабӣ гирифта шудааст. Дар соҳаи тиб чунин шарҳ ёфтааст: **САКТА 1**. фалаҷи қалб, резиши хун ба мағз, ё баста шудани раги хун, ки боиси марги ногаҳонӣ мешавад; сактаи қалб, фалаҷи дил, сакта кардан а) ба фалаҷи дил гирифтор шудан, ногаҳонӣ мурдан [16, с.196].

Чунончи, 18 апрел шамол хӯрдам ва баъд аз чанд **парошуки (порошок) сулфизор** хӯрдан, худро сиҳҳатёфта гумон карда, 21 – апрел барои кори заруре бо мошин кӯча баромадам, ҳамон шаб **беморӣ боз авҷ кард ва ҳанӯз таб нагаштааст ва сулфизорхӯрӣ ва** дигар **давоҳо** ҳам ба ҷон расонд [12, с.443]. Ин ҳама таъсири аллисат ва **панткорин** аст [12, с. 453].

Истилоҳи **порошок** аз забони русӣ гирифта шудааст. Истилоҳи **сулфизор ва панкреатин** номи дору аст.

Дарозии имсола бемории маро аз ҳамин бояд қиёс кард, ки дар тамоми зимистон фақат 28 декабр як бор бо мошин кӯча баромадам ва то ҳол дигар рӯйи кӯчаро надидаам ва **вазнинии бемории** имсоларо аз ҳамин метавон фаҳмид, ки ғайр аз давоҳои дигар, фақат **аз пенисиллин 25** миллиону шашсад ҳазор **укол шуд** [12, с.522].

Истилоҳи **пенисиллин** аз забони лотинӣ гирифта шудааст. Истилоҳи **укол** аз забони русӣ гирифта шудааст.

Соли гузашта бо сабаби ба даст даромадани «**илисот**» ном **ҷавҳари саримсоқ** аҳволам хеле беҳтар шуда буд [12, с. 435].

Истилоҳи **ҷавҳар** муарраби гавҳар аст. Ҳамчун истилоҳи тиббӣ ба маънои шира истифода мешавад. Истилоҳи **саримсоқ** (лаҳҷавӣ) маънои сир - бехмеваи пиёзмонанди таъму бӯяш тез [16, с. 249], ҷавҳари саримсоқ-ин шираи сир мебошад.

Санаторий, ки дар он ҷо ҳамаи **медсестраҳ**о ва давоҳо тайёранд, барои ман фоиданок аст [12, с. 523]. Аз ваҷҳи ба Маскав рафтани рафиқаи ман ва мушояат кардани ман ӯро бошад – ин мавқуф ба роҳномаи **курорт** аст [12, с.135].

Истилоҳи **медсестра** аз ду калима **медитсинская сестра** гирифта шудааст. Истилоҳҳои **санатория, медитсина** аз забони лотинӣ гирифта шудааст. Истилоҳи сестра аз забони русӣ ба забони мо ворид шудааст.

Истилоҳи **курорт** аз забони олмонӣ гирифта шудааст.

Ин кори худро ҳам ҳамеша дар зери назорати худ мегирам: ба ин тариқа, ки вақти кор сар кардан, **термометр** мемонам, агар аз 36,2 боло набошад, кор сар мекунам. Ва ҳар соат **термометр** монда меистам, ҳар гоҳ ки ба 37 расид, корро бас мекунам [12, с.540].

Истилоҳи **термометр** аз калимаи **юнонӣ** гирифта шудааст. Маънои термометр – ин ҳароратсанҷ мебошад.

Бино бар ин, ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аз ҳамин рӯз сар карда, то ду рӯз таҳлили умумии хунро, таҳлили пешоб ва балғамро тайёр кунонед; ҳам ҷойи озорноки баданро (ҳарчанд ҳозир озор надошта бошад ҳам) дар **ренгин акс** гиронед [12, с. 538].

Истилоҳи **рентген** аз забони **олмонӣ** гирифта шудааст.

Аз **трапикҳо (терапевт-Ш.М.)** пруфессур Лихтер, дутсент Мансуруф, аз **ҷарроҳомон** пруфессур Акрамуф, аз мутахассисони дарди гулӯ (ангина) як кас, аз мутахассисони ренгин як

кас, ҳамаи инҳо дар соати муайян ҷамъ шуда, бо таърихи беморӣ шинос шуда, ҳамаашон якҷоя шуморо бинанд [12, с.538].

Истилоҳи **терапевт** аз забони **юнонӣ** гирифта шудааст. Истилоҳи **ҷарроҳ** аз забони **арабӣ** гирифта шудааст.

Хулоса, аз таҳлилу баррасии мисолҳо маълум гардид, ки устод Садриддин Айнӣ бештар истилоҳоти тиббии тоҷикӣ, арабӣ, юнонӣ ва лотиниро истифода кардааст. Яке аз хусусиятҳои жанри номанигории хусусӣ ҳаминро талаб мекунад, ки муаллиф барои дарку фаҳмиши мухотаб аз калимаю истилоҳҳое, истифода мекунад, ки барои ӯ фаҳмо бошад. Агар аз рӯйи навъи беморӣ истилоҳҳоро ҷудо кунем, бештар истилоҳҳои бемории дарунӣ истифода шудааст.

Мукарриз: ***Мирзоёров Ф.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Байзоев, А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар «Донишнома» -и Абӯалӣ ибни Сино / А.Байзоев– Душанбе, 2016. – 196 с.
2. Вожаномаи тиббӣ. – Душанбе, 2014. –808 с.
3. Вожаномаи тиббӣ. – Душанбе, 2014. –816 с.
4. Мавлонзода, Ш. Баррасии баъзе масъалаҳои забоншиносӣ дар номаҳои устод Айнӣ дар асоси “Мактуби кушод ба рафиқ Толис” / Ш.Мавлонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №7 соли 2021. - С.27-32.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ 1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. –Душанбе, 2007. –243 с.
6. Мирзо Ҳасани Султон. Истилоҳот ва истилоҳнигории тоҷикӣ / М.Ҳ. Султон. – Душанбе. –196 с.
7. Мирзо Ҳасани Султон. – Ташаккул ва такомули истилоҳоти тиббӣ./ М.Ҳ. Султон.– Душанбе, 2008. – 334 с.
8. Назарзода С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот) / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2003. –148 с.
9. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо / С.Назарзода. – Душанбе, 2013. –273 с.
10. Ҳалимов, С. Осор. Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик / С.Ҳалимов // С. Айнӣ-лексикограф. Ҷилди 1. – Душанбе, 2022. – 232 с.
11. С.Айнӣ. Куллиёт / Айнӣ С. Ҷилди 12. –563 с.
12. С.Айнӣ. Мактубҳо / Айнӣ С. – Душанбе, 2023. – 664 с.
13. С.Улуғзода. Пири ҳакимони машриқзамин / Улуғзода, С. – Душанбе, 176 с.
14. Тураҳасанов, Қ. Истилоҳоти иқтибосии тиббии арабӣ дар забони тоҷикӣ / Қ. Тураҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №5(19). –Душанбе, 2004. – С.124-131.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – Душанбе 2008, – 950 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ .Ҷ. 2. – Душанбе 2008, – 945 с.
17. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X – XVI. Монография / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 344 с.
18. Шукуров, М.Ш. Назаре ба таҳаввули принсипҳои истилоҳсозии тоҷик / М.Ш. Шукуров // Ахбороти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1991. - №4. - С.3-9.
19. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат–ҳастии миллат / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе, 2018.–516 с.
20. Юсуфов, А. Шарҳи истилоҳоти тиббӣ / А.Юсуфов. –Душанбе, 2006. – 150 с.
21. [Манбаи электронӣ] https://ru.wiktionary.org/wiki/.

НАҚШИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ ДАР НОМАҲОИ УСТОД АЙНӢ

Истилоҳу истилоҳшиносӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба шумор меравад. Донишмандони гузаштаи мо тавассути осори мондагорашон дар рушд ва инкишофи забони тоҷикӣ нақши босазо гузоштаанд, ин ҷойи шакку шубҳа нест. Ба таъкиди муҳаққиқон бунёди истилоҳоти тоҷикиро донишмандон Абурайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино, Насируддини Тусӣ ва дигарон гузоштаанд. Дар мақола доир ба истифодаи истилоҳоти тиббӣ дар номаҳои устод Айнӣ сухан меравад. Муаллиф баъзе вижагиҳои луғавию сохтории истилоҳоти тиббиро дар асоси маводи номаҳои устод Айнӣ муайян кардааст. Ӯ иброз менамояд, доир ба истилоҳоти тиббӣ таҳқиқоти назаррас ба анҷом расида бошанд ҳам, то ҳол паҳлуҳои норавшани ин бахши забоншиносӣ мавҷуданд. Истилоҳоти тиббӣ ҳам дар таърихи забон ва ҳам дар забони адабии муосири тоҷикӣ аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол нисбат ба дигар гурӯҳҳои истилоҳоти илмӣ бештар истифода мешавад. Дар номаҳои устод Айнӣ низ истилоҳоти тиббӣ зиёд истифода шудааст. Бештари номаҳои устод Айнӣ бо шарҳи вазъи саломатиаш оғоз мешавад. Ҳамчунин дар номаҳо роҳу усули табобат ва аз кадом навъи доруҳо истифода кардан оварда шудааст.

Калидвожаҳо: нома, калима, синоним, истилоҳ, забони адабӣ, забоншиносӣ, фаъол, тиб, маъно, сохт.

РОЛЬ МЕДИЦИНСКИХ ТЕРМИНОВ В ПИСЬМАХ АЙНИ

Терминология является одной из важных тем лингвистической науки. Наши учёные прошлого своим неустанным трудом сыграли значительную роль в становлении и развитии таджикского языка. Ученые Абурайхан Беруни, Абуали ибн Сино, Насируддин Туси и другие подчеркивали важность создания таджикской терминологии. В статье говорится об использовании медицинских терминов в письмах Садриддина Айни. На основе материалов писем Садриддина Айни автор выявил некоторые лексические и структурные особенности медицинских терминов.

Он указывает, что, хотя в области медицинской терминологии были проведены значительные исследования, все еще остаются неясными некоторые аспекты этой лингвистической области. Медицинские термины используются больше, чем другие группы научных терминов, как в истории языка, так и в современном таджикском литературном языке. В письмах Садриддина Айни также используется множество медицинских терминов. Большинство писем Садриддина Айни начинаются с объяснения состояния его здоровья. Также в письмах приведены методы лечения и какие препараты применять.

Ключевые слова: буква, слово, синоним, термин, литературный язык, языкознание, актив, медицина, значение, структура.

THE ROLE OF MEDICAL TERMS IN AYNI'S LETTERS

Terminology is one of the important topics of linguistic science. Our past scientists, with their tireless work, played a significant role in the formation and development of the Tajik language. Scientists Aburaikhan Beruni, Abuali ibn Sino, Nasiruddin Tusi and others emphasized the importance of creating Tajik terminology. The article talks about the use of medical terms in the letters of Sadriddin Aini. Based on materials from Sadriddin Aini's letters, the author identified some lexical and structural features of medical terms. He points out that although significant research has been done in the field of medical terminology, some aspects of this linguistic field still remain unclear. Medical terms are used more than other groups of scientific terms, both in the history of the language and in the modern Tajik literary language. Sadriddin Aini's letters also use many medical terms. Most of Sadriddin Aini's letters begin with an explanation of his state of health. The letters also contain treatment methods and what medications to use.

Key words: letter, word, synonym, term, literary language, linguistics, asset, medicine, meaning, structure.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мавлонзода Шухрат Мавлон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., докторант, кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроғa:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 935-88-51-47**

Сведения об авторе: ***Мавлонзода Шухрат Мавлон*** – Таджикский национальный университет, н.и.ф., докторант, кафедра современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-88-51-47**

Information about the author: ***Mavlonzoda Shukhrat Mavlon*** – Tajik National University, candidate of philological sciences, doctorant, department of modern Tajik literary language. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17. Phone: **(+992) 935-88-51-47**

ТДУ: 891.550-1+82

ФИТОНИМҲО ДАР ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

Насимов Н.
Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»

Фитоним аслан калимаи юнонӣ буда, аз *phyton* – **растанӣ** ва *onyma* – **ном** иборат мебошад [12, с. 331]. Яъне фитоним як бахши илми ономастика буда, номи растаниҳоро меомӯзад.

Дар илми лингвофолклористикаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Россия забоншиносон М.А. Бобунова, Т.Н. Бурмистрова ва А.М. Летова бахусус оид ба фитонимҳо дар фолклори рус асарҳои илмӣ эҷод кардаанд [3; 4; 11].

Забоншиноси тоҷик Ҷ. Алимӣ дар китоби «Ономастика» дар бораи фитонимҳо ва дараҷаи омӯзиши онҳо маълумоти назариявию амалиро дарҷ намудааст [1, с. 64, 96, 100, 127].

Ҳамчунин оид ба истифодаи воҳидҳои лексикии номи растаниҳо забоншиносони тоҷик О.Ҳ. Қосимов дар рисолаи илмии «Лексикаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» ва К.Т. Ғаффорова дар бораи таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ бо зоонимҳо ва фитонимҳо дар забонҳои тоҷикӣ, немисӣ ва русӣ маълумоти муфассал додаанд [7; 10].

Дар лаҳҷашиносӣ оид ба баъзе растаниҳои табобатӣ З.И. Замонов [2009] ва Н. Гадоев [2012; 2019] иттилоъ дарҷ намудаанд.

Луғати номҳои растаниҳои табобатии Тоҷикистони шимолиро О. Додобоева мураттаб сохтааст [8].

Омӯзиши фитонимҳо (номи растаниҳо) дар фолклори тоҷик ба назар нарасид. Аз ин хотир тасмим гирифта шуд, ки истифодаи фитонимҳо дар фолклори Сари Хосор мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Дар фолклори Сари Хосор зиёда аз 40 номгӯйи фитонимҳо бештар аз 400 маротиба дар жанрҳои назмию насрӣ дарҷ ёфтааст. Ва онҳоро аз рӯйи ифодаи маънои умумӣ ё хоссу мушаххас доштан ва ё хусусиятҳои дигарашон метавон ба гурӯҳҳо ҷудо кард. Баъзе фитонимҳо ҳам дар шакли забони адабӣ ва ҳам дар шакли лаҳҷавӣ истифод гардидаанд.

Фитонимҳое, ки ном ё маънои умумии гиёҳҳо ё макони онҳоро мефаҳмонанд: а**лаф, гул** – **гъл, гулзор, ғалла, хас, хаспал.**

Як парча зъмин дорем, нимъш шъдгор,
Говони ба қаҳр дорем, дил ошъқи зор.
Кай рузе шава, ки бъшкана оҳани кор,
Гово ба алаф раван, мо пешаки ёр [2, с. 126].

Боло меравӣ, боло шамоло дора,
Гул мешкуфа, лола тамошо дора,
Савдогара бин молоша савдо дора,
Мо месузем, мардум чӣ парво дора [2, с. 65].

Гъръфт, ҳуйъш кард, ису усъ лав кард бахмала қатӣ пахтаҳо, ки руба тилло бастаст, қадди гъл хъшрувай [2, с. 305].

Ғаллаи савзъм қоқ шидай,
Яг бор бърезон боруна! [2, с. 43].

Чие дар ҳаму мазор хасу хаспалу чуву севу севга бъд овард. Боръш кард съмбъш кард [2, с. 318].

Фитонимҳое, ки ном ё маънои умумии ниҳолҳо ё дарахтон ва ҷузъе аз онҳоро ифод мекунанд: **боғ, дарахт, химча, ҳезум** – **ҳезъм, чорбоғ.**

Моҳро дидам, сафедтар аз рӯи ту нест,
Шабро дидам, сиёҳтар аз мӯи ту нест,
Дар боғ равам, ниҳол ба қади ту нест,
Дар дида бишин, ки ин замин ҷои ту нест [2, с. 72].

Дар моҳи Октябър буд,
Тирамоҳи хъшнамуд,
Дарахтони пурбор буд [2, с. 234].

Дар лаби ҷар,
Химчаи тар [2, с. 207].

Овард дар даҳани дари мусъфед чандсола (ҳезуми) аловира гъ̄н кард [2, с. 288].

«– Баром чӣ ҳезъм ***наовардӣ?»*** [2, с. 174].
Ман хоб бъдам, як гъ̄л ба дарвоза гъзашт,
Нъмоли саръш чорбога молида гъзашт.
Мардум меган: «Чита гул бъд, ки гъзашт?»
И гъ̄л ***набъд,*** *кадом паризода гъзашт* [2, с. 70].

Калимаи **хор** номи умумӣ буда, ҳам ба баъзе гиёҳҳо ё гулҳо ва ҳам бархе аз ниҳолҳо ё дарахтҳо мансуб аст.

Гъ̄ли сияҳгуш ҳафтрангай,
Миёни хору ҳам сангай,
Ай у дилҳо хърсандай.
Буҳори нав муборак бод! [2, с. 30]

Гундушкаки чур-чурӣ, чур-чур сари хор,
Гоҳ дар сари гул бишӣ, гоҳ дар сари хор,
Зурат, ки намераса, ба нон додани ёр,
Ай дургӣ бест, пасаки калата бухор [2, с. 70].

Дар фолклори Сари Хосор номҳои хосси гиёҳҳои (набототи) зерин ва макони онҳо ҳам мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки дар шакли дарҷи матниашон аз рӯйи алифбо оварда мешаванд: **арзан** – **арзъ̄н, гандум** – **гандъм, гулдаста, ғармаш, ғомък, ғуза, зира, каҳ, каҳгъ̄л, лола, лолазор, нахъ̄т, пахта, пахтатуда, райҳон, себарга, съ̄ман, сабза, шолӣ, садбарг, сияҳгуш, ҷав.**

Лаб-лаби арзан, домана бар зан,
Бачъки бериш, дъхтара бар зан.
Лаб-лаби шолӣ, навданиҳолӣ,
Бачъки бериш, дар чӣ хиёлӣ? [2, с. 267].

Деҳқони пир. Ҳами яктада бъра, ай барой хъдо, яг ҷъфти гов бътат, арзъ̄н мекорем-е! [2, с. 251].

Аспи сиёи мардум,
На ҷав мондай на гандум [2, с. 207].

Лав бърумадем, усъ қъшлоқ қариб диёр умаасту, мардъм гандъм дъравидестан [2, с. 266].

Боло мерай, дуо бъгу болора,
Ғармашақи сърхи сари девлохора,
Ғармаш, гармаш, тъ гъ̄л бъкъ, дона нагӣ,
Пас ай сари мо ёраки бегона нагӣ [2, с. 70].

Оҳу ба сари куҳ гъ̄ли лола чарид,
И кърта́и ёр мъсли гъ̄ли лола дарид.
Мардум мега: «Кърта́и ёр бахчӣ дарид?»
Ҷонона кашиду мо кашидем, ки дарид [2, с. 323].

Ай омаданъ́т агар хабар медоштъм,
Дар руи раҳъ́т гъ̄ли съ̄ман мекоштъм.
Гъ̄л мекоштъм, ки пота дар хок назанӣ,
Хоки қадамта ба дида мебардоштъм [2, с. 57].

Номҳои хосси дарахтон (ниҳолҳо) ҳарчанд номҳои хос номида шаванд ҳам, азбаски исмҳои ҷинс ҳастанд, чун исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта намешаванд. Меваи бисёре аз дарахтони мевадиҳанда бо номи дарахтонашон номбар мешаванд: **анор, дълона, зардоду, писта, себ** – **сев, тут, чормағз, шаҳтут.**

Чӣ лаклак бо Ҳисор омад,
Ба ҳар ***шохи*** *чанор омад,*
Зимистон бъд, буҳор омад,
Буҳори нав муборак бод! [2, с. 29].

Яг дълонара бъриду ***харда бор*** *кард, ба* ***дари*** *хонаи хуҷаинша омад* [2, с. 183].

Идора сафед, пуштаки идора сафед,
Оли меоя котиббача – куртасафед.
Котиббача қадът ҳамели писта,
Да минай дигарон туи гулдаста [2, с. 227].

Дъхтар, дъхтаре, нозанин омадаӣ,
Себе ба дъруни остин омадаӣ.
Себе ба дъруни остинта чӣ кънъм,
***Ҳайфи** қадамът, гъл, ба замин омадаӣ* [2, с. 68].

Қосимҷон. Хъди Севи шъринда умадем, тай Калотда [2, с. 265].

Ай тут мешава шонаӣ шамсод,
Дар хоро, хори бадай янтоқ.
Ё зан ё марде, бошад чатоқ,
Кор накънад, кунад шилтоқ [2, с. 88].

Яг руз Мънъск дар хар чормагз бор карда омадан гъръфт [2, с. 327].

Фитоними **якатут** номи дарахти тутро ифода мекунад.

Чойлови баланд дорию пояш якатут,
Синаи сафед дорию нумоли кабут.
Ҳар кас, ки тура ай ма ҷудоӣ фармуд,
Гураш пури оташай, лаҳаташ пури дуд! [2, с. **60**].

Фитонимҳои **арғъвон** ва **чанор** номи дарахтони бемева мебошанд.

Ҷонунаи ҷон, бе ту ҷиёнро чӣ кънъм,
Бе тъ гъли сърхъ аргъвонро чӣ кънъм,
Бе тъ гъли сърхи аргъвон бъсёрай,
Дил майли тъ дора дигаронро чӣ кънъм [2, с. **57**].

Баъд чанд раҳе рафтай, ки Чаноргардон ҳафт чанор дар сари дъстъш омада истодай [2, с. 27**5**].

Фитоними **туғай, туғайзор** ва **туғайҷо** маънои ҷойи анбуҳи дарахти **туғ (тук), туғзор, беша, бешазор, чангал, чангалзорро** мефаҳмонад.

Дар туғайҷое шъкор кунум,
Сайқал дам дар туғайзор кунум [2, с. 105].

Умад дар яг дъруни туғай, ки як курбаразнгӣ ба яг дъстъш ҷав орд мекъна, ба яг дъстъш қатӣ гандъм бод карда исодасдак, араҷо рехта истодаст [2, с. 303].

Аз номгӯйи фитонимҳо калимаҳои **алаф, райҳон, съман** арабӣ ва **туғай** туркӣ буда, дигарашон аслан тоҷикӣ мебошанд.

Хоки ватан аз тахти Сулаймон хуштар.
Хори ватан аз лолаю райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Сад кош гадо буд, ба Канъон, хуштар! [2, с. 54].

Фитонимҳо ё номи растаниҳо (гиёҳҳо ва ниҳолҳо) дар фолклори Сари Хосор аз ҷиҳати сохташон ба истиснои калимаҳои сода, ки аксариятро ташкил медиҳанд, дар шаклҳои сохта ва мураккаб зиёдтар дар матнҳои назмӣ омадаанд: **гулзор, лолазор, сабза, туғай, шолӣ; гулдаста, зардоду, каҳгъл, пахтатуда, садбарг, себарга, сияҳгуш, туғайҷо, хаспал, чормагз, якатут.**

Ман хоб будам, ба хотирам ёр расид,
Бедор шудам ба ҷигарам хор расид.
Рӯзе ки танам ба хонаи ёр расид,
Ду булбули шӯрида ба гулзор расид [2, с. 71].

Дар сабза нашин, ки сабза гълзори манай,
Бар ҳар сари сабза манзили ёри манай.
Ҳар ҷо рафтӣ, дарахти пъргъл бинӣ,
Сангъш назанӣ, ки сурати ёри манай [2, с. 73].

Давлатхотун – барги гули зардоду,
Яг буса бутe дарди дилъма дору.
Яг буса наметъмът, ки ту рагузарӣ,
Шаҳрора ба шаҳр гардӣ овоза барӣ [2, с. 240].

Баъд мардъм ҳама ховай, боло гъзаштаю (домодро) тоқиша ай сар гъръфтаю дар саръш кънҷорара мондаю каҳгъла ай болош чошидай [2, с. 324].

Садбарги сафеди ман чаро зард шидай?
Ё дил ба касе додӣ, ё қалб шидай?
– Не дил ба касе додам, не қалб шидам,
Ғамҳои тура хурдам, рангзард шидам [2, с. 68].

«Бача чан роҳе рафт, ки дид: овой равону себаргаҳой ба дъруни ов [2, с. 159].

Гъли сияҳгуши секуша,
Миёни гандъмъ гуза,
Дилат бар мо намесуза.
Буҳори нав муборак бод! [2, с. 29]

Бо фитонимҳо калимаҳои дигар низ сохта шудаанд: **арзандаравӣ, арзънкорӣ, гандъмбърён, ғаллакорӣ, пахтасупорӣ.**

(Хам шуда, ҳарду арзандаравиро тасвир мекунанд) [2, с. 258].

Яг бой ҳамӣ деҳқунӣ арзън дора, яг зъмини ноҷъфткадаҳаю ҳамура арзън мекора, нияти арзънкорӣ дора» [2, с. 252].

«– Иқарак гандъмбърёнът кънъм?» [2, с. 323].

***«Яг** деҳқон бъд, галлакорӣ мекард. …»* [2, с. 183].

Яг су пахтасупорӣ,
Яг нимда богҳой зебо.
Маҳсулоти ширавор,
Ай сарзамин – мълки мо. [2, с. 234]

Бо истифода аз фитонимҳо номҳои хосси одамон ё лақабҳо низ гузошта шудааст: **Нахътак** – **Нахът, Чаноргардон.**

(Зан) ночор шида, нуна дар миёни Нахътак баст [2, с. 270].

Нахът ба дъруни алафо уштак кашида рафт [2, с. 270].

Чаноргардон сари раҳаки бачара гъръфт [2, с. 275].

Ҳамчунин фитонимҳо дар ташаккули номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ – топонимҳо низ омадаанд: **Севи шърин, Сияҳарчаҳо.**

Қосимҷон. Хъди Севи шъринда умадем, тай Калотда [2, с. 265].

Қосимҷон. Даҳани Сияҳарчаҳода! Даҳани дътаҳагида? Тай куталда умадем? [2, с. 266].

Аз истифодаи фитонимҳо дар фолклори Сари Хосор дида мешавад, ки мавзуъҳои баҳси лингвофолклористӣ новобаста аз миллату халқиятҳо ва забону жанрҳои адабӣ дар эҷодиёти онҳо ба назар мерасад.

Муқарриз: *Ғаффоров А.* – д.и.ф., профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ, Ҷ. Ономастика. (Назария ва амлия) / Ҷ. Алимӣ. -Душанбе, 2017. – 552 с.
2. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1963. – 347 с.
3. Бобунова, М.А. Динамика народно-песенной речи: (на материале фитонимической лексики в необрядовой русской народной лирической песне): автореф. дис. … канд. филол. наук / М.А. Бобунова. – Воронеж, 1990. – 22 с.
4. Бурмистрова, Т.Н. Сакральная фитонимия: лингвокультурологический аспект: автореф. дис. ... канд. филол. наук / Т.Н. Бурмистрова. – Екатеринбург, 2008. – 24 с.
5. Гадоев, Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 209 с.
6. Гадоев, Н. Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб) / Н. Гадоев. – Душанбе, 2019. – 334 с.
7. Гафарова, К.Т. Сопоставительный анализ фразеологических единиц с зоонимами и фитонимами в таджикском, немецком и русском языках: дис. … канд. филол. наук / К.Т. Гафарова. – Душанбе, 2007. – 164 с.
8. Дадабаева О. Словарь научных и местных названий лекарственных растений Северного Таджикистана (на тадж. яз.) / О. Дадабаева. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 132 с.

9. Замонов, З.И. Лексика Даштиджумского говора таджикского языка: автореф. дис. … канд. филол. наук / З.И. Замонов. – Душанбе, 2009. – 19 с.
10. Касимов, О.Х. Лексика «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси: автореф. дис. … док. филол. наук / О.Х Касимов. – Душанбе, 2011. – 54 с.
11. Летова, А.М. Семантические особенности фитонимов в русском фолклоре: автореф. дис. ... канд. филол. наук / А.М. Летова. – М., 2012. - 23 с.
12. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ / Бо саъю эҳтимоми Воҳид Шарифов. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советти тоҷик, 1984. – 376 с.
13. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / Мураттибон: М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, 2017. – 842 с.
14. Фарҳанги забони тоҷики. Ҷилди 1. – М.: Советская энциклопедия, 1969. –951 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – 945 с.

ФИТОНИМҲО ДАР ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

Мақолаи мазкур ба истифодаи воҳидҳои луғавии фитонимӣ дар матнҳои фолклории Сари Хосор бахшида шудааст. Фитоним як бахши илми ономастика буда, номи растаниҳоро меомӯзад. Дар илми лингвофолклористикаи давлатҳои хориҷӣ забоншиносон М.А. Бобунова, Т.Н. Бурмистрова ва А.М. Летова бахусус оид ба фитонимҳо дар фолклори рус асарҳои илмӣ эҷод кардаанд. Забоншиноси тоҷик Ҷ. Алимӣ дар китоби «Ономастика» дар бораи фитонимҳо ва дараҷаи омӯзиши онҳо маълумоти назариявию амалии муфассалро дарҷ намудааст. Дар лаҳҷашиносӣ оид ба баъзе растаниҳои табобатӣ З.И. Замонов ва Н. Гадоев иттилоъ додаанд. Ҳамчунин луғати номҳои растаниҳои табобатии Тоҷикистони шимолиро О. Додобоева мураттаб сохтааст. Маълум гардид, ки дар фолклори Сари Хосор зиёда аз 40 номгӯйи фитонимҳо бештар аз 400 маротиба дар жанрҳои назмию насрӣ дарҷ ёфтааст. Ва онҳо аз рӯйи ифодаи маънои умумӣ ё хоссу мушаххас доштан ва ё хусусиятҳои дигари забоншиносӣ ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Хуллас, истифодаи фитонимҳо дар фолклори Сари Хосор нишон медиҳад, ки мавзуъҳои баҳси лингвофолклористӣ новобаста аз миллату халқиятҳо ва забону жанрҳои адабӣ дар эҷодиёти онҳо ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: фитоним, растанї, лингвофолклористика, забон, фолклор, матн, Сари Хосор, зооним, лаҳҷа, маъно, ономастика**,** лексика, фразеология.

ФИТОНИМЫ В ФОЛЬКЛОРЕ САРИ ХОСОРА

Данная статья посвящена употреблению фитонимических лексических единиц в фольклорных текстах Сари Хосара. Фитонимика является отраслью науки ономастики и изучает названия растений. О лингвистическом фольклоре лингвисты зарубежных стран М.А. Бобунова, Т.Н. Бурмистрова и А.М. Летова создали научные работы, особенно по фитонимам в русском фольклоре. Таджикский лингвист Дж. Алими в книге «Ономастика» дал обширную теоретическую и практическую информацию о фитонимах и уровне их изучения. В диалектологии некоторых лекарственных растений отмечены работы З.И. Замонова и Н. Гадоева. Также словарь названий лекарственных растений Северного Таджикистана издан О. Додобоева. Выяснилось, что более 40 названий фитонимов более 400 раз встречались в поэтических и прозаических жанрах в фольклоре Сари Хосора. И делятся они на группы по выражению общего или конкретного значения, или другим языковым признакам. Одним словом, использование фитонимов в фольклоре Сари Хосора показывает, что темы лингвофольклорной дискуссии возникают в их произведениях вне зависимости от национальности, народов, языков и литературных жанров.

Ключевые слова: фитоним, растение, лингвофольклоистика, язык, фольклор, текст, Сари Хосор, зооним, диалект, значение, ономастика, лексика, фразеология.

PHYTONYMS IN THE FOLKLORE OF SARI KHOSOR

This article is devoted to the use of phytonymic lexical units in the folklore texts of Sari Khosar. Phytonyms is a branch of the science of onomastics and studies the names of plants. In the science of linguistic folklore of foreign countries, linguists M.A. Bobunova, T.N. Burmistrova and A.M. Letova created scientific works, especially on phytonyms in Russian folklore. Tajik linguist J. In the book "Onomastics", Alimi has provided extensive theoretical and practical information about phytonyms and their level of study. In the dialectology of some medicinal plants, Z.I. Zamonov and N. Gadoev informed. Also, the dictionary of names of medicinal plants of Northern Tajikistan was published by O. Dodoboeva has arranged it. It turned out that more than 40 names of phytonyms have appeared more than 400 times in poetry and prose genres in the folklore of Sari Khosor. And they are divided into groups according to the expression of a general or specific meaning, or other linguistic features. In short, the use of phytonyms in the folklore of Sari Khosor shows that the topics of linguistic-folkloristic discussion appear in their works regardless of nationalities, peoples, languages and literary genres.

Key words: phytonym, plant, linguo-folkloistics, language, folklore, text, Sari Khosor, zoonym, dialect, meaning, onomastics, vocabulary, phraseology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Насимов Нуриддин*** – Кумитаи иҷроияи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд», н.и.ф., раис. **Суроғ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 137.
E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-77-88-99**

Сведения об авторе: ***Насимов Нуриддин*** –Испольнительного комитета Ассоциации таджиков и персоязычных народов мира – «Пайванд», к.ф.н., председатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-77-88-99**

Information about the author: ***Nasimov Nuriddin*** - Executive committee Association of Tajiks and Persian-speakersof the world – «Payvand», candidate of philological sciences, chairman. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave. 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru.** Phone: **(+992) 902-77-88-99**

ТДУ: 811.21/.22-5 (575.3)

БАРРАСИИ КОНСЕПТИ «МАРД» ВА «ЗАН» ДАР ПАРЕМИЯҲОИ ТОҶИКӢ

(дар заминаи “Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ”)

Мирзоёров Ф.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забоншиносии муосир тамоюли омӯзиши забон ҳамчун раванди шарҳу тафсири фарҳанги инсон ба назар мерасад. Ин тамоюл он гуна шарҳ мешавад, ки забон калид ба низоми андешаи инсон, табиати равони ӯ буда, он ҳамчун хислати инсон хидмат мекунад.

Яке аз самтҳои наву рушдёбанда дар забоншиносии муосир ин “Забоншиносии фарҳангӣ” мебошад, ки ба вазифаҳои он омӯзиш ва тавсифи муносибати забон ва фарҳанг, забон ва қавм, забон ва хислати халқ дохил мешавад. Ин самти забоншиносӣ ба пешбинии Эмил Бенвенист, “дар заминаи унсурҳои сегона - забон, фарҳанг ва шахсияти инсон асос ёфтааст ва онро ҳамчун “линзае, ки тавассути он муҳаққиқ метавонад аслияти моддиву маънавии қавмро бубинад” асос ёфтааст [4, с.45].

Он гуна, ки қайд гардид, пажуҳишгарон муайян кардаанд, “забоншиносии фарҳангӣ” забонро ҳамчун падидаи фарҳангӣ меомӯзад. Тавре маълум аст, забон на танҳо воқеаҳои муайян ва шартҳои воқеияти гирду атрофи моро таҳлил мекунад, балки барои мо мустақиман шинос аст ва ҳамчун воситаи сохтани қонунҳои гуногуни ақлӣ хизмат мекунад. Забон ва фарҳанг падидаҳое мебошанд, ки бо ҳам алоқаманданд буда, фарҳанги миллиро бе забони модарӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ин аст, ки забон таҳқиқсӣ ва муҳимтарин унсури фарҳанг маҳсуб мешавад. Сатҳи инкишофи он вазифаҳо ва имкониятҳои забонии миллиро дар сатҳи иҷтимоӣ муайян мекунад. Барои фаҳмидан ва ворид шудан ба фарҳанги маънавӣ ва моддии мардум, забони онро хуб донистан зарур аст, зеро забон на танҳо воқеияти атроф ва сатҳи зиндагии шахсро инъикос мекунад, балки тафаккур, хислати миллӣ, психология, урфу одат, дарки воқеияти одамони одиро низ инъикос мекунад. Сарвати фарҳангии забон дар луғат, грамматика, фолклор, адабиёти бадеӣ ва илмӣ дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ нигаҳдорӣ мешавад. Омӯзиши мушкилоти робитаи забони модарӣ бо фарҳанги миллӣ ва таърихи халқҳо яке аз сабабҳои асосии пайдоиши шохаи нав дар забоншиносӣ – “забоншиносии фарҳангӣ” гардидааст.

“Консепт” яке аз истилоҳоти асосӣ ва унсурҳои марказии “забоншиносии фарҳангӣ” буда, муносибатҳои забон, тафаккур ва фарҳангро дар бар мегирад. “Консептҳо” барои қонеъ кардани ниёзҳои руҳӣ, иҷтимоӣ ва муоширатии инсон пайдо шудаанд. Нақши шахс дар ҷомеа бо донистани забони фарҳанги ӯ муайян карда мешавад. Ба ибораи дигар, забон вижагиҳои фарҳангӣ ва миллии консептро ифшо мекунад. Низоми ғояҳо дар бораи олам, ки дар тамоми умр дар инсон ташаккул меёбад, тадричан бо донишҳои нав, ки дар мафҳумҳои умумӣ ташаккул меёбанд, ғанӣ мегардад. Ин маҷмуъ аз консептҳо иборат аст, зеро шахс дар ҷараёни фаъолият ва иртибот, дар ҷаҳони консептҳо аломатҳои муайяне дорад. Айни ҳол консепт объекти омӯзиши як қатор илмҳо, аз қабили забоншиносии маърифатӣ ва фарҳангӣ, фарҳангшиносӣ, фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва этнопсихология мебошад. “Забоншиносии фарҳангӣ” маҷмуи мафҳумҳои асосиро меомӯзад, ки дар якҷоягӣ зуҳури фарҳангро дар забон тавсиф мекунанд ва имкон медиҳанд, ки робитаи байни забон ва фарҳанг дар рушд таҳлил карда шавад.

“Консепт” ҳамчунин дар забоншиносии муосир, пеш аз ҳама, бо парадигмаи инсонмарказии забоншиносӣ ва методологияи когнитивӣ-прагматикӣ алоқаманд аст ва дар якҷоягӣ бо мафҳумҳои калидӣ ба монанди «тасвири забонии ҷаҳон», «тасвири ҷаҳон» ва ғайра, ки инъикоси ҷаҳонбинӣ, зеҳнӣ ва эҳсосии шахсият дар он инъикос ёфтааст, истифода мешавад. Омӯзиши консептҳо дар робита ба забоншиносии фарҳангӣ дар таҳқиқи Н.Д. Арутюнова [2], З.Х. Бижева [5], А. Вежбитская [6], В.И. Карасик [10], В.А. Маслова [12], Г.Г. Слишкин [15] ва дигарон муфассал баррасӣ шудааст.

Аввалин бор истилоҳи «консепт» дар адабиёти илмӣ танҳо дар миёнаи асри XX пайдо шудааст, ҳарчанд истифодаи он соли 1928 дар мақолаи С.А. Асколдов-Алексеев «Консепт ва калима» сабт шудааст [3]. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқи зикрёфта, консепт «ташаккули

ақлӣ мебошад, ки моро дар раванди тафаккур маҷмуи номуайяни объектҳои якхела иваз мекунад» [3, с.269]. Муаллиф таърифи принсипи «ивазкунӣ» -ро хусусияти асосии консепт меҳисобад [3, с.267-268].

Мақолаи мо ба баррасии консепти “мард” ва “зан” дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва хусусиятҳои мафҳумию маъноии онҳо бахшида шудааст. Мақсади мақола муайян кардани ҷойгоҳ ва мавқеи мафҳуми “мард” ва “зан” дар зарбулмасалу мақолҳои мардуми тоҷик мебошад.

Чунонки маълум аст, зарбулмасалу мақол аз аркони муҳимми адабиёт ва муътабартарин санади мероси фарҳанги мардум мебошанд. Ин жанрҳои фолклорӣ дар ҳамаи забонҳо ва одатан дар адабиёти ҷаҳонӣ дорои арзиш ва мақоми вежае ҳастанд, ки баёнгари завқ ва истеъдод, афкор ва тасаввурот, авотиф ва эҳсосот, русум ва одоти ҳар қавм ва миллат ҳастанд.

Зарбулмасалу мақол ба таври сода, зебоӣ, ихтисор ва оҳанг дилангез буда, барои ороиши сухан ва фасоҳати баён дар гуфтор ба кор меравад. Зарбулмасал ва мақол агарчи латиф ва кӯтоҳ менамояд, аммо фарогири таҷрибаҳои тулонии инсоният мебошад. Дар ҳар як аз онҳо хотирот ва қиссаҳои кӯтоҳ ва ибратомӯз дар қолаби ҳазл, шӯхӣ ва интиқод, хонанда ё шунавандаро ба руҳи замони худ мекашонад ва ӯро бо воқеиятҳои мавҷудаи ҷомеа ошно месозад. Аз таҳқиқ маълум гардид, ки симои мардон ва занони тоҷик дар зарбулмасалу мақол зиёд корбаст шудаанд. Маълум аст, ки инкишофи ҷомеаҳои башарӣ танҳо ба дасти мардон анҷом нагирифта, балки бо иштироки якҷояи занон ва мардон сурат гирифтааст.

Фарҳанги тоҷик, паҳное аст, ки мафҳуми “зан” дар саросари он ҳузур мекунад. Агар воқеан ба чеҳраи ин мавҷуди латиф ва ҳассос назар афканем, дармеёбем, ки аз назари офариниш, ҳампояи мард офарида шудааст ва ҳеҷ бартарӣ байни онҳо вуҷуд надорад. Дар аксари динҳои осмонӣ, офариниши зан ва мард ҳамзамон ё ба фосилае бисёр кӯтоҳ сурат гирифтааст. Худованд онҳоро меофарад ва ба таври куллӣ аз имконоти баробар бархӯрдор менамояд. Неъматҳои худованд низ барои ҳар ду дар назар гирифта мешавад. Акнун ба баррасии консепти “марду зан” дар зарбулмасу мақолҳои тоҷикӣ мепардозем:

Зарбулмасали машҳури “Мард аз худаш мебинад, номард аз дигарон” маънои онро дорад, ки ”мард баръакси номард сабаби нохушии ба сараш омадаро аз дигарон надониста, аз саҳлгирии худ медонад [18, с.250].

Зарбулмасали дигари халқи тоҷик ин “Мард бош ё дар қадам(по, хидмат)-и мард бош (гард)” аст. Ин зарбулмасал ифодаи онро дорад, ки “ё мард бош, ё ба мардон пайравӣ кун! [18, с.251].

“Мард бошӣ, ба майдон баро”- маънояш он аст, ки “мардӣ дар ҷасорат, далерӣ, бебокӣ ва дар амал аст” [18, с.251].

“Мард бояд ки айби худ бинад”- ба маънои он аст, ки “айби худро донистан беҳтар аз ғайб донистан аст [18, с.252].

“Мард бояд, ки ҳаросон нашавад, Мушкиле нест, ки осон нашавад” барои мардуми тоҷик он маъноро дорад, ки “мард дар пеши мушкилӣ набояд маъюсу ҳаросон шавад, зеро ҳеҷ мушкилие нест, ки аз саъю кӯшиши одам осон нагардад [18, с.252].

Зарбулмасали “Марде нашавӣ, то накунӣ хидмати марде” ифодагари он маъност, “мард бош ё дар қадами мард бош”! [18, с.254].

“Мардикор як танга - инҷобизанаш сад танга” - ба он маъност, ки дар Бухоро табарзан як тангаю инҷобизанаш даҳ танга аст [18, с.254].

“Марди нар мехоҳаму гови куҳан” - дар забони тоҷикӣ ба он маъно корбаст мешавад, ки “ҳар кас кори худро бояд кунад” [18, с.254].

“Марди охирбин муборак бандаест” - он маъноро ифодаи мекунад, ки “хушбахт касе аст, ки оқибатандеш бошад” [18, с.255].

“Марди роҳ наяндешад аз нишебу фароз” – фарогири маънои он аст, ки “касе, ки ба мақсаде расиданӣ бошад, аз хавфу хатари ҷон ва мушкилиҳои сахт барои ба даст даровардани он набояд битарсад [18, с.255].

“Мард меҳмон меоварад, номард нанг”- дар фазилати меҳмондӯстӣ гуфта мешавад [18, с.256].

“Мардонро бо мардон истимолат тавон кардан”- он маъноро дорад, ки мардон ба мардон бо сухани нарм моил мегарданд, мардон дили мардонро бо сухани нағзу дилпазир ба даст меоваранд, мард бош ё дар қадами мард бош! [18, с.258].

“Мардон ҳама корҳои мардон кунанд” – ба маънои “мард бояд кори сазовори худ кунад”дар забони муосири тоҷикӣ истеъмол мешавад [18, с.258].

Зарбулмасали “Мардро майдон нишон медиҳад, харро (аспро) ҷавлон” - дар “Фарҳанги зарбулмасалу мақол ва афоризмҳои форсӣ тоҷикӣ”-и М. Фозилов чунин шарҳ дода шудааст: 1. дар бораи ҳар касе аз рӯйи амалаш бояд сухан гуфт. 2. Мардии ҳар кас аз рӯйи амалаш маълум мешавад, мард бош ё дар қадами мард бош! [18, с.258].

“Мардро шоҳ мекардагӣ ҳам зан, гадо мекарданӣ ҳам зан” - маънои онро дорад, ки “зани хубу фармонбари порсо, кунад марди дарвешро подшо [18, с.259].

“Мард сар медиҳад, сир намедиҳад”- ба он маъно корбаст мешавад, ки “мард ба ҳар нохушӣ розӣ мешаваду вале сирри худ ва дӯстонашро ифшо намекунад” [18, с.259].

“Мард чун мирад, номард пой гирад” - дар мавриде гуфта мешавад, ки “ҳар гоҳ ки одамони хуб аз байн мераванд, ҷойи онҳоро одамони пасту нокас мегиранд” [18, с.261].

Аз пажуҳиш маълум гардид, ки консепти “зан” дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ба маънои аввал “ҷинси муқобили мард” аст. Мисол:

“Зани нек офияти зиндагонӣ бувад”

“Зан розӣ, мард розӣ, гӯри падари қозӣ” - маънои онро дорад, ки агар зану мард бо ҳам хуб созиш кунанд, иғво роҳ намеёбад [17, с.435-436].

“Зан зан зи вафо шавад, зи зевар нашавад” – маънояш он аст, ки “зан на ба зевар, балки бо вафову садоқати худ боиси дӯст доштани шавҳараш мегардад” [17, с.107].

“Зани солеҳа дар ҳар хона дарояд, равшанӣ ба равшанӣ афзояд” - зани нексиришт, хушхӯву вафодор хонаводаро хушбахт менамояд [17, с.108].

“Зан мард нагардад ба накӯ бастани дастор”- ба он маъно истифода мешавад, ки “аз тағйир ёфтани шакли чизе ё касе моҳияти он дигаргун намешавад” [17, с.110].

“Зананро нест чизе беҳтар аз шӯй”- маънои онро дорад, ки “барои зан аз ҳама беҳтар шавҳар кардан, модар шудан аст” [17, с.110].

Зарбулмасали “Барканда беҳ он риш, ки дар дасти занон аст” - ҳамчун сарзаниш ба мардоне, ки ихтиёри худро битамом ба дасти занҳояшон дода, бозичаи онҳо шудаанд, гуфта мешавад [17, с.164].

Зарбулмасали “Ба ҷанги зану шӯ остонаи дари хона механдад” ифодагари он маъност, ки: 1.Алами ҷанги зану шӯ тезгузар аст, зану шӯ ҳарчанд бо ҳамдигар сахт биҷанганд ҳам боз оштӣ мешаванд, 2. Натиҷаи ба байни ҷанги зану шӯ даромадан шармандагӣ аст [17, с.200].

“Гиря доми зан аст” – ба он маъност, ки «занон бо гиря ба дили мардон таъсир карда, мақсади худро ба даст меоваранд” [17, с.283].

“Гиряи зан дар остинаш” – гуфтани мардум, маънои онро дорад, ки “ба андак озоре занон гирён мешаванд” [17, с.283].

Ҳамчунин дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ барои ифодаи маъно ва мафҳуми “зан” вожаҳои зиёде истеъмол шудааст, ки дар мисолҳои зерин ба назар расид: “Гул бе хор намешавад, **духтар** бе ёр” ё “Ош бе пиёз намешавад, **духтар** бе ноз”.

Зарбулмасали “Духтарро дар рӯзи боронӣ хуш намо”- ҳамчун ҳушдорест, ки духтарон дар рӯзи тӯю маъракa худро зиёд орову торо медиҳанд.

Вожаи дигари ифодагари ҷинси зан ин калимаи “модар” мебошад, ки дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо корбурди фаровон дорад. Мисол: “Модарро бину духтарро интихоб кун” ё “Модарашро бину, духтарашро гир”.

Ҳамчунин аз таҳқиқ маълум гардид, ки дар зарбулмаслу мақолҳои тоҷикӣ барои ифодаи консепти “зан” вожаҳои зиёде истифода мешаванд, ки яке аз онҳо “кадбону” мебошад: “Хонаеро, ки ду кадбонуст хок то зонуст”. Дар зарбулмасали мазкур вожаи “кадбону” ҷанбаи манфӣ дорад.

Дар меҳвари маъноии зарбулмасали “Кадбону зиёд шавад, зувола гум мешавад” ҳам хислати манфии зан қарор дорад.

“Хандаи духтарони хона бояд ба гӯш нарасад”- гуфтани мардум ба он маъност, ки “духтари хона”-ро зарур аст, баланд сухан накунад.

“Дарахти макри зан сад реша дорад», - зарбулмасалест, ки комилан мафҳуми “зан”-ро манфӣ инъикос кардааст.

“Пода бошад, мода ёфт мешавад”- ба он маъност, ки агар ҳадаф маълум бошад барои расидан ба он роҳҳои зиёд мавҷуд мебошад.

“Мард ба ишқ бозӣ кунад, зан бо ишқ зиндагӣ мекунад”- маънояш он аст, ки зан нисбати мард ба муҳаббат содиқтар аст.

Баробарии ҷинсӣ ба ҷанбаҳои биологӣ вобаста набуда, бештар дар натиҷаи меъёрҳои фарҳанг ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, ки инро зарбулмасалу мақолҳои зикршуда инъикос мекунанд.

Дар таркиби зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ бо ҷузъҳои гендерӣ тамоюли зеринро муайян кардем:

-шумораи зиёди зарбулмасалу мақолҳои ба занон бахшида шудааст, аммо дар аксари онҳо хислату характери манфии занон ифода ёфтааст.

- як гурӯҳи паремияҳо ба мухолифати семантикӣ асос ёфтаанд хуб/бад, ки онро бо мисолҳои зерин нишон додан мумкин аст. Мисолҳо: “Зан шоҳасари табиат аст”. “Занҳо решаи ҳама бадӣ мебошанд”.

Дар зарбулмасали аввал зан зебо ва аз ҷиҳати ахлоқӣ хуб ифода шуда бошад, дар зарбулмасали дуюм чун омили нокомиҳо гуфта шудааст.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқи мавзуи мазкур маълум гардид, ки “мард” дар зарбулмасалҳои тоҷикӣ ҳамеша аз “зан” болотар аст. Вазифаи муҳимми ӯ ҳифз ва ҳифзи анъанаҳо, нигоҳ доштани сохти падаршоҳӣ ва тарзи муқаррарии зиндагӣ будааст. Ба мард вазифаи фахрии таъминоти оила гузошта шуд.

-Дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ занон ҳам ба таври мусбат ва ҳам манфӣ қадр карда мешаванд, аммо арзёбии мусбат камтар аст.

Таҳқиқ маълум кард, ки кӯшиши пажуҳишгарон бар он будааст, ки руҳия ва шахсияти занро он тавр, ки воқеан ҳаст, бишносонанд. “Зан” дар арсаи паҳновари ҷаҳон ва дар ҳама ҷойи он, аз оғози пайдоиш дар замин ва дар ҳар замон ва макон ва нажод ва ранг ва оин, масъулияти вежаро бар дӯш доштааст, ки иборатанд аз: таваллуд, парвардан ва калон кардани фарзанд. Ин қисмате аз ҳаёти зан аст, ки ангор чуну чаро намепазирад.. Албатта, ин ки зан дар канор ё ҷудо аз вазифаи тавлиди насли башарӣ дар сохтори иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳанг, тамаддун ва адабиёт нақше доштааст ё на, дархӯри тааммул ва баррасӣ аст.

- Зан ва мард дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ифодагари қудрат, нотавонӣ, ирода доштан, густох, афсунгар, шаккок, хушфеъл, сатҳнигар, таҳлилгар, шикастнафс, масъулиятшиносӣ, бемасъулият дар илм ва дониш, ҳирс ва тамаъ, сирнигоҳдорӣ, вафодорӣ, бевафоӣ, бахшандагӣ, густохӣ, садоқат, ҳилла ва риё, зебоӣ, зиштӣ, сергапӣ, камгапӣ, шаккок будан, нигоҳи сатҳӣ ба зан, нигоҳи сатҳи ба мард, доноӣ, зулм ва ситам, мустақилият, вобастагӣ, тамаллуқ, зоҳирсозӣ, майхорагӣ ва айш, бединӣ, диндорӣ, кина, номардӣ, ҷавонмардӣ, хушсуханӣ, ирода, ҳиммат мушоҳида шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили консептуалии зарбулмасалҳо нишон дод, ки “мард” дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ рамзи ҷасорат, далерӣ ва бебокиро ифода намудааст. “Зан” бошад на ҳамчун шахси муътабар, комил, расо, балки баръакс ҳамчун аъзои ночизи ҷамъият, дар муқоиса бо мардон, ифода ёфтааст, ки ифодагари муносибати нодуруст ва баҳодиҳии ноқис ба қудрату тавоноии занон мебошад.

Инчунин аз таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ маълум гардид, ки аксари ҳолат консепти “зан” асосан аз нуқтаи назари муносибати фарҳангӣ омӯхта шудааст ва дигар ҷанбаҳои фарогири фарҳанги зан баррасии комил нашудаанд. Ин нукта баёнгари он аст, ки тинату хислати зан ҳанӯз ба таври бояду шояд дар забоншиносӣ ва адабу фарҳанги мо таҳқиқу баррасӣ нагардидааст.

Муқарриз: ***Мавлонзода Ш.М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Алефиренко, Н.Ф. Проблемы вербализации концепта: теоретическое исследование / Н.Ф. Алефиренко. - Волгоград: Перемена, 2003. - 96 с.

2. Арутюнова, Н.Д. Введение / Н.Д. Арутюнова // Логический анализ языка: Ментальные действия: сб. Статей. Под ред. Н.К. Рябцевой. - М.: Наука, 1993. - 176 с.
3. Аскольдов, С.А Концепт и слово / С.А Аскольдов // Русская словесность. От теории словесности к структуре текста. Антология. Под ред. В.П. Нерознака. - М.: Academia, 1997. - С.262-269.
4. Бенвенист, Э. Общая лингвистика / Э.Бенвенист. - М., 1974. – С.45.
5. Бижева, З.Х. Антропоцентризм культуры - антропоцентризм языка / З.Х. Бижева // Русская и сопоставительная филология: состояние и перспективы. - Казань, 2004. - С.207.
6. Вежбицкая, А. Семантические универсалии и описание языков / А. Вежбицкая. - М.: Языки русской культуры, 1999. - 780 с.
7. Воробьев, В.В. Лингвокультурология (теория и методы) / В.В. Воробьев. - М.: изд-во РУДН, 1997. - 317 с.
8. Зиновьева, Е.И. Лингвокультурология: теория и практика / Е.И. Зиновьева, Е.Е. Юрков. - СПб.: МИРС, 2009. - 291 с.
9. Иванова, С.В. Лингвокультурологический аспект исследования языковых единиц: дис. / С.В. Иванова. - Уфа, 2003. - 364 с.
10. Карасик В.И. Базовые характеристики лингвокультурных концептов / В.И. Карасик, Г.Г. Слышкин // Антология концептов. Под ред. В.И. Карасика, И.А Стернина. - Волгоград: П-радигма, 2005. - Т.I. - С.13-15.
11. Ляпин, С.Х. Концептология: к становлению подхода / С.Х. Ляпин // Концепты. Научные труды Центрконцепта Вып. 1. - Архангельск, 1977. - С.11-55.
12. Маслова, В.А Лингвокультурология / В.А Маслова. - М.: Академия, 2001. - 208 с.
13. Пименова, В.М. Методология концептуальных исследований / В.М. Пименова // Антология концептов. Под ред. В.И. Карасика, И.А Стернина. Том 1. - Волгоград: Парадигма, 2005. - С.15-19.
14. Попова, З.Д. Язык и национальное сознание / ЗД Попова, И.А Стернин. - Воронеж: Истоки, 2007. - 61.с.
15. Слышкин Г.Г. Лингвокультурный концепт как системное образование / Г.Г. Слышкин // Вестник ВГУ. Серия «Лингвистика и межкультурная коммуникация». - 2004. - №1. - С.29-34.
16. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ.I. / М. Фозилов. - Душанбе: Ирфон, 1975. - 368 с.
17. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ.2. / М. Фозилов. - Душанбе: Ирфон, 1975. – 367 с.
18. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ.3. / М. Фозилов. - Душанбе: Нашри Камол, 2014. – 640 с.
19. Шиппер, М. Женщины в пословицах всего мира / М.Шиппер. - Амстердам, 2016. - 350 с.

БАРРАСИИ КОНСЕПТИ «МАРД» ВА «ЗАН» ДАР ПАРЕМИЯҲОИ ТОҶИКӢ

(дар заминаи “Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ”)

Дар мақола консепти «мард» ва «зан» дар паремияҳои тоҷикӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф ин консептҳоро дар заминаи “Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ” муайян карда, хусусиятҳои маъноии онҳоро ошкор сохтааст. Муаллиф ба хулоса омадааст, ки “мард” дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ рамзи ҷасорат, далерӣ ва бебокиро ифода кардааст, “зан” бошад на ҳамчун шахси муҳтабар, комил, расо, балки баръакс ҳамчун аъзои ночизи ҷамъият, дар муқоиса бо мардон, ифода ёфтааст, ки ифодагари муносибати нодуруст ва баҳодиҳии ноқис ба қудрату тавоноии занон мебошад.

Калидвожаҳо: консепт, мард, зан, забоншиносии фарҳангӣ, зарбулмасалу мақол, духтар, кадбону, хислат, баҳодиҳӣ, тамоюл.

КОНЦЕПТ «МУЖЧИНА» И «ЖЕНЩИНА» В ТАДЖИКСКИХ ПАРЕМИЯХ

(на материале «Словаря таджикско-персидских пословиц, поговорок и афоризмов»)

В статье анализируется и рассматривается концепт «мужчина» и «женщина» в таджикских паремиях. Автор определил данные понятия в контексте «Словаря таджикско-персидских пословиц, поговорок и афоризмов» и раскрыл их содержательные особенности. Автор пришел к выводу, что «мужчина» в таджикских пословицах и поговорках является символом храбрости, мужества и бессмертия. «Женщина» выражена не как добропорядочная, совершенная, личность, а наоборот, как незначимый член общества по сравнению с мужчиной, что представляет собой неправильное отношение и ошибочную оценку могущества и силы женщины.

Ключевые слова: концепт, мужчина, женщина, лингвокультурология, пословицы и поговорки, девочка, домохозяйка, характер, оценивание, тенденция.

THE CONCEPT OF “MAN” AND “WOMAN” IN TAJIK PROVERBS

(based on the material of the “Dictionary of tajik-persian proverbs, sayings and aphorisms”)

The article analyzes and discusses the concepts of “man” and “woman” in Tajik proverbs. The author defined these concepts in the context of the “Dictionary of Tajik-Persian proverbs, sayings and aphorisms” and revealed their substantive features. The author came to the conclusion that “man” in Tajik proverbs and sayings is a symbol of courage, courage and immortality. “Woman” is expressed not as a respectable, perfect person, but on the contrary, as an unimportant member of society in comparison with a man, which represents an incorrect attitude and an erroneous assessment of the power and strength of a woman.

Keywords: concept, man, woman, linguoculturology, proverbs and sayings, girl, housewife, character, assessment, trend.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоёров Фирдавс Ниёзович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент, кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **firdavs_79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-526-62-95**

Сведения об авторе: ***Мирзоёров Фирдавс Ниёзович*** - Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент, кафедра современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17. E-mail: **firdavs_79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-526-62-95**

Information about the author: ***Mirzoyorov Firdavs Niyozovich*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **firdavs_79@mail.ru**. Phone: **(+992) 93-526-62-95**

ТДУ: 811.21/.22-56

ДАРАҶАИ ОМӮЗИШИ ПОЛИСЕМИЯ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Холова М.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ин мақолаи мазкур, муаллиф дараҷаи омӯзиши полисемияро дар забоншиносӣ ҳаллу фасл менамояд ва нишон медиҳад, ки забоншиносони англис, рус ва тоҷик чӣ гуна ақоид доштанд ва чӣ тавр полисемияро таҷдиди назар кардаанд.

Илми забоншиносӣ шохаҳои зиёде дорад ва яке аз қисматҳои он луғатшиносӣ ё лексикология мебошад. Луғатшиносӣ аз калимаи юнонии lexikos – луғат, калима + logos – таълимот мебошад ва илм дар бораи воҳидҳои луғавӣ – калимаҳо, маъноҳо, манбаъҳои пайдоиш, мавқеъҳои истеъмол ва робитаҳои устувори байниҳамдигарии онҳо аст. Ҳамин тавр, бо масъалаҳое, ки дар забоншиносӣ омӯхта мешаванд, ин соҳаи илми забон ба чор қисм ҷудо мешавад: маъношиносӣ, маншаи калимаҳо, сабкиёти луғавӣ ва луғатнигорӣ.

Дар ин мақола, сухан дар бораи дараҷаи омӯзиши полисемия дар забоншиносӣ меравад ва ин падидаи забониро яке аз шохаҳои илми забоншиносӣ – маъношиносӣ меомӯзад. Аз ҳамин лиҳоз моро мебояд, ки оид ба маъношиносӣ маълумот дошта бошем. Маъношиносӣ ё семасиология, аз калимаи юнонии semasia – маъно, ифода + logos – таълимот гирифта шуда, илм дар бораи маънои калима аст. Ин соҳаи илми забоншиносӣ қонуниятҳои мавҷудият ва инкишофи маъноҳои калимаҳо, робитаҳои байни маъноҳо, муносибатҳои онҳоро бо ҳамдигар, бо мафҳумҳо, номҳо ва олами эҳсосоту майлҳои иродавии инсон чун як системаи муназзам меомӯзад.

Зикр бояд кард, ки ҳар як боби луғатшиносӣ боз дар алоҳидагӣ ҳамчун як соҳаи мустақили илми забон низ шинохта шудааст. Масалан, бобҳои маъношиносӣ, фразеология ва луғатнигорӣ кайҳо аз таркиби луғатшиносӣ ҷудо шуда, ба соҳаҳои мустақили забоншиносӣ мубаддал гаштаанд. Бо вуҷуди он дар байни ин қисмҳои луғатшиносӣ алоқамандии қавиро мушоҳида кардан мумкин аст ва ин алоқамандӣ дар умумияти мавзуи баҳси онҳо – калимаҳо зоҳир мегардад. Дар ҳар як боби ҷудогонаи луғатшиносӣ, ки онро имрӯз илми алоҳидаи лексикологӣ ҳисобидан мумкин аст, маҳз паҳлуҳои гуногуни калимаҳои мустақилмаъно тадқиқ карда мешавад. Аз ҳамин сабаб, дар асарҳои ҷудогонаи илмӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба луғатшиносӣ бобҳои таркибии он аз рӯйи анъанаи пешин дар якҷоягӣ дода мешавад.

Айни замон, дар давраи ҷаҳонишавӣ ва рушди муносиботи байналмилалӣ, омӯзиши хусусияти семантикаи забонҳо зиёд ба назар мерасад. Забоншиносон, философҳо ва психологҳо аз қадимулайём ба падидаи полисемия сару кор мегирифтанд, зеро масъалаи сермаъноӣ барои омӯзиши семантика ва коркарди забон дар раванди муошират муҳим мебошад. Дар равияи анъанавӣ полисемияро падидае меноманд, ки дар як мақолаи луғат якчанд маънои гуногуни калима дарҷ шуда бошад. Аз ин сабаб, маънои лозимиро метавон аз он интихоб намуд. Дар назарияҳои муосир муҳаққиқон бар он назаранд, ки полисемия дар натиҷаи якчанд омилҳо: забонӣ, когнитивӣ ва коммуникативӣ пайдо мешавад.

Қисмати зиёди калимаҳо дар забон на як маъно, балки якчанд маъно доранд, ки дар натиҷаи пешрафти фикрронии инсон ва тағйироти воқеият, ки забон инъикос мекунад, ба миён омадаанд. Инкишофи қувваи истеҳсолоти ҷомеа, тараққиёти илм, техника ва фарҳанги ҷаҳонӣ, афзоиши мунтазами маълумот дар бораи ҷаҳон – ҳамаи ин боиси ифода намудани мафҳумҳои нав мегардад. Дар натиҷа, онҳоро забон ифода месозад, ки ин дар афзудани маънои калимаҳо зуҳур меёбад

Забон то он даме зинда мемонад, ки дар ҷомеаи инсонӣ талабот ба муошират бошад. Муошират – ин пеш аз ҳама, табодули “маъноҳо” мебошад, ва ҳама чиз дар забон ба вазифаи ин мубодиларо амалӣ кардан тобеъ мебошанд.

Проблемаҳои семантикиро афкори фалсафӣ ҳанӯз дар замонҳои қадим ба миён гузошта ва муҳокима мекарданд. Сарчашмаи семантика дар фалсафаи Юнони Қадим пайдо шудааст. Ҳамин тавр, Х. Кронасер очерки худро оид ба таърихи семантика аз софистҳо, Афлотун баъд аз инҳо Арасту оғоз намудааст[20, с.25].

Бо мурури замон, маъно на танҳо ҳуқуқи лингвистии худро барқарор кардааст, балки дар масъалагузории таҳқиқот нақши марказиро соҳиб гаштааст. Оид ба ин воқеаи пирӯз Э.

Бенвенист хеле хуб гуфтааст: “Бисёре аз забоншиносон мехостанд таносуби шакл ва маъноро танҳо ба мафҳуми шакл коҳиш диҳанд, вале аз таносуби он – маъно раҳо ёфта натавонистанд. Корҳои кардаи онҳо маъноро нодида гирифтан, аз он канорагирӣ кардан ва аз он халос шудан буд. Кӯшиши беҳуда! Маъно мисли сари медуза дар маркази забон аст, ки мутафаккиронро ба ваҷд меорад” [5, с. 11].

Оғози семантикаро ҳамчун як фанни мустақил бо пайдоиши осори Ҷ. Локк дар миёнаи асри XVII мешуморанд ва ташаккули семантикаи забониро ба асри XIX мансуб медонанд. Яке аз объектҳои тадқиқоти семантикӣ омӯзиши полисемия ва падидаҳои марбут ба он мебошад. Қайд карда мешавад, ки натиҷаи муҳимми инкишофи назарияи маъноии солҳои охир он аст, ки полисемия “на ҳамчун радшавӣ аз меъёр, балки ҳамчун яке аз хосиятҳои муҳимтарини тамоми воҳидҳои муҳимми забон, ҳамчун натиҷаи ногузири хусусиятҳои асосии сохтор ва фаъолияти табиии забон мебошад.

Аммо полисемия, ҳамчун хосияти воҳидҳои забонӣ дар замонҳои гуногун ба таври гуногун шарҳ дода мешуд. Дар забоншиносӣ нақши муҳимми полисемия дар фаъолияти забон ҳамеша дар чорчӯбаи самти анъанавӣ эътироф шудааст. Дар мафҳумҳои структуралистӣ норавшании калима, баръакс, як навъ ҳолати ногуворе дониста мешуд, ки онро нодида гирифтан мумкин нест.

Аз солҳои 60 – 70-уми асри гузашта дар илми семантика муҳаққиқон полисимияро омӯхта истодаанд. Худи маънои калима “лексическая семантика” - “lexical semantics” то ҳол яке аз пажуҳишҳои асосноккардашуда дар соҳаи полисемия мебошад, ки албатта, то кунун дар маркази диққати “семантика”-и имрӯза мебошад.

Сермаъноӣ, ё ин ки полисемия аз калимаи юнонии poly – сер, бисёр + sema – аломат, аз ҳодисаҳои ниҳоят сершохаи системаи забон ба шумор рафта, тамоми қабатҳои онро фаро мегирад. Гарчанде ки ин ҳодиса, пеш аз ҳама, ба калимаҳо рабт дорад, воҳидҳои дигари забон, чун воҳидҳои фразеологӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва ҳодисаҳои мухталифи нутқ низ сермаъно шуда метавонанд. Дар ин самт саҳми муҳаққиқони дохилу хориҷ беандозаанд. Ин падидаи забонӣ, полисемияро олимони мазкур Н.Н. Амосова, Ю.Д. Аперсян, В.В. Виноградов, Х. Касарес, В.И. Кодухов, Ю.С. Маслов, А.А. Потебня, Э. Сепир, М.А. Стернина, Л.В.Щерба, Д.Н. Шмелев, J.J. Katz, J. Lyons, S. Ullmann, Ҳ. Маҷидов, М.Н. Қосимова ва дигарон таҳқиқ намудаанд.

Дар таҳқиқ намудани ин падидаи забонӣ саҳми забоншиносони хориҷ дар илми забоншиносӣ беандоза аст. Қобилияти якчанд маъно доштани калима сермаъноӣ ё полисемия номида мешавад. Истилоҳи “полисемия” нахустин маротиба соли 1897, дар кори М. Бреал пайдо шудааст [22, p. 3]. Дар назарияи худ М. Бреал зикр кардааст, ки полисемия дар рафти тағйироти семантикӣ ба миён омадааст. Ин олим полисемияро натиҷаи тараққиёти синхронии семантикаи лексикӣ мешуморид.

Дар миёни таҳқиқотҳои ин падидаи мазкур, кори С. Улманн мавқеи хоссаро соҳиб гаштааст. Ӯ чунин навиштааст, ки – ин падида дар баъзе аз калимаҳо мавҷуд будани якчанд маъноро, ки байни худ алоқа доранд ва он элементи калидии таҳлили сематикӣ мебошад [24, p. 117].

Дар миёни асри XX назарияи семантикӣ бо пайдо шудани корҳои Ҷ. Катс ва Ҷ.Фодор нафаси тозае гирифт, ки назарияи семантикии нави ратсионалистӣ ва интенсионалиро коркард намуданд. Ҷ. Катс аввалин шуда савол медиҳад, ки маъно чист ва кадом қоидаҳои семантикиро сохтори забонӣ бо маъноҳояш медиҳад. Дар чорчӯбаи равияи классикӣ, полисемияро чунин шарҳ медиҳанд: 1) маънои калимаи сермаъно алоҳида маънидод карда мешавад. Маъноҳои гуногун дар контексти муайян маълум мешаванд; 2) ҳар як маънои калимаи сермаъно бо маъноҳои худ алоқамандӣ дорад. Назарияи семантикии Ҷ. Катс – таҷассуми муосири назарияи классикӣ мебошад. Вазифаи асосии Ҷ. Катс тасвири семантикии одии забон, фаҳмонидани муносибати семантикӣ ва зиддият байни маъноҳои калима ва ҷудо намудани “компоненти семантикӣ” дар грамматика буд. Ба ақидаи ӯ, усули ягонаи ба ин ҳадаф расидан декомпозитсия (ба қисматҳо ҷудо шудан) -и лексикӣ мебошад. Ҷ. Катс [19, p. 36] чунин мешуморид, ки компоненти семантикӣ дар грамматика инҳоро дар бар мегирад:

А) Луғат (фарҳанг), дар забон рӯйхати маъноҳои калимаро дар бар мегирад;

Б) номгӯи қоидаҳои аксёбандае, ки имкониятҳои гӯяндаро барои пайдонамоии маънои ҷумлаҳо аз маънои калимаҳо инъикос мекунад.

Луғат (фарҳанг) маъноҳои гуногуни калимаҳоро дар як мақола дарҷ мекунад, ки ҳар як маъноро метавон ба нишондодҳои семантикӣ тақсим кард [19, p. 48].

Бояд қайд кард, ки тарафдорони равияи анъанавӣ полисемияро ҳамчун муносибати маъноҳоро дар чорчӯбаи аниқи категорияи грамматикӣ меомӯзанд. Ҳамин тавр, Д. Лайонз ибрози ақида менамояд, ки калимаи сермаъно (полисемантӣ) алоқамандии қисмани худро набояд дар раванди рушди сохтори маъноии худ иваз намояд [21, p. 250].

Новобаста ба он ки айни замон далели мавҷуд будани полисемия шубҳаи бисёре аз муҳаққиқонро ба миён намеорад, баъзе аз муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки сермаъноии калимаҳо вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, А.А. Потебня фикр мекард, ки дар забон ҳамон қадар калимаҳое мавҷуд ҳастанд, ки калимаи аз ҷиҳати овоз фарққунанда, маънодор бошад [14, с. 96]. Инчунин Л.В. Щерба низ чунин фикр мекард, ки калимаҳои сермаъно вуҷуд надоранд, танҳо калимаҳои яковозаи гуногун мавҷуд аст, яъне ин олим ба мавҷуд будани калимаҳои сермаъно бовар надошт ва онҳоро калимаҳои яковози гуногун меномид [18, с. 70].

Х. Касарес полисемияро сабаби ногузири бетаносубӣ миёни шумораи аломатҳои забон ва шумораи фаҳмишҳо ва ҳақиқати иҳотакардаро мешуморад, ки дар забон ифода намудан зарур аст [8, с. 70].

Инчунин, аввалин шуда оид ба сермаъноӣ ва бисёрмаъноӣ Н.Н. Амосова [1, с. 114] навиштааст. Ӯ зикр кардааст, ки ин масъала характери назариявии махсус дорад, ки соҳибони забон бе мулоҳиза ҳар як маъноии калимаи сермаъноро ҷавобгӯ ба талаботи истифодабарии онҳо дар мазмуни муайян баён месозад.

О.С. Ахманова дар китоби худ бо номи «Словарь лингвистических терминов» полисемияро чунин шарҳ додааст: “***Полисемия*** *(полисемантизм) анг. polisemia, polysemy, фар. polysemie нем. Polisemie исп. polisemia* хусусияти доштани якчанд маъноҳои ба ҳам алоқаманди калима, ки одатан дар натиҷаи ивазшавии калима ва ташаккули маъноии аввалии худи ҳамон калима сурат мегирад” [4, с. 335].

Ю.Д. Апресян инчунин маъноҳои лексикиро тавассути маъноҳои монандии калимаҳо муайян кардааст. Бо суханҳои олими зикргардида, “маъноии ai ва aj калимаҳои А ба ҳам монанд номида мешавад, агар чунин сатҳи таҳлили маъноиро дар назар дошта бошад”, аз ҳамин сабаб, қисмати умумӣ дар ҳар як маъноҳои калимаҳои сермаъно – кофӣ аст, ки ҳар як маъно бояд ба ҳамдигарашон алоқаманд бошанд. Ю.Д. Апресян полисемияро ба намудҳои зерин тақсим менамояд: доимӣ ва ғайри доимӣ. Бо суханҳои худи муаллиф, “калимаи сермаъноии А бо маъноҳои ai ва aj-аш доимӣ номида мешавад, ба он шарте ки дар забон ҳадди ақал боз як калимаи В бо маъноҳои bi ва bj мавҷуд бошад, аз рӯйи маъно аз ҳамдигар фарқ кунанд. Ба мисли ai ва aj, бо вуҷуди ин агар ai - bi , aj – bj бо ҳамдигар ҳаммаъно нашаванд”. Чи тавре ки олим зикр кардааст, намуди зерини полисемия ба метонимия, аналогҳои семантикӣ, ибораҳо ва равандҳои мухталифи калимасозӣ хос аст. Дар сурати полисемияи ғайри доимӣ фарқияти маъноӣ байни ai ва aj дигар дар ягон калимаи забон зикр нагардида бошад [3, с. 514].

Ба ақидаи Ю.Д. Апресян, боз полисемияи радиалӣ, занҷирӣ ва радиалӣ – занҷирӣ (омехта) мавҷуд аст. Ба сермаъноии радиалӣ тамоми маъноҳои ҳосилшудаи калима ба маъноии асосӣ моил мешаванд. Сермаъноии занҷирӣ бо он фарқ мекунад, ки то ҳар як маъноии нави калима бо маъноии якдигарашон алоқаманд аст, шарт нест то он ки компонентҳои аввал ва охир бо ҳамдигар алоқае дошта бошанд. Сермаъноии радиалӣ – занҷирӣ (омехта) характери омехта дорад ва бо худ ҳам сермаъноии радиалӣ ва ҳам занҷирӣ дорад [2, с. 182].

Намунаи алоқамандии лексикии калимаҳои полисемантӣ

Намунаи калимаи сермаъноии забони англисӣ	*Маъноҳои калимаи додашуда*	*Намуди алоқаи лексикии калимаи сермаъноии мазкур*

1.broken	*1) damaged physically;* *2) not working;* *3) extremely sad;* *4) not as promised/hoped;* *5) not continuous;* *6) without hope [Macmillan]*	*Тамоми маъноҳои калима бо маънои асосӣ алоқаманд аст, ҳамин тавр алоқаи лексикӣ-радиалӣ мебошад*
2. to sluggish	*1) not performing or reacting as well as usual;* *2) not moving as quickly as usual [Macmillan]*	*Маънои калима миёни худ алоқаманд ҳастанд ва ин алоқаи занҷирӣ мебошад*
3.hot	*1) very high in temperature;* *2) food: with spices;* *3)involving strong emotion;* *4) exciting and interesting;* *5) very good/skilfull /lucky;* *6)difficult/dangerous;* *7)involving sex;* *8)determined to do something busy;* *9)stolen/being looked for;* *10) close to guessing something [Macmillan]*	*Ҳар як маънои калима бо маънои асосӣ алоқаманд ҳастанд ва дигарон байни худ пасопеш алоқа доранд, дар ин сурат алоқаи радиалӣ-занҷирӣ дида мешавад.*
4.a door	*1) a large flat object that you open when you want to enter or leave a building, room, or vehicle;* *2) the space created when you open a door;* *3) an opportunity to do something, or a possibility that something will happen [Macmillan]*	*Маънои дуюми калима ба аввалӣ алоқаманд аст. Дар натиҷа алоқаи занҷирӣ ҳосил мешавад.*

Айнан ин ақидаро намояндагони равияи интегралӣ оид ба полисемия доранд: В.И. Абаев, Г.Н. Воронцова, В.М. Никитевич, С.Д. Катснельсон, Л.В. Шерба, Н.Б. Гвишиани, М.А. Стернина ва дигарон.

Аз рӯйи тасдиқи Д.Н. Шмелев, дар калимаҳои сермаъно хосияти хосси асосии забон иборат аст – қобилияти ӯ тавассути воситаҳои маҳдуд ифода намудани таҷрибаи бемаҳдуди инсонӣ мебошад. Чуноне ки Д.Н. Шмелев таҷдиди назар мекунад, маънои калимаи сермаъно ба туфайли муносиботи муайян ягонагии маъноиро месозад, ки миёни онҳо дар асоси сохторҳои умумии маъноӣ: метафора, метонимия ва умумияти функсионалӣ мавҷуд аст [17, с. 76].

Чи тавре ки В.В. Виноградов қайд менамояд, маънои аслии калима дар муносибат бо дигар маъноҳои калима хеле устувор ва босубот мебошад. Дар муносибат бо маънои асосии

аслӣ маъноҳои дигари калима сохта ҳисобида мешаванд, аз ҳамин сабаб онҳо алоқаро бо маънои асосии калима нигоҳ медоранд [6, с. 169].

В.И. Кодухов қайд мекунад, ки полисемия дар сурате ба миён меояд, ки як калима на як ашё ва на як фаҳмишро номбар мекунад ва ифода месозад, балки маъноҳои зиёдро ифода месозад. Замоне калима сермаъно шуда метавонад, ки тамоми маъноҳояш ба ҳамагон маълум бошад ва ин маъноҳои додашуда дар луғатҳои (фарҳангҳо) тафсирӣ дарҷ гарданд [9, с. 170].

Ҳамин тавр, В.И. Кодухов тасдиқ мекунад, ки полисемия дар алоқа бо маънои калима – ҳамаи маъноҳои калима дар маънои аслӣ ва умумӣ, ки дорои маънои бевосита аст, асос меёбад [9, с. 172].

Ба ақидаи Ю.С. Маслов, полисемия дар асоси талаботи ҷомеа ё номгузории ашёи нави ихтироъшуда пайдо мешавад, ё аз сари нав ба ашёи қадимае, ки, аллакай, як маънои хосро доро буд, аз сари нав номгузорӣ мегарданд. Чунин ақидаро Ю.С. Маслов, таъкид менамояд, ки дар нигоҳ доштани маънои маҷозии ин ё он аломат, ки онро бо маънои аслӣ муттаҳид месозад, монандии решаҳои калимаро дар назар надорад [12, с.103].

Ҳамин тавр, ба гуфтаи Э. Сапир, “Забон маҷбур шудааст, ки маъноҳои бешумори зиёдро аз рӯйи ин ва ё он қоидаҳои асосӣ ифода созад ва маъноҳои якум ва дуюмдараҷа ба вазифаи унсурҳои алоқаманд истифода шаванд” [15, с. 86].

М.А. Стернина се намуди полисемияро ҷудо месозад: полисемияи лексикӣ, вариантнокии лексикӣ-грамматикӣ ва полисемияи лексикӣ-грамматикӣ. “Вариантнокии лексикӣ-грамматикӣ, ки сермаъноии лексикӣ - грамматикиро дар ҳолати баробарии маънои лексикӣ дар қатори полисемияи лексикӣ дар назар дорад, решаҳои лексикӣ-грамматикӣ баробар ҳастанд ва решаҳо, ки байни худ аз ҷиҳати лексикӣ фарқ мекунанд, ҳамин тавр сатҳи пасти сермаъноии калима сохта мешавад замоне, ки полисемияи лексико-грамматикӣ бо сермаъноӣ ҳам аз ҷиҳати лексикӣ ва ҳам аз ҷиҳати грамматикӣ - лексикӣ онро сатҳи болоӣ ё ин ки баланд месозад. Аз ин рӯ, полисемияи лексикӣ-грамматикӣ сермаъноиро ҳам дар сатҳи лексикӣ ва ҳам дар сатҳи лексикӣ-грамматикӣ дар худ ҳам полисемияи лексикӣ ва ҳам вариантнокии лексикӣ-грамматикиро муттаҳид месозад” [16, с. 36].

Айни замон олимон зарурати полисемияро дар сохтори забон қабул медонанд, аммо муайяннамоии моҳияти ин падидаи забонӣ то ҳол баҳсро ба миён меорад. Дар чорчӯбаи равияи анъанавӣ, сермаъноӣ дар соҳиб будани ду ё ин ки зиёда маъноҳои калима муайян мешавад. Ва ин маъноҳо умумияти як ё якчанд компонентҳои семантикиро муайян менамоянд. Айнан ин ақидаро А.А. Гирутский баён менамояд. Таъкид менамояд, ки алоқаҳои маъноӣ, миёни маъноҳои калимаҳои сермаъно мавҷуд буда, ҳангоми ба маънои нисбӣ омадан маънои аслиро нигоҳ медоранд [7, с. 126].

Чи тавре ки ақидаҳои муҳаққиқони хориҷиро оид ба полисемия дар боло зикр кардем, фикру андешаҳои ин муҳаққиқон гуногун ва аз якдигар фарққунандаанд. Новобаста аз ҷониби бархе аз муҳаққиқон рад шудани полисемия дар забоншиносӣ, ин падидаро то ба як дараҷаи муайян муҳаққиқони дар ин мақолаи мазкур зикргардида омӯхтаанд ва ба натиҷаи дилхоҳ низ расидаанд.

Акнун, мегузарем ба таҳқиқи полисемия дар забоншиносии тоҷик. Дар забоншиносии тоҷик, беш аз ҳама сермаъноии луғавӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Вобаста ба ин мавзӯъ рисолаву мақолаҳои алоҳида навишта шудаанд. Ҳомид Маҷидов дар китоби худ “Луғатшиносӣ” қайд мекунад, ки маъноҳои ҷудогонаи калимаи сермаъноро ба гурӯҳҳои аслӣ ва маҷозӣ ҷудо кардан лозим аст. Маъноҳои маҷозӣ аз маънои аслӣ тавлид ёфтаанд, маънои аслӣ якумдараҷа буда, маънои маҷозӣ дуюмдараҷа ҳастанд. Ҳол он ки мушоҳидаҳои сатҳии калимаҳои сермаънои забони адабии муосири тоҷик дурустии чунин ақидаҳои анъанавии беасосро инкор мекунад [13, с.7].

Ҳамаи калимаҳои мустақилмаънои забон аз бобати ифодаи маънои луғавӣ ба моносемӣ (аз калимаи юнонии monos – як + sema -аломат гирифта шудааст) якмаъно ва полисемӣ – сермаъно ҷудо мешаванд. Калимаҳое ҳастанд, ки ҳамчун истилоҳи илм ва ё фан ба кор мераванд, якмаъно ҳастанд. Ба мисли калимаҳои мубтадо, пешоянд, пасоянд, сарҷумла, садонок, ҳамсадо, зада, исм, ҷонишин, феъл фақат ҳамчун истилоҳоти забоншиносӣ дар истеъмоланд ва шомили ҳамин гурӯҳанд. Аммо, баръакс калимаҳои сермаъно ду ва ё зиёда маъноҳои луғавиро ифода мекунанд. Ҷиҳати муҳимми калимаи сермаъно он аст, ки паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима акс мекунад

ва ҳамаи он маъноҳо ба ҳам алоқамандӣ доранд. Ҳ. Маҷидов қайд менамояд, ки “Маъноҳои ҷудогонаи ин гуна калимаҳо дар назар ҳалқаҳои як занҷири муназзамро ба хотир меоваранд. Масалан, маъноҳои луғавии калимаи “дил” ҳамин гунаанд: 1. “қалб”: дили инсон, дили мард; 2. “меъда, шикам”: дили гурусна, дили беҳузур; 3. “фикр, андеша”: дилу ният. 4. “муҳаббат”: дил доштан, дил додан; 5. “ҷасорат”: дилу гурда, дилу заҳра, 6. “райъ, хоҳиш”: дили сайру гашт” [13, с.39].

Имкониятҳои тавлиди маъноҳои нав ба нав дар забон беохир буда, моҳияти қонунияти мантиқиву шайъии байни калимаҳо ва ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ дар ҳамин раванд ифода ёфтааст.

Маънои аввал ё аввалиндараҷаи калима дар сарчашмаҳои забоншиносӣ бо номҳои гуногун зикр ёфтааст. Онро бо истилоҳи асосӣ, аслӣ, умумӣ, номинативӣ, денотативӣ ва мисоли инҳо ном бурдаанд. Ба назар чунин мерасад, ки мавҷудияти истилоҳоти гуногун дар ифодаи маънои аввалиндараҷаи калима аз мавқеъҳои гуногуни муҳаққиқон, ки ба муайян кардани табиати забонии маънои луғавӣ камар бастаанд, шаҳодат медиҳад. Аммо дар тасвири ҳолати имрӯзаи маъноҳои луғавии калима ин маъноро маънои асосӣ номидан ва маъноҳои боқимондаро ба гурӯҳи маъноҳои иловагӣ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст. Маъноҳои иловагии луғавӣ давоми мантиқии маънои асосӣ мебошанд. Дар онҳо аломатҳои гуногуни маънои асосӣ, паҳлуҳои мухталиф ва нишонаҳои фарқноки он инъикос меёбанд. Робитаи байни маъноҳои гуногуни калимаҳои сермаъно маҳз дар ҳамин хосияти онҳо зоҳир мегардад. Гуфтаҳои болоро силсилаи маъноҳои калимаи “сар” баръало исбот месозад: 1. “сар” яке аз узвҳои бадан, ки аз гардан боло аст; 2. “ибтидо”: сари саҳар, сари вақт, 3. “нӯг”: сари кӯҳ, сари дарахт, сари ришта; 4. “боло”: сари китф, сари бом; 5. “пеш, назд”: сари раҳ, сари дастархон, 6. “хӯша, лӯнда” ; сари ангур, сари қанд, 7. “мӯйҳо”: сари сафед, 8. “ихтиёр”: сари ёрӣ, сари шунидани ашъор; 9. “роҳбар, сардор”: сари оила, сари идора; 10. “ҳаёт, зиндагӣ” [13, с. 40-41].

Маънои асосии калимаи **сар** “яке аз узвҳои бадан, ки аз гардан боло аст”, бо мафҳуми сар алоқамандии бевосита дорад ва аломатҳои мантиқиву шайъии ин мафҳумро низ як андоза инъикос кардааст. Маҳз ҳамин аломатҳо сабаб шудаанд, ки калимаи **сар** ба ҷуз маънои асосии худ боз як қатор маъноҳои иловагиро ифода мекунад.

Инчунин, бояд зикр кард, ки забоншиноси дигари тоҷик М.Н. Қосимова полисемияро дар асрҳои муайяни рушди забони тоҷикӣ, асрҳои IX-X ва XI-XII омӯхтааст. Мавсуф полисемияро чунин шарҳ додааст: “Як гурӯҳи муайяни калимаҳо ба ғайр аз маънои аслии худ дар натиҷаи нигоҳ доштани маъноҳои зиёд, кӯчидани маънои калима, пайдо кардани хусусияти маҷозӣ маъноҳои зиёдеро метавонанд фаҳмонанд. Масалан, калимаҳои андом, худой, меҳтар, шудан ва амсоли инҳо маъноҳои зиёде доранд, яъне ин калимаҳо сермаъноянд” [10, с.110]. Бо таҳқиқ намудани ин падидаи забонӣ – полисемия, забоншиноси мазкур ба он хулоса омадааст, ки чунин калимаҳо дар забони адабии асрҳои IX-X хеле зиёд аст. Инчунин, дар дигар китоби худ “Таърихи забони адабии тоҷикӣ” калимаҳои сермаънои забони тоҷикиро дар асрҳои муайян, яъне асрҳои XI-XII омӯхтааст. Ва ба хулосае омадааст, ки дар забони тоҷикӣ одатан калимаҳои ифодагари узвҳои инсон, мисли сар, даст, дил, чашм, забон ва амсоли инҳо бештар сермаъно шудаанд. Дар забони тоҷикӣ, бахусус осори асрҳои зикршуда, вожаҳои сермаъно басо фаровонанд: задан, баромадан, сухан, қафо, қиём, забон, дил, даст ва мисоли инҳо [11, с.64-67].

Бо нишон додани дараҷаи омӯзиши полисемия, муаллиф ба чунин хулоса меояд: полисемия- сермаъноии калимаҳо падидаи забонӣ мебошад, ки бояд ин падидаро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дод. Ҳамин тавр, бо нишон додани тамоми таърихи омӯзиши полисемия, он бо хосияти тавсифи ташаккули маъно зич алоқаманд аст. Ҳарчанд то ба имрӯз олимони тамоми ҷаҳон полисемияро омӯхта бошанд ҳам, ҳанӯз тамоми ҷабҳаҳои полисемия пурбаҳс боқӣ мондааст.

Муқарриз: ***Мамадназаров А.*** - д.и.ф., профессори ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Амосова, Н.Н. Основы английской фразеологии [Текст] / Н.Н. Амосова. – Л.: Изд-во Ленинградского ун-та, 1963. - 208 с.
2. Апресян, Ю.Д. Лексическая семантика. Синонимические средства языка [Текст] / Ю.Д. Апресян. – М.: Наука, 1974. – 367 с.

3. Аперсян, Ю.Д. О регулярной многозначности [Текст] / Ю.Д. Аперсян // Известия АН СССР. Отделение литературы и языка. – М., 1971. – Т. XXXX. Вып. 6. – С.509-523.
4. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. – М., 1966. – 606 с.
5. Бенвенист, Э. Общая лингвистика / Э.Бенвенист. – М., 1962. – 436 с.
6. Виноградов, В.В. Основные типы лексических значений слова / В.В. Виноградов // Избранные труды. Лексикология и лексикография. – М., 1977. – С.162-189.
7. Гируцкий, А.А. Введение в языкознание / А.А. Гируцкий. - Минск: ТетраСистемс, 2003. – 288 с.
8. Касарес, Х. Введение в современную лексикографию / Х. Касарес. – М.: Прогресс, 1958. – 318 с.
9. Кодухов, В.И. Введение в Языкознание. Учеб. для студентов пед. ин-тов по спец. № 2101 «Рус. Яз. И лит.» - 2-е изд.,перераб. И доп. / В.И. Кодухов. - М: Просвещение, 1987. – 288 с.
10. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе., 2012. – 320с.
11. Қосимова М.Н.Таърихи забони адабии тоҷикӣ (асрҳои Х1-Х11) Ҷилди 2. / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2016. – 330 с.
12. Маслов, Ю.С. Введение в языкознание. Учеб. для филол. спец. вузов. / Ю.С. Маслов. – М.: Высш. шк., 1987. – 272 с.
13. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе, 2007. – 232 с.
14. Потебня, А.А. Из список по русской грамматике / А.А. Потебня. – М., 1941. – Т.4. – С.198-357.
15. Сепир. Э. Избранные Труды по языкознанию и культурологии / Э. Сепир. – М.: Прогресс, 1993. - 656 с.
16. Стернина, М.А. Лексико-грамматическая полисемия в системе языка [Текст]: дис. … докт. филол. наук / М.А. Стернина. - Воронеж, 1999. – 253 с.
17. Шмелев, Д.Н. Проблемы семантического анализа лексики [Текст]. Д.Н. Шмелев. - М.: Наука, 1973. – 280 с.
18. Щерба, Л.В. Опыт общей теории лексикографии / Л.В. Щерба // Избранные труды по языкознанию и фонетике. - Л., 1958. – Т.1. - С.78.
19. Katz, J.J. Experimentation with human beings; The Authority of the Investigator, Subject, Professions, and State in the Human Experimentation Process [Text] / J.J. Katz. – New York: Russell Sage Foundation, 1972. – 500 p.
20. Kronasser, H. Handbuch der Semasiologie / H.Kronasser. - Heidelberg, 1952. – 29p.
21. Lyons J. Semantics [Text] / J. Lyons. – Cambridge: Cambridge University Press, 1977. – Vol. 1. – 388 p.
22. Nerlich B. Polysemy and Flexibility: Introduction overview [Text] / B. Nerlich, D.C. David // Polysemy: Flexible Patterns of Meaning in Mind and Language / B. Nerlich, Z. Todd, V. Herman, D. Clarke (eds.). – Berlin: Walter de Gruyter, 2003. – P. 3-31.
23. Macmillan dictionary. URL: http://www.macmillandictionary.com/dictionary/british/well-5
24. Ullmann, S. Semantics. An Introduction to the Science of Meaning / S. Ullmann. – Oxford, 1970. – 278 p.

ДАРАҶАИ ОМӮЗИШИ ПОЛИСЕМИЯ ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Мазмуни асосии мақолаи мазкур омӯзиши яке аз падидаҳои мураккаби лексикии забони англисӣ – полисемия мебошад. Қобилияти якчанд маъно доштани калима яке аз универсалҳои забонӣ ба ҳисоб меравад. Полисемия дар назди муҳаққиқон якчанд проблемаҳои ҷиддии назариявӣ ва амалӣ мегузорад. Мисли бисёр масъалаҳои дигари лексикографӣ, ҳалли амалии масъалаҳои полисемия одатан ба диди лексикограф такя мекард. Масъалаи бисёрмаъноии калима дар баробари масъалаи сохти маънои чудогонаи луғавӣ, масъалаи марказии семасиология, яъне маъношиносӣ мебошад. Аммо вақтҳои охир, масъалаи полисемия диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Корҳо, асарҳои нисбатан калон оид ба полисемия дар солҳои 60-ум – 80-уми асри гузашта пайдо шудаанд. Қобилияти якчанд маъно доштани калимаро маъмулан полисемия ё сермаъноӣ меноманд. Қисмати зиёди калимаҳо дар забон на як маъно, балки якчанд маъно доранд, ки дар натиҷаи пешрафти фикронии инсон ва тағйироти воқеият, ки забон инъикос мекунад, ба миён омадаанд. Инкишофи қувваи истеҳсолоти ҷомеа, тараққиёти илм, техника ва фарҳанги ҷаҳонӣ, афзоиши мунтазами маълумот дар бораи ҷаҳон – ҳамаи ин боиси ифода намудани мафҳумҳои нав мегардад. Дар натиҷа, онҳоро забон ифода месозад, ки ин дар афзудани маънои калимаҳо зуҳур меёбад. Айни замон муҳаққиқон аҳаммияти полисемияро дар системаи забон эътироф мекунанд, аммо моҳияти ин падида то ҳол боиси баҳсу мунозираҳост.

Калидвожаҳо: полисемия, маъно, луғатнигор, луғатнигорӣ, сохторӣ, статистикӣ, психолингвистӣ.

УРОВЕНЬ ИЗУЧЕННОСТИ ПОЛИСЕМИИ В ЛИНГВИСТИКЕ

Основное содержание работы - исследование одного из сложных лексических явлений английского языка – полисемии. Способность слова иметь несколько значений считается одной из языковых универсалий. Полисемия ставит перед исследователями несколько серьезных теоретических и практических проблем. Как и многие другие лексикографические задачи, практическое решение вопросов полисемии традиционно опиралось на интроспекцию лексикографа. Проблема многозначности слова, наряду с проблемой структуры его отдельного значения, является центральной проблемой семасиологии. Однако вопросы полисемии в последнее время оказались обойденными вниманием исследователей. Наиболее крупные работы по полисемии появились в 60-е – 80-е годы прошлого века. Способность слова иметь несколько значений традиционно называется многозначностью, или полисемией. Подавляющая часть слов в языке имеет не одно, а несколько значений, которые возникли в результате развития мышления человека и изменения отражаемой языком действительности. Несмотря на то, что в настоящее время факт существования полисемии не вызывает сомнений у большинства исследователей, некоторые ученые отрицали возможность слова быть многозначным. Исследователи полисемии сходятся во мнении о том, что данное явление возникло из-за необходимости называть как новые предметы, так и уже обозначавшиеся, при этом потенциал языка

ограничен, а человеческий опыт неограничен. В настоящее время ученые признают важность полисемии в системе языка, однако определение сущности данного феномена до сих пор вызывает дискуссии.

Ключевые слова: полисемия, значение, лексикографический, структурный, статистический, психолингвистический, лексикограф.

THE ISSUES OF STUDYING POLYSEMY IN LINGUISTICS

The main content of the article is the study of one of the complex lexical phenomena of the English language – polysemy. The ability of a word to have multiple meanings is considered one of the linguistic universals. Polysemy offers several serious theoretical and practical problems for researchers. Like many other lexicographic problems, the practical solution of polysemy issues has traditionally relied on the introspection of the lexicographer. The problem of ambiguity of a word, along with the problem of the structure of its separate meaning, is the central problem of semasiology. However, the issues of polysemy have recently been overlooked by researchers. The largest works on polysemy appeared in the 60-80s of the last century. The ability of a word to have several meanings is traditionally called polysemy. The vast majority of words in the language have not one, but several meanings that arose as a result of the development of human thinking and changes in the reality reflected by the language. Researchers of polysemy agree that this phenomenon arose because of the need to name both new objects and those already designated, while the potential of the language is limited and human experience is unlimited. Nowadays, scientists recognize the importance of polysemy in the language system, however definition of the essence of this phenomenon is still controversial.

Keywords: polysemy, meaning, lexicographer, lexicographic, cstructural, statistic, psycholinguistic.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Холова Муҳаббат Исломиддиновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kholova.72@bk.ru.**
Тел.: **(+992) 911-13-12-72**

Сведение об авторе*: Холова Мухаббат Исломиддиновна* – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедра английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.рудаки, 17. E-mail: **kholova.72@bk.ru.**
Тел.: **(+992) 911-13-12-72**

Information about the author: ***Kholova Muhabbat Islomiddinovna*** – Tajik National University, doctoral Ph.D of the English and comparative typology department, Asian and European languages Faculty. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kholova.72@bk.ru.** Phone: **(+992) 911-13-12-72**

ТДУ: 811.21/.22-3+811.112.2 (03)

ТАҲЛИЛИ ЛИНГВОФАРҲАНГИИ СИНОНИМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ СОҲАИ БОҒДОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Қаюмова С.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Забон бо гузашти айём рушду такомул ёфта ҳамеша дар тағйирот аст. Забон барои ин ки чу алмос буррову чун теғи куҳан корхӯрда бошад, бояд мудом хизмати мардумро ба ҷо оварад ва ҳама мушкилоти ӯро дар мубодилаи афкор осон кунад, вале мардум ҳам аз забони модарии худ бехабар набошанд, ҳамеша ба омӯхтану такмили он бикӯшанд, то худ бишносанд ва ба сӯйи маърифат, маънавият ва тараққиёти ҳаёти ҷамъият раҳсипор гарданд [8, с. 3].

Боғбони пешаи куҳани мардуми тоҷик, ки яке аз қавмҳои ориёинажод ба ҳисоб мераванд, мебошад. Ин пешаи мардуми тоҷик ҳатто дар китоби муқаддаси “Авасто” зикр ёфтааст: “Дар матнҳо қоҳин, ҷанговари дучархсавор, барзгар, чорводор ва ҳунарманд барин гурӯҳҳои ичтимоию касбӣ зикр карда мешаванд. Зироаткорӣ ва чорводорӣ касбҳои беҳтарин, асосӣ ва муқаддас эълон шудаанд. Ахура Маздо ва Заратуштра ҳомӣ ва ёвару мададгори онҳоянд” [14, с.27]. Зардушт дар Готҳо тарғибкунандаи ободонии кишвар, ривоҷ додани кишту кор мебошад. Ӯ тарафдори он буд, ки мардум ҳамеша ба коре машғул бошанд, гову гӯсфанд парвариш кунанд, муқимнишин бошанд ва зиндагии худро рӯз ба рӯз беҳтар намоянд. Миллати тоҷик аз нуқтаи назари таборӣ ва ирсияти забонӣ марбут ба шохаи қавмҳои ҳинду олмон, ҳинду герман ва ё ба истилоҳи дигар марбути шохаи ҳинду аврупоӣ аст” [15, с.26].

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, боғдорӣ шуғли дӯстоштаи мардумони ориёинажод тоҷикон ва олмониҳо маҳсуб меёфт. Ин боис гардид, ки дар таркиби луғавии забонҳои номбурда теъдоди зиёди калимаҳои синонимӣ пайдо шаванд.

Аксарияти ин калимаҳо аз лиҳози лингвокултурологӣ ниёз ба омӯзиш доранд, махсусан дар муқоиса бо забонҳои олмонӣ. Худи вуҷуд доштани теъдоди зиёди калимаҳои синонимӣ аз бою ғанӣ будани таркиби луғавии забон шаҳодат медиҳанд. Ин ақидаро дигар забоншиносон низ ҷонибдорӣ намудаанд. Яке аз нишонаҳои ғанӣ будани забон ин мавҷуд будани миқдори зиёди синонимҳо дар таркиби луғавии он ба ҳисоб меравад [4, с.3].

Гарчанде ки калимаҳои синонимӣ дар забони адабии тоҷик ва забонҳои муқоисашаванда кайҳо боз мавриди омӯзиш қарор ёфта бошанд ҳам, аммо дар луғоти ифодакунандаи мафҳумҳои боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ин мавзуъ то кунун мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Синонимҳо ё муродифҳо боигарии забон буда, ба воситаи онҳо тобишҳои гуногуни маъноӣ ифода меёбанд. Таркиби овозии муродифҳо гуногун, вале маъноянд ба ҳам наздик аст: боғ, равза, равзагоҳ, фирдавс; ҷаҳон, дунё, гетӣ, даҳр; нодон, сода, гӯл, гумроҳ; хона, кулба, ошён ва ғайра.

Дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» (барои синфи 11) муҳаққиқ Б. Камолиддинов синонимҳоро чунин тавсиф менамояд: “Синонимҳо (юнонии synonymos ҳамномҳо) чунин калимаҳоянд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, маънои (ё яке аз маъноҳои) луғавиашон комилан бо ҳамдигар мувофиқ меояд ва ё бо тобишҳои маънои луғавӣ ва обуранги услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муродифҳои назмшиносӣ ва поэтика, математика ва риёзиёт (риёзӣ), изофат ва бандаки изофӣ, ҳамеша ва доимо ва ғайра истилоҳ ва калимаҳои баробармаъноянд ва дар забон бо маънои муштарак ба андозаи баробар ба кор бурда мешаванд” [9, с.33].

Мусаллам аст, ки синонимҳо барои равшан ва фасеҳ баён намудани фикр зуруранд. Истеъмоли синонимҳо дар забон на танҳо барои иваз намудани калима, балки барои муайян кардани муносибати гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда мебошад. Баъзе муродифҳо ҷуфтистеъмоланд: азобу шиканҷа, ғаму ғусса, ранҷу азоб, шоду хуррам, боғу роғ, бахту саодат ва ғайра. Дар аксари онҳо ҷойи калимаҳо устуворанд. Масалан, муродифи ҷуфтистеъмоли боғу роғро ба тариқи роғу боғ, ғаму ғуссаро ба тариқи ғуссаву ғам истифода намекунанд.

Забоншиносон оид ба муродифот қариб, ки ақидаҳои якхела баён намуда, онҳоро калимаҳои аз нигоҳи маъно баробар ва ё наздик шуморидаанд. Бояд ишора кард, ки синонимҳо гарчи маъноҳои ба ҳам наздикро ифода намоянд ҳам, аммо бо тобишҳои пӯшида тафовут доранд. Чунончи, феъли хӯрдан ба ҷуз маънои машҳураш ба маъноҳои нӯшидан, аз они худ кардан, мувофиқ омадан ва ғайра истеъмол мешавад. Дар маънои асосиаш бо феълҳои тановул кардан, истеъмол кардан, ҳузури ҷон кардан, паққос задан, луммондан ва ҳоказо муродиф мешавад. Вале ин калимаю таркибҳо ҳамон маъниро бо тобишу обуранги гуногун мефаҳмонанд, тановул кардан хосси забони адабии китобӣ буда, чун унсури луғавии тасвири малеҳ дар услуби баланди ифодаи фикр истифода мешавад: муродифи нисбатан камистеъмол аст, бинобар ин хусусияти архаистӣ зоҳир мекунад: истеъмол кардан феъли сермаъно буда, бо яке аз маъноҳояш бо «хӯрдан» муродиф мешавад, аз он оҳанги расмият меояд ва бештар дар услуби коргузории расмӣ ва рӯзноманигорӣ ба кор бурда мешавад.

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, дар луғоти соҳаи боғдорӣ синонимҳои зиёд ба назар мерасанд, масалан дар забони тоҷикӣ дар мавриди шинондани дарахт калимаҳои *дарахт, ниҳол, чубак, кунда* мавриди истифода қарор мегиранд, гарчанде маънову муҳтавои ҳар яке аз ин калимаҳо гуногун бошанд ҳам, аммо дар мавридҳои зарурӣ яке дигареро иваз карда метавонанд. Масалан: Як *дарахтаки* мевадора дар пуштаки хона шинонед. Ҳаму *чубаки* таги хок кардаги Беҳзод имрӯз мева ба даромадаст. Ҳоли аз он соли хонаҳоро сохтагиат ак *кундаҳакро* дар хок гӯр мекардӣ имрӯз меваашро мечашидӣ. Дар забони олмонӣ синоними калимаи дарахт вожаҳои Stange ва gewachs ба шумор меравад, ки калимаи Stange сутун, поя ва вожаи gewachs растанӣ тарҷума мешавад. Аз ин мебарояд, ки дар забони олмонӣ ин калимаҳо дарахт, ниҳол, чӯбак синоними якдигар шуда наметавонанд:

Jeder Baum hat unzaehlige Verknuepfungen mit den Bauemen rundherum-Хар як дарахт ба дарахтони гирду атрофаш пайвандҳои бешумор дорад. Der Baum hat nur seine Wurzeln angehoben - Дарахт танҳо решаи худро баланд мекунад. Der Baum hat weit ausladende Aste - Дарахт шохаҳои васеъ паҳншуда дорад [17, с.66].

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, синонимҳо, асосан, калимаҳоеанд, ки дар истеъмол ҷойи якдигарро пурра ё қисман иваз мекунанд ва дар ҷараёни нутқ онҳо ба тобишҳои гуногуни маъноиву услубӣ соҳиб мегарданд. Аз ин рӯ, синонимҳо нутқи моро пуртаъсир карда, ба он тобишҳои зиёди эмотсионалӣ мебахшанд. Бояд ҳаминро зикр созем, ки синоним дар забони тоҷикӣ боз дар шакли «*муродиф»* низ маъмул аст. Истилоҳи «*муродиф»* баромади арабӣ дошта, аз асоси радиф гирифта шуда, лафзест, ки ба лафзи дигар “дар маънӣ шарик” бошад [5, с.91].

Синонимҳо бо тобишҳои иловагии маъно ва ҳудуди истеъмол, обуранги бадеӣ ва муассирӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар забоншиносӣ оид ба синонимҳо ва муқоисаи калимаҳои синонимӣ корҳои тадқиқотӣ кам нестанд. Ин ҷо мақолаву рисолаҳои М. Муҳаммадиев «Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик», М. Даминова «Таҳлили муқоисавии синонимҳои ҷуфт дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ», Е.А. Лаптева «Таҳлили муқоисавии сохтори синонимҳои истилоҳоти тиббӣ дар забонҳои русӣ, англисӣ ва олмонӣ», А.Т. Галиева «Синонимҳои воҳидҳои фразеологии феъли ифодакунандаи муносибати одамон дар забонҳои олмонӣ ва тоторӣ», Лузинаи З. «Ҷанбаҳои лингвокултурологии синонимҳои ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» ва амсоли инҳо монанд боз дигар асарҳои илмиро ном бурдан мумкин аст, ки дар онҳо кам ё зиёд оид ба масъалаи мазкур ибрози назар карда шудааст.

Синонимҳоро забоншинос М. Муҳаммадиев чунин таъриф додааст: «Дар ҳақиқат, синонимҳо ду ва ё зиёда калима ва мафҳумҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати маъно наздик ва баъзан баробар буда, бо маъноҳои иловагӣ, тобишҳои услубӣ-маъноии худ ва мавқеи истеъмолиашон дар забон аз якдигар фарқ мекунанд» [12, с.37].

Дар китоби «Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ»- и М. Муҳаммадиев синонимҳои калимаи боғ – бӯстон, чаман, роғро овардааст, ки маҳз ба соҳаи боғдорӣ марбутанд. Ин калимаҳо ба ғайр аз маънои умумии синонимӣ тобишҳои хосси маъной ҳам доранд. Калимаи **боғ** маънои нисбат ба синонимҳояш умумӣ дорад. Ин калима сермаъно ва севазифа мебошад. Дар ибораҳои боғи фирдавс, боғи ирам, боғи ҳулд калимаи боғ

синоними биҳиштшудааст. Боғи ҳаёт, боғи эҷод киноя аз дунё мебошад. Калимаи боғ дар ибораҳои изофӣ чун терминҳои муайян маънои конкрет мегирад: боғи ботаникӣ, боғи ҳайвонот, боғи наботот ва ғайра.

Бояд зикр намоем, ки калимаҳои бӯстон, боғ ва гулистон синоними якдигаранд. Калимаи чаман чун синоними боғу бӯстон серистеъмол аст. Ин калима шакли омонимӣ ҳам дорад: Аспи хушрафторро дар забони тоҷикӣ чаман мегӯянд. Аммо дар забони ҳозираи тоҷик калимаи чаман чун синоними боғ серистеъмол аст. Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки калимаи роғ танҳо дар забони адабии китобат (аксар дар назм) истеъмол мешавад. Дар ҳолатҳои дигар ба шакли синоними чуфт (боғу роғ) меояд: Боғу роғи Абдукаримро дида ҳуши падарат рафт. Дар забони олмонӣ синонимҳои калимаи боғ воҳидҳои луғавии Grunanlage, Grunflache ва Lustgarten ба шумор мераванд. Дар забони русӣ низ калимаи боғ синонимҳои зиёд дорад, ки дар луғат онҳо нишон дода шудаанд: сад, цветник, лужайка с цветами» [10, с.180].

Ҳангоми синоним ба шумор рафтани баъзе калимаҳо бархе аз донишмандон муболиға менамоянд, масалан ҳангоми синоним шуморидани боғ, чаман ва гулзору гулистон. Аммо ҳаминро бояд иброз намоем, ки дар адабиёти илмӣ оид ба калимаҳои синонимӣ таърифи ягонаи умумиқабулшуда вуҷуд надорад. Забоншиноси варзидаи рус О.С. Ахманова дар «Луғати истилоҳоти забоншиносӣ» оид ба калимаҳои синонимӣ чунин андешаи хешро иброз намудааст: «Синонимҳо калимаҳое мебошанд, ки ба як ҳиссаи нутқ дохил мешаванд, дар ифодаи маъно ба якдигар чунон наздиканд, ки истифодаи дурусти онҳо дар нутқ аз соҳибзабон дониши мукаммали забониро тақозо менамояд, ки бо ин восита ӯ тавонад тафовути маънои услубии ин калимаҳоро ҳангоми истифода муайян намояд» [3, с.247].

Вожаҳои синонимӣ дар вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои боғдорӣ ба гурӯҳҳои гуногун тақсимбандӣ мешаванд, ки баъзе аз онҳоро, мухтасаран, ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Синонимҳои ифодакунандаи номи гулҳо

Аслан, синонимҳои *калимаи гул – гунча, шукуфа* мебошанд, ки маънои куллӣ (умумӣ) дорад. Ин калима хусусияти сермаъноӣ дорад, ки калимаҳои дигар ҳамеша онро иваз карда наметавонанд.

Дар забони тоҷикӣ калимаи гул дар дохили воҳидҳои фразеологии “*аз сад гул як гул нашукуфтан”, “аз гул фуромадан”, “ба чашм гул афтодан”, “гул баровардан”,“гули орд”, “гули маҷлис”, “гул гирифтани чирог” ва гайра ба назар мерасанд, ки ин падидаро мо дар забони олмонӣ мушоҳида карда натавонистем. Вожаи “шукуфа” аз “гул”* фарқи зиёди маъноӣ надорад, вале аз ҷиҳати мавқеи истеъмолӣ ва хусусиятҳои услубиаш аз калимаҳои дигар фарқ дорад. Дар забони тоҷикӣ калимаи “шукуфа” бештар нисбат ба гули дарахтон ба кор бурда мешавад.

Калимаи “ғунча” раванди шукуфтан, то гулкуниро дар бар мегирад. Аммо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин калима баъзан ба маънои гул ва шукуфа омада, онҳоро иваз мекунад.

Муодили воҳиди луғавии гул дар забони олмонӣ die Blume буда, синонимҳояш Blumenstock, Pflanze, Topfblume, Topfpflanze, Zimmerblume, Zimmerpflanze, Bouquet, Bukett, Duft, Bierschaum, Schaum мебошанд, ки дар луғат низ айнан дар ҳамин шакл дарҷ гардидаанд» [19, с.225].

Калимаҳои *бойчечак, гули қаслоқшинак, қарақош* дар ифодаи мафҳуми вожаи “гули сиёҳгӯш” корбаст мешаванд. Калимаи *қаслоқшиканак* хусусияти лаҳҷавӣ дорад. Воҳиди луғавии *қарақош* аз забони туркӣ ба забони мо иқтибос шудааст. Ибораи гули наргисро, инчунин дар забони тоҷикӣ калимаҳои *гули зардак* ва *гули баҳорӣ* иваз менамоянд.

Инчунин бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар забони тоҷикӣ калимаҳои *гирбишингул, атласгул* дар ибораи “гули баргҳояш ранга” маъмул мебошанд.

Гули лола дар забони гуфтугӯйи бо номи *гули ҷавгосун* ва *гули сиёҳдилак* маъмул аст. Инчунин, дар ифодаи мафҳуми *гули тоҷихурӯс* воҳиди луғавии *бахмалгул* дар истифода қарор дорад. Агар дар забони тоҷикӣ синоними ифодакунандаи ранги *гулоб*, ки аксарияти гулҳо дорои ин ранг мебошанд калимаҳои *пуштигул* ва *гулобӣ* ба ҳисоб раванд, дар забони олмонӣ бошад синонимҳои хеле зиёд дорад, аз қабили: *rosa – гулобӣ, Blassrot – Fleischfarben – Pink - гулобӣ,*

rosafarben - зарди пасти гулобитоб, rosafarbig - гулобӣ, гулгун, rosarot - гулобӣ, гулгун, rose - гулобӣ, rosig – сурхи гулобӣ, гулгун, roetlich - сурхчатоб, zartrosa – гулобии паст ва ғайра.

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки гарчанде синонимҳои зиёди калимаи гул дар забони олмонӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо дар мақолу зарбулмасалҳояшон бештар худи вожаи гул мавриди истифода қарор ёфтааст на синонимҳои он:

Eine Frau ohne Geheimnisse ist wie eine Blume ohne Duft – Зани беасрор мисли гули бебӯй аст.

Liebe ist die Blume, die du wachsen lassen musst – Муҳаббат гулест, ки ту бояд онро парваришкунӣ.

Blumen lassen uns etwas von der Schoenheit der Paradieses erahnen – Гулҳо ба мо имконият медиҳанд, ки зебоии биҳиштро эҳсос намоем.

Blumen sind die schoensten Worter der Natur – Гулҳо зеботарин суханҳои табиат мебошанд.

Die Blumen des Fruehlings sind die Traume des Winters – Гулҳои баҳор орзӯи зимистон аст.

Калимаи гул гарчанде дар забонҳои муқоисашаванда синонимҳои зиёд дошта бошад ҳам, аммо ҳар яке мавқею мавридҳои истеъмоли худро доро мебошанд.

2**. Синонимҳои ифодакунандаи дарахтони мевадор**

Агар ба тафсири истилоҳи "*дарахт*" дар забони тоҷикӣ амиқтару жарфтар назар афканем дарк менамоем, ки ин калима аз ҷониби муҳаққиқон ба тарзҳои гуногун тафсир карда шудааст. Масалан, ин вожа бештар ба маънои "рустании дарозумри дорои тана ва шоху барг, шоҷар, ниҳол маъмул аст. Чи тавре қайд намудем, гарчанде дар забони тоҷикӣ дар аксарияти мавридҳо ба ҷойи калимаи дарахт калимаи ниҳолро мавриди истифода қарор диҳанд ҳам, аммо дар "Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ" оварда шудааст, ки: "...калимаи дарахт аз ниҳол фарқ дорад. Дарахт маънои умумӣ дорад, ки ниҳолро ҳам дар бар мегирад. Ин калима баъзан нисбат ба дигар намудҳои растанӣ низ ба кор бурда мешавад: дарахт (ниҳол) шинондан: дарахти райҳон, дарахти гул. Калимаи ниҳол низ ба маъноҳои гуногун меояд: ниҳоли пахта, ниҳоли пахта, ниҳоли гул, ниҳоли карам. Ниҳол нисбат ба дарахт аз ҷиҳати ҳаҷм ва синну сол хурдтар аст. Калимаи ниҳол ва дарахт аз ҷиҳати мавқеи истеъмол низ фарқ доранд: ниҳоли пахта; дарахти себ. "Ниҳоли себ" гуфтан дуруст аст, аммо "Дарахти пахта" гуфтан аз ҷиҳати мавқеи истеъмоли калима ва услуби баён нодуруст менамояд. Акнун ягон-ягон дарахтони писта, чормағз, арча (бурс) ва дигар растаниҳои кӯҳиро мебинем (С.А). Ҳоло ин навъ ниҳолҳо фақат аҳён-аҳён рӯйида мемонанд (С.У.)" [12, с.64]

Дар баробари калимаҳои дарахт ва ниҳол, инчунин калимаҳои шоха, навда ва химча истифода бурда мешаванд, ки инҳо низ калимаву истилоҳоти марбут ба дарахт мебошанд.

Ин калимаҳо ба маънои умумии шохаи ҷавон ва хурди дарахт синоним мешаванд. Ҳар калима ба ғайр аз маънои умумӣ тобишҳои маъноӣ ва услубӣ ҳам дорад.

Калимаи шоха аз синонимҳои дигар серистеъмол ва аз ҷиҳати мавқеи истеъмол нисбат ба онҳо тобишҳои маъноӣ ва услубӣ дорад: шохаи (навдаи, химчаи) дарахт. Аммо дар шохаи роҳи оҳан ва шохаҳои силсилаи кӯҳ калимаҳои дигар "шоха"- ро иваз карда наметавонанд. Калимаи навда ба ғайр аз қисми умумии хурд ва ҷаврани дарахт, шохаи нав сабзидаистода низ мебошад: навда давондан. Калимаи химча бештар нисбат ба навдаи буридашуда ба кор бурда мешавад ва ба калимаи шоха ба воситаи калимаи навда синоним шуда меояд:

Гулҷони мо як гап зад,
Навдаи писта хам зад [12, с.241].

Вобаста ба калимаи дарахт дар забони тоҷикӣ зарбулмасалу мақолҳои халқӣ зиёд мебошанд. Мисол мегӯянд: "Дарахт дар як ҷо сабз мешавад." Яъне ин чунин маъно дорад, ки барои ба даст овардани натиҷаи нек маҳалли кор ва шуғли худро набояд зуд иваз кард:

Дар ҷойи дигар чунин гуфта шудааст.

Дарахте, к-аввал аз пайванд кач ҳаст,
Нашояд ҷуз ба оташ карданаш рост.

Ё ин ки:

Дарахте, к-аз ҷавони куж бархост

Чу хушку пир гардад, кай шавад рост.

Ин маънои онро дорад, ки агар тарбияи кӯдак аз аввал нодуруст шуда бошад, ислоҳи он дигар мумкин намегардад.

Дарахти мевадор ба сабаби самар сару шохшикаста шавад.

Одамони хубу пурҳунар ҳамвора дучори маломату озори нодононанд. Дарахти пурбор санг меҳӯрад.

Беди бебор эмин аст аз заҳмати ҳар кас, валек
Санги ноаҳлон хӯрад шохе, ки дорад мева бор (Абулмаҷди Саноӣ).

Нест шохи мевадор эмин зи санги ногаҳон
Хуш тиҳидасте, ки ӯ озода чун сарви сиҳист (Абдураҳмони Ҷомӣ).

"Дарахти талх ҳам талх оварад бар"
Агарчи мо диҳемаш оби шаккар (Фахриддини Гургонӣ).

Дарахте, ки талх аст вайро сиришт
Гараш барнишонӣ ба боғи биҳишт.
В-ар аз ҷӯи хулдаш ба ҳангоми об
Ба бех ангабин резию шаҳди ноб,
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад (Абулқосими Фирдавсӣ).

Дарахт осон бувад аз бун буридан,
Бурида боз натвон рӯянидан.

Натиҷаеро, ки бо сад меҳнату машаққат ва дар арзи солҳои дароз ба даст даромадааст, дар як дам набояд барбод дод [13, с. 320].

Муодили ҳамин сухан дар забони олмонӣ чунин мебошад:

Zu faellen einen schoenen Baum, brauchst eine halbe Stunde kaum. Zu wachsen, bis man ihn bewundert, braucht er, bedenkt es, ein Jahrhundert (Евген Рот).

Дар китоби Р. Абдуллозода "Ибораҳои халқӣ" вобаста бо калимаи дарахт чунин ибораи халқӣ оварда шудааст. "Аз дарахт ғӯра афтидан" дар айёми ҷавонӣ кори неки сар кардашударо ба сабабе ба субут расонида натавонистан.

Дарахтро занӣ, шохаш меларзад.

Дарахте бипарвар, ки бор оварад.

Дарахти коҳилӣ куфр оварад бор [2, с.66].

Дар забони олмонӣ низ мақолу зарбулмасалҳое, ки дар онҳо калимаи дарахт мавқеи асосиро мебозад, хеле зиёд мебошанд, ки баъзе аз онҳоро ҳамчун намуна оварда тавонистем:

Ein Mensch ohne Freude, Ist wie ein Baum ohne Schatten – Одаме, ки хушбахтиро ҳис намекунад мисли дарахти бесоя аст.

Die Baume, die Straucher, die Pflanzen sind der Schmuck und das Gewand der Erde – дарахтон, буттаҳо ва гиёҳҳо зебу зинат ва либоси замин мебошанд.

Калимаҳои *дарахти санҷид, дарахти ҷигда* дар ифодаи мафҳуми *дарахти унабӣ* дар забони тоҷикӣ корбаст мегарданд. Калимаҳои *санҷити боғӣ* ва *санҷити зоғак* дар ифодаи навъҳои унабӣ корбаст мегарданд. Бархе аз ворисони забони тоҷикӣ вожаҳои *дарахти мурутро* бо *нок* як мешуморанд, ки ин ақида нодуруст аст. Ба андешаи мо дарахти нок чизи дигар буда, дарахти *ношпутӣ* бо *дарахти нок* муносибати синонимиро зоҳир менамоянд. Калимаи дарахти *фалғар, дарахти қандак* ва *дарахти зардолу* дар забони гуфтугӯйӣ муносибати синонимӣ доранд, аммо дар аксарияти ҳолатҳо ибораи *дарахти зардолу* корбаст мешавад. Ғарчанде дар забони тоҷикӣ токи *ангури ҳусайнӣ* маъмул бошад, аммо дар лаҳҷаву шеваҳои он ибораҳои, *токи ангури чиликӣ, токи ангури чочи шутур, катаҳусайнӣ токи ангури дароз-дарозак* маъмул аст, ки дар ифодаи мафҳуми *токи ангури ҳусайнӣ* корбаст мешавад. Ибораҳои *дарахти чомоқ* ва *дарахти чормағз* низ хусусияти синонимӣ доранд. Инчунин дар забони тоҷикӣ вожаҳои *чормағзи коғати чормағзи хамелӣ, чормағзи хърҷинак, чормағзи чълулу маъмуланд, ки сирф хусусиятҳои лаҳҷавӣ*

доранд [6, с.83]. Муҳаққиқи “Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ” калимаҳои *дарахти себи зард* ва дарахти залатойсебро синоними якдигар меҳисобад [1, с.108].

3. Синонимҳои ифодакунандаи дарахтони бемева

Асосан, назар ба дарахтони мевадор дида теъдоди зиёди калимаҳои ифодакунандаи номи дарахтони бемева дар забони тоҷикӣ зиёдтаранд, ки аксарияти онҳо сирф хусусияти маҳаллӣ доранд. Масалан, терак ва сафедор як мафҳумро ифода менамоянд. Калимаҳои зарбед ва маҷнунбед дар мавридҳои зарурӣ бе монеа яке дигареро иваз карда метавонанд.

Чи тавре зикр намудем, синонимҳо дар луғоти ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ яке аз қабатҳои хеле сермаҳсул маҳсуб меёбанд, ки зуҳуроту такомулоти онҳо роҳҳои зиёд дорад. Масалан, мо ҳангоми ҷашнгирии Иди соли нав, ки аз даврони шуравӣ ба мо ба мерос мондааст калимаҳои *арча, сӯзанбарг, ҳамешасабз, чолак* ва *ёлкар*о вирди забон меорем, ки силсилаи синонимӣ шуда метавонанд. Дар ин ҷо, аслан, калимаи *арча* сарсила ба ҳисоб рафта, дар таркиби ибораҳо арчаи солинавӣ*, арчаи сабз ва арчаи сафед* ба назар мерасад. Калимаҳои сӯзанбарг ва ҳамешасабз хусусияти китобатӣ дошта, вожаи *ёлка* аз забони русӣ ба забони мо иқтибос шудааст. Ва калимаи чолак сирф хусусияти лаҳҷавӣ дорад. Дар забони олмонӣ низ синонимҳои зиёди калимаи арча ба назар мерасанд:

Die Nadeln eines Nadelbaums sind sehr kleine *Blaetter* - Баргои дарахти сӯзанбарг хеле хурд мебошанд. Einer der grosste Nadelbaume im Park ist eine Fichte - Калонтарин дарахти сӯзанбарг дар боғ арча мебошад. Es gibt viele Tannen in diesem Wald - Дар ин ҷангал дарахтони арча бисёранд.

Ҳангоми таҳлили мавод собитӣ намудем, ки калимаҳои синонимӣ дар дохили луғоти соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ хеле зиёд ба назар мерасанд ва аксарияти онҳо хусусиятҳои лингвокултурологиро зоҳир менамоянд. Бо тасвири забонии ҷаҳони ворисони забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

Муқарриз: ***Абдуллоева Г.З.*** – н.и.ф., дотсенти
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева, Г.З. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ / Г.З. Абдуллоева. - Душанбе: Ирфон, 2017. – 190 с.
2. Абдуллозода, Р. Ибораҳои халқӣ / Р. Абдулозода. – Душанбе: Дониш, 1974. – 204 с.
3. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терменов / О.С. Ахманова. – Москва: Советская энциклопедия, 1966. – 606 с.
4. Галиева, А.Т. Синонимия глагольных фразеологических единиц, выражающих отношения между людьми, в немецком и татарском языках / А.Т. Галиева. – Казань, 2004. – 152 с.
5. Ғиёсиддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1. / Муҳаммад Ғиёсиддин. –Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
6. Исмоилов, Ш. Лексикаи водии Рашт / Ш.Исмоилов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 332 с.
7. Калонтаров, Я.И. Луғати имлои забони тоҷикӣ / Я.И. Калонтаров. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 331 с.
8. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён. Қисми 1 / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 120 с.
9. Камолиддинов, Б. Забони тоҷикӣ барои синфи 11 / Б. Камолиддинов барои синфи 11). – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
10. Капранов, В.А. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии синонимҳо / А.В. Капранов, И.Л. Николаев, А.Х. Халилов. - Душанбе: Маориф, 1985. – 367 с.
11. Лузинаи, Зафардухт. Ҷанбаҳои лингвокултурологии синонимҳои ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ / З. Лузина // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. – Душанбе, 2020. – № 1 (37). – С.27-34.
12. Мухаммадиев, М. Луғати синонимҳо / М. Мухаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. – 271 с.
13. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ.Ҷ. 1 / М.Фозилов. – Душанбе, 1975. – 367 с.
14. Ҳакимов, Н.Ҳ. Таърихи халқи тоҷик / Н.Ҳ. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 484 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 1. – Душанбе, 2016. – 516 с.
16. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 2. - Душанбе, 2020. – 431 с.
17. Arsenjewa, M.G. Grammatik der Deutschen Sprache / M.G. Arsenjewa, E.W. Gassilewitsch, A.A. Sambrshizkaja, A.A.Tereschenkowa, I.A. Zyganowa. – Москва: Высшая школа, 1963. - 300 с.
18. Gruenter, Kempeke. Woerterbuch Deutsch als Fremdsprache /Kempeke Gruenter // Walter de Gruyter. – Berlin, New York, 2000. – 11329 с.
19. Duden. Das Synonymworterbuch , Dudenverlag, Meinheim. Zurich, 2006, 1136 s.
20. Duden. Das Bedeutungswörterbuch. Dudenverlag, Mannheim. – Leipzig. Wien.Zurich, 2012. – 1151 s.

ТАҲЛИЛИ ЛИНГВОФАРҲАНГИИ СИНОНИМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ СОҲАИ БОҒДОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақола синонимҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд намудааст, ки боғдорӣ шуғли маъмули қавмҳои ориёӣ - тоҷикон ва олмониҳо ба шумор рафта, калимаву истилоҳоти зиёдеро фарогир мебошад. Синонимҳои соҳаи боғдорӣ дар заминаи урфу одат ва суннату анъанаҳои ин ду аквом ба зуҳур омадаанд, ки ҳар яке хусусияти хосси худро доро мебошанд. Инчунин, дар мақола зикр гардидааст, ки теъдоди зиёди синонимҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ ба гурӯҳбандии онҳо имконият медиҳанд. Ин гурӯҳи калимаҳо ба синонимҳои ифодакунандаи номи гулҳо, дарахтони мевадор ва дарахтони бемева тақсимбандӣ мешаванд. Ҳангоми таҳлили мавод инчунин собит намудем, ки аксарияти калимаҳое, ки дар забони тоҷикӣ силсилаи синонимиро ташкил медиҳанд, дар забони олмонӣ синоним шуда наметавонанд, ки ба ин гуногунии тасвири забонии ҷаҳони қавмҳои тоҷикон ва олмониҳо замина гузошта тавонистааст. Инчунин, ҳангоми таҳлили мавод бо факту далелҳо исбот намудем, ки калимаҳои синонимӣ дар ифодаи ранги гулҳо дар забони олмонӣ бештар ба назар мерасанд. Синонимҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ дар забони тоҷикӣ ҳам фарқият доранд ва ҳам умумият, ки дар натиҷаи гуногунии забонҳо ба зуҳур омадаанд.

Калидвожаҳо: калима, синоним, лингвокултурология, забони тоҷикӣ, забони олмонӣ, фарқият, умумият, синонимҳои ҷуфт, калима, луғот.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СИНОНИМОВ САДОВОДСТВА В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В статье изучаются и исследуются синонимы, представляющие область садоводства. Автор отметил, что садоводство является распространенным занятием арийских народов, в том числе таджиков и немцев, и включает в себя множество слов и терминов. Синонимы области садоводства составляют основу обычаев и традиций этих двух народов, каждый из которых имеет свои особенности. Также в статье упоминается, что большое количество синонимов, представляющих область садоводства, позволяет их классифицировать. Эта группа слов делится на синонимы, представляющие названия цветов, плодовых деревьев и бесплодных деревьев. В ходе анализа материала мы также доказали, что большинство слов, являющихся синонимами в таджикском языке, не могут быть синонимами в немецком языке. Также в ходе анализа материала мы фактами доказали, что слова-синонимы в выражении окраски цветов чаще встречаются в немецком языке. Синонимы садоводства в таджикском языке имеют как различия, так и общие черты, появившиеся в результате разнообразия языков.

Ключевые слова: слово, синоним, лингвокультурология, таджикский язык, немецкий язык, различие, общность, парные синонимы, слово, словарь.

LINGUISTIC ANALYSIS OF SYNONYMS REPRESENTING HORTICULTURE IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

In the article, the synonyms representing the field of horticulture are studied and researched. The author noted that gardening is a common occupation of Aryan peoples, including Tajiks and Germans, and includes many words and terms. The synonyms of the field of horticulture are the basis of customs and traditions of these two peoples, each of which has its own characteristics. Also, the article mentions that a large number of synonyms representing the field of horticulture allow their classification. This group of words is divided into synonyms representing the names of flowers, fruit trees and fruitless trees. During the analysis of the material, we also proved that most of the words that form a synonym series in the Tajik language cannot be synonymous in the German language. Also, during the analysis of the material, we proved with facts and evidence that synonymous words in the expression of the color of flowers appear more often in the German language. Synonyms for horticulture in the Tajik language have both differences and commonalities, which have appeared as a result of the diversity of languages.

Key words: word, synonym, linguistic and cultural, Tajik language, German language, difference, generality, pair synonyms, word, dictionary.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаюмова Сафармо Ҷумахоновна*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, унвонҷӯй, кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. **Суроғa:** 734019, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Муҳаммадиев 17/6.
Тел.: **(+992) 985-77-88-60**

Сведения об авторе: ***Каюмова Сафармо Джумахоновна*** – Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, соискатель, кафедра сопоставительная языкознания и теория перевода. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева 17/6 Тел.: **(+992) 985-77-88-60**

Information about the author: ***Kayumova Safarmo Dzhumakhonovna*** - Tajik International University of Foreign Languages named after S.Ulughzoda, Applicant of the Department of Comparative Linguistics and Translation Theory. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadiev Str., 17/6. Phone: **(+992) 985-77-88-60**

ТДУ: 811.21/.22+811.111-5

ГУРӮҲҲОИ ОНОМАСТИКӢ ВА НАМУДҲОИ ТОПОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дадоҷонова И., Восиева Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мубрамияти мавзуи барои таҳлилу баррасӣ интихобнамудаи мо, ки таваҷҷуҳи моро нисбат ба номвожаҳои ҷуғрофӣ, яъне топонимҳо ҷалб намудааст, нокифоя омӯхта шудани он ба ҳисоб меравад. Ҳадафи таҳқиқоти топонимҳо дар ин мақола, пеш аз ҳама, аз муайян кардани қонуниятҳои асосии сохторию забоншиносии онҳо, қолабҳои сохтории топонимҳо ва таҳлили воҳидҳои фразеологӣ бо топонимҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ иборат мебошад. Дар бою ғанӣ гардонидани фонди луғавии забон на фақат сарчашмаҳои забонӣ ва адабӣ, балки тамоми сарчашмаҳои хаттии илмҳои мухталиф бо маводи бою рангин барои пурратар шудани фонди луғавии забони тоҷикӣ нақши беназир доранд. Яке аз ин гуна сарчашмаҳо барои илми филология ин қабатҳои луғавии фарогири номҳои ҷуғрофӣ, номвожаҳои ҷуғрофӣ мебошанд. Бинобар он, омӯзишу тадқиқи номҳои ҷуғрофӣ ё маҳаллӣ (топонимҳо) аз ҷанбаҳои умдатарини илми забоншиносӣ мебошад. Зеро номҳои маҳал ё номҳои ҷуғрофӣ ва пайдоиши онҳо бо чандин воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ робитаи қавӣ дошта, ин унсурҳо боиси инкишофу густариши хазинаи (фонди луғавӣ) ин ё он забон гардидаанд. Аз ин ҷост, ки омӯзишу тадқиқи номҳои маҳал ва пайдоиши онҳо басо кори хайрест. Дар лингвистика илми топонимика (илм дар бораи номвожаҳои ҷуғрофӣ) мавқеи махсуси худро дорост. Топонимика ҳамчун илм ба омӯзиши «топонимҳо» ё «номвожаҳои ҷуғрофӣ» машғул буда, бо забон, таърих, фарҳанг ва ҷуғрофия алоқаи ногусастанӣ дорад. Муҳаққиқи ҷавон Ш. Ҳайбуллоев менависад, ки ҳақ ба ҷониби топонимшиноси шинохта В.А. Никонов мебошад, ки ин илмро чунин тавсиф намудааст: «Топонимика бахши асосии забоншиносӣ буда, бо таърихи забон, лаҳҷашиносӣ, решашиносӣ, лексикология ва дигар соҳаҳои забон, таърих, ҷуғрофия ва этнография алоқаи ногусастанӣ дорад» [17, с. 5].

Номвожаҳои ҷуғрофӣ чун як ҷузъи ҷудонашавандаи лексикаи забон ба зумраи сарчашмаҳои хаттии вай мансуб буда, ҳамчун маводи муҳимми забоншиносӣ барои бознигарии марҳилаҳои мухталифи пешрафти забон ва муайян кардани вазъи таърихии алоқаҳои забонӣ дар байни забонҳои мухталиф дорои аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошанд. Ишораи ин нукта зарур аст, ки топонимика ҳамчун илм бо таърихи халқе, ки номвожаҳои ҷуғрофии як минтақаи муайянро дар тули таърихи мавҷудияти худ пешкаш кардааст ё онҳоро бо тақозои замон ва равандҳои ҷомеаи башарӣ тағйир дода, дар оянда рушду камол бахшидааст, алоқаи мустаҳкам ва ногусастанӣ дорад.

Дар лингвистика илми топонимика (илм дар бораи номвожаҳои ҷуғрофӣ) мавқеи махсуси худро дорост. Топонимика ҳамчун илм ба омӯзиши «топонимҳо» ё «номвожаҳои ҷуғрофӣ» машғул буда, бо забон, таърих, фарҳанг ва ҷуғрофия алоқаи ногусастанӣ дорад. Топонимика маҷмуи номҳои ҷуғрофиро ба се гурӯҳи алоҳида ҷудо намуда, меомӯзад: ***топонимия, микротопонимия, макротопонимия***.

Топонимия - бахши ономастика буда, илме, ки топонимҳоро меомӯзад ва он маҷмӯи номҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла номҳои объектҳои табиию фарҳангиро дар бар мегирад. Дар навбати худ топонимия ба ойконимҳо, гидронимҳо, оронимика, спелеонимика, дримонимия ва урбононимия ҷудо мешавад.

1. Ойконимҳо – маҷмуи номҳои мавзеъҳои маскунӣ: кишвар, шаҳрҳо, деҳа, шаҳрак, вилоят, ноҳия, кӯчаҳову гузар, роҳҳои шаҳру деҳот ва ғ. Ойконимҳо дар навбати худ ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд: **хоронимҳо** (номи вилоят, кишвар ва мамлакатҳо), **полионимҳо** (номи шаҳрҳо); **комонимҳо** (номи деҳаҳо), **годонимҳо** (номи кӯча, маҳалла, район) ва ғайра.

2. Гидронимҳо – маҷмуи номҳои мавзеъҳои марбут ба об: дарё, уқёнус, баҳр, чашма ва ғ.: **дарёи Варзоб, дарёи Лучоб, уқёнуси Ором, уқёнуси Ҳинд, баҳри Арал, баҳри Сиёҳ, Чилучорчашма, чашмаи Бибифотимаю Заҳро** ва ғайра.

3. Оронимҳо – номи унсурҳои сатҳизаминӣ ва навъҳои онҳо: кӯҳ, дашту ҳамворӣ, водӣ ва ғ.: **Кӯҳи Помир, Кӯҳи Боботоғ, Кӯҳи Занталоқ, Кӯҳи Бушолак** ва ғайраҳо.

4. Антропотопонимҳо – номи мавзеъҳое, ки аз номи инсонҳо баромадаанд. Пойтахти ИМА шаҳри Вашингтон ба номи аввалин президенти он гузошта шудааст. Номҳое, ки хотираи сайёҳон ва муҳаққиқони машҳури сайёраро абадӣ месозанд, инҳоянд: кишвари **Колумбия, Колумбияи Британиё**, архипелаги **Колон**, шаҳрҳои **Колон** (зиёда аз 10 дар кишварҳои мухталифи Амрикои Лотинӣ) - ба ифтихори **Колумб**; гулӯгоҳи **Магеллан**; ҷазираҳо, гулӯгоҳ, кӯҳи **Кук**; шаршараҳои **Ливингстон**, гулӯгоҳи **Беринг** ва баҳри **Беринг**; баҳри **Амундсен**; ҷазира, дарё, пушта ва харсангҳои **Флиндерс**; нимҷазира, кӯл, дарёи **Эйри** ва бисёр дигарон. **Антропотопонимҳо**, ки шумораи онҳо кам аст. Ин мумкин аст аз он сабаб бошад, ки ин навъи топонимҳо дар забони тоҷикӣ хос набуда, танҳо дар замони муосир ба кор мераванд: ***осиёи Дӯстбой, шипанги Каримҷон, устохонаи Назир, деҳаи Абдуллоҷон*** ва ғайраҳо.

5. Этнотопонимҳо – номи мавзеъҳои ҷуғрофие, ки аз номи қавму халқиятҳо баромадаанд. **Арабхона, Қазоқон** – номи маҳаллаҳо, минтақаҳо бо номи "**Chinatown"** дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла Аврупо, Осиё, Африқо, Уқёнуси Ором ва Амрико мавҷуданд.

Омӯзиши топонимҳо барои муайян намудани бисёр масъалаҳои грамматикаи таърихӣ, таърихи забони адабӣ, лаҳҷашиносии таърихиву муосир ва дигар бахшҳои забоншиносӣ зарур аст, ки ин нуктаро мо дар андешаҳои илмии забоншиноси рус В.А. Никонов дида метавонем: «Топонимҳо унсурҳои даврaҳои гуногуни забонро вобаста ба ҳаёти ворисонаш дар худ таҷассум мекунанд ва бинобар он таҳқиқи онҳо, пеш аз ҳама, барои ҳалли як қатор проблемаҳои баҳсталабу ҳанӯз ҳалнашудаи илми забоншиносӣ муфид арзёбӣ мешавад» [5, с. 8-22].

Топонимшиноси маъруфи рус Н.И. Надеждин навишта буд, ки замин китобе ҳаст, ки таърихи башар дар номҳои ҷуғрофии он инъикос ёфтааст. Бояд қайд кард, ки то ба ҳол меъёри муайян ва мушаххасе барои ифодаи ба тариқи умумӣ қабулшудаи "***микротопонимия***" ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ мавҷуд нест, вале худи истилоҳ дар адабиёти лингвистии ватанию хориҷӣ васеъ истеъмол мешавад. Ба микротопонимҳо номҳои мавзеъҳои хурди ҷуғрофӣ ва ё нисбатан хурди ҷуғрофиро нисбат додаанд, аз қабили рӯд, наҳр, дарёча, ботлоқ, марғзор, саҳро, майдон, дашт, роҳ, деҳа, кӯча. Боз метавон ба ин гурӯҳ номҳои шохоб ва қисматҳои алоҳидаи рӯду дарё, ҳавз, харсанг, номи қисматҳои калону алоҳидаи кӯчаҳои калон, купрукҳо, шипанг, чапкандӣ, полез, қитъаҳои заминро илова кард.

Макротопоним (аз юнонии қадим μακρός — калон ва τόπος — макон) — номи хоссе, ки номи объекти бузурги физикӣ ва ҷуғрофиро ифода мекунад, ки доираи истифодаи васеъ, маъруфияти зиёд дорад. Муносибат ба топоним дар он бевосита сурат мегирад, ки номи кишвар аз этноним, яъне аз номи халқият сохта мешавад (**Франкҳо - Фаронса, чеҳҳо - Чехия, юнониҳо – Юнон, тоҷик – Тоҷикистон, ӯзбек - Ӯзбекистон**) ва метавонад баръакс сохта шавад, вақте ки этноним аз номи кишвар гирифта шудааст (**Амрико - амрикоиҳо, Австралия – австралиягиҳо, Англия – англисҳо**, **Россия - русҳо**).

Ба ғайр аз ин худи топонимҳо ба якчанд гурӯҳҳо тасниф карда шудаанд ва мо ин намудҳоро ба риштаи таҳлил мекашем. Ин намудҳо чунинанд: **теотопоним** - топоними аз номи худоҳо (олиҳаҳо, фариштаҳо) гирифта шуда, **гелотононим** – аз номи ботлоқ, **урбаноним** – номи мавзеи дохилишаҳрӣ, **гидроним** – номи мавзеи ба об алоқаманд, **криптоним** – номи тахайюлӣ, **стратоним** – номи қишрҳои замин, **астионим** – номи шаҳр, **дромоним** – номи роҳ, **зоотопоним** – номи мавзее, ки аз номи ҳайвонот гирифта шудааст, **ойкодомоним** – номи бино, иншоот ва сохтмонҳо, **катойконим** - номи шахсе, ки аз номи мавзеи ҷуғрофӣ баромадааст, **агороним** – номи қитъазамин, **глятсионим** – номи ях ва пиряхҳо, **дрионим** – номи ҷангал ва бешаҳо, **годоним** – номи мавзеи мухобиротӣ ва хаттӣ дар дохили шаҳр**, некроним** – номи маконҳои дафнӣ (оромгоҳҳо), **экклезионим** – номи маконҳои иҷрои урфу одат ва маросимҳои динӣ, **пелагоним** – номи баҳр ва дарёҳо, **хрематоним –** номи мавзеи вобаста ба ҳаёти маданию фарҳангӣ, **абионим** – номи мавзеи табиати ғайризинда, **мифоним** – номи мавзеи аз афсона ва устураҳо баромада, **геноним** – номи мавзеи заминӣ (мавзее, ки дар сайёраи Замин мавҷуд аст), **батионим –** номи мавзеи зериобӣ, **ороним** – номи мавзеи сатҳизаминӣ, **терроним** – номи мавзеи дар хушки мавҷуд буда, **лимноним** – номи ҳавз ва кӯлҳо, **океаноним** – номи уқёнус, **инсулоним** – номи ҷазира, агороним – номи майдон ва бозор, **сиелоним** – номи мавзеи зеризаминӣ, **ойконим** – номи

мавзеи маскунӣ, **литоним** – номи мавзеи наздисоҳилӣ, **дромоним** – номи роҳҳо ва нуқтаҳои мухобиротӣ, **фитотопоним** – номи мавзее, ки аз номи растанӣ ташаккул ёфтааст, **регионим** – номи минтақа, **потамоним** – номи дарё, **хороним** – номи ҳудуд ва вилоят, **антропотопоним** – номи мавзее, ки аз номи инсон баромадааст, **этнотопоним** – номи мавзеи ҷуғрофие, ки аз навъу номи этносҳо баромадааст [18, с.5-10].

Дар ин мақолаи худ баъзе аз гурӯҳи топонимҳоро то қадри имкон муаррифӣ менамоем ва кӯшиш менамоем, ки шарҳу эзоҳ диҳем.

Теонимҳо номҳои махсуси Худоён мебошанд. Бисёр номҳои ҷуғрофии қадимӣ аз номи Худоён гирифта шудаанд. Чунин топонимҳоро бо истилоҳи алоҳида - **теотопонимҳо** меноманд. **Теоним** (аз юнонии қадим θεός — «Худо» + ὄνυμα — «ном») — як навъ мифоним, ки маънои номи хосси Худоро дорад. Теонимия ҳамчун яке аз бахшҳои ономастика ба омӯзиши пайдоиш, инкишоф ва мавҷудияти теонимҳо машғул аст. Теонимҳо дар тасвири мифологӣ ва динии ҷаҳон нақши хеле муҳим доранд. Ба гуфтаи муҳаққиқон, онҳо дар таърихи башарият бо зуҳури забон ба вуҷуд омадаанд ва ин равандро, аллакай, метавон ба чунин намояндаи насли башар ҳамчун неандертал нисбат дод. Филологи олмонӣ Ҳерман Усенер ба теонимия асари махсусеро бо номи «Номҳои худоён» (Götternamen) бахшида, дар он аҳаммияти бузургеро, ки раванди пайдоиш ва фаъолияти номҳои хосси худоён дорад, таъкид кардааст. Асотиршинос ва компаративисти фаронсавӣ Жорж Дюмезил даъват кардааст, ки ба этимологияи номи худо ҳамчун ҳақиқате, ки мазмун ва маънои онро пурра инъикос мекунад, ба таври айнан муносибат накунанд, балки рафтори онро дар амал ба назар гиранд. Масалан, ӯ қайд мекунад, ки худои немисӣ-скандинавӣ Один дорои вазифаҳои васеъ ва анъанаи мифологии инкишофёфта мебошад, аммо дар теоними ӯ танҳо як ҷанба - хашм, хашм инъикос ёфтааст. Дар ин ҷо номҳои худоёни юнони қадимро меорем. **Зевс** — **Zeus**, номи худои олии пантеони Юнони кадим, худои раъду барқ; **Гера** — **Hera**, номи зани Зевс, сарпарасти издивоҷ, муҳаббати оилавӣ; **Посейдон** — **Poseidon**, номи худои баҳру бар ва бародари Зевс; **Аид** — **Hades**, номи Худованди Малакути мурдагон ва бародари Зевс; **Деметра** — **Demeter**, номи олиҳаи ҳосилхезӣ ва хоҷагии қишлоқ; **Гестия** — **Hestia**, номи олиҳаи хона.

Гелотононим – аз номи ботлоқ буда, номгӯи ботлоқҳо мебошад. Ботлоқ ландшафтест, ки бо рутубати аз ҳад зиёд ва рутубати заминии намидошта хос аст. Ботлоқзорҳо қисми ҷудонашавандаи гидросфера мебошанд. Номҳои ботлоқҳои калонтарин ботлоқи Пин, ки дар Украина ҷойгир шудааст. Истилоҳи як вақтҳо тангтар "**carr**" дар ғарби Англия маънои ботлоқи дорои буттаҳои паст, дар шарқи Англия - ҷангали ботлоқзор ва дар шимоли Англия - ботлоқи минеротрофии кушодро дошт. Баъдтар калимаҳои дигар ба монанди ***'moss', 'bog', 'swamp', 'morass', 'marsh'*** пайдо шуданд, ки маъноянашон ботлоқ аст. Ботлоқзори **Фен - The Fens, Fenland**, номи як минтақаи ҷуғрофӣ ва таърихӣ дар қисми шарқии Англия аст. **Дартмур - Dartmoor** номи ботлоқзори азим, ботлоқзори **Магор - Magor Marsh** ва ғайраҳо.

Урбаноним – номи мавзеи дохилишаҳрӣ аст: **Қасри Букингем - Buckingham Palace,** манзилҳои оилаи шоҳона; **Портобелло** – **Portobello**, ноҳияи шаҳри Лондон, ки бо бозор ва мағозаҳои антиқаи сатҳҳои гуногун машҳур аст. **Notting Hill Gate** - минтақаи бонуфузи Лондон, **Spencer House – Спенсер Хаус** - як қасри таърихӣ дар 27-уми Сент Ҷеймс дар минтақаи Сент Ҷеймс дар Лондон, Англия аст, **Barbican Centre - маркази Барбикан** як маркази санъати намоишӣ дар касри Барбикани шаҳри Лондон мебошад, **майдони Сомонӣ** – майдони марказии шаҳри Душанбе, **варзишгоҳи Фрунзе** – варзишгоҳи калонтарин дар шаҳри Душанбе, **боғи Куруши Кабир –** боғ дар маркази шаҳри Душанбе ва ғайраҳо.

Гидроним – номи мавзеи ба об алоқаманд, ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Уқёнусҳо: *уқёнуси Ором, уқёнуси Ҳинд, уқёнуси Атлантика, уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ; the Pacific Ocean, the Indian Ocean, the Atlantic Ocean, the Arctic Ocean* ва ғ.

2. Баҳрҳо*: Тоҷик, Арал, Сиёҳ, Миёназамин; the North Sea, the Dead Sea, the Sea of Japan, the Great Lakes, the Mediterranean Sea* ва ғ.

3. Халичҳо*: халичи Мексика, халичи Бенгол, халичи Финландия; the Gulf of Mexico, the Bay of Bengal, the Gulf of Finland* ва ғ.

4. Дарёҳо*: Сирдарё, Сурхандарё, Амударё; the Nile River, the Amazon River, the Mississippi River* ва ғ.

5. ***Наҳрҳо**: Мовароуннаҳр, Қизилнаҳр* ва ғ.

6. ***Рӯдҳо**: Ҳафтрӯд, Кешрӯд, Ҷагонрӯд, Рӯдак, Зандрӯд, Ҷайҳон* ва ғ.

7. ***Ҳавзҳо**: Делфин, Гули майда, Афсона, Жасмин* ва ғ.

8. ***Кӯлҳо**: Искандаркӯл, Иссиққӯл, Байкал; Lake Baikal (Russia), Lake Tanganyika, Lake Victoria, Loch Ness (Scotland)* ва ғ.

9. ***Чашмаҳо**: Хоҷа Оби Гарм, Обигарм; Pamukkale, Denizli (Turkey), Khir Ganga, Himachal Pradesh (India)* ва ғ.

10. ***Шаршараҳо**: Конгу, Виктория, Ниагара; the Victoria Falls, the Niagara Falls, the American Falls* ва ғ.

11. ***Ҷӯйборҳо**: Тезоб, Равот, Басра, Айлоқ* ва ғ.

12. ***Каналҳо**: Суетс, Фарғона, Хоҷабоқиргон, Ҳисор; the English Channel (La Manche), the Mozambique Channel, the Suez Canal, the Panama Canal, the Erie Canal* ва ғ.

Криптоним – номи тахаллусӣ, ки дар топономика ҳастанд. Криптоним – имзои зери асар ба ҷойи номи муаллиф, ки имкони шиносоӣ бо ин ё он шахси мушаххасро дар назар надорад; ба ибораи дигар, номе, ки барои пинҳон кардани муаллифи аслии асар ҳисоб шудааст, яъне тахаллуси шоирӣ, тахаллуси нависанда. **Псевдоним – тахаллус (юнонии pseudos - бардурӯғ + onima - ном) - номи сохтае, ки шахс дар фаъолияти ҷамъиятӣ ба ҷойи номи воқеӣ (ҳангоми таваллуд дода шудааст, дар ҳуҷҷатҳои расмӣ сабт шудааст); навъи антропоним: Айнӣ (насаби аслӣ - Саидмуродзода), шоира Фарзона (номи аслӣ - Иноят), Эдгар Аллан По (Edgar Allan Poe) бо тахаллуси "by a Bostonian", Мэри Анн Эванс (Mary Ann Evans) бо тахаллуси George Eliot** ва ғайраҳо осори худро чоп кардаанд.

Автоним (юнонӣ autos - худ + онима - ном) - номи аслии шахсе, ки бо тахаллус маълум аст. Аллонимҳоро аксар вақт муаллифони давраи охири антиқа ва асрҳои миёна истифода мекарданд.

Аллоним (юнонӣ **alios** - гуногун) — номи шахси воқеие, ки муаллифи асар ба ҷойи худаш истифода мебарад. Табиб Вера Гедройц (1876—1932) ба шеърҳои лирикии худ «Сергей Гедройц» - номи бародари марҳумашро истифода кардааст.

Ананим (юнонӣ **ана** – боз) – тахаллус аз ҳарфҳои номи худӣ бо тартиби баръакс. Иван Крылов дар соли 1797 ба миниатюраи насри «Меноси бадбахт» имзо гузошт, ки дар матбуоти даврӣ бо зерсарлавҳаи «Тарҷума аз итолиёвӣ» аз ҷониби нависандаи номаълум Нави Волирк нашр шудааст.

Астроним (юнонӣ **astron** - ситора) - аломати типографии астерикс ("ситорача") ё маҷмуи чунин аломатҳо ба ҷойи номи муаллиф ё ба ҷойи номи персонаж/шахси дар асар иштироккунанда гузошта мешаванд.

Стратоним – номи қишрҳои замин. Мисол: конҳои маъдани оҳани Орско-Халиловское, Лисаковско-Сарибайское, конҳои маъдани оҳани Доманик.

Астионим – номи шаҳр: Душанбе , Тошкент, Москва, Киев ва ғайраҳо. **Дромоним** – номи рох: **роҳҳои автомобилгарди минтақаи Ҳисор, роҳҳои автомобилгарди минтақаи Рашт, роҳи автомобилгарди «Душанбе-Хуҷанд», Роҳи оҳани Осиёи Миёна; Уотлинг Стрит -** номи роҳи қадимаи Англия ва Уэлс, **Роҳи автомобилгарди А1(М) ё (М1) -** дарозтарин роҳи рақамӣ дар Британияи Кабир, ки дарозиаш 660 км буда, пойтахти кишвар Лондон ва пойтахти Шотландия Эдинбургро мепайвандад.

Зоотопоним – номи мавзее, ки аз номи ҳайвонот гирифта шудааст. **Бешаи Палангон** дар ҳудуди имрӯза ноҳияҳои Дӯстӣ, Ҷайҳун ва Қабодиёни вилояти Хатлон воқеъ аст, **деҳаи Рӯбаҳо** – аз номи ҳайвон – рӯбоҳ гирифта шудааст. Номи шаҳр ва аморати **Дубай** дар Аморати Муттаҳидаи Араб маънои “**малах”**-ро дорад. Номи **Аляска** маънои “**макони китҳо”** -ро дорад.

Ойкодомоним – номи бино, иншоот ва сохтмонҳо: **Кохи Наврӯз, Кохи Ваҳдат**, **бинои Душанбе Плаза**, **меҳмонхонаи Ҳаят; Биг Бен -** номи зангӯлаи бузурги соати бузурги Вестминстер аст, **Стоунхенҷ** - ёдгории беназири таърихӣ аст.

Катойконим (аз юнонии қадим κατά - "зери" ва οἶκος - "хона") - номи шахсе, ки аз номи мавзеи ҷуғрофӣ баромадааст. Катоиконимхо (инчунин этнонимҳо) номҳои сокинони маҳалли муайян мебошанд. **Ғиждувониҳо, соктарегиҳо, урганҷиён, москвагиҳо -** номи гурӯҳи одамонро бо маҳалли зист ишора мекунанд. **Europe - European, Mexico - Mexican,**

China - Chinese, Afghanistan - Afghanistani, Iraq - Iraqi, Britain - British, Scotland - Scottish, Greenland - Greenlander, Iceland – Icelander ва ғайраҳо.

Глятсионим – номи ях ва пиряхҳо. **Пиряхҳои Федченко, Зарафшон, Грумм-Гржимайло, қуллаи Исмоили Сомонӣ, қуллаи Абу Алӣ ибни Сино; Filchner–Ronne Ice Shelf –** пиряхи Филхнер, **Branta Ice Shelf -** пиряхи **Бранта** ва ғайраҳо.

Полионимия аз вожаи юнонии **polis –** шаҳр ва **onoma** – ном таркиб ёфта, номи шаҳрҳо ва **полинимия –** маҷмуи номҳои шаҳрҳои як ҳудуд, замон ва ё минтақаи алоҳида мебошад: **Душанбе, Норак, Хоруғ, Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Бохтар, Ҳисор** ва ғайраҳо. Ин як қатор номвожаҳои ҷуғрофии маҳалҳои Тоҷикистон аст. Шаҳрҳои бузургтарини Шоҳигарии Британияи Кабир - **London, Leeds, Sheffield, Birmingham, Manchester, Bradford, Brighton, Cambridge, Oxford** ва дигарон мебошанд.

Агоронимия як навъи урбанонимҳо (марбут ба шаҳр аст) буда, номи майдонҳои шаҳрӣ, бозорҳоро ифода мекунад. Ин вожа аз ҷузъҳои **agros** (саҳро, замин) ва **onoma** (ном) - и забони юнонӣ гирифта шуда, маъноияш номи мавзеъ ё қитъае, ки марбут ба замин, саҳро аст, мебошад.

Масалан, **Майдони Сурх**, **Бозори Саховат, Майдони "Дӯстӣ»**, **Бозори Шоҳмансур, Бозори Балх** ва ғайраҳо. Дар забони англисӣ – **Camden Market - Кэмден Маркет, Smithfield Market - Смитфилд Маркет, Brixton Market - Брикстон Маркет, Zion Park - Сион Парк, Leicester Square - Лестер Сквер, Trafalgar Square - Трафалгар Сквер, Royal Square - Роял Сквер, Tower of the Palace of Westminster - манораи қасри Вестминстер, Big Ben - соати Биг-Бен, Victoria Railway - роҳи оҳани «Виктория», Euston Railway - роҳи оҳани «Юстон»** ва ғайраҳо.

Эрготопонимия истилоҳи топонимӣ мансуби забони юнонӣ буда, аз ҷузъҳои **ergo** – «меҳнат», «кор», «заҳмат», «фаъолият» ва **onoma** – ном таркиб ёфтааст ва маҷмуи номҳои муассисаву корхонаҳо, заводу фабрикаҳоро ифода мекунад. Номи иттиҳодияҳои кории одамон, аз ҷумла иттиҳодия, иттифоқ, созмон, ташкилот, муассиса, ҷамъият, маҳфил: **Созмони Милали Муттаҳид, Академияи илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Ансамбли тарона ва рақси «Лола», Ансамбли фолклорию этнографии «Ганҷина».** Дар забони англисӣ дар Британияи Кабир: **Ширкати нафту гази «Шелл», корпоратсияи "Империал Кемикал Индастриз", Ҳизби Лейбористӣ, Ассотсиатсияи коргарони Лондон, Ҳизби Либералӣ, конгресси тред-юниони Британия - Shell Oil and Gas Company, Imperial Chemical Industries Corporation, Labor Party, London Workers' Association, Liberal Party, British Trade Union Congress** ва дигарон.

Хрематонимия номи чиз ё ашёи маданияти моддӣ, ки бо дасти инсон сохта шудааст, аз ҷумла номи ҷавоҳирот, асбоби мусиқӣ, санги қиматбаҳо ва ғайра мебошад. Ин истилоҳи топонимӣ юнонӣ буда, аз ҷузъҳои **xrematos –** «чиз», «ашё» ва **onoma** – ном таркиб ёфтааст ва хрематонимия маҷмуи номҳои марбут ба ҳаёти маданиву равшаннамоӣ аст. Дар забони тоҷикӣ: **"алмоси сабз", ҳалқаи "тут", дастпонаи "мор", занҷираи "бофта", тиллои Русия, рубоби ҳиндӣ, доираи африқоӣ, чанги бадахшӣ, найи озарӣ, дутори афғонӣ, лаъли Бадахшон, мармари итолиёвӣ, комплекти, пиёлаҳои чойнӯшии "Глафира", чинии "Гжел"** ва монанди инҳо. Номҳои воситаҳои наклиёт – киштиҳо, пароходҳо, катерҳо, яхтаҳо - **«Россия», «Ласток», «Андрей Жданов»**; киштии кайҳонӣ, ҳавопаймо - **«Союз-9», «Садриддин Айнӣ»**; қаторахои экспресс ва автомобилҳо - **«Сапсан», «Метел», «Кавказ».** Дар забони англисӣ **London General Omnibus, «Black Cabs», Taxi, Metro «Piccadilly Line»** ва дигарон.

Хоронимияи шаҳрӣ аз нигоҳи сохт таркибӣ буда, ҷузъи **хороним** гурӯҳе аз топонимҳо мебошад. Маънои луғавии ин истилоҳи топонимӣ номи ҳудудҳо, вилоятҳо, ноҳияҳо, аз ҷумла воҳидҳои ҳудудию маъмурӣ ва хоҷагию маъмурӣ ё табиию ҷуғрофӣ - **Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Фаронса, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб, вилояти Хатлон, ноҳияи Ғончӣ; Republic of Tajikistan, Russian Federation, Republic of France, United Arab Emirates, Khatlon region, Gonchi district** ва ғайраҳо мебошад. Ин истилоҳи топонимӣ марбути забони юнонӣ буда, аз ҷузъҳои **xoros** – «кишвар», «мамлакат» ва **onoma** – ном таркиб ёфтааст ва номи вилоятҳои ҷуғрофӣ, навоҳии иқтисодӣ ва воҳидҳои калони маъмурию ҳудудиро ифода мекунад. **Хоронимияи шаҳрӣ** маҷмуи номҳои кӯчаю маҳалҳои марбут ба касбу кор дар ин ё он шаҳр аст: **Гиламчӣ - номи маҳалла, Бӯзчӣ - номи маҳалла**,

Тирхона - номи гузар, **Ҳалвогар -** номи гузар, **Челонгар -** номи гузар, **Косагар -** номи гузар ва ғ.

Годоним истилоҳи топонимӣ мансуби забони юнонӣ буда, аз ҷузъҳои ***godos*** – «роҳ», «кӯча» ва **onoma** - ном иборат мебошад, ки номи хиёбонҳо, кӯчаҳо, паскӯчаҳо, маҳаллаҳо, гузарҳоро ифода мекунад: хиёбони Борбад, хиёбони Рудакӣ, кӯчаи Чармгарон, Чорсу, кӯчаи Зарафшон, кӯчаи Беҳзод, паскӯчаи Гулобод, паскӯчаи Раҳимӣ, маҳаллаи кулолгарон, Тезгузар, гузари гӯштфурӯшон ва ғ. **Дар забони англисӣ:** Main Street, Wall Street, 42nd Street, Oak Alley, Maple Boulevard, Fifth Avenue, Sixth Avenue, the National Road, the Freedom Trail, the Blue Ridge Parkway, the Trans-Canada Highway, the Pan American Highway, the Lincoln Highway, Pennsylvania Avenue, Broadway, Lexington Road, Route 66, Highway 64. **Wall Street - Уолл Стрит** як кӯчаи ҳашттарафаи дароз дар ноҳияи молиявии Манҳеттени Поён дар Ню-Йорк аст, **Chinatown - Чинатаун** як анклави этникӣ дар шаҳри Вестминстер, Лондон, ҳаммарз бо Сохо аст**, The Thames Barrier - маҳалли Монеаи Темза** як системаи монеаи бозхондашаванда аст, ки барои муҳофизат кардани обхезии қисми зиёди Лондон аз обхезиҳои бениҳоят баланд ва тӯфонҳо аз Баҳри Шимолӣ сохта шудааст**, Soho - маҳаллаи Сохо** дар шаҳри Вестминстер, қисми ғарбии Лондон аст ва ғ.

Оронимҳо – релеф ва намудҳои он: кӯҳ, теппа, қулла, баландӣ, дашт, водӣ, пушта ва ҳоказо. Ороним аз ҷузъҳои ***oros*** – кӯҳ, ***onoma*** - ном гирифта шуда, номи мавзеъҳои сатҳизаминии ба шаклҳои релеф, яъне кӯҳ, талу теппа робитадоштаро меомӯзад ва оронимия – маҷмуи чунин номҳо мебошад. Бояд қайд намуд, ки аввал зери мафҳуми "***ороним***" номи кӯҳ ва теппаҳо фаҳмида мешуд, вале баъдан маънии он тағйир ёфт ва мо низ онро ҳамин тавр барои ифодаи номи кӯҳҳо, теппаҳо, кӯталҳо ва ағбаҳо истифода кардем.

1. ***Кӯҳҳо:*** *Помир, Чилдухтарон, Боботог, Аҳмадшаҳит, Бӯридаҳана, Ҳаитшоҳ, кӯҳи Занталоқ, кӯҳи Бушолак; Mount Everest, Mount Fuji / Fujiyama, Mount Kilimanjaro, Mount Elbrus, Mount Etna, Mount Vesuvius, Mount Whitney, Mount McKinley, Mont Blanc, Lassen Peak* ва ғ.

2. ***Шаҳҳо:*** *шахи Новак, шахи Брайс (Юта, Амрико), (Торгаттен, Норвегия), шахи 12 Пайғамбарон (Австралия), шахи Бисти, (Ню-Мексико), Haystock Rock, Rock of Gibraltar, Uluru, Blarney Stone, Plymouth Rock, Devils Tower* ва ғ.

3. ***Теппаҳо****: Асқартеппа, Самарқандӣ, Мугак, Пейнтед Хилс (Орегона, Амрико), Петрифайд-Форест (Аризона, Амрико), Ландманналаугар (Исландия); Capitol Hill, Telegraph Hill, Srinagar (India), Great Smoky (USA), Bahrain (Pakistan), Fairbanks (Alaska), Pokhara (Nepal)* ва ғ.

4. ***Дараҳо:*** *Варзоб, Алмосӣ, Арчадара, Гулдара, Темурдара, Хирсдара, Чордара, Тошлоқсой, дараи Тошқӯтан, Кулдара; Grand Canyon (USA), Tara River Canyon (Montenegro), The Slot Canyons of Arizona, Blyde River Canyon (South Africa), Capertee Valley Canyon (Australia)* ва ғ.

5. ***Ағбаҳо:*** *Анзоб, Фахробод, Мустог, Кашолях, Тахтақарача, Ҳангак, Ларсой, Кӯҳтезак, Оббурдон, Чорёр; Ak-Baital Pass Anzob Pass Beyik Pass to China Kulma Pass to China Kyzylart Pass to Kyrgyzstan, Amanian Gates (Bahçe Pass), Cilician Gates (Gülek Pass), Mersin Province Sertavul Pass, Syrian Gates (Belen Pass), Hatay Province Zigana Pass, Macquarie Pass* ва ғ.

Экклезионимҳо (масҷид ва ҳама гуна мавзеъҳои бо дин робитадошта): хонаи Каъба, Масҷиди Сулаймон пайғамбар, Масҷиди Ҷарқишлоқ, Масҷиди Намозгоҳ ва ғ. Дар забони англисӣ Масҷиди Сэйнт-Николас дар Брайтон, Калисои Сент Ҷорҷ, калисои ҷомеи Сент-Павел - St. Nicholas Church in Brighton, St. George's Church, St. Paul's Cathedral ва монанди инҳо.

Этнотопонимҳо аз луғати юнонии etnos - ҷамъият, қабила, халқият халқ ва topos - маҳал, ҷой мавзеъ таркиб ёфта, маънои номи ҷуғрофие, ки бо номи халқияту халқҳо созмон ёфтааст, мебошад. Этнотопонимия маҷмуи чунин номҳо мебошад, ки ба номи қавму қабила, халқият ва ё миллату гурӯҳи этникӣ (этносҳо) алоқаманд аст: **Авғона // Авғонҳо, Арабон, Арабхона, Бахмал, Батош, Деҳқонобод, Лӯлигузар, Муғулдара, Қирғизмаҳалла, Қоратикан, Қораянтоқ**; **Хазар (кишвар, этнотопоним), Хоразм (кишвар, номи яке аз халқиятҳо), Лур (кура, номи тоифае байни Хузистон ва Исфаҳон), Саҳониён (Чаҳониён) (вилоят, номи яке аз қавмҳо); Tajikistan, Kazakhstan, Mugolon (Bukhara region), Turkon**

(Bukhara region), Kozokon (Zhondor district), Urus kishlak, Uzbekabad (Kagan region), Arabhana (Bukhara region), Arabguzar (Peshku area), Arababdul (Shafirkan region) ва ғайраҳо.

Антротопонимҳо (номи одамон) як шохаи топонимика буда дар созмони топонимҳо саҳми зиёде дорад ва ин топонимҳо умуман аз рӯйи сохтори худ вожаҳои мураккаб мебошанд. Истилоҳи ***антротопонимҳо*** аз забони юнонии ***antropos*** **-** одам ва ***onima*** **-** ном таркиб ёфтааст. Инчунин антропонимҳо барои ифодаи номҳои теппа, адир, чоҳ, нуқтаҳои аҳолинишин меоянд ва ба забонҳои тоҷикӣ, туркӣ ва арабӣ дохил мешаванд. Ҳоло чанде аз ин қабил номи мавзеъҳои ҷуғрофиро меоварем: **Боботоғ, Асқартеппа, Ашуркесак (чоҳ дар Косон), Аҳмадшаҳид, Бобошодӣ, Бурҳонҷӯй, Ҳайдарчашма, Ҳаитшоҳ. Дар забони англисӣ: Washington, D.C., Disney Land, State Victoria, Big Ben, McDonald's, Oscar, the Stanley Cup, Trinity College, Stanford University, (the) Ford** ва ғайраҳо.

Гиёҳномҳо: Гулистон – шаҳрак, **Санҷидзор** – деҳа, **Себистон** – деҳа, **Марғ, Шутимарғ (мавзеъ), Хамбатамарғ (мавзеъ), Марғзори (марғзор) Боло (чарогоҳ)** ва ғ. **Дар забони англисӣ:** Five Oak Green (номи деҳа дар Англия), Marplewood (номи ҷангал), Oakdale (номи водӣ), Strawberry Valley (номи водӣ), Grapeland (номи мавзеи субтропикӣ), Hollywood (номи шаҳр дар Амрико), The Sunflower State (лақаби расмии штати Канзас дар Амрико), The Wheat State (лақаби рекламавии штати Миннесота дар Амрико) ва ғайраҳо.

Ҳамин тариқ, номҳои ҷуғрофӣ аксар вақт ҳамчун осори то имрӯз боқимондаи ягонаи забонҳое амал мекунанд, ки, аллакай, аз байн рафтаанд. Топонимҳо аз собиқ мавзеъҳои сукунати халқҳои ин ва ё он минтақа шаҳодат медиҳанд ва азбаски номгузорӣ аз тарафи сокинони аввалия ё ба ибораи дигар аборигенҳо ба ҷо оварда мешуд, бинобар ин, дар ин минтақа топонимҳои тоҷикиасос бартарӣ доранд. Аз ин ҷост, ки хусусиятҳои топонимҳо, аҳаммияти топонимҳо ҳам барои ихтисосмандони таърих, ҳам барои ҷуғрофидон ва ҳам барои забоншинос муҳим аст ва тибқи таъиноти муҳаққиқи машҳур В.А. Никонов «Топонимист на фақат бояд забоншинос, ҷуғрофидон ё муаррих бошад, ӯ уҳдадор аст, ки топонимист бошад» [5, с.83]. Номҳои ҷуғрофӣ аксар вақт ҳамчун осори то имрӯз боқимондаи ягонаи забонҳое амал мекунанд, ки, аллакай, аз байн рафтаанд. Топонимҳо аз собиқ мавзеъҳои сукунати халқҳои ин ва ё он минтақа шаҳодат медиҳанд ва азбаски номгузорӣ аз тарафи сокинони аввалия ё ба ибораи дигар аборигенҳо ба ҷо оварда мешуд, донистани онҳо аз фоида холӣ нест.

Муқарриз: ***Ҷӯраева З.Г.*** – н.и.ф., муаллими калон, ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ, Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 1995. - 198 с.
2. Дададжанова, И.Б. Тематическая классификация демографической лексики в английском языке / И.Б. Дададжанова // Вестник Таджикского национального университета. Серия «Филология». – Душанбе: Сино, 2009. - №8 (56). - С.123-125.
3. Джамшедов, П. Таджикско-английские соответствия / П.Джамшедов. – Д., 1974. – 88 с.
4. Мурзаев, Э.М. Топонимика и география / Э.М. Мурзаев. - М.: Наука, 1995. - 304 с.)
5. Никонов, В.А. Пути топонимического исследования. Прицип топонимики / В.А. Никонов. - М., 1964. - С. 83.
6. Сидорова, Т.А. Микротопонимия - часть культурного ландшафта / Т.А. Сидорова // Русская речь. - № 1. - 2005. - С.108-112.
7. Просфирина, И.С. Особенности семантики русских составных топонимов / И.С. Просфирина // Известия Уральского государственного университета. Гуманитарные науки. Вып. 4. Ономастика: общие вопросы. - № 20. - 2001. - С.35-48.
8. Реформатский, А.А. Введение в языковедение: учебник для вузов / А.А. Реформатский. Под ред. А.А. Виноградова. - Изд. 6-е. - М.: Аспект Пресс, 2004. - 536 с.
9. Правдикова, А.В. Микротопонимия как отражение картины мира (на материале английской литературы XIX - XX вв.): дис. ... канд. филол. наук: 10.02.01 / А.В. Правдикова. - Волгоград, 2009. - 187 с.
10. Соссюр, Ф. де. Курс общей лингвистики / Ф. де Соссюр. Под ред. и с примеч. Р.О. Шор. - М.: URSS, 2016. – 269 с.
11. Суперанская А.В. Что такое топонимика? / А.В. Суперанская. - М.: Наука, 1985. - 177 с.
12. Сызранова Г.Ю. Ономастика: учебное пособие / Г.Ю. Сызранова. -Тольятти: Изд-во ТГУ, 2013. - 247 с.
13. Съянова Е.И. Региональная топонимия как отражение народной картины мира / Е.И. Съянова // Материалы по русско-славянскому языкознанию. Выпуск 26. - Воронеж: ВГУ, 2003. - С. 276-281.
14. Толбина, Т.В. Микротопонимия Воронежской области: особенности номинации: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.01 / Т.В. Толбина. - Воронеж, 2003. - 199 с.

15. Тугузбаева, О.В. Лексико-семантический и структурно-грамматический аспекты топонимики: на материале топонимов г. Бирска и Бирского района: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.01 / О.В. Тугузбаева. - Уфа, 2012. - 293 с.
16. Уразметова, А.В. Образование катойконимов в английском языке: сборник трудов конференции / А.В. Уразметова // Научное и образовательное пространство: перспективы развития: материалы VI Междунар. науч.-практ. конф. (Чебоксары, 13 авг. 2017 г.). – Чебоксары: Центр научного сотрудничества «Интерактив плюс», 2017. – С. 280-282.
17. Ҳайбулоев, Ш. Топонимияи форсӣ-тоҷикӣ дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII (таҳлили лингвистӣ): дисс. ... канд. филол. наук / Ш.Ҳайбулоев. – Душанбе, 2022.
18. Ҳомидов, Д. Топонимика (васоити таълим) / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2015. – 160 с.
19. Ҳомидов Д. Забони тоҷикӣ ва номшиносӣ. (Маҷмуаи мақолот. Маводи таълимӣ) [Матн] / Д.Ҳомидов. – Душанбе: Сино, 2018. – 272 с.
20. Шоев, Р. Ономастикаи «Самаки айёр» (тадқиқоти забоншиносӣ) [Матн] / Р.Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 175 с.
21. Шодиев, М. Лингвистический анализ топонимов произведений Садриддина Айни: автореф. дисс. ... канд. филол. наук: 10.02.02 / М.Шодиев. - Душанбе, 1994. - 22 с.

Сарчашмаҳои лексикографӣ

22. Мюллер, В.К. Англо-русский словарь / В.К. Мюллер. – М.: Советская энциклопедия, 1971. – 912с.
23. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М.С.Э., 1969. – 808 с.

ГУРӮҲҲОИ ОНОМАСТИКӢ ВА НАМУДҲОИ ТОПОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар лингвистика илми топонимика (илм дар бораи номвожаҳои ҷуғрофӣ) мавқеи махсуси худро дорост. Топонимика ҳамчун илм ба омӯзиши «топонимҳо» ё «номвожаҳои ҷуғрофӣ» машғул буда, бо забон, таърих, фарҳанг ва ҷуғрофия алоқаи ногусастанӣ дорад. Топонимика маҷмуи номҳои ҷуғрофиро ба се гурӯҳи алоҳида ҷудо намуда меомӯзад: ***топонимия, микротопонимия, макротопонимия***. ***Топонимия*** - бахши ономастика буда, илме, ки топонимҳоро меомӯзад ва он маҷмуи номҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла номҳои объектҳои табиию фарҳангиро дар бар мегирад. Дар навбати худ топонимия ба ойконимҳо, гидронимҳо, оронимика, спелеонимика, дримонимия, урбононимия ва ғайраҳо ҷудо мешавад. **Ойконимҳо** – маҷмуи номҳои мавзеъҳои маскунӣ: кишвар, шаҳрҳо, деҳа, шаҳрак, вилоят, ноҳия, кӯчаҳову гузар, роҳҳои шаҳру деҳот ва ғ., **гидронимҳо** – маҷмуи номҳои мавзеъҳои марбут ба об: дарё, уқёнус, баҳр, чашма ва ғ.; **оронимҳо** – номи унсурҳои сатҳизаминӣ ва навъҳои онҳо: кӯҳ, дашту ҳамворӣ, водӣ ва ғ.; **антропотопонимҳо**, ки шумораи онҳо кам аст. Ин мумкин аст аз он сабаб бошад, ки ин навъи топонимҳо дар забони тоҷикӣ хос набуда, танҳо дар замони муосир ба кор мераванд; **этнотопонимҳо** – номи мавзеъҳои ҷуғрофие, ки аз номи қавму халқиятҳо баромадаанд ва ғайраҳо.

Калидвожаҳо: топоним, топонимия, микротопонимия, макротопонимия, номҳои ҷуғрофӣ, номҳо, гурӯҳбандӣ, забоншиносӣ, забон.

ОНОМАСТИЧЕСКИЕ ГРУППЫ И ТИПЫ ТОПОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В языкознании особое место занимает наука о топонимии (наука о географических названиях). Топонимия как наука занимается изучением «топонимов» или «географических названий» и неразрывно связана с языком, историей, культурой и географией. Топонимика изучает совокупность географических названий, разделяя их на три самостоятельные группы: топонимы, микротопонимы, макротопонимы. Топонимика - раздел ономастики, науки, изучающей топонимы и включающей в себя совокупность географических названий, названий природных и культурных объектов. В свою очередь топонимия подразделяется на ойконимы, гидронимы, оронимы, спелеонимы, дримонимы и урбанонимы и др. Ойконимы - совокупность названий мест проживания: страны, города, села, поселков, районов, улиц и проездов, городских и сельских дорог и др., гидронимы - совокупность названий мест, связанных с водой: реки, океаны, моря, родники и т.д.; оронимы - названия земных элементов и их видов: горы, равнины, долины и т. д.; антропотопонимы, количество которых невелико. Это может быть связано с тем, что этот тип топонимов не свойственен таджикскому языку и используется только в последнее время; этнотопонимы - названия географических мест, произошедшие от названий народов и наций и т. д.

Ключевые слова: топоним, топонимия, микротопонимия, макротопонимия, географические названия, названия, классификация, языкознание, язык.

ONOMASTIC GROUPS AND TYPES OF TOPONYMS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In linguistics, the science of toponymy (the science of geographical names) has its own special position. Toponymy as a science deals with the study of "toponyms" or "geographic names" and is inextricably linked with language, history, culture and geography. Toponymy studies the set of geographical names by dividing them into three separate groups: toponymy, microtoponymy, macrotoponymy. Toponymy is a branch of onomastics, a science that studies toponyms and includes a set of geographical names, including names of natural and cultural objects. In turn, toponymy is divided into oikonyms, hydronyms, oronymy, speleonymy, drimonymy and urbanonymy, etc. Oikonyms - a set of names of places of residence: country, cities, villages, towns, regions, districts, streets and passages, urban and rural roads, etc., hydronyms - a set of names of places related to water: rivers, oceans, seas, springs, etc.; oronyms - the names of terrestrial elements and their types: mountains, plains, valleys, etc.; anthropotoponyms, the number of which is small. This may be due to the fact that this type of toponyms is not unique to the Tajik language and is used

only in modern times; ethnotoponyms - the names of geographical places that came from the names of peoples and nations, etc.

Key words: toponym, toponymy, microtoponymy, macrotoponymy, geographical names, names, classification, linguistics, language.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Дадоҷонова Иноят*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ, факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17

Восиева Ф. - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2 ихтисоси англисӣ-тоҷикии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторах: ***Дададжанова Иноят*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедра английского языка и сравнительной типологии, факультет языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17

Восиева Ф. - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса специальность английский-таджикский факультет языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17

Information about authors: ***Dadadzhanova Inoyat*** **-** Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of English and Comparative Typology, Asian and European Languages Faculty. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17

Vosieva F. - Tajik National University, 2nd year Master, English-Tajik specialty, Asian and European Languages Faculty. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17

ТДУ: 811.111+811.21/.22-3

РОҶЕЪ БА ТАҲЛИЛИ ЭТИМОЛОГИИ КОНСЕПТИ “WEALTH /БОЙИГАРӢ” ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Рачабова М.М., Холматова Х.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Саъю кӯшиш барои дарк кардани воқеият аломати хос аст, *homo – sapiens* инсон ҷаҳонро дар натиҷаи таъсири мутақобил мешиносад. Тамоми фаъолияти маърифатии инсонро метавон "ҳамчун рушди қобилияти дар ҷаҳон роҳ ёфтан" арзёбӣ кард [8, с.15].

Фаҳмиши инсон фарқ кардани объект ва рӯйдодҳоро муқоиса намуда, алоқаманд менамояд. Ягон шахс бе фаъолияти таснифӣ кор карда наметавонад. Масъалаҳои гурӯҳбандӣ ва консептуализатсияи таҷрибаи инсонӣ, саволҳо оид ба он, ки инсон ҷаҳони атрофро чӣ гуна дарк мекунад, таҷрибаи дониши ӯ дар ифодаҳои забонӣ чӣ гуна амалӣ карда мешавад, муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Категорияҳои забонӣ аз ҷумлаи шаклҳои муҳимтарини шуури забонӣ мебошанд, ки "бо ёрии онҳо инсон донишҳои дар бораи ҷаҳон ва худ гирифтаашро ба тартиб медарорад ва ягонагии забонро ҳамчун система дар ҳама зуҳуроти инфиродии худ таъмин мекунад" [3, с.5].

Дар замони муосир яке аз шохаи забоншиносӣ ба монанди забоншиносии когнитивӣ бомуваффақият рушд карда истодааст. “Мавҷудияти равишҳо ва самтҳои гуногуни таҳқиқот боиси он гардид, ки забоншиносии когнитивӣ имрӯз таърифи ягона надорад. Когнитивӣ ҳама гуна таҳқиқот мебошад, ки дар он падидаҳои забон бо фаъолияти мағзи сари инсон алоқаманданд. Аммо дар ҳар як ҳолати муайян ҷанбаҳои гуногуни он якҷоя омӯхта мешаванд” [2, с.15].

Забоншинос Э.С. Кубрякова оид ба нақши забон дар омӯзиши ҷаҳони когнитивии инсон тадқиқоти васеъ гузаронидааст. Дар кори ин олими варзида нишон дода шудааст, ки "таҳлили равандҳои когнитивӣ, донишҳои ҳақиқӣ ё бардурӯғ ва усулҳои ба даст овардани он ва ғайра - ин ҳама дар фалсафа ва мантиқ кайҳо ҳалли худро ёфтаанд”.

Дар ин робита, аз як тараф, дар бораи дарки назариявӣ бо анъанаҳои он ва аз тарафи дигар, дар бораи фалсафаи ба истилоҳ шуур, ки мафҳуми асосии он шуур, рух, ақл-mind кофӣ аст. Дар замони муосир мақсади омӯзиши маърифат бо омӯзиши забон алоқаманд мегарданд мушоҳида мешавад, ки на ба илми когнитивӣ ва на ба гирифтани дониш алоқамандӣ надоранд.

Забоншинос дар бораи системаи шаклҳои воқеии забонӣ дар фаъолияти нутқ ва тафаккур чӣ гуна аст, инчунин дар бораи чӣ гуна ифодаҳои забон, категорияҳо, воҳидҳо бо дарки ҷаҳон алоқаманданд ва чӣ гуна онҳо маърифати онро инъикос мекунанд, ақидаҳои худро баён менамояд. Дар бораи ин моҳияти забон гуфта мешавад, ки он ба ҷаҳони когнитивии мушоҳидашавандаи инсон, сохторҳои шуури ӯ дастрасӣ медиҳад [6, с.37].

Забоншиносии когнитивӣ ба тавсиф, моделсозии мундариҷаи консепсияи омӯхташуда ҳамчун воҳиди глобалии равонӣ (тафаккур) (гурӯҳӣ, миллӣ) консептосфера тавассути муайян кардани таркиби пурраи воситаҳои забоние, ки ин консепсияро ифода мекунанд ва тавсифи пурраи семантикаи онҳоро равона мекунад, сарукор дорад.

Мавзуи забоншиносии когнитивӣ омӯзиши воситаҳои забон (калимаҳо, ибораҳо, матнҳо) мебошад, ки дар забон ва нутқ мафҳумҳои муайянро объективӣ мекунанд. Забоншиносии когнитивӣ категорияи консептосфераи инсон-соҳаи донишро, ки аз мафҳумҳо ҳамчун воҳидҳои он иборат аст, васеъ муҳокима мекунад [10, с.93].

Масъалаҳое, ки ба таҳқиқи табиати консепт бахшида шудаанд, дар сатҳи таваҷҷуҳи зиёд ба забоншиносони муосир қарор доранд. Ғайр аз таърифҳои асосии консептҳо дар маҷмуъ, олимон ба сохтор ва семантикаи консепсияҳои алоҳида аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд.

Категорияи асосии забоншиносии когнитивӣ мафҳуми "консепт" мебошад. Яке аз аввалин таърифҳои консепсия соли 1928 дар кори олими маъруф С.А. Асколдов-Алексеев нишон дода шудааст: "...таълими равонӣ, ки дар ҷараёни тафаккур бисёр мавзуъҳои номуайяни як ҷинсро ба мо иваз мекунад... консепсияҳо навдаи гулҳои мураккабтарини мушаххасоти зеҳнӣ мебошанд" [1, с.270]. Онҳо гуногунии падидаҳои мушоҳидашаванда ва

тасаввуршавандаро ба як чиз табдил дода, ин омилҳоро ба синф ва категорияҳои муайян дохил мекунанд.

Ҳамин тариқ, консептҳо ҳамчун меъёри муқоиса ва гурӯҳбандии ашё ва падидаҳои нав шинохташуда хизмат мекунанд, ки дар натиҷаи ин муқоиса ҳамчун намояндагони як ё дигар категория муайян карда мешаванд.

В.И. Карасик воҳиди асосии забоншиносиро консепсияи фарҳангӣ, ташаккули бисёрҷанбаи семантикӣ меҳисобад, ки дар он тарафҳои арзишманд, маҷозӣ ва консептуалӣ фарқ мекунанд [5, с.132].

З.Д. Попова ва И.А. Стернин консептро ҳамчун воҳиди когнитивӣ мефаҳманд: "... аз эътирофи он, ки шахс оид ба консепсияҳо фикр мекунад, онҳоро муттаҳид мекунад ва дар доираи консепсияҳо ва таркиби онҳо пешгӯиҳои амиқро амалӣ мекунад ва дар ҷараёни тафаккур мафҳумҳои нав ба вуҷуд меорад. Тафаккур амалисозии консепсияҳоро ҳамчун воҳидҳои глобалии дониши сохторӣ дарк мекунад" А.И. Стернин ва З.Д. Попова сохтори консептро ба истилоҳҳои ядро ва периферия шабоҳат медиҳанд [11, с.3].

М.М. Маковский, дар бораи хусусиятҳои калимаи қадимӣ сухан ронда, қайд мекунад, ки консепт сохтори муайян ва марзҳои дақиқ надорад. Он аз маҷмуи муайяни ҷузъҳо, яъне аломатҳои консептуалӣ иборат аст, ки натиҷаи дониши ҷаҳони берунаро инъикос мекунанд ва қабатҳои гуногуни консептуалиро ташкил медиҳанд. Ҳар як консепт дорои қабати асосӣ мебошад, ки он як навъ тасвири эҳсосӣ буда, қисми тафсириро инъикос мекунад [7, с.152].

С.Г. Воркачев ва Г.В. Кузов боварӣ доранд, ки "хотираи когнитивии калима" вуҷуд дорад. Хусусиятҳои семантикии аломати забон, ки бо ҳадафи аслии он, шуури миллӣ ва системаи арзишҳои маънавии гӯяндагони забон алоқаманданд, маҳз дар он хотира зуҳур меёбад [4, с.90].

Ю.С. Степанов се қабатро дар сохтори консепт ҷудо мекунад ва тавсифи мундариҷаи ҳар як қабатро пешниҳод мекунад:

1) Актуалӣ. Дар он консепт ҳамчун яке аз воситаҳои муошират байни забон (фарҳанг) амал мекунад. Консепт ба сохтори муошират ва ба гурӯҳбандии коммуникативӣ маҳз дар доираи ин қабат қарор дорад.

2) Иловагӣ, ғайрифаъол. Ҷузъҳои ба истилоҳ "пассив" - и мундариҷаи консепт, ки танҳо барои баъзе гурӯҳҳои донандагони забон муҳим мебошанд, ба қабати иловагӣ тааллуқ доранд.

3) Этимологӣ. Ю.С. Степанов консептро ҳамчун унсурҳои фарҳанг баррасӣ карда, зарурати ба назар гирифтани ҷанбаи диахронӣ, яъне таърихиро махсус қайд мекунад. Аз ин рӯ, қабати сеюм этимологияи консепт танҳо ба муҳаққиқон дастрас аст ва танҳо аз ҷониби муҳаққиқон кашф шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки ин қабати забон барои соҳибони забон тамоман вуҷуд надорад. "Он барои онҳо ба таври ғайримустақим ҳамчун асосе вуҷуд дорад, ки дар он қабатҳои боқимондаи арзиш пайдо шудаанд ва нигоҳ дошта мешаванд" [10, с.45].

Таҳлили этимологӣ на танҳо таърихи калимаи мушаххасро пайгирӣ мекунад, балки ба барқарор кардани тасвири мувофиқи забонии ҷаҳон мусоидат мекунад, ки дар раванди коркарди маърифатии маълумот дар бораи ҷаҳон ташаккул меёбад ва ба муайян кардани хусусиятҳои донистани воқеият аз ҷониби соҳиби забон мусоидат мекунад [9, с.52].

Ядрои этносемантикии консепти "бойигарӣ" дар забони тоҷикӣ ё умуман дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ тадриҷан зери таъсири этногенези муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст.

Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ худи калимаи “бойигарӣ” аз забони форсӣ гирифта шуда, чунин маъноҳоро дорад:

- *маҷмуи чизҳои қиматдошта (хоҳ молу хоҳ канданиҳои фоиданок);*
- *сарват, дороӣ, давлат;*
- *бойигариҳои зеризаминӣ, бойигариҳои табиӣ* [12, с.230].

Таҳлили семантикии консепти *"Wealth"* ба маънои муосир ба мафҳуми қадимӣ наздик аст.

Мувофиқати маъноҳои калимаҳо дар забонҳои готӣ ва англисӣ бо семаҳои "ҳокимият, ҳукумат" дар ҷадвали зерин оварда шудаанд:

Забони англисӣ	***Забони готӣ***	***Забони тоҷикӣ***

power (rule, power, kingdom)	*Reiki*	*ҳокимият (ҳукмронӣ, қудрат, салтанат)*
Powerful	*reikeis*	*тавоно*
Prestigious	*reikeis*	*бонуфуз*
Ruler	*Reiks*	*ҳоким*
rule (noun)	*Reiki*	*идора*
rule (verb)	*reikinon*	*Ҳукмронӣ*

Калимаи готӣ *reiks* ду маъно дорад: якум - *mighty (бақудрат)*, *noble (олиҳиммат), honorable (бовиҷдон),* ки ба забони англисӣ мувофиқат мекунад.

Бо баробари омӯзиши сифатҳои англисӣ *"rich"* (бой), мо далелҳои зеринро ошкор мекунем: забони англисии қадим *rice* маънои "*пуриқтидор, тавоно, сарватманд"*-ро дорад, ки бо калимаи голландии *rijk* ва олмонии *reich* алоқаманд аст.

Таҳлили гурӯҳи забонҳои олмонӣ нишон дод, ки калимаи *"бойигарӣ"* дар забони англисӣ *(rich, riches/richness)* маънохои *афзалият, ҳокимият, қувва* дорад. *Riches (бойигарӣ), richesse, richece (шукуҳ, азамат), riche (бой)* номи ашё буда аз забони фаронсавии қадим пайдо шудааст.

Хусусияти муқоисавии консепти *"бойигарӣ"* дар соҳаи мафҳумҳои рамзӣ имкон медиҳад, ки як қатор намунаҳо дар доираи калимаи алоҳида муайян карда шаванд ва тасвири амалкунандаи забони ҷаҳон тавассути ҷаҳони тасвирҳои ассотсиативӣ барқарор карда шавад. Аз ин рӯ, барои муайян кардани то чӣ андоза наздик будани этимологӣ, пур кардани консепти *"сарват"* бо муаррифии муосири *"сарват"* аз ҷониби фазои ассотсиативӣ ё ҷиҳати номгузорӣ, ки дар он зоҳир мешавад, таҳлил карда мешавад.

Натиҷаи озмоиш: забони англисӣ

Wealth
Shallow materialism (материализми сатҳӣ), rich (бой) (4), money (пул) (13), work (кор), luxurious lifestyle (тарзи ҳаёти бо ҳашамат), good health and prosperity (саломатӣ ва шукуфоии қавӣ), opulence (сарват) (3), wise (хирадманд), Hollywood (Голливуд), opulent (бо даб-даба), happy (хушбахт) (3), hard work (кори душвор), happiness (хушбахтӣ) (2), gold (тилло), success (муваффақият) (2), excess (зиёдатӣ) (2), got plenty of money (пули зиёд), security (амният), blind (кӯр), cash (пули нақд), contentment (қаноатмандӣ), comfort (3), food (хӯрок), clothes (либосҳо), abundance (фаровонӣ), dream (орзу), money man (саховатманд), warmth (меҳмоннавозӣ), lucre (манфиат), riches (3), prosperity (шукуфоӣ), America

Таъсири истифодаи бештари майдони семантикии консепти *wealth*-ро бо фоиз нишон медиҳем:

money-21,6%, rich-6%, riches, opulence, comfort-5%, happiness, success, excess-5%.

Дар забони англисӣ дар қабати асосии майдони ассотсиатсионии *wealth* нишонаи мавҷудияти маблағ эътироф карда мешавад ва 27%-ро ташкил медиҳад: *(money, got plenty of money, cash, money man)*. Миллати англис аз ҷиҳати моддӣ фикр мекунад: пул асоси сарват аст.

Wealth- бойигарӣ ҳолати фаровонӣ буда, 18%-ро ташкил медиҳад: *(rich, opulence, luxurious lifestyle, opulent, abudance, prosperity, riches);*

Wealth- бойигарӣ ҳолати хушбахтӣ ва фараҳ-25% *(good health and prosperity, happy, happiness, success, contentment, comfort, warmth, security, dream);*

Дар забони англисӣ чунин аломатҳо ба монанди барои ба даст овардани бойигарӣ бояд бисёр кор кардан лозим аст, 6%-ро ташкил медиҳад: *(work, hard work);*

Бойигарӣ эҳсосоти манфиро ба вуҷуд меорад ва 10%-ро ташкил медиҳад: *(lucre, excess, shallow materialism, blind, worriless);*

Хӯроку либос (food, clothes) 3%-ро ташкил медиҳад, ки ба аломатҳои когнитивии ғайримарказии *бойигарӣ* наздик аст. Ҳамаи ин таҳлилро дар расми 1 нишон додем:



Расми 1. Аломатҳои когнитивии мафҳуми *wealth* дар забони англисӣ

Таҳлили этимологӣ ба хулосаҳои зерин оварда мерасонад:

Маънои аслии консепти таҳқиқшаванда *умеди комил доштан, орзу кардан, хостан*-ро ифода менамояд.

Дар ҷараёни таҳаввул мафҳуми *"wel-to will, to wish"* ба *"wela-weal, welfare, well-being"* табдил ёфта, *некӯаҳволӣ ва хушбахтӣ*-ро инъикос мекунад.

Маънои асосии луғавии *wealth-"wele-well-being"- дороӣ, серую пурӣ, happiness-хушбахтӣ* мебошад.

Метавон гуфт, ки маънои асосии *бойигарӣ- сарват, хушбахтӣ,* барои забони англисии муосир муҳим аст ва аз рӯйи натиҷаҳои озмоиши озоди ассотсиатсионӣ ба аломатҳои асосии когнитивӣ мувофиқат мекунад.

Вожаи тоҷикии *сарват* аз исми феъли *"сарватун"*-и арабӣ ба вуҷуд омадааст. Дар луғатҳои этимологии арабӣ якчанд маънои калимаи *"сарват"–бойигарӣ* дода шудааст. Вале асоси аз рӯйи маъно наздиктарини лексемаи *сарват (бойигарӣ),* ки аз феъли арабии *"сарватун"* бармеояд, имкон медиҳад, ки феъли зерин ба маънои *"иваз, мубодила"* пешниҳод шудааст. Мувофиқи маълумотҳои таърихӣ, арабҳои кӯчманчӣ ҳангоми мубодилаи молу сангҳои қиматбаҳо асосан истилоҳи *"сарват"*-ро истифода мебурданд, ки аз мавҷуд будани молҳои ивазшаванда дар дасташон шаҳодат медод. Аз ин рӯ, вожаи *"бойигарӣ" моликият, мол* ва *сарватмандро* ифода мекунад. Синоними *"сарват"* дар забони тоҷикӣ лексемаи "бойигарӣ" мебошад, ки асосашро вожаи туркии *"бой"* бо иловаи пасвандҳои тоҷикии *"гар"* ва *"ӣ"* ташкил медиҳад. Калимаҳои аслан тоҷикӣ низ мавҷуданд, ки *"бойигарӣ"*-ро ифода мекунанд: *давлат, бойигарӣ, дороӣ (дорам), сарватмандӣ, гановат, серобӣ, давлатманд* [12, с.130].

Натиҷаи озмоиш: забони тоҷикӣ

Бойигарӣ
бойигарӣ, бойзан, бойдухтар, бойдода, бойдиҳанда, бойбобо, бойбача, бойшавӣ, бой, давлатманд, сахӣ, сахипеша, гановат, дорои ҳама чиз, бениёз, сарватманд, давлатманд, молдор,ганӣ, доро; гайримӯҳтоҷ, таъмин; калонхарҷ, бойӣ, босарват, тавонгар, гано, дорам, дорамӣ, дорандагӣ, доранда, соҳиб, соҳибсарват, молик, бодавлат, миллионер, мустагнӣ, агниё, арбобзода.

Бояд қайд кард, ки аз нуқтаи назари этимологӣ *"бойигарӣ"* дар забони тоҷикӣ ва забони англисӣ бо *ҳокимият* алоқаманд аст.

Дар забони тоҷикӣ дар қабати асосии майдони ассотсиатсионии *бойигарӣ* нишонаи мавҷудияти *маблаг*-54%, *фаровонӣ*-21,6%, *ҳолати хурсандӣ*-8%, *барор, комёбӣ, мувафаққият*-9%, *ҳокимият*-8% эътироф карда мешавад. Таҳлили зеринро дар расми 2 нишон додем:



Расми 2. Аломатҳои когнитивии мафҳуми *бойигарӣ* дар забони тоҷикӣ

Периферия ба таври зерин ифода карда мешавад:

- *Бойигарӣ-ҳукм, ҳокимият, ҳукмронӣ;*
- *Бойигарӣ – ин тилло: тилло, тиллоро аз сар рехтан, пул, хона, сангҳои қиматбаҳо, чизҳои қадима, молу мулк;*
- *Бойигарӣ – ин пурӣ, фаровонӣ;*

Ҳамин тариқ, *«бойигарӣ»* дар фразеологизми тоҷикӣ маҷмуи зерини мафҳумҳоро дорад:

- ҳолати шахс, ки дар ҳузури худ зоҳир мешавад;
- пул ва тилло ва дигар арзишҳои моддӣ;
- миқдори зиёд ва хеле зиёд;
- он метавонад ба осонӣ ба даст ояд;
- зиндагии гуворо, бепарво ва хушбахтона.

Таҳлили муқоисавии этимологии консепти *"бойигарӣ"* дар забоншиносии англисӣ ва тоҷикӣ мавҷудияти хусусиятҳои муайяни умумиро нишон медиҳад.

Муқоисаи этимологии консепти "бойигарӣ" дар забоншиносии англисӣ ва тоҷикӣ

Фарҳанги забони англисӣ	***Фарҳанги забони тоҷикӣ***
Deity/god (Худованд), ruler (подшоҳ, ҳоким)	*Сарват (молу мулк доштан), бойигарӣ, давлат, гановат, серобӣ*
power (ҳукм) honesty, honor (бовиҷдон, олиҳиммати)	*бениёз, ҳокимият*
fortune (тақдир)	
happy (хушбахт)	*доранда*
well-being (беҳбудӣ)	*дороӣ, бойигарӣ*
wish (хостан)	*сарватун*

Бояд гуфт, ки аз ҷиҳати этимологӣ консепти *"бойигарӣ"* дар забони тоҷикӣ низ ба монанди забони англисӣ бо ҳокимият алоқаманд аст. Аммо на танҳо шахси тавоно, балки шахси бонангу номус ва ростқавл низ метавонад қудрат дошта бошад. Аз ин рӯ, якчанд омилҳое мавҷуданд, ки бевосита бо сарват алоқаманданд:

1) бойигарӣ бо қудрат ва ҳукмронӣ алоқаманд аст (сарвар қудрат дорад; ӯ саховатманд аст: ҳадя нишонаи қудрат, сарват ва хислатҳои шахсӣ; сарвар бахил нест ганҷҳоро ростқавлона мубодила мекунад, аз ин рӯ ҳокими ҳақиқӣ ҳокими ростқавл аст);

2) сарват бо хоҳиши сарватманд будан алоқаманд аст;

3) одами сарватманд хушбахт аст, зеро дар асоси маънои калимаи *"бечора"* ғояи бадбахтӣ гузошта шудааст.

«Бойигарӣ» дар ҳар ду забон ҳамчун ҳолати инсонӣ ифода мешавад, ки дар ҳузури *пул, тилло* ва дигар арзишҳои моддӣ ба миқдори зиёд зоҳир мегардад; дар ин ҳолат зиндагӣ кардан осон, гуворо ва хушбахтона аст. Зимнан, дар забони тоҷикӣ мафҳуми фаровонӣ таъкид шуда бошад, дар забони англисӣ роҳҳои ба даст овардани сарват, вижагиҳои мавқеи иҷтимоии инсон, ки ба сарвати ӯ вобаста аст, имкони таъсиррасонӣ ба иқтисод, сиёсат ва ҳаёти ҷамъиятӣ дар ин робита хеле муфассал таъкид карда шудааст.

Дар охир бояд дараҷаи муайяни монандии этимологияи консепти *"бойигарӣ"*-ро дар фарҳангҳои забоншиносии англисӣ ва тоҷикӣ қайд кунем. Қисми зиёди маънохои ибтидоӣ ва ҳамчунин решаҳое, ки вожаҳо аз онҳо сарчашма гирифтаанд, ба ҳам монанданд, ва ин аз асос гирифтани ин забонҳо аз як забони мабдаъ ва монандии семаҳои вожаҳои онҳо сарфи назар аз тафовути тафаккури миллатҳо шаҳодат медиҳад.

Муқарриз: ***Саидзода Ҳ.А.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Аскольдов, С.А. Русская словестность. От теории словестности к структуре текста: Антология / С.А. Аскольдов. - М., 1997. – С.267-279.
2. Болдырев, Н.Н. Когнитивная семантика: курс лекций по английской филологии / Н.Н. Болдырев. - Тамбов, 2001. - 123 с.
3. Болдырев, Н.Н. Языковые категории как формат знания / Н.Н. Болдырев // Вопросы когнитивной лингвистики. – 200. – № 2 (008). – С.5-22.
4. Воркачев С.Г. Концепт "оскорбление" и его этимологическая память / С.Г. Воркачев, Г.В. Кусов. - Воронеж, 2000. - С.90-102.
5. Карасик, В.И. Языковая личность: культурные концепты: сб. науч. тр. / В.И. Карасик. - Волгоград; Архангельск, 1996. - 259 с.
6. Кубрякова, Е.С. Вопросы языкознание / Е.С. Кубрякова. - 1994. - №4. – С.34-47.
7. Маковский, М.М. Удивительный мир слов и значений: иллюзии и парадоксы в лексике и семантике. Учеб. пособие / М.М. Маковский. - М.: высш. шк., 1989. - 200 с.
8. Маслова, В.А. Введение в когнитивную лингвистику: учеб. пособие / В.А. Маслова. 4-е изд. – м.: флинта: наука, 2008. - 259 с.
9. Мурьянов, М.Ф. Время (понятие и слово) / М.Ф. Мурьянов, // Вопросы языкознания. - 1978. - № 2. - С.52-66.
10. Попова З.Д. Очерки по когнитивной лингвистике / З.Д. Попова, И.А. Стернин. - Воронеж, 2001. - 191 с.
11. Попова, З.Д. Понятие "концепт" в лингвистических исследованиях / З.Д. Попова, И.А. Стернин. - Воронеж, 2000. - 191 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - 2008 с. - Ҷ.1 (А-Н). - 950 с. - Ҷ.2 (О-Я). - 945 с.
13. Маковский, М.М. Историко-этомологический словарь английского языка / М.М. Маковский. - М., 1999. - С.303.
14. Этимологический словарь английского языка. http://www.etymonline.com/index. search-wealth and searchmode-none.

РОҶЕЪ БА ТАҲЛИЛИ ЭТИМОЛОГИИ КОНСЕПТИ "WEALTH /БОЙИГАРӢ" ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили этимологии консепти "wealth-бойигарӣ" дар мардуми тоҷикзабон ва англисзабон бахшида шудааст. Забоншиносии когнитивӣ - самтест дар забоншиносӣ, ки муносибати забон ва шуур, нақши забон дар консептуализатсия, равандҳои когнитивӣ, робитаи қобилиятҳои алоҳидаи маърифатии инсон бо забон ва шакли ҳамкории онҳоро меомӯзад. Дар забоншиносии фарҳангӣ забон яке аз роҳҳои асосии ташаккули мафхумҳои асосӣ ҳисобида мешавад, ки консепт мебошад. Консепт воҳиди калидии лингвофарҳангӣ ва забоншиносии когнитивӣ ҳисобида мешавад.Этимология - пайдоиши калимаҳо, омӯзиши сарчашмаҳо ва раванди ташаккули фонди луғавии забон, инчунин таҷдиди таркиби луғавии забони давраи қадимтаринро меомӯзад. Дар мақола муайян кардани этимологияи консепти "бойигарӣ" дар ду забон оварда шудааст. Дар ҷараёни таҳлил пешниҳод карда шуд, ки хусусиятҳои консептуалии ибтидоӣ бо онҳое, ки дар шуури муосири халқҳои тоҷик ва англис нигоҳ дошта шудаанд, муқоиса мешаванд. Маълумоти ин тадқиқот ба натиҷаҳои озмоиши ассотсиатсионии озод гузаронида шуд, асос ёфтааст. Натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд як воситаи муфид барои омӯзиши ҳам забони англисӣ ва ҳам тоҷикӣ бошанд.

Калидвожаҳо: мафҳум, консепт, таҳлили этимологӣ, маъно, шуур,ядро, консепти "wealth", консепти "бойигарӣ".

ЭТИМОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ КОНЦЕПТА "WEALTH /БОГАТСТВО" В АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Данная статья посвящена этимологическому анализу консепта "wealth-бойигарӣ" в таджикскоязычного и англоязычного народа. Когнитивная лингвистика - это направление в лингвистике, изучающее взаимосвязь языка и сознания, роль языка в концептуализации, когнитивные процессы, связь отдельных когнитивных

способностей человека с языком и закономерности их взаимодействия. В лингвокультурологии язык считается одним из основных способов формирования основных понятий, которые являются концептом. Концепт считается ключевой единицей лингвокультурологии и когнитивной лингвистики. Этимология-изучает происхождение слов, изучение источников и процесс формирования лексического фонда языка, а также воспроизведение лексического состава языка древнейшего периода. В статье даётся определение этимологии понятия "богатство" на двух языках. В ходе анализа было предложено сравнить первоначальные концептуальные характеристики с теми, которые сохранились в современном сознании таджикских и английских народов. Данные этого исследования были основаны на результатах эксперимента свободной ассоциации. Результаты этого исследования могут быть полезным способом для изучения как английского, так и таджикского языков.

Ключевые слова: понятие, концепт, этимологический анализ, значение, сознание, ядро, концепт “wealth”, концепт “бойигарӣ”.

ETYMOLOGICAL ANALYSIS OF THE CONCEPT OF "WEALTH" IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article is devoted to the etymological analysis of the concept "wealth-boyigari" of Tajik and English people. Cognitive linguistics is a branch of linguistics that studies the relationship between language and consciousness, the role of language in conceptualization, cognitive processes, the connection of individual cognitive abilities of a person with language and the patterns of their interaction. In linguoculturology, language is considered one of the main ways of forming basic concepts, which are a concept. The concept is considered a key unit of linguoculturology and cognitive linguistics. Etymology-studies the origin of words, the study of sources and the process of formation of the lexical fund of the language, as well as the reproduction of the lexical composition of the language of the most ancient period. The article defines the etymology of the concept of "wealth" in two languages. During the analysis, it was proposed to compare the initial conceptual characteristics with those that have been preserved in the modern consciousness of Tajik and English people. The data of this study were based on the results of the free association experiment. The results of this study can be useful way to learn both English and Tajik languages.

Keywords: concept, etymological analysis, meaning, consciousness, core, concept “wealth", concept “boyigari".

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Рачабова Мавлуда Мамаҷоновна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, н.и.ф., дотсенти кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ. **Суроғa:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузар. Мавлонбекова 1.
Холматова Хуршеда Аюбҷоновна – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторанти Ph.D-и бахши III кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ. **Суроғa:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузар. Мавлонбекова 1. E-mail: **khursheda.holmatova.94@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 92-985-18-81**

Сведения об авторах: ***Раджабова Мавлуда Мамаджоновна*** – Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, к.ф.н., доцент кафедры теории и практики английского языка. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, пр.Мавлонбекова 1
Холматова Хуршеда Аюбджановна – Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, докторант III курса кафедры теории и практики английского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **khursheda.holmatova.94@inbox.ru**.
Тел.: **(+992) 92-985-18-81**

Information about the authors: ***Radzhabova Mavluda Mamadzhonovna*** – Khujand State University named after B. Gafurova, candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and Practice of English. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova Str., 1
Kholmatova Khursheda Ayubzhonovna - Khujand State University named after B. Gafurova, the third course doctoral student of the Department of Theory and Practice of the English Language. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova Str., 1. E-mail: **khursheda.holmatova.94@inbox.ru.** Phone: **(+992) 92-985-18-81**

ТДУ: 811.111-3+811.21/.22

ТАҒЙИРИ ТОПОНИМҲО ДАР ОНОМАСТИКАИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ: СОХТОР ВА СЕМАНТИКА

Асадова М.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тағйироти иҷтимоӣ-сиёсии ҷаҳон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ва зуд тағйир ёфтани парадигмаҳои илмҳои гуманитарӣ зарурати мутобиқ гардонидани тавсифи лингвистии вожаҳоро ба ин тағйирот дар забонҳои модарӣ ва хориҷӣ ба миён овард.

Мақола ба топонимҳо ва сифатҳои аз онҳо сохташуда, ки истилоҳоти ономастика буда, дар курсҳои забони хориҷӣ ҷойи махсусро ишғол менамоянд, бахшида шудааст, зеро асоси луғати касбии география, таърих, антропология, забоншиносӣ ва сиёсатшиносӣ мебошад. Онҳо инчунин дар ономастикаи тамоми илмҳои гуманитарӣ яке аз ҷойҳои марказиро ишғол менамоянд ва барои мутахассисони соҳаи илмҳои табиатшиносӣ хеле муҳимманд, зеро онҳо дар раванди муоширати байнифарҳангӣ васеъ истифода мешаванд. Таваҷҷуҳи забоншиносон ва омӯзгорони забонҳои хориҷӣ ба ономастика сол ба сол меафзояд.

Бояд қайд кард, ки дар луғати ҳар як соҳаи фаннӣ се қабат мавҷуд аст: умумӣ, умумиилмӣ ва баландихтисос [1]. Луғатҳои умумӣ ва умумиилмӣ асоси минимуми луғавиро дар забонҳои модарӣ ва хориҷии ҳамаи ихтисосҳои илмӣ ташкил медиҳанд, луғати баландихтисос бошад ба таври возеҳ ба мутахассисон ва касби мушаххас нигаронида шудааст. Топонимҳо як ҷузъи ономастика буда, чун як соҳаи алоҳидаи лексика ба ҳисоб мераванд. Онҳо як қабати хеле махсусгардонидашудаи истилоҳоти луғавиро дар соҳаи ҷуғрофия ва геополитика ифода намуда, ба қисми консептуалӣ ва истилоҳотии онҳо дохил мешаванд.

Инак, ҳар як ҷамъият дар ҳар давраи алоҳидаи тараққиёти худ ономастикаи худро дорад, ки дар он топонимҳо ҳамчун номҳои объектҳои географии минтақавию ҷаҳонӣ ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Ономастика ва умуман забонҳо дар раванди рушди доимӣ ҳастанд [11]. Тағйироти ҷамъшуда аз нуқтаи назари муносибати байнисоҳавӣ дарки муфассалро талаб мекунад, зеро таҳлили маълумотҳо оид ба илмҳои забоншиносӣ, ҷуғрофия, таърих, сиёсатшиносӣ ва геополитика хеле зарур аст. Ҳар гуна ономастика танҳо номгӯи номҳои хос набуда, балки як ҷараёни семиологӣ мебошад, ки системаи муайяни мафҳумҳоеро ифода мекунад, ки дар заминаи ҷаҳонбинии миллӣ ва тасвири олами як халқи муайян қарор доранд [8].

Дар мақолаи мазкур топонимҳо ва сифатҳое, ки аз онҳо сохта шудаанд, аз нигоҳи хусусияти морфологӣ, лексикӣ ва услубӣ ва вижагиҳои имлои онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Биёед мисолҳоеро дида бароем, ки тафовути истифодаи топонимҳоро дар анъанаҳои гуногуни миллӣ, инчунин дигаргуниҳои индивидуалӣ дар соҳаи имло, вусъати маънои луғавӣ ва тағйироти грамматикие, ки дар топонимҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба амал омадаанд, инъикос мекунанд.

Грамматика як соҳаи забоншиносӣ ба шумор рафта, назар ба дигар соҳаҳо консервативӣ ҳисобида мешавад. Грамматикаи классикӣ ва маълумотномаҳои забони англисӣ [10] маъмулан топонимҳоеро баррасӣ мекунанд, ки дар онҳо қоидаи умумии мавҷуд набудани артикл бо номҳои қитъаҳо, кишварҳо, шаҳрҳо ва ғайра нишон дода шудааст: *Asia, Antarctica, China, Brazil, Chicago, Bangkok.*

Афзоиши технологияи муосир ба инсоният имкон дод, ки ба омӯзиши ҷойҳои дастнорас дар сайёра сар кунем. Таваҷҷуҳи ҷаҳонӣ ба минтақаҳои қаблан беодам, ки берун аз доираи Арктика ва Антарктида воқеъ буданд, боиси муҳокимаи васеи ин масъалаҳо байни олимон гардид, ки дар мубоҳисаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва академикӣ дар ВАО сабт шудаанд.

Маълум аст, ки континенти Антарктида (*Antarctica*) ва Уқёнуси яхбастаи шимолӣ бо минтақаи ҳамсояи берун аз доираи Арктика мавҷуд аст, ки барои он дар забони англисӣ таносуб *the Arctic* ва *the Antarctic* мавҷуд аст, ки барои ном гирифтани минтақаҳои қутби

шимолӣ ва ҷанубӣ истифода шудаанд, ки қаламрави онҳо ҳам хушкӣ ва ҳам уқёнусро дар бар мегирад ва ба ин васила мушкили ихтилофи ҷуғрофӣ байни материк ва уқёнус ҳал шудааст. Дар ин ҷо аз ҷиҳати грамматикӣ субстантиватсия мушоҳида мешавад, артикли муайян нигоҳ дошта мешавад, гарчанде ки дигар вариантҳо низ мавҷуданд, масалан, the Arctic Zone, the Antarctic Region. Дар забони тоҷикӣ ҳардуи ин ибораҳоро метавон ҳамчун *минтақаи Арктика* ва ё *минтақаи Антарктида* тарҷума кард. Масалан:

They study different kinds of habitability on Earth, in very difficult places like the Arctic, Antarctica, the highest mountains, and the bottom of the ocean [18] (Онҳо намудҳои гуногуни зиндагиро дар рӯйи Замин, дар минтақаҳои хеле душвор ба монанди Арктика, Антарктида, кӯҳҳои баландтарин ва қаъри уқёнусро меомӯзанд).

The protection of the Antarctic from commercial exploitation is an important goal of environmentalists [18] (Муҳофизати Антарктида аз истисмори тиҷоратӣ ҳадафи муҳимми экологҳо мебошад).

Мисоли дигар номи қитъаи Авруосиё мебошад. Дар робита ба тағйироти геополитикӣ басомади истифодабарии ин топоним якбора зиёд шуд. Бояд гуфт, ки худи истилоҳи Авруосиёро соли 1883 Э. Зюсс ба геология ва география ворид кардааст [6]. Одатан, аз замони Юнони Қадим бузургтарин қитъаи сайёра шартан ба ду қисмати ҷаҳон – Аврупо ва Осиё тақсим карда мешуд, ки ин дар география бо сабабҳои муайяни таърихӣ ва геополитикӣ шарҳ дода мешавад. Аммо истилоҳоти географӣ дар замони ҳозира, ки манофеи геополитикии кишварҳо ба мадди аввал медарояд, мафҳуми худро васеъ намуда, ба пайдо кардани маъноҳои нав шурӯъ мекунад, ки онҳоро дар доираи семантикӣ-лексикӣ дохил кардан мумкин аст. Инро дар мисолҳои сершумори забони англисӣ дидан мумкин аст, ки дар он на танҳо истилоҳи географӣ, балки мафҳуми муҳимми геополитикӣ аст, ки муносибатҳои давлатҳои ҷаҳонро дар ибтидои аср муайян мекунад:

More particularly, and because Vietnam had already been accorded the key position in Southeast Asia,' Soviet domination of the potential power of Eurasia, whether achieved by armed aggression or by political and subversive means, would be strategically and politically unacceptable to the US [19] (Махсусан, азбаски Ветнам, аллакай, мавқеи асосиро дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ишғол карда буд, ҳукмронии шуравӣ дар иқтидори потенсиалии Авруосиё, хоҳ бо таҷовузи мусаллаҳона ва хоҳ бо воситаҳои сиёсат ва вайронкорона ба даст оварда шуда бошад, барои ШМА аз чиҳати стратегӣ ва сиёсӣ қобили қабул нест).

Ин маъно дар забонҳои гуногун фарқ мекунад. Дар фарҳанги забони англисӣ дар маърузаи «Меҳвари ҷуғрофии таърих»-и Х.Ҷ. Ҳалфорд (Halford John Mackinder) дар соли 1904 сабт шудааст. Ба Ҷамъияти Шоҳии Географии Британияи Кабир, ки дар он муаллиф назарияи *Heartland* («ядрои замин»)-ро ҳамчун минтақаҳои марказӣ ва шимолии Авруосиё, ки бо ҳудуди империяи собиқи Русия алоқаманд аст, асоснок кардааст ва баъдан соли 1919 ӯ чунин мулоҳизаи худро асоснок мекунад: «Касе, ки Аврупои Шарқиро назорат мекунад, «Хортланд»-ро назорат мекунад ва касе, ки «Хортланд»-ро назорат мекунад, тамоми «ҷазираҳои ҷаҳон» («world island»)-ро назорат мекунад».

Ин назария дар мубоҳисаҳои сиёсӣ, адабӣ ва академии замони мо инъикоси худро ёфтааст. Дар рафти таҳлил мо бо тафовути семантикӣ дар маънои топонимҳои мавриди таҳқиқ ва этнонимҳо, лингвоонимҳо ва сифатҳое, ки аз забони англисии британиёӣ ва амрикоӣ гирифта шудаанд, дучор мешавем. Дар шакли амрикоии забони англисӣ ин топоним соли 1949 дар романи утопии Ҷ. Орвел «1984» дида мешавад, ки дар он *Eurasia* яке аз се абарқудрати афсонавӣ нишон дода шудааст, ки қаламравҳои Иттиҳоди Шуравӣ, Туркия ва Аврупоро муттаҳид мекунад.

Ду абарқудрати афсонавии дигар: Океания, (англ. *Oceania*), ки Океания, Австралия, Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Британияи Кабир, Африқои Ҷанубӣ ва Истосиё, ки дар қаламрави Чин, Куриё, Ҷопон, як қисми Муғулистон ва Ҳиндустон ҷойгир аст, муттаҳид мекунад. Дар китоби Ҷ. Орвел Авруосиё ва Океания танҳо ба таври шартӣ бо минтақаҳои воқеӣ алоқаманданд, ки ин тахайюли адабӣ мебошад [13].

Аммо топоними *Eurasia* пас аз нашри китоби З.Бжезинский дар ИМА «Тахтаи бузурги шоҳмот: бартарияти Амрико ва императивҳои геостратегии он» баландтарин соҳаи истифодаро ба даст меорад:

“About 75 per cent of the world’s people live in “Eurasia”, and most of the world’s physical wealth is there as well, both in its enterprises and underneath its soil. “Eurasia” accounts for about three-fourths of the world’s known energy resources” [19] (Тақрибан 75 дарсади мардуми ҷаҳон дар “Авруосиё” зиндагӣ мекунанд ва бештари сарватҳои табиии ҷаҳон ҳам дар корхонаҳо ва ҳам дар зери хоки он ҷост. “Авруосиё” тақрибан аз чор се ҳиссаи захираҳои маълуми энергетикии ҷаҳонро ташкил медиҳад).

Ба шарофати ин топоними *Eurasia*, ки қаблан дар гуфторҳои ҷуғрофӣ ва адабӣ вуҷуд дошт, ҳамчун истилоҳи геополитикӣ дар гуфтугӯи сиёсӣ ва забони расонаӣ истифода бурда мешавад.

Аҳаммияти геополитикаро ҳамчун фанни нав барои география ва дигар илмҳо чунин шарҳ додан мумкин аст: «Дар натиҷа сохтори геополитикии ҷаҳон ба вуҷуд меояд, ки аз харитаи одии сиёсии ҷаҳон фарқ мекунад ва бо усули геополитикии ноҳиябандии фазои интегралии сайёраҳо нишон дода мешавад» [7].

The Eurasian Union is an economic union established in 2015 including Russia, Armenia, Belarus, Kazakhstan, Moldova and some of their neighbors, headquartered in Moscow, Russia and Minsk, Belarus. The union promotes economic integration among members and is theoretically open to enlargement of any country in Europe or Asia [18]. (Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО), ки соли 2015 аз ҷониби Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус ва Арманистон таъсис ёфтааст, иддао дорад, ки аввалин ташаббуси муваффақ дар фазои пасошуравӣ аст, ва барои бартараф намудани монеаҳои тиҷоратӣ ва таъмини интегратсияи минтақаи парокандаи аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда пешбинӣ шудааст).

Топонимҳои *a priori* ҳамчун истилоҳоти ҷуғрофӣ ҳисобида шуда, аз ҷиҳати услубӣ баррасӣ мешаванд ва дар забонҳои гуногун мафҳуми якхелаи топонимро мефаҳмонанд [1]. Аммо тағйирот дар географияи сиёсӣ, пайдоиши чунин фанҳои нав ба мисли геополитика ба он оварда расонд, ки: «Мавзуи таърихии геополитика география аст, ки омӯзиши робитаҳои мустақим ва бозгашти байни хосиятҳои фазои Замин ва тавозуни (бо рақобат ё ҳамкорӣ) майдонҳои қувваҳои ҷаҳониро дар мадди аввал мегузорад».

Тибқи таърифи энсиклопедияи Americana: «Геополитика илмест, ки омилҳои географӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва дигар омилҳои ба ҳам таъсиркунандаро, ки ба иқтидори стратегии давлат таъсир мерасонанд, дар ягонагӣ меомӯзад» [7]. Дар илми ватанӣ ин соҳа фаъолона инкишоф меёбад. «Геополитика объектҳои фазоии ба таври объективӣ мавҷудбударо ошкор мекунад, ки ин маънои сиёсӣ дорад».

Манфиатҳои миллӣ, давлатӣ ва байнидавлатӣ яке аз категорияҳои асосии геополитикаро ташкил медиҳанд, ки аз рӯйи вижагиҳои худ тобиши миллӣ ё идеологӣ доранд, ки имкони баҳодиҳии объективии мавқеи як давлат ё гурӯҳи кишварҳо ва мавқеи амнияти онҳоро аз нуқтаи назари ҷомеа зери шубҳа мегузорад [7, с.23-24]. Аммо оё дар заминаи забоншиносӣ ин қадар аҳаммият додан ба ин мавзуи нав ва ба наздикӣ пайдошуда мувофиқ аст? Ташаккул додани андешаи Л.М. Василевро дар бораи доираи таъсири мутақобилаи мундариҷаи забонӣ ва ғайризабонӣ [3, с.86], метавон тахмин кард, ки муҳосибаи муосир «соҳаи таъсири мутақобилаи байни мазмуни забонӣ (маънҳои забонӣ) ва мундариҷаи ғайризабонӣ мебошад».

Ҳоло сифати *Eurasian*-ро баррасӣ мекунем. Луғатҳои англисӣ топоними *Eurasian* [jʊ(ə)ˈreɪʒ(ə)n]-ро ҳамчун Авруосиё тафсир медиҳанд, ки ба қитъаи Аврупо ва Осиё дахл дорад [40]. Дар Энсиклопедияи бузурги шуравӣ мо чунин маълумотро дида метавонем:

Нажодҳои қафқозӣ, нажодҳои авруосиёӣ – яке аз нажодҳои бузурги башарият ба шумор мераванд, ки дар Аврупо, Африқои Шимолӣ, Осиёи Ғарбӣ, Ҳиндустони Шимолӣ, инчунин дар минтақаҳои мустамликаи Аврупо (Амрико, Австралия, Африқои Ҷанубӣ) паҳн шудаанд [2].

Ба маънои «ташкилоти кишварҳои хориҷи наздик ва Русия» топоними *Eurasia/Eurasian* дар мубоҳисаҳои дохилӣ пайдо мешавад ва дар матнҳои тарҷумашуда ба забони англисӣ табдил меёбад:

Комиссияи иқтисодии Авруосиё – *Eurasian Economic Commission; Eurasian Resources Group (ERG)* – Гурӯҳи Авруосиё; *Eurasian Economic Space* – Минтақаи иқтисодии Аврупо:

The Eurasian Union is an economic union established in 2015 including Russia, Armenia, Belarus, Kazakhstan, Moldova and some of their neighbors, headquartered in Moscow, Russia and Minsk, Belarus. The union promotes economic integration among members and is theoretically open to enlargement of any country in Europe or Asia [16] (Иттиҳоди Авруосиё як иттиҳоди иқтисодӣ аст, ки соли 2015 таъсис ёфтааст, аз ҷумла Русия, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Молдова ва бархе аз кишварҳои ҳамсояи онҳо, ки қароргоҳаш дар Маскави Русия ва Мински Белорус ҷойгир аст. Иттиҳод ба ҳамгироии иқтисодӣ дар байни аъзоён мусоидат мекунад ва аз ҷиҳати назариявӣ барои васеъ кардани ҳар як кишвари Аврупо ё Осиё кушода аст).

The Shanghai Cooperation Organisation is a Eurasian political, economic and security alliance, the creation of which was announced on 15 June 2001 in Shanghai, China [16] (Созмони Ҳамкориҳои Шанхай як иттиҳоди сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятии Авруосиё аст, ки таъсиси он 15 июни соли 2001 дар Шанхайи Чин эълон шудааст).

Дар забонҳои аврупоӣ, ба ҷойи *Eurasian*, дигар намудҳои такрорӣ истифода мешаванд, масалан *The Asia–Europe Meeting (ASEM)*, ки дар он Форуми Осиё ва Аврупо як созмони байналмилалӣ мебошад, ки кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Аврупоро муттаҳид мекунад. Форум бори аввал 1 марти соли 1996 дар Бангкок (Тайланд) бо ташаббуси Фаронса ва Сингапур даъват шуда буд:

The Asia–Europe Meeting (ASEM) is an Asian–European political dialogue forum to enhance relations and various forms of cooperation between its partners [17].

Дар лаҳҷаи амрикоӣ калимаи *АВРУОСИЁ* ҳамчун истилоҳи ҷуғрофӣ пешниҳод карда шудааст. Дефинитсия тавассути исми *landmass* дода мешавад, аммо маънои он аз *continent* васеътар аст. Аз нуқтаи назари геополитикӣ дар «периферияи амрикоӣ» ҳамин тавр қабул карда шудааст.

Аврупо ҳамчунон дар масъалаҳои география, фарҳанг ва сиёсат Евросентризмро эътироф карда, худро мухолифи Осиё мебинад. Чи тавре ки Бернард-Анри Леви гуфтааст: “Европа макон нест, балки ғоя аст [5]”.

On the other hand, there is much reason to suppose that, had there been no major threat to the Eurasian balance of power, trade and other economic differences would have been the most prominent issue, particularly if those in the United States who favored multilateral and freer trade had gained sufficient backing for their policies at home [16].

Топоними *ЕВРАЗИЯ* дар мубоҳисаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои Россия ва пасошуравӣ аз нигоҳи дидгоҳҳо ва манофеи геополитикӣ ва геоиқтисодии Россия ва ҷонибдорони он истифода мешавад. Дар забони русӣ *ЕВРАЗИЯ* маънои як навъ трансконтиненталӣ, ҷойгиршавӣ дар ҳарду қитъаро дорад: Русия як қудрати Авруосиё аст. Баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки дар забони русӣ *ЕВРАЗИЯ* ҳамчун як минтақаи ҷуғрофӣ фаҳмида мешавад, ки тақрибан бо қаламрави империяи Русия дар соли 1914 рост меояд. Гумон меравад, ки Иттиҳоди Шуравӣ аз соли 1945 то соли 1991, аз ҷумла кишварҳои Аврупои Шарқӣ дар мадори худ ин идеяро дубора амалӣ карданд [19].

Номи ноҳияҳо дар забони англисӣ ба категорияи алоҳидаи топонимҳо ҷудо карда мешавад. Ҳамчун қоида бо артикли муайянӣ истифода бурда мешавад: The North Of Canada – Шимоли Канада; The Middle East – Шарқи наздик; The Highlands – Паҳнкӯҳҳои Шимолӣ-Шотландӣ; The Caucasus – Кавказ.

Пас аз пошхӯрии СССР номҳои нави баъзе минтақаҳо ба забони англисӣ пайдо шуданд, ки онҳо на тағйироти ҷуғрофӣ, балки геополитикиро инъикос мекунанд (*the Baltic States*). Ба забони русӣ аз сабаби аҳаммияти ин минтақа номи Прибалтика истилоҳи ҷуғрофӣ ва геополитика буд: The Baltic States – Прибалтика.

Биёед дар бораи як категорияи дигари топонимия, номҳои кишварҳо таваққуф кунем. Агар дар номи кишварҳо калимаҳои union (иттифоқ), commonwealth (иттиҳод), kingdom (шоҳигарӣ), republic (ҷумҳурият), federation (федератсия) артикли of истифода бурда мешавад: the Soviet Union – Иттифоқи Шуравӣ; the German Democratic Republic – Ҷумҳурии демократии Германия; the Kingdom of Denmark – Шоҳигарии Дания.

Истисноҳо дар чунин топонимҳо буданд: the Philippines – Филиппин; the Netherlands – Нидерланд; the Ukraine – Украина; the Argentine – Аргентина (бояд қайд кард, ки барои

мисоли охирин дар забони англисӣ варианти дигари имконпазир вуҷуд дорад: Argentina, ки ба қоидаи умумии мавҷудаи истифодаи чунин номҳо бидуни артикл мувофиқ аст).

Ба яке аз истисноҳо, ки дар ҳама грамматикаи забони англисӣ зикр шудааст, истода мегузарем: *the Ukraine.* Истиқлолияте, ки ин ҷумҳурии собиқ шуравӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ба даст овард, боиси пайдо шудани меъёри нави истифодаи топоним барои нишон додани он ҳам ба забони русӣ ва ҳам ба забони англисӣ гардид. Дар забони англисӣ, дар қоидаҳои грамматикӣ, ҳамчун номи кишвар, он бо артикл истифода намешавад ва ба калимаи Ukraine табдил ёфт:

His action directly contradicted an earlier order from President Leonid Kravchuk of Ukraine [16] (Ин амали ӯ мустақиман хилофи фармони қаблии раисиҷумҳури Украина Леонид Кравчук буд).

Students of Russian normally spend 3 or 5 months in Russia, Byelorussia or the Ukraine [16]. (Донишҷӯёни забони русӣ одатан 3 ё 5 моҳро дар Русия, Белоруссия ё Украина мегузаронанд).

Топоними навбатии Қрим (*Crimea*) дар ВАО-и ҷаҳонӣ аз рӯйи басомади истифода пас аз рӯйдодҳои маъруфи соли 2014 мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Пас аз ворид шудан ба Федератсияи Русияи Ҷумҳурии Қрим, топоними Қрим маънои худро васеъ карда, ба таъини воҳиди нави маъмурӣ-ҳудудӣ шуруъ кард, дар забони русӣ раванди трансономизатсия ба амал омад, ки бинобар аҳаммияти ин рӯйдод низ ба корбурди калимаи англисӣ таъсир расонд, ки дар он номи Ҷумҳурии нави Crimea, ки қаблан вуҷуд надошт, ҳамчун неологизм ва дар натиҷаи трансономизатсия пайдо шуд.

Аз рӯйи қоидаи забони англисӣ *Crimea* акнун бе артикл истифода бурда мешавад, аммо топониме, ки номи нимҷазираро дорад, номи географии авваларо бо артикли *the* дар худ дорад.

Tensions are further exacerbated because Belarus does not recognize the "reunification" of Russia with Crimea, rejects the establishment of a Russian air base on its territory, and introduced a limited visa exemption for Western tourists [16] (Вазъият боз ҳам шадидтар мешавад, зеро Беларус "муттаҳид"-и Русия бо Қримро эътироф намекунад, таъсиси пойгоҳи ҳавоии Русияро дар қаламрави он рад мекунад ва барои сайёҳони ғарбӣ имтиёзи маҳдуди раводид ҷорӣ кардааст).

Unfortunately, the hotel infrastructure of the Crimea is still woefully underdeveloped for independent budget travel [16] (Мутаассифона, инфрасохтори меҳмонхонаҳои Қрим то ҳол барои сафарҳои мустақили буҷавӣ хеле суст инкишоф ёфтааст).

Мо тағйироти топонимҳои ифодакунандаи номҳои қитъаҳо, кишварҳо, минтақаҳо ва дериватҳои онҳоро, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои таърихию геополитикии ҷаҳон ба амал омадаанд, бо такя ба фарқи ин падидаҳо дар ономастикаи забонҳои англисӣ ва русӣ таҳлил намудем. Таҳлили истифодаи топонимҳо дар фазои муосири забонҳои англисӣ ва русӣ муқаррар кардааст, ки чунин тағйиротҳо зиёданд ва онҳо аз ҷиҳати имло, морфология ва синтаксис гуногунанд.

Муқарриз: ***Саидзода Ҳ.А.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Авербух, К.Я. Общая теория термина / К.Я.Авербух. - Иваново: Издательство «Ивановский государственный университет», 2004. – 252 с.
2. Васильев, Л.М. Современная лингвистическая семантика / Л.М. Васильев. – М.: Книжный дом «Либроком», 2015. – 190 с.
3. Данилевский, Н.Я. Россия и Европа / Н.Я. Данилевский. Составление и комментарии Ю.А. Белова. Отв. ред. О. Платонов. Изд. 2-е. - М.: Институт русской цивилизации, Благословение, 2011. - 816 с.
4. Ершов, Ю.М. Идея трансграничного телевидения в Европе и ее отклик в России / Ю.М. Ершов // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия: История. Филология. – 2011. – Т. 10. – Вып. 6.
5. Колосов, В.А. Геополитика и политическая география / В.А. Колосов, Н.С. Мироненко. 2-е изд. - М., 2005.
6. Леонович, Е.О. Введение в английскую ономастику / Е.О.Леонович, О.А. Леонович. – Пятигорск: Издательство Пятигорского государственного университета, 2008. – 496 с.
7. Лингвистический энциклопедический словарь. Ред. В.Н. Ярцева. – М.: Советская Энциклопедия, 1990. – С.345-347.
8. Миньяр-Белоручева А.П. Язык историка / А.П. Миньяр-Белоручева. - М.: Проспект АП, 2001.

9. Миньяр-Белоручева А.П. Политическая корректность и языковая норма / А.П. Миньяр-Белоручева, М.Е. Покровская // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия Лингвистика. – 2007. – Вып.4, № 1(73). – С.10-20.
10. Покровская М.Е. Проблемы перевода этнонимов, лингвонимов и конфессионимов (на материале английского языка) / М.Е. Покровская // В сборнике «Языки в современном мире (в 2х частях). Материалы V международной конференции». – М.: Книжный дом университет, 2006.
11. Покровская М.Е. Язык специальности и культурный плюрализм / М.Е. Покровская // В сборнике «Языки в современном мире (в 2х частях). Материалы V международной конференции (сборник)». – М.: Книжный дом университет, 2006.
12. Предлог для ссоры «На Украине» или «в Украине»? // Владимир Корягин 22.03.2014 [Электронный ресурс] // Отдел науки «Газеты.Ru». URL: https://www.gazeta.ru/science/2014/03/22_a_5958681.shtml (дата обращения 22.12.2020).
13. Словарь иностранных слов, вошедших в состав русского языка. - 1910.
14. Трубецкой Н.С. Мы и другие / Н.С. Трубецкой // «Евразийский временник», книга IV. Берлин. – 1925. – С.66-81.
15. Andreen, Finn (15 April 2014). "The Concept of Eurasia". [Электронный ресурс]. URL: Blogger.com / Comment and Outlook. Retrieved 6 June 2014. (дата обращения 21.12.2019).
16. Bartlett, C.J. The special relationship: a political histoy of Anglo-American relations since 1945. Harlow: Longman Group UK Ltd, 1992, pp. 1-124. [Электронный ресурс]. URL: https://www.english-corpora.org/bnc/ (дата обращения 21.12.2019).
17. Brzezinski, Zbigniew (1997). The Grand Chessboard: American primacy and its geostrategic imperatives ([Repr.] ed.). New York, NY: Basic Books. p. 31.
18. Crowther Jonathan. Oxford Guide to British and American Culture. Oxford University Press-2001.
19. History of Siberia: from Russian conquest to revolution. Wood, Alan (ed.), London, Routledge & Kegan Paul plc, 1991, pp. 1-91. [Электронный ресурс] // British National Corpus. URL: https://www.english-corpora.org/bnc/ (дата обращения 15.12.2019).
20. Ritter R.M. The Oxford Guide to Style. Oxford University Press. 2002.
21. Safire, William On Language; The Near Abroad // The New York Times Magazine National edition. – May 22, 1994. – Section 6. – P.16.

ТАҒЙИРИ ТОПОНИМҲО ДАР ОНОМАСТИКАИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ: СОХТОР ВА СЕМАНТИКА

Мақола ба падидаи табдили куллии топонимҳо дар ономастикаи забонҳои англисӣ ва русӣ бахшида шудааст. Ҳадафи кор муайян ва таҳлили тағйирот дар семантика, сохтор ва фаъолияти лексикаи топонимикӣ аз нуқтаи назари усулҳои таърифӣ ва ҷузъӣ дар чаҷорчӯбаи равиши коммуникативӣ-прагматикӣ бо истифода аз маълумотҳои забоншиносӣ мебошад. Мақола зарурати ворид намудани маълумоти бадастомадаро ба адабиёти таълимӣ барои таъмини муоширати бомуваффақият дар фазои тағйирёфтаи фарҳангӣ асоснок мекунад. Дар мақола маълум шудааст, ки тағйироти геополитикӣ на танҳо вожаҳои топонимикӣ, балки парадигмаи грамматикии онро ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ тағйир додаанд. Тафовутҳои семантикии маънои топонимҳо дар забони англисии британиёӣ ва амрикоиро қайд кардаанд. Навоварии тадқиқот дар низомсозии маҷмуии тағйирот дар соҳаи этнонимия бо дарназардошти воқеияти нави геополитикӣ мебошад, ки равишҳои интегралиро ба падидаҳои забонӣ ва экстралингвистӣ ташаккул медиҳад. Нишон дода шудааст, ки мубоҳисаи геополитикии муосир дар пур кардани маъноҳои нави топонимҳо, махсусан, нақши аввалиндараҷа дорад. Топонимҳое, ки бо забонҳои гуногун амал мекунанд, метавонанд аз ҷиҳати таркиби семавии худ фарқ кунанд, ки тасвирҳои гуногуни ҷаҳонро дар забонҳо инъикос мекунанд.

Калидвожаҳо: топоним, ономастика, семантика, табдили грамматикӣ, дискурси геополитикӣ, падидаҳои экстралингвистикӣ, муоширати байнифарҳангӣ, забонҳои махсус, равиши интегралӣ, равиши коммуникативӣ-прагматикӣ.

ИЗМЕНЕНИЯ ТОПОНИМОВ В ОНОМАСТИКЕ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ: СТРУКТУРА И СЕМАНТИКА

Статья посвящена феномену радикальных трансформаций топонимов в ономастике английского и русского языков. Целью работы является выявление и анализ изменений в семантике, структуре и функционировании топонимической лексики, с точки зрения дефиниционного и компонентного методов в рамках коммуникативно-прагматического подхода с привлечением данных корпусной лингвистики. В статье обосновывается необходимость включения полученных данных в учебную литературу для обеспечения успешной коммуникации в изменившемся поликультурном пространстве. В статье было установлено, что геополитические сдвиги трансформировали не только топонимическую лексику, но также и её грамматическую парадигму в русском и в английском языках. Отмечены семантические различия значений топонимов в британском и американском вариантах английского языка. Новизна исследования заключается в комплексной систематизации трансформаций в области этнонимики с учетом новой геополитической реальности, формирующей интегральные подходы к языковым и экстралингвистическим феноменам. Показано, что современный геополитический дискурс играет первостепенную роль в наполнении новыми смыслами топонимов, в частности. Функционируя в различных языках, топонимы могут отличаться по-своему семному составу, что отражает разные картины мира, запечатленные в языках.

Ключевые слова: топоним, ономастика, семантика, грамматические трансформации, геополитический дискурс, экстралингвистические феномены, межкультурная коммуникация, язык специальных целей, интегральный подход, коммуникативно-прагматический подход.

CHANGING TOPONYMS IN THE ONOMASTICS OF THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES: STRUCTURE AND SEMANTICS

The article is devoted to the phenomenon of radical transformations of toponyms in the onomastics of the English and Russian languages. The aim of the work is to identify and analyze changes in the semantics, structure and functioning of toponymic vocabulary from the point of view of definitional and component methods within the framework of a communicative-pragmatic approach using data from corpus linguistics. The article substantiates the need to include the obtained data in the educational literature to ensure successful communication in the changed multicultural space. In the article, it was found that geopolitical shifts have transformed not only toponymic vocabulary, but also its grammatical paradigm in Russian and English. Semantic differences in the meanings of toponyms in British and American English are noted. The novelty of the study lies in the complex systematization of transformations in the field of ethnonymy, taking into account the new geopolitical reality that forms integral approaches to linguistic and extralinguistic phenomena. It is shown that modern geopolitical discourse plays a paramount role in filling new meanings of toponyms, in particular. Functioning in different languages, toponyms may differ in their seme composition, which reflects different pictures of the world imprinted in languages.

Keywords: toponym, onomastics, semantics, grammatical transformations, geopolitical discourse, extralinguistic phenomena, intercultural communication, language of special purposes, integral approach, communicative-pragmatic approach.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асадова Моҳчеҳра Рустамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент, кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mohchehra-78@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-523-06-78**

Сведения об авторе: ***Асадова Мохчехра Рустамовна*** – Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mohchehra-78@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-523-06-78**

Information about the author: ***Asadova Mohchehra Rustamovna*** – Tajik National University, Candidate of Philology, Assistant Professor of the Department of English language. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mohchehra-78@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-523-06-78**

ТДУ: 811.21/.22-54 (575.3)

НАҚШИ КАЛИМАВУ ИСТИЛОҲОТИ АСЛИИ ТОҶИКӢ ДАР ЛУҒОТИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З., Назирқулов Т.А.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Қисмати асосии масолеҳи соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисорро калимаҳои аслии тоҷикӣ-форсӣ ташкил медиҳанд, ки ин гурӯҳи калимаҳо аз даврaҳои хеле қадими рушди забонамон маншаъ гирифта, бевосита бо рушди ҳунармандӣ густариш ёфта истодаанд. Баъзе калимаҳое ба назар мерасанд, ки таърихи бениҳоят тулонӣ дошта, бо гузашти айём шакли қадимаи худро тавонистаанд нигоҳ доранд, ба мисли *болишт, пилишк, ангубин, арғушт.* Аслан, калимаҳои аслии тоҷикӣ содаву оммафаҳм буда, маънову мафҳумҳои онҳо ба тамоми тоҷикзабонон фаҳмоянд.

Рӯшан аст, калимаҳои аслии забонамон ба мисли калимаҳои аслии дигар забонҳо хусусиятҳои ба худ хос дошта, бо сабабҳои гуногун ба зуҳур омадаанд. Оид ба хусусиятҳои хосси калимаҳои аслии тоҷикӣ забоншиноси варзида Ҳ. Маҷидов чунин ибрози андеша намудааст: «Калимаҳои аслӣ гоҳо бо лексикаи фонди асосии луғавӣ омехта карда шуда, бо онҳо як дониста мешаванд, ин дуруст нест. Дар ҳақиқат, қисми зиёди лексикаи фонди асосии луғавӣ ва аслии тоҷикӣ бо ҳам мувофиқат мекунанд. Дар забон мавқеи устувор доранд, ба мафҳумҳои ҳаётан муҳим далолат мекунанд, ифодагари ашёи мушаххас буда, муътадилоҳанг мебошанд. Сарфи назар аз ин ҳама дар умумияти ин гурӯҳҳо фарқ ҳаст. На ҳар як калимаи фонди асосии луғавӣ (масалан, калимаҳои иқтибосӣ) ба ҷумлаи калимаҳоиаслии тоҷикӣ дохил мешаванд ва баръакс на ҳамаи калимаҳои аслии тоҷикӣ (чунончи, калимаҳои куҳнашуда ва таърихӣ) мансуби фонди асосии луғавӣ мебошанд, пас ин мафҳумҳоро набояд бо ҳам омехт» [9, с.89].

Дар бораи пайдоиши вожаи мелок Ҳ.Маҷидов чунин овардааст: «Рехташавии калимаҳои сохта ва гум шудани қимати пасвандҳои калимасоз низ аз ҳодисаи чандон нодир нест. Масалан, дар калимаи мелок (овезаи зарфи шир) дар муқоиса бо калимаҳои сохтаи бо он мушобеҳи пӯшок, хӯрок реша ва пасванди –ок-ро ба осонӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар гузаштаи дур решаи мел ба маънои «шир» истифода мешудааст» [9, с.92].

Аксарияти калимаҳои аслии тоҷикӣ ифодакунандаи номи ашёву олоти рӯзгор мебошанд, ки дар ҳаёти ҳамарӯзаи мардумони водии Ҳисор мавриди истифода қарор мегиранд, аз қабили хурми *ҷурготхоwкунӣ* (хурмаи калоне, ки дар он ширро мойнӣ карда мехобонанд), *чахдег* (зарфи калони сафолие, ки барои дӯғкашӣ тавсия шудааст), *чахчӯw/ чалахчӯw* (чӯби сепояи махсус аст, ки чарх зада равғанро аз ҷурғот ҷудо менамояд), *чахник (*ҳалқаҳои махсуси чӯбини бо чарх васлшуда), ч*ахникбанд* (банди чахник).

Ин ҷо яқин аст, ки ҳиссаи *чах* бо калимаи *чарх* алоқаманд аст. Ин андешаро бо ду далел тақвият додан мумкин аст: 1) маънои луғавии *чарх* ҳар чизи мудаввару гирдгарданда буда, ба шаклу хусусияти чахдег ҳам мувофиқ меафтад, зеро ин асбоб мудаввару гирдгарданда аст; 2) дар як қисми лаҳҷаҳои шимолӣ калимаи *чарх* дар таркиби феъли *чарх задан* (давр задан, тай задан) дучор меояд: Раву укет қати йа кӯчаҳоко-йа чарх зада биё (Ш.Т.).

Инчунин, калимаҳои аслии забонамон чунон пуриқтидоранд, ки аз забони мо ба дигар забонҳо иқтибос шуда, дар шакли нав ба забони ҳозираи тоҷик мавриди истифода қарор доранд, ки ҳатто ба форсӣ-тоҷикӣ будани онҳо худи соҳибзабонон низ шубҳа доранд. Ба ин мисол шуда метавонад калимаи “*икра”* дар ифодаи “*тухми моҳӣ*”, ки аз забони авестоӣ дар шакли аеха-ях мороз ва сипас ба забони форсӣ гузашта, шакли аех ях- ро гирифтааст, ки дар гузашта маънои “ях”-ро доштааст ва баъдан аз забони форсӣ ба дигар забонҳо гузаштааст [18, с.126]. *Икраҳои о*варагӣ отета да яхдон мон (Қ.Т.).

Дар гӯйишҳои мардуми водии Ҳисор дар айни замон дар нутқи ҷавонон ба ҷойи калимаи *“айвон*” калимаи иқтибосии “*балкон”* мавриди истифода қарор дорад, ки дар мадди назар ин калима русӣ-аврупоӣ менамояд, аммо ҳангоми таҳлил собит намудем, ки решаи ин калима рафта мерасад ба калимаи форсии қадимаи “*болкона*” - бар вазни осмона;

даричаи мушаббакеро гӯянд, аз тилло ва ё нуқра ва амсоли он, ки аз даруни хона берунро тавон дид ва аз берун дарунро тавон дид; ва баъзе гӯянд *болкона* ба маънии шабака аст мутлақан; ниҳояташ он ки аз оҳану биринҷӣ ва ғайра бошад болкона хонанд ва он чӣ аз чӯбу устухон ва амсоли он бошад панҷара гӯянд [10, с. 149]. Дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ ба маънои наваш, яъне "айвон" дар истифода аст: А(з) *балкон* ҳама ҷойи шаҳра дида мешад (Д.Т.).

Гарчанде дар «Бурҳони қотеъ» ин калима бо чунин маъно дарҷ шуда бошад ҳам, аммо дар луғатҳои этимологии забони русӣ дарҷ гардидааст, ки ин калима аз забони итолиёӣ дар шакли Balcone – майдончае, ки аз девор мебарояд ва бо панҷара мустаҳкам карда шудааст, гирифта шудааст.

Теъдоди чунин калимаҳо дар забони тоҷикӣ хеле зиёд буда, барои муайян намудани мавқеи онҳо дар забонҳои дигар як тадқиқоти забоншиносии махсус зарур аст. Калимаи "*рад"(ряд),* ки дар забони форсии миёна дар шакли *ratak*, баътар шакли. radag - ро гирифтааст ва дар забонҳои, дарӣ, тоҷикӣ дар шакли rada ворид шудааст, аз ҷумлаи чунин калимаҳост. Ногуфта намонад, ки ин калима айнан дар ҳамин шакл истифода шуда, худи ворисони лаҳҷа шояд аз тоҷикӣ будани он дарак надошта бошанд: Йа (як) радак памадур корем, да(р) байни боимҷоно мешад(Ш.Т).

Калимаи "сарафан" дар ифодаи куртаи занонаро, низ ба ин гурӯҳи калимаҳо ворид намудан мумкин аст. Истилоҳи *Sarafan* (сарафан) баромади форсӣ – тоҷикӣ дошта, дар луғати этимологӣ дар шакли зерин *"serapo* - либоси одамони бонуфуз" дарҷ гардидааст" [19, с. 561].

Бештар калимаҳои аслии тоҷикӣ барои тасвири забонии ҷаҳони қавму қабилаҳои гуногун истифода мегарданд. Масалан, истилоҳи *сарандоз* ва *сарандоздӯзӣ,* ки аслан занони водии Ҳисор дар маросими тӯйи арусӣ онро ба сар меандозанд, бевосита ҷаҳони занони тоҷикро инъикос намуда, барои намояндагони дигар қавму қабила бегона мебошад ва ҳатто дар луғатҳои пешин дар ҳамин шаклу маънӣ омадааст: «Сарандоз ҷомае, ки занон бар сар андозанд» [13, с. 127].

Ифодаи мафҳумҳо тавассути вожаҳо барои ҷаҳоне, ки қавму қабилаҳоро иҳота намудааст лозим буда, дунёи ворисони лаҳҷаву шева ва забонҳои гуногунро нишон дода, инчунин аз зисту зиндагонӣ, рӯзгордорӣ, пешаҳои интихобнамудаи онҳо дарак медиҳад. Истифодаи ҳар як калима моро ба дунёи рангоранг бурда метавонад, ки инро мо дар осори боқимондаи ниёгонамон дида метавонем. Бояд гуфт, ки барои таҳқиқи тасвири ҷаҳони ниёгони тоҷикон маводи фаровоне, чи дар шакли хаттӣ ва чи шифоҳӣ, мавҷуд аст, ки тавассути онҳо мо метавонем, бо зисту зиндагӣ ва фарҳангу урфу одати онҳо ва, муҳимтар аз ҳама, андешаи ҷаҳони онҳо бо роҳи ковишҳои этнолингвистӣ огоҳӣ пайдо намоем» [8,с. 13].

Бояд зикр намоем, ки калимаҳои *хишт, хиштрез, хиштхона, хиштгузор,* гарчанде ба дигар намояндагони забони тоҷикӣ маъмул бошанд ҳам, аммо калимаҳои *курта, куртадӯз, куртапоракун* ба соҳаи дӯзандагӣ марбут буда ва дар дигар забонҳои эронӣ вонахӯрда, танҳо моли забони тоҷикӣ мебошанд, дар аксарияти гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор дар ҳамин шаклу маънӣ мавриди истифода қарор доранд. Дар дигар забонҳои шохаи забонҳои эронӣ истилоҳи *курта* бо гунаи *пироҳан* маъмул аст. Албатта, ногуфта намонад, ки калимаи пироҳан дар фолклори ин мавзеъ дар шакли аслии худ омада метавонад:

Пироҳани ту аз шоҳии гуловӣ,
Нумоли сарат фарангии ноловӣ.
Ин дилаки ман шуда моили ту,
Саргаштаву сарсонам, эй ёраки норовӣ.

Яке аз нишонаҳои дигари калимаҳои аслии тоҷикӣ решагӣ ё аз як ҳиҷо иборат будани онҳо маҳсуб меёбад. Масалан, калимаи *ош* ба ин гурӯҳи калимаҳо марбут буда, яъне аз як реша иборат бошад ҳам, аммо дар бобати калимасозӣ мавқеи калонро ишғол намуда, тавассути он калимаҳои мураккаби *ошпаз, ошхона, ошбур, ошхӯр, ошкаш ва ошдастакун* ба зуҳур омадаанд.

Бояд зикр намуд, ки калимаи *орд* ҳам ба соҳаи маишӣ ва ҳам ба соҳаи ҳунармандӣ марбут буда, дар ташаккулёбии калимаҳои *серорд, каморд, ордов, ордак,* ки ба соҳаи

пухтупаз иртибот дорад мавқеи калонро бозидааст. Илова бар ин, бояд аз зуҳуроту ташаккули вожаҳои *пиёва, лаков, моҳиёва* ёдовар шуда, қайд намоем, ки ин воҳидҳои луғавӣ на танҳо ба намояндагони лаҳҷаи Ҳисор ошно буда, барои намояндагони дигар лаҳҷаву шеваҳо маъниҳои онҳо маъмул мебошанд. Калимаи ”моҳиова” аз давраҳои аввали рушди забони тоҷикӣ маншаъ гирифта, таърихи куҳан доад ва дар луғатҳо низ айнан дар ҳамин шаклу маънӣ дарҷ гардидааст: *Моҳиёба* навъе аз нонхӯриш» [13,с. 190].

Дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор, махсусан дар лаҳҷаи Қаратоғ маънии аввалаи худро ҳифз карда тавонистааст: *Моҳиови* пухтагет мазза надорад (Қ.Қ.).

Гарчанде лексемаи “*лаков”* дар забони тоҷикӣ мафҳуми хӯроки барои гов тайёршударо ифода кунад ҳам, вале дар гӯйиши мардумони ин мавзеъ бидуни маънои аслии хеш маънии ”*хӯроки бемазза*”-ро касб намуда тавонистааст. Албатта, ногуфта намонад, ки дар атрофи пайдоиши ин калима метавон каме мулоҳиза намуд. Шояд, дар ин маврид ба пайдоиши ин калима истилоҳи об/ ов нақши набозида, маънои ин калима иртибот дошта бошад, ба маънии воҳиди луғавии “*лак*”, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин тафсир шудааст: 1.сифла, фурӯмоя, паст, аҳмақ; 2. сухани беҳуда, гапи бемаънӣ, ҳазён; 3. асбобу анҷом, палос, пӯшиданҳо, хусусан, куҳна фарсуда» [15,с. 592].

Дар ифодаи мафҳуми хӯрок дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» истилоҳи *“лакона”* - ро пайдо намудем, маъноиш «ҳасиб аз рӯдаи гусфанд, ки бо гӯшту ҷигари кӯфта пур карда мепазанд» [15, с. 592] мебошад ва шояд ҳангоми бемазза тайёр кардани ин хӯрданӣ калимаи “лаков” ба зуҳур омада бошад.

Воҳиди луғавии *сар*, ки тавассути он калимаҳои *сардегӣ* (хӯроке, ки дар муддати кӯтоҳ пеш аз хӯроки асосӣ тайёр карда мешавад), *сарқут* (хӯроки аз кас монда), *саршир* (қаймоқ), *сардастӣ* (хӯроке, ки дар муддати кӯтоҳ омода карда мешавад), *сарак* (сангу сафоли биринҷ), ки хосси соҳаи пазандагианд ба вуҷуд омадаанд. Гарчанде дар гузашта калимаи *сардастӣ* дар забони тоҷикӣ ба маънои *“чӯбдастӣ”* низ корбаст мешавад» [13, с. 129], дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шарҳи калимаи сардастӣ ба маъное, ки мардуми водии Ҳисор ин калимаро мешиносанд «сардастӣ-чизе ва ё коре, ки даррав ба зудӣ иҷро мешавад» [16,с. 205], наздикӣ дорад: Йа авқотаки сардастӣ напухтӣ, отаҳакат гушни зор (Қ.Т.).

Бояд ҳаминро дарҷ созем, ки бештари калимаҳои аслии тоҷикие, ки дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор корбаст мешаванд, гарчанде решаи ҳиндуаврупоӣ дошта бошанд ҳам, аммо фақат якҳиҷогӣ набуда, балки калимаҳои сохта низ буда метавонанд. Масалан, калимаҳои марбут ба хешутабории *хоҳар, бародар ҳевар/эвар* бо пасванди қадимаи -ар сохта шудааст, ки ба мисли дигар лаҳҷаву шеваҳо дар гӯйишҳои ин мавзеъ низ ба назар мерасад. Муҳаққиқи рус С. Иванов оид ба ин масъала ибрози ақида намудааст: «Таркиби овозии –ар, - ор дар охири калимаҳои духиҷоии *падар, модар, хоҳар, бародар сунҳор, эвар* ва монанди инҳо ҳанӯз дар ҳиндуаврупоии қадим пасванди махсуси ифодагари мафҳумҳои хешутаборӣ будааст» [6, с. 210].

Инчунин, ба ин ақида таҳқиқоти муҳаққиқи лаҳҷаи Тагнов Н. Гадоев тавқият мебахшад, ки ӯ дар ифодаи мафҳуми келин гунаи “сънор”-ро дар ин лаҳҷа пайдо намудааст» [4, с. 59].

Калимаҳои аслии тоҷикӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишии водии Ҳисор чунон теъдоди зиёд доранд, ки лозим донистем онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намоем:

А) Калимаву истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишие, ки ҳам дар забони адабиёти классикӣ ва ҳам дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар гардишанд.

Бештари ин калимаҳо ба соҳаи дӯзандагӣ марбут буда, бо рушду такомули забони тоҷикӣ мавқеи аввалаи худро аз даст надода, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар шакли аслии худ сайр доранд. Масалан, вожаи *хиштак* дар луғатҳои пешин дар шакли «*хиштча / хиштак* - он порчаи чоргӯша бошад, ки зери баҳали ҷома ва миёни тунбон дӯзанд» [10, с. 393] оварда шудааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ ба ҳамин маънӣ наздик ин калимаро тафсир намудаанд: порчаи чоргӯшае, ки зери баҳали ҷома ва миёни поҷома медӯзанд» [16, с. 482], ки дар гӯйиишҳои мардуми ин мавзеъ низ ба ҳамин маъно корбаст мегардад: *Хиштаки* шалвари дадаҳаката камтар кушодтарак гир, Фотимаҷон (Д.Т.).

Истилоҳи болишт, ки маҳз ба соҳаи дӯзандагӣ марбут аст, бо гузашти солҳо бе тағйироти шаклу маънӣ дар нутқи мардуми ин мавзеъ мавриди истифода қарор дошта, айнан дар ҳамин шакл дар луғати «Бурҳони Қотеъ» тафсир гаштааст: Болишт болишеро гӯянд, ки дар зери сар ниҳанд» [10, с. 149].

Илова бар ин, ҳаминро дарҷ сохтанием, ки дар гӯйиши мардуми калонсоли ҷамоати Қаратоғ истилоҳи *пинакорӣ* мавриди истифода қарор дорад, ки аз калимаи пина ташаккул ёфтааст. Дар «Бурҳони Қотеъ» тафсири калимаи пина ба гунаи зерин оварда шудааст: «пина - порчае, ки бар кафш, ҷома ва ҳирқа дӯзанд» [10, с.261], Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънии ин воҳиди луғавӣ ”*порча,чизи порашуда*” [16, с.61], дода шудааст.

Албатта, дар айни замон низ ба ҳунармандӣ бештар пиронсолон шуғл меварзанд ва аз ин лиҳоз, калимаҳои аслии тоҷикии ифодакунандаи соҳаи ҳунармандиро низ аз забони онҳо бештар мешунавем. Ба ин гурӯҳ калимаи зеринро дохил карда метавонем: “*бахала”*, ки бештар марбути чармгарӣ буда, дар луғат тафсири худро чунин ёфтааст: бахала пӯсте бошад, ки ба андоми панҷаи даст дӯзанд ва миршикорон бар даст кашанд ва чарғ ва боз ва шоҳинро ба даст гиранд [10, с. 202], маънии аслии худро то айни замон дар ин гӯйишҳо ҳифз намудааст.

Бояд ҳаминро дарҷ созем, ки вожаи *пордум* ва *пордумдӯзӣ* ба соҳаи чармгарӣ мансубанд, гарчанде сайри таърихӣ намуда бошад ҳам, аммо то айни замон ҳам дар забони адабии тоҷик, ҳам дар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ, инчунин дар гӯйишҳои мардуми водии Ҳисор дар шаклу маънии аслии хеш дар луғатҳо шарҳи худро ёфтанд: “Пордум он чарме бошад паҳн, ки бар паси полони чорво дӯзанд ва бар паси рони чорво андозанд. Ва баъзе гӯянд чарме бошад, ки бар паси зини асп банданд ва бар зери думи асп андозанд” [10, с. 213].

Воҳидҳои луғавии *чоруқ, мӯкӣ, маҳсӣ, мӯза, доирасоз, торак, саҳов, чармгар, чармгарӣ, пӯстак, маҳсидӯз, тулумдӯз, пӯстакдӯз, мӯзадӯз, мӯкидӯз пӯсткан, пӯстфурӯш, андоз, андозагирӣ, бахийадӯзии соҳаи чармгариро* низ ба ин гурӯҳи вожаҳо ворид карда метавонем.

Ҳангоми таҳлили мавод таваҷҷуҳи мо ба истилоҳи *“кемухтгарӣ*”, ки ин як шохаи чармгарӣ мебошад, бештар афзуд, зеро дар айни замон доираи истеъмоли ин калима дар забони тоҷикӣ хеле танг шуда, гарчанде бештар дар осори ниёгонамон ба назар расад ҳам, аммо дар нутқи косибони қаратоғӣ то айни замон корбаст мешавад. Ин калимаро муҳаққиқон бо гунаҳои гуногун шарҳу возеҳ додаанд. Косибони соҳаи коркарди пӯст аз пӯсти хар ва асп ба таври махсус чарм тайёр мекунанд, ки онҳо *кемухтгар* ном доранд.

Шарҳи калимаи *кемухт* дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин аст: «Кемухт пӯсти ба таври махсус даббоғӣ кардашудаи хару асп аст; чарме, ки донаҳои майдаи барҷаста дорад» [15, с. 549].

Мусаллам аст, ки аксарияти калимаҳои соҳаи кулолӣ низ то айни замон дар шакли қадимаи худ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар истифода қарор дошта, инчунин бо решаи ин калима вожаҳои зиёде, ки маҳз ба луғоти соҳаи ҳунармандӣ марбутанд сохта шудаанд, аз қабили *косагар, косатарош, косагул* ва ғайра. Калимаи коса, гарчанде синонимҳои зиёд дошта бошад ҳам, аммо бештар дар ҳамин шакли ки дар осори адибон низ дар ҳамин шакл омадааст, маъмул мебошад:

Гарчи рӯзӣ аз рӯ рӯкафи ҳоҷаст, рӯзидеҳ худост,
Бар сари рӯзихӯрон хуш нест зи ӯ миннат ниҳӣ.
Нест ӯ ҷуз *косаву* кафгир деги ризкро,
Беҳ, ки бошад косаву кафгир аз миннат тиҳӣ [2, с.185].

Он ***косагаре***, ки косаи саҳро кард,
Дар ***косагарӣ*** санъати худ пайдо кард.
Бар хонаи вуҷуди мо нигун коса ниҳод,
В -он ***косаи*** сарнагун туро расво кард [12,с. 80].

Калимаҳои ба соҳаи оҳангарӣ марбутбудаи гунаҳои *дарawшпарма, теғ,* оҳангар, сӯзангар, мисгар, наълкор, кордсоз, кордча, зин, занг, теша, *новтеша, ҷовқу, деги мисин, деги оҳанин* низ дар луғатҳои пешин ва осори ниёгонамон дар ҳамин шакл корбаст шудаанд.

Таркиби луғавии деги мис дар ибораи халқии «Сар деги мис барин»- одами саркалон дар ин водӣ корбаст мешавад.

Калимаи теғ бештар маънии “*корди киссагӣ*” ва *“поку”*- ро дода метавонад. Дар деҳаҳои Шунук, Батош, Даҳбеди ҷамоати қишлоқи Қаратоғи водии Ҳисор ба маънои корди киссагӣ бештар меояд: А(з) нуги *теғи* отаҳакат хун мечакад, Гуличон ин кора накун, ки пушаймон мешӣ. Муйи сараша *теғ* кати покиза тарошидаст (Ч.Т.). Дар лаҳҷаҳои мазкур истифодабарии калимаи “*ова”* яъне *“нақши гирди сӯзани, ки бо кӯки занҷирак дӯхта мешавад”* назаррас аст. Ин калима, хушбахтона дар луғатҳои пешин низ тафсир шудааст, аммо дар шакли оваҳ оварда шудааст:”*оваҳ - занҷираро низ гӯянд, ки наққошон ва дӯзандагон бар канори чизҳо бикашанд ва бидӯзанд*” [10, с. 64].

Ҳунари асптозӣ миёни тоҷикон маъмул аст, ки истифодабарии ин калима аз фарҳанги волои мардуми тоҷик дарак медиҳад. Фарҳанги ҳар миллат оинаест, ки симои воқеии ӯ дар он инъикос меёбад [20, с. 195].

Ин воҳиди луғавӣ бо маънои аспдавонанда миёни ин ақвом маъмул аст: Миралӣ а*сптозир*а наметуна, чида бъзкашакуш бурден (Т.Ҳ.) Калимаи асп дар забони форсии қадим шакли “asa”-ро доштааст” [5, с. 29].

Вожаи *наъл* дар нутқи мардуми ин водӣ хеле серистеъмол аст, ки ниёгонамон низ айнан дар ҳамин шакл дар истифода қарор додаанд:

Суми аспон зи оташ *наъл* баста,
Зи хун баргустувонҳо лаъл баста”.

Калимаи *тахбандӣ* мафҳуми чидани кӯрпаҳоро бо як равиши муайян дар худ ниҳон медорад, аммо дар забони тоҷикӣ бидуни маънии аслии хеш боз маънои “чизе, ки пеш аз хӯрдани шароб ва ғайра хӯранд” - ро соҳиб аст [13, с. 66], ки ин маъноиш барои намояндагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор ошно нест.

Воҳиди луғавии “ғирев”, ки ба луғати соҳаи маишӣ, аниқтараш маргу азодорӣ мансуб аст, дар нутқи мардуми сокинони ин водӣ маънои доду фарёд, фиғон” -ро дода метавонад: Ии рӯза Худоҷон ба сари ҳиҷ кас набиёрад, Доду ғиреви Азизая медидӣ, бечора чанд бор аз ҳуш рафт (М.Т.) Маҳз дар ифодаи ин маъно корбурди он дар осори пурғановати ниёгонамон хеле зиёд ба назар мерасад:

Ғиреву кӯс дода мурдаро гӯш,
Димоғи зиндагонро бурда аз ҳуш” [11,с. 160].

Чи тавре ки зикр намудем, калимаи “теғ” ба маънои “корди киссагӣ” дар байни мардуми водии Ҳисор маъруфият дорад: А нуги теғи отат хун мечика, ҳоли отаи ту қасос нагирифтай, бгушон иқа хурсандӣ накунан (Қ.Ш.). Дар осори ниёгонамон низ ба ин маънӣ корбурди он бениҳоят зиёд ба чашм мерасад:

Калимаи “боронӣ” чи тавре ки дар луғат маъноиш оварда шудааст, “ҷомаи сақирлот, ки барои муҳофизат аз борон пӯшанд” [13, с. 32], маҳз ба ҳамин маъно дар гӯйишҳои мардуми ин мавзеъ ба назар мерасад, аммо дар забони адабии тоҷикӣ ба маънои *”боридани борон”* ҳам ба кор меравад:

Ин шаби туршрӯйи боронӣ,
Кулбаи модарам ба ёд омад.
Боми ӯ мечакад зи боронҳо,
Дар дилам оламе ба дод омад [7, с.38].

Вожаи ширинихӯрон доира интишори васеъ дошта, дар луғатҳо низ ба ҳамин шакл оварда шудааст: «Ширинихӯрон ҷашнест, ки дар вақти муқаррар кардани нисбати арусу домод кунанд, пеш аз катхудой»[10, с.143].

Дар осори адибон низ айнан дар ҳамин шакл оварда шудааст:

Чиҳил панҷоҳ ҳазорон марди корӣ
Гузин кард аз ялони корзорӣ».

Калимаи заҒора дар айни замон дар гӯйиши мардумӣ ба ғайр аз маънои аслии худ дар нутқи ҷавонон боз ба маънои “нони хушкшуда” мавриди истифода қарор дорад. Гарчанде маънои аслии ин калима дар луғат “нони арзанӣ” ва “нони ҷуворигӣ” мебошад, ки хосси нутқи калонсолон аст.

Б) Калима ва истилоҳоте, ки шакли овозии худро каме тағйир доданд. Калима ва истилоҳоте, ки шакли овозии худро каме тағйир додаанд, теъдодашон дар лаҳҷаҳои мазкур хеле зиёданд. Ба ин гурӯҳ бевосита калимаи *“чароғ”*- ро ворид карда метавонем, ки ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шуда, шакли “*чироғ”*-ро гирифтааст: *Чироғи* owарагетона ду булак кару монд, аз дасткаш гифтаҳак ягон ҷоҳаки баландиба намондед (М.Т.).

Гарчанде дар ин водӣ ҳам ба мисли дигар мавзеъҳои кишварамон дар айни замон аз қувваи барқ истифода намоянд ҳам, аммо чароғсозӣ ва истифодаи он дар кӯҳҳо аз байн нарафтааст, ки калимаҳои *шайтончироғ, сиёҳчироғ, осмончироғ, пилтачироғ,* ки бевосита мисгарон истеҳсол менамоянд, ҳам хусусияти этнолингвистӣ ва ҳам хусусиятӣ сотсиолингвистӣ доранд. Азбаски ба чароғ ниёзи мардум бештар аст, аз ин лиҳоз, дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор бештар ибораҳои халқии зиёде бо калимаи *чароғ* корбаст мешаванд, аз қабили *“чироғ аз раҳат намонад”* (ба вақту замони худ хомӯш кардани чароғ) Кору бораката, ки кара шудӣ, барвақтар хов рав *чироғ* аз раҳат намонад (Ш.Т); *чироғ* даргирифтан (ба пешравӣ оғоз намудани кори касе): Мунавварҷон савдоба гузашту чироғакаш даргирифт (Д.Т.); *чироғи падару модара даргирондан* (дар хонаи истиқоматкардаи падару модар истиқомат намудан ва он ҷойро обод карда шиштан): Куҷо мери дар ин нотинҷиҳо, *чироғаки* падару модараката даргиронда шин; *чароғаш* равшан (шод ва масрур): Дугонема дида дилам гуловид, а бачаҳакаш омадаги *чироғаш* равшан (Ш.Т.).

Аслан, тафсири вожаи чароғ дар луғат чунин оварда шудааст: «асбоби рӯшноист, ки аз фатила ва равған иборат буда, дар зарфи махсуси сафолӣ ё чӯянӣ гузошта мешавад»-ро дорад» [15,с.526].

Дар фолклори мардуми ин мавзеъ ин истилоҳ васеъ истифода мешавад, ки рубоии зерин далели ин гуфтаҳост:

Дузанда шудам дар шаҳраки бегона,
Ин ёраки ҳисории ман бечора.
Чироғаки хонеша гирон дидам,
Парвона шаваму гарам гирди он хона (Ш.Т).

Калимаи “*гиребон”*, гарчанде дар осори ниёгонамон дар шакли аслии худ корбаст шавад ҳам, аммо бо мурури замон ба мисли дигар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба тағйироти фонетикӣ дучор гашта, шакли дар нутқи намояндагони шеваи шимолии водии Ҳисор ”*гирewон”* дар нутқи намояндагони шеваи ҷанубӣ дар шакли ”гире*w*ун” корбаст мешавад. Ҳангоми таҳлилҳо собит намудем, ки агар ин ҷузъи куртаи занона бошад, дар бештари ҳолатҳо суффикси -ча -ро гирифта, дар шакли “*гирewонча”* дар истифода қарор мегирад*: Гирwончи* курти мана паҳми бад духтас, Очи Зиёдулло, ҳози гифта бурда да саракаш зада мебиём (С.Ш.). Аммо агар дар ифодаи ҷузъи куртаи мардона ояд дар шакли *гирewон* корбаст мегардад: Гире*wони к*урти Собира дида намешад, қарқи холӣ, мегӯйи курти ягон даҳмардая пӯшидагӣ бошад (Ҷ.Т.). Ин вожа таърихи куҳан дошта, дар осори ниёгонамон айнан дар ҳамин шакл омадааст:

Чун шамъ зи бас оинасомони баҳорам,
То новаки оҳам сару баргаш пури рангест.
Бедил гуҳари ишқ ба баҳрест, ки ин ҷо,
Оинаи ҳар қатра *гиребони* наҳангест.

Калимаи *“чашмак”* дар нутқи ворисони лаҳҷаҳои мазкур дар шакли “чишмак” корбаст гардида, бидуни ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гаштан, сермаъноиро низ ба худ касб намудааст. Ин вожа бидуни маънои аслии худ боз ба маъноҳои “нигине, ки дар ангуштарин мемонанд” маъмул аст: *Чишмаки* чалема сурх кунед (Ш.Т.). Маънои дигари он «пойафзол ва кафш», ки дар луғат дарҷ гардидааст, ба мардуми ин мавзеъ ошно нест [10,с.347].

В) Калимаҳои тоҷикие, ки шаклу маънии лаҳҷавӣ пайдо кардаанд. Теъдоди ин гуна калимаҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор хеле зиёд ба назар мерасанд. Масалан калимаи *кавутак/ кабутак* маънои лаҳҷавӣ пайдо карда, бидуни маънои аслии худ боз ба маънои “алочаи рангаш кабуд”, ки дар маросими маргу азодорӣ истифода мебаранд, корбаст мегардад: Калтачи а(з) *алочи кавутак* дӯхтагема пӯшам, бо мардум нагӯн, ки мурди отешнав мурдасу фасон шуда гаштаст (Ш.Т.).

Вожаи “гулобӣ” дар ифодаи мафҳуми як навъи ранг барои ҳамаи тоҷикзабонон ошност. Миёни мардуми ҳунарманд ва кишоварзи водии Ҳисор ба маъноҳои “навъи харбуза”, “навъи матоъ” маъмул аст.

Мусаллам аст, ки калимаи “*лолагӣ”* аз исми лола ташаккул ёфтааст ва дар лаҳҷаи қаратоғи водии Ҳисор маънии “алочаи рангаш сурхи лолагӣ”-ро дода метавонад. Ба ин монанд калимаҳои *парипаша* (алочае, ки хеле шаффоф бофта шудааст ва ба пари пашша монандӣ дорад), *пӯстимор* (алочае, ки басо маҳину нозук бофта шудааст ва матои он ҷило дорад, ки ба пӯсти мор монанд аст), *сиёҳу сафед* (алочае, ки аз ду ранг бофта шудааст), *чандаҳ* (алочаи нархаш гарон), *чортег* (алочае, ки нақшаш ба чор теғ монанд аст), *оча бача* (ҷойпӯш ва ҷойпӯшча)-ро ворид карда метавонем.

Мусаллам аст, ки калимаи *бодқамиш* дар ифодаи мафҳуми як “навъи растанӣ” корбаст мешавад, аммо маънои лаҳҷавии ин калима танҳо ба ҳунармандони ин водӣ ошно мебошад. Бодқамиш - чӯбчаҳои борики нагз суфтакардашуда, ки барои даккӣ нашудану якҷоя нашудани нахҳо дар дӯкони бофандагӣ гузошта мешавад. Сифати феъли *партофта* низ ба худ маънои лаҳҷавӣ касб намуда, дар гӯйиши мардумони ин мавзеъ дар ифодаи мафҳуми “рӯймолро набаста, ба сар партофтан” мавриди истифода қарор дорад. Маънову мухтавои калимаи ибораи “owи равон” ба ҳама намояндагони забони тоҷикӣ ошно мебошад. Ин ибора бидуни маънои аслии худ маънои лаҳҷавӣ касб намуда, дар нутқи занҳои ин маҳал ба маънои ”матои ҳарири пахтагин” дар истифода қарор дорад: Куртаҳаки owи равонама як овак нагифтен, имрӯз туй пушида мерам (Д.Ҷ.).

Сифати аслии “арманӣ” дар забони тоҷикӣ мафҳуми “чизи ба Арманистон нисбият дошта”-ро дода тавонад, маънои дигари он, ки танҳо ба бофандагон ошно мебошад, ки чунин аст: “ғӯлачӯби тарошида, ки кӯндаланг дар асбоби бофандагӣ гузошта шудааасту барои пайваст кардани сарқавза бо тагқавза хизмат мекунад” .

Гарчанде дар забони тоҷикӣ воҳиди луғавии “а*спак”*, ба маънии “аспи хурд” маъруфият дошта бошад ҳам, аммо дар нутқи ҳунармандони водии Ҳисор вожаи аспак мафҳуми “қисми асбоби бофандагие, ки бо ресмончаи мехчадор ба тори хона зада мешавад”-ро дода метавонад.

Калимаи “*хомак”* дар ифодаи меваи нопухтаву норасида корбаст шуда, доираи интишори васеъ дорад, бидуни маънои аслии худ ба маънои ”пойафзоли сабуке, ки аз пӯсти каллаи барзагов сохта мешавад” низ корбаст шудани он ба назар мерасад.

Маънои вожаи *“фатила”* “ресмони бофандагӣ”(фарҳ) дода шудааст. Дар нутқи зардӯзон бошад, маънои “чӯби дарозе, ки ба он риштаи зармонанд печонида мешавад”-ро дода метавонад: *Фателая* зад шикаст, Зарнигор, а(з) вай зардӯз намебурод (Б.Т.).

Воҳидии луғавии *“чорқад”* бештар дар дохили феълҳои таркибии “чорқад шудан” омада, маънои “таъзим намудан”-ро ифода карда, аз урфу одат ва суннату анъанаҳои куҳани мардумони ин водӣ дарак медиҳад. Чармгарони водии Ҳисор метавонанд ин вожаро боз дар ифодаи маънои “кафше, ки андозааш чор ангушт аст” корбаст намоянд: *Чорқад* намегифтед, дадеш, медонед, ки почаҳакои Шаҳноза се метри, худакаша буда чен кара мегифтед, ҳози шай шуда рафтагӣ (Қ.Т.).

Рӯшан аст, ки шахсе, ки бо ҳунари чӯбтарошӣ ошно аст, ӯро *“чӯбтарош”* меноманд. Маънои дигарии ин калима “асбобе, ки ба воситаи ин асбоб чармро тоза мекунанд” буда, доираи интишори чандон васеъро соҳиб набуда, танҳо миёни чармгарони деҳаи Қаратоғ маъмул аст: *Чӯбтароша* гиру чарми оварагии қасowa тоза кун (Қ.Т.). Калимаи зияк ба маънои шерозпоча низ корбаст мешавад.

Дар ин мавзеъҳо калимаи “*шамшерак”* маънои лаҳҷавиро ба худ касб намуда, ба маънои “лӯбиёи сабз” ва “чӯби пайвандкунандаи сутунҳои дӯкони бофандагӣ” дар истифода қарор дорад.

Мусаллам аст, ки дар водии Ҳисор калимаву истилоҳоте мавриди истифода қарор доранд, ки дунёи ин мардумро инъикос намуда, дар ин шаклу маънӣ на танҳо ба намояндагони забонҳои бегона, балки ба намояндагони лаҳҷаву шеваҳои дигар низ бегона мебошанд. Ба ин мисол шуда метавонад вожаи *“ликак*”, ки дар нутқи занҳои зардӯзи водии Ҳисор ба маънои “чизи пружинамонанди зардӯзӣ, ки барои зебу зиннати тоқӣ дӯзанд” маъмул аст.

Ибораи *“марги моҳӣ”* ба маънои “чизе, ки дар дарё онро андозанд ва моҳи онро хӯрда маст гардад ва ба рӯйи об ояд”, таърихи пайдоиши хеле куҳан дорад, ки зикри он дар луғат аз он шаҳодат медиҳад.

Як бахши луғати лаҳҷаҳои водии Ҳисор маҳз аз ҳамин гуна унсурҳои нутқ иборат мебошад. Масалан, калимаҳои, *аспак, зира, қаср, тур, лос* ҳамин гуна хусусият доранд.

Ин гурӯҳи калимаҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, махсусан дар ҷамоати қишлоқи Қаратоғ ба ғайр аз маънии умумиҳоҷикии худ (аспи хурдакак, тухми гиёҳи хушбӯй, кох, матои бофташуда барои моҳидорӣ, навъи оҳу), боз дар мафҳуми “як қисми асбоби бофандагӣ”, “зиреҳи гардан”, “асбоби чӯбине барои нишасти арусу домод”, “дохили хумдон”, “абрешими сифаташ паст” кор фармуда мешаванд: *Аспаки* Аминҷона ем дода, баъд ба бузкашак баред; *Аспаки* дӯкон шикаста рафтас (Қ.Т.). *Зираи* аз бозор овардагетон тамоман бӯй надорад, тухми савзӣ аралаш кардагӣ; *Зир(а)* и харидагем–а аку рӯзаки тӯякат–ба да(р) гарданакат мекунӣ (Б.Т.). Қасрҳои боҳашамата сохту ду рӯз ҳам зиндагонӣ накарда мурда рафт, Олимҷони ман. Зеwи келину дӯмод ҳами *қаср-да* (Д.Т.). Ин *тури* келин гуфтагия аз ягон ҷой наёфтам, пага чӣ хел келинбинон мерафтошад; *Тура* нағзакак тоза кунем, мешад (Б.Т.). Ин бовақонат ҳамиқа касали шуден, ки рошетон равем хавар гирем, ки *лос* шуда хов мегӯн; Ресмони гӯсола канда рафтас*, лос* кати барои гӯсола ресмон бофам (Ш.Т.).

Ба инҳо монанд, мегирем вожаҳои “*гижак”* ва *кокулдоракро*, ки дар забони адабӣ якумӣ дар маънии “асбоби мусиқӣ”, дуюмӣ ба маънии “духтари гесудор” ба кор мераванд. Аммо дар лаҳҷаи Қаратоғи водии Ҳисор калимаи “*гижак”* дар ифодаи маҳфуми “кафше, ки чармгарон барои арусон омода месозанд ” ва воҳиди луғавии “*кокулдорак”,* моҳиятан дар маънои ”навъи қанде, ки қанодон омода месозанд” мавриди истифода қарор мегиранд. Аҳмадҷон бо ҳаму *гижаки* зормондеша гифта, гуму гӯр гумшуда рафтас; Арус ҳамон кафшҳои *гижакашро* пӯшад имрӯз да(р) пеши дӯсту душман (Қ.Т.); Ин паризоди *кокулдорака а(з)* кучо келин кара оварошан, да (р) ин гирду гузаро ин хели духтар набуд; Отеш, ду- се килло қанди *кокулдорак* биёред, меҳмон мебиёд (Қ).

Ба ин гурӯҳ боз калимаҳои *қавза ва мурғакро* низ дохил намудан мумкин аст, ки маънии луғавии онҳо дар забони адабӣ “чизе, ки дар мушт ҷо шавад” ва “чӯҷа, мурғаки майда” мебошад. Вале дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба ғайр аз маънои аслии хеш онҳо табдили маънӣ намуда, *қабза* мафҳуми “андоваи даҳони дудбарои хона” ва *мурғак м*аънии умуман “дудбаро”-и печкаи кулолӣ ифода мекунанд: А(з) ҳаму бозор омадеду я (к) қавзаҳак гашнич новаред; Акнун *қабзая(* ро) аз нав кунем мешад, дадеш (Қ.Т.). *Мурғаки* ҷола - ҷолая(ро) кушта, да кампири Марзия мурғшӯрбо кунетон; *Мурғака* (ро) тоза накунем намешад, дуда лағат кара рафтас(т) (Қ,Т.); *Қавзая* (ро) аз нав каран лозим (Қ.Т.).

Мисли ин вожаҳои *қулфак, печак, чок, пари паша*, ки маънии луғавии онҳо дар забони адабӣ ба ҳама маълум аст, вале дар лаҳҷаҳои мазкур ба ғайр аз маъноҳои аввалаашон табдили маънӣ кардаанд: вожаи якум ба маънии “матои чоркунҷаи хурде, ки барои танг наомадани остини курта васл карда мешавад”, калимаи дуюм ба маънии “як навъи қанд”, воҳиди луғавии сеюм дар ифодаи маҳфуми “дарз, либоси дӯхтанӣ”, ибораи чорум ба маънии “як навъи алочаи гаронбаҳое, ки бофандагони маҳаллӣ истеҳсол менамоянд” ба кор мераванд: *Қулфака* (ро) гум, ки кардӣ то бегонӣ сарсону саргардон мегардӣ; *Бе қулфак* курта (а)м танг омадаст (Ш.Т.); *Печакҳои* ҳаёчая тоза кунем баъд мерем; *Печак-а* а(з) магазин харидам (Д.Т.); Куртеша *чок* кара, базӯр аз сари Манзура буроварам; Да (р) хона *чок* духта шиштай (Ч.Т.). Ҳамиқа хонаҳо беодами мондан, ки *паша пар* намезанад; Алоч (а) и *пари паши* хеле қимат будас (М.Т.) .

Бояд қайд кард, ки доираи густариши иддае аз калимаҳои навъи боло як андоза васеъ аст ва онҳо ғайр аз лаҳчаҳои водии Ҳисор дар баъзе лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ низ ба ин маъниҳо дучор меоянд. Ба ин гурӯҳ воҳидҳои луғавии *печак, қулфак, чок* ва зираро нисбат додан мумкин аст, ки оварда шудани онҳо дар луғатҳо аз он шаҳодат медиҳанд.

Калимаву истилоҳоти аслан тоҷикӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор мавқеи калонро ишғол намуда хусусиятҳои хосси худро доро мебошанд.

Муқарриз: ***Назарзода С.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодири Бедил. Осор.Ҷ.3/Бедил Абдуқодир. – Душанбе: Адиб, 1991. –429 с.
2. Аҳмади Дониш. Наводир- ул- вақоеъ. – Душанбе: Дониш, 1988. –285 с.
3. Бобомуродова М. Вожаномаи мухтасари зебу зиннати занон ва заргарӣ / М. Бобомуродова. –Душанбе: Бебок, 2014. –71с.
4. Гадоев, Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов/ Н. Гадоев. –Душнбе: Ирфон, 2012. –208 с.
5. Додихудоев, Р.Х.,Герценберг Л.Г. Таърихи забони тоҷикӣ / Р.Х Додихудоев, Л.Г. Герценберг.–Душанбе: Маориф, 1988. – 215 с.
6. Иванов, В.В. Хетский язык / В.В. Иванов.– М.:Эдиториал, 2001.– 298с.
7. Лоиқ. Санги роҳ/ Лоиқ .–Душанбе: Ирфон, 1978. –232 с.
8. Матробиён, С.Қ. Нахустин сарчашмаҳои хатии этнолингвистии тоҷик/ С.Қ. Матробиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №3. – С.13-23 с.
9. 9.Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (Луғатшиносӣ)/ Ҳ. Маҷидов.- Душнбе: Ирфон, 2007. – 242 с. .
10. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1./Бурҳон Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб. – 1993. – 280 с.
11. Низомии Ганҷавӣ. Кулиёт. Ҷ. 1./ Ганҷавӣ Низомӣ.–Душанбе:

12. Рубоёти Умари Хайём. –Душанбе: Эйр- граф, 2018. –208 с.
13. Сироҷуддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят / Орзу Алихони Сироҷуддин. – Душанбе, 1992. –238 с.
14. Стелбин Каменский И.М. Этимологический словар ваханского языка/Каменский Стелбин. –СП(б) 1999, – 480 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ, Ҷ.1. –М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
16. .Фарҳанги забони тоҷикӣ, Ҷ.2. – М.: Советская энциклопедия 1969. –947 с.
17. Фарҳанги ибораҳои халқӣ. –Душанбе: Адиб, 1988. –400 с. 18.Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка. Том 1. – М.: Прогресс,1986. – 573 с.
18. Фасмер, М. Этимологический словарь русского языка / М. Фасмер. Том 3. –М.: Прогресс, 1987. – 830 с.
19. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.5 / Раҳмон Э. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.
20. Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон.Ҷ.2. – Душанбе,1991. –608 с.

Ихтисораҳо: Т.Ҳ.-деҳаи Туда, ноҳияи Ҳисор, Н.Ш.-деҳаи Навобод, ноҳияи Шаҳринав, С.Ш.-деҳаи Сангмела, ноҳияи Шаҳринав, Ч.Т- деҳаи Чиртак, ноҳияи Турсунзода, Ш.Т. –деҳаи Шунук, ноҳияи Турсунзода, М.Т. –деҳаи Мехробод, ноҳияи Турсунзода, Ҷ.Т. –деҳаи Ҷовидон, ноҳияи Турсунзода, Қ.Т. –деҳаи Қаратоғ, ноҳияи Турсунзода Б.Т. –деҳаи Батош, ноҳияи Турсунзода, Д.Т. –деҳаи Даҳбед, ноҳияи Турсунзода.

НАҚШИ КАЛИМАВУ ИСТИЛОҲОТИ АСЛИИ ТОҶИКӢ ДАР ЛУҒОТИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Дар мақола зикр гардидааст, ки қисмати асосии масолеҳи соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисорро калимаҳои аслии тоҷикӣ-форсӣ ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳи калимаҳо аз даврахои хеле қадими рушди забонамон маншаъ гирифта, бевосита бо рушди ҳунармандӣ густариш ёфта истодаанд. Дар гуйишҳои мардумони водии Ҳисор баъзе калимаҳое ба назар мерасанд, ки таърихи бениҳоят тулонӣ дошта, бо гузашти айём шакли қадимаи худро тавонистаанд нигоҳ доранд, ба мисли *болишт, пилишк, ангубин, аргушт.* Аслан, калимаҳои аслии тоҷикӣ содаву оммафаҳм буда, маънову мафҳумҳои онҳо ба тамоми тоҷикзабонон фаҳмоянд. Инчунин муаллифон қайд кардаанд, ки калимаҳои аслии тоҷикии дар забонамон ва лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар истифода қарордошта, ба мисли калимаҳои аслии дигар забонҳо хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошанд. Ин хусусиятҳо бо сабабҳои гуногун ба зуҳур омадаанд. Дар мақола оварда шудааст, ки оид ба хусусиятҳои хосси калимаҳои аслии тоҷикӣ забоншиносон андешаҳои гуногун иброз намудаанд. Онҳо калимасоз будан, сода будан ва дар забон мавқеи устувор доштани онҳоро зикр намудаанд. Муаллифон бо факту далелҳо исбот намудаанд, ки доираи густариши иддае аз калимаҳои аслан тоҷикӣ як андоза васеъ аст ва онҳо ғайр аз лаҳчаҳои водии Ҳисор дар баъзе лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ низ ба ин маъниҳо дучор меоянд. Ба ин гурӯҳ воҳидҳои луғавии *печак,қулфак, чок* ва зираро нисбат додан мумкин аст, ки оварда шудани онҳо дар луғатҳо аз он шаҳодат медиҳанд. Бештари калимаҳои аслан тоҷикӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар соҳаи маишӣ ба назар мерасанд. Аз навиштани мақола муаллиф он чунин натиҷагирӣ кардаанд, ки калимаву истилоҳоти аслан тоҷикӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва майишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор мавқеи калонро ишғол намуда, хусусиятҳои хосси худро доро мебошанд.

Калидвожаҳо: лаҳҷа, шева, гӯйишҳои мардумӣ, соҳаи ҳунармандӣ, соҳаи маишӣ, калимаҳои иқтибосӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ, забон, забони тоҷикӣ.

РОЛЬ ИСКОННО ТАДЖИКСКИХ СЛОВ И ТЕРМИНОВ В РЕМЕСЛЕННО-ПРОМЫСЛОВОЙ ЛЕКСИКЕ ГОВОРОВ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

В статье отмечается, что основную часть ремесленно-бытовых материалов диалектов Гиссарской долины составляют исконные таджикско-персидские слова. Эта группа слов берет свое начало с очень древних периодов развития нашего языка и расширяется непосредственно с развитием ремесленничества. В говорах жителей Гиссарской долины существуют слова, имеющие очень давнюю историю и сумевшие со временем сохранить свою древнюю форму, такие как балишт, пилишк, ангубин, аргушт и.т.д. На самом деле исходные таджикские слова просты и распространены, а их значение и понятия понятны всем носителям таджикского языка. Автор также отметил, что исконные таджикские слова, используемые в нашем языке и диалектах Гиссарской долины, имеют свои особенности, так же как и исконные слова других языков. Эти особенности

появились по разным причинам. В статье констатируется, что лингвисты высказывали разные мнения о специфических характеристиках исходных таджикских слов. Они отметили свое умение говорить, простоту и устойчивое положение в языке. Автор фактами и доказательствами показали, что диапазон распространения некоторых исконно таджикских слов достаточно широк, и они встречаются в этих значениях и в некоторых других диалектах таджикского языка помимо диалектов Гиссарской долины. К этой группе можно отнести лексические единицы плющ, замок, чок и тмин, о чем свидетельствует их включение в словари. Большинство слов таджикского происхождения появляются в говорах Гиссарской долины в бытовой сфере. Из написания статьи автор сделал вывод, что слова и термины таджикского происхождения занимают большое место в лексике ремесел и виноделия говоров Гиссарской долины и имеют свои особенности.

Ключевые слова: диалект, стиль, народные поговорки, ремесло, домашнее хозяйство, цитируемые слова, исконно таджикские слова, язык, таджикский язык.

THE ROLE OF THE ORIGINAL TAJIK WORDS AND TERMS IN THE VOCABULARY OF HANDICRAFTS AND EVERYDAY LIFE IN THE DIALECTS OF THE HISAR VALLEY

It is mentioned in the article that the main part of handicraft and household materials of the Hisor Valley dialects are the original Tajik-Persian words. This group of words originates from very ancient periods of the development of our language and is expanding directly with the development of craftsmanship. In the dialects of the people of Hisar Valley, there are some words that have a very long history and have managed to keep their ancient form over time, such as balisht, pilishk, angubin, arghusht. As a matter of fact, the original Tajik words are simple and common, and their meaning and concepts are understandable to all Tajik speakers. The author also noted that the original Tajik words used in our language and the dialects of the Hisar Valley have their own characteristics, just like the original words of other languages. These features have appeared for various reasons. The article states that linguists have expressed different opinions about the specific characteristics of the original Tajik words. They mentioned their wordsmithing, simplicity and having a stable position in the language The author has proven with facts and evidence that the range of expansion of some of the originally Tajik words is quite wide, and they come across these meanings in some other dialects of the Tajik language in addition to the dialects of the Hisar Valley. It is possible to attribute to this group the lexical units of ivy, lock, and chok and cumin, which is evidenced by their inclusion in dictionaries. Most of the words of Tajik origin appear in the dialects of the Hisar valley in the domestic sphere. From the writing of the article, the author concluded that the words and terms of Tajik origin occupy a large position in the vocabulary of handicrafts and winemaking of the dialects of the Hisar Valley and have their own characteristics.

Keywords: dialect, style, folk sayings, craft industry, household industry, quoted words, originally Tajik words, language, Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроғa:** 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**
Назиркулов Тагаймурод Абдурасулович - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, н.и.п., дотсент, мудири кафедраи забонҳои романӣ-германӣ. **Суроғa:** 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: **ambition.ok@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-76-75-66**

Сведения об авторах: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, к.ф.н., доцент, кафедра таджикского языка. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**
Назиркулов Тагаймурод Абдурасулович – Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, доцент, заведующий кафедрой романо-германских языков. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **ambition.ok@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-76-75-66**

Information about the authors: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** – Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulugzoda, candidate of Philology, associate Professor of the Department of Tajik language. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadiev Str., 17/6. Phone: **(+992) 917-11-64-26**
Nazirkulov Tagaimurod Abdurasulovich – Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulugzoda, Associate Professor, Head of the Department of Romance-Germanic Languages. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadieva, Str., 17/6. E-mail: **ambition.ok@mail.ru**.
Phone: **(+992) 918-76-75-66**

ТДУ: 491.550+42

ТАВСИФИ УМУМИИ НАМУДҲОИ ВОЖА-ҶУМЛАҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ҚИЁСШАВАНДА

Исматуллоева П.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тасвири сохтори вожа-ҷумлаҳо бо таҳқиқоти ҳолати вожа-ҷумлаҳо нисбат ба дигар воҳидҳо дар занҷири нутқ, инчунин вазифаҳои синтаксисии онҳо дар ҷумла такмил мегардад. Вожа-ҷумлаҳо бори аввал нест, ки бавосита ва бевосита мавриди тавсифи забоншиносӣ қарор гирифтааст ва дар ин маврид ошно шудан бо асарҳои О.С. Ахманова, Б.А. Илиш, М.А. Беляева, А. Собиров ва дигарон кофист. Дар осори мазкур аз ҷумла масъалаҳои оид ба тартиби аъзои ҷумла, яъне масъалаҳо оид ба инверсия мавриди таҳлил қарор гирифтанд, чунки ҷумлаҳои соддаи таҳлилгардида шаҳодат медиҳанд, ки онҳо мавқеъҳои гуногунро ишғол намуда, дар ҷумла вазифаҳои мухталифро иҷро мекунанд. Вижагии ташкилёбии вожа-ҷумлаҳо ба халалдоршавии силсиламаротиби (иерархия) воридшавии воҳидҳо ба сатҳи дигари забоншиносӣ асос ёфтааст ва он дар ин ҳолат маънии онро дорад, ки воҳид бо ҳамаи аломатҳои ҷумла ба сифати вожаи ягона ба таркиби ҷумлаи асосӣ шомил мегардад. Дар ин ҷо раванди номишавии ҷузъӣ ба мушоҳида мерасад, вақте ки воҳиди сатҳи болотар, иттифоқан ба вожа монандӣ пайдо мекунад, ё ба ҳар ҳол, ба воҳиде, ки ба вай аз рӯйи хосиятҳои худ шабеҳ аст, наздик мешавад.

Пажуҳиши вожа-ҷумлаҳо монандии бешакку шубҳаи ин воҳидҳоро бо маҷмуа-воҳидҳои инкорпоративии ба забонҳои дорои сохти инкорпоративӣ хосбуда нишон дод. Вожа-ҷумлаҳо ба сифати вожаҳои алоҳида амал намуда, нишонаҳои асосии сатҳи аввалияи худро ҳифз мекунанд. Бад-ин тартиб, метавон вижагиҳои муайянкунандагии зерини вожа-ҷумлаҳоро дар забони англисӣ ҷудо намуд:

1. Амсилаҳое, ки аз рӯйи онҳо вожа-ҷумлаҳо сохта мешаванд, такрори амсилаҳои ҷумлаҳои маъмулӣ бо ҳифзи тартиби калимаҳои барои забони англисӣ хосбуда. Сохтори дохилии вожа-ҷумлаҳо ба воситаи аломатҳои асосии ҷумлаҳо аз қабили хабарият ва модалӣ будан муайян мешаванд.

2. Дар аксарияти вожа-ҷумлаҳо сарфи назар аз ҳадафҳои графикӣ ва морфологӣ шаклгирии қисми вожа-ҷумлаҳо тавассути вожаҳо, вале на морфемаҳо роҳандозӣ мегардад.

3.Таҳлил номутобиқатии бештари тавсифоти намуди замонии вожа-ҷумлаҳо ва ҷумлаҳои асосиро нишон дод.

Бо такя ба ин, метавон ба чунин натиҷа расид, ки вуҷуд доштани вазифаи унвонии умумии аломатҳои луғавии чунин ҷумлаҳо имкон дод, ки онҳоро таҳти истилоҳи «вожа-ҷумлаҳо» муттаҳид сохт. Вожа-ҷумлаҳо дорои таносубияти гуногуни референтӣ буда, ҳамзамон бо ин силсилаи аломатҳои муштараки дар ҳудуди микросистема ҷудошавандаро дар ихтиёр доранд. Яке аз ин аломатҳо баробарарзишии сохтори меъёрӣ ва семантикии вожа-ҷумлаҳо дар сохтори ҷумлаҳои унвонӣ мебошад. Таҳлили сохтори вожа-ҷумлаҳо нишон дод, ки вожа-ҷумлаҳо дар забон аз рӯйи сохтори семантикии муштарак бо ҷумлаҳои маъмулӣ сохта мешаванд, ки одатан дар шакли формулаи зерин пешниҳод мегарданд: *S-Modality+Propositions [V+Cases]* ***"Hush"! Yes: And bob his wife and child.***

Вожа-ҷумлаҳо дар доираи сохтори ҳам семантикӣ ва ҳам шаклӣ изоморфӣ мебошанд. Пажуҳишҳои сохтори шаклии воҳидҳо, яъне он, ки аз рӯйи кадом амсилаҳо вожа-ҷумлаҳо дар нутқ сохта мешаванд, бо истифодаи методи амсиласозӣ роҳандозӣ гардид ва он ки имкон дод, механизми умқии сохторӣ-семантикии тавлиди ҳар гуна амсилаи забоншиносӣ ошкор гардад. Изоморфӣ будани вожа-ҷумлаҳо аз лиҳози сохторӣ имкон медиҳад, ки пажуҳиши сохтори шаклии воҳидҳои ин ду сатҳ дар забони англисӣ корбаст гардад.

Дар доираи чунин амсиласозии сохторӣ вожа-ҷумлаҳо, возеҳан ба се гурӯҳи калон ё синфҳо тақсим мешаванд. Дар асоси ин тақсимот ҳам хосиятҳои детонативии ашё ва падидаҳои бо ин воҳидҳо номидашаванда ва ҳам аломатҳои дохилии вожа-ҷумлаҳо қарор доранд. Ҳамаи вожа-ҷумлаҳо аз рӯйи шакл ташкилаҳои мураккаб мебошанд.

Вожа-ҷумлаҳои синфи аввал ба денотати мураккаб ё микровазъият ҳамчун рӯйдоди аз як силсила ҷузъҳо иборатбуда далолат мекунанд. Дар ин ҳолат мутобиқат аз лиҳози денотативӣ ва сигнификативӣ ва мубрамсозии забонии онҳо ба мушоҳида мерасад.

Вожа-ҷумлаҳои синфи дувум бо денотати сода: яке аз аломатҳо, хосиятҳо, тавсифоти объектро мефаҳмонад. Робитаҳои ассотсиативӣ асоси чунин тарзи унвонисозиро ташкил медиҳад, вақте ки истифодаи як тасаввурот барои тавсифи тасаввуроти дигар ба туфайли будани хусусиятҳои муайяни монандии миёни онҳо имконпазир аст. Робитаҳои ассотсиативӣ дар аксарияти ҳолатҳо ҷанбаи муваққатӣ доранд, зеро ассотсиатсияҳо ногаҳонӣ ё таҳти таъсири қарина пайдо мешаванд.

Вожа-ҷумлаҳои синфи севум аз рӯйи сохтор ба вожаҳои сохта қаробат доранд ва онҳо аз ду, се ҷузъҳо иборатанд. Онҳоро метавон «шартан» сохта тавсиф намуд. Дар ин синф ҳамаи се ҷиҳат мавҷуданд: денотативӣ, сигнификативӣ ва нақшаи ифода ба мутобиқат наздик мешавад. Мафҳуми содаи ҳангоми унвонисозии денотати сода пайдошаванда дар нутқ, бо ёрии вожаи «шартан»-и воҳиди сохта мубрамсозӣ мегардад.

Ба ҷанбаи амалкардии вожа-ҷумлаҳо дар матн бояд таваҷҷуҳи вижа намуд. Пажуҳишҳо аз лиҳози синтагматика нишон доданд, ки вожа-ҷумла дар матн ба робитаҳои гуногуни синтаксисӣ бо дигар воҳидҳои нутқ ҳамчун ташкилаи том ба таври амалкардии ба вожа айниятдошта ворид мегардад. Ин робитаҳои синтаксисӣ аз рӯйи ҷанба бо робитаҳои синтаксисии вожаҳои маъмулӣ баробарарзиш мебошанд. Маъмултарини онҳо робитаҳои муайянкунандагӣ мебошанд ва зимнан, ҳам дар намуди пешвандӣ ва ҳам робитаи пасвандӣ бо пешванди ***“off”*** амалӣ мегарданд.

Ин намуди охирини робита дорои зарфияти бештарин аст. Ба робитаи муайянкунандагӣ, бештар аз ҳама, воҳидҳои синфи дувум шомиланд. Тавзеҳоти ин далелро бояд дар имкони корбурди чунин воҳидҳо барои номгӯи ашё ё падида ҷустуҷӯ намуд. Ҳамроҳияти вожа-ҷумлаҳо, тавре ки пажуҳиш нишон дод, бо духӯрагии бешак тавсиф мешавад, ки он бо вуҷуд доштани хосиятҳои воҳидҳои ду синф – вожаҳо ва ҷумлаҳо дар вожа-ҷумлаҳо зоҳир мегардад.

Сохтори ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, вижагиҳои ҷумлаҳои унвонӣ аз нигоҳи қиёсӣ ва забоншиносии муқоисавию таърихӣ ва типологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тақсимоти калонтарин ва муҳимми ҷумлаҳо, тақсими онҳо ба сода ва мураккаб мебошад ва он вобаста ба он аст, ки оё ба таркиби ҷумла як ё якчанд воҳидҳои нутқи дар навбати худ, аз ҷумлаҳо иборатбуда ворид мешаванд ё на.

Вобаста ба будан ё набудани субъекти амал, ҷанбаи субъект ва тарзи ташаккули мубтадо, ки аз ҳамин ҷо бармеояд, ҷумлаҳо метавонанд шахсӣ, номуайяншахс, бешахс ва унвонӣ бошанд. Аъзои ҷумлаи мавҷударо метавон басо шартӣ мубтадо ё хабар номид, вобаста ба он ки ин сараъзои ҷумла бо чи ифода шудааст, бо исм ё шакли шахсии феъл.

Бештар аз ҳама, ҷумлаҳои яктаркибаи унвонӣ тафсилӣ мешаванд, ба сифати аъзои пайрави ҷумла муайянкунандаи исм ва баъзан ифодашуда бо гурӯҳҳои калони муайянкунандаҳо баромад мекунанд.

Ҷумлаҳои унвонии ҷанбаи феълидошта дар забони англисӣ гурӯҳи начандон калонро ташкил медиҳанд, ки онҳо гурӯҳи ҷумлаҳои амрӣ мебошанд. Дар ҷумлаҳои амрӣ субъект ҳамеша шахсе мебошад, ки амр ба ӯ нигаронида шудааст, ҳарчанд ки субъект дар ҷумла ёдоварӣ намешавад. Бинобар ин, ҳарчанд ки ҷумлаи амрӣ аз рӯйи сохтори худ, бешак яктаркиба аст, ба хонанда навъи сараъзо нисбат ба ҷумлаи унвонӣ хеле возеҳтар ҷудо мешавад.

Мубтадое мустақилмаъно номида мешавад, ки бо вожа ё ибораи дорои муҳтавои муайян ифода шуда бошад. Чунин мубтадо на танҳо барои шаклгирии сохтории ҷумла лозим аст, балки барои он аст, ки бидуни он хабар маънои худро аз даст медиҳад.

Семантикаи ҷумлаҳои унвонӣ дар забони англисӣ ва маҳз маънии умумии навъии ҷумлаҳои унвонӣ - ҳолатро ***чего – кого – what (кого-либо – who),*** метавон ба тартиби зерин баррасӣ намуд, ки дар он ҷо:

1) ҷумлаҳои унвоние, ки дар онҳо амали омили номуайян, неруи идоранашаванда ва ғайра ифода мешаванд. Онҳо аз дигарон аз рӯйи семантика ба ҷумлаҳои яктаркиба қаробат доранд.

2) ҷумлаҳои унвонии ифодакунандаи ҳолати табиат ва муҳити атроф;.

3) ҷумлаҳои унвонии ифодакунандаи ҳолати ҷисмонӣ ва равонии инсон;

4) ҷумлаҳои унвонии далолаткунандаи ҳолати вобаста ба набудани чизе;

5) ҷумлаҳои бо масдар, шаклҳои феълӣ ва номӣ иртиботдошта муҳтавои арзёбии амали номбурдаи масдарро доранд, ки бо маънои ҳолати возеҳтар, ҳангоми будани «субъекти муфассал» такмил мегардад.

Вижагиҳои семантикаи ҷумлаҳои амрӣ дар забони англисӣ, масъалаи ҷумлаҳои амрӣ дар забони англисӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Аксарияти дастуршиносон моил ба чунин ақида мебошанд, ки ҷумлаи амрӣ аз сохтори дутаркиба иборат мебошад. Дар ин ҳол, мубтадои ҷумлаи амрӣ ҷонишини шахси дувум ***[you]***, эътироф мешавад, ки чун қоида ҳазф мегардад ва агар истифода шавад ҳам, фақат ҷанбаи ташдидӣ хоҳад дошт [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**,**Ошибка! Источник ссылки не найден.**,**Ошибка! Источник ссылки не найден.**]. Аммо таҳлили маводи фаровони мавҷуда нишон медиҳад, ки ба сифати мубтадои ҷумлаҳои амрӣ, на танҳо ҷонишини шахси дувум, балки дигар ҷонишинҳо ва шумораҳо низ метавонанд корбаст шаванд. Аз нигоҳи забоншиносӣ ифодашавии субъекти амр метавонад шахси номуайян, номушаххас, ё бештар аз як аъзои гурӯҳ, ё гурӯҳи пурраи одамон бошанд, ки ба онҳо амру фармоиш нигаронида шудааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки ҷумлаи навъи ***Everybody keep silent*** мантиқан, маънии ***Everybody – you, all of you whom I address – keep silent*** ва ҷумлаи навъи ***Somebody close the door*** маънои ***Somebody– one of you present – close the door –*** ро доранд**.**

Нуқтаи назари номбурда, ки ба таҳлили маводи фаровони мавҷуда асос ёфтааст, бо мулоҳизаҳои фарзиявии як силсила забоншиносони маъруф пуштибонӣ мешавад. Чунончи, Пешковский А.М. чунин мешуморад, ки дар ҷумлаҳои амрӣ исм ё ҷонишини номуайянӣ, баъзан ҳамчун ивазкунандаи ҷонишини шахси дувум ба кор бурда мешавад [11, с. 88]. Нишондиҳандаҳои шаклии он нукта ҳам мавҷуданд, ки ҷонишинҳои дар боло зикршуда дар ҷумлаҳои амрӣ ҳамчун ивазкунандаҳои ҷонишини шахси дувум идрок мешаванд. Яке аз чунин нишондиҳандаҳо истифодаи ***don't (а не doesn't***) дар сохторҳои инкорӣ бо ***anyone, anybody*** ва ғайра мебошад.

Ҳамаи тафсилоти дар боло зикршуда шаҳодат медиҳад, ки баррасии сохтаҳо на ба шахси севум мансуб аст, балки аз гуногуншаклии ҷумлаҳои амрии ба шахси дувум нигаронидашуда иборатанд.

Ҳамин тавр, аз нигоҳи забоншиносӣ ифодашавии субъекти амр метавонад шахси номуайян, (номушаххас), ё бештар аз як аъзои гурӯҳ, ё гурӯҳи пурраи одамон бошанд, ки ба онҳо амру фармоиш нигаронида шудааст. Ҷумлаҳои амрӣ бо мубтадоҳои навъи ***anybody, somebody, everybody, all*** меъёри грамматикии забони муосири англисӣ мебошанд.

Системаи тасрифи сиғавӣ, аз ҷумла сиғаи шартӣ, яке аз мураккабтарин ва печидатарин фаслҳои грамматикаи забони англисӣ мебошад, ки фарогирии он бо мушкилоти муайян тавъам аст. Системаи тасрифи сиғавии номукаммали таърихан ташаккулёфта барои забони англисӣ, ки се шакли мақулавиро дар бар мегирад: сиғаи хабарӣ (индикатив), сиғаи амрӣ (императив) ва сиғаи шартӣ (конюнктив) аз тарафи бисёр забоншиносон эътироф шудааст. Проблемаи тасрифи сиғавӣ ҳанӯз ҳам дар маркази таваҷҷуҳи дастуршиносон, ки ба ёфтани роҳи ҳалли як силсила масъалаҳои бунёдӣ муваффақ нашудаанд, боқӣ мемонад.

Ҳангоми баррасии ҷумлаҳои амрӣ дар забони англисӣ, яке аз баҳсноктарин масъала оид ба мавҷудияти мубтадо мебошад. Ба баёни дигар, сиғаи амрӣ дар сохтори ҷумлаи яктаркиба, бемубтадо ё дутаркибаи мубтадодошта чист?

Аммо таҳлили маводи фаровони мавҷуда нишон медиҳад, ки ба сифати мубтадои ҷумлаҳои амрӣ метавонад на танҳо ҷонишини шахси дувум, балки гурӯҳи дигари ҷонишинҳо, шумораҳо ва ғайра корбаст шаванд. Ба ин нукта Д.Болинҷер ҳам ишора кардааст, вақте ки ӯ дар бораи «сиғаи амрии номуайян» бо мубтадоҳои ***someone, everybody, anybody, nobody, all, some, a few*** ва ғайра менависад.

Навъҳои амалкардӣ-семантикии ҷумлаҳои унвонӣ дар забони тоҷикӣ ба проблемаҳои ҷумлаҳои унвонӣ дар забони муосири тоҷикӣ бахшида шудааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷумлаҳои унвонӣ ба навъҳои муҳим мансубанд, аммо онҳо ба сифати навъҳои баҳснок дар соҳаи ҷумлаҳои яктаркиба боқӣ мемонанд. Ин нукта, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки он то ҳол бо як истилоҳи воҳиди мавриди қабули ҳамагон ифода нашудааст. Р.Д. Салимов дар диссертатсияи доктории худ (2010) ҳамаи навъҳои ҷумлаҳои яктаркиба дар забони русиро дар қиёс бо забони тоҷикӣ муфассал таҳқиқ намуда, ба ҷумлаҳои унвонӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Р.Д. Салимов, зимнан, тавзеҳ намедиҳад, ки чаро ӯ истилоҳи

«титульное предложение»- ро пешниҳод мекунад ва бартарии истилоҳи мазкур дар муқоиса бо истилоҳҳои «номинативный» ва «назывной» дар чист [15, с. 344]. Муаллиф ба ҳалли ин масъала равиши интиқодиро интихоб карда, дар ин ҳол назарияи муҳаққиқини пешинро такмил дода, ҷумлаи унвонии яктаркибаро васеътару амиқтар тавсиф менамояд [15, с. 327-333].

Ҷумлаи унвонӣ ҳамчун навъи ҷумлаи яктаркиба фақат аз як таркиби мубтадо иборат аст ва ин ё он ашё, падида, ҳолат, макон, замонро номбар намуда, ҳамзамон бо ин, вуҷуд доштани ашёи номбурдаро тасдиқ мекунад. Дар ҷумлаҳои унвонӣ хабар вуҷуд надорад. Агар ба он хабар пайваст карда шавад, он гоҳ вай сифати худро ҳамчун ҷумлаи унвонӣ аз даст дода, ба ҷумлаи дутаркиба табдил хоҳад шуд.

Ҷумлаи унвонӣ он ашёро тавзеҳ медиҳад, ки дар замони ҳозира вуҷуд дорад. Аз рӯйи ин маънӣ метавон гуфт, ки вай фақат ба тавсифи ашёи дар замони ҳозира вуҷуддошта иртибот дорад.

Ба ман кадомаш мезебад.

–Гулобиаш ё сафедаш?

–Гулобиаш, – гуфтам ман.

–Чаро?

–Чунки гулобиаш ба рӯятон ҳамранг аст [2, с.96].

Дар ин мисол ҷумлаи унвонӣ дар забони тоҷикӣ вожаи *«гулобиаш»* мебошад, ки аз рӯйи маънои худ ранги ашёи дар ҳамон лаҳза мавҷудбударо тавсиф менамояд. Инчунин ба сифати ҷумлаи унвонии саволӣ метавон вожаи ***«Чаро?»***-ро баррасӣ намуд, ки он даъват барои ҷумлаи баъдӣ мебошад.

Аз рӯйи вазифа ҷумлаҳои унвонӣ ба ду намуд тақсим мешаванд: 1) ***ҷумлаи унвонии тавсифӣ***, ки барои тавсиф намудани ин ё он ашё, падида, макон, барои тавсифи алоҳидаи мавҷудияти онҳо, барои тасвири падидаҳои табиӣ, ки дар он ҷо амали фард тавзеҳ мегардад, ҳолати обуҳавоии табиат, барои тасвири манзара, ки дар он ҷо амалиёти афрод сурат мегирад, ё макони ашёи тавсифшаванда, барои тавсифи тадбирҳои гуногун, гирдиҳамойиҳо, барои номбаркунии падидаҳои гуногуни овозӣ, тасвири ҳолатҳое, ки макон ва замони амал ба онҳо вобастагӣ доранд, барои ифода намудани баъзе маъноҳое, ки пайдарпай баррасӣ мешаванд, корбаст мешавад Чунин ҷумлаҳои унвонӣ вижагиҳои асарҳои бадеӣ ва драматикӣ мебошанд ва дар забони гуфтугӯӣ истифода намешаванд. 2) ***ҷумлаи унвонии ишоратӣ,*** ки ба ашёи номбаршуда ишора мекунад ва ба он таваҷҷуҳ менамояд. Гӯянда барои нишон додани ашёи дур ва наздик ин навъи ҷумлаҳои унвониро ба кор мебарад.

Ҷумлаҳои унвонӣ мафҳумҳо, ашёи алоҳида, падидаҳоро номбар карда, ба замон ва макони мавҷудияти онҳо ишора мекунанд. Ҷумлаҳои пешина ва пасинаи онҳо бо онҳо робитаи наздик доранд ва он андешае, ки дар ҷумлаи унвонӣ ифода шудааст, дар он ҷумлаҳо возеҳтар мешавад. Ҷумлаҳои унвонӣ дорои оҳанги талаффузи вижаи хабарият анд, дар акси ҳол онҳо ҷумла шуда наметавонистанд. Ҷумлаи унвонӣ навъи махсуси ҷумлаи яктаркиба аст ва дар забон ба тимсоли табиӣ мавҷуд аст:

– Шаб. Чарогони беҳадду ҳисоби само чашмак мезаданд [2, с. 211].

Дар ҷумлаи унвонӣ хабар вуҷуд надорад, бинобар ин, аз ҳисоби ҳолшарҳкунандаҳо ва пуркунандаҳо тавзеҳоти муфассали он имконнопазир аст. Ҷумлаҳои унвонӣ ҳам дар шакли ҷумлаҳои сода ва ҳам ба шакли ҷумлаҳои мураккаб вуҷуд доранд. Намудҳои гуногуни исмҳо метавонанд нақши ҷумлаҳои унвониро иҷро кунанд. Бисёр исмҳои хос ва ҷинс, мушаххас ва муҷаррад ва бештар аз ҳама, исмҳои далолаткунандаи макон ва замон ба кор мераванд.

Ҷумлаи содаи унвонӣ бо матн ва дигар ҷумлаҳои ҳамҷавор иртиботи наздики маъноӣ дорад. Аксарияти маъноҳое, ки дар ҷумлаи унвонӣ ифода мешаванд, тавсифи худро дар ҷумлаҳои дигар пайдо мекунанд, ё ки бо ёрии ҷумлаҳои дигар мукаммал мегарданд. Агар ба онҳо таваҷҷуҳ гардад, аз рӯйи ин сохтор се мавқеъ – дар оғоз, дар мобайн ва дар охирро ишғол мекунанд.

Кафкӯбӣ. Тӯйхӯрон то ҳол чизе нахӯрдаанд, ба хӯрдану нӯшидан фармони раис нашудааст [2, с.170].

Тавре ки дар боло хотирнишон гардид, бисёр ҷумлаҳои унвонӣ мафҳуми нав ё андешаи нав, инчунин ашёи навро ифода мекунанд. Ин намуди ҷумлаҳо, аксаран пеш аз ҷумлаҳои дигаре ҷойгир мешаванд, ки бо онҳо робитаи семантикӣ доранд. Нахуст андешаи нав ифода ёфта ва минбаъд бо воситаҳо ва роҳҳои гуногун тавсиф ё тавзеҳ мегардад:

– ***Хомӯшӣ. Гӯё оламро сукут фаро гирифт*** [2, с. 117].

Падидаҳои ҳаммонандро метавон дар ҷумлаи соддаи тафсилӣ дучор омад, чунин ҷумлаҳо аз ҳисоби пуркунандаи бевосита ва ҳолшарҳкунандаи замон, инчунин ба воситаи дигар ҷумлаҳои сода сохта мешаванд.

Таҳлили сохторӣ-семантикии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба монандии вижа аз нигоҳи сохторӣ ва муҳтаво дар забонҳои номбурда ишора мекунад. Ин навъи вожаҳо аз рӯйи сохтор ба чаҳор гурӯҳ тасниф шудаанд: вожа-ҷумлаҳои сода, вожа-ҷумлаҳои сохта, вожа-ҷумлаҳои такрор ва вожа-ҷумлаҳои тафсилӣ.

Аз рӯйи ҷамъбасти таҳқиқот муяссар гардид, ки бештар ба забони гуфтугӯӣ ва муколама хос будани вожа-ҷумлаҳо ошкор гардад. Дар чунин намудҳои гуногуни муошират метавон ҷумлаҳоеро дучор омад, ки аз як вожа ва сохтаҳои устувори унвонии ба ҷузъҳои алоҳида тақсимнашавандаи ҷумлаҳо иборат мебошанд.

Ифодашавии вожа-ҷумлаҳо дар намуди муродифҳо ва мутазодҳои пай дар пай, аз як тараф, услуби хеле ихтисорёфтаи нутқро таъмин намуда, бо ҳамин вижагии ин услубро исбот намояд, аз сӯйи дигар, тасаввуротро дар бораи дар баъзе ҳолатҳо истифодаи ҳамзамони фикри духӯраи гӯяндаро эҷод менамояд.

Вижагиҳои вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои қиёсшаванда вижагиҳои умумӣ ва фарқкунандаи вожа-ҷумлаҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ менамояд. Вожа-ҷумлаҳо хусусияти хосси синтаксиси забони англисиро ташкил медиҳанд. Дар робита бо баҳсбарангез будани сараъзои вожа-ҷумлаҳо муаллифони баъзе пажуҳишҳо пешниҳод мекунанд, ки «истилоҳи беном»- ба ҷойи сараъзои ҷумлаи яктаркиба ба кор бурда шавад. Аммо ба ҳар сурат, ин нуқтаи назар аз тарафи илми синтаксиси муосир пазируфта нашудааст. Қобили қайд аст, ки дар ҳамаи китобҳои дарсӣ дар бахши «Синтаксис» сараъзои ҷумлаи яктаркибаи унвонӣ мубтадо ном бурда мешавад [10,13,15].

Робитаи ҷумлаҳои унвонӣ нисбат ба ҷумлаҳои ғайрифеълӣ, инчунин тасниф онҳо дар забоншиносӣ бо ҳукмронии назарияҳои феълмарказӣ муайян карда мешавад, ки тибқи онҳо унсури марказии ҳар гуна калом феъл мебошад ва ҳар гуна сохтаи бидуни феъл осебпазир ба шумор меравад [15, с. 330].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки набудани феъл дар баъзе ҷумлаҳо сиришти системавии забонӣ дорад. Ба ақидаи муаллиф вожа-ҷумлаҳо ба ҷумлаи сохтаҳои усулии бидуни феъл мансуб мебошанд. Вожа-ҷумлаҳо ҳамчунин ҷумлаҳои яктаркибае мебошанд, ки сараъзои онҳо бо исм ё ҳиссаи нутқи мустақилмаъно ифода шудаанд ва он дар забони русӣ падежи номӣ (именительный падеж) буда, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вожа дар шакли номӣ корбаст мегардад. Сараъзо метавонад бо ибора ҳам ифода гардад, аммо вожаи меҳварии он бояд ҳатман шакли падежи номиро дошта бошад. Дар илми синтаксиси забони англисӣ ҳам нуқтаи назари ягона оид ба навъҳои семантикӣ-амалкардии вожа-ҷумлаҳо вуҷуд надорад. Дар забоншиносии англисӣ нишонаи асосии грамматикии вожа-ҷумлаҳо сиришти морфологии сараъзои онҳо ба шумор меравад.

Вожа-ҷумлаҳо ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ рӯйдодҳои замони ҳозираро ифода мекунанд. Бо роҳи номбаркунии ҷузъиёти асосии «ашёӣ» дар бораи вижагиҳои вазъият иттилоъ дода, ҷумлаҳои унвонӣ ҳамеша ба модалӣ будани яке аз маъниҳои замони ҳозира далолат мекунанд. Дар матнҳои тасвирии нақлии бадеӣ муҳтавои ҷумлаҳои унвонӣ ба нақшаи унвонӣ мутобиқат доранд.

Бад-ин тартиб, нишонаҳои асосии грамматикии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ «яктаркиба будани сохтор, сиришти морфологии сараъзо, тарзи талаффузи хос, аъзогии синтаксисӣ мебошад» [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с. 54].

Вожа-ҷумлаҳо дар забони тоҷикӣ ба таҳлилу тафсири вожа-ҷумлаҳо аз лиҳози сиришти синтаксисӣ дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Вожа-ҷумлаҳо яке аз навъҳои сохторӣ-семантикии ҷумлаҳои яктаркиба дар забони адабии муосири тоҷик мебошанд. Вожа-ҷумлаҳо дар асарҳои таҳқиқотии Б. Ниёзмуҳаммадов, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, М. Норматов, Ш. Рашидов Р.Д. Салимов ва дигарон мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтаанд [10,13,15]. Аммо ҳангоми ҷудокунӣ ва тасвири вожа-

ҷумлаҳо донишмандони номбурда аз мавқеъҳои гуногун ба масъала муносибат намуда, ба натиҷаҳои гуногун расидаанд. Ба навъи мустақили семантикӣ-сохторӣ мансуб намудани вожа-ҷумлаҳои забони тоҷикӣ бешакку шубҳа аст, аммо дар масъалаи муайян намудани сиришти вожа-ҷумлаҳо, ба навъҳо ва зернавъҳо тақсим намудани онҳо ҳанӯз бисёр нуктаҳои ҳалнашуда ва баҳснок мавҷуданд.

Дар забоншиносии тоҷик дар мавриди яктаркиба будани сиришти ҷумлаҳои унвонӣ ақидаҳои қобили баҳс нестанд. Ҳамаи пажуҳишгарон таъкид мекунанд, ки дар сохтори вожа-ҷумлаҳо фақат як сараъзо – мубтадо мавҷуд аст.

Вижагии грамматикии ҷумлаҳои мазкур ифодашавии сараъзои онҳо бо исм бидуни вожаи ёридиҳандаи хабарӣ мебошад, хабарият дар ин гуна ҷумлаҳо танҳо ба воситаи оҳанги талаффуз амалӣ мегардад

Ба исм табдилшавии сараъзо дар вожа-ҷумлаҳо шаҳодати мушаххас меёбад, яъне ҷонишин нишонии ашёи мушаххас ё синфи ашё мегардад. Шакли грамматикии сараъзои ҷумлаҳои унвонӣ ҳамеша ҷумларо ҳамчун тасдиқӣ, боэътимод ва ҳамаро муваққатӣ тавсиф менамояд. Вожа-ҷумлаҳо дар забони тоҷикӣ фақат аз рӯйи як амсилаи «N» пешниҳод шудаанд. Албатта, ҷумлаҳои унвонӣ бо доштани ҳудуди муайяни сохторӣ, метавонанд танҳо иттилои навъи махсус – номишавии одии ашёро ҷойгир намоянд. Аммо онҳо дар он асос ҷумла номида мешаванд, ки дорои хабарият ва ҳошияи оҳанги талаффузӣ буда, метавонанд бо ҳамроҳшавӣ ҷумлаҳои дигар шомили ҳадафи нақлӣ бишаванд. Аз лиҳози грамматикӣ онҳо ҳамон гуна воҳидҳои иртиботии забонӣ мебошанд, ки дигар навъҳои ҷумлаҳо ҳастанд.

Дар забони тоҷикӣ пажуҳишҳои рисолавии махсуси ба ҷумлаҳои унвонӣ бахшидашуда вуҷуд надоранд. Аммо дар таҳқиқоти ба синтаксиси ҷумлаҳои сода бахшидашуда баъзе вижагиҳои семантикӣ-сохтории вожа-ҷумлаҳо ҳам баррасӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Ш.Рашидов «Ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар забони адабии муосири тоҷик», инчунин асари М.Норматов ва Ш.Рашидов «Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба» бештар арзишманд мебошанд. Масъала оид ба ҷумлаи унвонӣ дар китобҳои дарсӣ ва васоити таълимии забони адабии тоҷикӣ ва инчунин дар грамматикаи илмии забони адабии муосири тоҷик инъикоси худро ёфтааст. Аммо, тавре ки таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда нишон медиҳад, дар забоншиносии тоҷик масъалаи оид ба сиришти вожа-ҷумлаҳо ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқнашуда боқӣ мемонад. Ш.Рашидов дар таҳқиқоти худ чунин таърифи ҷумлаҳои унвониро додааст: «ҷумлаҳое, ки дар онҳо ашё номбар шуда, аммо ҳолати он тавзеҳ намешавад, ҷумлаҳои унвонӣ номида мешаванд» [13, с. 25]. Ва минбаъд овардааст: «дар вожа-ҷумлаҳо будан, мавҷудияти рӯйдод ё ашёи номбаркунандаи сараъзо тасдиқ карда мешавад» [13, с. 28]. Ш.Рашидов муътақид аст, ки «ашё, рӯйдод ва ғайра дорои кадом як аломати номуайян мебошанд» ва дар ин робита натиҷагирӣ мешавад: «… нодуруст мешуд, агар ба вожа-ҷумлаҳо хабар илова карда шавад, ба мубтадо ин ё он аломат ё ҳолат илова карда шавад» [13, с. 27].

Ба ақидаи муаллифи таҳқиқот муфид мебуд, агар ба ин проблема бори дигар ба як сарчашма, яъне ба забони форсӣ – хешованди наздики забони тоҷикӣ муроҷиат карда шавад, ки дар он забон ҳам вожа-ҷумлаҳо ба сифати навъи сохторӣ-семантикии мустақили ҷумлаҳои яктаркиба ҷудо карда шудааст. Чунончи, масалан, Ю.А.Рубинчик ҳисоб мекунад, ки «вожа-ҷумлаҳо навъи сохторӣ-семантикии мустақили ҷумлаҳои яктаркиба мебошанд ва қайд мекунад, ки ба вожа-ҷумлаҳо ҷумлаҳои яктаркибае мансубанд, ки сараъзои онҳо ба будан, мавҷудияти ашё ва падида далолат карда, бо исм, ҷонишини шахсӣ, ҳиссаи нутқи исмшуда, инчунин ибораи якҷояи миқдорӣ-исмӣ ифода шуда бошанд» [15, с. 100-105].

Тавре ки аз тафсилоти дар боло зикршуда маълум мешавад, таҳлили адабиёти илмӣ ва дигар нахустмаъхазҳои ба масъалаи ҷумлаҳои унвонии забони тоҷикӣ бахшидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаи мазкур фақат дар адабиёти забоншиносӣ матраҳ гардида, аммо ба таври бояду шояд инъикос нашудааст, тавсифи тафриқашудаи ҳамаи ҷанбаҳои синтаксисии он ҳанӯз матраҳ нагардида, инчунин ҳанӯз амсилаҳои типологии тавсифкунандаи вижагиҳои семантикӣ ва грамматикӣ, таркиби сохтории ҳамин навъи ҷумлаҳо ҷудо нашудаанд, ҳарчанд ки ҳар як муаллиф мунтазам иттилооти лозимиро такмил мекард.

Тавре ки пажуҳиш нишон дод, ҳамроҳияти вожа-ҷумлаҳо бо духӯрагии бешубҳа тавсиф мешавад ва дар мавҷудияти хосиятҳои воҳидҳои ду синф – вожаҳо ва ҷумлаҳо зоҳир

мегардад. Ҳамаи се синфи вожа-ҷумлаҳо дорои баъзе тафовутҳо дар ҳамроҳияти грамматикӣ ва луғавӣ мебошанд, ки он аз ҳолати ҳар як синф дар микросистемаи ин воҳидҳо вобастагӣ дорад. Аммо ин тафовутҳо чандон зиёд нестанд. Муҳим он аст, ки ҳамаи вожа-ҷумлаҳо, куллан метавонанд тавассути маҷмуи умумии хосиятҳои ҳамроҳият тавсиф шаванд ва он ҳамаи вожа-ҷумлаҳоро ҳамчун воҳиди як микросистемаи забон тавсиф менамояд. Ҷумлаҳое, ки тасдиқ ва инкорро ифода мекунанд, асосан аз воситаҳои муайяни ёридиҳанда дар нақши ҳиссачаҳо (дар мисоли ҳиссачаҳои ***«ҳа»*** ва ***«не»*** дар забони тоҷикӣ) истифода мекунанд. Ҳангоми ифода намудани розигӣ ё норозигӣ, ё барои инъикоси робитаҳои модалӣ-отифавӣ ҳиссачаҳо, нидоҳо ва вожаҳои модалӣ ба кор бурда мешаванд.

Муқарриз: ***Раҳимов М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин, В.Д. Типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва русӣ / В.Д. Аракин. – М., 1989. –
2. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 1-2. / С. Айнӣ. – Душанбе, 1962 – 414 с.
3. Беляева, М.А. Грамматикаи забони англисӣ / М.А. Беляева. – М., 1977. – 333 с.
4. Блох, М.Я. Назарияи грамматикаи забони англисӣ / М.Я. Блох. – М., 1986. – 383 с.
5. Бабайцева, В.В. Ҷумлаҳои яктаркиба дар забони муосири русӣ / В.В. Бабайцева. – М, 1968. – 221 с.
6. Бархударов, Л.С. Сохтори ҷумлаи содда дар забони муосири англисӣ / Л.С. Бархударов. – М., 1966. – 200 с.
7. Ильш, Б.А. Сохти забони англисии муосир / Б.А. Ильш. – Л., 1971. – 366 с.
8. Каушанская, В.Л. и забони англисӣ / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер. – Л., 1973. – 319 с.
9. Молчанова Г.П. Баъзе вижагиҳои семантикаи ҷумлаҳои амрӣ (аз рӯйи маводи забони англисӣ) Медвуз. об. науч. тр. / Г.П. Молчанова. Калининский гос. ун-т. – Вып.4. – Калинин, 1976. – 161 с.
10. Норматов, М. Омӯзиши ҷумлаҳои соддаи яктаркиба / М. Норматов, Ш. Рашидов. – Душанбе: Маориф, 1988 – 152 с.
11. Пешковский, А.М.Синтаксиси забони русӣ дар тафсири илмӣ / А.М. Пешковский. – М., 1956. – 511 с.
12. Почепцов, Г.Г. Грамматикаи назариявии забони муосири англисӣ / Г.Г. Почепцов. – М., 1981 – 286 с
13. Рашидов, Ш. Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба дар забони адабии муосири тоҷик: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ / Ш.Рашидов. – Душанбе, 1969. – 32 с.
14. Рубинчик, Ю.А. Забони муосири форсӣ / Ю.А. Рубинчик. – М.: Изд. Восточная литература, 1960. – 234 с.
15. Салимов, Р.Д. Сохтор ва семантикаи ҷумлаҳои яктаркиба дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ / Р.Д. Салимов. – Душанбе: РТСУ, 2010. – 399 с.

ТАВСИФИ УМУМИИ НАМУДҲОИ ВОЖА-ҶУМЛАҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ҚИЁСШАВАНДА

Дар мақолаи мазкур бори аввал масъалаҳои сохтор ва семантикаи вожа-ҷумлаҳо аз лиҳози забоншиносии типологӣ ва қиёсӣ мавриди омӯзиши илми қарор дода шудааст. Илова бар он, нахустин маротиба мақоми мақулавии (категориалӣ) вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ошкор ва исбот карда шуда, таҳлили сохторию семантикӣ ва амалкардии воҳиди забонии номбурда аз лиҳози системаи байнизабонӣ ва дохилизабонӣ амалӣ гардидааст. Тавсифи вижагиҳои сохторию семантикии вожа-ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ роҳандозӣ гардида, дар асоси он таснифи сохторию семантикии гурӯҳи воҳидҳои синтаксисии мазкур пешниҳод шудааст. Аҳаммияти таҳқиқот, ҳамчунин дар такмили консепсияи илмӣ оид ба ҷанбаи системавӣ доштани вожа-ҷумлаҳо дар забон аст. Натиҷаҳои пажуҳиш ба густариши минбаъдаи тасаввурот дар бораи сохтор, семантика ва амалкарди вожа-ҷумлаҳо дар системаҳои забонҳои муқоисашаванда мусоидат намуда, инчунин имкон медиҳад, ки дар ҳаллу фасли проблемаҳои умумии семантикаи забоншиносӣ, забоншиносии сохторӣ ва амалкардӣ саҳмгузор бошад.

Калидвожаҳо: грамматика, семантика, ҷумлаҳои хабарӣ, ҷумлаҳои инкорӣ, ҷанба, адресат, хусусиятҳо, сиға.

ОСОБЕННОСТИ СЛОВ-ПРЕДЛОЖЕНИЙ В СОПОСТАВЛЯЕМЫХ ЯЗЫКАХ

В настоящей статье проведено научно-обоснованное исследование по установлению специфики функционирования и структуры слов-предложений и номинативных предложений в языке. В этом плане впервые вопросы структуры и семантики слов-предложений подвергаются исследованию в современном таджикском языкознании в плане типологического и сопоставительного исследования. Наряду с этим, впервые выявлен и доказан категориальный статус слова-предложения в таджикском, английском и русском языках и реализован структурный и функционально-семантический анализ данной языковой единицы в плане её межъязыковой и внутриязыковой системы. Проведено подробное описание структурных и семантических особенностей слов-предложений в таджикском, английском и русском языках и на основе этого предложена структурно-семантическая классификация данной категории синтаксических единиц. Данное исследование способствует дальнейшей разработке общей теории и методики сопоставительного, и типологического изучения слов-предложений в разноструктурных языках. Важность исследования заключается также в совершенствовании научной концепции о системном характере слов-предложений в языке. Результаты исследования содействуют дальнейшему углублению представлений о структуре, семантике и функционировании слов-предложений в системах сравниваемых языков, а также позволяют внести

определенный вклад в решение общих проблем лингвистической семантики, структурной и функциональной лингвистики.

Ключевые слова: грамматика, семантика, утвердительные предложения, отрицательные предложения, аспект, адресат, особенности, наклонение.

THE PROPERTIES OF WORDS-SENTENCES IN THE COMPARED LANGUAGES

It is carried out the scientifically grounded research on establishment of specificity of functioning and structure of words-sentences and nominative sentences in language. In this regard, for the first time the questions of structure and semantics of words-sentences are subjected in modern Tajik linguistics in terms of typological and comparative linguistics. At the same time, for the first time the categorical status of word-sentences in Tajik, English and Russian languages is revealed and proved, and the structural and functional-semantic analysis of this language unit in terms of its intra-linguistic system is realized. A detailed description of the structural and semantic features of the words-sentences in the Tajik, English and Russian languages and on the basis of this proposed structural and semantic classification of this category of syntactic units. This study contributes to the further development of the General theory and methodology of comparative and typological study of word sentences in different languages. The importance of the study is also to improve the scientific concept of the systemic nature of words and sentences in the language. The results of the study contribute to the further deepening of ideas about the structure, semantics and functioning of word-sentences in the systems of compared languages, as well as contribute to the solution of common problems of linguistic semantics, structural and functional linguistics.

Keywords: imperative, grammar, semantics, affirmative sentences, negative sentences, aspect, addressee, features, inclination.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исматуллоева Парвина Рақабалиевна*** –Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., ассистент, кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроғa:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 903-02-45-85**

Сведения об авторе: ***Исматуллоева Парвина Раджабалиевна*** – Таджикский национальный университет, к.ф.н., ассистент, общеуниверситетская кафедра английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 903-02-45-85**

Information about the author: ***Ismatulloeva Parvina Rajabalievna*** - Tajik National University, Candidate of Philology, assistant of the Department of English language. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 903-02-45-85**

ТДУ: 491.550 (575.3)

БАРРАСИИ ХУСУСИЯТҲОИ ЛАҚАБГУЗОРӢ ДАР ЗАБОНИ ЗИНДАИ ХАЛҚ

Каримова З.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони халқ таъриху фарҳанг ва урфу одати мардум акси худро меёбад. Омӯзиши қабатҳои луғавии забон барои бозгӯии бисёр масъалаҳои мубрам замина фароҳам меорад. Лақабгузорӣ миёни мардуми дунё таърихи куҳан дорад. Дар баробари номи инсон, лақабҳо барои ифодаи эҳсоси фард дар гуфтори ҳаррӯза ба кор бурда мешаванд. Таҳқиқи шаклгириву ташаккул ва меъёрҳои лақабгузорӣ дар забоншиносӣ, аз ҷумла русҳо, диққати моро ба худ ҷалб менамояд, ки ба ҷанбаҳои асосии лақабгузорӣ олимони соҳа таваҷҷуҳи бештар равона сохтаанд [1; 10; 9; 2].

Дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи хусусиятҳои забонии лақабҳо ба таври мукаммал анҷом напазируфта, баъзе асару мақолаҳои арзишманд барои омӯзиши ин қисмати луғавӣ замина фароҳам меоранд.

Олими барҷастаи рус А.М. Селишев дар асари худ ки ба таърихи пайдоиши лақабгузорӣ дар забони русӣ бахшида шудааст, дар бораи пайдоиш, семантика ва сохтори лақаб фикрҳои ҷолиб баён намуда, бо ҳамин дар пешрафти илми лақабшиносӣ ҳиссаи калон гузоштааст [8, с.261].

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Ш. Ҳайдаров “Лақаб” гурӯҳи махсуси антропонимҳоро ташкил медиҳад ва боигарии фарҳангии ҳар халқҳо ба ҳисоб рафта, қисмати муҳимми таркиби боигарии луғавии забон арзёбӣ мегардад [13, с.105-113]. Инчунин, муҳаққиқ Ш. Ҳайдаров дар мақолаи худ лақабҳои сокинони деҳаҳои минтақаи шимоли Тоҷикистонро дар асоси маводи ҷамъовардааш аз деҳаҳои ноҳияҳои Ашту Айнӣ аз ҷиҳати маъноӣ таҳқиқ намуда, ба гурӯҳҳои фардӣ, оилавию авлодӣ ва умумию марзӣ ин қабати луғавиро ҷудо кардани ӯ боиси таваҷҷуҳ мебошад [14, с. 263-273].

Дар адабиёти хаттӣ низ лақабгузорӣ таърихи куҳан дорад. Аз баррасии адабиёти классик ва навини тоҷик бармеояд, ки шоирону орифон ба худ лақабҳои хос доштанд. Ин масъала низ диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Роҷеъ ба ному лақаби персонажҳои асарҳои бадеии устод Айнӣ мақолаи забоншинос А. Қаландаров таҳти унвони «Мавқеи услубии ному лақаб» ба табъ расидааст [4].

Омӯзиши омилҳои лақабгузорӣ ва баррасии тобишҳои маъноии онҳо дар асоси гӯйишҳои тоҷикӣ мавзуи нав буда, вобаста ба табиати забони зиндаи халқ лақабгузорӣ дорои шаклгириҳои хоссаи сарфиву наҳвӣ мешавад, ки омӯзиши меъёрҳои забонии он муҳим ба шумор меравад. Дар мақола ба таври мухтасар лақабҳои ифодагари аломатро дар асоси маводи гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро вобаста ба шаклу маъно ва хусусиятҳои дигар тасниф ва бозгӯӣ менамоем. Бори аввал таснифоти лақабҳои занона ва мардона бо тобишҳои маъноӣ ва сохти морфологӣ дар асоси маводи гӯйишҳои ҷанубӣ бозгӯӣ мешавад. Дар гӯйишҳои тоҷикӣ асолати забон садсолаҳо маҳфуз мемонад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инкишофи забони адабии тоҷикиро аз ҳисоби гӯйишҳо борҳо таъкид намудаанд: «Шевашиносону хатшиносон чорачӯӣ намоянд, то ки дар асоси калимаву ибораҳои зебову шевои бостониамон нуқсу камбудиҳои забони имрӯзаамонро бартараф сохта, онро боз ҳам ғанӣ гардонем. Дар раванди таҳияи дастурҳои истилоҳсозӣ ба лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ, ки ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд, бояд таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад. Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд».

Лақабҳо антропонимҳои ғайрирасмӣ мебошанд, ки дар ҳаёти ҳаррӯза ба кор бурда мешаванд. Онҳо барои дақиқтар тасвир кардани хусусият ва шакли зоҳирии шахси номбаршуда истифода мешаванд. Дар ҳаёт аксар вақт лақабҳо ба ҷойи ном корбаст

мегарданд. Хусусан, дар деҳот шахсро агар бо номаш нашиносанд, ҳатман бо лақабаш ӯро мешиносанд. Дар забоншиносии тоҷик мавзуи лақабгузорӣ бояд ба таври комплексӣ омӯхта шавад. Маҳз дар ҳамин замина шаклгириҳои воҳидҳои забонӣ бозгӯӣ шуда, урфу одат ва фарҳанги мардумӣ ба таври дақиқ арзёбӣ мегардад.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мафҳуми лақаб чунин шарҳ ёфтааст: «Лақаб номи иловагие, ки ба кас аз рӯйи сифати нек ё бад, ё аз рӯйи ягон кораш дода мешавад (*муқ.* **тахаллус**, ки худи шахс интихоб мекунад); унвон: **лақаб гирифтан, лақаб гузоштан, лақаб додан, лақаб доштан, лақаб мондан, лақаб ниҳодан; лақаб равшантар аз ном аст** (*мақ.*) лақаб чигунагии шахсро беҳтар аз ном ифода мекунад» [12, с.702]. Ин мазмун ба таври дигар дар «Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ» маънидод шудааст: «***Лақаб*** – (ар.- унвон, номи илова)» – сифатҳое, ки ба тариқи ҳазл ва шӯхию мазаммат ба ном, фамилия ва ё тахаллуси шоиру нависанда илова карда мешавад. Лақаб хислат, касб ва ё одати хосси он шахсро ифода менамояд. Чунончи, Аҳмади Донишро барои каллаи калонаш Аҳмади **калла** мегуфтанд. Ба баъзеҳо касбу ҳунарашонро ҳамроҳ мекарданд. Фитрати **Зардӯз** (бинобар касби зардӯзӣ), Абдулқодир хоҷаи **Савдои пишак** (аз сабаби пишакро дӯст доштан) ва ғ. [6, с. 56-57].

Лақабҳо дар баробари ифодаи аломатҳои зоҳириву ботинӣ хусусияти услубии гуногунеро низ дар худ инъикос менамоянд, ки ин нуктаи муҳимро дар адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ ба таври фаровон мушоҳида менамоем.

Дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ лақабҳои ифодагари аломат мавқеи муҳим доранд [15]. Ин масъала диққати забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Забоншиносон С. Ҳалимов ва Н.Шукурова қайд намудаанд: «Дар байни гурӯҳҳои калимаҳои мавҷудаи забон ду категорияи калон буда, дигар категорияҳо дар атрофи он муттаҳиданд. Яке аз онҳо ҳодиса ва предмет (исм) буда, баъд аломатҳои он: сифату хусусият, миқдору тартиб ва дигаре амалу хосияти он аст» [14, с.15].

Лақабгузории мардона ва занона бо бисёр хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқ дошта, дар лақабҳои мардона бештар хусусиятҳои устуворӣ, ҷасурӣ ва нотарсии онҳо ифода шуда, дар лақабҳои занона заковат, нафосат ва кордонии занон ифода мегардад: Салими **Гург (**Ёл**);** Сафари **Ғърк (**Мулёб) – марди солиму бардам, яъне мустаҳкам ҳам буд. Калимаи **ғърк** (ғърк) –дар лексикаи Тагноб ба маънои фарбеҳ ба кор бурда мешавад. Дар ҳамин деҳоти Мулёб ҳам ба ҳамин маъно аст; Бобои **Чуян. (**Хирманҷо) – номи асосии ин шахс Мисралӣ мебошад. Мис- унсури химиявист, ки аз он зарфҳои гуногун месозанд. Бобои Чӯян, ки марди боқувват будааст, ба ӯ лақаби Чӯян гузоштанд; Давлати **Тунба** (Доғистон) – ин марди хеле марди ботамкин ва боқувват буд. Бо танумандии худ боре дари хонаро бо пушт мустаҳкам нигоҳ медорад ва даҳҳо нафар онро кушода наметавонанд. Низораи **Мърғун** (Порвор) – ин зан ба парвариши мурғ машғул буд; Карими **Занбӯр**. (Порвор) –аз сабаби ҳушёр буданаш, ба ӯ чунин лақаб гузоштанд; Фаризаи **Бузаки Ҷингилапо** (Порвор)- аз сабаби ҳушёриву зиракӣ ба ӯ чунин лақаб гузоштанд.

Корбасти лақабҳои мардонаи ифодагари аломат дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда бештар ба назар мерасанд. Дар ин навъи лақабҳо бештар аломати зоҳирӣ ва хусусиятҳои ӯ акс меёбад: Зоири **Кабуд** (Порвор); Раҳматуллои Қоқък **(**Ёл**);** Сулаймони **Сурх (**Ёл); Мирзомади **Айёр** (Ёл); Наими **Бухчък** (Хоҷағалтон) –ҳамеша дар дасташ бухча дошт.

Лақабгузорӣ бо сабабҳои воқеӣ сурат мегирад: лақабҳо ба аломатҳои гуногуни инсонӣ, нек ва бад далолат мекунанд. Дар лақабҳои ифодагари аломати мардона ифодаи қаҳру ғазаб ва ё сарзаниш низ ба мушоҳида мерасад Алии **Сиёҳ (Ёл);** Нуруллои **Поп** (Ёл) – шахси ба тану туш (яъне бузбала); Търгичи **Соҷида**. **(Ёл).** Дар истилоҳи мардуми Тагнобу Ёл зан ё марде, ки лабҳои кӯтоҳ дораду дандонҳояш намоён, яъне моил ба ханда аст, търгич мегӯянд; Бадарғаи **Плелък** (Порвор**)** –одами аз ҳад зиёд содаро мегӯянд**;** Қосими **Калағавс** (Порвор) –сараш калон буд; Мадикроми **Ҷмбък** (Порвор) – аз нигоҳи шаклу шамоил фарбеҳи тануманд буд.

Ба андешаи муҳаққиқи рус маҳз дар лақабҳо эҳсоси инсон ба таври воқеӣ ифода гашта, маҳз ҳамин омил боиси истифодаи устувори онҳо гаштааст [3, с. 21].

Дар гӯйишҳои мазкур лақабҳои занонаи ифодагари аломат мавқеи муҳим доранд: Начафмоҳи **Зоғнулбинӣ** (Порвор); Озодаи **Қоқ** (Ёл); Давлатбии **Плелък** (Порвор) –одами аз ҳад зиёд содаи сустро мегӯянд; Давлати **Тунба** (Доғистон) –ин марди хеле ботамкин ва

боқувват буд. Кадом вақте дар паси дар Тунба шуда истодааст. Нафароне, ки дар дохил буданд баромада натавонистанд. Аз ҳамон вақт ба ӯ лақаби «Тунба»-ро гузоштанд; Давлатбии **Лаълун** (Порвор). Истилоҳи Лаълун дар лаҳҷаи Порвор шахси аз ҳад зиёд содаи сустро мегӯянд; Ҳафизаи **Кафчок** (Порвор) –ҳангоми сухан кардан аз даҳонаш кафк берун мешавад; Шарифаи **Хугсмъб** (Хоҷағалтон) –андозаи пойҳояш бисёр калон буд.

Дар ин навъи лақабҳо ҷойи ҷузъҳо устувор нест. Қъши Гулсун (Порвор) –аз сабаби ноқисии узви бадан, чунин лақаб гирифтааст; **Чалапи** Холбӣ **(Ёл)** –даступопеч касе, ки дар ин ё он сӯ бармехӯрад ё ягон чизро аз дасташ меафтонад, ӯро **чалап** (яъне чалфъс) мегӯянд. Ба андешаи забоншинос С. Қурбонов: "Муайянкунандаҳои пешмавқеъ бо тобиши маъно аз ҳолати пасмавқеӣ фарқ доранд. Дар ин навъ ибораҳо ҷузъи тобеъ, ки бо сифат ифода ёфтааст, аломати муайяншавандаро бо тобишҳои маъноии предметӣ эзоҳ медиҳад. Ин тарзи алоқамандшавии муайяншаванда бо муайянкунанда дар забони адабӣ ва дар бархе аз лаҳҷаҳо низ мустаъмал буда, омӯзиши ин масъала аз мадди назари муҳаққиқони забоншинос дур намондааст. Пеш аз ҷузъи асосӣ омадани калимаи тобеъ вазифаи услубӣ дошта, дар натиҷаи ин тарзи иборасозӣ мақсади сухангӯ пурра ифодаи худро меёбад" [5, с.39].

Дар лаҳҷаҳо вобаста ба табиати забони зиндаи халқ бо калимаҳои мансуби ғайриинсонӣ ифода кардани лақабҳо маъмул аст: **Абдурасули Кавг (кабкбоз)** (Ёл) – ӯро дар бачагияш падару модараш кавг ном мебурданд; **Абдураҳими Чучк** (чучък) **(Ёл)** – ӯ дар деҳа бо номи Бобои чучък маълум аст. Бобои чучк занҳои зиёд дошт. Аз ҳисоби бисёр будани авлодҳояш (фарзандҳояш) ӯро чучк мегуфтанд; **Рачаби Келаск** (Ёл). Афти рӯяш ба келаск монанд буд; **Бобохони Паланг** (Мулёб) – марди ботамкину ҳушёр буд. Ба андешаи мутахассиси бахши лақабгузорӣ, олими рус Н.Ф. Сумсов хушахлоқӣ ва эҳсоси ҳаҷву чобукии инсон дар лақабҳо ифода меёбад: [11, с.216].

Баъзе лақабҳои ифодагари аломат ниёз ба шарҳи маъноӣ доранд: Орифи **Муш** (Доғистон) – ба монанди муш чаққону чобук буд; Сафари **Гов** (Доғистон) –бисёр марди пайкара, паҳлавонсифат, марди базеб буд. Кору бори ҳалол дошт. Вақте ки молро дар айёми даҳмардагияш ба ягон ҷойи дур мебурд, дар роҳ ягон гӯсфанд ё хар дар чуқурӣ ё дар роҳ меафтид, ҳамонро худаш танҳо кашида мебардошт. Барои ҳамин одамон инро дида аз боқувватияш ба ӯ лақаби «Гов» -ро гузоштанд; **Шамси Мор (Мулёб**) –ин мард дар вақташ аз мор сахт тарсида буд. Аз ин рӯ, ба ӯ лақаби морро мегузоранд; **Миралии Индук (**Хоҷағалтон) –қадду қомати баланд дошт ва роҳгардияш хосса буд; Сайдалии **Гург** (Мулёб) – ин мард вақте ки аз хизмати аскарӣ бармегардад, оилааш (занаш) ба хонаи падару модараш қаҳр карда рафта буд. Ӯ аз ин хабар ёфта, зуд мераваду оилаашро меорад. Ҳамсояҳо хушёриву чаққонии акаи Сайдалиро дида ба ӯ чунин лақаб гузоштанд; Наими **Кайк (**Хоҷағалтон) – дар Саричашма дар мавриди кори носазо ба даст меафтад, мепурсанд, ки ин ҷо чӣ кор мекунӣ, дар ҷавоб мегӯяд, ки кайкҳо газиданд, аз ҳамин сабаб ба хона даромадам.

Вобаста ба тобишҳои маъноӣ лақабҳоро метавон ба ду гурӯҳ тасниф намуд:

а) Лақабҳои ифодагари аломатҳои манфӣ: Соҳибназари **Кӯз** (кӯзапушт) (Ёл); Шали Алам (Ёл); Абдураҳмони Търтақ (Порвор) – аз сабаби ноқисии узви бадан, яъне биниаш пачақ буд; Мадикроми **Қмбък** (Порвор) – шаклу шамоилаш фарбеҳи солим буд.

Дар ин навъи лақабҳо танбалӣ, ҳаннотӣ ва аломатҳои дигари манфии инсон ифодаи худро меёбад: Қурбомади **Фък** (Порвор) –марди ҳавобаланду мутакаббир (яъне фукаш баланд) буд; Ашӯри **Чулоқ (Ёл)**; Салими **Банг** (Порвор) – аз сабаби аз синни хурдсолиаш сигоркаш будан, машрубот нӯшидан ба ӯ чунин лақаб гузоштанд**;** Шайдуллои **Абох** (Порвор) – ниҳоят одами сусту танбал будааст; Исмоили **Девна** (Порвор); Салими **Сағал** (Порвор) – аз сабаби беҳад лоғар буданаш ба ӯ чунин лақаб гузоштанд.

Дар ин гурӯҳи луғавӣ корбасти калимаҳои хосси шева низ зиёд ба назар мерасад: Гадои **Ҷалдък** (Порвор) – бо сабаби ҷангара буданаш (бениҳоят ҷал дошт); Назармади **Дохък** (Порвор) – ҷуссаи фарбеху қади паст доштанаш; Сафари **Ғърк** (Мулёб) – марди солиму бардам, яъне устувору тануманд будан; Назари **Аррок** (Хоҷағалтон) – ин мард чун ҳайвон аррос мезад; Фарходи **Геч (**Мулёб) – ӯ шахси пургӯ ва сергап будааст**.** Истилоҳи **геч** дар лексикаи Тагноб ба маънои сухани беҳуда, пургӯ, сергап ба кор бурда мешавад. Дар деҳаи Мулёб ҳам ба ҳамин маъно аст; Мараими **Тайлоқ (**Хоҷағалтон) –аз ҳисоби бузбалаю

боқувват буданаш ба ӯ чунин лақаб гузоштанд; Мирзомади **Фнъгӣ (**Хоҷ), ба бинияш гап мезаданд; Сафари **Качал.** (Порвор**)** аз сабаби носолим будани бадан (яъне пойҳояш мелангид); Сафари **Пухсой (**Порвор**)** – аз сабаби қадаш паст будан.

Баъзе шаклҳои ифодагари аломат ниёз ба шарҳи маъноӣ доранд: Муроди **Дакан (**Порвор**) – ҳ**ангоми роҳ гаштан ба мисли дакан ҳавоӣ –ҳавоӣ роҳ мегашт; Шамси **Мор (Мулёб**) – дар вақташ аз мор тарсида буд; Марасули **Брак (Мулёб**) –вақте ки ин мардро аз вазифа мегиранд, аз ӯ мепурсанд, барои чӣ аз вазифа гирифтанд, ӯ посух медиҳад ки “ман дигар брак – нокора шудаам”. Истилоҳи **брак** дар бархе аз лаҳҷаҳо ба маънои чизи куҳна, нолозим ба кор бурда мешавад; Маназари **Бузург** (Хирманҷо) – аз ҳисоби сахту мумсик буданаш ӯро маҷозан бузург мегӯянд; Раҳмоналии **Ховбурдек** (Анҷироб) – ӯ касби омӯзгорӣ дошт, айни ҳол ӯ ба нафақа баромадааст. Устод бисёр марди хоболуд буд, ҳатто дар ҷараёни дарс ӯро хоб мебурдааст. Аз ин лиҳоз, ба ӯ лақаби ховбурдек гузоштаанд;

б) **Лақабҳои ифодагари аломатҳои мусбат**. Дар баробари лақабҳои ифодагари хислатҳои манфӣ ифодаи аломатҳои неки инсонӣ низ дар лақабҳо мавқеъ доранд: Давлати **Зебо** (Доғистон); Файзи **Калон** (Доғистон) –аз сабаби калон буданаш чунин лақаб гузоштанд; Қурбони **Корок** (Шурообод марди зебочеҳра буд; Холназари **Фасон** (Шурообод) –ин мард ҳамеша тозаю озода мегашт; Рачаби **Човандоз** (Мулёб) –ӯ касби човандозӣ дошт.

Дар ин гурӯҳи лақабҳо маънои маҷозӣ касб намудани ҷузъи эзоҳдиҳанда ба мушоҳида мерасад: Давлати **Талхак** (Доғистон) – шахсест, ки аз сидқи дил, бе фиребу найранг кор мекунад. Истилоҳи талхкор дар гуфтори ин маҳал маънои меҳнаткашро дорад; Малули **Собир** (Ёл). Дар гуфтори мардуми Ёл калимаи мазкур маънои кабудро дорад. Собир ҳам дорои чашмони кабуд буд, барои ҳамин ӯро малул ном мебурданд.

Дар ин навъи лақабҳо зинаи гузариши исмҳоро ба қатори сифатҳо мушоҳида менамоем: Худойназари **Дук (Ёл)** – Худойназар усто буд. Ӯ асосан устои чӯб буд. Аз чӯб табақ, танбӯр, қошуқу кафлез, дук ва чизҳои дигар метарошид. **Дук** ин асбобу олотест барои дуруст ва рост кардани мӯй (фарқи сари занон). Худойназари дук ном бурдани ӯ аз ҳамин ҳунараш ибтидо мегирад; Сафаралии **Пъмпа** (Доғистон) – пашмпайи номӣ буд. Касби намадбофӣ ва ҳам пашмпайӣ дошт. Аз ҳамин сабаб ба ӯ лақаби **пмъпа** гузоштанд.

Сохти морфологии лақабҳо низ дар гӯйишҳо дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ буда, дарачаи корбасти онҳо низ гуногун мебошад.

Дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бештар дар шакли сода омадани лақабҳои ифодагари аломатро мушоҳида менамоем: **Кали** Ҷаббор (Ёл); **Малули** Собир (Ёл); Олими **Сиях** (Ёл); Қори **Гадо** (Порвор); Исмоили **Девна** (Порвор); Гулмади **Какур** (Мулёб) –мисли кабк қағба карда мегаштааст; Бобои **Чуян** (Хирманҷо); Маназари **Бузург** (Хирманҷо); Ҳусайни **Қсир (**Доғистон); Ҳасан**и Фъс** (Кафтар) ва ғ.

Бояд қайд намоем, ки пасванди -ак аз сермаҳсултарин пасвандҳо дар ташаккули лақабҳои ифодагари аломат дар гӯйишҳо ба шумор меравад.

Ин пасванд дар лаққабҳои ифодагари аломат сермаҳсул мебошад: Одинаҳмади **Гирдак (Грдък)** (Ёл) – афту андомаш гирдрӯ буд. Аз ин рӯ, ба ӯ чунин лақаб гузоштанд**;** Давлати **Талхак** (Доғистон) – шахсест, ки аз сидқи дил, бе фиребу найранг кор мекунад. Истилоҳи талхкор дар гуфтори ин маҳал маънои меҳнаткашро дорад; Машарифи **Бапуштак** (Ёл) – аз сабаби он ки ӯ ба пушт (рост) роҳ мегашт, ба вай чунин лақаб гузоштанд; Ашури **Ғиҷҷак** (– ӯ ғиҷҷакнавоз аст; Исмоили **Кайкак (Хоҷ)** – ҳамсараш тануманду худаш хурдҷусса аст; Мадори **Телпак** (Порвор) – дар тамоми фасли сол дар сараш кулоҳи пашмин дошт; Қурбоналии **Луфтоқ** (Кафтар) –дар хурдсолияш ба ӯ мегӯянд, ки рафта луфтоқ (гиёҳ) аз саҳро биёрад. Ба ҷойи луфтоқ алафи дигарро меорад.

Дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ дар сохтани лақабҳо на ҳамаи унсурҳои шаклсозу калимасозӣ забон фаъол мебошанд. Бояд қайд намоем, ки вариантҳои гуногуни пасванди **-ак** (**-ек**;**-ък**; -ук) дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда ба мушоҳида мерасад. Ба таври мисол, бо пасванди –ак**: -ак** Одинаҳмади **Гирд+ак (Грдък)** (Доғистон); Сайфиддин **Геч+ак** (Ёл**)**; Ашур **Маст+ак (**Мулёб); Машарифи Бапштак (Ёл).-ек, Давлатбегими **Ап+ек.** Раҳмоналии **Ховбурд+ек** (Анҷироб); (Ёл);-ък, Раҳматуллои **қоқ+ък**; Назармади **Дох+ък** (Порвор); Ашури **Чув+ък** (Мулёб) аз сермаҳсултарин пасвандҳо дар ташаккули лақабҳои ифодагари аломат дар гӯйишҳо ба шумор мераванд.

Ба андешаи професоор С. Раҳматуллозода “Ин пасванд бар хилофи забони адабии пешин дар забони адабии кунунӣ фаъол гардидааст. Вай бо қаринаҳояш дар шеваҳои забони тоҷикӣ низ ҳамин гуна хусусиятро дорост. Пайдоиши вариантҳои савтии -ак натиҷаи ҳамнишинӣ бо дигар ҳарфҳо буда, барои озодона ва равон баён намудани вожаҳо хизмат менамоянд. Ба фаҳми мо, вариантнокӣ дар шева ва умуман дар забон, дар шаклҳои гуногун вуҷуд доштани ҳамон як мафҳум аст, ки дар натиҷаи тағйири шаклии ину он воҳиди забонӣ пайдо мегардад, вале бо вуҷуди тағйири зоҳир ҳамон хусусият ва вазифаеро адо мекунад, ки варианти аслӣ дар зимма дорад**” [7**, с.22].

Ба шакли мураккабу таркибӣ низ омадани лақабҳо маъмул аст: Абдурасули **Кавгбоз** (Ёл) – падару модараш ба кабкбозӣ ва гӯшти кабк иштиёқи зиёд доштанд**;** Ҳасан **Талпеч** (Ёл) – ин мард ҳангоми сафар либосҳояшро дар буғча (яъне талпеч) мегирифтааст; Рачаби **Бузкаш (човандоз)** (Ёл); Суфии **Тезкор** (Ёл); Самади **Зеҳнкоҳ (Порвор)** – ба ҳамаи чиз ва кор ҳавас мекард**;** Шарифи **Морбоз** (Шурообод).

Аз таҳқиқи мухтасари лақабгузорӣ дар лаҳҷаҳои ҷануб метавон гуфт, ки вобаста ба урфу одат ва тарзи зисту дигар омилҳо дар забони зиндаи халқ лақабгузорӣ ташаккул ёфта, баррасии шаклгирии сарфиву наҳвии ин қабати луғавӣ, бозгӯии корбасти калимаҳои иқтибосӣ, дар ин шаклҳои забонӣ ва ғайра муҳим арзёбӣ мегардад.

Муқарриз: ***Қурбонов С.Ҳ.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Аюбова, М.Б. Антропонимияи тоҷикони навоҳии Шаҳритузу Кубодиён (номҳои ашхос) / М.Б. Аюбова. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 192 с.
2. Бахвалова, Т.П. Коллективно-региональные прозвища. Орловщины Сельская Россия: прошлое и настоящее. Вып. 2: Доклады и сообщения в Российской научно-практической конференции (Орел, ноябрь 2001) / Т.П. Бахвалова. – М., 2001. – С. 243 -251.
3. Даль, В.И. Напутное. Пословицы русского народа / В.И. Даль. - М.: ГИХЛ, 1957. – С. 5-31.
4. Қаландаров, А. Мавқеи услубии ному насаб / А. Қаландаров // Садои Шарқ. – Душанбе: 1974. - № 4. – С132-136
5. Қурбонов, С. Лаҳҷа-нумӯи дигари забони куҳан / С. Қурбонов. - Душанбе: Оила, 2008. – 184 с.
6. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, С.56-57.
7. Раҳматуллозода, С. Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати лаҳҷа / С. Раҳматуллозлода, М. Махмудов. – Душанбе: Маориф, 2014. - 234 с.
8. Селищев, А.М. Происхождения русских фамилей, личных имен и прозвищ. Избранные труды / А.М. Селищев. – М., 1968. – С.261-266.
9. Симина, Г.Я. Фамилия и прозвище. Ономастика. Сб. статей / Г.Я. Симина, В.А. Никонов, А.В. Суперанская. – М.: Наука, 1969. – С. 27 - 34.
10. Смашнева, С.В. Прозвища. Волково Краснинского района Смоленской области. Актуальные вопросы изучения ономастической лексики. Сб. студенческих научн. Работ / С.В. Смашнева, И.А. Королевой, Н.А. Мак-симчук. - Смоленск: СГПИ, 1995. – С.31-34.
11. Сумцов, Н.Ф. Уличные клички. Киевская старина / Н.Ф. Сумцов. – Киев, 1889. – Т. XXIV. –С. 404- 417.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Ҷилди якум, дуюм). – Москва: Советская энсиклопедия, 1969 - С.702.
13. Ҳайдаров, Ш. Доир ба таснифоти лақабҳои фардии тоҷикон (дар материали райони Ашт). Забоншиносии тоҷик / Ш. Ҳайдаров. – Душанбе: Дониш, 1984. –С.263-273.

/ Ҳалимов, С. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С. Ҳалимов, Н. Шукуров. – Душанбе: Маориф, 1988. –98 с.

14. Ҷӯраев, Ғ. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. Нашри 2 / Ғ. Ҷӯраев, М. Маҳмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, 2017. – 842 с.

БАРРАСИИ ХУСУСИЯТҲОИ ЛАҚАБГУЗОРӢ ДАР ЗАБОНИ ЗИНДАИ ХАЛҚ

Дар мақола номҳои ифодагари марбут ба лақабҳои мардона ва занона ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Лақабгузории мардона ва занона бо бисёр хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқ дошта, дар лақабҳои мардона бештар хусусиятҳои устуворӣ, ҷасурӣ ва нотарсии онҳо ифода шуда, дар лақабҳои занона заковат, нафосат ва кордонии занон зикр шудааст. Муаллиф дар асоси маводи фаровон бозгӯӣ менамояд, ки калимаи “лақаб”дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб дар андешаи аксар ҳамчун мафҳуми манфӣ дарҷ ёфта, бештари мардум лақабро василаи мазоҳу тамасхур медонанд. Аз мушоидаҳо дар раванди таҳқиқ ба хулосае омадем, ки лақабмониву лақабгузорӣ аз рӯйи сифати нек ё бад, ё аз рӯйи ягон амалу кирдор ё муносибатҳои иҷтимоии маҳалро фарогиранда, дода мешавад. Хулоса, зимни таҳқиқи мухтасари лақабгузорӣ дар лаҳҷаҳои ҷануб метавон гуфт, ки вобаста ба урфу одат, расму оин ва дигар омилҳо дар забони зиндаи халқ лақабгузорӣ ташаккул ёфта, баррасии шаклгирии сарфиву наҳвии ин қабати луғавӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Калидвожаҳо: гӯйиш, лақаб, урфу одат, маънои маҷозӣ, аломат, морфология, ибора, иқтибос, калимасозӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ ПРОЗИЩ В ТАДЖИКСКИХ ГОВОРАХ

В статье широко исследуются экспрессивные имена, связанные с мужскими и женскими прозвищами. Мужские и женские прозвища отличаются друг от друга многими чертами, мужские прозвища в большей степени выражают их стойкость, мужество и бесстрашие, а женские прозвища указывают на женский ум, утонченность и профессионализм. На основе обширного материала автор показывает, что слово «прозвище» в южных говорах Куляба в глазах многих людей является отрицательным понятием, а прозвище большинства людей считаются средством насмешки. Из наблюдений в процессе исследования мы пришли к выводу, что прозвища даются по хорошему или по плохому качеству, либо по каким-либо действиям или поступкам или локальным социальным отношениям. В заключение, при кратком изучении прозвищ в южных диалектах, можно сказать, что в зависимости от обычаев, обрядов и других социальных факторов в живом языке народа формируются прозвища, и важно учитывать формирование употребления и произношения этого лексического слоя.

Ключевые слова: диалект, прозвище, переносное значение, знак, морфология, словосочетание, цитата, словообразование.

REVIEW OF CHARACTERISTICS OF NIEKAMES IN THE TAJIK PEOPLES DIALECTS

The article extensively explores expressive names associated with male and female nicknames. Male and female nicknames differ from each other in many ways, male nicknames express their stability, courage and fearlessness to a greater extent, and female nicknames indicate a female mind, sophistication and professionalism. On the basis of abundant material, the author says that the word "nickname" in the southern dialects of the Kulob people in the eyes of many people is a negative concept, and most people consider the nickname a means of masochism and ridicule. From observations in the process of research, we came to the conclusion that nicknames are given for good or bad quality, or for some actions or deeds or local social relations. In conclusion, with a brief study of nicknames in the southern dialects, it can be said that, depending on customs, rituals and other social factors, nicknames are formed in the living language of the people, and it is important to take into account the formation of the use and pronunciation of this lexical layer.

Key words: dialect, nickname, custom, figurative meaning, sign, complex, morphology, phrase, quotation, word formation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримова Зулфия Мазиёевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистент, кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Адрес:** 737025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **zulfiya21101978**. Тел.: (**+992) 985-88-41-94**

Сведения об авторе: ***Каримова Зулфия Мазиёевна*** **–** Таджикский национальный университет, ассистент, кафедр таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литература. **Адрес:** г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17. E-mail: **zulfiya21101978**. Тел.: (**+992) 985-88-41-94**

Information about the author: ***Karimova Zulfiya Maziyevna*** - Tajik National University, Assistant of the Tajik language and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **zulfiya21101978.** Phone(**+992) 985-88-41-94**

ТДУ: 811.21/.22-54+811.111

ХУСУСИЯТҲОИ ҶУМЛАҲОИ БЕШАХСИ САВОЛӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Назарова М.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар мавзуи ҷумлаи содаи бешахс дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муҳаққиқон таҳқиқоти зиёд гузаронда, фикру ақидаҳояшонро зикр намудаанд. Мувофиқи маълумотҳои аз сарчашмаҳо дарёфта маълум гашт, ки дар забонҳои англисию тоҷикӣ ҷумлаи бешахси саволӣ ҳамчун сохтори махсуси ҷумла мавҷуд аст.

Ҷумлаҳои бешахси саволиро дар забони тоҷикӣ дар корҳои муҳаққиқон М. Норматов, Ш. Рашидов, Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов, М.Т. Ҷабборова ва дигарон вохӯрдан мумкин аст. Ин сохтори ҷумларо дар забони англисӣ Сатимов Г, В. С. Денисова, Т.Д. Максимова, А.И. Смирнитский, В.Л. Каушанская ва сохтори муқоисавии онро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ В.В. Трунина, Р.Д. Салимов, В.Ю. Салоҳиддинов ва дигарон мавриди таҳқиқ карор додаанд.

Оид ба ҷумлаи бешахси саволии яктаркиба дар китоби “Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар забони тоҷикӣ” чунин гуфта шудааст: “Дар забони тоҷикӣ ҷумлаи бешахс як навъи ҷумлаҳои содаи яктаркибаи бемубтадо буда, дар он иҷрокунандаи амал зикр наёфтааст ва онро аз ҷумла ҳам фаҳмидан мумкин нест. Амали ҷумлаи бешахси саволӣ ба ҳеҷ шахс ва ба ягон предмет вобастагӣ надорад. Иҷрокунандаи амал ҳам аз мазмуни ҷумла дониста намешавад, набудани мубтадо ва ба ягон шахсу предмет тааллуқ надоштани амал ба сохту маънои ҷумла ягон таъсири манфӣ намерасонад [13, с. 67]. Аз рӯйи моҳияти худ хабари ҷумлаи бешахси саволӣ дар забони тоҷикӣ ба мубтадо эҳтиёҷ надорад.

Саволи ҷумлаҳои бешахс ба шунаванда тааллуқ надорад ва аз ӯ ҷавоб ҳам талаб намекунад. Савол одатан ба худи гӯянда нигаронида шудааст. Воситаи асосии савол дар ҷумлаҳои бешахс ҷонишини саволии ғайришахсии чӣ? мебошад. Ин ҷонишин дар таркиби хабар омада ба ҷумла маънои саволӣ медиҳад. Бо ёрии ин ҷонишин иҷрои амал пурсида мешавад, бинобар ин қисми зиёди савол ба хабар дода мешавад. Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои бешахси саволӣ зиёданд. Онҳоро дар нутқи бадеӣ ва нутқи гуфтугӯйӣ низ вомехӯранд. Мисол: Фарзанди калониаш имсол мактаб меравад, чӣ бояд кард? [12, с.101]. ~ His elder child will go to school this year, what should be done? ~ *Его старший ребенок в этом году пойдет в школу, что делать?* Аммо ғуночин зиёд равад, ба саду панҷоҳ танга меравад, ба қарз намерасад. Чӣ бояд кард? [12, с. 30] ~ But, if the heifer will be sold expensive, it will be hundred fifty coins, it will not be enough for the debt. What should be done? ~ *Но, если тёлку продают на сто пятьдесят танга, то не хватит на долг. Что же делать?* But, if the heifer will be sold expensive, it will be hundred fifty coins, it will not be enough for the debt. What should be done?

Чӣ бояд кард? Ҳар чӣ тезтар аз он ҷо дур шавад, то ки гургони калон нарасанд [8, с. 337]. ~ What should be done? Let it fast leave from here while it will not be caught up by the big wolves. ~ *Что делать? Пусть он быстрее удалится отсюда, пока его не догнали большие волки.*

- Пас, чӣ бояд кард? [11, с. 136]. - *Well, what should be done? Ну так, что же делать?*

Ҷонишини саволии **«чӣ»** бо феъли ёридиҳандаи **«шуд»** дар якҷоягӣ хабари ҷумлаи бешахси саволӣ шуда метавонанд. Чунин навъи ҷумлаҳои бешахс хуллас ва тафсилӣ шуданашон мумкин аст. Инҳо дар тарҷумаи англисиашон баъзан ҳаммаънои ҷумлаҳои бешахси тоҷикианд ва баъзан муносибати муродифӣ бо ҷумлаҳои дутаркиба доранд: - Чӣ хел мешуда бошад? [11, с. 136]. - *What will be then?* - *Что же будет?*

- Чанд кас мешуда бошад? – *пурсид Сарлашкар* [11, с.190]. *How many people will be there? -has asked Sarlahkar (Commander).* Магар ин мусибатро пинҳон дошта мешуд? [16, с. 123]. ~ ***Was it possible*** *to hide this tragedy?* Бо ин кас ҳоламон чӣ мешуда бошад? [11, с. 136] ~ *How will be our situtation with this man?* Сардор хеле асабӣ шуд. Чӣ мешуда бошад? ~ *The commander is very nervous.* What will be? [16, с.120].

Хӯш, чӣ шуд? – гуфт Абдураҳмон-ота [12, с. 52]. - *Well, what happened? - has asked Abdurahmon-ota.* Ну, что случилось?- спросил Абдурахмон-ота. Аҳволаш хеле бад. Чӣ мешуда бошад? ~ *His health is very bad. What will be?*

- Ҳа, ба Шумо чӣ шуд? – пурсид холаи Мушараф [11, с. 315]. - *Well, what is happened to you? - has asked Musharraf's aunt.* - Ну, что стряслось с Вами? - спросила тётя Мушарраф.

Феъли ёридиҳандаи «будан» низ бо ҷонишини саволии чӣ дар шакли шахси сеюми танҳо ба вазифаи ҷумлаи бешахси саволӣ меояд.

– Чӣ шудааст? [16, с. 125]. ~ What's happen? - *Что случилось?*

- Ҳа, чӣ буд? Хӯш чӣ маслиҳат будааст? [16, с. 69]. - *Well, what will be? Well, that* ***it is possible*** *to advice?* - Ну, что будет? Ну, что можно посоветовать.

- Чӣ будааст? – пурсид ғамгинона модари Мушарраф [11, с. 325]. - *What will be? – thoughtfully has asked Musharraf 's mother.* Что будет? - заботливо спросила мать Мушарраф.

Дар забони тоҷикӣ бо калимаи модалии даркор, мумкин ва зарур низ ифода гардидани хабари ҷумлаҳои бешахси саволӣ мушоҳида мешавад. Дар ташаккули ин гурӯҳи ҷумлаҳои бешахс интонатсия ва ҳиссачаҳои саволӣ низ ёрӣ мерасонанд [13, с. 110]. (- Пас, чӣ кор кардан даркор? [16, с.103]. *Well, what* ***is it necessary*** *to do? Ну, что нужно сделать?* - Аз чӣ сар кардан даркор? [17,190]. ~ What **is it necessary** to begin with? ~ *С чего нужно начинать?*

Ин хонасӯхтаи калтаро чӣ кор кардан даркор? – Рустам ба модараш ҳасрат мекард [16, с. 174]. - What **is it necessary** to do with this damned pudge? - Rustam complained of it to his mother. ~ *Что нужно сделать с этим проклятым коротышкой?* - жаловался Рустам матери.

Чӣ қатӣ гирифтан мумкин? [16, с. 103]. ~ What **is it possible** to take with? Чем можно взять?

Оё офтобро бо домон пӯшида мешавад? [15, с. 147]. – **Is it possible** to close the sun by hem? Разве можно солнце подолом закроешь?

Хабари ҷумлаи бешахси якаъзо аз ду калима ва се калима низ ифода меёбад. Ҷумлаҳои бешахси якаъзое, ки хабарашон аз се калима таркиб ёфтааст, хеле маъмуланд. Чунин навъи ҷумлаҳоро дар муколамаҳо бештар вохӯрдан мумкин аст. Вобаста ба ҷузъи номӣ ин ҷумлаҳо саволӣ ва хабарӣ мешаванд. Дар ин гурӯҳи ҷумлаҳо амал дар замони оянда иҷро мешавад. Ҷумлаҳои саволӣ чӣ тавр, чӣ гуна ва бо кадом роҳ иҷро гардидани амалро талаб мекунанд. Ҷумлаи хабарӣ иҷрои амалро хатмӣ медонад. Мисол: - Лутфия аз инҳо ибо карда, бо марди номаҳрам танҳо ба танҳо гуфтугӯ нахоҳад кард. Чӣ бояд кард? [13, с.119]. - *Lutfiya, has shaimed from them, and did not wish to speak with another's man alone. What* ***is necessary*** *to do?* - Лутфия, затеснявших их, не хотела говорить с чужим мужчиной наедине. Что надо делать?

Хабарҳои чунин навъи ҷумлаҳои бешахс бо масдари таркибии номӣ бо ёрии калимаи модалии «даркор» ва «лозим» ифода ёфта метавонанд:

- Магар қарзро дарҳол адо кардан зарур аст? [13, с. 215]. - Is it necessary to pay the debt immediately? – Немедленно надо выплатить долг?

Чӣ қатӣ гирифтан мумкин? [13, с. 81]. – What **is it possible** to take? - Чем можно взять? Пас, чӣ кор кардан даркор? [13, с. 81]. - Well, what is necessary to do? Ну, что нужно сделать? - Магар дар ин ҷо корнамоие нишон дода метавон? - **Is it necessary** to show the business qualities? Набошад, падари маро ҷоҳилу хурофотпараст гуфтан мумкин аст? [13, с.195]. - If so, is it possible to call my father ignorant and superstitious?

Ин гуна ҷумлаҳо дар тарҷумаи англисиашон ҳамчун сохтори ҷумлаҳои бешахси англисӣ мебошанд. Аз ҷиҳати таркиб ҳам ҷумлаҳо дар забонҳои муқоисашаванда монанданд. Танҳо аз рӯйи тартиби калима, яъне ҷойгиршавии аъзоҳои ҷумла фарқ доранд. Масалан, ҷумлаи аввал аз мубтадои грамматикии "it", калимаи модалии "necessary" (даркор ё лозим) бо масдари пурра ва пуркунандаи бевосита таркиб ёфтааст. Ҷумлаи тоҷикӣ ҳам ба ғайр аз мубтадои шаклӣ дигар ҳамаи ин аъзоҳоро дорост. Чӣ хеле ки гуфта гузаштем, ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохтор фарққунандаанд. Масалан дар ҷумлаи тоҷикӣ дар ҷойи аввал пуркунанда, дар ҷойи дуюм ҳоли тарзи амал ва дар ҷойи сеюм хабар бо феъли модалии «бояд» ва масдари кӯтоҳ ифода ёфтааст. Дар ҷумлаи дуюм дар ҷойи аввал феъли модалии «бояд», дар ҷойи дуюм пуркунанда ва дар ҷойи сеюм феъл бо масдари пурра ба вазифаи хабар омадаанд.

Пуркунандаи бавосита низ дуюмин аъзои пайравест, ки дар ҷумлаҳои бешахси саволии дуаъзогӣ бо хабар омада, фикри нисбатан пурраро ифода мекунад. Мавҷудияти пуркунанда дар ин навъи ҷумлаҳо иштирок накардани фоилро боз ҳам пурқувваттар

менамояд. Амали ин гуна ҷумлаҳо ба шахс ва ғайришахс равона карда шудааст. Инро аз рӯйи ифодаи хабар муайян кардан мумкин аст:

- Бо Авдий чӣ бояд кард? [16, с. 160]. - What to do with Avdi? (Муаллиф). - Что сделать с Авдием?

Ба кӣ равона шудани ин гуна амалҳоро мавҷудияти мухотаб боз ҳам равшан мекунад: -- Хӯш, хӯш!, ба Шумо чӣ шуд, янга?! [8, с. 41]. ~ Well, well what's happened to you, sister-in-law?! ~ *Ну, что с вами случилось, невестка?!* - Чӣ шуд ба ту? Чӣ шуд ба Шумо [8, с. 195]. - What's happened to you? ~ *Что с тобой? Что с вами?*

Дар забони англисӣ ҷумлаҳои бешахс бо мубтадои шаклии **it** маъмуланд. Муаллифон Г. Сатимов, К.Н. Качалова ва Е.Е. Израилевич мегӯянд, ки азбаски дар забони англиси мубтадо ҷузъи ҳатмии ҷумла мебошад, бинобар ин, дар ҷумлаҳои бешахс чонишини **it** нақши мубдатои шаклиро мебозад. Онҳо бештар дар ҳолати маълумот додан дар бораи вақт (It is 10 o'clock.- Соат 10 мебошад), вазъи табиат, боду ҳаво (It is freezing outside. Put on your coat) фаслҳои сол (It is winter. – Фасли зимистон аст), масофа (It is 10 km from here to his place, ё ягон ҳолат (It is difficult to clean here. – Инҷоро тоза кардан мушкил аст. – Аз ин ҷо то хонаи вай 10 км мебошад) истифода мешаванд [15, с. 362]. Дар забони англисӣ ин навъи ҷумлаҳои хеле серистеъмоланд: It is snowing now. – Барф борида истодааст. It is very hot. -Ҳаво хеле гарм аст. It is cool. - Ҳаво салкин аст. It is drizzling. - Майдаборон аст. It is winter. – Фасли зимистон аст. It is spring. – Фасли баҳор аст. It is autumn. Фасли тирамоҳ аст. It бо сифат дар ҷумлаҳои бешахс истифода мешавад: It is easy to translate this text. – Матнро тарҷума кардан мушкил аст. It is impossible to go there. – Ба он ҷо рафтан ғайриимкон аст ва ғайраҳо. Шакли саволии онҳо бо тағйир додани ҷойи мубтадои бешахси **it** сурат мегирад. Яъне феъли **to be** дар ҷойи аввал ва дар ҷойи дуюм **it** меистад. **Is it** raining outside? – Оё дар берун борон борида истодааст? **Is it** winter now in that part of the country? – Оё дар он тарафи мамлакат айни ҳол зимистон аст? **Is it** dark? – Берун торик аст? Was it dark when you got back? – Оё вақти баргаштанатон ҳаво торик буд? **Was it cold** in September this year? – Оё имсол тирамоҳ хунук буд? Хабарҳои чунин навъи ҷумлаҳои бешахс бо хабари таркибии номӣ ифода меёбанд. **Is it easy** to read this book? – Оё ин китобро хондан осон аст? Does **it** often **rain** in autumn? – Оё дар тирамоҳ борон бисёр меборад? Did **it snow** much last year? – Соли гузашта барфи бисёр борид? Шакли ҷумлаҳои бешахсе, ки вақтро ифода мекунанд чунин сурат мегиранд: What time is it? - Вақт чанд аст?

Дар ҷумлаҳои ба мисли **It is hard** for me, It happened to be, **It turned out funny** "**It**" ба вазифаи мубтадои шаклӣ меояд. **It is hard** for me to say "hello" but it is never late. – Салом кардан ба ман мушкил аст, лекин ҳеч гоҳ барои ин дер намешавад (боз барои аҳволпурсӣ вақт меёбам). Мне трудно сказать «Привет» но это никогда не поздно (еще успею поздороваться). It happened to be clear and sunny. - Ҳамин хел шуд, ки ҳаво софу офтобӣ шуд. Вышло так, что погода было ясная и солнечная. **It turned out funny** but this young director is my close friend. – Кори хандаовар шуд, аммо ин директори ҷавон дугонаи наздики ман мебошад. Получилось смешно но это молодая директриса моя близкая подруга. Ҷумлаҳои зикршуда дар забони тоҷикӣ ба ҷумлаҳои дутаркиба мувофиқ омадаанд.

Ҷонишин дар вазифаи мубтадои шаклӣ бо якчанд феъл дар шакли тарзи мафъул меояд, ки дар ин ҳолат ба забони тоҷикӣ аз ҷиҳати сохтор ва маъно ба ҷумлаҳои номуайяншахс мувофиқанд: It is said that the weather will be bad for a month. – Мегӯянд, ки ҳаво муддати як моҳ меборад. It is believed that he will come soon. – Бовар доранд, ки ӯ ба наздикӣ меояд.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ҷумлаҳои бешахси саволӣ дар ифодаи онҳо бо маънои модалӣ мебошад. Яъне дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои бешахси саволӣ бо истифода аз модалият ифода меёбанд. Аломати дигари фарқкунандаи ҷумлаҳои бешахси саволӣ дар забонҳои муқоисашаванда дар он аст, ки мубтадо дар ин хели ҷумла дар забони тоҷикӣ иштирок надорад. Дар забони англисӣ бошад, дар ҷумлаи бешахс иштироки мубтадо ба таври шаклӣ ҳам бошад, ҳатмӣ аст. Ҷумлаҳои бешахси саволӣ дар забонҳои муқоисашаванда аз ягон амал, ҳодиса ва ҳолате, ки ба иҷрокунандаи амал вобастагӣ надорад, хабар медиҳад. Вай худ аз худ пайдо мешавад. Ифодаи шифоҳии субъект дар ҷумлаҳои бешахси саволӣ нест, дар шакли хабар ҳам ягон ишора ба шахси иҷрокунанда дида намешавад, ки дар шакли мубтадо маълум гардад.

Ҷумлаи содаи бешахси саволии тоҷикӣ дар забони англисӣ ба сохтори дутаркибаи ҷумла ва навъҳои гуногуни ҷумлаи бешахс мувофиқ меояд. Ба сохтори дутаркиба мувофиқ омадани ин навъи ҷумлаҳо аз набудани субъекти ҳолат (вазъият) ва тарзи ифодаи сараъзои ҷумла дар ҷумлаҳои бешахси саволӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ вобастагӣ дорад.

Бояд гуфт, ки баъзан ҷумлаҳои бешахси саволии тоҷикӣ ба забони англисӣ ҳамтои ҳамин сохтори ҷумла шуда метавонанд. Мисол: Магар дасти худро бо дандони худ газида *мешавад*? [11, с. 84]. – *Can anyone bite the hand with teeth?* - Разве можно укусить руку своими зубами?

Дар забони англисӣ сохтори ҷумлаҳо бо **one** низ дар вазифаи мубтадои бешахс меоянд, лекин ба сохтори ҷумлаи номуайяншахс мувофиқ мебошад на ба сохтори ҷумлаи бешахс. Чунин сохтори ҷумлаҳо ба маънои маслиҳат, насиҳат ё ин ки тавсия додан ба касе истифода мешаванд. Ифодаи ҷумлаҳо бо ҷонишини **one** дар забони тоҷикӣ ҳамтои ҷумлаҳои умумишахс ва баъзан бешахс ифода меёбанд: One never know what will happen tomorrow. – Кас намедонад, ки фардо чӣ хоҳад шуд. Некогда не знаешь, что случится завтра. Агар дар ҷумла модалиятро бо феълҳои can, may, must ифода кардан лозим ояд, дар ин ҳолат **One** ба вазифаи мубтадо меояд: One cannot cope with everything at once. – Одам яку якбора аз уҳдаи ҳама кор баромада наметавонад. - Нелзя справиться со всем за один раз.

One have to wash hands before his dinner. – Дастҳоро пеш аз хурок бояд шуст. Ин ҷумла ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати сохтор ба ҷумлаи бешахси тоҷикӣ мувофиқ мебошад. Нужно мыт руки перед обедом. One must sign in here. – Дар ин ҷо имзо бояд гузошт. - Здесь нужно зарегистрироватся. One should consider possible consequences when taking serious decision. – Вақте, ки ба ягон қарори ҷиддӣ омадед, бояд натиҷаи имконпазири онро донист. - Нужно рассматривать возможные последствия, принимая серьёзные решения. One must respect his parents. - Ҳама бояд волидайнро эҳтиром кунад. - Все должны уважать своих родителей. When one wants to take decision, one should thoroughly think it over. - Вақте, ки ба ягон қарор меоед, онро бодиққат фикр кардан даркор аст. – Когда нужно принят решение, нужно тщательно обдумать его. No one can offer you such favorable conditions. Ҳеч кас ба шумо чунин шароити муносибро пешниҳод намекунад. – Никто не предложит вам такие выгодные условия. Ҷумлаҳои мазкур аз ҷиҳати сохт дар забони тоҷикӣ бо ҷумлаҳои умумишашахс ва баъзан бо ҷумлаҳои бешахс бо ифодаи модалият баробар буда метавонанд.

Ҷонишини **one** инчунин ба ҷойи исмҳои шумурдашаванда дар шумораи танҳо барои такрор нашудан дар ҷумла истифода мешавад, ки аз ҷиҳати сохтору маъно дутаркиба мебошанд ва дар ифодаи тоҷикиашон ҳам дутаркибаанд. Мисол: I bought a nice summer hat for my daughter and a very nice one for you. – Ман барои духтарам як кулоҳи зебои тобистона гирифтам ва барои шумо ҳам якто хеле зебояшро гирифтам.

Шакли саволии ин навъи ҷумлаҳо бештар бо истифодаи ҷонишини номуайянии **anyone** ва **anybody** ифода меёбад. Can anyone do it? – Оё касе ин корро карда метавонад? Can any of you cook plow? – Оё касе аз шумо палов пухта метавонад? One must be careful with snakes. – Одам бояд аз мор эҳтиёт бошад. Человек должен быт осторожен со змеями. Is it dark at night in winter? – Оё дар зимистон шабҳо ториканд? - Разве зимней ночью темно? Did it snow a lot in winter. – Зимистон барфи бисёр буд? - Зимой было много снега? Is it snowing days and nights . – Оё шабонарӯз барф меборад? – Разве днем и ночами идёт снег? Is it 9 o'clock now. – Соат 9 аст? Was it 5 o'clock when he returned? – Оё вақти омаданаш соат 5 буд? Is it already dark? – Уже стемнело? Is it drizzling? – Майдаборон меборад? - Моросит?

Аз таҳлили ҷумлаҳои бешахси саволӣ чунин хулоса кардан мумкин аст: ҷумлаи содаи бешахси саволии тоҷикӣ дар забони англисӣ ба сохтори дутаркибаи ҷумла ва навъҳои гуногуни ҷумлаи бешахс мувофиқ омада метавонад. 1. Ҷумлаҳои бешахси саволӣ баъзан ба сохтори дутаркибаи ҷумла мувофиқ меояд, ки ин аз набудани субъекти ҳолат (вазъият) ва тарзи ифодаи сараъзои ҷумла дар ҷумлаҳои бешахс дар забони англисӣ ва тоҷикӣ вобастагӣ дорад. 2. Мувофиқ ба сохтори ҷумлаҳои бешахси забони англисӣ буда метавонанд: Магар инро иҷро кардан зарур аст? Is it necessary to do it? 3. Ҷумлаҳои бешахси саволие, ки бо мубтадои шаклии **it** ташкил ёфтаанд ва бо хабари таркибии номӣ ва феълӣ ифода меёбанд дар забони тоҷикӣ ҳамчун ҷумлаи дутаркиба ифода меёбанд ва баъзан мувофиқ ба сохтори ҷумлаи бешахси тоҷикӣ ифода ёфта метавонанд: Оё офтобро бо домон пӯшида мешавад? [12, с. 147]. – **Is it possible** to close the sun by hem? **Is it difficult** to translate the text? - Магар

тарҷума кардани матн душвор аст? **Is It easy** to make this toy? – Магар сохтани ин бозича осон аст? Is it possible to say about it something? - Магар дар бораи ин ягон чиз гуфтан имкон дорад? **Is it difficult** to understand this question? – Оё фаҳмидани ин савол душвор аст? Is it easy to solve this problem? – Магар ҳал кардани ин масъала осон аст? **Is it easy** to open this door? – Магар кушодани ин дар осон аст? Did it often snow in February in your country? – Оё дар мамлакати шумо моҳи феврал барфи бисёр меборид? Is it one or two kilometers from your house to there? – Аз хонаи шумо то он ҷо 1 километр ё ду километр роҳ аст? Is it far to the railway station? – Аз ин ҷо то истгоҳ роҳ дур аст? Was it warm spring this year in Tajikistan? – Имсол дар Тоҷикистон баҳор гарм омад? Has it been raining since three o'clock? – Магар муддати се соат борон меборад? Ин навъи ҷумлаҳо дар забонҳои муқоисашаванда хеле зиёданд ва мавқеи хосси худро доранд.

Муқарриз: ***Наврузшоев Б.Х.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. А.Мамадназаров. Фарҳанги донишгоҳии англисӣ-тоҷикӣ / Мамадназаров А. – Душанбе: Нодир, 2003. – 492 с.
2. Бархударов, Л.С. Структура простого предложения в современном английском языке / Л.С.Бархударов. - М., 1966. – 256 с.
3. Блох, М.Я. Теоретические основы грамматики английского языка / М.Я. Блох. - М.: Просвещение, 1986. – 290 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе, Ҷ.2, 1987. - 372 с.
5. Денисова, В.С. Предложения с начальным «it» с современном английском языке: автореф. дис. канд. филол. наук / В.С. Денисова. - М., 1962. - 24 с.
6. Джабарова, М.Т. Система неличных форм глагола в русском и таджикском языках (сопоставительный аспект) / М.Т. Джабарова. - Душанбе, 2005. – 326 с.
7. Игнатюк, Ю.С. Безличные предложения и особенности их функционирования / Ю.С. Игнатюк. - М.: Высшая школа, 1960. – 245 с.
8. Иноят Насриддин. Дардҳои Гирехҳӯрда / Насриддин, Иноят. - Душанбе: Адиб, 2006. –364 с.
9. Кубик, М. Семантика безличных предложений / М.Кубик. - М.: Просвещение, 1957. - 123с.
10. Максимова, Т.Д. Категория безличности в современном английском языке: автореф. дис. канд. филол. наук / Т.Д. Максимова. - М.: 1982. – 25с.
11. Муҳаммадиев, Ф. Асарҳои мунтахаб: Иборат аз 2-ҷ. Қисса Роман / Ф. Муҳаммадиев. - Душанбе: Ирфон, 1980. – 504 с.
12. Назаров, Ҳ. Осори мунтахаб / Ҳ. Назаров. - Душанбе: Адиб, 2007. – 396 с.
13. Норматов, М. Омӯзиши ҷумлаҳои соддаи яктаркиба / М. Норматов., Ш. Рашидов. - Душанбе: Маориф, 1988. – 152 с.
14. Салимов, Р.Д. Безличные предложения русского языка и способы их перевода на английский язык / Р.Д. Салимов // Лингвистические проблемы перевода. – Душанбе: Нодир, 2003.
15. Сатимов, Г. Безличные и неопределенно-личные предложения в современном английском языке / Г. Сатимов. - М.: Просвещение, 1977. – 56 с.
16. Улуғзода, С. Восеъ / С. Улуғзода. - Душанбе: Ирфон, 1979. – 368 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ҶУМЛАҲОИ БЕШАХСИ САВОЛӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур муқоисаи ҷумлаи бешахси саволӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Хусусан хусусиятҳои сохторию маъноӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда шудааст. Инчунин аломатҳои фарқкунанда ва шабеҳияти ҷумлаҳои бешахси саволӣ аз ҷиҳатҳи сохтор ва маъно дар забонҳои муқоисашаванда нишон дода шудааст. Аз ҷумла иштироки мубтадо ба таври шаклӣ дар ҷумлаи бешахси саволии англисӣ ҳамчун хусусияти фарқкунандаи ин навъи ҷумлаҳо дар забонҳои муқоисашаванда ва хусусиятҳои ҳамтои ҷумлаҳои бешахси саволӣ нишон дода шудааст. Дар забони англисӣ ба ғайр аз сохтори бешахси ҷумла бо мубтадои шаклии **it**, ҷумлаҳои бешахс инчунин бо сохтори бешахси **there is, there are** ифода меёбанд, ки роҳҳои ифодаи ин сохтори ҷумлаҳои бешахси саволӣ низ ба забони тоҷикӣ дар мақола ошкор шудааст. Бояд қайд кард, ки аз таҳлили ҷумлаҳои бешахси саволӣ чунин хулоса кардан мумкин аст: ҷумлаи содаи бешахси саволии тоҷикӣ дар забони англисӣ ба сохтори дутаркибаи ҷумла ва баъзан ба ҷумлаи бешахс мувофиқ омада метавонанд. 1.Ҷумлаҳои бешахси саволӣ баъзан ба сохтори дутаркибаи ҷумла мувофиқ меояд, ки ин аз набудани субъекти ҳолат ва тарзи ифодаи сараъзои ҷумла дар ҷумлаҳои бешахс дар забони англисӣ ва тоҷикӣ вобастагӣ дорад. 2.Онҳо муродиф ба сохтори ҷумлаҳои бешахси забони англисӣ буда метавонанд: Магар инро иҷро кардан зарур аст? - Is it necessary to do it? 3. Ҷумлаҳои бешахси саволие, ки бо мубтадои шаклии **it** ташкил ёфтаанд ва бо хабари таркибии номӣ ва феълӣ ифода меёбанд дар забони тоҷикӣ ҳамчун ҷумлаи дутаркиба ва баъзан баробар ба сохтори ҷумлаи бешахси тоҷикӣ ифода ёфта метавонанд: Is it raining outside? – Оё дар берун борон борида истодааст? Does it snow? – Барф меборад? Ифодаи шифоҳии субъект дар ҷумлаҳои бешахси саволӣ нест, дар шакли хабар ҳам ягон ишора ба шахси иҷрокунанда дида намешавад, ки дар шакли мубтадо маълум гардад.

Калидвожаҳо: ифода, ҷумла, бешахс, дутаркиба, саволӣ, тоҷикӣ, субъект, дутаркиба, англисӣ, роҳҳои ифода.

ОСОБЕННОСТЫ БЕЗЛИЧНЫХ ВОПРОСИТЕЛЬНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕВОДА НА АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫК

В статье рассматривается сравнение безличных вопросительные предложения в таджикском и английском языках. Также определяются особенности их структуры и семантики, способы их выражения на английском языке, специфика, различие и сходство безличных предложений в соответствии с их структурой и семантикой в сопоставляемых языках. В том числе показывают участие формального подлежащего в безличных предложении как отличительный признак структур таких придложений и сходство их действия, ситуации и происшествий, что не имеет отношения к действию. В английском языке, кроме структуры безличных предложений начинающихся с безличного **it** есть еще безличная структура с **there is** and **there are,** в которой выражения их вопросительных форм также показано в таджикском языке. Результаты анализа безличных вопросительных предложений показывают, что таджикские вопросительные предложения в английском языке могут переводиться как двусоставное предложение и как структура безличных вопросительных предложений. Безличные вопросительные предложения соответствуют предложениям двусоставной структуры, и это зависит от действия субъекта и выражения главного члена безличных вопросительных предложений в таджикских и английских предложениях. Они имеют синонимические отношения с безличных вопросительных предложений. Is it necessary to do this? – Нужно делать этого? Предложения, которое состоятся, с формальное подлежащее **it** в таджикском языке переводится как двусоставным предложения и иногда как структура безличных вопросительных предложений. Is it raining outside? Устное выражение субъекта в безличных вопросительных предложениях отсутствует.

Ключевые слова: выражение, предложения, безличные, вопросительные, таджикский, субъект, двусоставное, английский, способы выражения.

THE CHARACHTERISTICS OF THE INTERROGATIVE IMPERSONAL SENTENCE IN TAJIKI AND WAYS OF THEIR EXPRESSION IN ENGLISH

The article considers the comparison of the structure and semantic of interrogative impersonal sentence in Tajik and English languages. Ways of their expression in English language, the differences and similarities of impersonal sentence according to their structure and semantic in comparative languages. Including the participation of formal subject in impersonal sentence as differences of the structure of this type of sentences and their similarities – action, situation and events, that don't have any relations to an action. It should be mentioned that, from analyzing of interrogative impersonal sentence we came into such conclusion: Tajik interrogative impersonal sentence expresses as two-member sentences and sometimes as impersonal sentence in English. 1. interrogative impersonal sentence sometimes translated as the structure of two-member sentences and in this case it depends on absence of subject of situation and ways of expression of principal clauses. 2. They express as equivalent of English interrogative impersonal sentence. Магар инро иҷро кардан зарур аст? - Is it necessary to do it? Interrogative impersonal sentence beginning with formal subject it and expressed as with compound nominal and compound verbal predicate they can express as two-member sentences and sometimes as impersonal sentence in Tajik. Is it raining outside? – Оё дар берун борон борида истодааст? Does it snow? – Барф меборад? There is no oral expression of subject in Interrogative impersonal sentence, also in the predicate form we cannot see any marks to understand subject's form.

Keywords: expression, sentence, impersonal, Interrogative, Tajik, subject, two-member sentences, English, ways of expression.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Назарова Муҳаббат Раҳмонкуловна* - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калон, кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mukhabbat.nazarova@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 904-40-04-79**

Сведения об авторе: ***Назарова Мухаббат Рахмонкуловна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель, кафедра английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mukhabbat.nazarova@inbox.ru.**
Тел.: **(+992) 904-40-04-79**

Information about the author: ***Nazarova Muhabbat Rahmonqulovna*** – Tajik National University, candidate of philological sciences, Senior Lecturer of the Department of English language and Comparative typology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan Rudaki Ave., 17. E-mail: **mukhabbat.nazarova@inbox.ru.**
Phone: **(+992) 904-40-04-79**

ТДУ: 070 (575.3) (575.1)

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВӢ ВА ДАСТУРИИ ЗАБОНИ МАТБУОТИ ТОҶИКИИ ЎЗБЕКИСТОН

Раҳимқулов Ғ.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Ш. Рашидов

Мусаллам аст, ки забони адабии тоҷикӣ бо тамоми шохаҳояш дар айни ҳол бемайлон аз ҳар ҷиҳат рушду такомул менамояд ва онро метавон яке аз дастовардҳои бузург ва меваҳои ширини замони соҳибистиқлолӣ арзёбӣ кард, ки дар ин бобат муҳаққиқон низ баёни андеша кардаанд. Аз ҷумла забоншинос Д. Ҳомидов дар як нигоштааш дар мавриди ҷойгоҳи забони адабии муосири тоҷикӣ чунин баёни андеша менамояд: «Забон чун мавҷудияти зинда яке аз рукнҳои давлат ва давлатдории миллӣ буда, онро бузургон беҳуда пояи миллат нахондаанд. Вале ин поя ва рукни муҳимми давлату миллат ҳамеша ба нигоҳубини пайваста ва ғамхории дилсӯзона ниёз дорад. Аз як тараф, агар ин ғамхорӣ дар сатҳи умумимиллӣ ва аз ҷониби сохтору ниҳодҳои давлатӣ пайваста сурат гирад, аз тарафи дигар, таҳкиму устувории ин рукн ҳисси баланди масъулият ва муҳаббату муносибати дилсӯзонаи ҳар яки мо – шаҳрвандони кишварро, ба хусус, соҳибони ин забонро дар ҳамаи зинаю қишрҳои иҷтимоӣ ва ҳаёти рӯзмарра таҳозо мекунад» [18, с. 4].

Бояд гуфт, ки забони адабии тоҷикӣ низ мисли ҳар як забони дигар вобаста ба иҷрои вазифаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба шохаҳои услубӣ тақсим мешавад, ки ин шохаҳои услубиро метавон ба ду гурӯҳ – услуби гуфтугӯйӣ ва услуби китобӣ ё хаттӣ ҷудо кард, ки ин ду шакл байни худ алоқаи қавӣ дошта, ба ҳамдигар ҳамеша таъсири мутақобила барои такмили якдигар доранд. «Услуби китобӣ ё хаттӣ дорои меъёрҳои муайяни таърихии худ буда, ба чор навъ ҷудо карда мешавад: илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ ва идорӣ ё расмии коргузорӣ. Вижагии барҷастатарини **забони адабӣ** дар он аст, ки дорои сохти ягона буда, барои мардуми ҳамаи маҳалҳо умумӣ аст ва доираи васеи истеъмол дорад» [9, с. 5].

Мавриди тазаккур аст, ки забони матбуоти даврӣ, тавре дар боло зикрашон рафт, мутааллиқи услуби рӯзноманигории забони хаттии мо маҳсуб меёбад ва барои инъикоси ҳаёти рӯзмарраи мо рӯзноманигорон ба воситаи он кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд. Бинобар он, мо тасмим гирифтем, ки дар доираи ин нигоштаамон чанд андешаву мулоҳизаҳои худро доир ба забони матбуоти тоҷикии Ӯзбекистон, ки дар байни онҳо рӯзномаи «Овози тоҷик» аз нахустин нашрияҳои даврони нави матбуоти тоҷик маҳсуб меёбад, баён дошта бошем.

Дар воқеъ, дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар садсолаи охир чандин нашрияҳо чи дар сатҳи ҷумҳурӣ («Овози тоҷик»), чи дар сатҳи вилояту («Овози Самарқанд», «Бухорои шариф», «Ховар») ва чи дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо («Садои Сӯх», «Ғалаба», «Зарафшон», «Сариосиё тонги» (ин нашрияҳо дар таркибашон саҳифаҳои тоҷикӣ буданд)) барои инъикоси зиндагии рӯзмарраи шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо ва ҷумҳурӣ нашр мегардиданд ва нашр мешаванд. Аксари ин нашрияҳо бо забони меъёрии забони адабии тоҷикӣ, ки намунаи онро ҳанӯз устодон С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ дар солҳои 20-30-юми асри ХХ мавриди корбурд қарор дода буданд, нашр мегарданд ва масъулони ин нашрияҳо барои рушду такомул ёфтани забони нашрияҳои тоҷикии ҷумҳурӣ ҳудро вазифадор медонанд, ки ин хеле хубу шоистаи таҳсин аст.

Тавре зикр гардид, рӯзномаву ҳафтаномаҳои ба забони тоҷикӣ нашршавандаи ҷумҳуриямон бо забони содаву оммафаҳм ва ҷавобгӯйи меъёрҳои забони адабии муосири тоҷикӣ маҳсуб меёбанд. Барои таҳвияти ин андеша рӯ меоварем ба саҳифаҳои ин нашрияҳо ва то қадри имкон чанд вижагиҳои луғавӣ ва дастурии забонии матбуоти тоҷикии кишварамонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем:

Албатта, дар забони матбуоти тоҷикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар корбурди вомвожаҳои (вожаҳои иқтибосӣ) русию байналмилалӣ ва дигар забонҳо то андозае худдорӣ риоя мешавад, ки ин ҷо овардани андешаи ҷолиби забоншиноси тоҷик Б. Камолиддинов айни муддаост: «Аз нимаҳои қарни гузашта соҳибзабонон, хусусан, аҳли қалами тоҷик ба масъалаи покиза нигоҳ доштани сарватҳои луғавии забони модарӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, ки калимаю истилоҳоти безарурат аз забонҳои дигар

иқтибосшударо санҷида, имкон бошад бо калимаю истилоҳоти забони тоҷикӣ иваз намоянд» [8, с. 23]. Ин ақидаи ӯро мо низ пайравӣ карда, чунин нуктаро баён доштанием, ки ин амр, амалан, бештар дар корбасти истилоҳот ва дар навбати аввал дар истифодаи вожаю истилоҳоти маишӣ, иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ вусъат ёфтан гирифт. Махсусан, дар даврони соҳибистиқлолӣ тадричан афзуд, ки ин вазифаро забони матбуот ба уҳда дорад ва услубшиносони тоҷик онро чунин тавзеҳ медиҳанд: «Як миқдор калимаю истилоҳ, ки аз забонҳои дигар бе ҳеҷ зарурат иқтибос шуда буданд, аз қабили ***республика, устав, программа, совет, студент, съезд, сессия, модари ӯгай, томарқа*** ва амсоли инҳо бо калимаҳои ***ҷумҳурӣ, оиннома, барнома, шуро, донишҷӯ, анҷуман, иҷлосия, моиндар, ҳота*** иваз гардиданд» [8, с. 67].

Инчунин дар ин самт саҳми бузург доштани матбуотро устод С. Айнӣ ба инобат гирифта роҷеъ ба ин масъала чунин баёни андеша кардааст: «Вазифаи бузург, ки ба гардани ходимони матбуот ва нашриёти тоҷик аз тарафи меҳнаткашони тоҷик бор шудаст, аз ҷиҳати забон наздик кардани матбуот ба оммаи мардуми тоҷик аст» [Айнӣ].

Аз ин нигоштаҳои боло чунин андеша ё хулосабарорӣ кардан лозим аст, ки дар охири садаи XX ва ибтидои садаи XXI, яъне дар замони соҳибистиқлолӣ забони матбуоти тоҷикӣ ҳам дар нашрияҳои Тоҷикистон ва ҳам матбуоти тоҷикии Ӯзбекистон рӯ ба дигаргуниву таҳаввулот овард ва як қатор вожаҳои рӯ ба фаромӯшӣ оварда, аз нав чун моли ҳақиқии забони адабӣ мавриди корбурди дубора қарор гирифт, ки ин ҷараёнро дар забоншиносии муосир эҳёшавии вожаҳои таърихӣ меноманд. Бояд гуфт, ки матбуот ҳамчун яке аз воситаҳои тарғибу ташвиқ барои инкишоф ва рушди илмию фарҳангии ҷомеа ҳамеша таъсири мусбат расонида меояд. Аз ин сабаб, «матбуот як сарчашмаи боэътимод ва асосӣ барои омӯзиши забон ба шумор меравад» [13, с. 54].

Тавре маълум аст, забон ин падидаест, ки бо мурури замон тағйир меёбад ва захираи луғавии он дигаргун мешавад. Ин аст, ки калимаю истилоҳоти фарохӯрӣ замон ба вуҷуд меоянд, бозсозӣ мегарданд ё аз забонҳои дигар вомгирӣ ё иқтибос мешаванд, маънии нав пайдо мекунанд, ё аз инкишоф монда, аз эътибор дур мегарданд. Аз ин рӯ, забони матбуоти давраи истиқлолияти тоҷик дар қаламрави Ӯзбекистон аз ин гуна тағйироту таҳаввулот дар канор набуда, мо аҳли қалам дар ин амр вазифа дорем, ки фарҳангҳои пешинро бозбинӣ намуда, мувофиқи тақозои замон вожаҳои заруриро мавриди корбурд қарор бидиҳем ва аз ин ҷиҳат, забонро шевову гуворо намуда, бо ҳамин сифаташ ба ояндагон интиқол бидиҳем.

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Ӯзбекистон барои донишмандон, аҳли адаб, рӯзноманигорони тоҷик ҳам ба қатори ӯзбекҳо имкониятҳои фарохе додааст, ки дар такмил ва рушди таркиби луғавии забони адабии тоҷик, аз ҷумла истилоҳот ба хазинаи забони миллӣ рӯ оварда, ба қонунҳои дохилии инкишофи забон такя намоянд. Воқеан ҳам, ҳоло низ дар ҷустуҷӯ барои ифодаи бештари мафҳумҳои нав аз захираи дохилии забон воҳидҳои пешинаро сара намудан ба маврид аст. Чунончи, дар вақташ истилоҳоти русии «перестройка» ва «гласность» - ро дар аксари забонҳои дунё, ҳатто забони англисӣ айнан қабул карда буданд. Аммо забоншиносон ва донишмандони тоҷик муодилҳои тоҷикии онҳоро пайдо карданд, ки ин мафҳумҳо бо вожаҳои «бозсозӣ» ва «ошкорбаёнӣ» ифода ёфтаанд. Ин маънии онро дорад, ки таркиби луғавии забони мо пурғановаттарин ва сарватмандтарин ба шумор меравад, ки калимаҳои забонҳои дигарро имконияти пурра иваз намудан дорад.

Дар пайгирии ин равия ҳатто истилоҳоти ифодакунандаи техникии «вертолёт»-ро Лоиқ дар шакли «чархбол» кор фармуда буд. Пас аз истиқлолият чи дар Ӯзбекистон ва чи дар Тоҷикистон дар принсипҳои вожагузинию истилоҳсозӣ ҷанбаи миллӣ дар ҷойи аввал қарор гирифт ва имрӯз ҳар як донишманди тоҷик метавонад ҳам аз захираи забони классикӣ ҳам аз таҷрибаи ҳамзабонони эронию афғонӣ, ҳам аз имкониятҳои калимасозии тоҷикӣ ва сарвати забони зиндаи халқ истифода барад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми фаъолияти устод С. Айнӣ матбуоти тоҷик ва забони он буд. Ба ин рӯ овардани мо бесабаб нест, зеро имрӯз вазъи забони матбуоти тоҷикӣ беҳбудӣ мехоҳад. Дар матбуоти тоҷики қаламрави Ӯзбекистон калимаю ибораҳои заруру нозарур, иқтибосӣ бештар зуд-зуд мавриди истифода қарор мегиранд, ки баъзе аз онҳо ҷавобгӯйи қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ нестанд. Аз ҳамин нуқтаи назар фикру ақидаҳои устод С. Айнӣ оид ба забон, махсусан, забони матбуоти тоҷик, дар шароити имрӯза аҳаммияти

дучанд пайдо кардаанд. Дар ин ҷода фикри забоншинос Р. Ғаффоров ба маврид аст: «Тамоми фаъолияти ин сухансарои забардаст дар роҳи ҳимояи забони тоҷикӣ аз гурӯҳҳои носолим, такмили ҳусн ва назокати он ба патриотизми оташин, муҳаббати хурӯшон ба офаридгори ин забон – халқи тоҷик саршор аст» [7, с. 86] .

Пас, мо ҳам бояд иқдоми неки устод С. Айниро идома диҳем. Зери гуфтаҳои ӯ дар ин кор амал намуда, онро аз воридшави унсурҳои бегона, ки мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ нестанд, ҳимоя намоем.

Самараи ҳамин раванд ва омилҳо аст, ки даставвал як силсила вожаҳо, ки дар вақташ бо мувозаҳои сиёсӣ бо муодилаҳои русиашон иваз карда шуда буданд, аз нав барқарор гардиданд. Ин калимаҳоро аз рӯйи мутааллиқ будан ба ин ё он соҳа гурӯҳбандӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1.Вожаҳои ифодагари соҳаи сиёсат: *қӯмита* (комитет), *фуқаро, шаҳрванд* (гражданин), *ҳизб* (партия), *ҳоким, раис* (котиб, котиби якум), *ҷумҳурият* (республика), *иттиҳод* (союз), *котиб* (секретар), *шуро* (совет), *сиёсат* (политика), *вазир* (министр), *ноҳия* (район), *вилоят* (область), *раъйпурсӣ* (референдум), *иттилоот* (информатсия), *иҷлосия* (сессия) ва амсоли инҳо. Ин калимаҳо ҳоло қобили қабул шуда, тадриҷан ба ҳукми истеъмоли ҳамагон медароянд: Дар ин бора дар анҷумани матбуотие, ки дар Хонаи матбуоти *вилояти* Самарқанд бо иштироки мутасаддиёни Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов гузаронида шуд, маълумот доданд [От., 27.04.2022]. Бесабаб нест, ки сафар бо вилояти Қашқадарё аз *ноҳияи* Кӯкдала оғоз ёфт [От., 30.04.2022]. Шуморо даъват менамоем, ки ба тарафдорони номзади *ҳизби* мо Шавкат Мирзиёев овоз диҳед [От., 24.06.2023]. Бо назардошти ана ҳамин дар ***иҷлосияи*** нуҳуми парлумон даъвати дуюм пешкаш намуд [От., 23.12.02]. Фикр мекунам, ки тамаддуни замони моро тамаддуни информатсионӣ гуфтан ба ҳақиқат наздик мебуд, зеро *информатсия* (иттилоот) тамоми фаъолияти инсониро дарбар гирифтааст [От., 05. 07. 2003]. Ман рӯзи *референдум* (раъйпурсӣ) ва интихобот барои истиқлолият овоз медиҳам [От., 18. 01. 1992]. Дар митинг ҷонишини аввали *нахуствазири ҷумҳурият* Исмоил Ҷӯрабеков ва *ҳокими* шаҳри Тошканд Козим Тӯлаганов ҳузур доштанд [От., 29. 03. 1997]. Аз ин мисолҳо пай бурдан мумкин аст, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ва дигар рӯзномаҳои тоҷикии ҷумҳурӣ чандин вожаҳои нав мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки мо чанде аз онҳоро чун намуна овардаем.

2. Вожаҳои ифодагари соҳаи иқтисодиёт. Калимаҳои соҳаи иқтисодиёт дар забони рӯзномаҳои тоҷикӣ ниҳоят фаровон истифода мешаванд, ки бештари онҳо аз дигар забонҳои хориҷӣ дохил шуда бошанд ҳам, имрӯз аҳли қалам мувозаҳои тоҷикии онҳоро дарёфт намуда, баробари шакли иқтибосиашон кор фармуда истодаанд. Онҳо чунинанд: *содирот* (экспорт), *воридот* (импорт), *муовиза* (бартер), *буҳрон* (кризис), *гумрук* (таможный), *корчаллон* (бизнесмен), *талафшавӣ, талафгардӣ* (банкрот) ва монанди инҳо:

Дар ҳоли ҳозир дар ин ҷо аз ҷониби қариб 250 нафар коргар ба ҳисоби миёнасоле беш аз 300 ҳазор сарулибос барои *содирот* истеҳсол карда мешавад [От., 26. 07. 2023]. Корхонае, ки ба истеҳсоли 20 навъи сарулибос ихтисосонида шудааст, дар қаламрави *гумрук* бино ба режими азнавкоркарди гумрукӣ фаъолият дорад [От., 26. 07. 2023]. Дар *боҷхонаи* Австралия ду ҷавонзан ба даст афтодаанд, ки дар сумкаи худ моддаи гиёҳвандӣ доштанд [От., 03. 04. 1999]. Дар бизнес-анҷуман алоҳида қайд шуд, ки ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон барои *корчаллонони* Лаҳистон имконияти васеи ба бозори дигар мамлакатҳои минтақа даромаданро фароҳам меорад [От., 23. 10. 02]. Дар ҷумлаҳои боло калимаҳои “бочхона”, “корчаллон” бидуни мувозаи байналмилалӣ дода шудаанд, ки ин аз он гувоҳӣ хоҳад дод, ки онҳо аллакай оммафаҳм гардида, ба аҳли хонандагон маълум аст. Мисли ҳаминҳо калимаҳои *бозор, фурӯшгоҳ (маркет), иҷорадор (арендатор*) барин калимаҳои русию байналмилалӣ кайҳо ба забони матбуот умумӣ гардидаанд. Ба назари мо, истифодаи вожаи “корчаллон” дар забони модарии мо мувофиқи маълумоти фарҳангҳо на аҳли бозаргон ё тоҷир аст, балки ба маънои он ки бо ҳар васила корашро пеш мебарад, устокор, кордон, ухдабаро, корбудкун ба манфиати худ буда, то андозае тобиши манфӣ дорад [ФЗТ 1969, Ҷ. 1. С. 627]. Аз ин рӯ, ба ҷойи ин вожагон истифодаи бозаргон, тоҷир ба мақсад мувофиқ аст.

3. Вожаҳои эҳёгардидаи ифодагари номи ҳуҷҷатҳо. Дар замони давлати шуравӣ шакли русии истифода калимаҳои ифодакунандаи ҳуҷҷатҳо хеле фаровон буд ва дар ҳамон вақт шароити зиндагӣ тақозо менамуд, ки ҳуҷҷатҳои бисёре дар ҳаёти рӯзмарра мавриди

истифода қарор гиранд. Аз ин хотир, бо фарорасии замони соҳибистиқлолӣ истифодаи шакли “худӣ”-и чунин истилоҳот тавассути забони рӯзномаҳо афзуд. Масалан: *нақша, реҷа* (план), *қарор* (протокол), *чипта* (билет), *сарқонун* (конституция), *маълумотнома* (справка), *тавсифнома*, *хислатнома* (характеристика), *тавсиянома* (рекомендатсия), *роҳхат* (направление), *барнома, дастур* (программа), *шиноснома* (паспорт) ва амсоли инҳо. “Пропуск”-и русиро имрӯз дар шакли “иҷозатнома”, “рухсатнома” ва аз ҳама шакли тоҷикии одияш “гузарнома” истифода бурдан ҷоиз аст. Чанде аз ин вожаҳоро аз саҳифаҳои рӯзномаи “Овози тоҷик” меорем: Кишоварзони диловари вилояти Бухоро 25 июни соли ҷорӣ дар ҷумҳурият дар қатори аввалинҳо *нақшаи* солонаи ба давлат супоридани ғалларо сарбаландона иҷро карданд [От., 28.07.2023]. *Нақшаи* солона иҷро шуд [От., 24.06.2023]. Барои соҳиби мансаб шудан *билет* (*чипта*)-ҳои ҳизбро мефурӯхтанд [От., 12. 03. 03]. Бригада чандин маротиба ҳам дар хоҷагӣ ва ҳам дар ноҳия дар қатори аввалинҳо *реҷаҳои* пешибинишударо ба ҷо оварда, ҳосилнокии баланди пахтаро таъмин кард [От., 02. 07. 03].

Ба ҷуз ин, ҳоло ба ҷойи як силсила калимаҳои тоза иқтибосшудаи байналмилалии ифодакунандаи номи ҳуҷҷатҳо мувозаи хуби тоҷикиро дарёфт намуда ва ё созмон дода истифода мебаранд, ки тадричан ба ҳукми анъана ворид мегарданд: *ҷавознома* (лицензия), *имтиёзнома* – санадест, ки ба муаллифи ихтироот ва навоварӣ дода мешавад ва ба ӯ ҳуқуқи фавқулодаи соҳибият ба он медиҳад. Ин истилоҳ ба маънии дигар, яъне санади фароҳам овардани ҳуқуқ ба як машғулот (масалан, тиҷорат, ягон пеша ё касбу кор) низ истифода мешавад; *декларатсия* – як навъи *ариза* буда, шахси андоздиҳанда ҳаҷми даромад ва манбаъҳои онро нишон дода, ба ташкилоти молия месупорад [15, с. 67].

4. Вожаҳои ифодагари макон, корхона ё ҷойгоҳи маъмурӣ: *ҳавза* (округ), *бонк* (банк), *бозор, бозори ҷаҳон* (биржа), *боҷхона* (таможный), *ҳокимият* (арбитраж) – идораи махсусест, ки мақсаду маромиро он ҳаллу фасли масоили мавриди баҳс ё ихтилоф дар байни ашхоси ҳуқуқӣ ё муассисот новобаста аз мансубияташон ба ин ё он намуди моликият аст.

Дар *боҷхонаи* Австралия ду ҷавонзан ба даст афтоданд, ки дар сумкаи худ моддаи гиёҳвандӣ доштанд [От., 03. 04. 99]. Ба *раёсати консулгарии* сафоратхонаи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тошканд ҳамкорӣ дар бобати расмӣ гардонидани визаи зиёраткунандагон ба роҳ монда шудааст [От., 04. 01. 2003].

Калимаи *“маркет”*-и англисӣ имрӯзҳо шакли тоҷикии “фурӯшгоҳ”-ро пайдо намудааст, ки тадричан оммавӣ мегардад. Ин калима бо ҳар ду шакл бештар истифода мешаванд.

5. Калимаҳои ифодагари номҳои пешаварӣ ё касбу ҳунар. Дар давраи соҳибистиқлолӣ бо баробари вожагони навин (неологизмҳо), ки ба соҳаи тиҷорат ва иқтисодиёт мутааллиқ буданд, калимаҳои касбу ҳунари вобаста ба онҳо низ ба забон дохил шуданд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои “*диллер”*– даллолро метавон мисол овард. Калимаи *“даллол”* дар давраи шуроҳо дар забони халқ маъмул ва серистеъмол буд, аммо истифодаи он дар забони адабӣ вуҷуд надошт. Имрӯз бошад он аз сари нав эҳё гашта, чун муодили вожаи байналмилалии *“диллер”* истифода мегардад: Ҷозибаи ба худ хосси “Осиё-инвест бонк” барои мизоҷону корчаллононамон ва *диллерҳо* (даллолҳо) дар он аст, ки бонк ва русии Россия ва асъори озодтабодул, инчунин дорои иҷозатномаи Бонки марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон буда, бо асъори миллии давлатамон амалиётро мегузаронад [От., 21. 11. 1998].

Мисли ҳамин калимаи “арендатор”-ро бо вожаи маъмул, ки устод С. Айнӣ дар “Ёддоштҳо” ва “Марги судхӯр” чандин маротибаҳо истифода бурда буд, *“иҷорадор”* баробар ба кор мебаранд. Масалан: Як қисмашон соли ҷорӣ 60 гектар заминро аз арендаторон (иҷорадор) ба иҷора гирифта, гандум коштанд ва ҳам муаллимӣ карданд [От., 20. 12. 1997].

Калимаи *“менеҷер”,* ки ба маъноҳои 1) бо кори оқилона идора намудани фаъолияти хоҷагӣ, масъулияти ҷавобгариро пурра ба уҳда дорад; 2) сарвари ботадбири ширкат-муассиса аст, ки дар ҳолатҳои мураккабу мушкили хоҷагидорӣ роҳи амиқу дурусти ҳаллу фасли масъаларо метавонад пешниҳод кунад ва ҳамчун шахси кордон ва ботадбир ҳуқуқи иҷрои кор дорад.

Барои ифодаи ин мафҳум (менеҷер) имрӯз дар матбуоти тоҷик вожаҳои “мудирӣ”, “миёнчӣ”, “миёнарав”, “коршинос”-ро кӯшиши истифода доранд. Аммо назар ба ақидаи баъзе кормандони матбуот [15, с.65], он калимаҳои тоҷикии дар боло зикршуда танҳо яке аз

ҷиҳатҳои ин маъноро ифода мекунанд. Азбаски “менеҷер” мутахассиси соҳаи менеҷмент аст ва менеҷмент ба таври куллӣ аз назарияи идораи истеҳсолоти гузашта фарқ мекунад, на он сарвари идора аст, ки мо чун пешина тасаввур мекунем, балки сардори кор аст. Ба фикри Т.Раҳматуллоев дар ин хусус ҳамроҳ шудан мумкин аст, аммо калимаи “коршинос”, ба пиндори мо, ҳамаи он вижагиҳо ва тобишҳои маъноие, ки калимаи “менеҷер” дорад, пурра фаро гирифта метавонад ва калимаи “коршинос”-ро имрӯз чун муодил ва мувозаи вожаи “менеҷер” метавон истифода бурд.

Ҳамин тариқ, дар рӯзномаҳои тоҷикии ҷумҳурӣ миқдори зиёди калимаҳои пешаварӣ ё касбу ҳунари нав, ки дар замони шуравӣ вуҷуд надоштанд, пайдо шудаанд, ки ҷустуҷӯ намуда, шакли хуби тоҷикии онро пайдо карда кор фармудан айни муддао мешуд.

6. Номҳои амалиётҳои гуногун. Вожагони *“бартер”* дар соҳаи иқтисодиёти имрӯза хеле васеъ истеъмол мегардад. Ин як шакли содаи тиҷорат аст, ки маънии тиҷорати мутақобилро дорад. Дар саҳифаҳои рӯзномаҳои тоҷикӣ аксар ин калима бо шакли арабӣ, ки як вақтҳо серистеъмол буд, баробар истифода мешавад: Дар айни замон ба вазъи иқтидорҳои асосии истеҳсолӣ, истифодабарии технология, ҳамчунин мавҷудияти захираҳои дохила ва баъзан *муовиза* (бартер)-и он баҳри раҳо ёфтан аз вазъи буҳронӣ диққату эътибори калон дода мешавад [От., 28. 06. 1997], *инфелятсия* – беқурб шудан, яъне паст гардидани қурби пул аст, ки ин ду шакл имрӯз дар забони матбуот баробар дар истифодаанд.

Калимаи “интегратсия” маънои “*якҷоя кардан*”-ро [10, с. 354] дорад, аммо мувозаи тоҷикии он то ҳол шакли маъмули худро пайдо накардааст. Ин калима бо шакли тоҷикии “муттаҳидшавӣ”, “якҷояшавӣ” мутобиқ аст: Ӯзбекистон, ки бо роҳи боз ҳам инкишоф додани равобити иқтисодӣ бо давлатҳои Аврупо, *интегратсия* бо Иттиҳоди Аврупо рафта, бо ҳамин васила ба якҷоя шудан ба иқтисодиёти ҷаҳон мекӯшад, албатта, дар ин бобат ҳамкории мамлакати мо бо Юнон мавқеи муҳимро касб менамояд [От., 05. 04. 1997]. Вожаи “интегратсия” бидуни муодили тоҷикиаш оварда шудааст, ки ин як навъ душвор кардани забони рӯзнома ҳам хоҳад шуд.

Ҳамин тариқ, дар рӯзномаҳои тоҷикии ҷумҳурӣ миқдори на он қадар зиёди вожаҳои ифодагари амалиёти гуногун мавриди корбурд қарор гирифта, баъзеи онҳо, тавре дар боло зикраш рафт, бе муодили тоҷикӣ ва бешарҳ дар қавсайн оварда шудаанд ва то андозае барои хонандаи одӣ забони рӯзномаро душвор кардаанд.

7. Вожагони ифодагари номҳои коғазҳои қиматбаҳо. Дар матбуоти имрӯза ва шароити бозаргонӣ як силсила номҳои коғазҳои қиматбаҳо аз дигар забонҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардиданд. Ин, албатта, назар ба ақидаи Э. Муллоқандов тақозои замон буда [14, с. 46], чанде аз ин вожагонро ҳоло пешкаши хонандагон менамоем, ки мувофиқи матлаб хоҳад шуд: 1) *банкнотҳо – чиптаҳои банкӣ* буда, ҳар ду шакл баробар мавриди истифода қарор доранд; 2) *варақаи бонк* - *коғаз, варақ* ё *чиптаи* анвои пулист, ки аз тарафи бонкҳои марказӣ барои муомилот интишор шудааст. *Варақаи бонк* чун воситаи пардохти пул муайян гардидааст. Ин ибора дар забони рӯзнома серистеъмол аст: Мақсади асосии вай фароҳам овардани сохтори эътимодноки молиявӣ ва *варақаи банк* барои амалиётҳои содиротию воридотӣ байни мамлакатҳоямон ноил шуд [От., 21. 12. 1998]. 3) *васиқа* - коғази баҳодорест, ки замони пардохти маблағ ё вомро ба шахси муайян тақозо мекунад. Калимаи *“васиқа”* дар луғати нимтафсилии устод С. Айнӣ бо чунин маъноҳо тавзеҳ дода шудааст: 1) ҳар гуна ҳуҷҷат, ки чизеро устувор кунад; 2) ҳуҷҷати замин, ҳавлӣ (ба ҳамин маънӣ дар забони халқ зинда аст) [3, с. 67]. Аммо дар забони адабӣ ин калима пас аз инқилоб тадричан то имрӯз ба “сандуқ”-и калимаҳои ғайрифаъол (архаистӣ) рафта буд. Ҳоло ин вожа боз дар забон эҳё гашта серистеъмол гардидааст: Ба бонки марказӣ тавсия карда шуд, ки тадбирҳои мушаххасро оид ба таҳким бахшидани муътадилии низоми банкӣ, инкишоф додани *васиқа,* такмил додани низоми пардохт, кам кардани қарзи байниҳамдигарии субъектҳои хоҷагӣ, ҷалб сохтани маблағи пули озоди аҳолӣ бо роҳи ҷорӣ намудани нави амонатҳо ва сиёсати аз нигоҳи фоизӣ рағбатнок сохтани онҳо таҳия созад [От., 14. 06. 1997]. *“Сармоя”* – дар луғати устод С. Айнӣ чунин маъниҳоро дорад: 1) асоси ҳар чиз; 2) мол ва пули асли ягон савдогар ё ягон тиҷоратхона [3, с. 367]. “Сармоя” аз нав дар рӯзгори имрӯза серистифода гардида, ба маънои арзишест, ки арзиши наву бештар меоварад. Се намуди сармоя мавҷуд аст: сармояи пулӣ, сармояи истеҳсолот ва сармояи амсол. Масалан: Ба бонки марказӣ

тавсия карда шуд, ки тадбирҳои мушаххасро оид ба таҳким бахшидани муъҳадилии низоми *сармоя* эътибори ҷиддӣ диҳад [От., 05. 04. 1997].

8. **Як гурӯҳи феълҳои таркибии номӣ** аз ҷумлаи *танзим кардан* (ба тартиб овардан), *тасмим гирифтан* (ба қароре омадан), *ташхис гирифтан* (ба қароре омадан), *ташхис додан* (ҷудо кардан, муайян кардан), *таъвиз кардан* (иваз кардан), *таҳвил кардан* (додан, гузаронидан), *таҳия кардан* (тайёр кардан, омода намудан), *таҷаллӣ кардан* (ҷило додан, тобиш додан), *таҷзия кардан* (тақсим кардан, ҷудо кардан), *фасх кардан* (бекор кардан), *тамчид кардан* (таъриф кардан), *сипарӣ намудан* (гузаштан), *ифо кардан* (ичро кардан), *тамос гирифтан* (алоқа кардан), *маҳсуб гардидан* (ба ҳисоб рафтан, ба шумор рафтан) ва амсоли инҳо, ки имрӯз дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик мавриди корбурд қарор доранд, дар "Луғати тоҷикӣ – русӣ"-и соли 1954 қайд шудаанд, яъне ҳоло онҳо аз захираи ғайрифаъоли забонамон ба ифодаҳои фаъоли таркиби луғавии забони тоҷикӣ табдил ёфтаанд. Дар ин бобат забоншинос Р. Ғаффоров чунин баёни андеша кардааанд: «Ба касоне, ки барои истифодаи ин феълҳо эрод гирифта, гумон мекунанд, ки воҳидҳои луғавии мазкур аз матбуоти Эрону Афғонистон омада бошанд ва бо баҳонаи арабиасл будани ҷузъҳои номӣ истифодаи онҳоро нолозим мешуморанд, изҳори радди фикри онҳо менамоем» [Р.Ғ.]. Яке аз он феълҳои таркибии номӣ "*тамдид кардан"* мебошад ва маънии "*дароз кардан*"-ро дорад. Дар воқеъ, вожаи "тамдид" мансуби забони арабӣ буда, маънои дарозро ифода мекунад. Ба ин маънӣ ҳар чӣ қадар калимаи "дароз" тоҷикӣ бошад, ҳамон қадар "тамдид" ҳам ба ҳукми тоҷикӣ даромадааст. Бинобар ин, эҳё ё аз нав зинда кардани чунин калимаҳо тақозои замон ба шумор меравад.

Феълҳои дигари мисли *"тазаккур додан", "кӯшиш ба харч додан", "қарор доштан", "таҷлил намудан", "шуғл варзидан", "танзим гаронидан", "бунёд гардидан" ва амсоли инҳо барои ғановати забон чун муодилҳои калимаҳои зикр кардан, кӯшиш намудан, чашн гирифтан, машғул, шудан, ба тартиб овардан, барпо шудан* низ ба қатори феълҳои таркибии номӣ, ки умумиистеъмолианд, дар забони имрӯзаи матбуоти тоҷики Ӯзбекистон серистеъмоланд. Мисол: Қонуни мазкур аз модда иборат буда, муносибатҳоро дар соҳаи созмон додан, фаъолият, аз нав ташкил додан ва барҳамзании иттиҳодияҳои вомгузорӣ ***танзим мегардонад*** [ОТ, 03. 07. 02]. Ба *номнавискунии* иттиҳодияҳои вомгузорӣ ва додани рухсатномаҳо Бонки Марказии Чумҳурияти Ӯзбекистон ***шуғл меварзад*** [ОТ, 03. 07. 02]. Аз қадим боз дар сарзамини Шарқ, минҷумла Осиёи Миёнаву Қазоқистон Наврӯзро бо шукӯҳу тантана **таҷлил** менамоянд [ОТ, 12. 03. 03]. Дар майдон гулзор, чароғҳои ҳарранга ва дар маркази он фавворaи 15 метраи бо чароғҳои сершумор ороёфта ***бунёд*** гардидааст [ОТ, 03. 07. 02].

Ҳамин тариқ, миқдори зиёди калимаҳои **«худӣ»** дар забони матбуоти даврони соҳибистиқлолӣ аз нав эҳё гашта, чи дар забони матбуот ва чи дар дигар шохаҳои услубии забони адабии тоҷикӣ мақоми хосса пайдо кардааанд. Онҳо оҳиста-оҳиста ҷойи калимаҳои русӣ-байналмилалиро гирифтаанд ва он калимаҳоеро, ки як вақтҳо бо таъсири зиёди русикунонӣ ичборан ба забони адабии тоҷикӣ ворид гардида буданд, танг карда истодаанд.

Муқарриз: ***Ҳомидов Д.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳмонов, А. Газета журналистикаси терминларининг қисқача изоҳли луғати / А. Абдураҳмонов. – Тошкент: Ўқитувчи, 1983. – С. 23.
2. 2.Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. - Душанбе, 1988. – 124 с.
3. Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт, Ҷ. 12 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 650 с.
4. Абдусаидов, А. Газета жанрларининг тили ва услуби / А. Абдусаидов. – Самарқанд, 2001. – С. 23-28.
5. Бобомуродов, Ш., Муминов А. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик / Ш. Бобомуродов, А.Муминов. – Душанбе, 1983. – 116 с.
6. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р. Ғаффоров. – Душанбе, 1966. –224 с.
7. Ғаффоров Р. Устоди бузурги сухан / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 86.
8. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе, 1973. – 480 с.
9. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2005. – 155 с.
10. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик / М.Н.Қосимова. – Душанбе, 2010. – 320 с.
11. Луғати русӣ-тоҷикӣ. – М.: Русский язык, 1985. – С. 354.
12. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 384 с.
13. Мирзоев Ғ. Муродифоти қолабҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ / Ғ.Мирзоев // Маърифат, -№ 11, 1991. – С. 16-18.
14. Мирзаев С. Матбуот ва забони он "Оинаи забон"/ С.Мирзаев. –Душанбе: Деваштич, 2003. – С.54.

15. Муллоқандов Э. Забон дар тӯли замон / Э. Муллоқандов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С.46.
16. Раҳматуллоев Т. Луғати мухтасари иқтисодиёти бозоргонӣ / Т. Раҳматуллоев. – Самарқанд, 1998. – С.16 - 19.
17. Сабзаев С. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.Сабзаев. – Душанбе, 1991. – 79 с.
18. Ҳалимов С. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С.Ҳалимов, К.Шукурова. – Душанбе, 1988.– 96 с.
19. Ҳомидов Д. Лафзи хуш дар ҷилва орад маънии гуфторро / Д. Ҳомидов. –Душанбе, 2010. – С. 28-30.
20. Ҳомидов Д. Сарнавишти калимаҳо / Д. Ҳомидов. –Душанбе, 2007. – С. 28-30.

ВИЖАГИҲОИ ЛУҒАВӢ ВА ДАСТУРИИ ЗАБОНИ МАТБУОТИ ТОҶИКИИ ӮЗБЕКИСТОН

Дар мақолаи мазкур сухан доир ба чанд вижагиҳои луғавию дастурии забони матбуоти тоҷики Ҷумҳурии Ӯзбекистон меравад ва зикр мегардад, ки дар охири садаи ХХ ва ибтидои садаи ХХI, яъне дар замони соҳибистиқлолӣ забони матбуоти тоҷикӣ ҳам дар нашрияҳои Тоҷикистон ва ҳам матбуоти тоҷикии Ӯзбекистон рӯ ба дигаргуниву таҳаввулот овард ва як қатор вожаҳои рӯ ба фаромӯшӣ оварда аз нав чун моли ҳақиқии забони адабӣ мавриди корбурди дубора қарор гирифт, ки ин ҷараёнро дар забоншиносии муосир эҳёшавии вожаҳои таърихӣ меноманд. Ба андешаи муҳаққиқ матбуот ҳамчун яке аз воситаҳои тарғибу ташвиқ барои инкишоф ва рушди илмию фарҳангии ҷомеа ҳамеша таъсири мусбат расонида, дар онҳо калимаю истилоҳоти нав аз забонҳои дигар вомгирӣ ё иқтибос мешаванд, маънии нав пайдо мекунанд, ё аз инкишоф монда, аз эътибор дур мегарданд. Аз ин рӯ, забони матбуоти давраи соҳибистиқлолии тоҷик дар қаламрави Ӯзбекистон аз ин гуна тағйироту таҳаввулот дар канор набуда, нақши аҳли қалам дар ин кори хайр назаррастар аст. Пас аз соҳибистиқлолӣ чи дар Ӯзбекистон ва чи дар Тоҷикистон дар мавридҳои вожагузинию истилоҳсозӣ ҷанбаи миллӣ дар ҷойи аввал қарор гирифта, имрӯз ҳар як донишманди тоҷик метавонад ҳам аз захираи забони классикӣ ва ҳам аз таҷрибаи пурғановати ҳамзабонони кишварҳои Эрон ва Афғонистон, ҳам аз имкониятҳои калимасозии тоҷикӣ ва сарвати забони зиндаи халқ истифода барад.

Калидвожаҳо: рӯзнома, матбуот, нашрия, забон, услуб, меъёр, тағйирот, инъикос, ифода, истифода, вомвожа, иқтибосӣ, вожа, сода, равон, суфта, воқеа, рӯзмарра, нақш, вижагӣ, қолиб, мазмун, эҳё, наввожаҳо ва амсоли инҳо.

ЛЕКСИЧЕСКИЕ И ДИДАКТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЫ УЗБЕКИСТАНА

В данной статье рассматриваются некоторые лексические и дидактические особенности таджикской прессы Республики Узбекистан и упоминается, что в конце 20-го и начале 21-го века, то есть в период Независимости, в языке таджикской прессы, как в изданиях Таджикистана, так и в таджикской прессе Узбекистана, произошли изменения. По мнению исследователя, пресса как одно из средств пропаганды и научно-культурного развития общества всегда оказывает положительный эффект, в ней заимствуются новые слова и термины из других языков, они приобретают новое значение, либо выходят из употребления и устаревают. Поэтому язык прессы в период независимости Таджикистана на территории Узбекистана не избежал таких изменений и событий, и роль писателей в этом благом деле более значительна. После обретения независимости как в Узбекистане, так и в Таджикистане национальный аспект стоял на первом месте в лексике и терминологии, и сегодня каждый таджикский учёный может учиться на классическом языковом материале, на богатом опыте соотечественников в Иране и Афганистане и использовать богатство живого языка народа.

Ключевые слова: газета, пресса, публикации, язык, стиль, норма, изменение, отражение, выражение, употребление, заимствование, слово, простой, поток, плавный, событие, повседневность, роль, особенность, модель, содержание, возрождение, неологизмы.

LEXICAL AND DIDACTICAL FEATURES OF THE TAJIK PRESS OF UZBEKISTAN

This article talks about some lexical and didactic features of the Tajik press of the Republic of Uzbekistan and mentions that at the end of the 20th and beginning of the 21st century, that is, during the period of Independence, the language of the Tajik press, both in publications of Tajikistan and in Tajik press of Uzbekistan, changes and developments have occurred in modern linguistics. According to the researcher, the press, as one of the means of promoting and encouraging the development and scientific and cultural development of society, always has a positive effect, they borrow new words and terms from other languages, they acquire new meaning, or they are out of development and outdated. Therefore, the language of the press during the period of independence of Tajikistan on the territory of Uzbekistan did not avoid such changes and events, and the role of writers in this good cause is more significant. After gaining independence in both Uzbekistan and Tajikistan, the national aspect came first in vocabulary and terminology, and today every Tajik scientist can learn from the classical language reserve, from the rich experience of compatriots in Iran and Afghanistan. , and from the capabilities of the Tajik vocabulary, and to use the wealth of the living language of the people.

Key words: newspaper, press, publication, language, style, norm, change, reflection, expression, use, borrowing, word, simple, flow, smooth, event, everyday life, role, feature, model, content, revival, neologisms, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимқулов Ғайрат*** – Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, дотсент, кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷа. E-mail: **rahimqulovgayrat@mail.com.** Тел.: **(+998) 902-70-16-75**

Сведения об авторе: ***Рахимкулов Гайрат*** – Самаркандский государственный университет имени Шарофа Рашидова,доцент кафедры таджикской филологии и восточных иностранных языков. E-mail: **rahimqulovgayrat@mail.com.** Тел.: **(+998) 902-70-16-75**

Information about the authors: ***Rakhimqulov Gayrat*** – Samarkand State University named after Sharof Rashidov, Associate Professor of the Department of Tajik Philology and Oriental Foreign Languages. E-mail: **rahimqulovgayrat@mail.com.** Тел.: **(+998) 902-70-16-75**

ТДУ: 070 (03) (575.1) (575.3)

КАЛИМАҲОИ КУҲНАШУДА ДАР МАВОДИ РӮЗНОМАИ “БУХОРОИ ШАРИФ”

Шодиев Б.Ғ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Барои ҳар як давраи инкишофи таърихии забон таҳқиқ намудани хусусиятҳои таркиби луғавӣ ва сохти грамматикию услубии он яке аз масъалаҳои бисёр муҳим мебошад. Таҳқиқи забони маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” аз ду ҷиҳат, ҳам аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ва ҳам аз ҷиҳати сохти грамматикӣ барои муайян ва равшан инъикос намудани таърихи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аҳаммияти ниҳоят калон дорад, зеро забони осори бадеӣ ва публитсистӣ дар ҳар марҳила дар таърихи инкишофи забони адабии тоҷикӣ нақши барҷаста гузоштаанд. Таркиби луғавии маводи рӯзномаи мазкур аз диду назари замонӣ тағйир ёфта, боиси гузаштани бархе аз луғот ба лексикаи таърихӣ шудааст. Ба қабати лексикаи таърихӣ гузаштани як қатор калимаҳо, пеш аз ҳама, ба дигар шудани сохти сиёсию иҷтимоии ҷомеа вобаста аст.

Дар маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” ҳаёт ва рӯзгори охири асри XIX ва ибтидои асри XX инъикос гардида, моҳияти ҳар чиз вобаста ба шаклу тарзи ифодаи мансуб ба замон баён гардидааст. Дар рӯзномаи мазкур як қатор калима ва ибораҳое мушоҳида гардиданд, ки номи мафҳумҳои хосси ҳамон давраи муайянӣ таърихиро ифода мекунанд ва имрӯз дар радифи калимаҳои куҳнашуда қарор доранд. Аз сабаби он ки рӯзномаи мазкур пеш аз инқилоби Октябр таҳия ва нашр мегардид, вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзуъ ва талаботу тақозои замон як миқдори муайяни калимаҳои куҳнашуда ва таърихан маҳдудшударо дар бар гирифтааст.

Як қисми воҳидҳои луғавие, ки имрӯз ба қатори калимаҳои таърихӣ дохил шудаанд, луғати фаъоли он замонро ташкил медоданд. Вожаҳои таърихӣ бо таъсири забонҳои гуногун, аз ҷумла забонҳои арабӣ, туркӣ, русӣ ва ғ. ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудаанд. Дар ин хусус забоншиноси варзида П.Н. Хонларӣ зикр менамояд, ки “дар даврони истилои муғул ва тотор истилоҳоти бисёре аз забонҳои муғулӣ ва туркӣ дар форсӣ маъмул шуд, ки ба созмони идорӣ ва ҳукуматии он рӯзгор иртибот дошт” [13, с. 128] ва имрӯз ҷузъи калимоти куҳнашудаи забони тоҷикӣ шумурда мешавад.

Калимаҳои куҳнашудаи маводи рӯзнома аз якдигар аз ҷиҳати маъно ва вазифаи худ фарқ мекунанд. Бинобар ин, аз рӯйи маънову доираи истеъмол луғоти мазкурро метавон ба чунин гурӯҳҳои маъной ҷудо намуд:

-Вожаҳои таърихии ифодаи мансабҳои давлативу ҷамъиятӣ*:* ***элчӣ, қушбегӣ, оқсаққол, вазоратпаноҳ, қозӣ, қозикалон, султон, ҳоким, император, генерал-губернатор*** ва ғ. Як гурӯҳ вожаҳое, ки мафҳумҳои сиёсию иҷтимоии аморати Бухороро ифода мекарданд, баъди инқилоби Октябр доираи истеъмолашон маҳдуд гардида, ба гурӯҳи вожаҳои таърихӣ гузаштаанд. Ин калимаҳо танҳо дар як давра аз таърихи забон маъмул буданд ва акнун танҳо ҳангоми мутолиаи осори он замон дучор мешаванд. Бинобар ин, хонанда ба туфайли чунин калимаҳо бо сохти маъмурии ҳукумати амирӣ ва ҷамъияти феодалӣ шинос мегардад.

Истифодаи калимаи туркии ***элчӣ*** ба маънои *намояндаи як давлат дар давлати дигар, фиристодаи махсус, сафир* танҳо дар осори асри XIX ва ибтидои асри XX мушоҳида гардид: Аз ҷониби Ҷаноби олии амир, ки ҳамеша асбоби тараққии маорифро тарафдоранд, монеъе набуда, ҳамчунин *элчии* давлати Аълоҳазрат Импературӣ аъзами Рус монеъи тараққии аҳолии Бухорои шариф нашудаанд (Б.ш., 11.03.1912, № 01); *Элчӣ* ба илҳоҳ аз мутарҷим мепурсид, ки бо ман одоби маҷлис ва муҳоварати онро нек талқин кун (*Аҳмади Дониш)*; Дар ин айём дар Бухоро аз тарафи давлати Расӣ (Россия) ба унвони *элчӣ* қунсул меистод (*Садри Зиё)*.

Дар осори асрҳои IX-X калимаҳои тоҷикии ***фириста*** ба маънои *фиристода, вакил, сафир, расул* ва ***фиристода*** ба маънои *вакил, элчӣ, сафир, расул қосид, паёмбар* мавриди корбурд қарор доштаанд: Ба дил пур зи кин шуд, ба рух пур зи чин, *Фириста* фиристод зй шоҳи Чин; *Фиристода* бояд ки доно бувад, Ба гуфтан далеру тавоно бувад (*Фирдавсӣ)*.

Калимаи туркии ***қушбегӣ // қӯшбегӣ*** ба маънои *мансаби сарвазири амирони Бухоро (олитарин мансаб дар сохти девонии аморати Бухоро, садри аъзам), ки корҳои маъмурии давлатӣ дар дасти ӯ буд* дар осори ин давраи таърихӣ мушоҳида гардид: ...яке барои ҷаноби

олии *амир* ва яке барои худи ҷаноби политически органи Русия дар Бухоро ва яке барои ҷаноби *қушбегӣ* ва яке барои ҷаноби *қозикалон* аст (Б.ш., 11.03.1912, №1); *Қушбегӣ* кас фармуда, ҳамаи онҳоро ба қайду ҳабс кашид, моли онҳоро ба мусодара дар хизона овард (*Аҳмади Дониш)*.

Калимаҳои таърихии ***вазоратпаноҳ, аморатпаноҳ*** ба маънои *лақаби вазири аввал дар собиқ аморати Бухоро* ҳамчун баёнияҳои вазир ва қушбегӣ танҳо дар маводи рӯзнома мушоҳида гардид: Баъд аз наҳорӣ ва хушбошиҳо кардан, ҷаноби генрол-губурнотур ҳамроҳи дигар меҳмонон аз барои визит ба чавоили *вазоратпаноҳ қушбегӣ* даромада, миқдори понздаҳ дақиқа нишастанд (Б.ш., 11.03.1912, № 1).

Калимаи туркии **оқсақол** ба маънои *1. мӯйсафед; 2. таъ. сардор, сардори маҳалла, деҳа ё сардори як гурӯҳ косиб ва ҳунарпешагон (яке аз мансабҳои хурди маъмурӣ дар гузашта)* дар замони аморати Бухоро ва хусусан, дар осори ин давра зиёд корбаст гардидааст: *Оқсақол* бисёр нағз шуд, ки дар Бухоро газет баромад иншааллоҳ акнун одамон камтар бо роҳи илму фунун кӯшиш мекунанд (Б.ш., 25.03.1912, № 12).

Калимаи ***қозикалон*** ба маънои *таъ. сардори қозиён; яке аз мансабҳои олии руҳонӣ дар аморати Бухоро, ки шахси дувум дар идораи умури давлатӣ (пас аз қушбегӣ) ба шумор мерафт* дар маводи рӯзномаи мазкур ниҳоят серистеъмол аст: ...яке барои ҷаноби олии амир ва яке барои худи ҷаноби политически органи Русия дар Бухоро ва яке барои ҷаноби қушбегӣ ва яке барои ҷаноби *қозикалон* аст (Б.ш., 11.03.1912, №1).

Вожаҳои арабии ***қозӣ*** ба маънои *таъ. мансабдори шаръӣ дар аморати Бухоро, ки масъалаҳои баҳснокӣ ҳуқуқӣ ва ҷиноятҳои содиршударо аз рӯйи нишондоди шариат ҳал мекард; фақеҳе, ки мурофиотро дар мавриди ихтилофу низоъ байни мардум мувофиқи қонуни шариат ҳал мекард:* ***ҳоким*** ба маънои *ҳукумкунанда, фармонфармо;* ***султон*** ба маънои *таъ. унвони подшоҳон дар баъзе мамлакатҳои Шарқ* асрҳо инҷониб то замони инқилоби Октябр дар забон доираи васеи корбурд доштаанд, вале тағйири вазъи сиёсию иҷтимоии ҷомеа боиси он шуд, ки бо мурури замон доираи истеъмолашон маҳдуд гашта, ба қабати лексикаи таърихӣ дохил гарданд.

Яъне, вақте ки дар миёни аҳолӣ мунозиъ ва мушориъ воқеъ гардид, бар *ҳоким* ва *қозӣ* воҷиб аст, ки такворо шиори худ фармуда, ба таври одилона ҳукум фармоянд (Б.ш., 14.05.1912, №54); Пас фароҳам намудани асбоби шавқ вазифаи шахсии шахси соис ва *султон* аст (Б.ш., 16.05.1912, № 56); Қозӣ ба куштанам фатво дод ва *султон* масолеҳи хеш андар ҳалоки ман мебинад. (*Саъдӣ)*; Надонист *қозӣ*, ки аз доварӣ, Киро созад аз ин ду тан ёварӣ (*Фирдавсӣ)*.

Вожаҳои таърихии ифодакунандаи мансабҳои шоҳони рус, ки дар давраи ҳукумати амирӣ серистеъмол буданд: ***император***- *лот. унвони ҳукмронони салтанатҳои хеле бузург, ҳукмрон, подшоҳи бузург, шоҳаншоҳ;* ***генерал-губернатор*** *–лот. таъ. ҳокими ягон кишвар ё вилоят дар Русияи подшоҳӣ ва баъзе малакатҳо, ки ҳокимияти ҳарбии маъмурӣ ба дасти ӯ супорида шудааст:* Аз ҷониби Ҷаноби олии амир, ки ҳамеша асбоби тараққии маорифро тарафдоранд монеъе набуда, ҳамчунин *элчии давлати Аълоҳазрат Импературӣ аъзами Рус* монеъи тараққии аҳолии Бухорои шариф нашудаанд (Б.ш., 11.03.1912, № 01); Баъд аз наҳорӣ ва хушбошиҳо кардан, *ҷаноби генрол-губурнотур* ҳамроҳи дигар меҳмонон аз барои визит ба чавоили вазоратпаноҳ қушбегӣ даромада, миқдори понздаҳ дақиқа нишастанд (Б.ш., 11.03.1912, № 1).

Калимаҳои таърихӣ дар маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” ҳамчун муайянкунандаи хусусиятҳои ҳаёти давр ва ифодакунандаи муносибатҳои расмии охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба кор бурда шудаанд. Ин калимаҳо ҳамчун лексикаи хосси як давраи муайяни таърихӣ муодили худро надоранд, бинобар ин, ба ҷойи онҳо кор фармудани калимаҳои дигар сабаби тағйир ёфтани маъно ва ҳодисаи таърихӣ мегардад.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ як қисми калимаҳои таърихии ифодакунандаи мансабҳои давлативу ҷамъиятӣ бо мурури замон дар ҳамон шакли маъмули худ дар давраи дигари таърихӣ аз нав эҳё гардида, ба маънои нав кор фармуда мешаванд. Калимаҳои ***раис, вазир, арбоб, ходим, домулло*** ва ғ. аз ҷумлаи чунин калимаҳо мебошанд, ки имрӯз дар забон доираи васеи корбурд доранд, вале ин гуна калимаҳо аз ҷиҳати маънои дохилӣ ба маънои таърихиашон ҳеҷ умумияте надоранд. Дар ин хусус муҳаққиқ М. Олимҷонов таъкид менамояд, ки “таърихӣ ё куҳнашуда номидани ин гурӯҳ калимаҳо нисбист, зеро онҳо

тамоман аз таркиби луғавии забон набаромада, таҳти таъсири бархе аз омилҳо доираи истеъмолашон танг мегардад. Мумкин аст, боз баъди гузариши муддати мадиде онҳо ба қатори луғати фаъоли забон ворид гарданд” [12, с. 15].

-Вожаҳои таърихии ифодакунандаи ҳаракату созмонҳои сиёсӣ: ***ҷавонбухориён****-таър. созмони инқилобӣ дар Бухорои амириш охири асри XIX ва ибтидои асри XX,* ***ҷадидон****-2.таър. пайрави ҳаракати ҷадидӣ, тарафдори ҷадидия*; ***ҷадидия****- таър. ҷараёни сиёсии байни табақаҳои буржуазияи маҳаллӣ ва зиёиёни Осиёи Марказӣ, ки шиораш ислоҳотталабӣ буд* ва ғ.

-Вожаҳои ифодакунандаи кӯчаву маҳалҳои аҳолинишин: ***балада // балда****- а. кит. маҳалли аҳолинишин; шаҳр;* ***қария/ қаря****- а. 1. деҳ, деҳа, қишлоқи нисбатан калон 2. шаҳрча, шаҳрак;* ***қасаба // қасабача*** *- а. ободие, ки аз чанд деҳ ташкил ёфта бошад; шаҳрча, шаҳраки кӯчак;* ***туман****- т. воҳиди тақсимоти маъмурӣ ва марзӣ дар Бухорои амирӣ; музофот, ноҳия* ва ғ.

Аввалан бояд ҳама сокинини як *балдия*ву як шаҳр ва як *қария*ву як Ватан, балки рӯйи замин ҳамдигарро бародари падару модари ҳамдигар бидонанд (Б.ш., 22.05.1912, № 61); Аз беилмӣ аст, ки аҳли як *қария* ва як *шаҳр* балки як фомил, ки бо ҳам бани аъмоманд, бо ҳамдигар то чанд сол балки чанд моҳ, балки чанд рӯз... улфат ва дӯстиро ба охир намерасонанд (Б.ш., 23.05.1912, №62); Дар Олмон ба ин иктифо нанамуда, чанд *қасабча*ҳои кӯчак якҷо ҷамъ шуда, харҷи як айропланро бар ухдаи худ бармедоранд (Б.ш., 08.04.1912, №24); Дар ҳама ҷо ҳофизон ба тараннум машғул буданд, ... сипаҳроби бисёре аз *туман*ҳо омадаанд (Б.ш., 20.03.1912, № 8) ва ғ.

Ин вожаҳои арабию туркии ифодакунандаи маҳалҳои аҳолинишин аз ҷумлаи луғатҳое мебошанд, ки то як аср пеш дар осори классикӣ ва маводи публитсистии ибтидои асри XX серистеъмол буданд.

-Вожаҳои ифодакунандаи шумораҳо: ***бевар****-кӯн. даҳ ҳазор (ба забони паҳлавӣ);* ***лак****-сад ҳазор; лак-лак // лак андар лак - хеле зиёд, бисёри бисёр;* ***курур*** *-кит. панҷсад ҳазор, ним миллион;* ***ҳазор-ҳазор*** *- як миллион;* ***дувист****- кит. шакли қадимаи дусад;* ***понсад****- ниг. панҷсад* ва монанди ин ҳамчун калимаҳои куҳнашуда дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ истеъмол намешаванд. Муаллифони мақолаҳо дар истеъмоли шумораҳо, аз як тараф, ба забони осори классикӣ ва замони худ такя карда, шаклҳои қадимаи шумораҳоро истифода намудаанд.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи забони маводи рӯзнома аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар истифодаи шумораҳои миқдории *бевар, курур* ва *лак* мебошад. Инчунин дар шумораҳои миқдории *чор- чаҳор, чил- чиҳил*, *дусад-дувист, панҷсад- понсад* тафовути шаклӣ дида мешавад.

Ба ҳисоби тахминӣ дар худи шаҳри Бухорои шариф ба қадри *як лак* ҳайвонро бечон хоҳанд намуд, ки баҳои мутавассити ин ҳама қурбониҳо тақрибан якуним миллион сум хоҳад буд (Б.ш., 06.11.1912, № 130); Баъд аз чоп шудани билетҳои расмӣ *чиҳил* сӯми дигар дода, билети шашмоҳа хоҳанд гирифт (Б.ш.,14.08.1912, № 112); Сад пуд пунбаро ба соҳибони корхонаҳо ба қимати *дувист* сӯм мефурӯшем (Б.ш., 20.04.1912, № 35); Банда худам дида ва ба мурофиаи онҳо машғул шудаам, ки касе *понсад* сӯм қарз ба яке дода буд, дар арзи ҳафт сол ҳазору ҳаштсад сӯм танзил гирифта буд (Б.ш., 26.11.1912, № 138) .

Ин шумораҳо дар осори классикӣ низ серистеъмол буданд: Куҷо *бевар* аз паҳлавонӣ шумор, Бувад дар забони дарӣ даҳ ҳазор (*Фирдавсӣ)*; Ҳанӯзат сипос андаке гуфтаанд, Зи *бевар* ҳазорон яке гуфтаанд (*Саъдӣ)*; Дар он на соир монду на тоир аз бари хок, *Ду лак* зи лашкари ӯ шуд ба зери хок ниҳон (*Унсурӣ)*; Маблағи як *курур* тангаи бузург, ки ҳар яке панҷ тангаи урфист, ақмиша ва амтиа харида, ... басе айшу ишрат... мекардам (*Аҳмади Дониш)* ва ғ.

Хусусияти дигари шумораҳои маводи рӯзнома дар серистеъмолии баъзе калимаҳои ифодакунандаи миқдору ченак ва андоза мебошад, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз истеъмол баромадаанд.

-Вожаҳои ифодакунандаи миқдору ченак ва андоза: *таноб, ҷариб, заръ, чақрим, рубъ, сер II, газ, фарсах // фарсанг, ман II, манот I (монета), пуд* ва ғ.

Як қисми вожаҳои ифодакунандаи миқдору ченак ва андоза танҳо дар осори асри XIX ва ибтидои асри XX мушоҳида гардиданд: ***таноб****- 2. таър. ченаки паймоиши масоҳати замин, ки ба чоряки гектар баробар будааст*: ***ҷариб****- а. масоҳате тақрибан баробари даҳ ҳазор метри*

мураббаъ; ***заръ****- а. кҳн. воҳиди ченак, ки тақрибан ба 107 см баробар аст*; ***чақрим****- воҳиди ченаки масофа, ки аз як километр андак зиёдтар аст, фарсах, фарсанг;* ***рубъ****- чоряк, яке аз чор ҳиссаи ягон чиз;* ***сер*** *II - кҳн. миқёси паймоиш, (вазн, андоза), ки ҳар панҷ сер як пуд (16 кг) аст;* ***ман*** *II – кҳн. воҳиди вазн, ки дар ҳама манотиқ як хел набудааст (мас., дар Бухоро ба 128 кг. дар Самарқанд ба 8 пуд баробар буд)*: Масалан, як нафар деҳқон, ки бо саъйи дасту по ва бозувон соле як *таноб* заминро шахм намуда метавонад кошт, он ҳам баъд аз хаста ва монда шудан... (Б.ш., 16.05.1912, №56); Дар Фарғона се *рубъ*и ҳамаи намаки Туркистон ҳосил мешавад (Б.ш., 04.04.1912, № 21) ва ғ.

Инчунин калимаҳои иқтибосии русии ***манот I****- кҳн. сикка, танга; пул (аз калимаи русии* ***монета*** *гирифта шуда, як сумро ифода мекунад)*; ***пуд****- 2. ченаки вазн, ки ба 16 кг баробар буд* дар маводи рӯзнома зиёд корбаст гардиданд: Агар бигӯӣ чӣ тавр, қадре ошкор арз мекунам: 5 ва 6 моҳ заҳмат кашида, деҳқонӣ карда, миқдори *сад пуди русӣ* пунба ҳосил бармедорем. Ҳар соле ба ҷаҳди худу авлоду аёли худ *дувист манот*ро агар бидиҳем, либоси нав ба қадри кифоягӣ наметавонем бихарем ва ҳол он ки вазни даҳяк пунба, балки панҷоҳяк пунбаи худ либос нахаридаем (Б.ш., 20.04.1912, № 35); Сад *пуд* пунбаро ба соҳибони корхонаҳо ба қимати дувист сӯм мефурӯшем (Б.ш., 20.04.1912, № 35); Ҳусули ангиштсанг дар Туркистон фақат дар соли 1903 ба миллион *пуд* расидааст (Б.ш., 04.04.1912, № 21) ва ғ.

Як қисми воҳидҳои ченаку андоза дар осори классикӣ то ибтидои асри ХХ маъмулу серистеъмол буданд: ***фарсах*** *// фарсанг-кҳн. воҳиди масоҳат, ки наздик ба шаш километр аст;* ***мисқол****- а. кҳн. 1. воҳиди ченаки вазни чизҳои майда, ки асосан ба 4,68 гр. баробар буд 2. санги тарозу;* ***газ****- воҳиди андозагирии дарозӣ, ки дар давлатҳои Осиёи Миёна пеш аз гузаштан ба системаи метрӣ барои масофа ба 106, 68 см ва барои матоъ ба 61 см баробар буд*: Аз ибтидои ҷанг то имрӯз шаш моҳ гузашт, итолёиён ҳанӯз шаш *фарсах* аз замини Троблусро соҳиб нагардидаанд (Б.ш., 23.03.1912, № 11); Ба ҳар кӯҷо, ки кунад гард нури мавкаби ӯ, Сипоҳи куфр чу зулмат рамад ба сад *фарсах* (*Бедил)*; Чаҳор пора санги бузург ҳар як чун манорае *сӣ газ* қоим истода ва аз сарҳои он қатароти об чаккон (*Носири Хисрав)*; Ба хони зар ниҳодандаш фаропеш, Ҳазору ҳафтсад *мисқол* не, беш (*Низомӣ)* ва ғ.

Инчунин дар маводи рӯзномаи мазкур ифодаи андозаю ченак дар шакли ***килопуд*** ба ҷойи истилоҳи юнонии *килограмм*, ки ба 1000 грамм баробар аст, кор фармуда шудааст. Дар матн истилоҳи русии *пуд* ба маънои *грамм* истифода гардидааст: Киев-11 май қимати қанд *киллопуд*и 4-45 тин, харидашуда 4-65 (Б.ш., 16.05.1912, № 56).

Чунин калимаҳои ифодакунандаи ченаку андоза дар як давраи муайяни таърихӣ истеъмол гардидаанд, ки ҳоло дар забони адабии тоҷикӣ мавқеи корбурд надоранд ва имрӯз ба ҷойи онҳо калимаҳои франсавию юнонии ***грамм, килограмм, гектар, километр, метр*** корбаст мегардад.

Дар маводи рӯзномаи мазкур калима ва ибораҳое мавҷуданд, ки мафҳумҳои махсуси ҳамон давраи муайяни таърихиро (охири асри XIX ва ибтидои асри XX) ифода мекунанд: *таҷаддудхоҳон*, *тараққихоҳон, маърифатхоҳон, мунавварфикрон, равшангароён, таҷаддудпарвар*, *тараққипарвар*, *маърифатпарвар*, *ислоҳотпарвар, бедорфикр, равшанзамир* ва ғ. дар маводи рӯзномаи мазкур доираи васеи кобурд доранд.

Баъзе аз ин вожаҳо бо мурури замон дар матбуоти даврони истиқлол аз нав эҳё ва серистеъмол гардидаанд: *фарҳангпарвар, маорифпарвар, равшанфикр* аз ҷумлаи чунин калимаҳо мебошанд.

Ҳоло аз ғайрат ва ҳиммати миллатписандонаи чанд нафар *маорифпарвар* ва *тараққихоҳон*и Бухорои шариф ин рӯзномаи мусаммо ба “Бухорои шариф” ба забони форсӣ, ки забони расмии Бухоро ҳаст, таъсис шуда... (Б.ш., 11.03.1912, № 01). Баъзе аз *тараққихоҳон*у *арбоб*и ҳиммату ҳамияти Бухоро ба хоҳиши пойдории ин рӯзнома қарор гузоштанд,... (Б.ш., 14.08.1912, № 112) ва ғ.

Калимаҳои куҳнашуда дар ҷараёни инкишофи таърихии забон доираи истеъмолашон маҳдуд гардида, бо мурури замон аз истеъмол мебароянд. Дар ин маврид забоншинос М.Муҳаммадиев зикр менамояд, ки бештари калимаҳои куҳнашуда, беш аз он ки ба қабати лексикаи куҳнашуда гузаранд, дар забон калимаҳои ҳаммаъно пайдо мекунанд, муддате он шаклҳо баробар дар истеъмол боқӣ монда, ниҳоят яке аз он калимаҳо ба маъно ва мавқеи асосӣ устувор шудан мегирад, дигаре камистеъмол гардида, мавқеи худро аз даст медиҳад

ва ба гурӯҳи калимаҳои камистеъмол куҳнашуда мегузарад ё тобиши маънои нав мегирад [10, с.19].

-*Вожаҳои* куҳнашудае, ки имрӯз муодили онҳо дар истеъмол аст: ***дорулфунун***- *кит. донишгоҳ;* ***пуд***-*кҳн. нахҳое, ки дар бофтани матоъ ба паҳноии он ба кор бурда мешаванд;* ***хилъат***-*ҷома, сарулибосе, ки подшоҳ, амир ё калоншавандае ба касе мебахшад 2. ҷома, сарулибос;* ***саро*** *// сарой-1. хона, манзил 2. қаср, дарбор, ҷойи нишасти шоҳон;* ***мизон***- *1.тарозу 2. миқдор, андоза, меъёр 3.нуҷ. номи арабии бурҷи ҳафтум аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ, моҳи ҳафтуми солшумории ҳиҷрии шамсӣ, ки ба моҳҳои сентябр-октябр рост меояд* ва ғ. асрҳо инҷониб дар осори классикӣ корбурд доштаанд.

Мо наметавонем ифтихор ба ин намоем, ки як вақте муқаддимини мо олим ва доно буданд. Ё дар замони халифаи Аббосия мусулмонон *дорулфунун*ҳо доштанд; Тору *пуд*и арсаи шуҳуд аз буду набуд ба ҳам бофта шудааст (Б.ш., 29.03.1912, № 16); Рӯзномаи мо аз ярмаркаҳо... маълумот дода, аз моли алтиҷорати дохилу хориҷ ва маҳсулоти Бухорои шариф ва атрофу навоеъи он мисли пунба, пашм, пӯсти қарокул, қимати *мизони* нон, гӯшт, абрешим, чой ва ғайраву ғайра иттилоот хоҳад дод (Б.ш., 11.03.1912, №1). Ба *мизон*и мантиқии зоҳирӣ ва истеҳсоноти шоъирия метавон ҳарфи беасосеро матин ва маҳкам ҷилва дод (Б.ш., 25.05.1912, № 64) ва ғ.

Хуллас, истеъмоли калимаҳои куҳнашудаву таърихӣ дар маводи рӯзномаи “Бухорои шариф” бо мақсади воқеӣ тасвир намудани шароити муайяни таърихии аморати Бухоро дар ибтидои асри ХХ ва ба ин восита шинос намудани хонандагон бо ҳодисаву воқеаҳои гуногуни он давр мебошад. Бинобар ин, истифодаи чунин калимаҳо барои муайян кардани шароиту хусусиятҳои хосси ҳамон давраи таърихӣ ҳамчун вожаҳои махсуси луғавӣ истифода гардида, шароит ва тартиби зиндагии пеш аз инқилобро равшан инъикос мекунанд. Вожаҳои мавриди назар то ибтидои асри ХХ барои умум фаҳмо ва серистеъмол буданд, вале баъд аз инқилоби Октябр тадриҷан аз истеъмол баромада, ба қатори калимаҳои куҳнашуда дохил шудаанд, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дигар мавқеи корбурд надоранд. Онҳо танҳо дар осори хаттӣ дучор мегарданд ва имрӯз низ барои тасвири воқеаву ҳодисаҳои замони гузашта дар ҳамон шакли маъмули худ истифода мешаванд. Пеш аз ҳама, тараққиёту пешрафти ҷамъият ва тағйири вазъи сиёсию иҷтимоии ҷомеа боиси он шудааст, ки миқдори зиёди калимаҳо аз истеъмол баромада, ба гурӯҳи калимаҳои куҳнашуда дохил шаванд. Истифодаи калимаҳои куҳнашуда дар як аср ё як давра аз таърихи забон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтанд.

Муқарриз: ***Шарифзода Ф.Х.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. -Душанбе: Дониш, 1988.-124 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Фонетика ва морфология. –Душанбе: Дониш, 1985. -356 с.
3. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р. Ғаффоров. -Душанбе: Дониш, 1966. -225 с.
4. Забони ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Қ.1 –Душанбе: Дониш, 1982.
5. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. -Душанбе: Ирфон, 1967. -220 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. –Душанбе: Деваштич, 2007. Ҷ. 1. -242 с.
7. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумӣ. –Душанбе: Дониш, 1976. -75 с.
8. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. -Душанбе, 2011. -385 с.
9. Мухторӣ Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. -Душанбе, 2006. -129 с.
10. Муҳаммадиев М. Дар бораи архаизм ва калимаҳои маҳдудшуда // Мактаби советӣ / М. Муҳаммадиев. -Душанбе, 1964. -№02. –С 17-21.
11. Муҳаммадиев М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии тоҷик / М. Муҳаммадиев. -Душанбе: Ирфон, 1968.-63 с.
12. Олимҷонов М. Хусусиятҳои луғавию услубии насри таърихӣ (дар асоси эҷодиёти С.Улуғзода) / М. Олимҷонов. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. -152 с.
13. Хонларӣ П.Н. Забон ва ҷомеа // Андеша / П.Н. Хонларӣ. -Душанбе: Пайванд, 2012. -С. 125-158
14. Хонларӣ П. Н. Таърихии забони форсӣ / П. Н. Хонларӣ. Ҷилди 1,2 ва 3, Теҳрон 1366 с.
15. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик / С. Ҳалимов. -Душанбе, 1979. -95 с.
16. Ҳоҷиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри ХХ / С. Ҳоҷиев. –Душанбе: Дониш, 1987. -167 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -М.: Саветская энциклопедия, 1969. -Ҷ.1. -952 с.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -М.: Саветская энциклопедия, 1969. -Ҷ.2. -949 с.

19. Юсуфов Ҳ. Калимащои таърихӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / Баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик / Ҳ. Юсуфов. -Душанбе, 1964. –С. 86-92.

Манбаи таҳқиқ:

20. Б.ш.-Бухорои шариф, № 01-153.

КАЛИМАҲОИ КУҲНАШУДА ДАР МАВОДИ РӮЗНОМАИ "БУХОРОИ ШАРИФ"

Дар мақола хусусиятҳои луғавии калимаҳои куҳнашуда дар асоси маводи рӯзномаи "Бухорои шариф" мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Барои ҳар як давраи инкишофи таърихии забон таҳқиқ намудани хусусиятҳои таркиби луғавӣ ва сохти грамматикию услубии он яке аз масъалаҳои бисёр муҳим мебошад. Таҳқиқи забони маводи рӯзномаи "Бухорои шариф" аз ду ҷиҳат, ҳам аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ва ҳам аз ҷиҳати сохти грамматикӣ барои муайян ва равшан инъикос намудани таърихи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аҳаммияти ниҳоят калон дорад, зеро забони осори бадеӣ ва публитсистӣ дар ҳар марҳила дар таърихи инкишофи забони адабии тоҷикӣ нақши барҷаста гузоштаанд. Аз сабаби он ки рӯзномаи мазкур пеш аз инқилоби Октябр таҳия ва нашр мегардид, вобаста ба талаботу тақозои замон як миқдори муайяни калимаҳои куҳнашударо дарбар гирифтааст. Як қисми воҳидҳои луғавие, ки имрӯз ба қатори калимаҳои таърихӣ дохил шудаанд, луғати фаъоли он замонро ташкил медоданд.

Калидвожаҳо: таркиби луғавӣ, сохти грамматикӣ, калимаҳои куҳнашуда, лексикаи таърихӣ, осори бадеӣ, маводи публитсистӣ, таърихи забон, инқилоби Октябр ва ғ.

УСТАРЕВШИЕ СЛОВА В ГАЗЕТЕ «БУХОРОИ ШАРИФ»

В статье исследованы лексические особенности устаревших слов на основе материалов газеты «Бухорои Шариф». Для каждого периода исторического развития языка исследование особенностей лексического состава и его грамматического и стилистического строя является одной из важнейших проблем. Изучение языка материалов газеты «Бухорои Шариф» в двух аспектах, как с точки зрения лексического состава, так и грамматического строя, чрезвычайно важно для определения и наглядного отражения истории современного таджикского литературного языка, поскольку язык художественных и публицистических произведений на каждом этапе истории играл заметную роль в развитии таджикского литературного языка. В связи с тем, что эта газета готовилась и издавалась до Октябрьской революции, в ней содержится определенное количество устаревших слов в зависимости от потребностей и требований времени. Часть словарных единиц, вошедших сегодня в список исторических слов, составляла активную лексику того времени.

Ключевые слова: лексический состав, грамматический строй, устаревшие слова, историческая лексика, произведения искусства, публицистические материалы, история языка, Октябрьская революция и др.

OBSOLETE WORDS IN THE NEWSPAPER "BUKHOROI SHARIF"

The article examines the lexical features of obsolete words based on materials of the newspaper "Bukhoroi Sharif". For each period of the historical development of a language, the study of the characteristics of the lexical composition and its grammatical and stylistic structure is one of the most important issues. Studying the language of the materials of the named newspaper goes in two aspects, both in terms of lexical composition and grammatical structure, is extremely important for determining and visually reflecting the history of the modern Tajik literary language, since the language of artistic and journalistic works played a prominent role at every stage of historical development of the Tajik literary language. Due to the fact that this newspaper was prepared and published before the October Revolution, it contains a certain number of outdated words, depending on the needs and requirements of the time. Some of the vocabulary units included in the list of historical words today constituted the active vocabulary of that time.

Keywords: lexical composition, grammatical structure, obsolete words, historical vocabulary, works of art, journalistic materials, history of language, October Revolution etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Баходур Гозиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, докторанти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Shodiev-Bahodur@inbox.ru.**
Тел: **(+992) 985-88-99-18, 885-88-99-18**

Сведения об авторе: ***Шодиев Баходур Гозиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 17. E-mail: Shodiev-Bahodur@inbox.ru**.**
Тел: **(+992) 985-88-99-18, 885-88-99-18**

Information about the author: ***Shodiev Bahodur Gozievich***- Tajik National University, Candidate of Philology, Associate dotsent, doctorate of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: Shodiev-Bahodur@inbox.ru**.**
Phone: **(+992) 985-88-99-18, 885-88-99-18**

ТДУ: 811.21/.22-3

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА АФКОРИ ЗАБОНШИНОСИИ СИРОҶИДДИН АЛИХОНИ ОРЗУ

Додаров О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Афкори забоншиносии тоҷик, мутаассифона, дар асри XVIII он қадар пеш нарафт ва дар риштаи забоншиносӣ дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон ягон рисолаи илмӣ ё таълимии муҳимме ҳам пайдо нашуд. Дар системаи таълими ин аср асосҳои дастури забони тоҷикӣ қариб ҳеҷ мақоме надошт. Донишманди мумтози таърихи халқи тоҷик, академик Бобоҷон Ғафуров дар иртибот ба ин мавзуъ мегӯяд: «Омӯхтани адабиёти бадеӣ, илми баён, хаттотӣ, риёзиёт, ҳайат дар программаи мадрасаҳо, аслан, ба назар гирифта намешуд. Хостгорон метавонистанд бо ин соҳаҳо ба тариқи худомӯзӣ машғул шаванд» [8, с. 153].

Дар асрҳои XVIII-XIX, дар замони салтанати манғитҳо, забони тоҷикӣ, бо вуҷуди он ки предмети махсуси омӯзиш шуда натавонист, дар мактабҳои зинаи ибтидоӣ таълим ба забони тоҷикӣ буд, вале дар мадрасаҳо забони дарачаи дуюм, яъне ёридиҳанда ба шумор мерафт. Ғайр аз ин, забони тоҷикӣ дар дастгоҳи давлатӣ нуфузи аввалиндарача дошт. Ба вуҷуди ин ҳама асри XVIII барои халқҳои осиёи Миёна давраи таназзули забону адабиёт ба шумор меравад. Устод Айнӣ дар ин бобат чунин менигорад: «Дар асри XVIII, ки давраи инқирози ӯзбаки аштархониҳо ва ташаккули ҳукумати манғитиён аст, дар Мовароуннаҳр ва Туркистон – давраи харобӣ ва пастравӣ аст» [1, с. 308].

Дар ҳақиқат, вазъияти илму таълим дар асри XIX хеле тағйир ёфт. Дар ин аср дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна ва усули таълим назари навҷӯй боло меравад, ҳаракати маорифпарварӣ пайдо шуда, мактабҳои усули нав кушода мешаванд.

Чунон ки аз иқтибосҳо, аз манбаъҳои муътамад бармеояд, вазъи афкори забоншиносии тоҷик дар асри XVIII нисбат ба асрҳои пешин ва асри баъдӣ, яъне асри XIX, ба таври куллӣ фарқ дорад. Дар асри XVIII бинобар вазъи ноороми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ин аср афкори забоншиносии тоҷик мисли дигар соҳаҳои илму адаб пеш нарафт. Анъанаи шарҳи дастурии забони адабии тоҷикӣ низ дар ҳолати рукуд қарор гирифт.

Воқеан ин пастравӣ дар соҳаи илми забоншиносӣ низ баръало мушоҳида мешавад. Инро дар муқоиса ба вазъи афкори забоншиносӣ дар асрҳои XVI-XVII боз возеҳу равшантар мушоҳида кардан мумкин аст.

Хушбахтона, ин ҷойи холигиро дар асри XVIII дар низоми улуми филологӣ яке аз донишмандони мумтози улуми адабӣ Сироҷиддин Алихони Орзу бо осори гаронбаҳои хеш то андозае пур кардааст.

Шоири тавоно, луғатнавису муҳаққиқи борикназар Сироҷиддин Алихони Орзу соли 1689 дар шаҳри Агра таваллуд шудааст. Орзу тахаллуси шоирии Алихон буда, дар ин бобат худи ӯ дар «Чароғи ҳидоят» дар тавзеҳи вожаи «орзу» чунин нигоштааст:

Ба юмни ишқи ту мақбули оламе шудаам,
Кадом дил, ки дар ӯ ҷойи Орзуи ту нест?

Вай таълими ибтидоиро дар Агра гирифта, илмҳои расмии замонаашро аз бар мекунад. Ӯ аз 14-солагӣ ба шеър гуфтан шуруъ мекунад. Алихони Орзу соли 1719 ба Деҳлӣ омада, дар ин ҷо низ ба омӯзиши улум ва таълифи осори адабию илмӣ машғул мегардад. Фаъолияти илмию адабии Сироҷиддин Алихони Орзу серпаҳлу мебошад. Ӯ дар илмҳои таърих, фалсафа, назарияи мусиқӣ, илми баён, сарфу наҳв, услубиёт, луғатшиносӣ ва матншиносӣ таълифоти пуарзише дорад, ки имрӯз ҳам аҳаммияташонро гум накардаанд.

Аз мавқеи баҳси мо аз осори гуногунҷабҳаи Сироҷиддин Алихони Орзу таълифоти забоншиносии ӯ, махсусан, осори лексикографии ӯ арзиши бештар дорад, зеро маҳз аз рӯйи ҳамин осори ӯ то ҷое мо метавонем, ки дар бораи афкори забоншиносии тоҷик дар асри XVIII қазоват кунем. Таълифоти лексикографии Сироҷиддин Алихони Орзу ба ин тариқа аст:

1. «Сироҷ-ул-луғот» - фарҳанги тафсирии дарии тоҷикӣ мебошад, ки захираи луғавии шоирони пешинро дар бар гирифтааст.
2. «Чароғи ҳидоят» - фарҳанги тафсирии фразеологии дарии тоҷикӣ аст, ки калимаю таркиб ва ибораҳои рехтаи душворфаҳми адибони ҳамзамони муаллиф шарҳ дода шудааст.
3. «Мусталаҳот-уш-шуаро-ул-ҳадисат» - фарҳанги тафсириест, ки истилоҳоту таркиботи шоирони навинро эзоҳ додааст.
4. «Наводир-ул-алфоз» - калимаҳои нодирро шарҳу тавзеҳ додааст.
5. «Шукуфаи роз» - дар шарҳи «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ мебошад.
6. «Шарҳи қасоиди Урфӣ».
7. «Хиёбони Гулистон» - шарҳи «Гулистон»-и Саъдии Шерозиро дар бар мегирад.

Сироҷиддин Алихони Орзу, воқеан, яке аз донишмандони бузурги таърихи адабу фарҳанги форсу тоҷик дар асри XVIII ва умуман илму адаби гузаштаи мо дар қораи Ҳинд мебошад. Дар фаъолияти эҷодии Сироҷиддин Алихони Орзу мураттабсозии фарҳангномаҳо ва шарҳи матнҳои адабӣ мавқеи муҳим дорад. Алихони Орзу ду луғати муътабар: «Сироҷ-ул-луғот» ва «Чароғи ҳидоят» таълиф намудааст, ки дар таърихи фарҳангнигории тоҷику форс ҷойгоҳи арзанда доранд. Ин луғатномаҳо ҳам аз мавқеи лексикографӣ ва ҳам афкори забоншиносӣ аҳаммияти баланд доранд.

Фарҳанги «Сироҷ-ул-луғот» луғати фразеологӣ буда, бештар дар нақди фарҳангҳои пешин, аз ҷумла, «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ» ва «Фарҳанги рашидӣ» аст. Шуҳрати ин фарҳанг ҳанӯз дар замони зиндагии муаллиф ба авҷи баланд мерасад. Барои намуна нақди як вожаро, ки дар нисбати шарҳи додаи муаллифи «Бурҳони қотеъ» соҳиби луғати «Сироҷ-ул-луғот» кардааст, меорем: бодбон – ба «бо»-и абҷад хаймаи киштӣ, ки ҷиҳати тундравии киштӣ бар сутун банданд ва соҳиби «Бурҳони қотеъ» ба маънии тири киштӣ оварда ва ин ғалат аст. Ин гуна тасҳеҳ додани вожаҳои ғалату носаҳеҳ аз луғатномаҳои пешин хеле зиёд буда, аз нозукандешӣ ва маънирасию сухансанҷии Сироҷиддин Алихони Орзу дарак медиҳад.

Луғати дуюми Сироҷиддин Алихони Орзу «Чароғи ҳидоят» ном дошта, бо исми «Сироҷ-ул-истилоҳ» низ машҳур гашта будааст. Ин луғат идомаи фарҳанги «Сироҷ-ул-луғот» буда, он ҳам хусусияти фарҳанги фразеологиро дорад. Луғати «Чароғи ҳидоят» захираи луғавии калимаю ибора ва истилоҳоти забони дарии тоҷикӣ, паҳлавӣ, сурёнӣ, лотинӣ, ҳиндӣ ва арабиро дар бар мегирад.

Фарҳанги «Чароғи ҳидоят» соли 1734 мелодӣ таълиф шудааст ва муаллиф аз 37 сарчашмаи илмию лексикографӣ истифода кардааст.

Луғатномаи «Чароғи ҳидоят» дорои истилоҳоте аст, ки дар шеъри давраи Сафавӣ ба кор бурда шудааст.

Дар фарҳанг, дар маҷмуъ, аз осори 186 шоиру нависандаи форсизабони Ҳинду Эрон, Мовароуннаҳру Хуросон ва Озарбойҷону Туркия истифода шудааст.

Дар бораи сабаби таълифи фарҳанг, муҳтаво ва моҳияту аҳаммияти он худи Сироҷиддин Алихони Орзу дар муқаддимаи фарҳанг чунин гуфтааст: «Махфӣ намонад, ки луғоти мундариҷаи ин китоб ду қисм аст: қисми аввал алфозест, ки маънии он мушкил бувад ва аксари аҳли Ҳинд бар он иттилоъ надоштанд; қисми дуюм луғоте, ки маънии он агарчи маъруф ва маълум бувад, лекин дар саҳеҳ будани он аз рӯзмарраи фусаҳои аҳли забон баъзеро тараддуд ба ҳам расида, пас мустанадот аз ашъори асотиза дароварда шуд, ки саҳеҳ аст. Чун бархе аз форсигӯёни Ҳиндро тасарруфи гунае дар забони форсӣ ба сабаби ихтилоти забони ҳиндӣ даст дода, овардани баъзе аз алфози казоӣ бар соҳиби таҳқиқ зарур аст. Пас, ин нусха муфид аст, мар форсигӯёни Ҳиндро на забондонони Эрон ва Туронро. Ба хилофи луғоти қадима, ки дар аксари он забондон мусовист, балки дар ин нусха баъзе аз алфоз аст, ки аз чанд каси забондон таҳқиқ карда шуд ва онро дар ҷавоб оҷиз шуданд, охири кор аз ҷойи дигар ба таҳқиқ пайваст» [4, с. 9].

Бояд гуфт, ки Сироҷиддин Алихони Орзу дар риштаи забоншиносӣ таълифи хосса ва мустақил низ дорад, ки он бо тасҳеҳ, муқаддима ва ҳавошии Райҳонахотун ва пешлуғоти профессор Абдулайс Сидиқӣ дар муассисаи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Ғарби Карочӣ дар соли 1991 чоп ва мунташир шудааст. Ин китоб «Мусмир» (меваоранда – Ғиёс-ул-луғот) ном дошта, дар он Сироҷиддин Алихони Орзу мавзуъҳои забоншиносиро ба таври алоҳида

мавриди баррасӣ қарор додааст. Бояд гуфт, ки аксари назарияҳое, ки Сироҷиддини Орзу дар заминаҳои мухталифи таҳқиқи адабӣ ироа медиҳад, дар гирди забону забоншиносӣ давр мезананд, бинобар ин, ҷавҳари асосии нақди Орзуро нақди забоншиносӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, Сироҷиддин Алихони Орзу дар баробари шоир, адабиётшинос, луғатнигор буданаш забоншиноси нозукфаҳм низ маҳсуб меёбад. Сироҷиддин Алихони Орзу дар шарҳе, ки ба матнҳои гуногун нигоштааст, таваҷҷуҳ ба забони матн дар ҷойи аввал меистад. Дар таҳқиқу баррасиҳое, ки Сироҷиддин Алихони Орзу дар риштаи сабкшиносӣ анҷом додааст, тағйироти сабкиро дар заминаи тағйироти забонӣ пайгирӣ кардааст ва ба сурати хеле дақиқ амал намудааст. Вале дар ҳеҷ таълифе ба ҷуз китоби «Мусмир» ба масъалаи забон ва таҳлили забоншиносӣ ба сурати мушаххасу густурда қазоват накардааст. Аз ин ҷиҳат, ба итминони комил метавон гуфт, ки «Мусмир» ба далели фаро гирифтани андешаҳои муаллиф ва муҳтаво аз муҳимтарин таълифоти Сироҷиддин Алихони Орзу маҳсуб меёбад. Аз ин нуқтаи назар, мутолиа ва баррасии китоби «Мусмир» мутолиа ва баррасии бахши азиме аз назариёту дидгоҳи ин донишманди бузург ба шумор меравад. Сироҷиддин Алихони Орзу дар таълифи ин асар ба китоби «Ал-музҳир»-и Ҷалолиддини Суютӣ (911-948 ҳ.қ.) такя кардааст. Муаллифи «Мусмир» дар сиву ҳашт асл ба мавзуоти назири маънии форсӣ, масъалаи далолат ва далолати зотӣ, мақулаи ғароиб ё бостонгароия ва дар мавриде низ ба мабоҳиси овошиносии бархе лаҳҷаҳои эронӣ пардохтааст. Аз мавзуъҳои дигари китоб метавон ба абдол, тасрифи эрониён дар калимоти араб ва ҳиндӣ, таъриб, марз байни ҳақиқат ва маҷоз, таърифи мутародиф ва муштарак, итбоъ ишора кард. Фасли охири китоб ба пажуҳиши муфассали мавриди истифодаи тамоми ҳарфҳои форсӣ аз «алиф» то «ё» ва масъалаҳои марбути онҳо бахшида шудааст [9, с. 305]

Сироҷиддин Алихони Орзу илми маонӣ ва баёнро бо сарфу наҳв дар иртиботи наздик дониста, дар ин бахшҳои улуми лисонию адабӣ низ таълифот анҷом додааст. Яке аз он таълифот «Атияи кубро» мебошад. Мавзуи ин китоб илми баён аст ва ба қавли муаллиф, аввалин китоб дар илми баён мебошад. Вай мегӯяд, ки ҳар гоҳ ба китобҳои қадиму ҷадид назар мекардам, китобе дар илми баён, ки ҷузви фасоҳат аст, дар форсӣ ба назар намеомад. Дар ин китоб Сироҷиддин Алихони Орзу ба китоби талхиси «Ал-мистоқи хатиби қадимӣ» назар доштааст. Баҳсҳое, ки дар китоб шудааст, иборатанд аз баён, ташбеҳ, ҳақиқат ва маҷоз, истиора, истиораи билкиноя ва тақриз. Воқеан, ин санъатҳои бадеӣ заминаи муҳимми забонӣ дошта, ба ҳодисаҳои забонӣ иртиботи қавӣ доранд.

Китоби дигари Сироҷиддин Алихони Орзу «Мавҳибати узмо» ном дошта, дар илми маонӣ баҳс менамояд, бинобар қавли худи Алихони Орзу, аввалин китобе дар забони форсӣ дар илми маонӣ мебошад. Баҳсҳои ин китоб низ иборатанд аз танофур, ғароиб, мухолифат. Илми маонӣ ва бобҳои он, ки иборатанд аз исноди хабарӣ, аҳволи муснад илайҳ, аҳволи муснад, мутааллиқоти феъл, қаср, иншо, фасл ва фусул, эъҷоз ва итноб, итноб ва мусовот. Ин китоб соли 1851 мелодӣ дар Деҳлӣ бо эҳтимоми Хоҷа Алӣ Ҳасан ба чопи сангӣ расидааст.

Дигар аз таълифоти Сироҷиддин Алихони Орзу «Меъёр-ул-афкор» унвон дошта, зоҳиран дар сарф ва наҳви форсӣ буда, мутаассифона, ҳеҷ нусхае аз он боқӣ намондааст. Танҳо дар китоби «Атияи кубро»-и муаллиф ишорае аз он дида мешавад.

Дигар аз таълифоти Сироҷиддин Алихони Орзу чи дар мураттабсозии фарҳангҳо, чи дар таълифоти ӯ оид ба шарҳи осори адибони пешин гоҳе омехта ба мисоли гуногуни нақди адабӣ ва гоҳе сирф забоншиносӣ инъикос ёфтааст ва аз назари амиқу фарохи ӯ гувоҳӣ медиҳад. Масалан, ӯ шарҳе дорад бо исми «Хиёбони Гулистон», ки китобест дар шарҳи «Гулистон»-и Шайх Саъдии Шерозӣ. Ба қавли доктор Меҳрнур Муҳаммадҷон, Сироҷиддин Алихони Орзу ин шарҳро дар ду марҳила таҳрир намудааст: як бор дар соли 1119 ҳ.қ. дар синни бистсолагӣ ва як бори дигар дар соли 1149 ҳ.қ. [9, с. 305].

Дар шарҳи мазкур Алихони Орзу, асосан, луғат ва абёти мушкили «Гулистон»-ро шарҳ дод ва гоҳе санъатҳои бадеиро низ дар мадди назар гирифтааст. Ӯ зимни шарҳи «Гулистон» шарҳҳои пешинаро тафтишу нақд кардааст ва кӯшиш намудааст, ки чандин нусхаҳои дастраси «Гулистон»-ро муқоисаю муқобала намуда, шарҳи худро ба асоси нуқтаи беҳтар таълиф намояд. Аз ин рӯ, баъзе нусхаҳоро бо назари интиқодӣ тафтишу баррасӣ ҳам кардааст. Бояд ба таъкид бигӯем, ки дар равиши таҳқиқ Сироҷиддин Алихони Орзу

«Гулистон»-ро то ҷое тасҳеҳ низ кардааст, ки бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ ҳам мебошад. Шарҳи Сироҷиддин Алихони Орзу бо исми «Хиёбони «Гулистон» як бор дар соли 1248 ҳ.қ. дар Деҳлӣ ба чопи сангӣ расида ва бори дигар дар соли 1375 ҳ.ш. дар Исломобод чоп гардидааст.

Бисёр ҷолиб менамояд, ки Сироҷиддин Алихони Орзу хотиррасон намудааст, ки шореҳони пешин барои интихоби нусхаи муътабар ё саҳеҳ диққат надодаанд ва ё аз онҳо огоҳ набудаанд.

Сироҷиддин Алихони Орзу дар китоби «Хиёбони «Гулистон» бисёр саъй намудааст, ки маънии воқеии луғат ва таъбиротро баён кунад. «Ва ё – таъкид кардааст Мехрнур Муҳаммадҷон, бо дарҷи эъроб талаффузи саҳеҳи алфозро низ мушаххас сохтааст» [1, с. 308].

Воқеан, Сироҷиддин Алихони Орзу масъалаи баҳсангези забоншиносӣ ва дастуриро низ пеш гузоштааст. Ӯ дар зимни ба кор бастани масодири маҷҳул мегӯяд: «Дар форсӣ беш аз панҷ-шаш калима, ки форсиён аз луғати арабӣ масодири онҳоро дуруст кардаанд. Бақия тамоми ин навъ корҳо аз навъи шухиҳои адабӣ аст ва набояд онро ба кор баст» [1, с. 308].

Алихони Орзу дар зимни шарҳи луғот барои таъйиди назариёти худ аз шоирони бузурги форсӣ, монанди Фирдавсӣ, Анварӣ, Низомӣ, Урфӣ ва ғайра шоҳид овардааст.

Ба тавре аз баррасии мухтасари шарҳи «Гулистон» бо исми «Хиёбони «Гулистон»-и Сироҷиддин Алихони Орзу бармеояд, дар шарҳи матни «Гулистон» низ муаллиф ба хусусиятҳои вижаи дастурии калимаю таркиб ва ибораҳо эътибор додааст.

Хулоса, дарулуми адабии асри XVIII форсу тоҷик мақому манзалати Сироҷиддин Алихони Орзу бисёр баланду назаррас мебошад. Ӯ қариб дар тамоми бахшу қисматҳои илми забоншиносию адабиётшиносӣ таълифоти боарзише анҷом дода, барои рушди махсусан забоншиносӣ дар асри XVIII хизмати калон кардааст. Осори лексикографӣ, қайдҳои дастурӣ ва шарҳҳои ба осори адабии гузаштагон навиштаи ӯ аҳаммияти бузурги илмию амалии забоншиносӣ дошта, то ҷое вазъи афкори забоншиносии тоҷикро дар асри XVIII бозгӯ менамояд.

Мукарриз: ***Хоҷаев Д.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Мактубҳо ба адибони тоҷик / С. Айнӣ // Шарқи сурх. -№4. -1956.
2. Айнӣ С. Оид ба вазъи забоншиносии тоҷик / С. Айнӣ // Шарқи сурх, -№6. 1952. – С. 3-8.
3. Ализода, С. Сарфу нахфи тоҷикӣ / С.Ализода. – Душанбе, 2006. – 79 с.
4. Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят / Алихони Орзу. -Душанбе, 1992. -288 с.
5. Ахвледиани, В.П. Арабское языкознание средных веков / В.П. Ахвледиани // История лингвистических ученый. Средневековый Восток. Л. 1981. - С. 53-94.
6. Виноградов В.В. История русских лингвистических учений / В.В.Виноградов. – М., 1978. – 378 с.
7. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 2017. – 320 с.
8. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби дуюм / Б.Ғафуров. – Душанбе, 1998. – 412 с.
9. Маҳдии Раҳимпур. Сайре дар аҳвол ва осори Сироҷиддин Алихони Орзуи Акбарободӣ. Нақд ва баррасӣ // Оинаи мерос. Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ. – Техрон, 1387. – С. 289-318
10. Хоҷаев, Д. Таърихи афкори забоншиносии тоҷик / Д.Хоҷаев, О.Додаров. – Душанбе, 2022. – 303 с.
11. Халимов, С. С. Айнӣ как языковед. автореф. дис. канд. филол. наук / С. С. Халимов. – Душанбе, 1964. – 34 с.

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА АФКОРИ ЗАБОНШИНОСИИ СИРОҲИДДИН АЛИХОНИ ОРЗУ

Дар мақола муаллиф баъзе мулоҳизаҳои хешро оид ба андешаҳои забоншиносии яке аз чеҳраҳои намоёни улуми адабии асри XVIII Сироҷиддин Алихони Орзу иброз доштааст. Мутаассифона, афкори забоншиносии форсу тоҷик дар асри XVIII он қадар пеш нарафт буд, зеро ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардумони Мовароуннаҳру Туркистон рӯ ба харобию пастравӣ оварда буд. Дар ин аср яке аз чеҳраҳои тобоне, ки дар қораи Ҳинд таваллуд шудаю ба камол расидааст, Сироҷиддин Алихони Орзу мебошад. Ӯ дар илмҳои таърих, фалсафа, назарияи мусиқӣ, илми баён, сарфу наҳв, услубиёт, луғатнигорию матншиносӣ таълифоти пуарзише дорад. Ӯ муаллифи луғатҳои «Сироҷ-ул-луғот», «Чароғи ҳидоят» ва китоби «Мусмир» мебошад, ки онҳо арзиши баланди забоншиносӣ доранд.

Калидвожаҳо: афкори забоншиносии тоҷик, фаҳмиши ҳодисаҳои забонӣ, усули таълиму омӯзиши забон, такмили асосҳои дастури забони тоҷикӣ, «Сироҷ-ул-луғот», «Чароғи ҳидоят», «Мусмир».

НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ О ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ СИРОДЖИДДИНА АЛИХАНА ОРЗУ

В статье автор высказал некоторые свои взгляды на лингвистические идеи Сироджиддина Алихана Орзу, одного из видных деятелей литературной науки XVIII века. К сожалению, мысль персидско-таджикского языкознания не получила такого большого развития в XVIII веке, поскольку политическая, экономическая и культурная жизнь народов Восточного Туркестана превратилась в разрушение и деградацию. В этом столетии Сироджиддин Алихани Орзу – одно из ярких лиц, который родилсяи вырос Индии. Он имеет ценные работы в области истории, философии, теории музыки, науки о выразительности, грамматики, стилистики, лексикографии и текстологии. Он является автором словарей «Сираж-уль-лугот», «Свет путеводного пути» и книги «Мусмир», имеющих высокую лингвистическую ценность.

Ключевые слова: таджикская лингвистическая мысль, понимание языковых явлений, методика преподавания и изучения языка, совершенствование основ учебника таджикского языка, «Сиродж-ул-лугот», «Свет наставления», «Мусмир».

SOME REFLECTIONS ON THE LINGUISTIC THOUGHT OF SIROJIDDIN ALIKHAN ORZU

In the article, the author expressed some of his views on the linguistic ideas of Sirojiddin Alikhan Orzu, one of the prominent figures in literary science of the 18th century. Unfortunately, the thought of Persian-Tajik linguistics did not receive such great development in the 18th century, since the political, economic and cultural life of the peoples of East Turkestan turned into destruction and degradation. In this century, Sirojiddin Alikhani Orzu is one of the brightest faces who were born and raised in India. He has valuable works in the fields of history, philosophy, music theory, expressive science, grammar, stylistics, lexicography and textual criticism. He is the author of the dictionaries “Siraj-ul-Lughot”, “The Light of the Guiding Path” and the book “Musmir”, which have high linguistic value.

Key words: Tajik linguistic thought, understanding of linguistic phenomena, methods of teaching and learning the language, improving the fundamentals of the Tajik language textbook, “Siroj-ul-lugot”, “The Light of Instruction”, “Musmir”.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додаров Оятулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторант. **Суроғa**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (**+992) 918-67-94-41**

Сведения об авторе: ***Додаров Оятулло*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 17. Тел.: (**+992) 918-67-94-41**

Information about the author: ***Dodarov Oyatullo*** **-** Tajik National University, candidate of philological sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 918-67-94-41**

ТДУ: 811.21/.22-3 (03)

МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ҶУДО НАМУДАНИ ВОҲИДҲОИ ТАРҶУМА ВА МУШКИЛОТИ ЛЕКСИКИИ ОНҲО

(дар мисоли асари «Пирамард ва баҳр»-и Э.Ҳемингвей)

Холмуродов Ш.Н.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар замони муосир масъалаи тарҷумаи асарҳои бадеӣ вусъати тоза пайдо намуда, яке аз тарҷумаҳои мушкилтарин арзёбӣ мегардад, ки барои бартараф намудани мушкилиҳо дар ҷараёни он як зумра роҳҳои мухталиф вуҷуд доранд.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми тарҷумаи асарҳои бадеӣ дар воҳиди забонӣ як қатор дигаргуниҳо ба амал меоянд, зеро воҳиди забон мундариҷа ё мазмуни матни аслиро дар матни тарҷумавӣ бетағйир намемонад. Дар назди тарҷумон вазифаи муҳимми раванди баамалбарории тарҷума ба таври амиқу дақиқ меистад, яъне ҳангоми тарҷума ҳамаи воҳидҳои забонӣ дар сатҳҳои гуногун бояд пурра ба инобат гирифта шаванд, зеро ҷанбаи муҳимми консепсияҳои тарҷума воҳиди тарҷума ба шумор меравад. Вай раванди муошират байнизабонӣ дар додани маълумот аз матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ ҳисобида мешавад.

Ба ақидаи Л.С. Бархударов «масъалаи воҳиди тарҷума яке аз масъалаҳои душвортарини илми тарҷумашиносии муосир ба шумор меравад». Ба ақидаи вай «воҳиди тарҷума – ин воҳиди минималии забонӣ дар матни аслӣ, ки ба матни тарҷумавӣ мувофиқати пурра дорад, мебошад [2, с. 174]. Саҳми И.С. Алексеева низ дар баррасии воҳиди тарҷума беназир арзёбӣ мегардад. Ба ақидаи вай «Воҳиди тарҷума –ин ҳиссаҳои раванди тарҷума маҳсуб меёбанд» [1, с. 128].

Бинобар ин, барои фаҳмидани моҳияти тарҷума ва заминаи назариявии муодилнокӣ, барои дар амал татбиқ намудани он бояд воҳиди хурдтарини ҷараёни тарҷума-воҳиди тарҷума (unit of translation) ё воҳиди муодилнокии тарҷума, яъне воҳидҳои матни аслиро, ки дар матни тарҷумавӣ муодил доранд, пайдо намоем. Роҷеъ ба масъалаи мазкур муҳаққиқони соҳа ба хулосае омаданд, ки ҳаҷми воҳиди тарҷума устувор нест ва ҳангоми тарҷума аз матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ он метавонад ба таври озод истифода бурда шавад, яъне як воҳиди тарҷума метавонад дар сатҳҳои гуногуни забонӣ истифода карда шавад.

Масалан, дар баъзе мавридҳо, тарҷумонҳо ҳангоми тарҷумаи ин ё он матн воҳиди тарҷумаро дар ҳаҷми гуногун интихоб менамоянд. «Умуман, омили «тарҷумон» дар робита бо мафҳуми воҳиди тарҷума ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқон хусусияти психолингвистии воҳиди тарҷумаро пешниҳод менамоянд» [1, с. 148]. Ақидаи В.Н. Комиссаров низ дар ин хусус чунин аст: «Гумон меравад, ки ба сифати воҳиди тарҷумонӣ метавон воҳид ё воҳидҳои аллакай маълумро, ки дар забоншиносӣ фарқ мекунанд, гирифт ё воҳиди комилан махсуси “тарҷумаи мувофиқ”-ро интихоб кардан мумкин аст. Илова бар ин, муайян кардан лозим аст, ки воҳидҳои тарҷума ба яке аз забонҳое, ки дар раванди тарҷума иштирок мекунанд, ҷудо карда мешаванд ё онҳо як навъ муносибати байни бахшҳои матнҳои аслӣ ва тарҷумавиро ифода мекунанд» [3, с. 186].

Аслан, воҳиди тарҷума дар сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад: фонема, морфема, калима, ибора, ҷумла ва матн [1, с. 148]. Муайян намудани воҳиди тарҷума ба ин тарз аз ҷониби А.Д. Швейтсер қобили қабул нагардид, зеро ба ақидаи ӯ « ҳар як воҳид, аввалан, арзиши доимӣ аст, дуюм, ин ё он сатҳи забонро ташкил медиҳад, сеюм, он имкон медиҳад, ки сатҳҳои якхеларо бо роҳи дар шакли пайдарпайии хаттӣ ё худ нишон додани миқдорҳои воҳидҳои мушаххас чен кард» [7, с. 7].

Нуқтаи назари моҳиятан ба ҳам монанд, ҳарчанд якхела набошад ҳам, аз ҷониби Л.А.Черняховская баён шудааст. Он дарк кардани ягон воҳиди забон ё қисмати матни аслиро ҳамчун воҳиди тарҷума қатъиян рад мекунад [5].

Ҳамаи андешаҳои муҳаққиқони соҳа роҷеъ ба масъалаи мазкур бо далелҳои қатъӣ собит шуда бошанд ҳам, барои ҳал намудани проблемаи воҳиди тарҷума ва пешниҳоди

тарҷумаи мукаммал, ҷудо намудани сатҳи зарурии воҳиди тарҷума ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мо андешаи И.С. Алексееваро ҷонибдорӣ менамоем.

Тарҷума дар сатҳи фонема дар нутқ маънои мустақил надошта, танҳо дар забон нақши маъноифодакунии гуногунро мебозад. «Фонема (дар нутқи хаттӣ ба графема ё аломат мувофиқат мекунад) – чунон ки маълум аст, маънои мустақилро дар худ ифода накарда, дар забон танҳо нақши семантикиро ифода мекунад. Бо вуҷуди ин, дар амалияи тарҷума ҳолатҳое мушоҳида карда мешаванд, ки воҳиди тарҷума фонема (ё графема) мешавад, яъне фонемаи матни аслӣ дар матни тарҷумавӣ ба фонемаҳое иваз карда мешавад, ки аз рӯйи хосиятҳои артикулятсия ва акустикӣ ба онҳо наздиктаранд» [2, с.176].

Дар асарҳои бадеӣ тарҷума бо усули фонема яке аз проблемаҳои муҳим ба шумор меравад, чунки хусусиятҳои тарҷума бо усули транскрипсия ва транслитератсия пурра ба инобат гирифта намешаванд.

Масалан,

"Albacore", he said aloud. "He`ll make a beautiful bait. He`ll weigh ten pounds" [9, с. 46].

- Албакоре, -бо овози баланд гуфт пирамард. – Хӯраи хуб мешавад. Чор кило вазн дорад [9, с.47].

Дар ҷумлаҳои матни аслӣ ба сифати воҳиди тарҷума калимаи ***«Albacore»*** дар матни тарҷумавӣ муодили худро дар шакли ***«Албакоре»*** пайдо намудааст. Воҳиди мазкур дар сатҳи фонема бо усулҳои транскрипсия ва транслитератсия тарҷума шудааст. Дар мисоли ҳамин калима дар матни тарҷумавӣ транскрипсия ва транслитератсия чандон муносиб татбиқ нашудааст. Чунки дар шакли тоҷикӣ ҷанбаи транслитератсия бе зарурат ба забони тарҷума интиқол гаштааст. Дар луғат транскрипсияи калимаи мазкур шакли **[ˈalbəkɔ:]**-ро дорад. Пас варианти дурусти ин бояд шакли ***«Албакор»***, яъне номи тоҷикии як навъи моҳиро мегирифт. Ҳарфи ***-е*** дар забони тоҷикӣ изофӣ аст.

Ё ин ки дар мисоли дигар:

They sat on the ***Terrace*** and many of the fishermen made fun of the old man and he was not angry (9, с. 8).

Онҳо ба қаҳвахонаи ***Террас*** рафтанд [9, с. 9].

Дар ҷумлаи забони англисӣ ба ҳайси воҳиди тарҷума калимаи ***«Terrace»*** омадааст. Дар матни тарҷумавӣ ифодаи мазкур дар сатҳи фонема бо усули транскрипсия ва транслитератсия он қадар мувофиқ нест, зеро дар луғат калима дар шакли **[ˈterəs]** омада, шакли тоҷикии ***«Террес»***-ро мегирад. Дар талаффузи калимаи мазкур низ овози ***[а]*** шунида намешавад, яъне дар усули транкрипсия каме ғалат ба мушоҳид мерасад.

Тарҷума дар сатҳи фонема аз навъҳои дигари тарҷума фарқ дорад, чунки дар бисёр маврид, дар онҳо ягон маънои мушаххас дида намешавад. Аз ин рӯ, ин навъи тарҷума дар доираи хеле маҳдуд мавриди истифода қарор дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар баъзе мавридҳо воҳиди тарҷума морфема ҳисобида мешавад, яъне ҳар як морфемаҳои матни аслӣ ба морфемаҳои асари тарҷумашуда мутобиқат мекунанд.

Масалан, морфемаҳои калимаи англисии ***chairs*** агар ***курсиҳо*** ва ***chair– курсӣ*** бошад, пас морфемаи шакли ҷамъи калимаи англисӣ ***–s*** ва морфемаи шакли ҷамъи калимаи тоҷикӣ ***- ҳо*** тарҷума карда мешаванд.

Масалан,

"Yes", he said. "Yes", and shipped his ***oars*** without bumping the boat [9, с. 50].

-Аҳа, -гуфт пирамард, -аҳа. ***Белҳояшро*** беовоз ба заврақ кашид [9, с. 51].

Дар ҷумлаҳои матни аслӣ ва тарҷумавӣ дар калимаи ***oars*** морфемаи ***-s*** бевосита ба шакли ҷамъи ***– ҳо*** тарҷума шудааст. Аммо дар баъзе мавридҳо ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки морфемаи мазкур бо сабабҳои гуногун дар матни тарҷумавӣ инъикос намегардад:

"I`ll be back when I have the ***sardines*** [9, с. 16].

Ман ҳамин ки ***сардин*** гирифтам, бармегардам… [9, с. 17].

Морфемаи калимаи ***sardines*** дар матни аслӣ дар шакли ҷамъ ифода шуда, дар матни тарҷумавӣ дар шакли танҳо ***сардин*** омадааст. Ҳамин гуна ҳолатро дар матнҳои бадеӣ ба таври фаровон вохӯрдан мумкин аст, вале дар баъзе мавридҳо, сарфи назар аз ин, мазмуни матн дуруст интиқол дода мешавад. Масалан, дар ҷумлаи мазкур интиқоли калимаи ***sardines***

дар забони тоҷикӣ дар шакли ***сардинаҳо*** ғайриимкон аст, чунки як калима мафҳуми пурраро ифода карда метавонад.

Бештар ба сифати воҳиди тарҷума калима баромад мекунад. Калима - ҳамчун воҳиди тарҷума гуфта, воҳидҳои матни аслӣ дар назар дошта шудааст. Аз ин рӯ, калима ҳамчун воҳиди тарҷума дар ҳолате баромад мекунад, ки калимаҳои матни аслӣ ба калимаҳои матни тарҷумавӣ мутобиқат кунанд.

Масалан,

He ate them all through May to be strong in September and October for the truly big fish [9, с. 44].

Тамоми моҳи май тухм мехӯрд, то дар сентябр ва октябр барои шикори моҳии азимҷусса қувват дошта бошад [9, с. 45].

Дар мисолҳои мазкури забонҳои англисию тоҷикӣ ҳамаи калимаҳои матни аслӣ ва матни тарҷумавӣ ба ҳам мутобиқат мекунанд ва матни тарҷумавӣ мазмун ва муҳтавои матни аслиро пурра ифода намудааст.

Як қатор олимони соҳа дар навбати аввал калимаро ба сифати воҳиди тарҷума мешуморанд. Ҳангоми тарҷумаи матни аслӣ кор аз фаҳмондани мазмуни воҳиди лексикии алоҳидаи ба таркиби он даромада шуруъ мешавад, вале ин маънои онро надорад, ки проблемаи воҳиди тарҷума танҳо дар сатҳи калима ба амал меояд. Калима воҳиди асосии забон ба шумор меравад, ки ҳамаи маълумотҳои матн дар он ниҳон аст. Ин маълумот маънои тағйирнаёбандаи матн ба шумор рафта, ҳангоми тарҷума бетағйир мемонад.

Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки матнҳои бадеӣ аксар вақт «калима ба калима» тарҷума карда мешаванд. Дар натиҷа воҳиди тарҷума ҷумла ё як қисмати минималии асареро меноманд, ки дар худ маънои асосӣ дорад.

Ба сифати воҳиди тарҷума дар бисёр мавридҳо ибора қабул карда мешавад ва маънои вай ба маънои ҷузъи ибораи воридшуда баробар нест, яъне тарҷума дар сатҳи калима истифода бурда намешавад. Аммо ҳангоми тарҷума аз матни аслӣ ба асари тарҷумавӣ калимаи мувофиқ ҷудо кардан лозим аст. Тарҷума дар сатҳи ибора аз худи тарҷумон вобастагии комил дорад, чунки дар баъзе мавридҳо, ибораи матни аслӣ метавонад инъикоси худро дар калимаи матни тарҷумавӣ пайдо намояд.

Масалан,

The boy had given him two ***fresh small tunas, or albacores***, which hung on the two ***deepest lines like plummets*** and, on the others, he had ***a big blue runner*** and ***a yellow jack*** that had been used before; but they were in good condition still and had ***the excellent sardines*** to give them scent and attractiveness [9, с. 36].

Писарак ба ӯ ду ***самак*** дода буд, ки онҳоро ба ду ***шасти аз ҳама дароз***, ***ба монанди шоқул овезон*** карда буд ва барои дигар шастҳояш ***загутамоҳиҳои калони кабуд*** ва ***як аспакмоҳии аз рӯзҳои пешин мондаро***, ки ҳанӯз дар ҳолати хуб буданд ва ***сардинаҳо*** ба онҳо накҳат ва ҷаззобият илова мекарданд, истифода бурда буд [9, с. 37].

Дар мавриди таҳлили ҷумлаҳои фавқ ибораҳои матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ дар шаклҳои гуногун бо риояи мазмуну муҳтаво ва ихтисори баъзе қисматҳои он интиқол дода шудаанд. Масалан, ибораи ***fresh small tunas or albacores*** дар забони тоҷикӣ бо як калима ***самак*** (дар шакли танҳо) ифода гардидааст. Ҳол он ки мафҳуми мазкур дар забони матни аслӣ сохторан ва мазмунан ба ҳам мувофиқат намекунанд, зеро калимаҳои ***fresh small*** дар матни тарҷумавӣ инъикоси худро наёфтаанд. Ҳамзамон, калимаҳои ***tunas or albacores*** дар забони матни тарҷумавӣ бо як калима интиқол дода шудаанд, вале тарҷумаи ин ду калима дар алоҳидагӣ равшаниро талаб менамояд. Калимаи «***tunas***»-и дохили ибораи мазкур маънои самакро дорад, вале ***albacores*** бошад, як навъи самак аст. Агар дар тарҷумаи мазкур ***самак ё худ албакор*** гуфта мешуд, мазмуни матни аслиро ба матни тарҷумавӣ бештар наздик мекард.

Ибораҳои дигари дохили ҷумлаи мазкур ***deepest lines like plummets*** ва ***a big blue runner*** дар матни тарҷумавӣ муодили худро дар шакли ***шасти аз ҳама дароз***, ***ба монанди шоқул овезон*** ва ***загутамоҳиҳои калони кабуд*** пайдо намудаанд, ки пурра ба ҳам мутобиқат мекунанд, вале дар ибораи дуюм воҳиди тарҷума дар сатҳи морфема каме нодуруст интиқол гардидааст. Калимаи дохили ибораи мазкур ***runner*** дар матни аслӣ дар шакли танҳо ифода ёфта бошад ҳам, дар матни тарҷумавӣ шакли ҷамъро дорад, ҳол он ки ибораи мазкур

тавассути артикли номуайянии ***a*** истифода гардидааст. Артикли мазкур одатан калимаҳоеро ифода менамояд, ки дар шакли танҳо истифода мегарданд. Ибораҳои ***a yellow jack*** ва ***the excellent sardines*** инъикоси худро дар шакли ***як аспакмоҳии аз рӯзҳои пешин монда*** ва ***сардинаҳо*** ёфтааст. Дар ибораҳои мазкур калимаи ***yellow*** умуман тарҷума нашудааст, вале аз ҳисоби дигар калимаҳои дохили ҷумла ибора ҳосил гардидааст, ки мазмуни матни аслиро дода метавонад. Қисми дуюми ҷумла ***that had been used before*** дар дохили ибораи ***a yellow jack -аз рӯзҳои пешин монда*** тарҷума карда шудааст ва амсоли инҳо.

Таҳлили воҳиди тарҷума дар сатҳи ибора нишон медиҳад, ки интиқоли он аз тарҷумон вобастагии комил дорад, вале новобаста аз сохтори ибора дар матни тарҷума вай бояд мазмун ва мундариҷаи матни аслиро дошта бошад. Мазмуни матн ба воҳиди забон дохил мешавад ва он вақте амалӣ мегардад, ки воҳиди забон дар муошират истифода намешавад ва ба воҳиди нутқ табдил намеёбад. Мафҳуми мундариҷаи матн бошад ба воҳиди нутқ (матн) робитаи зич дорад, яъне мундариҷа - ин иттилоотест, ки аз ҷониби ретсертор қабул карда мешавад ва ба он таъсир мерасонад.

Ҳангоми тарҷума дар сатҳи ҷумла ба сифати воҳиди тарҷума на калимаю ибора, балки ҷумлаи пурра ҷой дошта, ҷумлаи тарҷумашуда бо мазмуни худ маънои боядро ифода кунад.

Just then, watching his lines, he saw one of the projecting green sticks dip sharply [9, с. 50].

Дар ҳамин лаҳза ӯ дид, ки яке аз асочаҳои шиновар якбора ба об фурӯ рафт [9, с. 51].

“The month when the great fish come”, the old man said. ***“Anyone can be a fisherman in May”*** [9, с. 18].

Моҳи омадани моҳии бузург, - гуфт пирамард. ***Дар моҳи май ҳар буз ҳам хирман мекӯбад*** [9, с. 19].

Чи тавре ки аз мисолҳои дар боло овардашуда маълум шуд, ба сифати воҳиди тарҷума ҷумлаи пурра ифода шудааст, ки дар ҳарду забон тобиши маънои якхела доранд. Масалан, дар ҷумлаи дуюм дар қисмати охири ҷумла ***“Anyone can be a fisherman in May”*** муодили худро дар шакли ***«Дар моҳи май ҳар буз ҳам хирман мекӯбад»*** пайдо намудааст. Гарчанде ин ду зарбулмасалҳои матни аслӣ ва тарҷумавӣ аз ҷиҳати сохтор ба куллӣ фарқ кунанд ҳам, як мазмунро ифода мекунанд. Дар илми тарҷумашиносӣ чунин мутобиқатро мутобиқати нопурра меноманд, яъне тамоми қисматҳои ифодаи мазкур аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили мисолҳо муайян карда шуд, ки воҳиди тамоми сатҳи забонӣ, аз фонема то матни пурра шуда метавонанд. Дар робита бо ин, қайд кардан зарур аст, ки дарознокии матни додашуда чун қоида ё калимаю ибора, ё ҷумла ҳамеша иваз мешаванд, яъне ҳангоми ба инобат гирифтани воҳиди забонӣ, на ба сохтор, балки ба мухтавои он диққати бештар дода мешавад.

Яке аз мушкилоти асосии тарҷума дар ёфтани воҳиди конкретии тарҷума аст, ки дар ҳар як сатҳи воҳиди забонӣ мебошад.

Фаҳмиши «сатҳи тарҷума» дар воҳиди гуногуни забонӣ метавонад бо фаҳмиши «муодилнокӣ» ё «мукаммалӣ»-и назарияи тарҷума мувофиқ бошад.

Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки проблемаи воҳиди тарҷума дар сатҳҳои гуногуни забонӣ ба проблемаи муодилнокии тарҷума баробаранд. Воҳиди тарҷума дар ҳамаи ин мавридҳо дар сатҳи муҳим ва кифоя, барои додани мазмун ва мухтавои маълумоти дар матн ҷойдошта бо истифода аз меъёрҳои грамматикӣ, лексикӣ ва услубӣ – прагматикии забони тарҷумашуда равона шудаанд.

Тарҷумае, ки дар сатҳи нисбатан паст ба амал меояд ва ҳамаи меъёрҳои матни аслиро ҷавобгӯ буда наметавонад, тарҷумаи таҳтуллафз номида мешавад.

Албатта, ҳангоми тарҷума сатҳи воҳидҳои забониро ҷудо кардан мумкин аст, вале дар сатҳи матн ин намуди тарҷума амалан вуҷуд надорад, гарчанде ин маъмул аст.

Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷума ҳамаи ин нозукиҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд, ки ин аз тарҷумон ва тарҷумаи вай вобастагии комил дорад ва ин вазифаи асосии тарҷумон ба шумор меравад. Барои тасвири умумии натиҷаи раванди тарҷума ифодаҳои «омили асосии раванди тарҷумонӣ», «мутобиқати аслии нусхаи аслӣ ба асари тарҷумавӣ», «истифодаи комили воситаҳои грамматикӣ», «мувофиккунонии воҳидҳои тарҷума» ва амсоли инҳо истифода мегарданд.

Мувофиқи ақидаи бисёре аз тарҷумашиносон истилоҳоти «мукаммалӣ» ва «муодилнокӣ» яке аз хусусиятҳои асосии тарҷума ба шумор рафта, бо нусхаи аслӣ робитаи зич доранд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки ин истилоҳот дар илми назария ва амалияи тарҷума бо номҳои «тарҷумаи мукаммал» ва «тарҷумаи муодил» истифода бурда мешаванд. Ҳардуи ин истилоҳот талаботи асосии тарҷума ба шумор мераванд. Аммо дар амалияи тарҷума онҳо дар андозаи гуногун амалӣ шуда, аз омилҳои субъектӣ ва объектии он вобастагӣ доранд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки воҳиди забонӣ аз дараҷаи хурдтарин (фонема ва морфема) сар карда, то дараҷаи баландтарин (калима, ибора, ҷумла ва матн) ба шумор меравад.

Ба сифати воҳиди асосии тарҷума ҳамчун воҳиди минималии забонӣ матн ҳисобида мешавад, ки мазмуни асосии ҳамаи воҳиди ҷумла дар он дарҷ ёфта, аз матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ баргардонида мешавад.

Худи мафҳуми воҳиди тарҷума тахминӣ аст. Барои мафҳуми воҳиди тарҷумаро муайян кардан, бояд функсияи асосии ин ё он воҳиди матнро ошкор намуд. Номукаммалии тарҷума ё тарҷумаи таҳтуллафз низ дар дуруст нашинохтани функсияҳои асосии матн, дар дуруст «нашинохтан»-и воҳиди забонӣ ба амал меояд.

Муқарриз: ***Соҳибназарова Ҳ.*** – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода

А Д А Б И Ё Т

1. Алексеева, И.С. Введение в перевод введение: Учеб. пособие для студ. филол. и лингв, фак. высш. учеб. Заведений / И.С. Алексеева. — СПб.: Филологический факультет СПбГУ-М.: Издательский центр «Академия», 2004. – 352 с.
2. Бархударов, Л.С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода) / Л.С. Бархударов. -М., «Междунар. отношения», 1975. -240 с.
3. Комиссаров, В.Н. Слово о переводе (Очерк лингвистического учения о переводе) / В.Н. Комиссаров. -М.: Межд. отношения, 1973. -400 с.
4. Сдобников, В.В. Теория перевода: [учебник для студентов лингвистических вузов и факультетов иностранных языков] / В.В. Сдобников, О.В. Петрова. -М.: АСТ: Восток—Запад, 2007. -448 с.
5. Черняховская, Л.А. Существует ли «единица перевода»? // Теория и практика перевода: Сб. науч. Трудов / Л.А. Черяховская. Вып. 295. М: МГПИИЯ им. М. Тореза, 1987. -334с.
6. Чернов, В.Г. Теория и практика синхронного перевода /В.Г. Чернов. -М., 1978. -208с.
7. Швейцер, А.Д. Теория перевода: статус, проблемы, аспекты / А.Д. Швейцер. -М: Наука, 1988. -356с.
8. Швейцер, А.Д. Перевод и лингвистика / А.Д. Швейцер. -М.: Воениздат, 1973. –278с.
9. Хемингвей, Э. Пирамард ва баҳр / Э. Хемингвей; бо заб. англ. ва тоҷ. -Душанбе, 2014. - 167 с.
10. Художественное творчество и литературный процесс: Сборник. –Томск: Изд-во Томск. ун-та. -26с.
11. Черняховская Л.А. Смысл текста и переводческий процесс / Л.А. Черняховская. // Прагматика языка и перевод. -Сб. науч. трудов МГПИИЯ им. М.Тореза, вып. 193. –М., 1982. –С. 51-62.
12. Чуковский К. Словарные ошибки / К. Чуковский. Мастерство перевода. –М., 1988.
13. Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад / М. Шукуров. –Душанбе: Ирфон, 1985. -367с.
14. Швейцер А.Д. Теория перевода / А.Д. Швейцер. –М.: Наука, 1988. -215 с.
15. [Манбаи электронӣ] www.literature-study-online.com/glossary
16. [Манбаи электронӣ] https://ru.wikipedia.org/wiki/

МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ҶУДО НАМУДАНИ ВОҲИДҲОИ ТАРҶУМА ВА МУШКИЛОТИ ЛЕКСИКИИ ОНҲО

(дар мисоли асари «Пирамард ва баҳр»-и Э.Ҳемингвей)

Мақолаи мазкур ба масъалаи асосии ҷудо намудани воҳидҳои тарҷума ва мушкилоти лексикии онҳо дар матнҳои аслӣ ва тарҷума дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, дар он доир ба роҳҳои ифодаи воҳидҳои тарҷума дар сатҳҳои гуногун дар доираи асари бадеии мушаххас дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сухан меравад. Дар мақола, муаллиф хусусиятҳои фарққунанда ва умумии воҳидҳои тарҷумаро аз нуқтаи назари муҳаққиқони соҳа мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Дар мақола, ҳамзамон, барои наздик сохтани муҳтавои матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ таҳлилҳои амиқ оварда шуда, дар матн иваз шудани вариантҳо нишон дода шудааст. Оид ба масъалаи мазкур нуқтаи назари олимони соҳа низ оварда шуда, бо таҳлили мисолҳо ҳангоми тарҷума мутобиқати қонуну қоида ва талаботҳои матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ ба инобат гирифта шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми тарҷумаи асарҳои бадеӣ дар воҳиди забонӣ як қатор дигаргуниҳо ба амал меоянд, зеро воҳиди забон мундарича ё мазмуни матни аслиро дар матни тарҷумавӣ бетағйир намемонад. Дар назди тарҷумон вазифаи муҳимми раванди баамалбарории тарҷума ба таври амиқу дақиқ истодааст, яъне ҳангоми тарҷума ҳамаи воҳидҳои забонӣ дар сатҳҳои гуногун бояд пурра ба инобат гирифта шаванд, зеро ҷанбаи муҳимми консепсияҳои тарҷума воҳиди тарҷума ба шумор меравад. Вай раванди муошират байнизабонӣ дар додани маълумот аз матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ ҳисобида мешавад. Ба сифати воҳиди асосии тарҷума ҳамчун воҳиди минималии забонӣ матн ҳисобида мешавад, ки

мазмуни асосии ҳамаи воҳиди ҷумла дар он дарҷ ёфта, аз матни аслӣ ба матни тарҷумавӣ баргардонида мешавад.

Калидвожаҳо: проблемаи воҳиди тарҷума, фонема, морфема, мушкилӣ, мазмун, матни аслӣ, матни тарҷумавӣ, проблема дар сатҳи ибора, интиқол, инъикос.

ОСНОВНЫЕ ВОПРОСЫ РАЗДЕЛЕНИЯ ЕДИНИЦ ПЕРЕВОДА И ИХ ЛЕКСИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ

(на примере произведения Э. Хемингуэя «Старик и море»)

Данная статья посвящена основному вопросу разделения единиц перевода и их лексическим проблемам в оригинальных и переведенных текстах на таджикском и английском языках. В статье автор проанализировал и рассмотрел отличительные и общие черты единиц перевода с точки зрения исследователей данной области. В статье одновременно с тем, чтобы приблизить содержание оригинального текста к переведенному, представлен углубленный анализ, показано изменение вариантов в тексте. По данному вопросу также была представлена точка зрения ученых отрасли, а также путем анализа примеров учтено соответствие закона, правил и требований оригинального текста с переведенным текстом. Это свидетельствует о том, что при переводе художественных произведений в языковой единице происходит ряд изменений, поскольку содержание или значение исходного текста в переведенном тексте не остается неизменным в языковой единице. Перед переводчиками стоит важная задача выполнить процесс перевода глубоко и точно, то есть при переводе должны быть полностью учтены все языковые единицы на разных уровнях, поскольку единица перевода является важным аспектом концепции перевода. Рассматривается процесс межъязыковой коммуникации при передаче информации из исходного текста в переведенный текст. В качестве базовой единицы перевода, как минимальной языковой единицы, рассматривается текст, в который включается основное содержание всех единиц предложения и переносится из исходного текста в переведенный текст.

Ключевые слова: проблема единицы перевода, фонема, морфема, проблема, содержание, исходный текст, переведенный текст, проблема на уровне словосочетания, трансформация, отражение.

SIGNIFICANT ISSUES OF DIVISION OF TRANSLATION UNITS AND THEIR LEXICAL PROBLEMS

(on the example of E. Hemingway's "The Old Man and the Sea")

The article deals with the main issue of division of translation units and their lexical problems in original and translated texts in the Tajik and English languages. In the article, the author analyzed and considered the distinctive and common features of translation units from the point of view of researchers in this field. At the same time, in order to bring the content of the original text closer to the translated one, the article presents an in-depth analysis and shows the change in options in the text. The point of view of scientists were also presented on this issue, and the compliance of the rules and requirements of the original text with the translated text were taken into account by analyzing examples. This indicates that when translating literary works, a number of changes occur in the language unit, since the content or meaning of the source text in the translated text does not remain unchanged in the language unit. Translators have an important task to carry out the translation process deeply and accurately, that is, all language units at different levels must be fully taken into account in the translation, since the translation unit is an important aspect of the translation concept. The process of interlingual communication when transferring information from the source text to the translated text is considered. As a basic unit of translation, as a minimum language unit, a text is considered, which includes the main content of all sentence units and is transferred from the source text to the translated text.

Keywords: translation unit problem, phoneme, morpheme, problem, content, source language, target language, problem at the phrase level, translation, reflection.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Холмуродов Шохрух Нарзиевич*** **–** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, докторант Ph.D, кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума. **Суроғa:** 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Муҳаммадиев 17/6. E-mail: **tj.07@bk.ru.**
Тел.: **(+992) 900-86-00-96**

Сведения об авторе: ***Холмуродов Шохрух Нарзиевич*** – Таджикский международный университет иностранных языков им. С. Улугзода, докторант Ph.D, кафедра сопоставительного языкознания и теории перевода. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева 17/6. E-mail: **tj.07@bk.ru.**
Тел.: **(+992) 900-86-00-96**

Information about the author: ***Kholmurodov Shohrukh Narziev*ich –** Tajik International University of Languages named after S.Ulugzoda, Doctoral Student Ph.D of the Department of Comparative Linguistics and Theory of Translation. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **tj.07@bk.ru.**
Phone: **(+992) 900-86-00-96**

УДК: 811.161.1+811.21/.22

СИНТАКСИЧЕСКАЯ СОЧЕТАЕМОСТЬ РУССКОЙ ГЛАГОЛЬНОЙ ПРИСТАВКИ *НА-* И СПОСОБЫ ЕЕ ВЫРАЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Азизова М.Э., Маджидзода А.Р.
Таджикский национальный университет

Проблема сочетаемости является одной из важных в современной теории синтаксиса русского языка. Как всем известно, под сочетаемостью традиционно понимается свойство языковых единиц сочетаться в речи при образовании единиц более высокого уровня, отражающее синтагматические отношения между ними. При реализации той или иной глагольной лексемы мы всегда имеем дело с определенными условиями, ограничивающими ее сочетаемость с другими единицами того же языкового уровня.

Т.М. Дорофеева констатирует: «синтаксическая сочетаемость – одна из наиболее индивидуализованных сторон системы языка, тесно связанная с семантикой слова. Овладение правилами сочетаемости слов вызывает большие трудности у иностранных учащихся и ошибки на сочетаемость относятся к группе наиболее устойчивых. Изучение синтаксической сочетаемости, регулирующей употребление слов в речи, актуально для всех категорий учащихся на разных этапах обучения» [6, с.3].

Важной для практики преподавания иностранных языков следует признать мысль Л.С. Выготского о том, что для внешней речи необходим переход «…от синтаксиса значений к словесному синтаксису, превращение грамматики мысли в грамматику слов» [4, с.335]. Сказанное позволяет утверждать, что и при порождении речи (на этапе внешней речи), и при восприятии речи процесс начинается с поиска структурной схемы, т. е. на синтаксическом уровне. Изучение сочетаемости слов является ключевым и для решения ряда методических задач, важнейшей из которых является всестороннее описание языка (русского, английского, немецкого и т.д.) как неродного.

Насколько нам известно, комплексного исследования, посвященного синтаксической сочетаемости глагольной приставки *на-* и способам ее выражения на материале русского и таджикского языков с привлечением разного рода источников до сих пор не проводилось.

Настоящая работа посвящается синтаксической сочетаемости русской глагольной приставки *на-* и способам ее выражения в таджикском языке.

При анализе сочетаемости конкретных приставочных глаголов русского и таджикского языков за отдельную самостоятельную лексему принималась каждая словарная статья, обозначенная в словарях – источниках (Словарь сочетаемости слов русского языка под редакцией Денисова П.Н. и Морковкина В.В. - Москва: Русский язык, 1983. – 668 с.; Русско-таджикский словарь. - Москва: Русский язык, 1985; Таджикско-русский словарь. – Душанбе, 2006). А также для убедительного аргументирования нами приведены примеры из романа Л.Толстого «Анна Каренина» (переводчик Рахим Хошим).

Для написания данной статьи использованы следующие лингвистические методы: межсистемное сопоставление, наряду с которым использованы и внутрисистемные сравнения фактов одного и того же языка с целью выяснения общего и различного в этих фактах;- элементы трансформационного анализа;- метод компонентного анализа;- метод наблюдения; - приемы статистического метода анализа языкового материала.

Целью данной исследовательской работы является комплексный сопоставительный анализ синтаксической сочетаемости русской глагольной приставки *на-* и способы ее выражения в таджикском языке, определение межъязыковых соответствий/несоответствий на материале приставочных глаголов в русском и таджикском языках.

В задачи нашего исследования в данной статье входило определение и поиск путей решения комплекса проблем:

1. Описание и анализ синтаксической сочетаемости глагольной приставки *на-* в современном русском языке;
2. Установление типов синтаксической модели глагольной приставки *на-* в современном русском языке;

3. Описание и анализ выражения синтаксической сочетаемости русской глагольной приставки *на-* в таджикском языке;

4. Определение межъязыковых соответствий/ несоответствий на материале синтаксической сочетаемости глагольной приставки *на-* в сопоставляемых языках;

5. Описание синтаксической сочетаемости, регулирующей употребление приставочных глаголов с приставкой *на-* в речи иностранных (таджикских) учащихся.

Проблема сочетаемости слов является приоритетной, прежде всего, в плане прикладного аспекта языка (обучения неродному языку, лексикографии, перевода и т.п.). По мнению В.В. Виноградова, в правилах сочетания слов, в закономерностях образования разных видов и типов словосочетаний ярко проявляется национальная специфика языка.

Синтаксическая сочетаемость глагола – это его способность как лексемы иметь при себе распространители. Термин «распространитель» понимается нами широко. Им мы обозначаем различные синтаксические формы: существительные в различных падежах с предлогом и без предлога, прилагательное, инфинитив, отдельные классы слов (наречия).

При анализе синтаксической сочетаемости необходимо учитывать словообразовательные особенности главного слова, в описываемом случае — глагола, и прежде всего его префиксальную структуру. Важно определить семантическое и структурное соотношение приставки и предлога, т. е. выяснить действие так называемого закона сингармонизма приставки и предлога - закона соответствия между приставкой и предлогом при префиксальном глаголе, а также соотношение конкретной модели сочетаемости с тем или иным типом глагола: бесприставочным или приставочным; в последнем случае важно указать конкретные приставки. Обязательную сочетаемость имеют как приставочные, так и бесприставочные глаголы [6, с.62].

Бесприставочные глаголы: лишиться *чего*; владеть, дорожить *чем*; образовать *что*; руководствоваться *чем*; интересовать, посетить, нормализовать, коротать, организовать, беречь *что*; влиять *на что*; заведовать *чем*; ликвидировать, механизировать, мотивировать *что*; корениться *в чем*; базировать *что + на чем*; интересоваться *чем/придат. предл./прямая речь*; квартировать, ютиться, патрулировать, витать *где*.

Приставочные глаголы, в частности приставка *на-*: наглотаться, нахвататься, нанюхаться, навидаться *кого-чего*; надвинуть, надеть, нагнуть, напрячь, нарушить, настигнуть, намагнитить, нахвалить *кого-что*; натолкнуться *на кого-что*; награбить, нагрести, нагромоздить, надарить, наготовить, накосить, наменять, накупить, наловить, навербовать *кого что/кого-чего*; научиться *чему/инф.*; наслышаться *о ком-чем/(про кого-что)/чего/придат. Предл.*

Проведенные наблюдения подтверждают мысль о том, что некоторые вопросы синтаксической сочетаемости являются недостаточно исследованными в связи с отсутствием единого определения дефиниции синтаксической сочетаемости в рамках общей теории сочетаемости языковых элементов.

Далее более подробно рассмотрим синтаксическую сочетаемость русских глаголов с приставкой *на-* и способы её выражения в таджикском языке.

В Словаре сочетаемости слов русского языка представлены нижеперечисленные глаголы с приставкой *на-*. Их насчитывается 20 лексем:

Набирать, навещать, наводить, навязывать, надевать, назревать, называть, наказывать, накрыть, налаживать, наливать, намечать, нападать, напоминать, направлять, нарушать, настаивать, наступать, начинать, находить.

Понимание о том, как представлена сочетаемость русского глагола с приставкой *на-* в данном словаре, может дать несколько сокращенное изложение глагола «наливать».

Наливать. Глагол ***«наливать»***в значении «наполнять какой-либо сосуд жидкостью; отмерять кому-либо какую-либо жидкость, наполняя ею какой-либо сосуд» может употребляться с различными распространителями:

Налить ***что***: *стакан* воды, пива; *бокал* шампанского, вина; *тарелку* супа.

Налить (что-либо) **кому:** *(о человеке) – гостю, мне, ему.*

Налить (что-либо) **из чего**: из бутылки, из кувшина, из ведра…

Налить **как**: быстро, медленно, сразу…

Далее, для аргументирования данной теоретической части мы привели примеры из нашего фактического материала - романа Л. Н. Толстого «Анна Каренина».

… сердито и тотчас же взял водку, ***налил рюмку*** и жадно выпил [с.116]; Пока княгиня Бетси ***наливала ей*** чай, Вронский подошел к Анне [А.К., с. 161].

Глагол **«наливать»** в значении «вливать во что – либо и вливать в каком-либо количестве» может употребляться со следующими распространителями:

Налить **что:** воду, чай, кофе;

Налить **чего**: воды, чаю, кофе;

Налить (что-л., или чего-л.) **кому** (о человеке): гостю, сыну, мне, ему, Олегу;

Налить (что-либо или чего-либо) **из чего**: из бутылки, из банки, из ведра;

Налить **как**: быстро, медленно, осторожно.

ОМӮЗИШИ ЛИНГВОКОГНИТИВИИ АРЗИШҲОИ УМУМИБАШАРИИ « СЕМЬЯ/ОИЛА » ДАР ШУУРИ ЗАБОНИИ ТОҶИКОН ВА РУСҲО

Мақола ба баррасии тасвири лингвистии ҷаҳон ва шуури забонии гӯяндагони забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар асоси тадқиқоти таҷрибавӣ бахшида шудааст. Бисёр проблемахои илмӣ дар мақола бори аввал ҳал карда шудаанд. Бори аввал таҳлили муқоисавӣ шуури забонии тоҷикон ва инчунин бори аввал мазмуни даҳ арзишҳои фарҳанги тоҷиконро тавсиф мекунад. Бори аввал мундариҷаи арзишҳо дар фарҳанги тоҷикӣ дар чаҳорчӯби равиши триангуляция, вақте ки мундариҷаи якхела дар ҷараёни муаррифии бисёрматнӣ бо аломатҳои якхелаи забонӣ ва ғайризабонӣ объективӣ мешавад, сатҳҳои шуур, таҳлил ва тавсиф мешавад. Дар мақола мазмуни арзишҳои таҳлилшуда дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва русӣ ифода ёфтааст: 1. Дар сатҳи шуури расмии ҷамъиятӣ дар шакли натиҷаҳои таҳлили таърифӣ; дар шакли натиҷаи таҳлили муқоисавии зарбулмасалҳо, ки мазмуни фанҳои омӯхташавандаро инъикос мекунанд. 2. Дар сатҳи шуури иҷтимоии одӣ дар шакли натиҷаҳои таҳлили муқоисавии соҳаҳои ассотсиативӣ, ки дар он вожаҳои ташвиққунанда аломатҳои шифоҳии даҳ арзиш дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва мутаносибан русӣ буданд, дар шакли натиҷаҳои таҳлили муқоисавии мундариҷаи арзишҳо дар доираи таҷрибаи психосемантикӣ бо натиҷаҳо дар шакли майдонҳои семантикӣ, графикҳо ва дендрограммаҳо нишон дода мешаванд. Бисьёр проблемахои илмӣ дар макола бори аввал хал карда шудаанд. Бори аввал таҳлили муқоисавӣ шуури забонии тоҷикон ва инчунин бори нахуст мӯҳтавои арзишҳои фарҳанги тоҷикӣ ва тадқиқоти таҷрибавии арзишҳои умумибашарии Оилаи/Семья тоҷикон ва русҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, усулҳои муосири психосемантика мавриди истифода қарор гирифта, арзишҳои умумибашарии тоҷикон ва русҳоро бо назардошти муқоисаи онҳо омӯхтаем.

Калидвожаҳо: оила, арзишҳои оилавӣ, таъмини манфиатҳои оила дар раванди рушди иҷтимоӣ, баррасии фаъолияти оила, вазифаҳои оила, оила ҳамчун институти иҷтимоӣ, мушкилоти оилавӣ дар ҳаёти кӯдакон ва занон, вазифаи репродуктивии оила. иттиҳоди маънавию ҳуқуқии зану мард.

ЛИНГВОКОГНИТИВНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ОБЩЕЧЕЛОВЕЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ «СЕМЬЯ/ОИЛА» В ЯЗЫКОВОМ СОЗНАНИИ ТАДЖИКОВ И РУССКИХ

Статья посвящена рассмотрению языковой картины мира и языкового сознания носителей таджикского и русского языков на основе экспериментального исследования. Многие научные задачи в статье решены впервые. Впервые в сопоставительном анализе описывается языковое сознание таджиков, а также впервые описывается содержание десяти ценностей в таджикской культуре. Впервые содержание ценностей в таджикской культуре анализируется и описывается в рамках триангуляционного подхода, когда идентичное содержание в ходе политекстовой репрезентации объективируется неидентичными языковыми и неязыковыми знаками и на разных уровнях сознания. В статье содержание анализируемых ценностей в таджикской и русской культурах репрезентировано: 1. На уровне официального общественного сознания в форме результатов дефиниционного анализа; в форме результатов сопоставительного анализа паремий, отображающих содержание исследуемых. 2. На уровне обыденного общественного сознания, в форме результатов сопоставительного анализа ассоциативных полей, где словами - стимулами были вербальные обозначения десяти ценностей в таджикской и, соответственно, русской культурах, в форме результатов сопоставительного анализа содержания ценностей в рамках психосемантического эксперимента, при этом результаты отображены в виде семантических полей, графиков и дендрограмм. Многие научные задачи в статье решены впервые. Впервые в сопоставительном анализе описывается языковое сознание таджиков, а также впервые описывается содержание ценностей в таджикской культуре и рассматриваются

экспериментальные исследования общечеловеческих ценностей Семья/Оила таджиков и русских, используются современные методы психосемантики, мы изучили общечеловеческие ценности таджиков и русских, рассматривая их в сопоставлении.

Ключевые слова: семья, семейные ценности, обеспечение интересов семьи в процессе общественного развития, экспертиза деятельности семьи, функции семьи, семья как социальный институт, семейные проблемы жизнедеятельности детей и женщин, репродуктивная функция семьи, морально-правовой союз мужчины и женщины.

LINGUISTIC AND COGNITIVE STUDY OF UNIVERSAL VALUES OF "FAMILY/OILA" IN THE LINGUISTIC CONSCIOUSNESS OF TAJIKS AND RUSSIANS

The article is devoted to the consideration of the linguistic picture of the world and the linguistic consciousness of native speakers of Tajik and Russian languages on the basis of an experimental study. Many scientific tasks in the article have been solved for the first time. For the first time in a comparative analysis, the linguistic consciousness of Tajiks is described, as well as the content of ten values in Tajik culture is described for the first time. For the first time, the content of values in Tajik culture is analyzed and described within the framework of a triangulation approach, when identical content in the course of a polytextual representation is objectified by non-identical linguistic and non-linguistic signs and at different levels of consciousness. The article presents the content of the analyzed values in Tajik and Russian cultures: 1. At the level of official public consciousness in the form of the results of a definitional analysis; in the form of the results of a comparative analysis of the paroemias reflecting the content of the studied. 2. At the level of everyday social consciousness, in the form of the results of a comparative analysis of associative fields, where the words of the stimuli were verbal designations of ten values in Tajik and, accordingly, Russian cultures, in the form of the results of a comparative analysis of the content of values within the framework of a psychosemantic experiment, while the results are displayed in the form of semantic fields, graphs and dendrograms. Many scientific tasks in the article have been solved for the first time. For the first time, a comparative analysis describes the linguistic consciousness of Tajiks, as well as for the first time describes the content of values in Tajik culture and Experimental studies of universal values of the Family are considered/Russian Russians and Tajiks, modern methods of psychosemantics are used, we have studied the universal human values of Tajiks and Russians, considering them in comparison.

Keywords: family,family values, ensuring the interests of the family in the process of social development, examination of family activities, family functions, family as a social institution, family problems of children and women, reproductive function of the family, moral and legal union of a man and a woman.

Маълумот дар бораи муаллифон: Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмхои филологи, профессор. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mnagzibekova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 915-14-68-77**
Ғаниева Назира Раҳимбердиевна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант-муҳаққиқ. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Ganieva_NR@mail.ru.** Тел.: **890-15-03-05-48**

Сведения об авторах: ***Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна*** - Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки 17. E-mail: **mnagzibekova@mail.ru.** Тел.: **(+992) 915-14-68-77**
Ганиева Назира Рахимбердиевна - Таджикский национальный университет, докторант-исследователь. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 17. E-mail: **Ganieva_NR@mail.ru.** Тел.: **890-15-03-05-48**

Information about the authors: ***Nagzibekova Mechrinisso Bozorovna*** - Tajik National University, Doctor of Philological Sciences, Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mnagzibekova@mail.ru.** Phone: **(+992) 915-14-68-77**
Ganieva Nazira Rahimberdievna - Tajik National University, Doctoral student-researcher. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Ganieva_NR@mail.ru.** Phone: **890-15-03-05-48**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

ТДУ: 891.550-1+82

ТАЪСИРИ “ШОҲНОМА” ВА ШАХСИЯТИ ФИРДАВСӢ ДАР АШЪОРИ ГУЛРУХСОРИ САФӢ

Кӯчарзода Аламхон, Сулаймони Аҳтам
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти классикии форсу тоҷик, ки зиёда аз ҳазор сол боз ғояҳои некандешӣ, накукорӣ ва ифтихори милливу ахлоқи ҳамидаи инсониро дар либоси шинаму муассири бадеӣ манзури оламиён ва адабиёти онҳо менамояд, дар фарҳанги ҷаҳон мавқеи сазовор дорад. Ин падидаро, алалхусус, аз мавқеи ҷаҳонии мутафаккирони бузургсолори пешин чун устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Шайх Саъдӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Хоҷа Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Бедил басо равшан мушоҳида кардан мумкин аст. «Достонҳои Низомӣ, - қайд кардааст донишманди шуравӣ Ғазанфар Алиев, - дар ҳақиқат асрҳо ҷовид мемонанд ва муҳимтар аз ҳама онҳо ҳамеша сарчашмаи илҳоми шоирони бисёри гуногунзабону гуногунсабк ба шумор рафта, боиси ба ҳаёт омадани садҳо достоне гаштаанд, ки дар осори шарқшиносон-адабиётшиносон чун назира шинохта шудаанд» [1, с.9]. Ҳаким Фирдавсии Тусӣ низ, ки дар мамлакатҳои Машриқзамин чун пайғамбари назми оламгири форсу тоҷик шинохта шудааст, асрҳо боз бо «Шоҳнома»-и безаволи худ дар такомули фарҳангу адаби халқҳои олам ҳиссаи муносиб ҳамроҳ мекунад. Беҳуда нест, ки ҳазор сол боз мавқеи ин шоҳасар дар фарҳанги ҷаҳони мутамаддин мунтазам меафзояд. «Оқои Эраҷи Афшор дар чопи дувуми «Китобшиносии Фирдавсӣ», - қайд кардааст суханшиноси эронӣ Муҳаммадамини Риёҳӣ, - мушаххасоти 849 китобу мақола дар бораи шинохти Фирдавсӣ ва «Шоҳнома», 254 тарҷумаи «Шоҳнома» ба 27 забон ва 500 нусхаи хаттӣ ва 119 чопи «Шоҳнома»-ро шиносондаанд» [9, с. 331].

Чунончи, «Шоҳнома» китоби рӯйимизии мунаққиди бузурги рус Н.Г. Чернишевский (1828-1889) будааст, ба дараҷае ки вақте ки суханшиносро соли 1862 дар қалъаи Петропавловски Петербург зиндонӣ ва соли 1864 ба Сибир бадарға намуданд, аз хона дар қатори заруртарин чизҳо «Шоҳнома»-ро ба худ мегирад ва дар таълифоташ аз ин асар ҷиддан баҳрабардорӣ мекунад. Чернишевский симои Гурдофаридро (аз «Шоҳнома») ба симои Дездемона ва Ҷулетта (аз намоишномаҳои «Отелло» ва «Ромео ва Ҷулетта»-и адиби бузурги англис Уилям Шекспир (1564-1616)) дар қиёс омӯхта, Гурдофаридро дар мақом ва зебоӣ аз онҳо болотар мегузорад: «Баҳори нерую бардами Гурдофарид дар шукуфтан аст ва замоне, ки ӯ тоскулоҳашро мепӯшад, аз тамоми лашкари туроний танҳо Сухроб метавонад ба ӯ ба ҷанги тан ба тан дарояд… Ҳатто дар осори Шекспир чунин шахси дилраборо наметавон пайдо кард. Дездемона ва худи Ҷулетта дар ҳусну малоҳат ё худ зебоии аҷибу пурназокат бо ӯ баробар шуда наметавонанд» [11, с. 43].

Табиист, ки таъсирпазирии “Шоҳнома”, пеш аз ҳама, ба назми доманфарохи форсу тоҷик ба мушоҳида мерасад. Чуноне ки профессор Худоӣ Шарифов таъкид кардааст, “Шоҳнома” ҳамосаи бузурги шоҳон аст ва ба ин васила зиндагонии мардуми Эрон дар пайванди замонӣ ва маконии таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, руҳонӣ ва маънавии дуру дарозе воқеияти зиндаи ҳунарӣ меёбад” [12, с. 21- 22].

Дар назми давраи нави тоҷик истиқбол аз “Шоҳнома” ва образҳои он аз устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Мунзим, Аҳмадҷон Ҳамдӣ ва Пайрав оғоз меёбад. Соли 1935 устод Лоҳутӣ достони “Тоҷ ва байрақ”-ро эҷод мекунад ва дар боби “Тоҷ” 12 байт чун назира аз “Шоҳнома” оварда, баъд ба боби “Байрақ” гузашта, ғояи ифтихори миллиро дар пояи достони Баҳроми Гурд талқин мекунад [5, с.215-216].

Бояд гуфт, ки дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои Иттифоқи Шуравӣ тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд пайваст ва мафкураи ҳоким барои таъмини ғалаба бар душани сар то по мусаллаҳи ғаддор водор буд, ки ба густариши ҷанбаи миллӣ ва суннатҳои волои ватанҳоҳии адабиёту санъати халқҳои Иттифоқи Шуравӣ, аз ҷумла халқи тоҷик, мусоидат намояд. Дар ин давра, ба гуфти

адабиётшинос Абдухолиқи Набавӣ, “масъалаи ифтихор аз гузашта ва ҳисси ҷавобгарӣ дар назди таърих хеле тезутунд ба миён омад ва ин боис шуд, ки адабиёти меъёрии шуравӣ як муддат аз қолаби сиёсиву синфӣ берун равад ва бори дигар рисолати аслии худро дарк намояд” [8, с. 152]. Адибони тоҷик дар ин айёми тақдирсоз аз тамоми воситаҳои тасвир ва усулҳои созандаву омӯзандаи сухани бадеӣ истифода мекарданд ва яке аз воситаҳое, ки эҳсоси душманбадбинии ҷомеаро афзун намуда, ватандоронро ба ҳимояи марзу буми Ватани азиз таҳрик медод, муроҷиат ба образҳои “Шоҳнома”, чун Рустами Достон, Коваи Оҳангар, Исфандиёри Рӯинтан, буд. Шоир Абдусалом Деҳотӣ дар шеъри “Ба ҷанговари тоҷик” андешаҳои худро бо образи Кова тақвият додааст:

Аҷдоди номдори ту андар замони худ
Халқи туро зи ҷанги ситамгар раҳонда буд.
Ёд ор он Коваи Оҳангари далер,
Заҳҳокро чӣ гуна ба маргаш расонда буд [4, с. 99].

Назми тоҷик, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ имкони як муддат аз қолиби сиёсиву синфӣ берун баромада, бори дигар ба рисолати аслии худ баргаштанро пайдо намуда буд, дар солҳои 50 ва 60-ум, як андоза аз пардаи табақотӣ баромада, ба маънавияту ахлоқ рӯ овард. Бинобар ин, солҳои 1960-1990 садаи XX ва махсусан даврони истиқлолро метавон дар адабиёти тоҷик давраи ба вуҷуд омадани андешаҳои нав ва марҳилаи бозгашт ба асолати хеш номид. Дар ин муддат рӯ овардан ба таърихи миллат, таваҷҷуҳ ба асолату вахдати миллӣ, истиқлол ва масъулияти ватандорӣ аз матраҳтарин мавзуъҳо дар эҷодиёти адибон қарор гирифтанд. Ин аст? ки дар ин айём таъсирпазирии шоирони муосир аз Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ равнақи тоза пайдо кард. Ин мавзуъ дар осори Муъмин Қаноат ривоҷ ёфта, минбаъд бо ашъори миллатпарастона ва ватанхоҳонаи шоироне чун Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ғоиб Сафарзода, Ҳақназар Ғоиб, Ҳабибулло Файзулло ва Гулрухсор... зиёда тақвият ва густариш ёфт.

Шоирони муосири тоҷик ҷанбаи талмеҳӣ ва асотиргароии ашъори худро тақвият ва густариш дода, бо нигоҳи тоза, сувари хаёл, тасвирҳои ҳиссӣ ва андешаҳои бикр аз ҳузури худ дар ин мавзуъ хабар додаанд. Сухани онҳо дар робита ба Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ дар шакли силсилаи шеърҳо, тазмин, назира, эпиграф, ҷавобия, соқинома, достон ва шеърҳои алоҳида ифода ёфта, барои тақвияти андешаҳои миллӣ, ватандорӣ ва озодихоҳона комилан мусоидат намуд. Агар соқиномаҳои Лоиқ Шералӣ (1997), Рустами Ваҳҳоб (1989), Фарзона ҳама дар вазни «Шоҳнома» - фаӯлун, фаӯлун, фаӯлун, фаӯл суруда шуда бошанд, пас Ҳақназар Ғоиб достони “Ҳасрати Фирдавсӣ»-ро эҷод мекунад. Фирдавсӣ дар достон аз он ки ба қаҳрамони дӯстдоштааш – Рустам беэътиноӣ карда, ӯро ба фоҷиаҳо рӯ ба рӯ кардааст, ҳасрат мекашад:

Басе дар ҷаҳон ранҷҳо додамаш,
Ба ҳар кушта заҳри бало додамаш,
Зи хуноби дил муддао додамаш.

Ба Исфандиёри ҷавон куштамаш,
Ба марги Сиёвуши ҷон куштамаш.

Ба Суҳроби зеби ҷаҳон куштамаш,
Ба ҳар куштаи ормон куштамаш.

Ба ҳар гиряаш гиря карда басе,
Ки ин ғам надидам дигар аз касе [3, с. 55].

Таъсири “Шоҳнома” ва шахсияти Фирдавсӣ дар ашъори Гулрухсор хусусиятҳои ба худ хос дошта, фарогири андешаву тафаккури қаҳрамони лирикӣ дар шароитҳои мушаххаси иҷтимоӣ мебошад. Воситаи асосии таъсирпазирӣ аз “Шоҳнома” дар ашъори шоир истифодаи санъати бадеии талмеҳ ба шумор меравад. Талмеҳ аз саноеи маънавӣ буда, ба адиб имконият медиҳад, ки ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба суханҳои маъруфи саромадони сухан ишора карда, муҳтавои асари худро дар шакли ҷолибу муассир ба хонанда пешниҳод намояд [6,с.147]. Гулрухсор дар шеъри “Афсона”, ки соли 1984 дар замони сиёсати ҳукумати Шуравӣ эҷод гардидааст ва дар он замон арзишҳои

таърихӣ ва миллии халқи тоҷик, то андозае фаромӯшшуда ҳисоб мешуд, бо як эҳсоси зебо аз гузаштаи пурифтихори худ ёдовар мешавад:

Ёд кардам Ҳофизу “Шаҳнома”-хониҳои ту,
Нақшҳои зиндаи Беҳзоду Мониҳои ту.
Сангҷонӣ,
сахтҷонӣ,
кӯҳсониҳои ту,
Ларза мегирад маро
аз безабониҳои ту,
Аз шукӯҳ,
баҳри мани ларзандаруҳ афсона гӯ! [2, с. 359-360].

Дар ашъори Гулрухсор таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ ва коркарди адабии онро ба чанд шева мушоҳида мекунем:

1.Васф ва бузургдошти шахсияти Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” и ӯ чун намод ва нишони арзишҳои миллию фарҳангӣ;

2.Ба воситаи талмеҳ задан ба қаҳрамонони “Шоҳнома” ба таври муассир баён ва тавзеҳ додани рухдодҳои муосир;

3.Истифодаи муносиб ба руҳияи муосир аз мазмунҳо ва сужетҳои “Шоҳнома”;

4.Мазмунсозиҳои тоза бо истифода аз мухтавои достонҳои “Шоҳнома”.

Ин гароиши эҷодӣ ва эътиқодии адиб аз аввалин шеърҳояш шуруъ гардида, дар муддати солҳо таҳвият меёбад. Шоир сол то сол вобаста ба мутолиа ва андӯхтани таҷрибаи адабӣ ба дарки шахсият ва мақоми волои Фирдавсӣ ва арзиши азими таърихӣ ва миллии “Шоҳнома” бештару амиқтар мерасад. Дар «Девони Гулрухсор» шеърҳое, ки дар онҳо аз қаҳрамонони ин асари ҳамосӣ истифода карда, ба васфи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” сурудааст, 28-то мебошанд: “Эрон” (с. 13), “Эрону Турон” (с. 23-24), “Шоҳнома” (с. 57), “Сангар” (с. 70), “Забони безабонӣ” (с. 90), “Ориёно” (с. 96), “Оғози як анҷом” (с. 151), “Баъд аз ҳазор сол” (с. 194), “Ғунчаҳои сарбурида” (с. 189), “Шаҳри руъё” (с. 299), “Ниёиш” (с. 312), “Ватандор” (с. 356), “Афсона” (с. 359), “Бонги хатар” (с. 486), “Шаҳраги фарёд” (с. 567), “Танҳотар аз танҳоӣ” (с. 576), “Ғами Таҳминаҳо” (с. 596), “Девор” (с. 598), “Достони ашку хун”(615), “Дардам гузашт” (с. 642), “Гули ноз” (с. 645), “Сантури сурур” (с. 664), “Расвои вафои Ватан” (с. 696), “Баҳор мегузарад” (с. 701), “Ману шаб” (с. 741), “Жакон” (с. 746), “Ҷанг” (с. 788) ва рубоии “Аз Ораши ори хеш” (894).

Дар солҳои истиқлол мавзуи мазкур дар эҷодиёти Гулрухсор беш аз ҳар давраи дигар вусъат ва ғановат пайдо менамояд. Дар шеъри “Ғами Таҳминаҳо”, ки соли 1999 иншо шудааст, шоир таъкид мекунад, ки барои расидан ба ормонҳои миллӣ ва дарки ватану ватандорӣ бояд бештар таваҷҷуҳи ҷомеа ба “Шоҳнома” бошад ва паёмҳои башарии онро ҳамеша мавриди омӯзиши худ қарор додан зарур аст:

Ишқи меҳан ҳадяи ҷовиди Яздон аст.
Аз худованди сахо “Шаҳнома” бояд хонд.
Аз адолат аз садоқат аз ватандорӣ,
Аз ҳақиқат, аз сафо “Шаҳнома” бояд хонд [2, с.596].

Шоир ба хонандаи худ бо даъвати ““Шаҳнома” бояд хонд” хитоб мекунад ва гуфтанист, ки “Шоҳнома” саросар ҳикмат аст. Агар мо “Шоҳномаро” бихонем ва бо он унс бигирем ва ба рамзи достонҳои он биандешем, зиндагӣ барои мо маънии дигаре хоҳад ёфт ва огоҳонатар хоҳад шуд ва зиндагии дигаронро ҳам ширинтар хоҳем кард.

Шоир қаҳрамонон ва воқеаву руйдодҳои ин шоҳасарро мазмунҳои нави иҷтимоӣ бахшидааст, ки мурод аз ин таваҷҷуҳ ба ҳодисаву воқеаҳои замони шоир ва миллати тоҷик мебошад. Аз ин ҷост, ки мегӯяд:

Акси Суҳроб аст дар чашми падар бефар,
Баҳри Рустам чун ҷазо “Шаҳнома” бояд хонд.
То башар хунёгари арғушти шайтон аст,
Аз ғами Таҳминаҳо “Шаҳнома” бояд хонд [2, с.596].

“Шоҳнома” худ саросар ишқ ба зиндагӣ, осоишу некбахтии бани инсон, парҳез аз озори дигарон ва нафрат аз ҷангу куштору вайронгарӣ мебошад. Ва Гулрухсор дар шеъри “Шоҳнома” (соли 1997) гӯё тамоми афкору эҳсос ва таҳлилу таҳқиқи адабӣ ва эҷодии худро

дар ин мавзуъ хулоса менамояд ва ин шеър ба як суруди машҳур ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Эрон табдил меёбад:

Шоҳнома сухан аст,
сухани бемаргӣ.
Шоҳнома руҳ аст,
ба тани бемаргӣ.
Шоҳнома Ватан аст,
Ватани бемаргӣ.

Оре, оре, Шоҳнома Ватан аст!
Ватане, к-аз ману ту,
Натавонанд ба шамшеру ба тазвир рабудан.
Шоҳнома хирад аст,
Хираде, ки ба ҷаҳон омӯзад,
Ҳунари аз аҷали ҷаҳл намурдан [2, с.57].

Гулрухсор дар ин шеър барҳақ “Шоҳнома”-ро “сухани бемаргӣ” мехонад, чунки Фирдавсӣ, ин суханвари бузурги хуросонӣ, вақте кохи баланди ҷовидонии хешро пайафканд, ки Эрон асири истилои хилофати арабии Бағдод буд. Забону адаби расмӣ дар маҳфилҳои болои иҷтимоъ арабӣ буд. Ӯ бо сурудани китобе бо ин ҳаҷму азамат, тавоноиҳои забони модариро барои баёни анвои матолиб нишон дод ва пояи ин забони биҳиштиро устуворӣ бахшид, ба дараҷае ки забони “Шоҳнома” муддати зиёда аз ҳазор сол аст, ки меъёр ва пуштвонаи забони адабӣ қарор гирифтааст.

Чуноне ки донишманди зиндаёд Мирзо Муллоаҳмадов қайд кардааст, «нодида гирифтани масъалаҳои ахлоқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки қисмати умдаи онро фаро гирифтааст ва абёти пандомез тақрибан дар ҳар саҳифаи он ба назар мерасад, арзиши баланди маънавии асарро коҳиш дода, онро ба як қолаби беруҳ табдил хоҳад намуд» [8, с. 31]. Ва Гулрухсор торафт зарурат пайдо кардани ҷанбаи ахлоқии «Шоҳнома»-ро дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир, ки бо номи ҷаҳонишавӣ ба косташавии анъанаҳои нек, урфу одат, эҳсоси милливу ватанхоҳии халқиятҳои алоҳида равона шудааст, ба ҳамватанон таъкид мекунад. Шеъри мазкур тавассути ба нафас монанд кардани «Шоҳнома» ва такрори вожаи бимирем басо муассир ва хотирмон хулоса шудааст:

Шоҳнома адаб аст,
Адабе, к-аз самари сабздарахташ
Ҷовидон баҳра бигирем.
Шоҳнома нафас аст,
Нафасе, к-аз ману ту гар бирабоянд,
Бимирем,
Бимирем,
бимирем! [2, с.57]

Таъсири “Шоҳнома” ва нигорандаи он - Фирдавсӣ дар ҳар асру замоне чи аз назари ахлоқӣ ва чи аз назари шинохт ва ҳувияти миллӣ бар ҳар шоире, ки пас аз Фирдавсӣ по ба арсаи адабиёт ниҳодааст, ба равшанӣ мушоҳида шудааст. Фирдавсӣ бо “Шоҳнома”–и худ мафҳуми Хуросони бузургро мушаххас кард ва дар дили ҳар як аз ҳаммиқлатонаш эҳсоси ориёӣ буданро барангехт ва вақте мегӯяд: “Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ” арзиши кору рисолати худро дуруст дарёфтаву баён кардааст ва фарҳангу забони сокинони Хуросони бузургро, ки хатари аз байн рафтани он буд, тавассути “Шоҳнома” аз чанги нестӣ раҳонида, онро ба нуқтаи авҷи шаҳомат расонидааст. Ин аст? ки истиқболи адибони баъдина аз “Шоҳнома” дар намодҳои гуногун, аз ҷумла дар шакли эпиграф, ки ба гуфти адабиётшинос Х. Мирзозода, “ барои хонандаро пешакӣ аз мундарича, мавзуъ ва мазмуну мақсади асар шиносонидан аҳаvмияти куллӣ дорад” [7, с. 169], низ истифода шудааст. Гулрухсор манзумаи “Жакон” (1990)-ро бо эпиграфи як байти “Шоҳнома” оғоз мекунад, ки он ба мазмуну муҳтавои тамоми асар ишора карда, ҳолати руҳӣ ва сӯзу гудози қаҳрамони лирикиро дар шароити номатлуби охири солҳои 90-уми садаи ХХ тақвият мебахшад:

Биёмад жакон* аз бари шоҳ ӯ,
Ҳама тира дид, ахтару гоҳ ӯ.

Ин байти Фирдавсӣ хонандаи тоҷикро водор мекунад, ки ба ҷанбаи миллӣ ва ахлоқии манзумаи Гулрухсор зиёда таваҷҷуҳ намуда, ба озодӣ ва андешаи иҷтимоии инсонҳо арҷ гузорад.

Ҳамин тариқ, истиқболи Ҳаким Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и безаволи ӯ ва чун талмеҳ истифода бурдани образҳои Рустам, Суҳроб, Сиёфуш, Ораш, Афросиёб, Ҷамшед, Таҳмина, Гурдофарид, Ҳурмузд, Рахш…ба ашъори Гулрухсор қувваи баланди муассирӣ ва ҷилои тоза бахшида, бо ҳамин боиси таҳвияи андешаҳои иҷтимоӣ ва фалсафиву ахлоқии шоир гардиданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев, Г.Ю. Темы и сюжеты Низами в литературах народов Востока / Г.Ю. Алиев. – М.: Наука, 1985. – 336 с.
2. Гулрухсор. Девон. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 9662 с.
3. Ғоиб, Ҳ. Суруши Хатлон / Ҳ.Ғоиб. – Кӯлоб: Сада, 1998. – 104 с.
4. Деҳотӣ, А. Куллиёт / А.Деҳотӣ. – Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 375 с.
5. Лоҳутӣ, А. Куллиёт / А.Лоҳутӣ. – Ҷ.4. – Душанбе: Дониш, 2017. – 464 с.
6. Зеҳнӣ, Т. Куллиёт / Т.Зеҳнӣ. – Ҷ.1. – Душанбе: Истеъдод, 2021. – 432 с.
7. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшносӣ / Х.Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.
8. Муллоаҳмад, М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ / М.Муллоаҳмад. – Душанбе, 2003. – 256 с.
9. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ / Риёҳӣ, Муҳаммадамини. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 340 с.
10. Набавӣ, А. Ҷанги ватанӣ ва афкори адабии тоҷикӣ / А.Набавӣ. – Душанбе: Андалеб, 2015. – 240 с.
11. Самад, В. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва Чернишевский / В.Самад. – Душанбе: Адиб, 2004. – 400 с.
12. Шарифзода, Х. Сездаҳ мақола / Х.Шарифзода. – Душанбе, 2013. – 272 с.

ТАЪСИРИ “ШОҲНОМА” ВА ШАХСИЯТИ ФИРДАВСӢ ДАР АШЪОРИ ГУЛРУХСОРИ САФӢ

Дар мақолаи манзур яке аз мавзуъҳои муҳим, вале камтар мавриди таҳқиқ қароргирифта дар адабиётшиносии муосир – таъсири шахсият ва шоҳасари Фирдавсӣ “Шоҳнома” дар матни назми навини тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон ин мавзуъро аслан бар асоси эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсори Сафӣ пажуҳиш намуда, дар боби шаклу наҳваи ин таъсирпазирӣ, ҷанбаи ғоявию бадеӣ ва ҳадафу натиҷаҳои ашъори истиқболии шоири муосир ба хулосаҳои мушаххаси илмию назарӣ мерасанд.

Калидвожаҳо: “Шоҳнома”, назм, адабиёти классикӣ, адабиёти муосир, шоирони муосир, таъсирпазирӣ, ҷанбаи ғоявию бадеӣ.

ВЛИЯНИЕ “ШАХНАМЕ” АБУЛКАСЫМА ФИРДОУСИ И ЕГО ОБРАЗ В ПОЭЗИИ ГУЛРУХСОР САФИ

В настоящей статье уделяется внимание теме влияния легендарного образа и творчества великого классика таджикско-персидской литературы Абулкасыма Фирдоуси, в современном литературоведении ещё недостаточно изученной. Авторы для решения данного вопроса в основном опираются на поэзию Народного поэта Таджикистана Гулрухсор Сафи. В ходе расследования уточняются вопросы преемственности методических, стилистических и художественно-смысловые аспектов в творчестве современных таджикских поэтов в сравнении с творчеством Фирдоуси на основе поэзии Гулрухсор Сафи.

Ключевые слова: «Шахнаме», поэзия, классическая литература, современная литература, современные поэты, влияние, визуально-художественный аспект.

THE INFLUENCE OF “SHAHNAME” ABULKASIM FIRDAVSI AND ITS IMAGE IN THE POETRY OF GULRUKHSOR SAFI

This article focuses on the influence of the legendary image and creativity of the great classic of Tajik-Persian literature Abulkasim Firdavsi, which has not yet been sufficiently studied in modern literary criticism. To address this issue, the author mainly relies on the poetry of the People's Poet of Tajikistan Gulrukhsor Safi. In the course of the investigation, the questions of methodological, stylistic and artistic and semantic aspects of continuity in the work of modern Tajik poets regarding the work of Firdavsi based on the poetry of Gulrukhsor Safi are being clarified.

Keywords: “Shahname”, poetry, classical literature, modern literature, modern poets, influence, visual and artistic aspect.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Кӯчарзода Аламхон*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроғ**а: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Рӯдакӣ, 17

*Жакон – зери лаб худ ба худ сухан гӯянда, аз хашму ғазаб ғур-ғуркунанда

Сулаймони Аҳтам - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ факултети филология. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 931-44-82-31**

Сведения об авторах: ***Кучарзода Аламхан*** **–** Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор, кафедра теории и современной таджикско-персидской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, Рудаки, 17
Сулаймони Ахтам - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедра теории и современной персидско-таджикской литературы, филологический факультет. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 931-44-82-31**

Information about the authors: ***Kucharzoda Alamkhan*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and Modern Tajik-Persian Literature. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, 17
Sulaymoni Akhtam - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Theory and Modern Persian-Tajik Literature, Faculty of Philology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 931-44-82-31**

ТДУ: 891.550-1+82

ТӮРАҚУЛ ЗЕҲНӢ – НАХУСТИН ФОЛКЛОРШИНОСИ ТОҶИК

Равшан Раҳмонӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар натиҷаи таҳия ва таҳқиқи китобшиносии (библиографияи) фолклори тоҷик М.Неъматов ба чунин хулоса омадааст, ки омӯзиши (гирдоварии) фолклори тоҷик аз соли 1872 оғоз шудааст [ниг.: 4]. Вале дар асл аввалин намунаҳои матнҳои адабиёти гуфтории (фолклории) тоҷикон соли 1870 аз ҷониби Абдураҳмони Мустаҷир (1845-1905) аз водии Зарафшон, дар раванди таълифи рӯзномаи хеш, сабт гардидааст. Соли 1989 «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» дар таҳияи А.Афсаҳзод ва М.Муллоаҳмадов чоп шуд ва дар пешгуфтори он таҳиягарон чанд намунаи матнҳои фолклории гирдовардаи А.Мустаҷирро оварданд [ниг.: 12, с. 16-18; 15, с. 101-103].

Аз солҳои 70-уми садаи XIX то солҳои 20-уми асри XX пажуҳандагони рус зимни корҳои мардумшиносӣ, сайёҳӣ баъзе намунаҳои фолклори тоҷиконро гирд оварда нашр намуданд, ки теъдоди онҳо хеле кам аст. То солҳои 20-уми асри XX асари таҳқиқие, ки танҳо матни фолклориро мавриди баррасӣ қарор медода бошад, таълиф нашудааст. Фақат мардумшиносон ва гоҳе забоншиносони рус дар раванди кори худ, дар контексти ин ё он маросим ва ё таҳқиқи лаҳҷаи минтақае дар бораи матнҳои гуфтории мардуми тоҷик низ ба таври ишоравӣ назари худро гуфтаанду халос. Дар ин бора М.Неъматов дар раванди таҳқиқи китобшиносии осори фолклорӣ дар асоси маводи солҳои 1872-1968 ишора намудааст [ниг.: 3; 4; 14].

Баъди ташкил шудани Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон (1924) омӯзиши таърих, забон, адабиёт, фарҳанги мардуми тоҷик бештар шудан гирифт. Таҳти таъсири муҳаққиқони мардумшиноси рус, суҳбатҳо, баҳсҳо, дастрас намудани иттилоот оид ба фарҳанги мардуми тоҷикон, равшанфикрони тоҷик низ ба омӯхтани маводи фарҳанги мардум, аз ҷумла матнҳои адабиёти гуфторӣ, шуруъ намуданд. Барои ҷиддитар таҳқиқ намудани осори суннатии гуфтории мардуми тоҷик дар он солҳо «Шурои илмии Комиссариати маорифи Ҷумҳурияти Тоҷикистон» созмон меёбад, ки дар ин хусус А.Набиев чунин ёдовар шудааст: «Аз ин ҷиҳат ҳодисаи таваҷҷуҳ ба адабиёти халқро чун як ҳодисаи қонунии идомаи омӯзиши илмии он аз ҷониби шарқшиносон ва ниёзи замон ба шумор овардан мумкин аст. Бахусус, ки аз сентябри соли 1927 Шурои илмии Комиссариати маорифи Ҷумҳурияти Тоҷикистон ташкил шуд, ки мақсадаш аз нуқтаи назари илмӣ омӯхтани фарҳанги тоҷикӣ буд» [13, с. 107].

Ана дар ҳамин шароити пурпечутоби худшиносии миллӣ, барои аз балоҳо наҷот додани забону фарҳанги тоҷикон, шахсони миллатдӯст ба монанди устод Айнӣ, шогирдони эшон ба омӯхтани забон, адабиёт ва фарҳанги суннатии тоҷикон оғоз намуданд. Дар он солҳо шоири фарҳангдӯст Т.Зеҳнӣ узви ҳамин «Шӯро» буда, содиқона дар ин самт фаъолият намудааст. Ба таври ҷиддӣ ба мероси суннатии мардум, ки аз тариқи гуфтор аз насле ба насле интиқол меёбад, аҳаммият додааст. Ӯ намунаҳои матнҳои гуногунро аз байни тоҷикони Самарқанд ва ҷойҳои дигар гирд оварда, онҳоро ба воситаи дастурҳои таълимии «Омӯзиш. Китоби қироат барои синфҳои дуюми мактабҳои ибтидоӣ» (ҳамчунин барои синфҳои 3, 4) ҳамроҳи В.Маҳмудӣ пешкаши донишомӯзон кардааст [ниг.: 8; 9: 10; 11].

Дар он солҳо барои навомӯзони хат матнҳои ба завқу салиқаю диду гуфтори мардум наздикро пешниҳод намудан муносиб буд, то ба руҳияи мардуми навхон мувофиқ ва азхуд намуданаш осон бошад. Ин гуна мавод асосан дар байни мардум вуҷуд дошта, ҳамеша дар ҳар маврид ҳамдами онҳо буд. Аксари мардуми нохонда ҳазорон сол аст, ки афсона, қисса, ривоят, зарбулмасал, чистон, суруд, достон ва амсоли инро ба таври гуфторӣ нақл ва ё иҷро намуда, ғизои маънавӣ мегирифтанд.

Барои ҳамин аз соли 1928 шуруъ намуда, дар дастури «Омӯзиш. Китоби қироат барои синфҳои дуюми мактабҳои ибтидоӣ» Т.Зеҳнӣ бо ҳамкории В.Маҳмудӣ матнҳои аз байни мардум гирдовардаи худро ворид намуданд. Дар ин маҷмуаи қироатии таълимӣ барои хурдсолон, ки солҳои баъд низ борҳо чоп шудааст, матни сурудҳои «Духтараке ба падар. Олуча гули бодом», «Баҳор омад», «Чистонҳо», «Дӯстдорӣ», «Барфӣ», «Зарбулмасалҳо» (аз

суханони падарон), «Бойчечак», шеъри «Бузғола» ва ғайра ба нашр расидааст. Ҳамаи ин матнҳо дар он солҳо ва баъдҳо низ дар байни мардум шуҳрат доштанд [муфассал ниг.: 8; 9].

Тӯрақул Зеҳнӣ ба осори манзум муҳаббати зиёд дошт ва худаш шеър эҷод мекард. Ҳамин завқу салиқа ва муҳаббат ба шеър боиси он мешавад, ки дар асоси маводи фолклорӣ нахустин мақолаи таҳқиқии хешро бо нигоҳи шеършиносӣ зери унвони «Адабиёти халқ» таълиф намояд [ниг.: 16, с. 199-209].

Агарчи дар он солҳо истифодаи истилоҳи «фолклор» аз тариқи муҳаққиқони рус то ҳадде барои адибони тоҷик низ шинос буд, вале дар мақолаи Т.Зеҳнӣ истилоҳи «фолклор» ба кор нарафтааст. Дар он замон дар кишварҳои аврупоӣ, дар атрофи истилоҳи «фолклор» баҳсҳо зиёд буд, муҳаққиқони ҳар забон кӯшиш менамуданд, ки истилоҳи муносибро дар забони худ пайдо намоянд. Чунки маънои истилоҳи «фолклор» дониши мардум, ҳикмати мардум буда, тамоми эҷодиёти халқ, ҳунарҳои мардумӣ, мусиқии халқӣ ва амсоли инро низ дар бар мегирифт. Тибқи баҳсҳои илмии мардумшиносӣ матнҳои адабиёти гуфторӣ (адабиёти халқ, адабиёти шифоҳӣ, адабиёти омма, адабиёти даҳанакӣ, адабиёти лафзӣ, эҷодиёти даҳанакӣ ва ғ.) низ як ҷузъи «фолклор» ба ҳисоб мерафт. Ин вижагии фолклорро, яъне маҳз ба адабиёти гуфторӣ мутааллиқ будани матнҳои манзум ва мансури халқиро дарк намуда, Т.Зеҳнӣ истилоҳи «адабиёти халқ»-ро ба кор бурд. Мақолаи эшон соли 1928 ва идомаи он соли 1929 дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба нашр расид [ниг: 5; 6; 7].

Ногуфта намонад, ки устод Айнӣ низ соли 1928 истилоҳи «адабиёти халқ»-ро ба кор бурдааст. Устод яке аз аввалинҳо буданд, ки дар мақолаи худ «Забони тоҷикӣ» ба гирдоварии «адабиёти халқ» ишора карда, барои омӯхтани бадеияти забон ба «ҷамъ кардан»-и «адабиёти халқ» таваҷҷуҳ бояд кард гуфтаанд: «Албатта ташбеҳҳо, киноя ва истиорахое, ки дар байни оммаи тоҷик кор фармуда мешавад, гуногун аст, яъне инҳо дар ҳар ҷой ва маҳал дигаранд. Ба воситаи ҷамъ ва нашр кардани **адабиёти халқ** он чизҳоеро, ки хусусияти маҳаллӣ доранд, оммагӣ кардан даркор аст» (таъкид аз мост – Р.Р.) [1, с. 43-47; 2, с. 365].

Аз сабаби он ки Т.Зеҳнӣ дар таҳияи «Намунаи адабиёти тоҷик» бо устод Айнӣ ҳамкорӣ мекард, шояд мафҳуми «Адабиёти халқ»-ро бо машварати устод мавриди истифода қарор додааст. Т.Зеҳнӣ дар оғози мақолаи хеш мушоҳидаҳои худро оид ба «Адабиёти халқ» ба таври илмӣ баён намуда гуфтааст: «Донишмандоне, ки машғули адабиёт ҳастанд адабиётро ба ду қисм мекунанд: яке адабиёти хаттӣ, ки аз тарафи нависандагон ва шоирони маълум ва машҳур навишта шудааст; яке ҳам адабиёти халқ – даҳонакӣ аст, ки дар миёни тудаи бузурги мардум гуфта ва суруда мешавад» [5, с. 25].

Т.Зеҳнӣ аз тариқи забони мардум аз гузаштагони дури мо ба мерос расидани вожаҳои ноби забониро ба ёд оварда, ба идомаи суханҳои боло таъкид намудааст, ки бунёди аслии забон ин забони гуфтории мардум аст. Маҳз тавассути он, дар забони зинда адабиёти махсусе мавҷуд аст, ки Т.Зеҳнӣ онро чун «адабиёти халқ» ва ё «адабиёти даҳонакӣ» ёд менамояд. Ӯ моҳияти аслӣ ва муҳимму арзишманд будани матнҳои адабиёти гуфториро хуб дарк карда, дигаронро ташвиқ менамояд, ки ба ин сарвати манзуму мансури халқӣ таваҷҷуҳ намоянд. Аз ин сарват барои «тараққии забони адабӣ ва китобӣ» истифода баранд ва гуфтааст: «Забон ва адабиёт ё худ забони адабӣ биное аст болои таҳкурсии забони зинда, яъне забоне, ки омма бо ӯ сухан мекунанд, таъсис ёфтааст. Забон ва адабиёти халқ забони зинда аст зеро гурӯҳи бузурги мардум бо ӯ гуфтугӯ ва тараннум мекунанд. Забони зинда ба навъе, ки гӯяндагонаш пай набаранд, ҳамеша дигаргун мешавад, рӯ ба инкишоф ва такомул меорад. Вале баръакс забони адабӣ ин гуна набуда, доим ба асарҳои муайян ва собит истинод менамояд. Забони зинда ва ҷондори неруманди забони адабӣ, махсус ба худ асарҳои гаронбаҳое дорад, ки онро **адабиёти халқ** ё ки **адабиёти даҳонакӣ** меноманд.

Табиӣ аст, ки миллатҳо – бештар – дар ҳолати гузаронидани ҳаёти қабилагӣ ва ниммаданигӣ дорои ин гуна адабиёти халқӣ мебошанд. Аз ҷумла миллати тоҷик ҳам, махсус ба худ, соҳиби ин тавр маҳсулоти иҷтимоӣ аст. Хусусан дар он ҷоҳое, ки дар ҳолати бадавигӣ ва қабилагӣ зиндагӣ доранд, ин захираҳои адабии халқӣ бисёртар ба назар намоёнанд. Пас лозим меояд, ки ин асарҳои адабии мардум фароҳам оварда шаванд, тасниф ва таълиф карда, барои тараққии забони адабӣ ва китобии тоҷикӣ аз ин асарҳо – чи аз наср ва чи аз назм истифода шавад» (таъкид аз мост – Р.Р.) [5, с. 25].

Муаллифи мақола пеш аз он ки аз адабиёти гуфторӣ мисолҳо оварда фикри худро баён намояд, дар оғоз оид ба калимаҳои дар байни мардум маъмулу мақбули соҳаҳои гуногун

изҳори назар намуда ёдрас мешавад, ки аз ин ганҷи гуфторӣ истифода намоем. Барои таҳвияти фикри худ, аз вожаҳои дар байни мардум роиҷ, мисолҳо меорад. Ба ҳамин пайваст ба зарбулмасалу чистонҳои манзум ишора менамояд, ки дар онҳо «киноя ва таъбирҳои кӯҳнаи форсии асл қобили истеъмол аст» [5, с. 26].

Т.Зеҳнӣ барои исботи андешаи худ аз калимаи «равзан» ва «равзанак» ёд намуда, чистони зеринро меорад, ки он аз байни тоҷикони Фарғона сабт шудааст ва маъноиш «маҳтоб» мебошад:

Офтобак рӯи равзан,
Гаҳ торику гаҳ равшан [5, с. 26].

Ба гуфти Т. Зеҳнӣ: «…дар муҳовароти занони Самарқанд аз белибосии бачагон ва ғайра шикояткунон мегӯянд:

Ҳавлӣ – ҳавлиён,
Дарби лӯлиён.

«Дарб» ба маънии «дар» аст, ҳол он ки имрӯз «дарб» дар гуфтугӯ ба кор бурда намешавад» [5, с. 26]. Ӯ дар идомаи мақолаи худ калимаҳоеро аз матнҳои фолклорӣ оварда, ишора бар он мекунад, ки баъзе калимаҳо дар дохили матни гуфторӣ ба кор мераванд, вале дар гуфтугӯи мардум нестанд.

Баъдан Т.Зеҳнӣ, ки худ шоир ва муҳаққиқи шеър аст ба баррасии вазни матнҳои фолклорӣ мегузарад. Зери унвони «Суруд ва чистонҳои манзуми тоҷикӣ, ки ба вазни ҳиҷоӣ гуфта шудаанд» оид ба вазни арӯз ва ҳиҷоӣ, бо ишора ба асари илмии яке аз пажуҳандагони эронӣ бо такя ба вазни «Готҳо»-и «Авесто» ақидаи худро баён медорад. Ёдовар мешавад, ки тарзи назми «Готҳо»-и «Авесто» панҷ гуна будааст. Зимнан ба он панҷ гуна вазн, ҳиҷоҳои он ва вазни осори манзуми пеш аз ислом низ ишора менамояд. Дар айни замон як байти ҳиҷоии Ҳаким Абуҳафси Суғдии Самарқандиро оварда мегӯяд, ки «чистон ва сурудҳои ҳозираи мардум низ ҳиҷоӣ аст» [5, с. 27].

Сипас аз анвои осори адабиёти гуфторӣ ёд намуда, ҳадафи аслии мақолаи худро барои хонанда дақиқан баён медорад: «Маҳсулоти адабии халқӣ қисмҳои бисёре дорад: зарбулмасалҳо, чистонҳо, сурудҳо, афсонаҳо, достонҳо, таъбиру киноҳо ва монанди инҳо… Ман дар ин ҷо бештар дар болои чистону сурудҳои бачагона истода мегузарам. Аксар сурудҳои бачагона ва чистонҳои манзум бисёр дилкаш, равон, сода, самимӣ ва бетакаллуф гуфта шудааст. Қофия ва радифҳо бисёр табиӣ аст, гоҳо беқофия ва радиф; гоҳо нимқофияҳо низ дида мешаванд. Вазни бештари инҳо ҳиҷоӣ-шумурӣ аст. Ба фикри ман чунон фаҳмида мешавад, ки шумурӣ будани инҳо ихтиёрӣ ва шуурӣ набуда, балки худи ҳаво ва оҳанги табиии забон тайин мекунад ва ба ҳиҷоҳойи муайян ва якнасақ онҳоро медаровард» [5, с. 27].

Аз ин гуфта маълум мешавад, ки Зеҳнии шоиру шеършиносро матнҳои манзуми фолклорӣ, вазн, оҳанг, мусиқию зебогии калом ҷалб намудааст. Ӯ мехоҳад, ки, пеш аз ҳама, ба ҳамин масъалаи нозуки назми гуфторӣ аҳаммият диҳад. Бо омӯхтани сурудаҳои замони бостон ба монанди «Готҳо»-и «Авесто» ва матнҳои манзуми мардумӣ хушоҳангии назми халқиро ёдовар мешавад. Ҳар порчаи манзуми барояш дастрасро аз назар гузаронида мегӯяд: «Пуртарини ин порчаҳо аз 3 ҳиҷоиҳо то 8 ҳиҷоиҳо шунида шуд; 9, 10, 11 ҳиҷоиҳо бисёр кам буда, қисми аъзами суруду чистонҳои манзум 7 ҳиҷоӣ аст. Чунки 7 ҳиҷоиҳо ғоят равон, сода, сабук буда ба гуфтан ва сурудани кӯдакон қобил ва осон аст. Аз тарафи дигар, унси бачагон ба хондани бисёрҳиҷоиҳо кӯтоҳӣ мекунад. Бинобар ин, ин ҷо барои намуна аз се ҳиҷоӣ сар карда то аз ҳиҷоиҳои ин суруду чистонҳои шумурӣ, ки он чӣ ба ман рост омадааст, мухтасар нақл мекунам» [5, с. 27].

Ба дунболи ин гуфтаи худ Т.Зеҳнӣ барои вазни 3 ҳиҷоӣ, 4 ҳиҷоӣ, 5 ҳиҷоӣ, 6 ҳиҷоӣ, 7 ҳиҷоӣ, 8 ҳиҷоӣ мисолҳо аз сурудҳо ва чистонҳои халқӣ меорад, ки аз Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Конмех, Ӯротеппа, Ворух сабт шудаанд. Ҳамчун намуна, аз мақолаи Т.Зеҳнӣ, яке аз сурудаҳои хурдсолонро меорем, ки дар минтақаҳои зиёди тоҷикони Осиёи Миёна то имрӯз ба назар мерасад:

– Ала қарға,
Куҷо мерӣ?
– Лаб-лаби ҷар!
– Чӣ мечинӣ?
– Саргини хар!

– Чӣ мепазӣ?
– Ҳалвои тар!
– Кай мехӯрӣ?
– Бегонитар!
– Кай мемурӣ?
– Соли дигар! [5, с. 27].

Т.Зеҳнӣ дар қисми аввали мақолааш асосан ба як масъала дахолат мекунад, ин ҳам дар асоси матнҳои гирдовардаи худ, роҷеъ ба вазни осори манзум изҳори назар намудан аст. Ӯ аз порчаҳои манзуми чистонҳои мардумӣ чорҳиҷоӣ мисолҳои зеринро меорад:

Ҳавзи сангин,
Оби рангин,
Мори печон,
Гули хандон? (Чароғ).

Аз Бухоро чистони зеринро меорад:

Уштур аф кард,
Дарё каф кард (Собун).

Аз ҷӯ ҷастам,
Рафида ба дастам (Гӯсфанд) [5, с. 27].

Барои панҷҳиҷоӣ матнҳои зеринро меорад, ки аз гуфтаи хуҷандиҳо сабт шудааст:

- Эй мурғи даштӣ,
Аз кӯҳ гузаштӣ.
Бобома дидӣ?
Халтая додӣ?
Халта амонат,
Сиҳат саломат? [5, с. 28].

Аз Самарқанд:

Шабушк мурдааст,
Кайкак азодор,
Сари сарбандча,
Болои девор [5, с. 28].

Барои шашҳиҷоӣ чистони зеринро оврдааст:

Охурчеки пастак,
Куррачеки мастак (Муш) [5, с. 28].

Як ҷиҳати дигари назарраси мақолаи Т.Зеҳнӣ дар он аст, ки ҳарчи бештар намунаҳои шунидаашро меорад. Ба ин васила ишора намуда гуфтаст: «Ин се қитъаи сурудҳои духтаронаро, ки аз Самарқанд ба гӯш расидааст нақл мекунем» ва баъд матнҳоро меорад [5, с. 28].

Идомаи мақолаи Т.Зеҳнӣ соли 1929, дар шумораи 2-3 (18), дар ҳамон маҷалла чоп шудааст. Эшон дар ин бахши мақола нозукбинона, ба таври муқоисавӣ, матнҳои адабиёти гуфторӣ ва навишториро бо далелҳо ҷудо мекунад. Назари худро оид ба чӣ гуна муайян намудани сурудаҳои халқӣ аз ашъори шоирон дуруст ва мантиқӣ баён менамояд: «Гӯяндаи қисме аз порчаҳои адабиёти халқ аз байни тӯдаи авом набуда, балки аз тарафи яке аз адибон ва шоирони табақаи мунаввар гуфта шудааст. Ин даъво аз салиқаи калом ва тарзи суханронии гӯянда ва ҳам шаклу вазн маълум мегардад» [6, с. 37].

Сипас ӯ барои исботи ин ақидаи худ, аз порчаҳои манзуми дар байни мардум машҳур, мисол оварда собит менамояд, ки онҳо муаллиф доранд. Дар аввал аз ҳамон порчаи шеърӣ эҳсос кардани ашъори шоирро тавзеҳ менамояд. Баъдан аз кадом шоир будани онро бо мисол нишон медиҳад. Чанд байтро аз А.Ҷомӣ меорад, ки дар байни мардум машҳур буда, пасон муаллифи аслии худро гум карда, вирди забони мардум гаштааст: «Гоҳо мардум он порчаҳоро чунон тағйир медиҳанд, ки касе гумон надорад, ки он гуфтаи яке аз адибон бошад, вале бо ҳамаи ин аз ягон хусусиятҳои он дониста мешавад, ки меваи димоғи гурӯҳи мунаввар аст» [6, с. 37].

Ана ҳамин ишораи муҳимми илмии Т.Зеҳнӣ баъди солҳо боиси ба вуҷуд омадани рисолаи илмии Б.Шермуҳаммедов мегардад, ки зери унвони “Рецепция произведений таджикско-персидской поэзии” (Нусхаҳои асарҳои манзуми тоҷикӣ-форсӣ) чоп шудааст.

Б.Шермуҳаммедов дар ин рисола нишон додааст, ки чӣ гуна як матни нависторӣ (шоири маълум) дар натиҷаи нусхаҳои (вариантҳои) зиёд пайдо кардан ба матни фолклорӣ табдил ёфтааст [17].

Ҳамчунин Т.Зеҳнӣ ба таври мантиқӣ ёдрас мешавад, ки чӣ гуна асари манзуми халқиро зуд дарк кардан мумкин аст. Дар ин бора гуфтааст: «баъзе порчаҳои зебо низ дида мешаванд, ки метавон онҳоро адабиёти халқ ҳукм кардан» ва барои тасдиқи ин гуфтаи худ чанд байт меорад, ки дарвоқеъ онҳо вирди забони мардум буда, ҳатто ба ноҷӯр будани вазну қофияи онҳо низ ишора мекунад. Дар айни замон ёдовар мешавад, ки ин гуна матнҳои мардумӣ: «хеле самимӣ ҳастанд, чунки ин байтҳо аз синаи софи ҷигари самимии тудаи халқ ҷӯшида ва хурӯшида чакидааст; бинобар ин, аз такаллуфу мушкилписандиҳо озод мебошанд…» [6, с. 37].

Пажуҳанда барои тасдиқи гуфтаи худ мисолҳо меорад, ки онҳоро аз мардуми Панҷакент, Хуҷанд, Самарқанд шунидааст. Сипас ақидаи худро оид ба ин гуна матнҳои фолклорӣ шарҳ медиҳад, ки гуфтаҳои ӯ ба андешаи илмии фолклоршиносони имрӯзи ҷаҳон ҳамгун аст: «Асарҳои адабиёти халқ хеле куҳна аст. Асарҳои адабиёти халқро касе, ки савияаш каму беш аз дигарон баландтар аст, дар майдон мегузорад. Ба коғаз наменависад ва ё нависад ҳам рафта-рафта аз камоли гуфтугузори мардум аз даҳане ба даҳане, аз шаҳре ба шаҳре, аз падаре ба писаре, аз модаре ба духтаре нақл ёфта, асрҳо мезияд оқибат гӯяндаи ҳақиқиаш фаромӯш гардида моли тудаи халқ мегардад. Хеле асарҳо ба кадом шаҳре, ки рафтааст ба лаҳҷа ва шеваҳои он ҷо гардан фуроварда мувофиқи шароит ва вазъияти он ҷо ранги дигар касб мекунад» [6, с. 38].

Ӯ ба идомаи ин гуфтааш мисолҳо меорад. Сипас оид ба вариантҳои матнҳои фолклорӣ ва густариши он сухан гуфта, аз минтақаҳо ба таври муқоисавӣ мисолҳо меорад. Вижагиҳои матнҳои адабиёти гуфторирo таъкид менамояд. Арзишманд будани адабиёти гуфтории мардумиро ёдовар мешавад. Зеҳнӣ мақолаи «Адабиёти халқ»-ро асосан бо истифодаи ду жанри фолклорӣ, яъне суруд ва чистон таълиф намудааст. Дар поёни мақолааш ҳамчун узви Шурои илмии Комиссариати маорифи Ҷумҳурияти Тоҷикистон ба таври дуруст, лозим ва дилсӯзона пешниҳод менамояд: «Дар охир аз Шурои илмии Тоҷикистон хоҳиш ва умед мекунам, ки дар бораи ғун доштану гирд овардани адабиёти халқ ташаббус ва ғайрат ба кор бурда, онҳоеро, ки дар ин бора ҳавасу шавқ доранд, ҷалб намуда, раҳбариҳо намуда истад» [6, с. 41].

Ҳамин тавр Т.Зеҳнӣ – ин донишманди фарзонаи миллатдӯст дар он солҳои барои миллати тоҷик мушкилу пурталош, аввал то ҳадди тавон аз байни мардум намунаҳои матнҳои фолклориро гирд оварда дар китоби «Омӯзиш» ҷо намудааст. Баъдан бо навиштани нахустин мақолаи пажуҳишии фолклорӣ, ки бо диди илмӣ таълиф шудааст, дастандаркорони он замонро ташвиқ намудааст, ки ба ин мероси гаронбаҳои мардумӣ таваҷҷуҳ намоянд ва онро аз байни мардум гирд оварда, барои омӯзиш ва пажуҳиши ин сарвати гаронбаҳои адабиёти гуфтории суннатии тоҷикон ҳисса гузоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Забони тоҷикӣ / С.Айнӣ. Раҳбари дониш. – 1928. – № 11-12. – С. 43-47.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.11. Китоби дуюм / С.Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – С. 361-369.
3. Библиография таджикского фльклористики (1872-1968). Книга I. Публикация / Составитель М.Негматов, под руководством и при участии И.Левин / Ответственный редактор: Б.Шермухаммедов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 260 с.
4. Библиография таджикского фльклористики (1872-1968). Книга II. Исследования / Составитель М.Негматов, под руководством и при участии И.Левин / Ответственный редактор: Б.Шермухаммедов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 294 с.
5. Зеҳнӣ, Т.Н. Адабиёти халқ / Т. Н. Зеҳнӣ // Раҳбари дониш. – 1928. – Шумораи 4-5(8). – С. 25-29.
6. Зеҳнӣ, Т.Н. Адабиёти халқ / Т. Н. Зеҳнӣ // Раҳбари дониш. – 1929. – Шумораи 2-3(18). – С. 37-41.
7. Зеҳнӣ, Т. Чанд сухани судманд: маҷмӯаи мақолаҳо / Муҳаррирон: Р.Ғаффоров, Ф.Зеҳнӣ / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 160 с.
8. Маҳмудӣ, В. Духтараке ба падар. Олуча гули бодом (суруди бачагона) / В.Маҳмудӣ, Т.Зеҳнӣ // Омӯзиш. Китоби қироат барои синфи 3. – Самарқанд-Душанбе, 1928. – С. 9.
9. Маҳмудӣ, В. Баҳор омад. Шеъри халқӣ / В.Маҳумдӣ, Т.Зеҳнӣ // Омӯзиш. Китоби қироат барои синфи 3, қисми 2. – Самарқанд-Душанбе, 1928. – С. 121.
10. Маҳмудӣ, В. Бузғола (суруди бачагона) / В.Маҳмудӣ, Т.Зеҳнӣ // Омӯзиш. Китоби қироат барои синфи 3, қисми 2. – Самарқанд-Душанбе, 1928. – С. 149.
11. Маҳмудӣ, В.Бойчечак / В.Маҳмудӣ, Т.Зеҳнӣ // Омӯзиш. Қисми 3. Китоби қироат барои синфи 4 мактабҳои ибтидоӣ. – Самарқанд-Душанбе, 1928. – С. 8.
12. Мустаҷир, А. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл / Ҳозиркунандагони чоп ва муаллифони муқаддима ва тавзеҳот А.Афсаҳзод ва М.Муллоаҳмадов / А. Мустаҷир. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 176 с.

13. Набиев, А. Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷики солҳои 20-30 садаи XX / А. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 314 с.
14. Негматов, М. Таджикская фольклористика (Опыт количественного анализа библиографии). Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологичкских наук / М.Негматов. – Душанбе, 1972. – 18 с.
15. Раҳмонӣ, Р. Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: МДМТ, 2021. – 544 с.
16. Раҳмонӣ Р. Зеҳнӣ – муаллифи нахустин мақолаи пажуҳишии фолклорӣ / Р. Раҳмонӣ // Зеҳнинома (Тӯрақул Зеҳнӣ ва масъалаҳои забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ). – Душанбе: Дониш, 2022. – С. 199-209.
17. Шермухаммедов, Б. Рецепция произведений таджикско-персидской поэзии. (Текстологические исследования. Опыт количественного анализа вариативности) / Б.Шермухаммедов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 326 с.

ТӮРАҚУЛ ЗЕҲНӢ – НАХУСТИН ФОЛКЛОРШИНОСИ ТОҶИК

Дар мақола оид ба андешаҳои Тӯрақул Зеҳнӣ нисбати фолклори тоҷикон сухан гуфта шудааст. Соли 1928 Т.Зеҳнӣ дар мақолаи худ «Адабиёти халқ» бори аввал рочеъ ба матнҳои фолклорӣ назари худро ба таври илмӣ баён намудааст. Дар ин мақола ҳамин ҷиҳати масъала мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар он омадааст, ки Т. Зеҳнӣ чӣ гуна дар асоси матнҳои фолклорӣ ба монанди суруд ва чистонҳои халқӣ назари худро нисбати «адабиёти халқ» баён менамояд. Муаллифи мақола аз Т.Зеҳнӣ иқтибосҳо оварда, заҳмати ӯро дар мавриди ҷамъоварии маводи фолклорӣ нишон медиҳад. Маълум мешавад, ки Т.Зеҳнӣ зимни баррасии вазни матнҳои фолклорӣ бо ишора ба «Готҳо»-и «Авесто» ақидаи худро баён медорад. Ӯро матнҳои манзуми фолклорӣ, вазн, оҳанг, мусиқӣ ва зебогии асарҳои назмӣ ҷалб намудааст. Эшон ба таври муқоисавӣ, матнҳои адабиёти гуфторӣ ва навишториро бо далелҳо нишон медиҳад. Ҳамчунин Т.Зеҳнӣ назари худро оид ба чӣ гуна муайян намудани сурудаҳои халқӣ аз ашъори шоирон дуруст ва мантиқӣ баён менамояд; ба таври мантиқӣ ёдрас мешавад, ки чӣ гуна асари манзуми халқиро зуд дарк кардан мумкин аст. Т.Зеҳнӣ дар он солҳои пурталош, то ҳадди тавон аз байни мардум намунаҳои матнҳои фолклориро гирд меоварад ва бо таълифи нахустин мақолаи пажуҳишии фолклорӣ, бо нигоҳи илмӣ, адибони он замонро ташвиқ намудааст, ки ба ин мероси гаронбаҳои мардумӣ таваччуҳ намоянд ва онро аз байни мардум гирд оварда, барои омӯзиш ва пажуҳиши ин сарвати гаронбаҳои адабиёти гуфтории суннатии тоҷикон ҳисса гузоранд.

Калидвжаҳо: Тӯрақул Зеҳнӣ, Айнӣ, забони тоҷикӣ, адабиёти халқ, адабиёти гуфторӣ, фолклор, суруд, чистон, вазни ҳиҷоӣ, қофия.

ТУРАКУЛ ЗЕХНИ – ПЕРВЫЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ТАДЖИКСКОГО ФОЛЬКЛОРА

В статье рассмотрены научные взгляды Туракула Зехни на фольклор таджиков. В 1928 г. Т. Зехни в статье «Народная литература» впервые высказал свое мнение о фольклорных текстах. В данной статье данный аспект вопроса является предметом исследования и утверждается, что Т. Зехни выражает свои взгляды о «Народной литературе» на основе фольклорных текстов, таких как народные песни и загадки. Автор статьи цитирует Т. Зехни и показывает его научные взгляды. Оказывается, Т. Зехни высказывает свое мнение, ссылаясь на «готов» «Авесты», рассматривая массу фольклорных текстов. Его привлекали стихосложение, мелодичность, музыкальность и художественность фольклорных произведений. Он сопоставляет тексты устной и письменной литературы. Также Т. Зехни высказывает свое мнение о том, как отличать народные песни от стихов поэтов. В те напряженные 20-е годы Т. Зехни собрал образцы фольклорных текстов и, написав первую научно- исследовательскую статью, призвал исследователей того времени обратить внимание на это драгоценное фольклорно наследие народа и делиться им с народом, собирать и способствовать изучению и исследованию этого драгоценного богатства традиционной устной литературы таджиков.

Ключевые слова: Туракул Зехни, Айни, таджикский язык, народная литература, устное творчество, фольклор, песня, загадки, силлаботоническое стихсложения, рифмы.

TURAKUL ZEHNI – THE FIRST RESEARCHER OF TAJIK FOLKLORE

The article talks about the scientific views of Turakul Zekhni on Tajik folklore. In 1928, T. Zehni, in the article “Folk Literature,” first expressed his opinion about folklore texts. In this article, this aspect of the issue is the subject of research and it is argued that T. Zehni expresses his views on “Folk Literature” on the basis of folk texts, such as folk songs and riddles. The author of the article quotes T. Zehni and shows his scientific views. It turns out that T. Zekhni expresses his opinion, referring to the “Goths” of the Avesta, considering a mass of folklore texts. He was attracted by the versification, melody, musicality and artistry of folklore works. He compares texts of oral and written literature. T. Zehni also expresses his opinion on how to distinguish folk songs from poetry by poets. In those tense 20 years, T. Zehni collected samples of folklore texts from the people and, having written the first scientific folklore research article, called on researchers of that time to pay attention to this precious heritage of the people and share it with the people, collect and contribute to the study and research of this precious wealth of traditional oral literature of Tajiks.

Keywords: Turakul Zekhni, Aini, Tajik language, folk literature, oral literature, folklore, song, riddles, syllabic-tonic verse, rhyme

Маълумот дар браи муаллиф: ***Равшан Раҳмонӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор. **Суроғa:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. Email: **ravrahmon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 919-89-02-08**

Сведения об авторе: ***Равшан Рахмони*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика таджикистан, пр.Рудаки, 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-89-02-08**

Information about the author: ***Rahmoni Ravshan*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru.** phone: **(+992) 919-89-02-08**

ТДУ: 811.21/.22+159

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ТАҲЛИЛИ РАВОНШИНОХТӢ ДАР ШИНОХТИ ШАХСИЯТИ ИНСОН

Муҳаммадизода Қ.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳлили психологӣ ба поэтикаи асар таъсири мушаххас дошта барои тасвири амиқ ва асосноки равоншинохтӣ аз бисёр ҷиҳат бадеияти онро фароҳам меорад. Усули таҳлили психологӣ ҳамчун тасвиргари хурдтарин ҷузъиёту ҳиссиёт, барои баёни ҷаҳони ботинӣ ва ғалаёни руҳи қаҳрамон нақши муҳим дошта, дар кушодани хислату шахсияти симои асосӣ ва расонидани паёми муаллиф ба хонанда ба мақсад мувофиқ аст.

Дар асари ҳунарӣ таҳқиқи олами руҳии инсон шаклу воситаҳои гуногун дорад, ки нависанда вобаста ба истеъдоду ҳунари нигориш ва мувофиқ ба талаботи маводи тасвир истифода мебарад. Саттор Турсун дар асарҳояш барои тасвири олами ботинӣ ва ифодаи руху равони қаҳрамон аз воситаҳои таҳлили психологӣ: монологи ботинӣ, муколама, саёли зеҳн, такгуфтор (подтекст), фикру андеша, руҷӯъ, хотирот, хоб, ёддошт, сухани персонаж, оҳанги гуфтор, қиёфа, манзараҳои табиат, тавсифҳои муаллиф ба таври хос истифода кардааст.

Дар асарҳои психологӣ монологи ботинӣ як ҷузъи фикру андешаи муқаррарии шахсиятҳои асар мебошанд, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ, табиӣ ба зеҳни онҳо пайдо мешаванд. Монологҳо ба дараҷаи тафаккури қаҳрамонҳо вобастагӣ доранд. Аз ин рӯ, масъалаҳои мавриди тааммуқ дар иртибот ба савияи дарку маърифати онҳо арзиш пайдо мекунад. Дар асарҳои Саттор Турсун шаклҳои гуногуни ин навъи таҳлили психологӣ истифода шуда, барои ифодаи консепсияи бадеии нависанда хидмат кардаанд. Агар ба ҳикояҳои аввали нависанда монологҳои оддӣ ба чашм хӯранд, дар асарҳои баъдии ӯ навъи монологҳои андеша, монологи муҳокима, монологи ҳолат тасаллут доранд. Аз он ки муҳимтарин хусусиятҳои қаҳрамонҳои осори нависандаро андешамандӣ ташкил медиҳад, монологи андеша дар асарҳои нависанда бештаранд. Бавижа, дар ҳикояҳои «Аз субҳ то шом», «Нисфирӯзӣ», «Падар», «Ситораи корвонкуш», «Мӯйсафедон», повестҳои «Пайванд», «Обдорӣ», «Мегӯянд, ки модарам…» ва романи «Се рӯзи як баҳор» монологи андеша зиёд ба мушоҳида мерасад. Нависанда дар назди қаҳрамонаш муаммоҳои гуногуни зиндагӣ ва маънавию ахлоқиро мегузорад ва зимни монологҳои ботинии қаҳрамон роҷеъ ба ин муаммоҳо фикр мекунанд ва оқибат ба хулосае меояд. Ин андешаҳо фақат аз таҳлил иборат набуда, аз муқоисаву хулосаҳо таркиб ёфтаанд.

Дар повести «Пайванд» монологи андеша дар баёни андешаҳои Фарҳод ва падараш Ҳаким имконият фароҳам оварда, барои шинохти шахсиятҳои асар нақши муҳим гузоштааст. Хонанда аз андешаҳои Фарҳод шахсияти Ҳакимро мешиносад. Андешаҳои Ҳаким, ки дар он ҳақиқати даҳшатангези зиндагиаш нуҳуфта аст, як ҷузъи муҳокимаҳои қаҳрамони асосӣ – Фарҳодро ташкил мекунад. Дар монологҳои ботинии шахсиятҳои асар сухани тасвирию ташреҳии муаллиф бештар вазифаи тарҷеҳу тавзеҳотиро дар густариши аъмолу рафтори характерҳо иҷро кардаанд. Ба таркиби монологҳо роҳ ёфтани муколама бошад, ба густариши нақли пургунҷоиш мусоидат намудааст.

Саттор Турсун дар шинохти инсон ва тасвири характери ӯ аз навъҳои тасвири психологӣ, шакли таҳлилии онро бештар истифода мекунад. Ин навъи тасвири психологӣ вобаста ба консепсияи эҷодиаш вижагиҳои хоси худро дорад. Аксари шахсиятҳои асарҳои нависанда дар ҳолати худшархӣ ва муҳокима қарор доранд. Нависанда ба тасвири симои зоҳирӣ таваҷҷуҳи камтар дошта, бештар ба ҷаҳони ботинӣ ва ҷараёни андешаҳои қаҳрамон, ки хусусияти таҳлилӣ доранд эътибор медиҳад. Ба ибораи дигар, ҳунари инсоншиносии нависанда маҳз дар ҳамин навъи таҳлили бадеии шахсиятҳои асар намоён аст.

Дар повестҳои «Пайванд», «Обдорӣ», «Мегӯянд, ки модарам…», «Санг дар баҒал» ва романи «Се рӯзи як баҳор» монологи ботинӣ ба сифати воситаи тасвир, барои нишон додани руҳия ва таҷассуми характери қаҳрамон имконияти фаровонро қоим аст. Дар асарҳои мазбур намои назари қаҳрамон дар таҳлили ҷиҳатҳои ғоявию бадеӣ ва ифодаи консепсияи бадеии нависанда низ созгор мебошад.

Асарҳое, ки ҷанбаи қавии таҳлилӣ доранд, қаҳрамони онҳо мушоҳидагари серталабу дақиққори зиндагии ҷомеа мебошанд. Нигоҳи бодиққати онҳо боиси қувват гирифтани ҷанбаи таҳлилӣ ва вусъат ёфтани вазифаҳои монологи ботинӣ шудаанд. Ҳамин ҷиҳат дар монологҳои муҳокима, нависанда истифода кардааст, хуб мушоҳида мешавад: «Агар ман ранҷу азори дар инҷо кашидаамро фаромӯш карда, ақлу ҳушамро ба ҷояш гузошта, тез-тез омада меистодам, шояд ба аҳли ин хонадон, ба душворӣ бошад ҳам, таъсире мерасондаму мӯйсафед низ ба чунин азоби алим гирифтор намешуд? – на як бору ду бор ба худ мегуфт Фарҳод. – Шояд дар он ки ҳоло ин манзил ғурбатхонаи аз пештара ҳам бадтар шудааст, ман ҳам гунаҳкорам? Эҳтимол, Фаррух ҳам гуноҳ дошта бошад? Зулфия ҳам…Фикр карда истам, ҳозир дар дили ман нисбат ба падараму модарандарам кинаву кудурат намондааст –ку! Пас ман тамоми ин солҳо дур аз Вандоб гашта, дарду ҳасрати бачагиамро ба ҷои аз дил канда партофтан, баръакс, рангу бор дода, парвариш мекардаам?! Ман танҳо ҳаминро медонистам, ки падару модарандарам бадхӯ буданд. Аммо ягон бор аз худ напурсидам, ки барои чӣ онҳо ба ҳам муросо намекарданд. Сабабашро, ба ҳар ҳол, каму беш медонистам; медонистаму ин, албатта, сабаб набудагист мегуфтам… Ман, охир, дар бачагӣ гоҳу ногоҳ аз даҳони як кас-ним кас мешунидам – ку: «Ҳаким, бечора, аз ҷанг девона барин шуда омад». Аз ҷанг…Хайр, ана, падарамро ҷанг ба ин ҳол андохтааст. Модарандарам чӣ? Чаро вай ҳам ба мо зулм мекард?..» [1, с.56]. Ин гуна маонолог муҳокима дар романи «Се рӯзи як баҳор» ва қиссаи «Санг дар баҳал ба тӯфон» низ зиёд истифода шудаанд.

Дар аксари асарҳои нависанда монологи ботинӣ дар шакли нутқи мазмунан нақлшуда шакл гирифтаанд, ки ҳолату вазъи руҳӣ ва туғиёни эҳсосу андеша қаҳрамон басо дақиқ тасвир мегардад. Ин монологҳои ботинӣ аз нигоҳи дастури забонӣ ба сухани муаллиф марбут аст, зоҳиран бошад гӯё сухани ба шахси қаҳрамон нигаронида шуда, ҳукми як навъ муколамаеро дорост.

Монологи ботинӣ ҷунбишҳои дилу фикри қаҳрамонро хеле хуб ифода менамояд ва чунин монологро монологи ҳолат мегӯянд. Ин навъи монологро Саттор Турсун дар новеллаҳо истифода кардааст. Масалан, новеллаҳои «Доғ», «Беморӣ», «Тасодуф» ва қиссаи «Санг дар баҳал ба тӯфон» намунаи барҷастаи он мебошанд.

Дар повести «Камони Рустам» нависанда руҷуъҳои психологиро халлоқона кор бурда, монологи ботиниро дар дохили муколама ҷой додааст. Дар муҳимтарин лаҳзаҳо муколама қатъ гардида, андешаҳои қаҳрамон оғоз мегардад ва бо ин андешаҳо ҳолати ӯ, сабабҳои ниҳонии гуфтору аъмоли шахсиятҳои асар ва шиддати муносибати баёни онҳо шарҳ меёбад: «– Аввал, бачем, ту рафта хабар гирӣ нагз мешавад. Охир, ту …фарзанд…

– Албатта, оча… Меравам, боғро як чарх зада биёям, баъд меравам…

Худам ҳам пас аз наҳорӣ мехостам ӯро рафта бубинам. Аммо аз ту истиҳола кардам, модар. Истиҳола мекардам, ки мабодо ба дилат «шаб омаду пагоҳӣ як дам дар назди ман нашишта, пеши падараш тохт. Фарзанди кас ҳамин будааст –дия», гӯӣ. Дили ту бисёр нозук аст, модар. Бинобар ин, баъде ки «хез бачем… Ҳамин замон якта-нимта шунидагиҳо даромада мебиёянд», гуфтӣ, аз райъам гашта, қарор додам, ки вақт шавад, гашти рӯз меравам. Лекин дилам тангӣ мекард: метарсидам, ки хабар ёфта, то гашти рӯз худаш омада намонад. Оё ҳолати маро тасаввур мекунӣ, модар?.. Ман дар ин ду сол чӣ қадаре, ки туро пазмон шуда бошам, ӯро ҳам ҳамон қадар пазмон шудам. Агарчӣ вай ба ман падарӣ карда натавонистааст (албатта, ғайри ихтиёр), меҳраш маро ба худ кашида меистад. Хуб кардӣ, ки худат маро ҷеғ зада, рав гуфтӣ. Маълум, ки модар, ту ҳоло ҳам пештара барин аз хусуси падарам, аз хусуси муносибати байни ману вай андеша мекунӣ. Оё ягон паҳлуи ба ман дахлдор ҳаст, ки ту дар бораи он фикр накунӣ?..» [2, с.31-32].

Дар повест ин гуна монологҳои муфассал қисмати зиёди (2, с.18-23; 32-40; 64; 66;103-106;133-134) асарро ташкил медиҳанд. Нависанда дар монологҳои Фирӯз, Шарофатхола, Назокат ва шахсиятҳои дигари асар масъалаҳои ахлоқию иҷтимоиро, ки вобаста ба сатҳи дарку ҷаҳонфамии худ мавриди таммуқ қарор гирифтаанд, нишон додааст.

Аз дигар воситаҳои таҳлили психологӣ муколама дар асарҳои Саттор Турсун фаровон истифода шудааст. Асарҳое, ки дар онҳо муколама тасаллути бештар дорад шахсияти қаҳрамонҳо василаи гуфтугӯ бозтоб шудаанд. Дар ин қабил офаридаҳои нависанда сарнавишт ва моҳияти иҷтимоиву ахлоқии шахсиятҳои асарро хонанда аз тарзи гуфтор ва лаҳни суханони онҳо мешиносад. Саттор Турсун дар ҳикояи «Одамони раҳмдил», «Пайғамбарзот» ва «Лаблаби ҷар» паҳлӯҳои гуногуни зиндагӣ ва фалсафаи ҳаётро инъикос

намудааст. Нависанда дар ин ҳикояҳо майдони муҳокимаронихои қаҳрамонҳоро фаррох гузошта, ҳодиса ва воқеаҳоро тавассути санъати гуфтугӯ нишон медиҳад. Дар ин ҳикояҳо нависанда муколамаро барои равшан тасвир кардани олами зоҳир ва ботинии шахсиятҳои асар, тақвияти мундарича ва ғояи онҳо корбаст кардааст. Қаҳрамонҳо ба шеваи хоси худ ҳарф мезанад ва лаҳну лаҳҷаашон шахсияти онҳоро ошкор мекунад. Гуфтугӯи шахсиятҳо Сиёҳҷурда ва Миёнақад («Одамони раҳмдил»), ҷавони сарбоз (Диловар) ва Абдулаҳад («Лаб-лаби ҷар»), Фаррух ва Рустами Назар («Пайғамбарзот») аз ибтидо то интиҳои ҳикояҳо идома ёфта ифодагари шахсияти онҳост. Гуфтугӯи онҳо хусусияти психологӣ дошта, паёми нависандаро низ дар худ доранд.

Дар асарҳои психологӣ саёли зеҳн ягона имконияти барқарор намудани робита миёни ҷиҳатҳои дар назар намоёни предмет ва воқеият мебошад, ки тариқи садо, ранг, бӯй ва ғайра сурат мегирад. Дар ҷараёни матнҳои саёли зеҳн иштироки муаллиф ниҳонӣ аст ва вазифаи ӯ дар шакли пушида нишон додан, яъне ғайримустақим тасвир намудани ҳолати шахсияти асар мебошад. Мақсади ниҳонии муаллиф бардошти ғайримустақими эҳсосот аз олами беруна ва андешаҳои қаҳрамон дар ҳолатҳои худию бехудист. Дар ин ҳолат садо, ранг, бӯй унсурҳое мақсаднок истифодашуда мебошанд, ки аз психика бурунанд. Яъне унсурҳои таъсирбахш ба равони инсонанд. Ин усул намоиши олами беруна тавассути дарки инсон буда, натиҷаи хуби нишон додани худи ҳамон фард аст. Дар асарҳои Саттор Турсун тасвир рангҳои гуногун: сиёҳу сафед, ранги осмон, сиёҳии абр, тобиши офтоб, хомӯшию сукунат, садои оби ҷӯё, дарё, борон ва бӯй ангезаҳои мухталифи эҳсоси маҳшуши қаҳрамонҳо аз қабили табъи хира, тира гаштани дил, ноумедӣ, нобарории кор, эҳсоси бад, баъзан фоҷеаро ифода мекунанд. Масалан, дар повести «Мегӯянд, ки модарам…» саёли зеҳн хеле хуб мавриди истифодаи нависанда қарор гирифтааст: «Ба димоғ бӯйи хуши себу ангур менишаст, боз бӯйи бедаи тар меомад; чунин менамуд, ки ҳатто обу сангҳои Кофрун ҳам моломоли бӯйи себу ангуранд, омехта ба бӯйи бедаанд. Ҳоло низ айнан ҳамин тавр: аз боғи домани теппаҳо, аз ёнаву ёлаҳо, аз ҷариҳо, аз роҳу пайраҳаҳо, аз серуни гашти рӯз, аз осмон, аз вусъати деҳа, аз замин, аз хоки сурхи тали Начот – аз ҳама, ҳамаҷо бӯйи себу ангур, бӯйи хасу юнучқа меояд. Ва ман дар оғуши ин бӯйи махмуркунанда, ки аз овони кӯдакӣ ба мағзи устухонам нишаста, дар шабҳои зимистони шаҳр баъзан ҳатто ба хобам медарояд, симои модарамро мебинам» [1, с. 303-304]. Шодмон дар замону макони собите қарор дорад, аммо ҷараёни саёли зеҳн, озодона хонандаро ба гузаштаи пурпечу хами зиндагии қаҳрамон мебарад. Қаҳрамони асар барои шинохти худ, сафари зеҳние ба гузаштаи худ мекунад. Дар "Мегӯянд, ки модарам..." бӯи хок, юнучқа, себу ангур, ки сездаҳ маротиба такрор мешавад, дар зеҳни хонанда фазои рӯзгори бачагии қаҳрамонро ба ёд меорад. Вопасгардии гузашта ба замони ҳол аз ҷониби нависанда хеле моҳирона ва бо мақсад буда, ҳам аз нигоҳи композитсионӣ ва ҳам аз лиҳози забонӣ ба дигар аҷзои асар таъвам гардонида шудааст. Аз ин хотир, забони асар аз истеҳкому мантиқи зоҳирии насри тавсифӣ холӣ буда бар пояи саёли зеҳн ба баёни рамзиву истиорӣ устувор аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки асар фоқиди диду нигариши хоси нависанда аст. Ин зовияи дид дар тору пуди асар нуҳуфта буда, аз тариқи киноёту истиорот ва рамзҳои пушида баён гардидааст. Аз он ҷо ки ҳадафи нависанда баёни воқеияти зеҳнии қаҳрамони асар аст, забони он низ дар сатҳи замири худогоҳ ва нухудогоҳи қаҳрамони марказӣ кобаст шудааст. Ҳамчунин дар асар як силсила вожаҳо ва ибороте ҳастанд, ки бори рамзу истиорӣ дошта, дар дарки ҳадафи нависанда кӯмак мекунанд.

Зермантҳои психологӣ (психологический подтекст) – муколамаи муаллиф бо хонанда аст ва ин ҷо хонанда вобаста ба дарку фаҳмиши худ ишораҳои муаллифро шарҳу тафсир мекунад. Оҳанг, таркиботи шоирона, хомӯшӣ, такрор ва унсурҳои синтаксисӣ такрори калима, таркибот ҷиҳати эмотсионалии асарро таъмин менамояд. Ворид намудани маълумот дар муколаҳамои психологӣ яке аз шаклҳои серистифода мебошад. Намунаи ин дар ҳикояи «Катарин» ва қиссаи «Ҳасрат»-и Саттор Турсун зиёд дида мешавад. Дар ин асарҳо муколамаҳои психологӣ дар худ баёни фактҳо, ишораву киноя норасоиҳои маълумотро ҷуброн намуда, ба сифати яке аз унсурҳои гуфтори ботинии қаҳрамонҳо дар дарки ҷаҳонфаҳмӣ, ҳиссиёт ва амал нақши муҳим доранд: «Асабам ором, мулоим…абрешимро мемонад. Боз чӣ даркор ба кас? Эҳа-а, биҳишт! Ба хомӯшии саҳни ҳавлӣ ғайр аз шилдироси пасти ҷӯйбор танҳо шибир-шибири баргу навдаҳои дарахти

зардолу, овози гаҳу ногаҳи мурғони ҳаво ва аҳён-аҳён садоҳои дури кӯдакони деҳа халал меоранд. Хамон ҳам баъзан, канда-канда…

Дигар дар қайди сукут аст ҳавлӣ…. Ногаҳон аз рӯи ҳавлӣ, аз он бари ҷуйбори қариби хона, ки оғилу каҳдони буна дар ҳамон ҷо воқест, ҳангоси хар баланд гардида, ба дунёи сукут дарз меравад. Аммо зуд, аз байн ҳатто панҷ-шаш сония нагузашта, вай аз сари нав барқарор мешавад –маркаб, гӯё касе филҳол ба ҳалқаш таёқ хаста бошад, ҳамон тавре ки ҳанг зада буд, боз ногаҳон дам дарун мекашад. Ва баробари ин: – Овози хунукат дар гӯр! – гуфтани Бибирухсора ба гушам менишинад.

Вай модари Хуросон аст. Номаш Рухсорамоҳ буда, аҳли деҳа, то ҷое ки ман дар бадали ин рӯзҳо огаҳӣ ёфтам, ҳамеша, хоҳ дар ҳузураш ва хоҳ дар ғайбаш, Бибирухсора мегӯянд» [3, с.13-14].

Дар зерматнҳои қиссаи «Ҳасрат» хуб мушоҳида мешавад, ки нависанда барои ифшои моҳияти ҷунбишҳои қалби қаҳрамон ду навъи нақл- бевосита ва бавоситаро истифода истифода кардааст. Дар навъи нақли бевосита луқмапартоӣ, ҷузъиёт, интонатсия, оҳанги нақл корбурд гардиданд, ки хонанда аз ҷараёни нақл вазъ ва ҳолати психологии шахсияти асарро равшан мушоҳида мекунад. Дар зерматнҳое, ки тариқи нақли бавосита анҷом ёфтаанд, аломатҳои аниқ ба мисли такрор, калимаҳои калидӣ, фикрҳои асосӣ нақш доранд. Ин аст, ки аломатҳои муҳим дар зерматнҳои қисса нуқтаҳои ҳассос ва ҳолати равонии қаҳрамонро ба вуҷуд овардаанд. Вижагии дигари зерматнҳои қисса ноқилро ҳамчун қаҳрамони лирикӣ тобиш додани он мебошад. Бинобар ин, тасвири воқеаҳо оҳангӣ лирикӣ гирифта тавассути суханҳои мавзун, таркибу ибораҳои оҳангнок, маҷоз тасвир шудаанд.

Дар асарҳои Саттор Турсун манзара ва ҳодисаҳои табиат мавқеи муҳим доранд ва ба ибораи дигар пайванди табиату инсон ҷолиб ва муассир ба тасвир омадаанд. Ӯ дар тасвири манзараҳои табиат диди хос зоҳир карда, тобишу ҷилваҳои онро ҳунармандона ва ҳадафнок истифода мекунад. Манзара ва табиат дар офаридаҳои нависанда мусовӣ ба воқеаву амал ва андешаҳои шахсиятҳои асар аҳамият пайдо карда, дар тасвири воқеият, ҳолати руҳию равонии қаҳрамонҳо ва дарки ҳастӣ ёригар мебошанд. Масалан, ба ҳолати руҳияи Фирӯз («Пайванд») тасвири ин манзараи шаби тирамоҳ хеле тавъам шудаанд: «Атроф оҳиста-оҳиста торик шуда, яке аз охирин шабҳои тирамоҳ фаро мерасид. Боди сарде, ки гашти рӯз ногаҳон аз ҷониби кӯҳ вазида буд, чунон ки ба деҳа расида, роҳгумзада бошад, ҳанӯз ҳам дар боғоту кӯчаҳои он сарсон шуда, оҷизона нолиш мекард. Ҳаво чанголуду осмон абрнок буд.

Фирӯз китфашро ба сутуни айвон такя дода, аз садаи рӯйи ҳавлӣ, ки мардони музтарро мемонданд, чашм намеканд. Бод ба шохҳои ларзону нимурёни онҳо ба тундӣ печ мехӯрд ва баргҳои хазонгаштаашонро бераҳмона канда, ба ҳар сӯ парешон мекард.

«Назокат… имрӯз ба бисту се қадам монд… Тавба! Гӯё дирӯзакак бача будем», – аз дил гузаронд Фирӯз ва бо як лоқайдӣ сигарета даргиронда гӯгидчубро ба поёни суфа, ба дами бод партофт» [2, с.135]. Ҳамин гуна манзараҳои дар повест (2, с. 17, 37, 91,125, 142, 150, 177) ба чашм мехӯранд, ки ба ҳолати руҳӣ ва ва андешаҳои қаҳрамон ҳамоҳанг буда, як чузъи биниши бадеии нависанда ҳам мебошанд.

Дар повестҳои «Обдорӣ», «Пайванд», «Мегӯянд, ки модарам…» ва қиссаи «Санг дар баҒал ба тӯфон» ҷудо кардани табиат аз тасвир ғайри имкон аст. Дар ин асарҳои манзараи табиат ҳадафмандона ба тасвир омада, агар аз як ҷониб барои аз байн бурдани нақли хушку оддӣ нақш гузошта бошанд, аз тарафи дигар таркиби андешаҳои қаҳрмонро бой гардонида, тасвирро салобат бахшидаанд.

Дар хикояҳои «Падар», «Барф ҳам мегузарад» ва повестҳои «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Пайванд» ва қиссаи «Санг дар баҒал ба тӯфон» манзараҳои фасли зимистон ҳунармандона ба тасвир омадаанд, ки ба табиат ва андешаҳои қаҳрамонҳо ҳамоҳангӣ доранд. Агар дар ҳикояи «Падар» ва «Сукути қуллаҳо» табиати сарди зимистон ба сард гардидани муносибати падару писар ва дӯстии Содиқу Акбар муносиб афтода бошад, дар «Санг дар баҒал ба тӯфон» нишони пайомади нохуш, вазъи руҳияи қаҳрамон, ки мисли боди роҳгумзада, худро тунду тез ба ҳар тараф мезанад ва ё сукути ногаҳонии тундбод, ки дар паси худ фоҷиаро дорад, тавъам гардидааст: «Ҳар дам ҷараёнашро тағйир дода, баъзан якбора фурӯ нишаста, ду шабу ду рӯз тундбод мевазид. Ва гоҳ қатъ гардидаву аз нав шӯриш карда, барфи реза меборид… Дашт ҳам, то ҷое ки чашм мерасид, сафед, бадқаҳр ва бегона буд. Дар сатҳи он як-ду соат инҷониб боди раҳгум бозпас хурӯш карда,

худро тунду тез ба ҳар тараф мезад. Ва садди сангини кӯҳи баландро шикаста натавониста, ё ба кадом сабаб то охири дашт нарасида, гӯё аз ноилоҷӣ бошад, беш аз пеш дар ғазаб мешуд, сафир мекашид. Ҳатто гургвор нӯла меандохт. Бори чандум буд, ки барфи заҳрманд ҷавлонгоҳи худро ба дасти бод супорида, тадриҷан аз дамаш мегашт. Осмон паст ва дар назар меғолуд ба ин ҳама беэтибор менигарист.

Рашод аз шӯриши бод дигар бетоқат шуда, бари пӯстинро ба болои сараш бардошт. Як хамёза кашида, вазнин паҳлӯ гашт. Ва ҳамин тавр муддате беҳаракат хобида, ниҳоят чашм кушод» [8, с.20].

Портрет воситаи тасвири бадеии инсон буда, тасвири зоҳир ва ботини ӯ ду паҳлуи ин мафҳуманд. Ба ибораи дигар ҷисми инсон бе рӯҳ ва рӯҳи вай бе ҷисм ӯ вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин лиҳоз, дар асари бадеӣ портрети шахсияти бадеӣ ҷузъи муҳимму ҷудонопазири тасвири кулли инсон мебошад. Гузашта аз ин, портрет дар сохтори асари бадеӣ ҳамчун воситаи тасвир дар ягонагии шаклу мундарича, офариниши образу характер ва консепсияи бадеии нависанда нақши муҳим дорад. Портрет дар офариниши шахсияти бадеӣ нақши калидӣ дошта, як қисми таркибии он ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, арзиши шахсияти бадеиро бештар ҳунару маҳорати чеҳранигории санъаткор таъмин мекунад.

Вобаста ба ҳунару маҳорат ва ҷаҳони бадеии нависанда портрет дар асари бадеӣ, метавонад бештар ё камтар мавқеъ дошта бошад. Вале амри воқеъ ин аст, ки ҳеҷ асари бадеӣ бидуни ин навъи муҳимми воситаи тасвири бадеӣ арзи ҳастӣ карда наметавонад. Дар ин ҳолат набояд фаромӯш кард, ки портрет чун воситаи тасвири бадеӣ ва умуман чун яке аз унсурҳои шаклдиҳандаи образу характер дар асари эпикӣ на танҳо «тасвир шудани қиёфа, сару либос ва умуман зоҳири инсон аст», балки «баъзан хислатҳо, ҳиссу ҳаяҷони шахсӣ ва умуман тасвири дунёи ботинӣ ва рӯҳияи инсон, портрети ботинии қаҳрамони асарро ба вуҷуд меорад» [10, с. 83].

Дар қиссаи «Мегӯянд, ки модарам…» чун аксар асарҳои «насри андеша» ду хусусияти муҳимми истифодаи портрет ба назар мерасад.

Аввал, тағйирот дар тасвири портрет: портрети зоҳирӣ кам шуда, бетар портрети ботинии қаҳрамон мақеъ пайдо мекунад.

Дуюм, мавқеи истифодаи портрет дар асарҳои «насри андеша» («Мегӯянд, ки модарам…») нисбат ба асарҳои эпикии таҳкиявӣ ва дорои сужаи динамикӣ дигархелтар аст.

Дар қиссаи «Мегӯянд, ки модарам…»-и Саттор Турсун тасвири портрети шахсиятҳо нисбат ба дигар асарҳояш тафовут дорад.

Аввалан, портрети персонажҳо ҷо-ҷо тасвир шудааст. Нависанда ба ҷараёни воқеоти асар ва кайфияту ҳолати рӯҳӣ симои зоҳирии онҳоро ба қалам медиҳад, ки бағоят муҷазанд. Чунки устухонбандии асар аз диду шунидаҳо, фикру андеша ва хотирти ноқили воқеот – рассом Шодмон фароҳам омада, нигоҳи қаҳрамон асосан ба дарки моҳияти фалсафии ҳаёти инсон нигаронида шудааст. Шодмон ба овони кӯдакию наврасии худ ба зодгоҳаш – як деҳаи кӯҳистон назар меандозад, ки дар ин деҳа дар гузаштаву имрӯз чӣ дигаргуниҳо рӯй додааст. Вай аз ҳамин нукта дар бораи ҳастии инсон, дар робитаи гузаштаву имрӯз вуҷуд доштани одамӣ ва зиндагиро кашф мекунад. Аз ин рӯ, табиист, ки дар қисса унсурҳои гуногуни воситаҳои тасвири бадеӣ омехта омадаанд. Ҳамин вижагӣ ба он боис шудааст, ки дар асар на тавсифҳои якбора баёншудаи шахсиятҳо, на портрети мукаммал ва на пейзажи муфассал тасвиршударо дида метавонем.

Сониян, портретҳои ҷузъӣ дар чандин саҳифаҳои қисса канд-канда ба тасвир омадаанд. Чунончӣ, портрети Иқбол ҳамагӣ чор маротиба ба назар мерасад ва ҳар дафъа ин тасвирҳо аз як ҷумла беш нестанд. «Вай табассум мекард, чеҳрааш кушода ва чашмонаш пурнур буданд» [1, с. 303]. Дастони вай паҳн, бақувват ва шахшӯланд [1, с. 305]. «Ман ба чеҳраи акнун ҷиддӣ ва дар дами бодҳову дар зери нурҳои офтоб ранги биринҷии тирагардидаи ӯ нигариста, ҷавоб надодам» [1, с. 305]. «Ваҷоҳати Иқбол ниҳоят ҷиддӣ буд» [1, с. 307].

Тамоми портрети Иқбол – яке аз фаъолтарин ва сермаҳсултарин шахсиятҳои қисса аз ҳамин чор ҷумла таркиб ёфтааст ва ҳатто чи тавре ки мебинем, ҷумлаи охирин такрори яке аз мисолҳои боло овардашуда, ҷумлаи якум, чорум ва қисман сеюм кайфияти рӯҳии персонажро аён месозад.

Дар тасвири портрети Нусрат Даврон ҳам ин чорчӯба вайрон нашудааст: «Ману Иқбол Нусрат Давронро дидем, ки дар тан пиҷаки рангаш дар офтоб паридаи қадре ғиҷим,

дар пой мӯзаи брезентӣ, табассумкунон рост меистод» [1, с. 316]. «Риши андаке расидааш саросар сафед буд; чеҳрааш коҳида, панҷаҳои сахт, даҒал ва нӯки парраашон аз ранги алаф сабзтобу кам- кам кафидаи вай дар рӯи зонувонаш беҳаракат мехобиданд. Дар ин ҳайат марди деҳқонро мемонд муаллим» [1, с. 316]. «Шими нидошташ низ аз сари зонувон суда гардида, сабз метофт. Гардани дар офтоб сухтааш як пора замини тақирро мемонд» [1, с. 317].

Ҷумлаҳои мазкур низ дар як саҳифа паи ҳам наомада, дар саҳифаҳои гуногун ба қалам дода шудаанд. Сифоти ин чеҳраи шахсияти бадеӣ ба пеши назари хонанда шахсеро меоварад, ки як умр дар зери офтоби сӯзон ба меҳнати сахт сару кор дорад. Агар вожаи муаллим дар ин ҷо истифода нагардад, дар ҳақиқат кас Нусрат Давронро як деҳқони хокпош мепиндорад. Лекин аз дидани чеҳраи мондатоби Нусрат Даврон кас ҳис мекунад, ки дар дил ғаму андуҳи зиёд дорад. Ғаму андуҳи ӯ натанҳо шахсӣ, балки иҷтимоист. Зеро ӯро ҳамчун шахси ҳассос мушоҳидаи равандҳои нобасомони ҷомеа, муносибати носолими одамон ва таърихи пурпечутоби халқаш ба ин ҳол овардааст.

Алоқаи портрети зоҳир бо ботин дар тасвири персонажҳои манфӣ низ хуб равшан мешавад. Дар тасвири портретҳои ин персонажҳо ҳам нависанда хасис аст. Вале аз ҳамин ишораҳои кӯтоҳ пай бурдан мукин аст, ки афроди тасвиршуда ботинан пок нестанд. Зоҳирашон бо ботинашон мувофиқат намекунад. Аз тарафи дигар ноқил муносибаташро дар тасвири онҳо пинҳон намекунад. Чуночи вақте ки нависанда симои зоҳирии персонажҳои манфиро намо медиҳад, ҷаҳони ботинии онҳо ба зуддӣ равшан мегардад: «Тарзан дар лабонаш табассуми заҳрогин, гапи ман – якта, мегуфт. Тарзан дандонҳои калон-калонашро намоиш дода. Тарзан пулро гирифта шумурда баъзе гушаҳои қатгардидаи онро бо ҳавсала рост намуда ба кисса андохт» [1, с. 315].

«Фабеҳ буд Мухтор, шикам монда буд. Муйсари сиёҳ, ҷингила ва ғафси вай дар болои пешонии тангаш, ки як хати чини амиқ дошт, каппа шуда меистод» [1, с. 326].

Пас аз ба портрети Мухтор (Тарзан лақаби ӯст – М.Қ.) шинос шудан кас фавран ба хулосае меояд, ки ӯ инсони поксиришт нест. Вай шахси маҒрур, бузургу хурдро намешиносад. Ба ҳирси пулу мол афтода ва ҳатто донишу маърифати казоӣ надорад. Бахусус, вақте ки ба Иқболу Шодмон ва Нусрат Даврон рӯ ба рӯ шуда, ба онҳо суҳбат мекунад: «аз Вандоб дута не, якта суратгир баромадааст; ҳамон суратгир туӣ, ҷӯраи ҷони ман» [1, с. 326] мегӯяд. Ва Нусрат Даврон сухани ӯро ба таври зайл: «Суратгир не, суратташ» гуфта ислоҳ мекунад, камсаводию маҒзи пуч доштани ӯ боз ҳам равшантар мегардад.

Портрети падари Мухтор –Исмат Валӣ ба таври зайл: «…даҳонашро инҷ карда, дар дасти рости ду ангушташ тирхӯрда асои қиматбаҳои магазинӣ, ки умуман лозим нест, ба вай риши сафеди ҳамеша кӯтоҳ ва ба тартиб дар таки пиҷаки сиёҳаш куртаи нейлон, берун аз кисаи сари сина занҷири соат» [1, с. 323] тасвир шудааст, аллакай ба кас кию чигуна инсон будани ин қабил одамон равшан мегардад.

Образи дигари қисса, образи модар аст. Ҳарчанд худи ӯ бевосита иштирокчии воқеаҳо нест, вале дар фикру андешаҳои қаҳрамони асар пайваста падидор мешавад. Вай модари Шодмон аст. Шодмон дар синни кӯдакӣ аз модар маҳрум мешавад ва симои ӯро дар ёд надорад. Вале он чӣ ки пеши назар меорад аз шунидаҳояш аст. Пеши назари ӯ ҳамеша зани зебо, қадбаланд ва дар тан куртаи ба мисли бодоми саросар шукуфта дошта меояд. Ин симо дар саҳифаҳои гуногуни асар гаштаю баргашта тасвир мешавад ва хотири қаҳрамонро ангезиш дода ӯ ро ба фикр мебарад.

Метавон қайд кард, ки портрет дар қисса вазифаи нишон додани характер, кайфияту рӯҳияи персонажҳоро адо кардааст. Нишон додани ҷузъитарин хусусиятҳои зоҳир ҳам дар портрети Иқболу Нусрат Даврон ва ҳам дар портрети Мухтору падари ӯ Исмат Валӣ, таҒйири чеҳра дар симои Иқбол ва Мухтор мазмуни амиқи психологро ифода кардааст.

Хулоса, метавон қайд кард, ки портрет дар қисса ба се мақсад истифода гардидааст: аввал, барои офардани портрети холис. Дар ин ҳолат зоҳири шахс тасвир шавад ҳам, вай ба характери ӯ ҳеҷ иртиботе надорад. Масалан, дар портрети Иқбол: «Дастони вай паҳн, бақувват ва шахшӯланд» ин тасвир ба хислату характери Иқбол ҳеҷ вобастагие надорад. Дуюм, барои тасвири ҳолатҳои лаҳзаӣ. Сеюм, барои хубтар ифшо кардани симои ботин ва характери персонажҳо. Дар ин маврид алоқаи портрети зоҳирии персонаж симои ботин ва характери ӯ дар тасвири персонажҳои манфӣ ба нависанда кумак кардааст.

Муқарриз: ***Бобомаллаев И.Ҷ.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Турсун, С. Баҳор ҳам мегузарад. Повестҳо, ҳикояҳо, эссе / С.Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 368 с.
2. Турсун, С. Камони Рустам. Повест ва ҳикояҳо / С.Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 384 с.
3. Турсун, С. Зимистони умр. Қисса, ҳикояҳо, андешаҳо / С.Турсун. – Душанбе: Адиб, 2006. – 624 с.
4. Турсун, С. Камони Рустам. Повест ва ҳикояҳо / С.Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 384 с.
5. Турсун, С. Аз субҳ то шом. Ҳикояҳо / С.Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 192 с.
6. Турсун, С. Се рӯзи як баҳор. Роман / С.Турсун. – Душанбе: Адиб, 1988. – 356 с.
7. Турсун, С. Дарахти ҳазорсола / С.Турсун. Новеллаҳо, андешаҳо. (Барои наврасон ва ҷавонон). – Душанбе: Адиб, 1991. – 256 с.
8. Турсун, С. Санг дар бағал ба тӯфон: қисса, ҳикояҳо, андешаҳо / С.Турсун. – Душанбе: Адиб, 2002. – 288 с.
9. Худойдодов, Б., Мусулмонқулов Р., Демидчик Л. ва диг. Эҳъзози ҳунар / Б.Худойдодов, Р.Мусулмонқулов, Л.Демидчик. – Душанбе: Адиб, 1992. – 512 с.
10. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ТАҲЛИЛИ РАВОНШИНОХТӢ ДАР ШИНОХТИ ШАХСИЯТИ ИНСОН

Дар асари ҳунарӣ таҳқиқи олами руҳии инсон шаклу воситаҳои гуногун дорад, ки нависанда вобаста ба истеъдоду ҳунари нигориш ва мувофиқ ба талаботи маводи тасвир истифода мебарад. Саттор Турсун дар асарҳояш барои тасвири олами ботинӣ ва ифодаи руҳу равони қаҳрамон аз воситаҳои таҳлили психологӣ: монологи ботинӣ, муколама, саёли зеҳн, такгуфтор (подтекст), фикру андеша, ручӯъ, хотирот, хоб, ёддошт, сухани персонаж, оҳанги гуфтор, қиёфа, манзараҳои табиат, тавсифҳои муаллиф ба таври хос истифода кардааст. Саттор Турсун дар шинохти инсон ва тасвири характери ӯ аз навъҳои тасвири психологӣ, шакли таҳлилии онро бештар истифода мекунад. Ин навъи тасвири психологӣ вобаста ба консепсияи эҷодиаш вижагиҳои хоси худро дорад. Аксари шахсиятҳои асарҳои нависанда дар ҳолати худшарҳӣ ва муҳокима қарор доранд. Нависанда ба тасвири симои зоҳирӣ таваҷҷуҳи камтар дошта, бештар ба ҷаҳони ботинӣ ва ҷараёни андешаҳои қаҳрамон, ки хусусияти таҳлилӣ доранд эътибор медиҳад. Ба ибораи дигар, ҳунари инсоншиносии нависанда маҳз дар ҳамин навъи таҳлили бадеии шахсиятҳои асар намоён аст.

Калидвожаҳо: адабиёт, наср, нависанда, таҳлили психологӣ: монологи ботинӣ, муколама, саёли зеҳн, такгуфтор, андеша, ручӯъ, хотирот, хоб, ёддошт, сухани персонаж, оҳанги гуфтор, қиёфа, манзараҳои табиат, тавсифҳои муаллиф.

РОЛЬ СРЕДСТВ ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО АНАЛИЗА В ОПРЕДЕЛЕНИИ ЛИЧНОСТИ ЧЕЛОВЕКА

В художественном произведении исследование духовного мира человека имеет различные формы и средства, которые использует писатель в зависимости от таланта и искусства видения и согласно требованиям изображаемого материала. В своих произведениях Саттор Турсун использует инструменты психологического анализа для изображения внутреннего мира и выражения психики персонажа: внутренний монолог, диалог, поток мысли, диалог (подтекст), мысли и размышления, обращение, память, сон, заметка, речь персонажа, а тон голоса, внешний вид, природные сцены, описания автора использованы особым образом. Саттор Турсун чаще использует виды психологической образности, ее аналитическую форму в распознавании человека и изображении его характера. Этот тип психологического образа имеет свои особенности в зависимости от его творческой концепции. Большинство личностей произведений писателя находятся в состоянии самообъяснения и обсуждения. Писатель меньше внимания уделяет изображению внешнего образа, а больше уделяет внутреннему миру и течению мыслей героя, которые носят аналитический характер. Иными словами, гуманистическое искусство писателя видно именно в таком художественном анализе персонажей произведения.

Ключевые слова: литература, проза, писатель, психологический анализ: внутренний монолог, диалог, мыслительный поток, речь, мысль, обращение, воспоминание, сон, воспоминание, речь персонажа, тон голоса, внешний вид, сцены природы, авторские описания.

THE ROLE OF PSYCHOLOGICAL ANALYSIS TOOLS IN DETERMINING A HUMAN PERSONALITY

In a work of art, the study of the spiritual world of man has various forms and means that the writer uses, depending on the talent and art of vision and according to the requirements of the depicted material. In his works, Sattor Tursun uses the tools of psychological analysis to depict the inner world and express the character’s psyche: internal monologue, dialogue, flow of thought, dialogue (subtext), thoughts and reflections, appeal, memory, dream, note, character speech, and tone of voice, appearance, natural scenes, descriptions of the author are used in a special way. Sattor Tursun more often uses types of psychological imagery, its analytical form in recognizing a person and depicting his character. This type of psychological image has its own characteristics depending on its creative concept. Most of the personalities of the writer's works are in a state of self-explanation and discussion. The writer pays less attention to depicting the external image, and pays more to the inner world and flow of the hero’s thoughts, which are analytical in nature. In other words, the humanistic art of the writer is visible precisely in such an artistic analysis of the characters in the work.

Keywords: literature, prose, writer, psychological analysis: internal monologue, dialogue, mental flow, speech, thought, appeal, memory, dream, memory, character speech, tone of voice, appearance, scenes of nature, author's descriptions.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсент, кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филология. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ 17. E-mail: **nqaror@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 935-08-51-29**

Сведения об авторе: ***Мухаммадизода Карор Мухаммади*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат, филологичекий наук, доцент, кафедра теории и новейшей перседско-таджикской литературы филологического факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудакӣ 17.
E-mail: **nqaror@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-08-51-29**

Information about the author: ***Muhammadizoda Karor Muhammadi*** – Tajik National University, candidate, philological sciences, associate professor, department of theory and modern Persian-Tajik literature, philological faculty. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave. 17. E-mail: **nqaror@mail.ru.** Phone: **(+992) 935-08-51-29**

ТДУ: 891.550-1+82

МАВҚЕИ РУБОӢ ВА ДУБАЙТӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

Одинаева Г.М.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Жанри адабӣ аз масъалаи муҳимми адабиётшиносӣ буда, онро адабиётшинос Х.Асозода ин тавр шарҳ додааст: «Маълум аст, ки жанрҳои бадеӣ фақат дар марҳилаи инкишофи санъати сухан пайдо шуда, сипас баробари адабиёту санъат вусъат меёбанд. Онҳо вобаста ба давру замон ва муҳити адабӣ ҳамеша дар такомул мебошанд ва имкон доранд, ки гоҳе ба дигаре табдил гарданд» [3, с.11].

Рӯбоӣ аз жанрҳои дӯстдоштаи адибони тоҷик ба шумор рафта, дар замони ҳозира дар эҷодиёти шоирони тоҷик ва форсизабонон васеъ истифода мешавад.

Мунаққиди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст қайд менамояд, ки: «Мутақаддимон ин қолаби куҳани шеъри форсиро бештар барои баёни мазомини ирфониву фалсафӣ ба кор бурдаанд. Аммо дар давраи муосир доираи мавзуоти рубоӣ густариш ёфтааст ва мазомини мухталифи ғаноӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва… ҳам дар қолаби рубоӣ ба назм кашида мешавад» [12, с.154]. Ҳақназар Ғоиб ҳам дар ин навъи шеър зиёд қувва озмудааст. Рубоиёти шоир дар маҷмуаҳои «Тӯшаи роҳ», «Тоҷи офтоб», «Чашми саҳар», «Зинароҳ» гирд оварда шудаанд. Аз рӯйи шумори мо то соли 1986 дар эҷодиёти шоир 163 рубоӣ ба мушоҳида расид:

Он мард чӣ мард, ки надорад дунё?
Он мулк чӣ мулк, набвадаш марди шуҷоъ?
Он руд чӣ руд, ки надорад чашма?
Он чашма чӣ чашма, ки надорад дарё? [6, с.167].

Аз нуқтаи назари адабиётшинос Р. Мусулмониён қофияҳои рубоӣ ба дубайтӣ шабоҳат дорад. Аксаран сохти қофияи рубоӣ **ааба** буда, мисраи сеюм озод мемонад. Дар ин сурат онро рубоии хасӣ ва дар сурати ҳар чаҳор мисраъ ҳамқофия будан онро рубоии тарона меноманд [8, с.162]. Рубоии зерини Ҳақназар Ғоиб тарзи қофиябандии ааба дошта, дар шакли рубоии халқӣ эҷод шудааст.

Бояд ки ба қадри дӯстон боз расем.
То бар сари кӯяшон ба парвоз расем
Ҳаргиз нашавем сер аз чеҳраи хуш,
Як умр ба қадри ишваю ноз расем [6, с.169].

Дубайтӣ ҳам дар маҷмуаи «Тоҷи офтоб» мавқеи муносиб дорад. Он аз ҷиҳати миқдор нисбат ба рубоӣ камтар буда, ҳамагӣ 68 адад ба назар мерасад. Аввалин дубайтиҳои шоир дар маҷмуаи «Тӯшаи роҳ» гирд оварда шудааст. Дубайтӣ жанри мустақил буда, мавзуъҳои шикоят, муҳаббат, ҳаҷву танқид ва амсоли инҳоро дар бар мегирад. Дубайтӣ асосан чунин тарзи қофиябандӣ дорад: ааба, яъне мисраи сеюм аз қофия озод аст. Раҳмонов Ш. қайд кардааст, ки «Ғазал ва рубоиву дубайтӣ аз қадим дар таъсири ҳамдигар камол ёфтанд [9, с.105]. Ҳақназар Ғоиб дар эҷод намудани дубайтӣ саҳм дошта, намунаи зерин гувоҳи он мебошад:

Замоне сабзапӯшему баҳоре.
Замоне тирамоҳи зарнигоре.
Чи бо тоҷему чи бо тоқии чуст
Мусофирҳои роҳи рӯзгорем [6, с.177].

Ё ин ки:

Ҷавонбахту базебу дилситонем,
Ба монанди баҳори гулфишонем.
Дареғо, пир мегардем рӯзе,
Вале дар ёдҳо доим ҷавонем [6, с.177].

Рубоию дубайтӣ дар эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб бештар мавқеъ дорад ва яке аз шаклҳои шеъриии дӯстдоштаи ӯ ба ҳисоб меравад:

Қайд кардани руҳияи қаҳрамони нав ҳанӯз кам аст, ба ин аҳвол баҳои ғоявию эстетикӣ додан лозим аст, зеро маҳз ишқ сарчашмаи меҳру муҳаббат аст ва онро метавонад, бо ҳар навъе иншо кунад. Чунончи:

Зи лона мешавам белона бе ту,
Ба ғамҳо мешавам ҳамхона бе ту.
Қасам бо чашми бо ман ошноят,
Ба дунё мешавам бегона бе ту [5, с.76].

Агар сухани шоири эронӣ Муҳаммадризои Тоҷдиниро қабул фармоем, «Ҳақназар аз ирфону ишқ низ баҳраҳое дорад ва бештар аз аҳли тариқат то шариат пайрави Саноӣ, Ироқӣ, Аттор, Мавлоност ва нигоҳу ҷаҳонбиниаш реша дар ирфону ишроқ дорад ва тавҳиди амалӣ ва фаъолиро ба кор мегирад ва аз тарафе аҳли худнамоию худситоӣ нест ва ошиқи содиқ ва покбахт аст, ки қалбро ба ишқу ишкро ба инсону инсонро ба ирфон мепайвандад [11, с.4].

Аз ишқ будаст раҳи паймудаи ман,
З-ин ранҷ будаст сари осудаи ман.
Бигшуд дари ҳазор манзил ба раҳам,
Дар ишқ бимонд дари нагшудаи ман.

Бе занги аёғи дил ҷаҳон хомӯш аст,
Бе нури чароғи дил чу мотампӯш аст.
Бе сӯзиши доғи дил бувад сарду ғамин,
Бе хандаи боғидил кучо гулпӯш аст [6, с.153-154].

Шоир «доғ»-ро чун «хандаи боғ» дар ҳоли шукуфоӣ ба тасвир кашидааст, ки тозаю ҷолиб мебошад ва аз рангрезиҳои ишқ аст, ки доғ ҳамчун хандаи боғ ба ошиқ писанд меояд [11, с.4].

Бисёр ба мою ҳоли мо механдӣ,
Дар рӯзи шикасти боли мо механдӣ.
Бо ишқи ҳалол доманат доштаам,
Бар ошиқии ҳалоли мо механдӣ [8, с.156].

Ишқияҳояш фаровону гуногун буда, хонанда чизи муносиби аҳволи хеш, мувофиқи эҳсосу андешаҳояшро пайдо менамояд:

Танам аз тору пуди ишқ будаст,
Дилам кони суруди ишқ будаст.
Худовандӣ, маро хушбахт гардонд,
Ки ҳарфам аз дуруди ишқ будаст [6, с.74].

Шоирон дар солҳои шасту ҳафтод ба масъалаҳои ахлоқию иҷтимоии мавзуи ишқӣ бештар унс гирифта, дар он баъзе шоирон ошкоро ба масъалаҳои маънавияту фалсафа дахл менамоянд:

Чӣ созам, зиндагӣ аз сар бигирам,
Ниҳоли қоматат дар бар бигирам.
Чунон оташ бигирам дар дил аз ишқ,
Кафанпӯшам кунӣ ҳам, дар бигирам [6, с.80].

Қувваи инсонофарину ҷаҳонсози ишқ дар ишқияҳои Ҳақназар Ғоиб бо падидаҳои гуногун намудор мегардад. Ишқ як омили софкор аст, ки дили инсонро аз оташи сӯзон гузаронида, аз ғилу ғиш, кудурат тоза ва сафо мебахшаду начобат медиҳад:

Саломи ёр мегӯяд гули ишқ,
Каси ғамхор меҷӯяд гули ишқ.
Зи баски ошиқӣ оташравонист,
Миёни нор мерӯяд гули ишқ [6, с.71].

Қувват гирифтани бунёди фалсафаи шеър дар солҳои шасту ҳафтод рубоӣ ва дубайтиро фаъол гардонид. Жанрҳои мазкур аслан аз муҳимтарин воситаҳои ифодаи панду ҳикмат, мазмунҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва фалсафӣ буданд. Аслан рубоисароӣ пешаи ҳар кас нест ва ҳар шоир дар рубоӣ комёб намешавад. Шоири рубоигӯй бояд дар чаҳор мисраъ як фикри амиқи фалсафиро бо санъати зебо ифода намояд. Рубоию дубайтӣ дар эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб бештар мавқеъ доранд ва яке аз шаклҳои шеърии дӯстдоштаи ӯ ба ҳисоб мераванд:

Ҳадиси лаъли ӯ девонаам кард,
Чароғи рӯйи ӯ парвонаам кард.

Шавам то хонашини ишқи покаш,
Дар ин шаҳри калон бехонаам кард [5, с.75].

Ҳақназар Ғоиб рубоию дубайтиро ҳамчун як воситаи муҳимми баёни афкори иҷтимоӣ, панд ва софкории ахлоқ, умуман фалсафаи зиндагӣ медонад. Қариб дар ҳар рубоию дубайтии ӯ як ё чанд факту воқеаи зиндагии гузаштаю имрӯза, моҳияти як масъала ва рӯйдоди муҳимми ҳаёт ифода ёфта ва хулоса баровардааст. Баъзе рубоиёту дубайтии ӯ гӯё мазмуни нав надорад, гӯё такрори фикри классикон аст, вале кас агар бо назари диққат нигарад, пай мебарад, ки он фикри дар назари аввал куҳна хулосаи ҳаёту зиндагии имрӯзаи мост. Бисёр лаҳзаҳои зиндагии инсон такрор меояд ва аз он шоир хулосаю ҳукме мебарорад ва ин шояд ба хулосаи фикри шоири пешин мувофиқ афтад. Ҳақназар Ғоиб дар рубоиёту дубайтиҳояш, пеш аз ҳама, дар хусуси қадру қимати инсон, умри инсону ғанимат донистани он, аз хусуси ҷавонмардӣ, одамгарӣ, хоксорӣ, ошиқӣ ва амсоли инҳо сухан гуфтааст, ки мавзуъҳои ҷовидонии зиндагӣ ва шеър мебошанд. Ин мавзуъҳо ҳеҷ гоҳ куҳнагӣ надоранд ва барои ҳар давру замон ва ҳар насли одамизод заруранд.

Шеърҳои ҳикматомез дар назми имрӯза мавқеи муайяне дорад. Панду ҳикмат натиҷаи хулоса ва афкори амиқи воқеии эҷодкор, як ҳисса аз ақлу заковати халқ буда, дар ҳаёт ва зисту зиндагии мардум ба кор меояд, дар тарбияи маънавии наслҳои оянда таъсир мерасонад. Вале имрӯз касоне ҳам вомехӯранд, ки панду ҳикматро нолозим ва ҳатто барои наслҳои имрӯза зарарнок медонанд. Солҳои шастум дар назми тоҷик мубориза дар роҳи фарохтар дар бар гирифтани воқеият, чуқуртар сарфаҳм рафтан ба моҳияти зиндагӣ ва тақдиру қисмати инсон, ба қалам овардани тарафҳои гуногуни ҳаёт ва психологияи одамизод ривоҷу равнақ ёфт. Аз ин рӯ, қисме аз шоирони тоҷик ба зиндагӣ файласуфона менигаранд, бинобар ин, шеъри онҳо бештар обуранги фалсафӣ дорад. Аз ин ҷиҳат мазмуни шеъри мо, мазмуни ҳаётӣ ва фалсафаи лирикаи мо пурқувват гардидааст.

Оҳангҳои фалсафӣ дар як қатор ашъори шоир сар то по панду насиҳат аст. Шоир ба ояндагон панд додан мехоҳад. Ба ақидаи Ҳақназар Ғоиб, дар дили инсон агар ишқ набошад, дар ин дунё ягон мушкилот осон намегардад. Ишқ бояд ба маънои васеаш фаҳмида шавад, чунки бисёре аз одамон ишкро танҳо дар дӯст доштани маъшуқа медонанд, вале дар асл ишқ исми кулл аст, яъне ба ҷузъҳо тақсим мешавад: ишқи Худо, ишқи волидайн, ишқи Ватан, ишқи замину осмон, ишқ ба обу хоку оташ, муҳаббат ба хоҳару бародар, меҳри модар, муҳаббат ба устод ва монанди инҳо:

Оғӯши вафои модарам ёд ояд,
Чашми пури меҳри хоҳарам ёд ояд.
Рафтанд зи оламу равон аз паяшон,
Шодию ғами даргузарам ёд ояд [6, с.157].

Ба ақидаи образи асосӣ, одамӣ бояд умри даргузарро ғанимат шуморад, онро барои аҳдофи бузургу баланд, ба хотири некномию накукорӣ сарф намояд, то аз хеш барои пасояндагон ному кори нек ба ёдгор гузорад. Чунки инсонро пас аз марг танҳо амали нек зинда медорад. Аз ин рӯ, мебояд, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯйи амалҳои неки инсонӣ бошем. Инсон аслан на барои хӯрду хоб, балки барои иҷрои корҳои бузург офарида шудааст ва ин масъулияти худро бо вуҷуди ҳар шомеро саҳаре ҳаст, ҳамеша дар ёд дошта бошад:

Ҳар шом бувад агарчи поёни саҳар,
Истораи субҳ дорад аз рӯз асар…
Аз вусъати шоҳроҳи фардои бузург
Пайғом диҳад хандаи хуршеду қамар [6, с.158].

Ҳақназар Ғоиб дар шаклҳои гуногуни навъҳои қофия шеър гуфтааст, ки чанд намуна аз онҳоро ҳамчун мисол пешниҳод мекунем:

Дар синаи ман гули муҳаббат бишкуфт,
Садбарги гулобии саодат бишкуфт.
Ин ранг нишонае зи хуни ҷигар аст,
Ин ғунча ба сад ҳазор заҳмат бишкуфт [5, с.154].

Дар рубоии боло калимаҳои «муҳаббат», «саодат» ва «заҳмат» қофия шуда, дар шакли қофиябандии **ааба** омада, ҳарфи «т» равии муқайяд ва ҳарфи «а», ки пеш аз равии муқайяд аст, тавҷеҳ мебошад. Дар ин се калимаи қофия тавҷеҳ такрор шудааст ва қофия ба гурӯҳи қофияҳои муқайяд дохил мешавад.

Дунёст гаҳе ҷоми зару гаҳ таште,
Гаҳ боғи хазон аст гаҳе гулгаште.
Гаҳ дашт биёбию наёбӣ аспе,
Гаҳ асп биёбию наёбӣ даште [7, с.154].

Дар рубоии боло, ки дар вазни музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф навишта шудааст, калимаҳои «таште», «гулгаште» ва «даште» қофия буда, ҳарфи «ш» ридф, ҳарфи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «т» равии мутлақ, «е» васл мебошад. Дар ин се қофия тавҷеҳ такрор шуда, он бо равии мутлақ омадааст. Азбаски такрори тавҷеҳ дар қофия оҳангнокии шеърро зиёд мекунад, аксари шоирони гузашта ва имрӯзаи тоҷик дар мавриди қофияи мутлақ низ онро такрор кардаанд. Ҳақназар Ғоиб дар ритму оҳангнокии шеър низ ин нуқтаро дуруст ба назар гирифтааст. Чунончи:

Эй хонахудо ба мулку манзил, модар,
Аз нури Худо гирифта қандил, модар.
Ман кашфи бузургият бикардам, ки туӣ
Аз баъди Худо бузург дар дил, модар [6, с.113].

Дар системаи қофиябандӣ намунаи якдармиён ягона намояд ҳам, ҳар кадоме аз онҳо дар композитсия ва ифодаву андеша, мазмуну мундарича то андозае аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин ҷиҳат, дар байни онҳо тафриқаҳои муайяне ҳаст. Масалан, ғазал дар баёни мазмунҳои васеъ нисбатан бо композитсияи лирикӣ рух намояд, рубоию дубайтӣ мазмунҳои хурдтари ишқию фалсафӣ доранд ва ин навъи жанрҳои хурдӣ лирикӣ дар маҷмуаҳои Ҳақназар Ғоиб беш аз пеш зиёд ба назар мерасанд. Мисол:

Лафзат хушу лаъли обдорат ҳама хуш,
Дар дида қадам бинеҳ, ки корат ҳама хуш.
Сабзинаию сабзхату сабзтанӣ,
Сарсабзии ҳусни беғуборат ҳама хуш [7, с.103].

Дар ин рубоӣ шакли қофиябандии **ааба** сурат гирифтааст. Асли рубоиву дубайтӣ аз чор мисраъ ё ду байт гирифта шудааст. Инчунин бештари рубоиҳои Ҳақназар Ғоиб дар шакли тавҷеҳ навишта шудаанд. Худи тавҷеҳ калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш ба сӯйи чизе рӯ овардан, муроҷиат кардан аст. Ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳаракаҳои қофияи муқайядро гӯянд. Тавҷеҳ садоноки кӯтоҳест (а, и, у), ки дар қофия пеш аз равии муқайяд меояд.

Аксари адабиётшиносон бар ин ақидаанд, ки такрори тавҷеҳ дар қофияҳои муқайяд (қофияҳое, ки дар онҳо ҳарфи равӣ бо васл начаспидааст) ҳатмист, вале дар қофияҳои мутлақ (қофияҳое, ки дар онҳо ҳарфи равӣ ба васл пайваст шудааст), онро шарт намедонанд. Мисол:

Ба ғайри рӯйи ту манзил надорам,
Ба ғайри ишқи ту ҳосил надорам.
Чӣ сон бар дигаре дил месупорам,
«Ки ман дар синаам ду дил надорам» [7, с.17].
Мафоӣлун/мафоӣлун/фаълун

Дар дубайтии боло калимаҳои «манзил», «ҳосил» ва «ду дил» қофия буда, ҷузъи «ил» – и ҳар се калима решаи қофия шуморида мешавад, ҳарфи «л» равии муқайяд ва ҳарфи «и», ки пеш аз равии муқайяд омадааст, тавҷеҳ мебошад. Дар ин се калимаи қофия тавҷеҳ такрор шуда, ба гурӯҳи қофияҳои муқайяд дохил мешавад.

Ҳақназар Ғоиб дар рубоиёту дубайтиҳояш, пеш аз ҳама, дар хусуси қадру қимати инсон, умри инсону ғанимат донистани он, аз хусуси ҷавонмардӣ, одамгарӣ, хоксорӣ, ошиқӣ ва амсоли инҳо сухан гуфтааст, ки мавзуъҳои ҷовидонии зиндагӣ ва шеър мебошанд. Ин мавзуъҳо ҳеҷ гоҳ куҳнагӣ надоранд ва барои ҳар давру замон ва ҳар насли одамизод заруранд. Ҳақназар Ғоиб ҳамин мавзуъҳои «куҳна»-ро дар замони нав ба таври тоза дарк ва эҳсос карда, хулосаи шоирони пешинро бо хулосаи аз ҳаёт ҳосилкардаи худ омезиш дода, ба хонанда пешниҳод кардааст ва бисёре аз ин хулосаҳо натиҷаи мушоҳидаҳои шахсии худи ӯст, аз ин ҷиҳат ба назар тозаву замонавӣ менамоянд:

Ҳар субҳ ба раҳ фитода гавҳар ҷӯйем,
Ҳар шом ғубори гарди раҳ мешӯйем.
Мо навсафарони олами умедем,

Бошад раҳи дури орзуро пӯйем [5, с.163].

Хулоса, рубоӣ ва дубайтиҳои Ҳақназар Ғоиб муҳаббати бепоёни қаҳрамони лирикиро ба ёру диёр, зебоиҳои кишвар ва фаслҳои сол инъикос менамоянд. Ва дар ҳақиқат, равонию хушбаёнӣ, мутаассирию хушоҳангии назми мардумиро ба хотир меоранд, ки ҳатто бо як шунидан дар хотирҳо нақш мебанданд. Вай дар рубоиёту дубайтиҳояш фалсафаи пешқадами Хайём ва дигар классиконамонро бо фалсафаи имрӯза даромехта, оҳангу мазмуни тозаю замонавӣ меофарад. Ҳар як рубоӣ ва дубайтии шоир ба кас ғизои маънавӣ мебахшад.

Муқарриз: ***Бобомаллаев И.Ҷ.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнонов, А. Сабз гардад як ниҳоли орзу (нуктаи назар) // А.Абдуманнонов. - Душнбе: Маориф, 1996. - 100 с.
2. Айнӣ, С.Таҳзиб-ус-сибён / С.Айнӣ. - Душанбе: Маориф, 1947. – С.48-21.
3. Асозода, Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он / Х.Асозода. - Душанбе: Маориф, 1991. - 128 с.
4. Ғоиб, Ҳ. Зинароҳ / Ҳ. Ғоиб. - Душанбе: Ирфон,1983. – С.159-160.
5. Ғоиб, Ҳ. Тоҷи офтоб / Ҳ. Ғоиб. – Душанбе, 1989. - 215 с.
6. Ғоиб, Ҳ. Чашми саҳар / Ҳ. Ғоиб. - Душанбе: Адиб, 1989. - 155 с.
7. Ғоиб, Ҳ. Барги сабзи ишқ / Ҳ.Ғоиб. - Кӯлоб: Сада, 1991. - 84 с.
8. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р.Мусулмониён. - Душанбе: Маориф, 1990. - 336 с.
9. Раҳмонов, Ш.А. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар шеъри форсии тоҷикӣ / Ш.А. Раҳмонов. - Душанбе: Пайванд, 2010. - 310 с.
10. Сирус, Б. Қофия дар назми тоҷик / Б. Сирус. – Душанбе, 1955. - 159 с.
11. Тоҷдинӣ, М. Ҳақназар Ғоиб – шоири ишқ, хирад ва ҳамоса / М.Тоҷдинӣ // Адабиёт ва санъат. - 2013. - №1, (1660), 3 январ.
12. Шеърдӯст, А. Чашмандози шеъри имрӯзаи тоҷик / А. Шеърдӯст. - Душанбе: Адиб, 1997. - 48 с.

МАВҚЕИ РУБОӢ ВА ДУБАЙТӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб аз адибони насли чоруми адабиёти муосири тоҷик мебошад. Рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти адиб мавқеи махсус дошта, дар мавзуъҳои ишқ, ватан-модар, панду ахлоқ навишта шудаанд. Мақола мазмунҳои фалсафӣ ва панду ахлоқиро дар эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб фаро гирифтааст. Муаллиф зарурати мавзуъро муҳимтарин падидаи адабиёти шуроии тоҷик дар солҳои баъди шасту ҳафтод то имрӯз ба қалам медиҳад. Мулоҳизаҳо доманадор буда, мавзуъ ҳамчунин бо сиёсати замон ва табаддулоти иҷтимоии давр ба муҳокима кашида мешавад. Муҳаббат ва самимияти шоир нисбат ба халқу Ватан, модар, сифатҳои фалсафӣ ва гуногунрангии олами ишқ, панду андарз ва бисёр дигар мазмунҳои ишқию фалсафӣ дар эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб ҷилою ҷилваҳои тоза ба вуҷуд овардаанд. Мақола бо бинишҳои мубрами илмӣ, раванди умумии адабиёти гузаштаю ҳозираро дар мисоли рубоию дубайтиҳои шоир хуб нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: жанр, ашъор, лирика, манзил, гавҳар, хандаи боғ, муҳаббат, гулоб, осуда, субҳ.

МЕСТО РУБАИ (ЧЕТВЕРОСТИШИЕ) И ДУБЕЙТИ (ДВУСТИШИЕ) В ТВОРЧЕСТВЕ ХАКНАЗАРА ГОИБА

Народный поэт Таджикистана Хакназар Гоиб – один из писателей четвертого поколения современной таджикской литературы. Рубаи и дубейти занимают особое место в литературных произведениях и написаны на темы любви, Родины, нравственности. В статье рассматривается философско-нравственное содержание творчества Хакназара Гоиба, необходимость данной темы автор считает важнейшим явлением советской литературы Таджикистана в период после 1960-х годов и до наших дней. Мнения самые разнообразные, и эта тема также обсуждается в связи с политикой того времени и социальными революциями того периода. Любовь и искренность поэта к народу и Родине, матери, философские качества и многообразие мира любви, увещевания и вот основной темы в творчестве Хакназара Гоиба. Статья имеет строгий научный характер и показывает общий процесс развития литературы прошлого и настоящего на примере рубаи и дубейти поэта.

Ключевые слова: жанр, поэзия, лирика, дом, самоцвет, садовый смех, любовь, роза, мир, утро.

THE PLACE OF RUBAI (QUARTERS) AND DUBETI (COUPLETS) IN THE WORK OF KHAKNAZAR GOIB

People's poet of Tajikistan Khaknazar Goib is one of the writers of the fourth generation of modern Tajik literature. Rubai and dubayti occupy a special place in literary works and are written on the themes of love, Motherland, and morality. The article examines the philosophical and moral content of the work of Khaknazar Goib; the author considers the need for this topic to be the most important phenomenon of Soviet literature in Tajikistan in the period after the 1960s to the present day. Opinions vary widely, and the topic is also discussed in relation to the politics of the time and the social revolutions of the period. The poet's love and sincerity for the people and Motherland, mother, philosophical qualities and diversity of the world of love, exhortations and this is the main theme in the work of Khaknazar Goib. The article is of a strictly scientific nature and shows the general process of development of literature of the past and present using the example of the rubai and dubayti of the poet.

Key words: genre, poetry, lyrics, house, gem, garden laughter, love, rose, peace, morning.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Одинаева Гулбону Мадалиевна*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, н.и.ф., муаллими калон, кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика. **Суроғa:** 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. С.Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 918-38-62-99**

Сведения об авторе: ***Одинаева Гулбону Мадалиевна*** - Кулябский государственный университет им.А. Рудаки, к.ф.н., старший преподаватель, кафедра таджикской литературы и журналистики. **Адрес:** 735360, ш. Куляб, Республика Таджикистан, ул. С. Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 918-38-62-99**

Information about the author: ***Odinaeva Gulbonu Madalievna*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Candidate of Philological Sciences, senior lecturer, Department of Tajik literature and journalism. **Address:** 735360, sh. Kulyab, Republic of Tajikistan, st. S. Safarova, 16. Phone: **(+992) 918-38-62-99**

ТДУ: 811.21/.22-56+82

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ САБКӢ ВА ЗАБОНИИ НАСРИ БАДЕИИ АБДУЛҲАМИД САМАД

Мустафозода А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Хусусияти асосии тарзи нигориш ва сабки насри бадеии Абдулҳамид Самадро, пеш аз ҳама, нигоҳи хосси ӯ ба ҷаҳони дарун (зеҳнӣ-субъективӣ) ва берун (айнӣ-объективӣ) муайян менамояд, ки дар шеваи хосси тарзи тасвир ва баёнаш таҷаллӣ намудааст. Ба иборати дигар, ҳар диди вежаи нависанда даставвал дар забони осори ӯ рух намуда, фардияти ҳунариашро низ мушаххас месозад. Таҷрибаи эҷодии А. Самад нишон медиҳад, ки вежагиҳои фардияти ҳунарии ӯ, маҳорати дарки комили воқеият ва нигоҳаш ба олам омили аслии шаклдиҳандаи сабки нигориши ӯ мебошанд. Чунонки М.Б. Храпченко гуфтааст, “шахсияти нависанда, ки дар паҳлуҳои гуногуни осори бадеии ӯ зуҳур мекунад, бешубҳа, дар сабки ӯ ҳам равшан ошкор мешавад. Вале фардияти эҷодӣ ҳаргиз муроҷиати нависандаро ба тарзҳои рангоранг ва воситаҳои гуногуни таҷассуми бадеии нигариши тасвирии зиндагӣ истисно намекунад. Санадҳо далели он ҳастанд, ки маҳз дар эҷодиёти нависандагони фардияти эҷодиашон чашмрас аксаран на як, балки чанд сабки бисёр ҳам мушаххас ба мушоҳида мерасад” [10, с.111]. Ба ин далел, А. Сайфуллоев “яке аз вежагиҳои хосси ҳикояҳои Абдулҳамид Самад”-ро “ягонагии методи реалистӣ ва рангорангии сабки эҷодӣ ба шумор” оварда, бахусус дар ҳикояҳои ӯ имтиёз доштани “реализми сирф”-ро таъкид мекунад [3, с.185]. Ин донишманд ҳикояҳои “Пиёлаи шикаста”, “Занталаб ва маликаҳои саҳро”, “Асп мерафт”, “Моргазида” ва “Аробакаши идораи боло”-ро “аз ҳамин қабил офаридаҳои нависанда” [3, с.185] ба шумор меоварад.

Зимнан бояд афзуд, ки дар шинохт ва мушаххас кардани сабки нависанда он чи А. Сайфуллоев гуфтааст, кофӣ намебошад. Шинохти ҷомеи сабки нависанда фақат дар заминаи таҳқиқи сатҳи корбурди забон, хусусиятҳои овоӣ, луғавӣ, наҳвӣ, фикрӣ ва адабии осори ӯ имконпазир аст. Зиёда аз ин, сабк барои А. Самад ҳолатест, ки дар он нависанда эҳсосоти худро баён мекунад ва алоқаманд ба ду чиз аст: қудрати эҳсоси нависанда ва дарёфтҳои маънавию бадеии ӯ. Чунонки аз зиндагиномаи адиб ба назар расид, дарёфтҳои маънавии ӯ бар асари мутолиа ва мубоҳиса бар он поя расида, ки нависанда тавонистааст ба ин васила дар бештарини навиштаҳояш эҳсосоти худро ба ёрии он баён кунад. Ҳамчунон ки нависандаи Амрикоӣ Синклер Луис гуфта, “бидуни “эҳсос”-и кайфияте, ки нависанда онро дар ҳеҷ мактабе наметавонад биомӯзад ва бидуни дарёфтҳои маънавӣ ганҷинае, ки на аз кайфиятҳои тағйирнопазири ҳофиза ва завқи хуб, балки бештар аз тариқи бардоштҳои берунӣ ба даст меояд, нависанда сабке нахоҳад дошт” [2, с.356].

Ҳамин тавр, мушоҳидаҳо собит сохт, ки дар таҷрибаи Абдулҳамид Самад сабк шеваи хоссест, ки вай дар тасвири мавзуоти муштарак истифода карда бошад ҳам, фақат ба худи ӯ ихтисос дорад. Барои шаклгирии сабкаш ин нависанда воситаҳоеро ҷустуҷӯ кардааст, ки ба ёрии онҳо ба зеҳни хонанда таъсири хос расонад, таъсире, ки ба назари ӯ сурат ва сирати андешаи ӯро дар зеҳни хонанда зинда дорад. Дар ин замина Стендал ҳақ дошт бигӯяд, ки “эҳсос кардани масалан, сабки Рафаэл ба маънии ин аст, ки дар соярушанҳои ӯ, дар фанни тарроҳии ӯ ва дар наҳваи истифодаи ӯ аз рангҳо торҳои руҳи ӯро пайдо кунем [2, с.357-358].

Таҳқиқ ва таҳлили қиёсӣ нишон дод, ки ин торҳои руҳро мо дар офаридаҳои Абдулҳамид Самад пайдо карда метавонем. Аз ҷумла, дар асарҳои ӯ, ки то замони истиқлолияти кишвар эҷод шудаанд, тобеияти ӯ ба идеологии воҳиди замони шуравӣ ба мушоҳида мерасанд, ки дорои андешаҳои марбут ба он сиёсат ҳастанд. Дар ин замина табиист, ки ҷаҳонбинии ӯ ва ҳамқаламонаш дар он рӯзгор дар ҳамаи заминаҳои асосӣ бо ҳам қаробат дошт. Бо вуҷуди ин, Абдулҳамид Самад аз ҷумлаи нависандагоне нест, ки воқеиятҳои зиндагӣ ва амалу кирдору хулқу хӯйи инсонро монанди дигарон дарёфта ва тасвир карда бошад. Таҷрибаи ҳунарии ӯ дарёфтҳояшро аз зиндагӣ, ҳунар, гароишҳои ахлоқӣ, тамоюлоти зебоишиносӣ, ҳассосиятҳои отифӣ, алоқаҳо, салиқаҳо, ормонҳо ва хулоса ҳамаи он чизҳое, ки дар фардияти эҷодии ӯ шакл гирифтаанд, дар бар мегирад. Дақиқан ҳамин хусусиятҳо аст, ки ба осори ҳунарии Абдулҳамид Самад асолати мунҳасир ба ӯ бахшидаанд.

Донишманди эронӣ Сируси Шамисо мухтассоти мавзуӣ ва фикриро дар шинохти сабк “дар дараҷаи аввали аҳаммият” [11, с.213] дониста, дар ин равиш зарурати таҳқиқи сатҳи забонӣ, ки иборат аз сатҳи овоӣ ва луғавӣ аст, сатҳи наҳвӣ ё сабкшиносии ҷумла, сатҳи фикрӣ ва сатҳи адабиро зарур медонад.

Дар алоқамандӣ бо масъалаҳои ёдшуда таҳқиқ кардани тарзи нигориши Абдулҳамид Самад барои мушаххас намудани сохтори сабки шахсии ӯ аз аҳаммияти хоссе бархӯрдор буда, яке аз воситаҳои шинохти комили маҳорати нависандагӣ ва чеҳраи фардии ҳунарии ӯ мебошад. Осори Абдуҳамид Самад, бо вуҷуди он ки бо осори нависандагони ҳамзамонаш мухтассоти куллии муштараки фикрӣ, забонӣ ва адабӣ дорад, вале вежагиҳои хосси тарзи нигориши ӯ танҳо марбут ба худаш аст, ки ин тамоюли ҳунарӣ сабки шахсии ӯро шакл додааст.

Зимнан бояд гуфт, ки донишмандон “сабки шахсӣ”-ро маънои асосии сабк дониста, мисли ранг дар тамоми завоёи тору пуди осори як ҳунарманд мунташир шудани онро таъкид кардаанд. Аз ҷумла, Сируси Шамисо дар ин замина меафзояд, ки “Дар мақоми ташбеҳ метавон фарзандони як падар ва модарро мисол зад, ки ба таври куллӣ аз назари шаклу қиёфа ва рафторҳои зеҳниву руҳия каму беш ба ҳам шабеҳ ҳастанд. Гоҳе шабоҳат бисёр аст, гоҳе мумкин аст аз назари қиёфа чандон шабеҳ набошанд, аммо аз назари руҳиёт муштаракоте дошта бошанд ва гоҳе баръакс. Аммо ба ҳар наҳв, ки ҳисоб кунед ин бародарон ва хоҳарон ниҳоятан аз як аслу решаанд ва шабоҳату муштаракоте доранд ва бинанда ба наҳве, гоҳ ба осонӣ ва гоҳ бо диққат, мутаваҷҷеҳи шабоҳат ва вуҷӯҳи муштараки онон мешавад. “Ҳоҷиоғо” ҳарчанд ба зоҳир шабеҳи осори дигари Ҳидоят нест, аммо сабкшинос ҳамон мояҳои танзи осори дигари Ҳидоятро дар он ҳам мебинад. Сабк мисли насиме аст, ки ба тамомии шоху баргҳои як дарахт мевазад ва онҳоро ба наҳви хоссе бо як нируи каму беш яксон ба ҳаракат дармеоварад. Сабк мисли руҳ аст, ки дар тамомии аъзо ва завоёи бадан мунташир аст” [11, с.94-95].

Муқоисаи осори бадеии Абдулҳамид Самад нишон медиҳад, ки сатҳи фикрӣ, адабӣ ва забонӣ аз аввалин навиштаҳояш сар карда, дар тарзи нигориши ӯ ҳамчун василаи зуҳур ва ташаккулу таҳаввули сабки хос ё худ шахсии нависанда нақши таъсиргузор доштааст. Дар ин равиш тарзи бархӯрд ва тасвири воқеият низ заминасози сабки хосси ӯ будааст. Ба ин далел, яке аз вежагиҳои хосси ҳикояҳои Абдулҳамид Самадро донишманди фақид А. Сайфулоев “реализми сирф” ва “ягонагии методи реалистӣ ва рангорангии сабки эҷодӣ ба шумор” [3, с.185] овардааст, ки бевосита ба сатҳи фикрии тарзи нигориши ӯ ишора мекунад.

Дар ин замина аввалин ҳикояҳои ӯро хонда дар зеҳн суолҳои зерин пайдо мешаванд. Оё ин асарҳо дарунгарову зеҳнӣ (субъективӣ) ҳастанд ё бурунгарову айнӣ (объективӣ)? Бо берун ва сатҳи падидаҳо сару кор доранд ва ё дарун ва умқи воқеиятҳоро падид овардаанд? Ифодакунандаи шодиву хурсандиянд ё ғаму андуҳ? Хирадгаростанд ва ё ишқгаро? Чӣ андеша ва армони хоссе, аз ҷумла сиёсӣ, коммунистӣ ё миллиро таблиғ мекунанд? Оё Абдулҳамид Самад дар осораш эҳсосоти хоссе, мисли ҳисси миллӣ, умумиинсонӣ ва монанди инҳоро ҷойгузин кардааст? Тасвир ва баррасии вазъи қаҳрамони асар, масалан, шахсияти мард ё зан чӣ гуна аст? Мавқеияти ахлоқии нависанда дар кадом сатҳ аст: ӯ бадбин аст ё хушбин? Андешаҳои ӯ дар бораи маргу зист, ишқу ормон, сулҳу ҷанг, мавқеи иҷтимоӣ ва ахлоқии инсон ва ғайра чӣ гуна аст? Оё ӯ дар осораш диди фалсафӣ дорад?

Бо назардошти сатҳи фикрии асар Абдулҳамид Самад дар тарзи нигоришаш фақат ба нақл ё тасвири саргузашти инсонҳо машғул нашудааст. Илова ба ин, дар сохтори сужа ҳеҷ гоҳ паёмро матраҳ накардааст. Ҳамчунин аз оғози асар то поёни он вай пойбанди сиёқи наққолӣ ва ё қиссагӯиҳои суннатӣ ҳам набудааст, балки дар тарзи тасвири ӯ лаҳзае аз ҷараёни зиндагӣ ва амалу кирдори инсонҳо, чунон ки ҳаст, ҳамон тавр тасвир шудааст, ки маънои пинҳонӣ ва ботинии асарро ифода мекунад.

Ба ин тартиб, Абдулҳамид Самад аз қадамҳои аввал, ба қавли Ҷ. Бақозода “тарзи нигориши фардии худ”-ро [1, с.21] бо назардошти сатҳи фикрии сабк таъйин намудааст, ки мавзуву масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ишқӣ, ҳаҷвию мутоибавӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Нависанда дар ин замина андешаҳои муҳимми инсонпарвариву инсондӯстӣ, миллатпарастиву башардӯстӣ, ватанхоҳиву инсонпарварӣ, муҳаббату садоқат, хиёнату ҷиноят, меҳнатдӯстиву ободгарӣ, ҳифзи табиат ва муҳити зист, одамияту ноодамӣ ва ғайраро ба воситаи образҳои бадеии шахсиятҳои барҷаста, типҳои рушани иҷтимоиву ахлоқӣ ба тарзи эътимодбахш таҷассум кардааст. Шахсиятҳои офаридаи ӯ аз рӯйи амалу

кирдор, ҷаҳонбинӣ, хулқу атвор ва хӯю хислат ба ҳамдигар монанд нестанд. Ҳар кадоме чеҳраи хосси инсонӣ ва амалу андешаи худро дорад. А. Сайфуллоев дар ин замина барҳақ навиштааст, ки “Абдулҳамид Самад чизҳоеро мебинад, ки дигарон ба мушоҳида гирифта наметавонанд. Ӯ ба воқеият гӯё бо заррабин менигарад ё ки чашмонаш заррабинанд. Чизи майдаро калон карда, ҷузъро ба кулл расонида, назарногирро назарнамо карда нишон медиҳад. Нависанда мисли деҳқонест, ки аз донаи пошидааш самар мебардорад, аз дона ҳосил мебинад” [3, с.183].

Абдулҳамид Самад дар нахустин ҳикояаш “Ду гусел” (1972) он чиро, ки аз воқеият дарк ва қазоват кардааст, мунъакис карда ва ба ин васила ба ин дарку қазоват сурати айнӣ бахшидааст, ки, пеш аз ҳама, сатҳи фикрии сабки ӯро шакл додааст. Ин сатҳи фикрӣ марбут мешавад ба зиндагии душвор ва фоҷиавии шахсияти асосии ҳикоя-Зикамоҳ, ки дар баробари нокомиҳо руҳи қавӣ дошта, дид ва амали ояндабинонааш чеҳраи ӯро мушаххас месозад. Ба ифодаи дигар, дар сатҳи фикрӣ диққати нависанда ба ҷузъиёт бастагӣ дорад, ки яке аз омилҳои шаклгирии сабки хос мебошад.

Нависанда дар ҳикояи “Субҳ медамид” моҳияти мазмуни образи кампири Чаманро ба воситаи тасвири амалу кирдор ва хулқу хӯи вай мушаххас намудааст. Таҳаввулоти сатҳи фикри нависанда, ки аз унсури бунёдии сабк аст, дар ин ҳикоя усули шинохти воқеияти сарнавишти инсон, амалу кирдор ва хулқу хӯи ӯро шакл додааст, ки зери таъсири тарзи идроки бадеии воқеияти зиндагӣ ва усули тасвири он амалӣ шудааст.

Дар ташаккул ва таҳаввули сатҳи фикрии сабки Абдулҳамид Самад дар баробари тавоноии ҷаҳонбинии нависанда, объекти эҷодӣ ва гуногунии воқеиятҳову зиддиятҳои ҳаёти ҷомеа, ки мабдаи асосии ҳаракатдиҳандаи осори ӯ мебошад, нақши калидӣ мебозад. Махсусияти масъалаҳо, хусусияти хосси воқеиятҳои рӯзгор, ки нависанда ба он муроҷиат мекунад, бешубҳа, дар усули интихоби тасвири образнок ва азхудкунии услубии он муассир аст. Дар ин ҳол, сабки нависандаро дарки бунёдии воқеият ва моҳияти аслии ашёву ҳодисаҳо шакл медиҳад, ки имкони корбурди огоҳона ва ҳунармандонаи он дар дасти соҳибаш аст.

Дар ин замина метавон аз ҳикояи “Моргазида”-и Абдулҳамид Самад ёд кард, ки сатҳи фикрии дарк ва тасвири воқеият омили аслии таҳаввулоти сабкӣ дар он гардидааст. Дар ин ҳикоя на фақат объекти эҷодӣ, балки гуногунрангии сарнавишти шахсиятҳо ва алоқамандии онҳо бо тамоюлҳои дигари иҷтимоиву ахлоқии ҳаёти ҷомеа боис шудааст, ки нависанда дар тасвири воқеият ва амалу кирдори қаҳрамонони асар тарзи хосси тасвирро пеш гирад. Аз ин назар, дар тасвири нависанда чеҳраи модар ва ҳасрати ӯ мансуб ба як кас набуда, балки “дарду алами бисёр писаргумкардаҳоро ифода месозад” [3, с.183], ки аз хусусияти таъмимии чеҳарофаринии ӯ мебошад.

Ба таъбири М.Б. Храпченко “Объекти нави эҷодӣ, маводи нави зиндагӣ то он замоне, ки тасаввуроти эҷодии нависандаро бедор накунад, “бетараф” мемонад. Ба доираи тафаккури бадеии вай дохил шуда, ба ҷараёни эҷод таъсири муассир мегузорад. Маводи зиндагии доираи муайян нависандаро “вазифадор” мекунад, ки усули лозимии бозофаринии бадеиро ҷустуҷӯ намояд” [10, с.113]. Дар воқеъ, фақат бархӯрди сатҳи фикрӣ ва шинохти ҳадафманди воқеияти зиндагӣ Абдулҳамид Самадро такон додааст, ки барои эҷоди ин ё он асар мавзуъ, маводи лозимӣ ва тарзи тасвирро интихоб намояд. Нигоҳи амиқу маъничӯ ва диди фалсафӣ ба сарнавишти инсон дар ҳикояи хеле ҳам хурди “Мард” заминаи ҳунарии усули нигоришро фароҳам овардааст, ки, пеш аз ҳама, ифодагари сатҳи фикрии сабки ӯ мебошад. Ҳикоя аз матни зайл иборат мебошад:

“Писараки лоғару назарногир дар кӯча меҷаҳиду медавид ва сурудеро ҳам замзама мекард. Ва гӯё ба ӯ чашм расид, ки баногоҳ рӯйи роҳи сахту ҳамвор сахт афтод. Суруд дар ҳалқаш ях баст ва ӯ аз дард пешониаш пурчин, ҳайратзада аввал ба ҷойи афтода, сипас ба атроф нигарист. Дарҳол роҳгузаре ӯро бардошт ва тасаллояш бахшид.

-Ҳеҷ гап не, паҳлавон, ҳеҷ гап не...

Писарак табассум ба лаб, вале чашмони рахшонаш хаёле намнок, рӯяшро ба дигар тараф гардонда, бо алфози тифлона, лекин қатъӣ гуфт:

-Амак, ташвиш накаш, ман ҳар рӯз ин хел меафтам...

Писарак чанд лаҳза лангон-лангон қадам ниҳода хоку чанги либосҳояшро афшонда, боз тозону сурудхон роҳашро идома дод.

“Афтодану хестан ҳам ба мард мезебад...” – бо ҳавас ба ӯ нигариста гуфтам ба дил” [9, с.61].

Ин таҷрибаи нависанда далели он аст, ки муроҷиат ба маводи тозаи ҳаётӣ заминаро барои тасвири ҳадафманд фароҳам оварда, омили пайдоиши сабки хосси таълиф мегардад. Дар мисоли ҳикояи дар фавқ иқтибосшуда метавон хулоса кард, ки бо роҳи баёни образноки азхудкунии воқеияти зиндагӣ эътимоди хонандаро ба даст овардан ва диққати онро ҷалб намудан омили сабксоз дар таҷрибаи Абдулҳамид Самадов гардидааст. Дар таҷрибаи Абдулҳамид Самад сатҳи фикрии тасвир воситае будааст, ки фосилаи байни нависанда ва хонандаро аз байн бурда, ба шаклгирии сабки устувор ва ҳунарӣ мусоидат намудааст. Ин тамоюл бо андӯхтани таҷриба дар давоми фаъолияти эҷодии нависанда ба рангорангии сабки эҷодии ӯ низ замина фароҳам овардааст, ки зуҳури тарзи тасвири публитсистӣ, ҳамосӣ, ғиноӣ, ҳаҷвӣ ва мутоибавӣ намунаи он мебошад.

Атахон Сайфуллоев боре навишта буд, ки “Маҳорати нависанда (Абдулҳамид Самад-шарҳи мо) дар ҳамин аст, ки ӯ ҳамаи тобишҳои қалам ва рангорангии тафаккури бадеиро дар роҳи таҳлилу таҳқиқи манзара ва равандҳои гуногуни ҳаёт корбаст карда тавонистааст. Гоҳо дар як ҳикоя унсурҳои реалистӣ, романтикӣ, публитсистӣ ва мутоибавӣ ба назар мерасанд. Сарчашмаи ин рангорангӣ тафаккури бадеии халқи тоҷик аст. Бесабаб нест, ки ҳам тасвирҳои реалистӣ, ҳам рангу равғани романтикӣ, унсурҳои ҳаҷвию мутоибавӣ ҳама ба ҷуз забони тасвирии адиб дар забони вакилони халқи одӣ низ ба зуҳур омадаанд” [3, с.185-186]. Ин тамоюли ҳунарӣ, пеш аз ҳама, бозгӯи маҳорати нависанда дар корбурди сатҳи адабии сабк буда, наҳваи ироаи мавзуъро ба сурати бадеӣ ифода мекунад. Ба ин далел, муҳаққиқон асареро, ки ҳар қадар бадеияташ мушаххастар ва шеваи нигориши он бо муҳтавои он ҳамхонӣ дошта бошад, ба ҳамон андоза адабитар ҳисобидаанд [11, с.224].

Дар ин замина ҳикояҳои Абдулҳамид Самад “Ду гусел”, “Субҳ медамид”, “Хаёли ширин”, “Эҳтиёт”, ки низ аз аввалин навиштаҳои нависанда аст, ба мушоҳидаи Ҷ. Бақозода “дар таъйин намудани тарзи нигориши фардии” [1, с.21] нависанда нақши хос дошта, сатҳи адабии ҳикояҳои баъдии адиб, аз ҷумла “Мурофиа”, “Сафеду сиёҳ”, “Нони гарм”, “Қарз”, “Ришта”, “Шикор”, “Мактаби Шоҳтут”, “Дармонҷӯ”, “Тутхӯрӣ”, “Баҳори гӯристон”, “Занталаб ва маликаҳои саҳро” ва ғайра мухтассоти сабкиашонро такмил бахшидаанд. Масалан, дар ҳикояи “Занталаб ва маликаҳои саҳро” унсурҳои бадеӣ, шакли ҳамосӣ, воқеияти тасвир, воситаҳои ҳаҷвию мутоибавӣ дар ҳамхонӣ бо забони тасвирии муаллиф сабки бадеии ҳикояро шакл додаанд.

Абдулҳамид Самад дар тарзи тасвир пайрави вуқуъгароии насри реалистии суннатӣ буда, дар осораш рӯйдодҳоро асосан аз дидгоҳи худ тасвир, таъбир ва тафсир мекунад. Гӯйӣ дар утоқи корӣ нишаставу аз пушти шишаи тиреза ба берун менигарад ва он чиро, ки мушоҳида мекунад, барои хонанда бозгӯ менамояд. Он чӣ ки ӯ мебинад, хонанда мехонад ва ҳар чиро, ки ӯ аз миёни воқеиятҳо интихоб мекунад, ба назари хонанда мерасад. Дигар хонанда ҳақ надорад шахсан аз тиреза ба берун нигарад ва воқеиятро бо чашмони худ мушоҳида кунад, чаро ки курсии навиштани ҳикояву қисса ва романро фақат нависанда ишғол кардааст ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир нест онро ба ихтиёри хонанда вогузор намояд. Дар ин замина Абдулҳамид Самад мисли бисёре аз нависандагони суннатгаро донои кулл ба шумор меояд, ки аз ҳамаи асрори воқеият ва аъмоли мардуме, ки дар берун аз тиреша нақш бозӣ мекунанд, огоҳӣ дорад ва ин ӯст, ки медонад онҳо чӣ гуна меандешанд ва чӣ гуна амалу кирдор зоҳир мекунанд. Гоҳе нависанда мавъиза мекунад ва дарси ахлоқ медиҳад, воқеиятҳо ва амалу кирдори ашхосро ба майли худ тасвир, таъбир ва тафсир мекунад, ки аксаран зери сиёсати адабии шоеъ дар ҷомеаи замони шуравӣ ва баъди истиқлол шакл гирифтааст.

Абдулҳамид Самад дар ин замина нависандаи суннатӣ буда, асосан пайрави сабки насрнависии нависандагони реалистии шуравӣ ва тоҷик мебошад, ки бо мушоҳидоти худ дар ҷаҳони хориҷ ва баррасии айнии амалу кирдори ашхоси асараш маводи заруриро барои навиштан гирдоварӣ кардааст. Ҳамон тавр ки медонем, дар замони шуравӣ ва имрӯз низ нависандагони вуқуъгаро соатҳо, рӯзҳо ва моҳҳо вақти худро дар миёни ҷомеа, сохтмонҳо, маҳалли муҳимтарин воқеиятҳои ҳаёти ҷомеа мегузаронидаанд ва амалу кирдор ва ҳатто либосу қиёфаи мардумро мушоҳида мекарданд то аз мушоҳидаҳои айнии худ барои навиштан истифода кунанд.

Муқарриз: ***Солеҳов Ш.*** – д.и.ф., профессори

А Д А Б И Ё Т

1. Бақозода, Ҷ. Абдулҳамиди Самад ва инкишофи ҳикоя / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 152 с.
2. Мирсодиқӣ, Ҷ. Аносири наср. Чопи дувум / Ҷ. Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Интирошоти Шифо, 1367. – 500 с.
3. Сайфуллоев, А. Ҷону ҷаҳони наср / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2007. - 538 с.
4. Самад, А. Дастовез (қиссаҳои хурд) / А. Самад. - Душанбе: Адиб, 2022. - 320 с.
5. Самад, А. Аспи бобом. Дастовез (қиссаҳои хурд) / А. Самад. - Душанбе: Адиб, 2022. - С.269-318.
6. Самадов, А. Шохи чанор / А. Самадов. - Душанбе: Адаб, 1981. - 140 с.
7. Самадов, А. Баъд аз сари падар: повест ва ҳикояҳо / А. Самадов. - Душанбе: Маориф, 1982. – 112 с.
8. Самадов, А. Паррончакҳо. Повест ва ҳикояҳо / А. Самадов. - Душанбе: 1983. – 192
9. Самад, А. Чароғи дил. Мунтахаби ҳмкояҳо / А. Самад. - Душанбе: Русская литература, 2020. – 384 с.
10. Храпченко, М.Б. Творческая индувидиальность писателя и развитие литературы. Издание четвертое / М.Б. Храпченко. - Москва: Художественная литература, 1977. - 446 с.
11. Шамисо, С. Куллиёти сабкшиносӣ / С. Шамисо. - Теҳрон: Митро, 1384. - 432 с.

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ САБКӢ ВА ЗАБОНИИ НАСРИ БАДЕИИ АБДУЛҲАМИД САМАД

Дар мақола зимни таҳлили муфассали ҳикояҳои нависанда баъзе аз хусусиятҳои сабк ва шеваи нигорандагии А. Самад мавриди баррасӣ қарор мегирад. Бояд гуфт, ки хусусияти асосии тарзи нигориш ва сабки насри бадеии Абдулҳамид Самадро, пеш аз ҳама, нигоҳи хосси ӯ ба ҷаҳони дарун (зеҳнӣ-субъективӣ) ва берун (айнӣ-объективӣ) муайян менамояд, ки дар шеваи хосси тарзи тасвир ва баёнаш таҷаллӣ намудааст. Ба иборати дигар, ҳар диди вежаи нависанда даставвал дар забони осори ӯ рух намуда, фардияти ҳунариашро низ мушаххас месозад. Таҷрибаи эҷодии А. Самад нишон медиҳад, ки вежагиҳои фардияти ҳунарии ӯ, маҳорати дарки комили воқеият ва нигоҳаш ба олам омили аслии шаклдиҳандаи сабки нигориши ӯ мебошанд. Тасвири мавзуву масъалаҳо, сохтори хоси сужа ва усули интихобу тасвири воқеиятҳо ва амалу кирдори шахсиятҳо хусусияти хоси тарзи нигориши Абдулҳамид Самадро мушаххас кардааст, ки ин ва дигар омилҳои азбониву тасвирӣ сабкашро гуногунранг, забони навиштаҳояшро ғаниву рангин, ширину дилнишин, ҷаззобу зебо ва шевою таъсиргузор намудаанд. Сабки ӯ аз як асар то асари дигар такмил ёфта, тамоми хусусиятҳои сабки шахсиро фаро гирифтааст, ки хусусиятҳои тасвирӣ, забонӣ ва маънавӣ аз мушаххасоти он мебошад. Нависанда дар тарзи тасвир пайрави вуқуъгароии насри реалисти суннатӣ буда, дар осораш рӯйдодҳоро асосан аз дидгоҳи худ тасвир, таъбир ва тафсир мекунад. Ҷои таъкид аст, ки тарзи хоси интихоб ва корбасти вожаҳои гӯиши мардумӣ дар таҷрибаи эҷодии Абдулҳамид Самад на фақат барои нависандагон, балки барои мутахассисони забоншиносу лаҳҷашинос низ сабақҳои амалӣ дошта, аз ин таҷриба барои инкишофи рӯзмараи забони адабӣ метавон истифода кард.

Калидвожаҳо: ҳикоя, нависанда, сабк, А. Самад, забоншинос, лаҳҷашинос, забони адабӣ, тасвир, мавзӯъ, сужа, насри реалистӣ.

НЕКОТОРЫЕ СТИЛЕВЫЕ И ЯЗЫКОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЫ АБДУЛХАМИДА САМАДА

В статье рассматриваются некоторые особенности стиля и декораций рассказов писателя А. Самада. Следует отметить, что основной характер образов и стиля художественной прозы Абдулхамида Самада определяется, прежде всего, его своеобразным взглядом на внутренний (интеллектуально-субъективный) и внешний (объективный) мир, выраженный своеобразным способом. Другими словами, каждый образ писателя также определяет его художественную индивидуальность. Творческий опыт А. Самада показывает, что черты его художественной индивидуальности, навыки полного восприятия реальности и его взгляд на мир являются истинными формирующими факторами его стиля. Описание тем и вопросов, характерная структура сюжета, способ выбора и изображения реалий, действий и поступков личностей характерны для Абдулхамида Самада, эти и другие движимые и образные факторы сделали его стиль разнообразным, а язык его сочинений богатым, красочным, сладким, сердечным, соблазнительным, красивым и элегантным. Его стиль эволюционировал от одного произведения к другому, охватывая все характеристики личного стиля, которые являются образными, языковыми и духовными характеристиками его специфики. Писатель в стиле изображения является последователем традиционной прозы реалиста и описывает, интерпретирует события в своих произведениях в основном со своей точки зрения. Следует отметить, что особый способ выбора и употребления народных слов в творческом опыте Абдулхамида Самада имеет практические уроки не только для писателей, но и для лингвистов - диалектологов, и этот опыт может быть использован для развития литературного языка.

Ключевые слова: история, писатель, стиль, А. Самад, лингвист, диалект, литературный язык, изображение, тема, сюжет, реалистическая проза.

SOME STYLISH AND LINGUISTIC FEATURES OF FICTIONAL PROSE BY ABDULHAMID SAMAD

The article explores some features of the style and elegance of the settings of the stories of the writer A. Samad. It should be noted that the basic character of the image and style of Abdulhamid Samad's fiction is determined, first of all, by his unique view of the internal (intellectual-subjective) and external (objective) world, expressed in his original way. In other words, every vision of a writer occurs in the language of his works, which also determines his artistic individuality. The creative experience of A. Samad shows that the traits of his artistic individuality, the skills of full perception of reality and his view of the world are the true shaping factors of his style. The description of themes and

issues, the characteristic structure of the plot, and the way of choosing and depicting realities, actions and deeds of individuals are characteristic of the image of Abdulhamid Samad and these and other movable and figurative factors made the style various, and the language of his writings is rich, colorful, sweet, heartfelt, seductive, beautiful and elegant. His style evolved from one work to another, embracing all the characteristics of a personal style that are figurative, linguistic and spiritual characteristics of his specificity. A writer in the pictorial style is a follower of traditional realist prose and describes and interprets events in his works, mainly from his own point of view. It should be noted that the special way of choosing and using folk words in the creative experience of Abdulhamid Samad has practical lessons not only for writers, but also for linguists and dialects, and this experience can be used to develop the daily life of the literary language.

Keywords: history, writer, style, A. Samad, linguist, dialect, literary language, image, theme, plot, realistic prose.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мустафозода Абдукарим*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, унвонҷӯй, кафедраи назария ва таърихи адабиёт. **Суроғa:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 121. Тел.: **(+992) 918-26-85-73**

Сведения об авторе: ***Мустафозода Абдукарим*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, соискатель кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Рудаки, 121. Тел.: **(+992) 918-26-85-73**

Information about the authors: ***Mustafozoda Abdukarim*** – Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, applicant for the Department of Theory and History of Literature. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Str., 121. Phone: **(+992) 918-26-85-73**

ТДУ: 891.550 (575.3)

ШАХСИЯТИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ АЗ ДИДИ МУНАҚҚИДОН

Мирзо Муҳаммад Рустоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Барои ҷаҳди шинохт ва ибрози назар дар мавриди як шахси матраҳи иҷтимоӣ лозим аст худи он шахс ва муҳити пиромуни ӯро дақиқ бишносем ва дар бораи вай огоҳиҳои лозимро ба даст оварем.

Ба қавли нависандаи эронӣ Мутазо Рачабниё барои шинохти афрод, зарур аст, то дунёи дарун ва беруни онҳо таҳти мутолиа ва фуруковӣ қарор гирад, аммо ин нависанда тамаркуз ва таваҷҷуҳ ба дуёи даруниро дар авлавият қарор дода ва дар баҳс чунин таъқид медорад: “улгуҳоӣ рафтори афродро дар амалкардашон (дунёи дарун) биёбед, на дар лобалои ҳарфҳои шик ва рангорангашон (дунёи бирун)” [9].

Аз ин рӯ, бидуни шак, дар ҳолати адами шинохт ва бардошти лозим аз рафтор ва кирдори як шахс, ҳар қазовате дар мавридаш, роҳи хато ва иштибоҳро хоҳад паймуд. Чун бисёре аз бадиҳо ва бедодгариҳо, на танҳо аз рӯйи худхоҳӣ, балки аз рӯйи нодонӣ, камдонӣ ва каҷдонӣ низ сурат мегирад [8] ва умдатан ҳамин ноогоҳӣ ва адами шинохт, ки шакку нобовариро эҷод ва афродро дар нуқтаи муқобил ва зид ҳам қарор медиҳад. Чунончи дар баҳси ҳозир ҳам дар як назар мебинем, ки аз асари адами шинохти лозим ва кофӣ аз ҷойгоҳ ва шахсияти амалии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ[†], мутаассифона, то ҳанӯз, ғубори бебоварҳо дар изҳон ва афкори бахше аз фарҳангиён ва оммаи мардум ҳузур дошта ва бо ёдоварии номи вай фақат ҳарфҳои саволбарангез ва интисобаш ба тақсироте чанд таборуз меёбаду бас. Ту гӯйӣ, ки ин марди рауфу чехраи матраҳи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ ҳеч маҳосине надоштааст!

Аз ҳамин ҷиҳат, гоҳе ҳини мусоҳиба ва гуфтугӯ бо ошноёну мухолифон аввалан, ки алоқае ба ибрози сухан дида намешавад, дар ғайри он шаккокият аст ва беэътимодиву таън ва бар часбу ҳар он чи аз азҳон ва забонҳо метаровад, бадҳарфист ва манфибофию ситеза асту муҳокима. Масалан, гӯянд, ки: Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва муридонаш ғуллотанд, чароғкушанд, фиребкоранд ва …, истилоҳи ғолӣ ё ғуллот, феъли чароғкушӣ, фиребкорӣ бо муаллақ қарор гирифтан, тахти хоби фулузӣ дар миёнаи уток ва мусаммо шудани хидматкорон ба номҳои ҳайвонот ва чаҳорпоён, назри авлоду ҳузури духтарон дами бахт дар манзили Оқо, ушргирии ҷабрӣ, куштани мол ҳини бозгашт аз сафар ва фарш шудани мӯйи сари духтарони ҷавон дар зери қудуми оқо ва гӯё ҳатто бавл кардани кӯдакони исмоилӣ дар зарфи ғизои меҳмонони ғайри исмоилӣ ва ғайра аз мавориди аҷиба, такондиҳанда ва ғайри қобили бовар аст, ки аз гузаштаҳо ба ин тараф забон ба забон ва сина ба сина нақл шуда ва то рӯзгори мо расидааст ва мутаассифона, ҳеч фарде то ҳанӯз ҳам барои радди он сареҳан қадди алам нанамудааст. Маворид ва масоиле, ки ба истиснои ушру садақот ва куштани мол дар роҳи бозгашт аз сафар, дигар ақлу андеша дар заминаи пазируфтани онҳо хира, нобовар ва дар мемонад.

Шояд ашхос ва афроде бо мурури ин баҳс бар ман хӯрда гирифта ва интиқод намоянд, ки чаро чунин масоили ҷанҷолӣ ва шукукбарангезро ба пеш кашидед ва зарурати тарҳи он дар шароити ҳозир чӣ буд? Ҷавоби ин пурсиш хеле сода аст ва он ин ки барои зудудани гумонзаниҳо ва ибрози назариёти манфии мутааддид ва доманадор алайҳи Сайид Нодиршоҳхон то ба кай бояд интизор кашид ва чашм ба чӣ касе бояд дӯхт? То билохира дар ин замина ба пажуҳиш ва иқнои изҳони мардум бипардозад? Фикр кунам, ним қарни сукут ва маҳал додан ба ишоаи чунин таблиғоти манфӣ ҳеч лузуме надошта ва, аслан, кори дурусте набувад. Аз ҳамин ҷиҳат, тарҳи сари рости ин масъаларо ҳарчанд бисёр дер ва новақт, аммо боз ҳам ба хайру савоб дониста ва онро ба фоли нек мегирем, чун бо равшан ва ошкор баҳс намудан рӯйи боварҳо ва гумонҳои мухолифони Сайид Нодирхони Каёнӣ

[†] Сайид Нодиршоҳ Каёнӣ фарзанди Сайид Гавҳархон мутаваллиди Кӯлоби Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ки баъд аз рӯйи кор омадани салтанати Амир Ҳабибуллохон - падари шоҳ Амонуллохон ба Афғонистон рафтанд ва дар минтақаи ба ном дараи Каён аз тавобеи ҳукумати вилояти Бағлон дар бахши шимоли шарқи Афғонистон сукно гузиданд. Ӯ дар рӯзгори худ, на танҳо ба ҳайси заим ва пешвои қавми худ хидмат намуда, балки осор ва ашъори зиёде аз худ ба ёдгор гузоштааст.

мавзуот ва пурсишҳо сайқал ёфта ва ҳақоиқи пинҳонӣ ва пуштипарда ба берун хоҳад ҷаҳид ва дида хоҳад шуд, ки ба қавли ҳазрати Мавлонои Балхӣ, пойи истидлолиён, дар ин замина, чӯбин ва бетамкин хоҳад буд ва ё баръакси он.

Пойи истидлолиён чӯбин бувад,
Пойи чӯбин сахт бетамкин бувад [7, с.649].

Зикри як нукта зарурӣ пиндошта мешавад ва он ин аст, ки нависанда (ман) дар ин набиштор ҳаргиз дар садади он нестам ва набудаам, то шахси тарафи баҳсро бе тақсир ва маъсум ба исбот бирасонам, балки манзури аслӣ он аст, ки фақат он чи ҳақиқат аст, бармало шавад.

Олимон, нависандагон, адибон, фарҳангиён ва оммаи мардум ва мамуи пайравони мазоҳиби динӣ бояд бидонанд, ки Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ мисли сойири афрод ва ашхоси ҷомеа низ як одам ва як одамизод аст ва маҷмуи қобилиятҳо, хусусиёт ва эҳсосоти инсониро дар вуҷуди худ дорост, биноан ӯ ҳам мехӯрад ва ҳам меошомад, ҳам мешунавад ва ҳам ҳарф мезанад, ҳам мехонад ва ҳам менависад. Гоҳе бо мардум машҳур аст ва гоҳе ҳам мехуспаду меосояд. Ва билохира ӯ ҳам дӯстон ва ҳам муҳиббон дорад ва ҳам руқабо ва ҳам душманоне, лизо, ҳар кӣ мувосифоти инсонӣ дар ӯст, имкони бурузи хато ва иштибоҳ низ дар он мутасаввир ва муҳтамал ба назар мерасад, яъне инсон ба қавли маъруф мавҷудест ҷойизулхато ё мумкинулхато.‡ Пас Сайид Нодиршоҳ Каёнӣ низ метавонад тақсир ва иштибоҳе ҳам дошта бошад ва ҳамчунон бояд бовар дошт, ки мавҷудияти падидаи хубиву бадӣ ва ё маойиб ва маҳосин дар ниҳоди ҳамаи инсонҳо нисбӣ ва фарохӯри ҳолаш мебошад, яъне на касе мутлақ хуб аст ва на мутлақ бад. Лизо Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба унвони як инсон ҳам метавонад маҳосине дошта бошад ва ҳам маойибе. Аммо ононе, ки маҳосинаш нисбат ба маойибаш бичарбад, фарди комёб ва муваффақ ба шумор меравад.

Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ шоири ширинсухани Шероз дар баробари ононе, ки сирф бар дигарон метозанд ва фақат нуқтаҳои айбро дар онҳо ҷустуҷӯ мекунанд, чунин хитобае дорад:

Ҳама айби халқ дидан на мурувват асту мардӣ,
Нигаҳе ба хештан кун, ки ту ҳам гуноҳ дорӣ [11, с. 883].

Бо ин ҳисоб, ҳеч касе ҷуз анбиёи уззом маъсум набуда ва наметавонад худро ба унвони маъсум табария ва ё фатвои маъсумияти дигаронро содир намояд, пас ҳар ки пеш аз пардохтан ба дигарон боист боре ба худ назар афканад ва нахуст бо худ ва аъмоли худ муҳосиба намояд.

Бо ин васф, ба бовари банда нахустин афроде, ки дар заминаи адами шиносоӣ ва шиносонидан ба мавқеи Оқои Каёнӣ ва густариши соиқаи шакку бадбинӣ алайҳи он муқассиранд, ҷамоаи исмоилӣ, фарҳангиён ва қаламбадастони исмоилианд ва дар қадами баъдиву дувумин бахши афроди муқассир дӯстон ва муҳиббони зоҳирфиреб, хилъатгир ва палавбухӯри ғайри исмоилии Оқои Каёнӣ ва билохира шоирон ва нависандагони хирадгарову озодандеши ин сарзамин ҳастанд, ки бояст бидуни таваҷҷуҳ ва эътино ба мулоҳизот ва вуҷуҳоти қавмӣ, мазҳабиву забонӣ бо азму ихлос ва адлу инсоф қалам бар мегирифтанд ва бо муаррифии чеҳраи воқеии ин шахсияти нақиб ва огоҳ марзҳои дӯстӣ ва илмпарвареро ҳурмат ва пос медоштанд. Чун муҳимтарин ва боарзиштарин кори як дӯст ва ё як шахси бомасъулият ва рисолатманд ба шиносоӣ гирифтани чеҳраҳои шоистаи ҷомеа аст, то гузашти замон ва бемеҳрии мардумон манзалат ва мақоми ӯро ба фаромӯшӣ насупорад.

Ба дил гуфтам, кадомин шева душвор аст, дар олам,
Нафас дар хун тапиду гуфт, поси ошнойиҳо [1, с. 111].

ва ё:

Ҳар қавм, ки рушан накунад номи бузургон,
Дар маҷмаи аҳвом сарафроз наёяд [10, саҳ. коф].

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ низ шахсияте, ки набояд газофагӯйиҳо ва хаёлбофиҳои гурӯҳе аз мардум ном ва чеҳраи зулоли ӯро осеб бирасонад, аз ин сабаб бар он шодам, то бо ҷамъоварии ороъ ва дидгоҳҳои соҳибназарон, аз як тараф, ба саҳми хеш адои дайн ва

‡ Ҷоизилхато яъне он ки раво бувад бар ӯ хато кардан, аз ин рӯ, ҷаҳди дафъи ин тавҷеҳи зарарнок, лозим аст аз қавли мумкинулхато, ки дорои бори маъноии хуб ва аҳсан аст, истифода шавад.

масъулият намуда ва аз ҷонибе барои муаррифии донишвари азизе аз ин марзу бум коре ҳарчанд кӯчак ва андаке ба анҷом бирасонам.

Лизо бо фарохонӣ аз теъдоди устодон, донишмандон, фарҳангиён ва шоирон хоста шудааст, то дидгоҳ ва назариёташонро мубтанӣ бо бардоште, ки худ аз ин Оқо доранд, таҳрир ва ба дастрас қарор бидиҳанд, ки дар ин ҷо ба манзури ҷилавгирӣ аз итолаи матлаб, фақат ба нақли дидгоҳ ва назари ду тан аз бузургон дар ин замина басанда мекунем:

А) Доктор Ҳисориён – омири шуъбаи забон ва адаби порсии дарии Донишкадаи забон ва адабиёти Донишгоҳи Кобул дар навиштаи дусаҳифаияш меҳвари шахсияти илмиву маънавии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, оғози ошноияш ба маҳосини нек ва нуфузи мардумиву мазҳабии оқо Сайидро баробар ба замони донишомӯзии худ дар як мактабе аз вилояташ (Бадахшон) муаррифӣ намуда, ки баъдан бо вурудаш ба Кобул ва ҳамкории қаламиву илмиаш бо маҷаллаи «Ҳуҷҷат» ва харидориву мутолиаи шуморе аз осори вай, ба шинохти ҳамаҷонибаашон афзудааст.

Устод Ҳисориён бо такя ба барномаи дурнамое ва алоиқи шахсияшон, ки муаррифии удабо ва фарҳангиёни муосир аст, дар нектарин иқдом, мусаммам бар он шуданд, то тезис ва мавзуоти илмӣ ва таҳқиқии бархе аз донишҷӯён, магистрон ва докторони Институти марбут, ҳавли муаррифии эҷодиёт ва офаридаҳои ашхоси хубрае, чун Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бичархад, ки муҳаввил шудани мавзуе зери номи (Ирфон дар шеъри Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ) ба бону Фиребо Фарҳат, аз он ҷумла ва самараи ҳамон тасмим мебошад.

Ва ба ҳамин минвол дар ахир изҳори орзумандӣ намуданд, то сатҳи таҳқиқот ва пажуҳиш пиромуни абъоди ношинохтаи ин марди вораста ҳар чи бештар вусъат ёбад. Ин ҳам бахше аз матни он навишта:

«Ман, дар ҳоле ки ҳанӯз донишомӯзи мактаб дар литсеи Ҷурми Бадахшон будам, аз забони момоям (тағоям) Ҳоҷӣ Сайид Муҳаммадҷаъфари Манзур, ки ба ҳайси маъмури молия дар вулусволии Дӯши вилояти Бағлон ифои вазифа мекард, дар бораи сифот ва шахсияти илмӣ, иҷтимоӣ ва нуфузи мардумии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ суханҳои ситоишомез шунида будам ва бад-ин тариқ вайро ба масобаи мутанафизтарин чеҳраи мазҳабӣ ва аз раҳбарони мазҳаби исмоилия дар кишвар мешинохтам.

Замоне ки ба Кобул омада ва чанд сол пеш ҳамкории фарҳангӣ ва қаламии худро бо маҷаллаи «Ҳуҷҷат» - органи нашаротии Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ оғоз намуда ва сипас ба китобхонаи муҷаҳҳаз ва ғаноманди ин ниҳоди муҳимми фарҳангии кишвар, ки тавассути муҳтарам Сайид Мансури Нодирӣ – чеҳраи шинохташудаи фарҳангӣ ва фарзанди барӯманди Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ таъсис шуда буд, ошноӣ ёфтам. Рӯзе дар он китобхона ба иддае аз осори мансур ва манзуми марҳум Каёнӣ, ки аз сӯйи Конуни фарҳангии Носири Хусрав чоп шуда буд, бархӯрдам, шуморе аз ин осори арзишмандро харидорӣ кардам, ки бо мутолиаи онҳо мизони огоҳӣ ва шиносоиам то андозае ба ҷавониби илмиву фарҳангии ин марди бузург ва ворастаи кишвар тағйир намуда ва алоқаву дилбастагиам ба эшон ҳар чӣ бештар афзоиш ёфт. Баъд аз он тасмим гирифтам, то як силсила мақолот ва пажуҳишҳоеро пиромуни муаррифии ҷиҳоти фарҳангӣ, илмӣ ва ирфонии ин шахсияти муҳим ва волорутбаи ҷомеа аз тариқи матбуоти кишвар анҷом диҳам, вале бо таассуф, ки машғулияти зиёди тадрисӣ ва масъулияти умури рӯзмарраи депортамент монеи таҳаққуқи ин ҳадаф гардид.

Гарчи то акнун ин орзумандӣ ба таҳаққуқ нарасидааст, аммо аз ин ки ба гунаи мустақим ба тадрис дар барномаҳои магистрӣ ва доктории депортаменти форсӣ мепардозам, тасмим гирифтам, то барои анҷоми як вазифаи сутурги миллӣ ва фарҳангӣ, донишҷӯёнеро, ки дар мақотеи магистрӣ ва доктурии Донишгоҳи Кобул машғули таҳсиланд ташвиқ намоям, то тезисҳо ва рисолаҳои илмияшонро аглаб перомуни як теъдод аз чеҳраҳои нухбаи илмӣ ва фарҳангии кишвар бинависанд ва аз ин тариқ тааҳҳуди миллӣ ва ватаниашонро дар қиболи фарҳанги кишвар анҷом диҳанд.

То ҳол ки иттилоъ дорам, дар солҳои ахир теъдоде аз панҷоҳу анд китоби Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо виростории Кумитаи илмии Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрав ба чоп расида ва силсилаи ин виросториҳо ҳанӯз ҳам идома дорад. Албатта, дар ин кор кӯшиш ва таваҷҷуҳи муҳтарам алҳоҷ Сайид Мансури Нодирӣ қобили ситоиш ва қадрдонӣ буда, ҷомеаи исмоилиён, соири фарҳангиёни Афғонистон ва алоқамандони осору

ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ин хидмати бузурги фарҳангиро ҳаргиз фаромӯш нахоҳанд кард. То бод, чунин бодо!!».

В) Дувумин навишта марбут ба устод Муҳаммад Иброҳими Бомиёнӣ мешавад, ки хотира ва бардошташро таҳти унвони «Нигоҳе ба зиндагии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ» ва овардани ду байт бо мусаммо ва зикри ин ки офаридаҳо ва нағмаҳои олимону зиёиён вадиаест, барои ояндагон, иртиботи зиндагии фарҳангсозон бо ояндагонро лоянқатъ мешуморад ва ба қавли Лоиқ Шералӣ - шоири маъруфи тоҷик:

Баъди мурдан ҳам дилам бе барг нест,
Интиҳои ман ҳамин як марг нест.
Марг агар қатъи равони ман бувад,
То кучо қатъи ҷаҳони ман бувад [16, с. 265].

Ӯ аз маҳшур будани Сайид Каёнӣ бо гурӯҳе аз дӯстон ва донишварони муосираш аз равиши рафиқи дӯстона, донишгароёна ва саховатмандонааш аз аътои таҳоиф ва ҳадоё ба адибон ва фарҳангиён аз таълифоти зиёди ӯ дар умури мухталифа, аз заҳамоташ дар заминаи ҳамдилӣ, вахдатталабӣ, сулҳу оштиҷӯӣ ва, ҳамчунон, аз берун овардани ҷомеаи исмоилиён аз инзивои ҳамешагии иҷтимоӣ ва дар ахир аз ахлоф ва фарзандони барӯмандашон ба ҳайси як мероси арзишманд ёдоварӣ намуда ва ҳарфҳои худро бо чанд байте аз фарзанди фарзонаи Тус ҳусни хитом бахшидааст ва ин ҳам матни комили навиштаашон:

Поёни зиндагонии ҳар кас ба марги ӯст,
Ҷуз марги ҳақ, ки марги вай оғози дафтар аст.

Баъди мурдан шуълаи овози ман хомӯш нест,
Хезад аз тори раги санги мазор, оҳанги ман.

Фарҳангсозони ҷомеа бо ояндаҳо зиндагӣ доранд!

Нағмаҳои ширин ва дилангезу овои фанонопазири онҳо ёдгори ҳамешабаҳор барои наслҳо ва насли ҷавони ҷомеа вадиаи ҳамешагист. Яке аз ин нухбагони фарҳангсоз Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аст. Ӯ марди донишманди асри худ будааст. Ӯ бо донишмандон, чун маликушшуаро Қорӣ Абдуллоҳ, Салоҳиддини Салҷуқӣ, Абдулҳаққи Бетоб, устод Халилуллоҳ Халилӣ, Муҳаммад Иброҳими Оламшоҳӣ ва даҳҳо тан аз донишмандон ва нависандагони замони худ ҳамсуҳбат ва ҳамнишин буда, ба шуаро ва аҳли қалам силаҳо ва туҳфаҳо медодааст. Бо васф, ки ӯ ба ҳайси раҳбари мазҳабии исмоилиён вазифаи танзими умури мазҳабиро ба дӯш дошта ва дар авзои нобасомони асри худ бо анвои мушкилоти сиёсӣ ва маҳаллӣ рӯ ба рӯ буда, бо он ҳама масруфиятҳо ӯ панҷоҳу шаш унвон китоб дар умури мазҳабӣ, таърих, ғазал ва ашъори ирфонӣ чунон дақиқ ва пурмуҳтаво таълиф кардааст, ки бисёр баҳсангез аст.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ориф ва шоиру сиёсатмадори зирак ва қавипанҷа буда, ки дар бадтарин шароит беҳтарин корҳоро ба ҷомеаи Афғонистон анҷом додааст. Ҳамдилӣ, таъовун ва ҳамкорӣ дар вахдати миллӣ ва пойдорӣ дар сулҳу оштӣ аз корҳои мунҳасир ба фарди ӯ будааст. Ӯ инзивои ҷомеаро дарҳам шикаст ва ба исмоилиёни Афғонистон ҳувият, иззат ва шаҳрвандӣ дод. Аз дастовардҳои муҳимми зиндагии ӯ адолат ва пешвоии холисона ва осори мондагори ӯст.

Дувумин мероси Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ фарзандони барӯманди ӯст, ки ҳар кадом ба ҳайси раҳбарони хирадманд ва ботақвои сиёсиву адолат раҳбарӣ карда ва дар хидматгузорӣ ба ҳама ақвом ва ақаллиятҳо даме фурӯ гузошта накардааст, ки беҳтарин мисоли онро аз шеваи раҳбарии айёри фарҳангии алҳоҷ Сайид Мансури Каёнӣ раиси Конуни фарҳангии Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ, вакили Порлумон ва раҳбари мазҳабии исмоилиёни Афғонистон дар даврони ҷиҳод ва муқовимату ҳукумати феълӣ истинбот кард.

Осори гаронбаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва ганҷинаи ишқу девони шеъри Мансури Каёнӣ аз ҷумлаи суханони дилпазир ва гуҳарборест, ки ин ду раҳбари исмоилиро дар фарҳанги сарзамини мо ҷовидона ва мондагор сохтаанд, ки ба қавли фарзонаи Тус:

Сухан монад аз мо ҳаме ёдгор,
Ту бо ганҷ дониш баробар мадор.
Гиёҳ чун сухандону дониш чу кӯҳ,
Ки ҳамвора бошад мар-ӯро шукӯҳ.
Гуҳар бе ҳунар зору хор асту суст,

Ба фарҳанг бошад равон тандуруст.
Хирадманду донову равшанравон,
Танаш з-ин ҷаҳон асту ҷон з-он ҷаҳон.
Намиранд мардони равшанравон,
Ки монанд осори худ дар ҷаҳон.

Пайваст ба ин мабоҳис, ба баёни дидгоҳҳо ва назариёте пардохта мешавад, ки ин мусоҳибашавандагон ба гунае аз масоили тарафи иддао вуқуф дошта ва ошноии лозиме ҳам аз шахси мавриди назар, яъне Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ доранд.

Барои вуруд ба ҳақиқат ё акси орои мухолифини Оҳо Сайид, пойи куҳансолтарин марди дерошнои вай (Ҳоҷӣ Абдурашидхон, мутаваллиди санаи 1280 хуршедӣ) нишастем. Ӯ ки фарзанди Абдулқаҳҳорхон ва, аслан, аз қавми говӣ ё гоҳии ҳукумати Фаранги вилояти Баглон буда ва аз солиёни пеш дар соҳаи Шамарқи Пулихумрӣ (маркази вилояти Баглон) саканӣ гузидааст, аз се издивоҷаш соҳиби чаҳор фарзанди духтар ва чаҳор фарзанди писар буда ва ҳамин акнун 118 соли баҳори умрро пушти сар гузаронидааст.

Абдурашидхон ин марди лоғаринандом, ки дар ҳамон рӯзи дидор бо хастагии ношӣ аз беморӣ дар нишастгоҳамон ҳузур ёфт, аз тарҳи суолҳоям дар мавриди дӯсти деринаш Сайиид Нодиршоҳи Каёнӣ каме нохуш ва ошуфта ба назар мерасид. Ӯ, ки аҳли суннат ва ҷамоат ва бесавод аст, дар ибтидо баъд аз ошноияш бо Оҳо Сайид дар Кобул, аз риёзату намозгузории доимии ӯ, бавежа намозҳои субҳашон дар масҷиди худашон, аз руҳияи саховатмандонаи ӯ бо алфози кӯтоҳ ёд намуда ва баъд ҷиҳати истимои суолотам мутаваҷҷеҳ ва мунтазири ман монд. Ман даҳ суолро мутановиб аз ӯ пурсидам, бад-ин гуна:

1.Чаро Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва муридонашро ба номи ғуллот мегӯянд?

Ҷавоб: сукут!

Ғуллот ба замми ғ (ғайн) яъне ғулувкунандагон ё аз ҳад даргузаштагон ва дар истилоҳ ба касоне хитоб мешавад, ки дар афкор ва ақоиди мазҳабияшон ғулув мекунанд ва аз ҳад мегузаранд [4, с. 266].

Қуръони Ҳаким, ҳамчунон, дар радди ғулувкунандагон ва ифротиёни аҳли китоб чунин ифармуда аст:

Тарҷума: Ай аҳли китоб, дар дин худ ғулув накунед [13].

2.Чароғкуш. Чаро ба онҳо хитоб мешавад?

Ҷавоб: шунидам, вале надидам.

3.Муаллаҳ қарор доштани тахти филизии Оҳо Сайид ҳақиқат дорад?

Ҷавоб: сукут!

Муқнотис ё Оҳанрабо дорой ду қутб ба номи шимол ва ҷануб мебошад, ки ду қутби мушобеҳ якдигарро дафъ, аммо қутбҳои мухолиф якдигарро ҷазб мекунанд. [3]

4. Ном гузоштани афроди хидматкор ба исми ҳайвонот (аз ҷониби Оҳо Сайид) то чӣ ҳад дуруст аст?

Ҷавоб: сукут!

Дар боварҳои динӣ ҳатто Паёмбар ҳам ба умури ғайбӣ тасаллут ва уқуф надорад. Таҷумаи оят: Паёмбар ҳаргиз ба ҳавои нафс сухан намегӯяд [14].

5.Забҳ кардани мол дар роҳи бозгашти сафари Оҳо…?

Ҷавоб: бале, ҳине ки Оҳои Каёнӣ аз сафари мазор ва ё аз ҳар ҷойи дигаре меомад, дар бозгашти вай муридон дар сари роҳаш мол мекуштанд.

Дар ҳоле ки, ҳар ҳайвони ҳалолгӯште, ки ба номи ғайри Худо кушта шавад, ҳаром шумурда мишавад [15].

6. Оё мардум авлод ва фарзандонашонро ба Оҳо Сайид назр мекарданд?

Ҷавоб: Ман надидам.

Назр вақти саҳеҳ аст, ки манзур аз он тақарруб ва наздике ба Худованди Субҳон бошад, дар ин сурат вафо ба он воҷиб аст, аммо назр дар маъсият саҳеҳ нест [2].

7. Оё духтарон қабл аз рафтан ба хонаи бахт назди Оҳо Сайид оварда мешуданд ё хайр?

Ҷавоб: ман надидам.

Дар ин маврид Оҳои Ғулом Ҳайдархон аз бузургони исмоилӣ бо табассум маънодорӣ фармуданд: «… Шояд истисноте вуҷуд дошта бошад ва хонаводаҳои наздик фарзандонашонро ҷиҳати адои эҳтиром ва гирифтани дуо назди Оҳо Соҳиб бурда бошанд, аммо агар ин масъаларо ба муқоиси кулли исмоилиёни кишвар дар назар бигирем, дар ҳақиқат як муҳосибаи ғалат ва як иштибоҳи маҳзро анҷом додаем. Чун мо дар кишварамон

ҳазорон хонаводаи исмоилӣ дорем, ки рӯзона даҳҳо тане аз онон издивоҷ мекунанд, оё мумкин аст, ин қадар завҷаҳо қабл аз рафтан ба хонаи бахт ба дастбӯсии раҳбарашон бирасанд, ҳаргиз на! Пас ин ҳарфҳоро ҳам, комилан, воҳӣ ва беасос шумурда ва онро ҳамчунон василае барои бадном сохтани Оқои Каёнӣ медонем.

8.Оё гирифтани ушру кумак аз муридон ҷабрӣ ва икроҳӣ буд?

Ҷавоб: Нахайр. Агар ушру кумаке аз муриде гирифта намешуд, ҳамон мурид сахт ноумед мегардид.

Ушр дар луғат даҳ як ё як даҳам чизе ва ё як порае аз даҳ пора ва дар истилоҳи фиқҳӣ, даҳяк гирифтан аз амвол ва ё маҳсулоти замини мусалмононро гӯянд [5, с. 260-261].

Дар ҷилди дуюми “Доират-ул-маъорифи форсӣ” ушр, муодили хироҷ шумуда шуда, яъне онро ба сони молиёте дониста, ки дар билоди ислом аз ғайри мусулмонон ё аҳли зима ахз мегардид [6, с. 1736].

9. Мисраи «Ин ҷо мақоми пар задани Ҷабраил нест” дар кадом гуфта нақш гардидааст?

Ҷавоб: дар дари вурудӣ (мучтамаи тафреҳӣ)-и дараи Каён нақш ва баҳсаш иттифоқ афтодааст.

Ин мисраъ, зоҳиран, ба иқтифои байти Соиб Табрезӣ ва ё Қассоби Кошонӣ оварда шудааст. Соиб мегӯяд:

Сойиб хамуш чун нашавад пеши аҳли ҳол,
Он ҷо маҷоли дам задани Ҷабраил нест [17].

Ва Қассоб ҳам бо таъйиди қавли Соиб чунин меоварад:

Қассоб қавли Соиб доно бигӯ, ки гуфт,
Ин ҷо мақоми пар задани Ҷибраил нест [12].

Аммо, ҷаноби Ғулом Ҳайдархон баръакс дар ин хусус диди алоҳидае дорад. Ӯ дар суҳбаташ мавзуъро аз диди сиёсӣ матраҳ намуда ва чунин ёдовар шуданд:

«Дар давраи Муҳаммад Зоҳирхон иддае аз афроди кобина, мисли шахси ба номи Шолизӣ вазири дохилии вақт муносиботи чандон хубе бо ҷаноби Оқо надоштанд. Дар он ҳад, ки ҳатто оқои Шолизӣ аз асари шикояти Оқо Сайид бартараф гардида буд, ҳамин уқда боис шуд, ки дар сафари шоҳ ба дараи Каён дӯстон ва вобастагони Шолизӣ бо сари ҳам кардани ин ду мисраъ нишондиҳии шаъну бузургии Оқо хостанд, то зеҳнияти шоҳро алайҳи ӯ таҳрик ва ба инҳироф бикашанд ва иттифоқан ин найрангашон муассир ҳам афтод. Чун пас аз бозгашти шоҳ ба Кобул Оқоро оҷил ба Кобул хост ва солиёне ӯро таҳти назар нигаҳ дошт, яъне ин меҳмонӣ ва даъвати шоҳ ба дараи Каёнӣ ва пазироии хиракунанда аз вай ва дарбориёнаш маншаи ҳама дарди сарҳо ва парешониҳое шуд, ки мутаваҷҷеҳи ҳоли ҷаноби Оқо гардид.

10. Бавл кардани кӯдакони исмоилия болои ғизои меҳмонони ғайри исмоилӣ чӣ қадар ба сиҳат наздик аст?

Ҷавоб: шунидам, вале ҳаргиз надидам.

Аммо Ҳоҷӣ Абдурашидхон ин дӯсти ҷонии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар охири мусоҳиба ба табъ ва ихтиёри худ хотираеро шифоҳӣ нақл кард, ки зикраш холӣ аз хайр нахоҳад буд:

«…Бачае аз Шалактӯйи даҳанаи Ғурӣ ба номи Алимурод дар дарбори Оқо Сайид мусиқинавоз, ҳунарманд ва сароянда буд. Ин бача муттаҳам шуда буд, ки гӯё хизона ё сандуқчаи пули Оқоро дуздида ва фирор намудааст. Ҳини бозгашт Оқо ба маҳзари хонавода ва муридон, вақте ишон аз адами ҳузури он бачаи ҳунарманд мепурсад, дар ҷавоб барояш мегӯянд, ки ӯ гуноҳи бузургеро муртакиб шудааст, яъне ӯ хизонаи мутааллиқ ба ҷанобашонро ба сирқат бурдааст ва… аммо ӯ ҷаноб дар ҳолати оромиши комил рӯ ба атрофиёнаш карда мегӯяд, ки ӯ бача ҳам ба монанди фарзанди ман аст ва ҳеч фарқе ҳам намекунад, бигзореш то аз он пулҳо истифода намояд. … Ва ба ростӣ, ки ин таҳаммул ва ин гузашти Оқо соҳиб ҳаргиз фаромӯшам намешавад».

Аммо дар ин миён марди сиёҳтобчеҳрае бо бештар аз ҳафтод соли умр ва аз қарияи Қабри Алимуҳаммад (воқеъ дар миёнаи қишлоқҳои Алиҷамъ ва Кампирак), ки машҳур ба Абдулалии Лайдар буда ва аз муборизини машҳури даврони ҷиҳоду муқовимат ва аҳли суннат аст, дар боби Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ривоёти камтар бо ихтилоф аз Ҳоҷӣ Абдулрашидхон дар киса дорад. Бале, ӯ, ки Сайид Нодиршоҳи Каёниро аз Сайидҳои қандаҳорӣ ва аз Кӯлоб омада медонад, дар бораи суоли аввал, ки марбут ба истилоҳи ғуллот

мешавад, чизе намедонад, аммо дар баробари дигар пурсишҳо посухҳои отиро ироя медорад:

2.Дар мавриди чароғкаш…?

Ҷавоб. Мардум мегӯянд, аммо мо надидем.

3.Дар бораи муаллақ будани тахти филизии…?

Ҷавоб. Шунидем, аммо надидем.

4. Гузоштани номи ҳайвонот ва донаҷот болои афроди хидматгор…?

Ҷавоб. Ин мавзуъ дуруст аст.

5.Дар бораи забҳ кардани мол дар қудуми Оқо…?

Ҷавоб. Илова аз андохтани фаршҳои қимате зери пойи Оқо, духтарони ҷавон мӯйҳои худро низ фарши роҳи Оқо месохтанд. Сайид Мусо ронандаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки писари кокои Сайид Мансури Ҳусайнёр мешавад, боре бароям гуфт, ки рӯзе бо дидани саҳнаи дилхароши фарш шудани мӯйи духтарони ҷавон дар роҳ мутарро аз болои сари духтарон убур додам… .

6. Дар бораи назри фарзандони мардум…?

Ҷавоб. Ҳини бузург шудани авлодҳои писар ва духтар онҳо мукаллаф буданд, то як давраи якмоҳа ва ё чандмоҳаро дар хидматгузории Оқо сипарӣ намоянд.

7.Рафтани духтарон думи бахт ба назди Оқо…?

Ҷавоб. Бале, духтаронро қабл аз рафтан ба хонаи бахт, барои гирифтани дуо назди Оқо меоварданд, ки ин вазъ то ҳудуде, ҳатто то ҳанӯз ҳам барқарор аст…, ман худам дар даҳонаи дараи Воду ба чашмҳоям дидам ва ба гӯшҳоям шунидам, ки арусе бо садоӣ баланд мегуфт: дар сурате, ки Хон Оқо соҳиб (фарзанди Оқои Каён)-ро набинам, худкушӣ мекунам.

8. Дар боби ахзи ушри ҷабрӣ…?

Ҷавоб. Бале, муридони Оқо солона аз тамоми ҳасту будашон даҳяк (ушр) медиҳанд ва онро як мукаллафияти шаръӣ медонанд.

9.Ҷойгоҳи навиштани мисраи: Ин ҷо мақоми пар задании Ҷабраил нест…?

Ҷавоб. Замони даъвати Муҳаммад Зоҳирхон, шоҳи вақти кишвараз нуқтаи Дарбандак то соҳаи марказии Дараи Каён қолинфарш шуда ва дар болои дари вурудии Калупаш ба хатти дурушт навишта шуда буд, ки: «Ин ҷо мақоми пар задании Ҷабраил нест». Дар чунин лаҳзае Муҳаммад Зоҳирхон бо дидани саҳнаҳо ва манозири аҷиб дар ин дара бисёр мутаҳаййир шуда ва аз рӯйи ночориву кам омадан амр мекунад, ки бузҳои ин дара гум карда шаванд, то дарахтони зебои поркҳои Оқои Каёниро талаф накунанд.

Ғайр аз ин ҳарфи оқои Лайдар ривояти машҳури дигаре низ дар ин маврид то ҳанӯз забон ба забон такрор мешавад, ки Муҳаммад Зоҳирхон подшоҳи асбақ бо дидан ва хондани мисраи: «Ин ҷо мақоми пар задани Ҷабраил нест», ба ишора ба оқои Халилуллоҳи Халилӣ – шоири пуровозаи кишвар аз ӯ мехоҳад, ки чизе ба ҷавоби он мисраъ илова кунад, то ин ки устод Халилӣ ин мисраъ:

«Фиръавн гаштаиву, вале рӯди Нил нест»-ро бар он изофа месозад. Ба гуфтаи оммаи мардум, нақш ва зикри ин мисроъ далолат ба зарофатҳои ду тараф дошта ва, комилан, ҷанбаи мазоҳу шӯхтабъиро дар бар дорад.

Бо ин васф, ҳамон тавре ки пештар гуфтем, оқои Ғулом Ҳайдархон аз чеҳраҳои матраҳи иҷтимоӣ ва мазҳабии исмоилия, дар мавриди байти боло достони ҷудогонае дорад.

10. Бавл кардани кӯдакони исмоилия болои ғизои меҳмонони ғайри исмоилӣ...?

Ҷавоб: Шунидам вале надидам, аммо ин ҳарф дурӯғ аст.

Оқои Лайдар дар охир аз истилоҳи ҳисор низ ёдоварӣ карда гуфт: Оқо соҳиб бо даст кашидан бар сари беморон, онро ҳисор мекард. … Вале дар мавриди ин ки Оқои Каёнӣ фанни маҳсур кардани амрозро дар вуҷуди беморон чигуна омӯзиш дида буд, маълумоте надошт. Аммо, қарин ба ин масъала Мавлавӣ Ғулом Яҳё машҳур ба махдуми Ғулом Яҳё навосаи писари Мавлавии Маланг аз Хоҷаи Хизри Наҳрайни вилояти Баглон, он ҳам аз забони ҷаддаш чунин матлаберо ҳикоят мекунад:

Ҷаддам Мавлавӣ Мулло Маланг замоне ки барои дарс хондан ба Ҳиндустон меравад, иттифоқан дар мадрасаи Девбанд бо Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ҳамдавра мебошад. Рӯзе бо Сайид Нодиршоҳ ба дидани касе мераванд, ки Сайид аз он дарси нуҷум меомӯхтааст. Гарчанде ки Мавлавӣ Соҳиб Маланг ӯро аз ин амр мамониат намуда, аммо ӯ намепазирад ва ба омӯзишаш дар риштаи улуми нуҷумӣ идома медиҳад. Қароре, ки баъдан ошкор мегардад, ин дарсу омӯзиши нуҷум ба василаи умоли Оқохон раҳбари вақти исмоилиён

сурат мегирифта, ки баъдан Оқои Каёнӣ ба сифати ноибашон дар минтақаи Каён аз марбутоти вилояти Бағлон гумошта мешавад. Ба ҳамин ҷиҳат Оқои Сайиди Каён гаҳ-гоҳе ба Хоҷаи Хизри Нахрайн омада ва ба Мавлавӣ Соҳиб Маланг илтимос мекарда, то он розашро дар мавриди омӯзиши илми нуҷум ба касе ҳикоят накунад.

Қарори изҳори ворисони Мавлавӣ Маланг, Сайид Каён, аслан, ироқӣ ва аҳли суннат буда, ки бинобар лузуми диди намояндаи Оқохон ва шароити пешомада барояш вазоифи худро дар кеши исмоилия ба пеш бурдааст.

Барои тасбити сиҳат ва сақами ин мавзуъ, ки оё Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ собиқаи омӯзиш ва таҳсил дар мадрасаи машҳури Девбанди Ҳиндустон дошта ё хайр?

Дар тамосе бо ҷанрол Сайид Ҳисомуддин, ки як тан аз чеҳраҳои огоҳ ва матраҳи низомӣ, иҷтимоӣ ва мазҳабии кеши исмоилияи кишвар аст, аз ӯ пурсидам. Ҷанрол бо такя бар маълумоти дастдоштааш бо хунсардӣ гуфт, ки: «нахайр, Оқо соҳиб сирф барои як бор, ҷиҳати дидор бо Оқохони савум ба Ҳиндустон сафар намудаасту бас, аммо ӯ дар ин сафари бисёр кӯтоҳ, ҳаргиз кадом давраи омӯзиширо дар мадрасаи Девбанд нагузаронидааст».

Доктор Начибуллоҳ Қайюм устоди Донишгоҳ ҳамчунон бо таъйиди назари ҷанрол гуфт, ки: «бале, Оқо соҳиб фақат як сафари кӯтоҳ ба Ҳинд ба манзури дидор бо Оқохони савум дошта, ки дар он сафар мақоми мукигариро низ ба даст овардааст».

Бо ин сурат мумкин аст Мавлавӣ Маланг Оқои Каёниро дар ҳамон сафар мулоқот намуда ва ҷараёни алоқамандии вайро нисбат ба фаҳму фарогирии илми нуҷум дарк карда бошад, фақат ҳамин!

Ва ало кулли ҳол, ибрози назар атрофи шахсияти чандбуъдии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ гуногунии зиёде дорад ва барои шиносоии дақиқи эшон, намешавад ба ин мухтасар иктифо намуд. Аз ин рӯ, баҳси муфассал ва густурдатаре пиромуни нуқоти ношинохтаи шахсияти Нодиршоҳи Каёниро ба фурсати дигаре мавкул мекунем.

Муқарриз: ***Худойдодов А.*** – д.и.ф., профессори
ДДОТ ба номи С.Айнӣ

А Д А Б И Ё Т

1. Бедил Мирзоабдулқодир. Девони Бедили Деҳлавӣ / Бедил Мирзоабдулқодир. –Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1392 ҳ. – 703 с.
2. Бухори Шариф. 11.581.6696. Сайти Ҷомиул Фатвои аҳли суннат ва ҷамоат, барномаи “Пурсишу Посух”, ҳукми назр кардан. Фатвоӣ 358.
3. Вебсайти Созмони илмӣ ва омӯзишии Фародарс (Faradars). Унвони мавзуъ: Майдони Майдони Миқнотесӣ.
4. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷ. 27. –Теҳрон: Ҷопи Сирус, 1335 ҳ. – 425 с.
5. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Диҳхудо. Ҷ. 76. –Теҳрон: Ҷопи Сирус, 1341 ҳ. -400 с.
6. Доират-ул-маъорифи форсӣ. Ҷ.2. –Теҳрон: Ширкати Офсит (саҳомии Ом), Чопхонаи 25 шаҳривар. -2558 с.
7. Мавлонои Балхӣ. Маснавии Маънавӣ, дафтари аввал. -Теҳрон: Интишороти итлоот. 1386 ҳ, -1140 с.
8. Раҳмати Муҳаммад Содиқ. Кайҳони Андиша. Унвони мавзуъ: Шинохти эҷтимоӣ. -Теҳрон, 1376 хуршедӣ, -№: 73.
9. Рачаб Ниё Муртазо, Сойти иртеботи сабз, таърихи 16 апрели 2017м, баробар ба 27 ҳамали 1396 хуршедӣ.
10. Рустоӣ Мирзомуҳаммад. Орифи Чоҳобӣ ва вижагиҳои ашъораш / Рустоӣ Мирзомуҳаммад. –Кобул: матбаъаи Баҳир, 1391 хуршедӣ, 166 с.
11. Саъдии Широзӣ. Муслиҳиддин / Саъдии Широзӣ. -Теҳрон: Интишороти Ҳирмис, 1385 ҳ. -1404 с.
12. Қассоби Кошонӣ. Девони ашъор, Ғазаллёт, ғазалли №: 69, Сойти Ганҷ вар.
13. Қуръони карим. Сураи Нисо, ояти 171.
14. Қуръони карим. Сураи Наҷм, ояти 3.
15. Қуръони карим. Сураи Моида, ояти 3.
16. Лоиқ Шералӣ. Гулчине аз ашъори устод Лоиқ Шералӣ / Лоиқ Шералӣ. –Теҳрон: Интишороти «Алҳудо», соли: 1372. -С.268.
17. Табрезӣ Соиб. Девони ашъор. Ғазаллиёт / Соиб Табрезӣ. Ғазалли №: 2060. Сайти Ганҷавар.

ШАХСИЯТИ САЙИД НОДИРШОҲИ КАЁНӢ АЗ ДИДИ МУНАҚҚИДОН

Масъалаи ҳаёт ва фаъолияти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ аз диди дигарон яке аз масоили мубрамест, ки то имрӯз перомуни он таҳқиқот анҷом нагирифтааст. Ин аст, ки мақолаи мазкур ба ҳамин масъала бахшида шудааст. Дар ибтидои мақола, барои исботи ҷойгоҳ ва шахсияти илмию иҷтимоии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба маворид саволоти мардуми маътуф ба вай ишора шуда ва пеш аз тарҳи саволҳо ҷаҳди шиносоӣ ва муаррифии бештари ӯ, дидгоҳи ду тан аз хибрагони Донишгоҳ - устод Икромуддин Ҳисориён ва устод Муҳаммад Иброҳим Бомёнӣ матраҳ мегарданд. Устод Ҳисориён дар навиштаи ду саҳифаияш перомуни шахсияти илмию маънавии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, оғози ошнояш ба маҳосини нек, нуфузи мардумӣ ва ҷойгоҳи фарҳанги Оқо Сайидро, баробар ба замони донишомӯзияш, аз давраи мактаб дар валояти Бадахшон

нишондеҳӣ намуда, ки баъд бо вурудаш ба Кобул ва ҳамкории қаламияш бо маҷаллаи “Ҳуччат” (нашри конуни фарҳанги Ҳаким Носири Ҳисрав) ва мутолиаи кутуб ва осори чопии вай, сатҳи шинохт ва алоиқашон афзоиш ёфта аст. Ӯ дар ин навишта, зимни ишора ба маворидi мухталифи марбут ба Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, аз як иқдоми бисёр некашон ёдовар шудааст, ки он супурдани ановини мухталиф ҳавли муаррифии эҷодиёт ва офаридаҳои адабию фарҳангии Нодиршоҳи Каёнӣ ба донишҷӯёни давраҳои лисонс, магистрӣ ва дуктуроии бахши адабиёти донишгоҳи Кобул мебошад. Устод Муҳаммад Иброҳим Бомёнӣ навиштаашро таҳти унвони “Нигоҳе ба зиндагии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ” бо овардани ду байти бо мусаммо оғоз ва дар тули қаламфарсойаш, аз ҳамсуҳбат будани Оғо Сайид бо гурӯҳе аз дӯстон ва донишварони муосираш, аз равиши рафиқдӯстона, донишгароёна ва саховатмандона, аз таълифоти зиёди ӯ, аз заҳамоташ дар заминаҳои ҳамдилӣ, ваҳдатталабӣ ва оштиҷӯйӣ ва ғайра маворид зикр ба амал оварда ва хотираю дидгоҳашро бо чанд байте аз устод Фидавсӣ ҳусни хитом бахшидааст. Бахши дуюми ин мақола, ки тарҳи дар пурсиши муҳимро дар бар мегирад, дар натиҷаи гуфтугӯ бо се тан аз бузургон ва муосирони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ - Ҳоҷӣ Абдуррашидхон марди куҳансол, қарядор Ғулом Ҳайдархон ва Абдулалихон машҳур ба Лидар, ба даст омада ва ба он саволҳо ба хубӣ посух ироа шудааст. Он чи маълум аст, ин нахустин таҳқиқе ба ҳисоб меравад, ки бо чунин сароҳат ба тарҳи ин пурсишҳои сахт дар мавриди шахсияти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ пардохта ва бадин гуна ба бештар аз ним қарн саволоти мардум посух дода шудааст. Ҳосили ин таҳқиқ бо он пураҳаммият аст, ки бо пешниҳод ва намудор сохтани ин пурсиш ва посухҳои доғ, дар воқеъ, торикӣ ва нобоварии хотирро аз шахсияти мавриди баҳси ин мақола (Оқои Каёнӣ) ба осонӣ бартараф гардонад.

Калидвожаҳо: ғуллот, назр, ушр, исмоилия, ҷоизулхато, мумкинулхато, мурид, маъсум, чароғкуш, боварҳои динӣ, ҳаром, ҳалол, бузургони исмоилӣ, ҷабрӣ ва икроҳӣ, фиқҳ ва ғ.

ЛИЧНОСТЬ САЙИДА НОДИРШОХА КАЁНИ

Жизнь и творчество Сайида Надиршахи Каяни является одним из важнейших вопросов, не изученных до сих пор. В первую очередь необходимо обосновать место, научную и общественную роль Сайида Нодиршаха Каёни, проанализировать вопросы, которые были заданы людям, знаюшим Ага Каёни. Перед рассморением данных вопросов чтобы побольше узнать о нем, считаем необходимым учитывать мнения двух экспертов университета – Икромуддина Хисориёна и Мухаммада Иброхима Бомёна. В своем двухстраничном сочинении о научной и духовной личности Сайида Нодиршаха Каёни мастер Хисориён указал на начало своего знакомства с Ага Каёни и его просветительской деятельностью со школьных лет в провинции Бадахшан, затем его прибытие в г. Кабул, сотрудничество с журналом “Хуччат” (публикация Центра культуры Носира Хусрава) и чтение его опубликованных работ, - все это повысило уровень признания и интереса к нему. Далее он пишет о различных делах, связанных с Сайидом Нодиршахом Каёни – это вручение различных произведений творчества Нодиршаха Каёни, литературных и культурных произведений студентам, магистрантам и докторантам Кабульского филологического факультета. Мастер Мухаммад Иброхим Бомёни в своём сочинении под названием “Взгляд на жизнь Сайида Нодиршоха Каёни” начинает с приведения двух бейтов и пишет о беседах Ага Сайида с группой его друзей и современных ученых, о его дружеском, научном и великодушном отнощении, о его произведениях, об усилиях в области единства и примирения и т.д., завершая свои воспоминания стихами мастера Фирдоуси. Вторая часть этой статьи, включающая в себя анализ важных вопросов ответы на которые получены в результате беседы с тремя великими современниками Сайида Нодиршаха Каёни – стариком Хочи Абдуррашидхоном, сельчанином Гулом Хайдархоном и Абдулалиханом, изветным под кличкой Лидер. Таким образом, наше исследование является первым опытом расследования, которое было проведено для разбора этих сложных вопросов о личности Сайида Нодиршаха Каёни и таким образом были даны ответы на более чем полувековые вопросы общества. Результат этого исследования важен потому, что вопросы к данным трем современникам Каёни и полученные исчерпывающие ответы, на самом деле могут легко снять недоверие к личности господина Каёни.

Ключевые слова: преувеличение, пожертвование, подать (налог) исмоилизм, ошибающийся, имеющий доступ к ошибке, последователь, грешный, угасающий свет, религиозное убеждение, харам (запретный), халол (дозволенный), лидеры исмаилитов, принудительный и отвращенный, фикх (мусульманская юриспруденция) и др.

PERSONALITY OF SAYYID NODIRSHOKH KAYONI

The life and work of Sayyid Nadirshahi Kayani is one of the most important issues that has not yet been studied. First of all, it is necessary to substantiate the place, scientific and social role of Sayyid Nodirshah Kayoni, to analyze the questions that were asked to people who knew Agha Kayoni. Before discussing these issues, in order to learn more about it, we consider it necessary to take into account the opinions of two university experts - Ikromuddin Hisoriyon and Muhammad Ibrohim Bomen. In his two-page essay about the scientific and spiritual personality of Sayyid Nodirshah Kayoni, Master Hisoriyon pointed out the beginning of his acquaintance with Aga Kayoni and his educational activities from his school years in the province of Badakhshan, then his arrival in Kabul, collaboration with the magazine “Khuchchat” (publication of the Center culture of Nosir Khusraw) and reading his published works have all increased the level of recognition and interest in him. Next, he writes about various matters related to Sayyid Nodirshah Kayoni - this is the presentation of various works of Nodirshah Kayoni, literary and cultural works to students, undergraduates and doctoral students of the Kabul Faculty of Philology. Master Muhammad Ibrohim Bomeni, in his work entitled “A Look at the Life of Sayyid Nodirshoh Kayoni,” begins by citing two beits and writes about the conversations of Agha Sayyid with a group of his friends and modern scientists, about his friendly, scientific and generous attitude, about his works, about efforts in the field of unity and reconciliation, etc., concluding his memoirs with the poems of Master Ferdowsi. The second part of this article, which includes an analysis of important questions, the answers to which were obtained as a result of a conversation with three great contemporaries of Sayyid

Nodirshah Kayoni - the old man Khochi Abdurrashidkhon, the villager Gul Khaidarkhon and Abdulalikhan, known under the nickname Leader. Thus, our study is the first experience of an investigation that was carried out to analyze these complex questions about the personality of Sayyid Nodirshah Kayoni and thus answered more than half a century of questions from society. The result of this study is important because questions to these three contemporaries of Kajoni and the comprehensive answers received can, in fact, easily remove mistrust in the personality of Mr. Kajoni.
Keywords: exaggeration, donation, tribute (tax) Ismailism, erring, having access to error, follower, sinful, dying light, religious belief, haram (forbidden), halol (permissible), Ismaili leaders, forced and averted, fiqh (Muslim jurisprudence), etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзо Муҳаммад Рустоӣ*** **–** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, унвонҷӯйи факултети филологияи тоҷикӣ. **Суроғa:** 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 121

Сведения об авторе: ***Мирзо Мухаммад Рустои*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, соискатель факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 121

Information about the author: ***Mirzo Muhammad Rustoi*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, applicant for the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 121

ТДУ: 891.550-1

НИГОҲЕ БА ПЕШИНАИ САБКШИНОСӢ

Сатторов Б.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиётшиносии муосир сабкшиносӣ ба сифати як соҳаи мустақил дар таҳлилу арзёбии осори манзуму мансур шинохта шуда, аз аҳаммияти зиёде бархурдор аст. Масалан агар унсурҳо, шохисҳо ва барҷастагиҳои ҳар асаре бо шеваҳои сабкшиносона дақиқу амиқ таҳқиқ гарданд, пай бурдан ба мазмуну мухтавои асар ва гузашта аз он маърифати ботини холиқи асар то ҳадди лозим имконпазир мегардад. Воқеан, ҳар асаре инъикоси таассурот ва ангехтаҳои нависандаи он аз падидаву рухдодҳои дунёи перомун аст. Танҳо бо истифода аз имконоту зарфиятҳои илмии сабкшиносӣ аст, ки мо ба душвориҳо ва печидагиҳои даруну беруни асар пай мебарем.

Аслан бар асоси иттилоот ва шарҳу баёне, ки дар фарҳангу сарчашмаҳо омада, сабк дар луғат ба маънии гудохтани зару сим аст, аммо «дар истилоҳи адабӣ вижагиҳои муштараку муқаррар дар осори шоир ё нависанда, ё давраи хос аст» [4, с.785].

Дар адабиёти пажуҳишӣ сабкро аз дидгоҳҳои гуногун тафсиру ташреҳ намудаанд. Нахуст аз дидгоҳи андешагӣ ва ҷаҳоннигарӣ. Ба ин маънӣ, ки сабк дар натиҷаи амали пайваставу тадричӣ дар заминаи даруннигиариву ҷаҳоннигарӣ ба зуҳур мерасад. Ба сабк метавон ҳамчунин аз мавқеияти забонӣ наздик шуд, зеро сабк маҷмуи хоссе аз вожагон, таъбироту ибороти забон аст. Аммо пайравони мактаби сохторгароӣ нисбат ба сабк назари дигаре доранд. Ба фармудаи онҳо сабк дур шудан, канор рафтан аз забони маъмулӣ аст. Сабк тартибу низоми хоссе аз нишонаҳо аст, ки аз маҷмуаи унсурҳо ва воҳидҳое ташкил ёфтааст, ки байни худ робитаи диалектикӣ доранд ва ба таври муштарак як низоми фаъол сохтаанд. Дар шинохти сабк ҷузъу аносири алоҳидае метавонад муҳим бошад. Аз ҷумла «намудгоре, ки бар асоси он гунаи вижае аз баёнро метавон сабк номид, басомади корбурди он вижагӣ аст ва сарфан фаровонии нисбии он равиши баёне аст, ки аз вижагиҳои сабки як шоир, як нависанда, ё як давра шумурда мешавад» [4, с.785].

Ҳарчанд сабкро шеваи баён дар гуфтору навиштор донистаанд, вале дарвоқеъ сабк сомону ҳаракати тафаккури одамӣ дар бораи чизҳо ва рухдоду падидаҳо мебошад. Сомон ва ҳаракате, ки бо хосияту сифат, сиришти ашё муносиботу пайванд дорад. Бо шумори ин мақсад сабк доштан ба маънии гуфтану навиштани он чизе мебошад, ки дар андешаи одамӣ мегузарад. Аз сӯйи дигар бояд таъкид намуд, ки сабке, ки дар зеҳну андешаи инсони эҷодкор ба зуҳур расидаву шакл мегирад, дар рафтору кирдори ахлоқӣ ва иҷтимоии вай падидор мешавад. Бо назардошти ҳамин воқеият аст, ки мафҳуми сабки зиндагӣ ба миён меафтад. Мақсад аз сабки зиндагӣ ин ҳақиқат аст, ки ҳар шахсе хостгоҳи фикриву нигаришу биниши хосси худро дорад, ки зодаи шароити фардиву мавқеияти иҷтимоии ӯ мебошад ва дар ҳамон ҳол назару амали ӯ аз он таъсир мепазирад ва бо такя ба он ба ҳодисаву падидаҳои зиндагӣ назар меандӯзад. Ба дигар сухан, сабк баёнгари ягонагиву ваҳдати назариву амалии шахсияти инсонӣ мебошад.

Бояд таъкид дошт, ки ҳар асари ҳунарӣ, бадеӣ бозтобдиҳандаи як навъ сабку услуб аст. Чаро ки ҳангоми гуфтору навиштор, ки дар матни онҳо нақши асосӣ бар дӯши калимаҳо аст, пайванде устувор миёни зеҳну забони эҷодкор ба зуҳур мерасад, ки он сабки баён аст, ки дар сухани инсонӣ ҳаққи зиндагӣ пайдо менамояд.

Дар дурустиву воқеияти мазкур набояд шакку тардиде ҷо дошта бошад, аммо як мавзуи дигаре ҳаст, ки ҳузураш бояд зикр гардад. Он ин аст, ки ҳар сухану матне, ки аз ҷониби холиқи асар, эҷодкор, пешниҳод мешавад, баён ё бозгӯйии пинҳону ошкори ҷаҳонбинӣ ва дунёи зеҳнии нависандааш дар бораи мавзуе мебошад, ки ба қалам кашида шудааст.

Дар ин нуқта аст, ки рисолати сабк оғоз мегардад. Яъне, сабк бо унсуру асбобу абзораш шеваи гуфтору рафтор ва бинишу зеҳнияти нависандаро бар баёни мавзуи мавриди назар нишон медиҳад, аносире, ки дар матни сухани эҷодкор чеҳраи нуҳуфта доранд. Вазифаи аслии сабкшиносӣ аз роҳи таҳлилу арзёбии аносиру вижагиҳои матни адабӣ, кашфу бармало сохтани фардияти андешаи эҷодкор аст, ки бо шеваи махсус шакл гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки дар адабиётшиносӣ аз тарзи баён ё услубе, ки мутааллиқ ба як асри таърихӣ ё сарзамини алоҳида аст, ҳамчун сабк ном мебаранд. Дар ин росто мафҳуми сабк бардошти умумие аз сабкҳои хосси нависандагон ва шоирони як давраи иҷтимоӣ ва қаламрави алоҳидае аст, ки аз шабоҳату монандии сабкҳои хос ба даст омадааст. Дар чунин мавриде ба ҷойи сабк аз мафҳуми «мактаби адабӣ» низ истифода мешавад.

Ногуфта намонад, ки вижагии хосси истилоҳи сабк дар он зоҳир мешавад, ки он мутааллиқ ба илми алоҳидае нест. Аз ин истилоҳ бештар дар доираи чаҳор риштаи илмӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, санъатшиносӣ ва забоншиносӣ истифода мешавад.

Акнун нигоҳе ба таърих ё пешинаи илми сабкшиносӣ меандозем. Тибқи навиштаи муҳаққиқони адабиёт нахустин дарку тасаввуре, ки дар ҷомеаи илмӣ атрофи сабк сурат гирифта, дарку фаҳмиши филологии он будааст. Хостангоҳи сабк Юнон аст, кишваре аст, ки дар қаламрави он худи илми филология ба зуҳур расидааст. Пас аз Юнон Рими қадим дувумин кишваре мебошад, ки дар он дарки филологии мафҳуми сабк шакл гирифтааст.

Сабк аслан фарогири мавзуъҳои мухталифе аст, ки муҳимтаринашон ба шарҳи зер аст: шеваи нутқ, корбурди забон дар шеър, дар насри бадеию таърихӣ, баҳрагирӣ аз воситаҳои тасвирӣ ва дигар асбобу абзори шеваҳои баён. Нахустин пажуҳише, ки дар заминаи сабк дар Юнони қадим тасниф шудааст, ба қалами Арасту ва ҳаммаслаконаш тааллуқ дорад [7, с.380].

Пажуҳишҳо дар атрофи мавзуи мазкур баъдан аз ҷониби олимони лотин Горатсин, Ситсерон, Квинтилиан идомат пайдо намуданд.

Ҳамзамон бо ин масоили марбут ба сабку сабкшиносӣ дар адабиётшиносии Ховарзамин, махсусан Ҳиндустон ривоҷ меёбад ва сабкшиносии хосси суннатӣ шакл мегирад. Сабкшиносие, ки аз нигоҳи аслият, шаклу таквин «дар адабиётшиносии ҷаҳон ҳамто надорад» [8, с.120-127].

Бояд изҳор дошт, ки дар шинохти сабк ва вижагиҳои он бар асоси дарку тасаввури адабии он даврони эҳё нақши хос дорад. Даврони эҳё дар камоли он дурахшонтарин давра ба шумор меравад. Муҳаққиқону олимони зиёде ба масоили мухталифи сабкшиносӣ мепардозанд, ки бархе ҷанбаи назарӣ ва бахше ҷанбаи амалӣ доранд. Дар рисолаву баёнияҳои ин давра бештар масъалаҳои амалии забону сабки адабиёти бадеӣ тарҳу баррасӣ гардидааст. Баъдҳо бо густариши илми лафозӣ ё наттоқӣ ва ҳамгироияш бо зебошиносӣ дар раванди ташаккули равияҳои адабӣ нақши корсоз бозӣ менамояд. Мафҳуми сабк бошад маънои суннатии худро ҳифз менамояд, махсусан дар мактаби суннатгаройӣ, ки ҷонибдори се навъи сабк буд: сабки олӣ, муътадил ва омиёна.

Қобили зикр аст, ки зуҳуру шаклгирии сабк дар ҳар кишваре вижагиҳои хос дорад, гузашта аз ин, ривоҷу равнақаш ба номи олимони алоҳидае вобаста аст.

Масалан, дар Россия дар хилоли асрҳои XVII-XVIIII мафҳуми сабк ҳамон маънии филологии худро ҳифз намуда буд ва номдортарин муаллимони фанни наттоқӣ профессори академияи Киев-Могилёв Феофан Проколович буд, ки рисолаҳое дар атрофи сабкшиносӣ ба ёдгор монда, вале дар рисолаҳояш ӯ сабкро аз нигоҳи арзиш маънидод намудааст. Масалан сабки хуб, яъне дурусту ифоданок. Аммо Ф.Проколович танҳо масоили суннатии сабкшиносиро дар иртибот бо шаклу воситаҳои баёни нутқ мавзуи таҳқиқ қарор дода буд.

Барои сабкшиносии рус махсусан таълифоти М. Ломоносов аҳаммияти калон дошт. Мавсуф дар рисолаи нисбатан муъҷазе, ки дар бораи ҳусни баён навишта, баёни падидаҳои гуногунро дар осори манзуму мансур мавриди баррасӣ қарор дода буд. Китоби дигари арзишманди М. Ломоносов дар ин замина рисолаи «Муқаддима перомуни фавоиди китобҳои мазҳабӣ дар забони русӣ» буд. Дар ин асар ӯ таълимотеро роҷеъ ба се навъи сабк нисбат ба забони русӣ пешниҳод менамояд, ки солиёни дароз дар забону адабиёти рус корбурд доштанд. Суннати лафозӣ (наттоқии) классикӣ то қарни XIX устувор ва идома дошт. Баъдан бар асари инкишофи сабкшиносии илмӣ ҷойро барои аҳкому мафҳумҳои нав холӣ намуд.

Таҳқиқу пажуҳишҳои сабкшиносона дар Эрон бошад, бо китоби машҳури Маликушшуаро Баҳор «Сабкшиносӣ ва таърихи татаввури назму насри форсӣ» иртибот мегирад. М.Баҳор аввалин бор дидгоҳҳову шинохтаҳои худро бар мабнои тачрибаҳо муҳаққиқона баён медорад. Нуқтаи шоистаи кори М. Баҳор ин аст, ки ӯ сабки сухани форсиро аз ибтидои фарҳанги исломӣ то асри ҳозир даврабандӣ намудааст. Хусусияту

вижагиҳои ҳар давраеро бисёр муҳаққиқона амиқу мӯшикофона ва муайян ташреҳ кардааст.

М. Баҳор дар муқаддимаи ҷилди нахустини асраш иброз дошта, ки сабк «Яке аз фунуни адаби форсӣ, ба маънии тарзи хоссе аз назму наср аст» ва «дар урфи адабу истилоҳ ба тарзи адое итлоқ мешавад, ки аз лиҳози мушаххасот ва вуҷуҳи имтиёзе, ки нисбат ба ҳунарҳои зебо дорад, мавриди баррасӣ қарор гирад ва низ равиши нигарише, ки ба василаи хавоси мумтози хеш мушаххас бошад. Сабк дар истилоҳи адабиёт иборат аз равиши хосси идрок ва баёни афкор ба василаи таркиби калимот ва интихоби алфозу тарзи таъбир аст» [6].

Таълифҳое, ки дар фарҳангҳо перомуни сабк омада, бо бархе тафовутҳо аслан шабеҳи якдигаранд. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги бузурги сухан» чунин омадааст: «Равиши хоссе, ки шоир ё нависанда идрок ё эҳсоси худро баён мекунад» [5, с. 1618].

Дар «Луғатномаи Деҳхудо» бошад чунин шарҳ омадааст: «сабк шомили ду мавзуъ аст: фикр ё маънӣ, сурат ё шакл. Аз таваҷҷуҳ ба ҷаҳони берун фикре дар мо тавлид мешавад ва намунае аст аз таъсири муҳит дар фард ва мо он фикрро бо савобиқи зеҳнии худ мутобиқ месозем ва ба ҳамон ҷанбаи фикрии хеш барои шунавандагон таъбир мекунем ва ин намунае аст, аз таъсири фард дар муҳит. Бояд донист, ки сабк куллитарин ва амиқтарин маҳулаи ҳунар аст ва ҳеҷ як аз баррасиҳое, ки барои ҳунар кардаанд, ба қадри баррасии сабк жарфу расову равшанибахш нест. Сабки ҳунарофарин ба он ки мумкин аст, дар назари аввал шахсӣ ҷилва кунад, ҷамъӣ аст, бидуни таваҷҷуҳ ба таарруҳоти он фаҳм намешавад. Дар натиҷа сабкшиносӣ вобаста ба ҷомеашиносӣ аст. Дар асари адами пешрафти сабк онро дар қадим бештар ба мувҳиботи илҳом ва нубуғ иҳома мекарданд, вале ғофил аз ин буданд, ки мувҳибот ва илҳома худ маҷҳуланд» [2].

Дар «Доиратул маорифи Мусоҳиб» тафсири сабк ба қарори зайл омадааст: «Дар адабиёт равиш ё шеваи хосси шоир ё нависанда, ки барои баёни матолибу андешаҳои хеш ба кор мебарад ва мушаххаси як асари адабии дигар аст. Навъи алфоз ва таркиботу ҷумлабандӣ ва тарзи таъбири маъноӣ муҳимтарин омил дар чигунагии сабк ё шеваи адабии ҳар шоир ё нависанда аст» [1, с. 1385].

Намунаҳои боло муҳимтарин нукоте ҳастанд, ки дар пажуҳишҳои марбут ба сабк, фарҳангҳо дар иртибот бо мавзуи сабк зикр гардидаанд ва натиҷае, ки аз мурури маонии онҳо ба даст меояд ин аст, ки сабки адабӣ аз зеҳнияту андешаи холиқи асар, як ҳунарманд сарчашма мегирад ва чизе, ки ба он сурату ранги фардӣ-хусусӣ медиҳад ва биниши ҳунарӣ ва воқеиятҳои айниву сабки зиндагии фикрӣ аст. Ба дигар маънӣ амале, ки аз неруи халлоқонаи одамӣ сар мезанад, аз фаъолиятҳои амаливу назарии ӯ гусаста нест, балки ҳосили таъсирҳое мебошад, ки аз ҷаҳони берун мегирад ва онҳоро бо созу барги андешаву зеҳн, назаргоҳҳои отифӣ-ҳиссии хеш табдил медиҳад.

Шинохти сабк дар пажуҳишгоҳи муҳаққиқони Ғарб низ нуктаҳои ҷолибе дорад. Тавре ки аз гуфтаҳои боло бармеояд, имрӯз алоқаи сабки гуфтору навиштори одамӣ бо шеваи андешаронӣ ва таҷрибаи зиндагӣ чизе аст, ки аз даврони бостон мавриди таваҷҷуҳи нависандагону соҳибназарони фанни навиштору гуфтор будааст. Файласуф ва нависандаи машҳури Рими қадим Л.А. Сенеко перомуни сабк чунин ақида дошт «сабк ошкоркунандаи сиришту руҳи одамӣ аст ва сухан шабоҳати зиёде ба ҳаракати умри одамӣ дорад» [3, с.6]

Бояд гуфт, ки дар асрҳои миёна сабк дар доираҳои ҳуқуқии даврон бештар корбурд дошт ва бо инкишофу такомули санъати наққошиву санъатҳои таҷассумӣ корбурди бештар пайдо намуд ва муодилу синоними тарзи ороя шуд. Николо Пуссен аз наққошони номвари фаронсавӣ дар асри XVII, ки яке аз бунёнгузорону назарияпардозони класситсизм дар санъат буд, чунин андеша дошт, ки сабк ба маънои ҷилваи ҳунарӣ аст. Аммо нахустин донишманде, ки сабкро барои ҷудо намудани ҳунар дар давраҳои мухталифи таърихӣ ба кор бурд, нависандаи олмонӣ Винкилман буд, ки дар асри XVIII зиндагӣ намудааст.

Китоби машҳури ӯ «Таърихи ҳунари бостони Юнон» унвон дошт. Муҳимтарин коре, ки вай дар ин китоб анҷом дода, шарҳу тафсири осори ҳунарӣ ва дастабандии онҳо мебошад. Бо нашри ин китоб як навъ дарку тасаввури санъатшиносонаи сабк дар ҷомеаи илмӣ ба зуҳур расид. Пажуҳишу таҳқиқ дар ин замина ӯро ба ин натиҷа расонида буд, ки шохисҳо ё нишонаҳои ҳунарҳои Юнони бостон содагӣ, шукӯҳу волоии орамандаи онҳо мебошад. Мавсуф муъҳаҳид буд, ки «корбурди сабки хуб дар ҳунар таҷассуми ончунон ормони ҳунарӣ ва зебошинохтӣ аст, ки ҳамчун оби зулоле аст, ки аз чашма меҷӯшад. Чунин

обе ҳар андоза наёлуда ва бетаъм бошад, солимтар аст, зеро аз ҳар гуна ғаши хорич̣ӣ барканор аст» [3, с.17].

Дар иртибот ба сабку шеваҳои ҳунарӣ Винкелман гузинаҳои фаровоне дорад, ки то имрӯз аҳаммияти худро гум накардаанд. Барои таъйиди андеша чанд шоҳид меорем: «Тасаввур барои як нақкош шабеҳи ҳаракат барои натток Демосфен мебошад. Ӯ бояд дар ч̣ойи аввал, дуюм ва сеюм бошад» ё ки «Нақкош бояд нақшаи хешро бо оташ тарҳрезӣ кунад, вале хурсандона онро ба марзи амал расонад» [3, с. 17].

Бо гузашти замон дар нимаи дуюми қарни XVIII омӯзаҳои мактаби класситсизм дар ҳунар аҳаммияти худро аз даст доданд ва андешаҳои намояндагони мактаби романтизм маъруфият касб намуд. Онҳо дар ин росто ба нубуғу истеъдоди табиӣ бештар арч̣ гузоштанд. Нақкошу файласуфи фаронсавӣ Бюферон дар иртибот ба мавзуи сабк андешаҳои арзишманде дорад. Ба қавли ӯ «сабк ҳамоно тач̣аллии хештани худи одамӣ аст. Ба ақидаи муҳаққиқон маҳз назаргоҳҳои Бюферон буд, ки дидгоҳи ч̣омеаро ба сабку вижагиҳои он дигаргун сохт. Дар гузингӯяе аз мазкур чунин омада: «Зебову мақбул навиштан, ҳамзамон баробар бо зебо андешидану эҳсос намудан ва бо шеваи хушоянд баён сохтан аст. Яъне, нишони дороии инсон бо хираду ҳушу завқу салиқа аст». Ё, ки дар ч̣ойи дигар иброз намуда, ки «хуб иншо намудан, хираду завқ аст» ё, ки «Сабк – ин инсон аст» [15].

Пас аз Бюферон лозим аст аз Гёте, шоири олмонӣ зикри ном шавад, ки дар тағйиру таҳаввули маъноии сабк корҳои судмандеро анч̣ом дод. Китоби арзишманди Гёте дар ин бобат «Тақлиди содаи табиат тарзи ироя ва сабк» буд, ки муаллиф дар он се марҳиларо дар офариниши асари ҳунарӣ муайян сохта буд, Аз нигоҳи ӯ марҳилаи аввал «одат додани чашму зеҳн ба маводу масолеҳ, борику жарф шудан дар он ва парваридани дасту эҳсос ба манзури кор рӯйи масолеҳ аст. Марҳилаи дуюм пеш гирифтани навъе тарзи ороя аст. Дар ин марҳила ҳунарманд по аз тақлид фаро медиҳад ва мекӯшад ба он чӣ мепарваронад, ч̣анбаи зеҳниву эҳсосӣ бидиҳад» [3, с.17].

Албатта, ҳунарманд барои амалӣ намудани ин ҳадаф забони хоссеро ба кор мебарад, то ба тасаввуру андешаи адабии хеш шеваеро бидиҳад, ки худ онро лоиқи асаре медонад, ки зери даст дорад. Ба ин восита ба мавзуи мавриди назараш шакли хос мебахшад. Ниҳоят дар сеюмин марҳила «асарро ба сабке, ки муносибу шоиста медонад ва решаашро фароҳам овардааст, мепардозад ва ба он сайқалу ч̣илои ниҳоӣ медиҳад» [3, с.18].

Ба андешаву тасаввури Гёте тақлиди табиат аз батни мавзуе, ки шоир барои офариниш интихоб намуда ва мақсад дорад, ба он ч̣илваи ҳунарӣ бидиҳад, сарчашма мегирад. Ба ақидаи ӯ тарзу шеваи пешкашу манзур сохтани асар бештар дар барномарезии масолеҳу мавзуъ ба кор меояд.

Аз диди Гёте сабк баёнгари шинохту маърифат ва биниши амиқе аст, ки як эч̣одкор дар натич̣аи мушоҳидаву мунозираи падидаҳову рухдодҳо ба даст меорад ва аз он суд меч̣ӯяд. Гёте боварӣ дошт, ки бо шумори се марҳилае, ки зикр гардид, метавон сабке шоистаи масолеҳи мавриди назар, мавзуъ ва барномаи адабӣ интихоб намуд ва аз он истифода намуд ва ба воситаи он ба як асари адабӣ шаклу бофти муносиб дод. Аз дидгоҳи номбурда сатҳи олитарини ҳунар сабк аст, ки дар амиқтарин нукоти шинохт, дар моҳияти ашё нуҳуфтааст ва рисолати мо маърифату дарки он дар либоси сувари қобили диду ҳис аст.

Гёте дар ч̣ое изҳор дошта, ки «зебоиро наметавон шинохту дарк намуд, онро зарур аст, эҳсос намоӣ, бисозӣ. Табиат ягона китобест, ки тамоми саҳфаҳояш шомили муҳтавои амиқу маънидор аст. Табиат ҳамеша ҳақ аст; иштибоҳу хато, гумроҳӣ аз ч̣ониби мардум буруз мекунад. Табиат дар масири ҳаракати худ таваққуфро намешиносад ва ҳар гуна бефаъолиятиро вожгун месозад» [14].

Дар миёни бузургони илму адаби Олмон Гегел файласуфи номвар ақидаҳои арзишманде перомуни сабку ч̣узъиёти он баён доштааст. Мавсуф дар китоби хеш «Фалсафаи ҳунар» зикр намуда, ки «Сабк ба таври куллӣ худвижагии зеҳни одамӣ аст, ки дар шеваи баён, наҳваи корбурди имконоти забонӣ ва ч̣уз он ба хубӣ бозшинохтанӣ аст. Бинобар ин, сабк шеваи тач̣ассуме аст, ки ҳам бо шароити масолеҳи ҳунарӣ дамсоз аст ва ҳам бо иқтизои анвои ҳунар ва низ ба қавонине, ки ба муқтазои мафҳуми амр бар инҳо нозир аст, муносибат дорад» [3, с. 15].

Гегел ба истилоҳи сабк борҳо ру̣ч̣уъ намудааст. Махсусан дар китоби «Лексияҳо дар бораи зебошинохтӣ», ки ин ч̣усторҳои вай боиси густариши зебошинохтонаи маънии сабк

гардидааст. Гегел ба ҳайси як санъатшинос перомуни таҳаввулу тағйири сабкҳо дар санъати меъморӣ изҳори назар менамояд. Ҳамчун адабиётшинос ӯ ба сабки андалиқа такя менамояд, ки дар он вожагон ва иборот афзалият доштанд ва дар маънои аслии хеш истифода мешуданд. Аз мавқеияти як файласуф Гегел сабкро мафҳуме мешиносад, ки сиришти фосилавӣ дорад. Гегел дар асари худ ҳамчунин давраҳои рушду камоли сабкро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Омӯзишу таҳқиқи мавзуи сабку сабкшиносӣ аз охирҳои асри XIX мелодӣ ба ин тараф ривоҷу равнаки хоссе пайдо намуд ва микёси тозаеро ба худ гирифт. Муҳаққиқону олимон дар амри сабкшиносӣ ба назарияҳои тозаву нав дар ин раҳгузар даст ёфтанд. Яке аз ин тадқиқотчиён Велфин мебошад, ки сабки адабиро бо таваҷҷуҳ бо зебоии адабӣ ва ҳунарӣ бо воқеияти айнӣ баррасӣ намудааст. Дар тадқиқоти хеш номбурда ба ҷанбаҳои маънои мавзуи адабӣ ҷойгоҳи хоссе қоил аст, ки сабк унсуре аз воқеияти ҷаҳони шоир ё нависанда аст, ки дар нигоштаҳои вай бозтоб ёфта ва унсури асосии ташкилдиҳанда мебошад. Дигар аз олимони саршиносони давра Эрвин Панофский таърихдону санъатшиноси маъруфи амрикоӣ мебошад.

Номбурда чунин назар дорад, ки сабки як асари адабӣ ва ҳунариро метавон бо назардошти арзиши адабиву ҳунарии он асар ташреҳ намуд.

Э.Панофский бар ин назар буд, ки вуҷуди таърихии сабк вобастаи айнияти фарҳангиву ҳунарии он мебошад ва лозим аст, ки ҳангоми ба риштаи таҳқиқ кашидани он пажуҳишро аз масолеҳу мавзуи асар шуруъ намуд ва баъдан ба арзишҳои волои асар, ки ба он унвони маънии асосӣ медиҳад, даст ёфт. Ба ақидаи ӯ «як ҳунарманд ё ба наҳви аҳсан содиқона наққошиеро манзур мегардонад, ки ба сифати таҷдиди манзараи тасвиршаванда воқеияти айнии мавриди назарро маҳсус мегардонад, ё ин ки ҳунарманд мазоҳири фарибандаву ноустувореро месозад, ки ба ҳайси бозофаринӣ манзараҳои қобили тавсифро хурд ё бузург ҷилвагар мегардонанд ва ба ин восита чашмҳои номаънусро гумроҳ месозанд. Маҳз дар ҳамин нукта аст, ки офаридаи онҳо дар ниҳоди мо беназмиву парокандагӣ эҷод менамоянд» [13].

Ошноии мухтасар ба дидгоҳҳои мухталиф дар иртибот бо мавзуи сабку сабкшиносӣ нишон медиҳад, ки падидаи пайдоишу шаклгирии сабкшиносӣ дар ҷомеаи илмии ҷаҳон махсусан дар қисмати адабиётшиносӣ раванди печидаву мушкиле будааст. Бо гузашти замон ва таҳаввули ҷомеа сабкшиносӣ низ такмилу камоли хос пайдо намуда, ки омӯзиши амиқу пурдоманаро таҳозо дорад.

Муқарриз: ***Собиров Ҳ.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. دایره المعارف مصاحب. تهران 1388.- جلد 1. 1385 ص..
2. دهخدا علی اکبر. لغت نتمه ی دهخدا (جلد هفت) انتشارات دانشگاه تهران. تهران چاپ سربی . 1372- 572 ص.
3. عبادیان محمود. درامدی بر سبکشناسی. ادبیات. تهران .1382 - 136 ص.
4. فرهنگ ادبیی فارسی. جلد دوم. سازمان چاپ و انتشارات وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامی. تهران. 1381-1538 ص
5. فرهنگ بزرگ سحن . به سرپرستی. دکتر حسن انوری. تهران. 1387 - 699 c.
6. محمد تقی بهار تاریخ تطور نثر فارسی. نشر زوار. جلد 3. 1401- 1400 ص.
7. Античные теории языка и стиля. Под редакцией О.М. Фрейденберг, М-Г, Огиз, 1936. - 380 с.
8. Баранников, А.Б. Изобразительные средства индийской поэтики / А.Б. Баранников. –В кн. «Романо-германская филология, Сборник статьей в честь академика Ф.В. Шишмарево» Изд. ЛГУ 1957. -С.120-127.
9. Саҷҷодӣ Зиёуддин. Сабкҳо ва мактабҳои адабӣ / Саҷҷодӣ Зиёуддин. -Теҳрон, 1365. - 287с.
10. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бадоеъ ул-афкори фи саноеъ ул-ашъор / Ҳусайн Воизи Кошифӣ. -Теҳрон, Марказ. Чопи аввал, 1369. – 396 с.
11. Шамс Қайси Розӣ. Ал-муъҷаму фи маъойири ашъор ул-аҷам / Шамс Қайси Розӣ. (Ба тасҳеҳи доктор Ҷалили Таҷлил). Нашри Ҷомӣ ва Ноҳид,- Теҳрон, 1369. – 384 с.
12. Шиҳобуддини Ансорӣ. Канз ул-фавоид / А. Шиҳобуддини. Чопи “Мударрис”. -Теҳрон, 1365. - 287с.
13. [Манбаи электронӣ] livelib.ru
14. [Манбаи электронӣ] https//www. newasropol.ru/gete
15. [Манбаи электронӣ] ru: cutaty: net

НИГОҲЕ БА ПЕШИНАИ САБКШИНОСӢ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши масъалаҳои таърихи пайдоишу инкишофи сабки адабӣ бахшида шудааст. Гап дар ин аст, ки пайдоиши сабк моҳияти сабкшиносиро, ки бо масоили интихоб алоқаманд аст, равшан месозад. Я андешаро метавон ба гунаҳои мухталиф ифода намуд. Сабк иборат аст аз маҷмуи шеваҳои истифодаи воситаҳои забонӣ, ки мансуб ба ин ё он нависанда, шоир, асар, навъи адабӣ ё ҷараёни адабист.

Мафҳуми сабк барои нахустин бор дар Юнони қадим пайдо шудааст. Дар асарҳои XVII-XVIII назарияҳои сабкшиносӣ бо талаботҳои умумӣ нисбат ба нутқ маҳдуд мешуданд. Олимони адабиётшинос мафҳуми сабкро ба гунаҳои мухталиф шарҳу тавзеҳ намудаанд. Ба андешаи олими рус Ф.Проколович се навъи сабкҳои забони адабӣ мавҷуданд, ки бо гуногунии зебофари худ дар иртибот бо мавзуи инъикосшаванда, аз ҳам фарқ мекунанд. Аз ҷумла сабки олӣ, муътадил ва миёна. М.Ломоносов олими машҳури рус ба таври умум нақши сабкшиносонаи низоми забони адабиро муайян карда буд. Асари ӯ «Ҳусни баён» фарогири назарияи забони адабӣ ва сабкҳо аст. Дар адабиётшиносии Эрон барои аввалин бор масъалаҳои сабкшиносӣ аз ҷониби М.Баҳор дар китоби «Сабкшиносӣ ва татаввури насри форсӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: адабиёт, наср нависанда, шоир, таҳаввул, сабк, адабиётшиносӣ, назария.

ОБ ИСТОРИИ ИЗУЧЕНИЯ СТИЛИСТИКИ

Статья посвящена изучению вопросов истории возникновения и развитии литературного стиля. Дело в том, что происхождения термина «стиль» проясняет суть стилистики связанной с проблемами выбора. Одну и ту же мысль можно выразить и так и по-другому. Стиль – совокупность приёмов использования стредств языка, характерная для какого-либо писателя, поэта, произведения, жанра, литературного направления. Понятие стиль впервые появилось в Древнем Египте. В XVII-XVIII вв. стилистические теории ограничивались общими требованиями к речи. Ученые-литературоведы в своих трудах поразному истолковывали понятие стиля. По мнению русского ученого Ф.Проколовича, существуют три стиля литературного языка, которые различаются разнообразием видов украшений по предмету изложения – возвышенному и обыденному стилю. Средний стиль – история события. Низкий простой стили. М.Ломоносов видный русский ученый, в полной мере осмыслил роль стилистической системы литературного языка. «Риторика» М.Ломоносова содержит теории литературного языка и стилей. В иранском литературоведении впервые вопросы стилей были исследованые М. Бахором в книге «Стилистика и история развития персидской прозы».

Ключевые слова: литература, проза, писатель, поэт, эволюция, стиль, литературоведение, теория.

ON THE HISTORY OF THE STUDY OF STYLOLOGY

The article is devoted to the study of the history of the emergence and development of the literary style. The fact is that the origin of the "style" clarifies the essence of the style associated with the problems of choice. The same thought can be expressed both ways. Style - a set of techniques for using the strand of the language characteristic of any writer, poet, work, genre, literary direction. The concept of style first appeared in ancient Egypt. In the XVII-XVIII centuries. Stylistic theories were limited to general requirements for speech. Literary scholars in their works have variously explained the concept of style. According to the Russian scientist F. Prokolovich, there are three styles of the literary language, which differ in the variety of types of jewelry in the subject of presentation - elevated and ordinary style. Middle style is the story of the event. Low simple styles. M. Lomonosov, a prominent Russian scientist fully comprehended the role of the stylistic system of the literary language. "Rhetoric" by M. Lomonosov contains a theory of literary language and styles. In Iranian literary criticism, for the first time, M. Bahor studied questions of styles in the book "Stylistics and the History of the Development of Persian Prose".

Key words: literature, prose, writer, poet, evolution, style, literary criticism, theory.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сатторов Беҳрӯз Муслимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи филологияи Эрон. **Суроғa:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 985-98-43-61**

Сведения об авторе: ***Сатторов Бехруз Муслимович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 985-98-43-61**

Information about the author: ***Sattorov Behruz Muslimovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Phone: **(+992) 985-98-43-61**

УДК: 891.550

“ГУЛИСТАН” И “ПЕРСИДСКОЕ ОПИСАНИЕ ПУТЕШЕСТВИЙ”

Карахонов М.С.
Таджикский национальный университет

Как следует из общего замечания переводчика, который уже знаменит как писатель-путешественник в предисловии к читателю, Олеариус рассматривает свою «Persianischen Rosenthal» - «Персидская долина роз» как своеобразное дополнение к своему «Reisebeschreibung» - «Описание путешествий»*: „Ich habe in meiner vor sechs Jahren außgegangenen Persianischen ReyseBeschreibung verheissen/ mit der Zeit etwas mehr von Persianischen Sachen heraus zugeben. Solchem nun nachzukommen/ und meiner Zusage ein genügen zu thun/ stelle ich jetzo dar eines gelahrten Persianers Tractat/ welchen ich wol werth zu seyn erachtet/ daß er unsern Landesleuten/ den Teutschen/ kund werde“ [Persianischer Rosenthal. Olearius Adam. 1654 Fürstliche Druckerey/durch Johann Holwein. C. 5].* Йохан Рист прославлял также «Старательного на чужбине» - Bemüheten in der Frembde, после того как он опубликовал „*etwas mehres von seinen Persischen Sachen*“ - побольше о его персидских историях в одной оде: „*Durch dich wird alle Welt Der Morgenländer Thun und Wesen vorgestelt*“ - тобою будет всему миру представлено житьё-бытьё Ближнего Востока.

О «персидских историях» ведется речь также и в посвящении к «Hertzogen zu Braunschweig vnd Lüneburg/ etc.» (Герцогу Брауншвайгскому и Люнебургскому/ и т.д.), которое предшествовало «Rosenthal» у: *„Das aber gnädigster Fürst vnd Herr unter ändern Potentaten E. HochF. Gn. zum Patron dieses Wercks vnd meiner wenigen Arbeit ich außerkohren/ geschiehet zum theil daher/ weil E. HochF. Gn. nicht allein ein grösser Liebhaber allerhand freyen Wissenschafften/ Künsten/ Historien/ vnd sonderlich der Frembden vnd Persischen Sachen/ worinnen sie nach anleitung meiner Orientalischen ReyseBeschreibung/ wie ich berichtet worden/ sich offt belustiget haben/ auch daher mit sonderlichen Gnaden mir allezeit gewogen gewesen; Sondern E. HochF. Gn. auch zu unterschiedlichen mahlen durch meines gnädigsten Fürsten vnd Herrn hohe bediente zu Gottorff/ wenn bey E. HochF. G. Sie gewesen /mich gnädig erinnern lassen/ ja E. HochF. G. selbst/ wenn Sie hier zu Gottorff bey uns gewesen/ ob ich nicht bald etwas newes von den versprochenen Persianischen Sachen heraus geben wolte/ vnd wenn es geschehe/ E. HochF. Gn. ich auch darmit bedencken solte*.“ [Persianischer Rosenthal. Olearius Adam. 1654 Fürstliche Druckerey/durch Johann Holwein. C. 9-10].

Нет необходимости обсуждать, что «увлечение» герцога «Персидскими историями» указывает на те, поли исторически обоснованные восторги, которые характеризуют тенденцию образования придворных ученых 17-го века. Комментарий показывает, однако, что перевод Саади, «Гулистан» в этом контексте и для Олеариуса означал продолжение того, на что он с своим «Описанием путешествий» нацеливался.

О таком значении свидетельствует уже оформление перевода. «Долина роз» так же, как и «Описание путешествий», содержит «*viele meist nach dem Leben gestellete Figuren*» - многие из жизни взятые фигуры, напыщенный с «многими медными нашивками» „*vielen Kupfferstücken gezieret*“ и заглавие второго издания хвалиться, что произведение издано с „*vielen ... Figuren vermehret. heraus gegeben*.“ «Rosenthal», так же, как и «Reisebeschreibung», имеет широкий, указывающий на детали содержания, регистр.

«Описание путешествий» наряду с подробным отчетом о процессе путешествия, его историями и обстоятельной географической и исторической информацией содержит также, начиная издалека отступление обо всем, что как-нибудь имело отношение к обычаям, привычкам, представлениям и взглядам упомянутых народов. Например, включаются такие главы, которые информируют о „der Perser innerliche Natur und Sitten“ – внутренняя натура и обычаи персов, о „Haushaltung/ . .. Speise und Tranck“ – домашнее хозяйство/ … блюда и напитки, „Handthierung und Gewerbe“ – занятия и профессии, „Garten- Gewächse und Früchte“ – о садах растениях и фруктах, о „Ehestand“ - браках, „Scheidung“ - разводах, „KinderZucht“ – воспитании детей, „Schulen“ о школах, „Sprache“ о языке, „Schrifft" о письменности, „Akademien“ академиях, „Poeten“ поэтах, „Müntze“ - монетах, „Weinwachs“ - виноделии, „Begräbniß“ - погребении и м. т. При этом Олеариус включает в свои высказывания многочисленные приобретенные чтением или

услышанные от персов – «примеры», «истории» и «исторические рассказы», которые должны служить подтверждением сказанному.

Богатым источником таких историй считается «Golestan», что не свидетельствует о том, что Олеариус ошибался, потому что из знаменитейших персидских поэтов Саади выделяется не в последнюю очередь именно тем обстоятельством, что в «Golestan» е отражаются „*die sozialen Verhältnisse der Zeit mit allen spezifischen Vorzügen und Mängeln des persischen Menschen*" [Rypka J. Iranische Literaturgeschichte. LEPZIG. VEB OTTO HARRASSOWITZ. 1959. C- 243] «социальные отношения времени со всеми специфическими предпочтениями и недостатками персидского человека». Как переводчик постарался передать такого рода содержание знаний, выясняется из объема и стиля его замечаний, которые в последующем будут рассмотрены. Такой особенный интерес решительно отличает Олеариуса от своих предшественников.

В одном комментарии приведено: *„Das ist bey jhnen der Gebrauch/ wenn einer in Vngnaden kompt/ muß die gantze Freundschafft herhalten/ wie ich hiervon ein Exempel an ArebChan zu Schamachie erzehlet in meiner Reysebeschreibung secundae ed. p. 431. [Olearius Adam. Reisebeschreibung. 1654 Fürstliche Druckerey/durch Johann Holwein. C. 245].*

Стих, который выражает сущность одной истории:

„Wer sich des Königs Sinn zu sehr wil widersetzen/
Jst/ wie im eigen Blut man wil die Hände netzen.
Wenn jener etwa spricht im Mittag': ist es Nacht/
Sprich du: Ey ja. / der Mond hat sich schon auffgemacht."

Комментарий рассказывает о страшном примере как молодой персидский шах Аббас приказывает казнить своего дворецкого, потому что тот ему ответил неосторожно. Об этом также рассказывается в персидском путешествии в пятой книге 31 главе·

Мақолаҳои директивӣ, ки хосси жанрҳои таҳлилианд, аслан тарзи нави муносибати иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии кишвар мавҷуд будани директива - роҳбариро дар идеология истисно мекунад. Яъне, мақолаҳое, ки аз марказ идора карданро дастур медиҳанд, фикри роҳбарикунандаро ифода менамоянд, набояд бошанд. Аммо дар матбуоти иҷтимоии кишвар рӯзнома ва маҷаллаҳои мансуб ба ҳукумат ва ҳизбҳо боқӣ мондаанд. Дар ин маврид муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки: "Хулосаи матбуот директива, масъалаи муҳимми имрӯз нест. Ин чиз хосси роҳбарӣ ба ВАО аз як марказ аст. Пештар, воситаҳои ахбор дар замони Шуравӣ бо шакли умқи вертикалӣ ҷойгир шуда буданд. Аз «Правда», «Тоҷикистони Шуравӣ», «Бадахшони советӣ», «Машъали коммунизм» то «Ба қуллаҳои дониш», «Журналист», яъне аз нашрияи олии КМ ҲК Иттиҳоди Шуравӣ то ҷаридаи девории шуъбаи журналистика ба як марказ ташкилоти ҳизбӣ тобеъ буд. Ҳар рӯзномае, ки ақаллан як зина баландтар буд, дар хусуси рӯзномаи як зина поёнтар хулоса чоп мекард. Хусусияти директива он аст, ки нашрияи ҳукмшуда бояд камбудиҳои зикршударо ислоҳ мекард, маслиҳатҳоро ба назар мегирифт. Албатта, ин ҷараён дар замони Истиқлол тобиши нав гирифта, ин равишу хусусиятҳо бештар дар нашрияҳои ҳизбӣ мавқеи устуворро касб карданд. Ҳамин тариқ, агар иҷмолан ба риояву тавсеасозии жанрҳои таҳлилӣ дар матбуоти ҳизбӣ давоми се даҳсолаи охир таваҷҷуҳ намоем, ба чунин хулоса метавон расид, ки рушду инкишоф, таквияту беҳсозӣ ва риояву меъёрҳои жанри мазкур хеле хуб ичро шуда, матлабҳои ҷошударо дар ҳама соҳа хонданиву устувортар гардонидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Саъдуллоев, А. Саҳифабандӣ ва чопи газета / А.Саъдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1999. - 168 с.
2. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика / И.Усмонов. – Душанбе, 2009. – С.4.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. - Душанбе: Эр-граф, 2014. – С.154-312.
4. “Минбари халқ”, 24.01.2018. - №4 (1140).
5. Усмонов, И. Назарияи публитсистика / И.Усмонов. - Душанбе, 1999. – С.51.
6. “Ҳамрози халқ”, 14.07 2008. - №09 (86).
7. Учёнова, В.В. Творческие горизонты журналистики / В.В. Учёнова. - М., 1976.
8. Нашрияи ҳизбии “Маромии пойтахт”.., соли 2019.
9. Шабакаи иҷтимоии.., “Facebook”.., соли 2020, 2021.

РИОЯ ВА ТАСЕАИ ЖАНРҲОИ ТАҲЛИЛӢ ДАР МАТБУОТИ ҲИЗБӢ

Матбуотро берун аз жанр тасаввур кардан мумкин нест. Жанр на танҳо рангорангию хонданбобии ахбор, балки як воситаи хуби ташаккули шаклҳои дохилии газетаҳо мебошад. Аз тариқи жанр муаллифон ғоя, фикр ва гапҳои гуфтаниашонро дар шакли марғуб пешниҳоди хонанда мегардонанд. Ҷиҳати жанрии газета, чун хусусиятҳои мавзуӣ категорияи мутаҳаррикро ташкил медиҳад. Ин ҷиҳат ҳам маъмулан тағйир меёбад, ғанӣ мегардад, вобаста ба марҳалаҳои инкишофи нашрия кам ё зиёд мешавад. Инкишоф хосияти қонунӣ дорад, зеро худи жанр як чизи шахшуда нест, вай шакл дорад, шакл бошад, мувофиқи қонунмандиҳои диалектикӣ баёнкунандаи тағйирот дар мазмуну мундарича мебошад. Аз ҳамин сабаб моро набояд он чиз мушавваш созад, ки жанре дар саҳифаи газета мурдааст, ё шаклҳои маъмулии пахши ахбор камбағал ва ё аз ҳад зиёд рангоранг шудаанд. Ин раванди табиӣ аст, вобаста ба шароити зисти ҷомеаву одамон мазмуну мундариҷаи саҳафоти рӯзномаву маҷаллаҳо низ тағйир меёбад, ин ҳама бозгӯкунандаи инкишоф ё заволи ҷамъиятист. Дар журналистикаи сиёсӣ, махсусан нашрияҳои ҳизбӣ, мавзуи таблиғоти мафкуравӣ аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Фаҳмондани мавқеъ, ҳимояи мавқеъ ҳам дар масъалаҳои ҳаёти дохилӣ, ҳам дар масъалаҳои муносибати хориҷӣ ва байналмилалӣ зарур аст ва бо ин мақсад мақолаҳои пропагандистӣ низ зарур мешаванд. Яъне, мақолаҳое, ки дар онҳо таблиғи ин ё он мафкура ҷо шудаву мунташир мегарданд мақсади ниҳоияшон ҳамон аст.

Калидвожаҳо: жанри матбуот, мактуб, матбуоти ҳизбӣ, нигориш, матлабҳои таблиғотӣ, хатарҳои сиёсӣ, журналистикаи сиёсӣ, мақолаҳои директивӣ.

СООТВЕТСТВИЕ И РАЗВИТИЕ АНАЛИТИЧЕСКИХ ЖАНРОВ В ПАРТИЙНОЙ ПРЕССЕ

СМИ невозможно представить вне жанра. Жанр – это не только колорит и читабельность новостей, но и хороший инструмент формирования внутренней формы газет. С помощью жанра авторы в определенной форме представляют читателю свои идеи, мысли и слова. Жанровый аспект газеты, как и тематические

особенности, образуют динамическую категорию. Этот аспект обычно меняется, обогащается, уменьшается или увеличивается в зависимости от этапов развития издания. Развитие имеет юридический признак, так как жанр сам по себе не является конкретной вещью, он имеет форму, а форма, согласно диалектическим законам, выражает изменения содержания. По этой причине нас не должен смущать тот факт, что жанр на странице газеты умер или что обычные формы передачи новостей стали бедны или слишком красочны. Это естественный процесс, в зависимости от условий жизни общества и людей меняется и содержание страниц газет и журналов, это показатель развития или упадка общества. В политической журналистике, особенно партийных изданиях, тема идеологической пропаганды является одной из важнейших проблем. Необходимо разъяснять, отстаивать позицию как в вопросах внутренней жизни, так и в вопросах внешних и международных отношений, и для этого необходимы также пропагандистские статьи. То есть основная цель статей, в которых пропагандируется та или иная идеология, одна и та же.

Ключевые слова: жанр печати, письмо, партийная пресса, мнение, рекламные статьи, политические риски, политическая журналистика, директивные статьи.

CORRESPONDENCE AND DEVELOPMENT OF ANALYTICAL GENRES IN THE PARTY PRESS

The media cannot be imagined outside of the genre. Genre is not only the color and readability of news, but also a good tool for shaping the internal forms of newspapers. The authors present their ideas, thoughts and words to the reader in a formal form. The genre aspect newspaper is the thematic features, forms a dynamic category. This aspect usually changes, becomes richer, decreases or increases depending on the development stages publication. The development has a legal feature, because the genre itself is not a concrete thing, it has a form, according to the dialectical laws, expresses changes in the content. For this reason, we should not be confused by the fact that a genre has died on the page of a newspaper, or that the usual forms of news broadcasting have become poor or too colorful. This is a natural process, depending on the living conditions in the society and people, the content pages of newspapers and magazines also changes, this is all an indicator of development or decline society. In political journalism, especially party publications, the topic of ideological propaganda is one of the most important issues. It is necessary to explain the position, to defend the position both in matters of domestic life and in matters of foreign and international relations, and for this purpose propaganda articles are also necessary. That is, the main purpose the articles in which this or that ideology is propagated is the same.

Keywords: press genre, letter, party press, opinion, advertising material, political risks, political journalism, directive articles.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримзода Ҳақназар Изатулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ. **Суроғa:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 93-501-15-16**

Сведения об авторе: ***Каримзода Хакназар Изатулло*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 93-501-15-16**

Information about the author: ***Karimzoda Haknazar Izatullo*** - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 93-501-15-16**

ТДУ: 070.3(575.3)

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - ТАКОНБАХШИ БУНЁДИ НБО-И РОҒУН

(дар мисоли публитсистикаи Ш. Мусо)

Кучарова Н.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Инак, 32 сол мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби истиқлолияти комил аст. Дар ин муддат давлати соҳибистиқлоли мо ба дастовардҳои басо арзанда ноил гардид. Таърих собит намудааст, ки дар низоми ташаккули давлатдориву давлатсозӣ ҳеҷ як дастоварди аслӣ бидуни соҳибистиқлолии комил арзишҳои бунёдӣ надорад. Ҳамаи ин муваффақияту комёбӣ аз муттаҳидӣ ва масъулиятшиносии шаҳрвандон дарак медиҳад. Ин миллати куҳанбунёд ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро дар муҳлати кӯтоҳ хомӯш карда, бори дигар ҷаҳониёнро бовар кунонид, ки тоҷикон ҳамчун миллати дорои фарҳанги баланд, ҳамеша ҷонибдори сулҳу ваҳдат буд, ҳаст ва мемонад. Муҳаққик Б. Одиназода ояндаи миллати тоҷикро ба пойдории Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон вобаста медонад: “Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон – ин дастоварди бузург дар натиҷаи воқеаҳои сиёсӣ дар интиҳои қарни гузашта ва баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ гардид, ки таърихи навини тоҷикон аз он оғоз ёфтааст. Истиқлолияти давлатӣ барои мардуми Тоҷикистон беҳтарин ва муқаддастарин неъмат буда, моҳияти таърихии он заминаи рушду нумуи иқтисодиёт, ҳуқуқ, сиёсат, фарҳанг, илм ва соҳаҳои мухталифи ҷомеа гардидааст” [2, с. 334.]

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ таҳти дастуру супоришҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр корҳои созандаву бунёдкорӣ дар сартосари кишвар вусъат ёфта, мардуми ватандӯсту ватанпарвари мо, ба рағми бадхоҳони миллат, ба истиқлолияти энергетикӣ низ расид.

Ва бузургтарин иншооти аср дар Ҷумҳурии Тоҷикистон неругоҳи барқи обии Роғун мебошад. Ин неругоҳ аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар Осиёи Миёна калонтарин, аз ҷиҳати баландӣ ва ҷойгиршавии агрегатҳои зеризаминӣ дар ҷаҳон беназир буда, дар ҳаёти мардуми Тоҷикистон мавқеи тақдирсоз дорад. Аз ин рӯ, онро боифтихор сарчашмаи бахту саодат, омили муҳимми шукуфоии кишвар меноманд. Олимон, адибон, шоирон, журналистон ва умуман, аҳли зиёи кишвар дар бораи аҳаммияти бунёдии он ба хоҷагии халқи мамлакат асарҳо, шеъру тарона, очерку қисса офарида, шуҷоату мардонагии бинокоронро ҳамвора васф мекунанд. Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб дар шеъри “Нури Роғун” неругоҳи барқи обии Роғунро манбаи боэътимоди хушбахтиву сарбаландии сокинони Тоҷикистон дар замони истиқлол медонад:

Нури Роғун нури фардо, Нури Роғун шоҳнур аст,
Нури чашму нури дилҳо. Нури дарёи шуур аст,
Нури Роғун нури бахт аст, Нури раҳми Сарвари мо,
Нури иқболу таманно. Нури шодиву сурур аст [1, с. 70].

Аз муҳокима ва тасвирҳои аҳли зиё маълум мегардад, ки дар ин неругоҳи азимҷусса чӣ қадар андешаҳои созанда ва корномаҳо вуҷуд дорад ва ҳар яке аз мардони ҳунари дар ин майдон заҳматкашро метавон қаҳрамони замон номид. “Дар ин иншооти азим, - қайд кардааст донишманд Р. Давлатов соли 2020, - зиёда аз 15 ҳазор нафар кор мекунад, ки байнашон намояндагони ҳама минтақаҳои Тоҷикистон ҳастанд. Роғун ҷоест, ки дар он ваҳдати миллӣ, дӯстиву рафоқат, далериву шуҷоат тавлид ва кафшер мешавад” [10, с. 223].

Сарчашмаи ин мардонагӣ, шуҷоатмандӣ, диловарӣ, қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ маҳз ба фаъолияти пурсамари Сарвари давлатамон, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот мегирад. Аз ҷумла, Президенти муҳтарами мо маҳорати басо хуби суханварӣ доранд, ки ҳар як суханашон ба кас илҳом ва неру мебахшад ва шунавандаро водор менамояд, ки ҳарчи зиёдтар пайи ободӣ ва ҳифзи Ватан бошад. Аз марҳилаи аввали бунёди Роғун Пешвои муаззами миллат дастур доданд, ки аҳли зиё, адибону публитсистон, журналистону санъаткорон пайваста ба Роғун сафар намуда, рафти корҳои сохтмонро худ мушоҳида кунанд ва дар эҷодиёташон қаҳрамонии сохтмончиёнро ҳамвора инъикос

намоянд, то насли минбаъда дар бораи ин сохтмони бузурги аср ва рафти бунёди он ҳарчи зиёдтар ва равшантар иттилоъ дошта бошанд.

Муддати чанд соли охир рафти ин сохтмон дар асарҳои аҳли зиёи кишвар, аз ҷумла дар асарҳои адибон-публитсистон, мунтазам дарҷ мегардад, ки яке аз онҳо адиб-публитсист Шералӣ Мусо мебошад. “Шералӣ Мусо, - гуфтааст П. Ҳабиб, - солҳост, ки, ба қавли устод Лоиқ, чу Сир ботамкин, вале дар сина туғёнҳо хома меронад. Ин туғёни ишқ ва нанг аст ва дар ин мавқеият ва замони хос фақат як адиб нест. Ӯ як фарди дилсӯзи иҷтимоъ аст. Ӯ як равшанфикри фидокор маҳсуб мешавад” [11, с. 7].

Фаъолияти нигорандагии Шералӣ Мусо доманадор аст. Адиб дар ин роҳ аз истеҳсолот ворид гардида, фаъолияти эҷодии худро ҳамвора сайқал медиҳад ва бо таълифи қиссаҳои ҳуҷҷатӣ, ҳикояҳои воқеӣ ва нигоштаҳои ҳаҷвӣ, ки дар зиёда аз 30 маҷмуа гирд омадаанд, хонандаи маъниараси тоҷикро шодоб мегардонад [12, с. 148]. Солҳои охир махсусан фаъолияти публитсистии ин адиби пухтакор равшан ба назар мерасад. “Асарҳои публитсистии эҷодкори мӯшикоф (Шералӣ Мусо – К.Н.) шоҳиди гӯёи ҳамқадами ҳаёти дар ҳоли рушд қарордоштаи кишварамон мебошад” [4, с. 11].

Дар эҷодиёти Шералӣ Мусо мавзуи неругоҳи барқи обии Роғун мавқеи марказӣ дорад. Дар асарҳои “Ошёни уқобон” (2010), “Мардистон” (2013) “Президенти мо”(2014) ва “Достони Роғун” (2015) адиб аз рафти сохтмон, мушкилот ва корномаҳои сохтмончиён, инчунин аз мардонагӣ, қавииродагӣ, дурандешӣ ва пофишории Пешвои муаззами миллат, ки метавон он касро Асосгузори ин неругоҳи бузург номид, қисса мекунад. “Китоби “Ошёни уқобон”, - қайд кардааст адабиётшинос Ш. Раҳмонов, - (ҳашт очерк) ба неругоҳи барқи обиии Роғун бахшида шудааст. Яке агар аз таърихи неругоҳ дар солҳои 1972, 1976, 2009 сухан ронда, ҳар дафъа аз оғозу тантанаи меҳнатӣ нақл кунад, дигар касро ба андеша водор менамояд, масалан, садди неругоҳи барқи обии Роғун аз манораи Эйфели Фаронса ҳам баландтар – 335 метр тасвир шудааст” [9, с.4].

Асари “Мардистон” низ бо услуби хосси нависандагӣ таълиф гардидааст. Адиб ҳар як қаҳрамони худро дар майдони меҳнат ва фаъолияти созандагӣ нишон медиҳад, муносибатҳои онҳоро дар ҷомеа таъкид мекунад ва ғайра. “Дар асар образҳои асосиву ёрирасон вуҷуд надорад, - қайд кардааст М. Муродӣ, - албатта, раванди кор ва иҷрои он ба инсон вобаста аст. Инсоне, ки неруи роҳбарӣ дорад, масъулиятшинос аст, касбашро дӯст медорад, ба касбу кори худ содиқ аст” [6, с. 5].

Китоби «Президенти мо» бошад, аз чор боб иборат аст ва дар ҳар боб чанд мақолаи публитсистии Шералӣ Мусо гирд омадааст. Боби «Қалби бузург» аз мақолаҳои «Президенти мо», «Тантанаҳои ваҳдати миллӣ», «Қалби бузурги Президент», «Нури умед», «Роҳи биҳишт» фароҳам омадааст. Дар ин мақолаҳо нависанда кӯшиш кардааст, ки симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро чун роҳбари хирадманду дурандеш ва шахсияти барҷастаи сиёсии кишвар равшану возеҳ таҷассум намояд. Боби «Роҳ ба сӯйи нур» аз мақолаҳои «Маҳаки номус», «Нигине дар кӯҳистон» иборат аст ва дар ин мақолаҳо публитсист аз номус ва ҳиммати баланди Президенти кишвар, ки ҳангоми сафарҳояшон ба Роғун сурат гирифтааст, сухан мегӯяд. Ҳамчунин, дар ин ду боб муносибати тавъами Сарвари давлат ва халқи кишвар ва эътиқоду самимияти мардуми тоҷик ба Пешвои миллати хеш ба тасвир омадааст.

Дар мақолаи «Президенти мо» Шералӣ Мусо чунин андешаронӣ кардааст, ки Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз барои сарварӣ ва хизмат ба халқи тоҷик ва Тоҷикистон ба дунё омадааст. Барои исботи фикр нависанда суханони Президенти Сенегал Абдулай Вадеро овардааст, ки гуфтааст: «Тоҷикон мардуми хушбахту хуштолеъ будаанд, ки Парвардигори олам ба онҳо чунин як марди асили донову кордон ва меҳрубону ҳалимро ҳамчун сарвару сарпараст арзонӣ додааст». Яъне, шахсият ва фаъолияти Президенти муҳтарами мо дар хориҷи кишвар низ баҳои баланд ва арзанда гирифтааст ва фаъолияти созандаи он касро, пеш аз ҳама, хислатҳои ҳамидаашон муайян мекунад. Нависанда дар як мақолаи хурд – «Президенти мо» тавонистааст, ки симои созандаи қаҳрамони худро батамом ошкор намояд ва хонандаро ба сифатҳои ватандӯстӣ, ҷонфидоӣ, ятимпарварӣ, фарҳангдӯстӣ, китобдӯстӣ ва, умуман, ба қалби бузурги қаҳрамон ошно созад.

Мақолаи «Маҳаки номус» аз бунёди як неругоҳи азим мисли «Роғун» ва номусу эҳсоси баланди шаҳрвандию ватанхоҳии ҷомеа қисса мекунад. Мақола аз «Сураи нур»-и Қуръони

шариф оғоз мешавад: «Худо ба нури худ ҳар киро хоҳад, роҳ менамояд». Ин оят андарзи машҳури халқиро ба ёд меорад: «Худо гуфтааст: Аз ту ҳаракат, аз ман баракат». Ин мақола муфассал буда, аз нуҳ бахш иборат аст ва ҳар як бахш аз Роғун ва фаъолияти бунёдкоронаи сохтмончиёни ин неругоҳи азим қисса мекунад. Нависанда дар аввал аз таърихи Роғун сухан мегӯяд ва баъдтар дар бораи сафараш ба Роғун ва бевосита шоҳид гардиданаш ба зиндагӣ ва фаъолияти сохтмончиён маълумот медиҳад.

Дар ҷойи дигар нависанда менигорад, ки пирамардеро дида ҳайрон шудааст, ки ҳоло айни роҳаташ аст, барои чӣ ба ҷойи истироҳат гоҳи пирӣ дар сохтмони Роғун корҳои душворро ба анҷом мерасонад? Ва ба ӯ якчанд савол медиҳад. Ҷавобҳои пири кор хеле ҷолиб ва омӯзанда аст: «Шумо ғами маро хӯрда наметавонед. Ғами маро танҳо заҳмат метавонад бихӯрад. Заҳмат дар Роғун натиҷаи нек медиҳад. Натиҷаи нек дилро тавон медиҳад. «Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест», гуфтаанд». Умуман, мисолҳои зиёде, ки аз зиндагӣ ва заҳмати коргарони неругоҳи Роғун оварда шудааст, гувоҳи онанд, ки агар меҳр нисбат ба Ватан зиёд бошад, синну сол монеа шуда наметавонад.

Осори публитсистии Шералӣ Мусо таваҷҷуҳи олимони соҳаи публитсистикаро ба худ ҷалб кардааст. Дар тақризи муфассали профессор М. Муродӣ – «Илҳом аз бунёдкориҳо» китоби «Мардистон»-и Шералӣ Мусо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Мунаққид оид ба услуби хосси нигорандагии адиб мефармояд: «Дар баёни мавзуъ ва тасвири матлаб нигоранда асосан аз усули нақл андар нақл кор мегирад. Дар ин ҷода ӯ нисбатан озод аст, аз ҷузъиёти гуногун, нақл, ривоят, панд, ҳикмат, тасвир, ҳуҷҷат, факт, рақам ва ғайра истифода мебарад. Ин усул ба ӯ имкон додаст, ки аз як тараф, рангорангии тасвирро таъмин намояд, аз сӯйи дигар, қаҳрамонро ба таври табиӣ ба хонанда муаррифӣ созад, хислатҳои ҳамидаи онҳоро нишон диҳад» [6, с.13].

Адиб Ш. Мусо дар дигар асари калоҳаҷми худ «Достони Роғун» низ васфи Роғун намудааст ва асарро ба ҳашт достон тақсим кардааст, ки ҳар кадом ба худ номи хос гирифтаанд: «Маҳаки номус», «Нигине дар кӯҳистон», «Роҳи Роғун дигар аст», «Шуъла дар санг», «Сарнавишти зарнавишт», «Меҳвари қалб», «Шуълаи барқи ҳақиқат». Дар кулли ин достонҳо саҳми Ҷаноби Олӣ дар бунёди ин иншооти бузург баръало эҳсос мешавад. Публитсист бо маҳорати баланд рафти сохтмонро баён намуда, барои тақвияти фикри худ андешаҳояшро бо шеърҳои шоирон обуранг дода, бо ҳамин таваҷҷуҳи хонандаро ҳарчи хубтар ба муҳтавои матн ҷалб мекунад. Масалан, сафари Президентро ба шаҳри Роғун ва суханронии он касро, ки гуфта буданд: «Имрӯз - 26 сентябрро ҳеҷ гоҳ аз хотир набароред! Ин рӯз на танҳо ба мардуми шаҳри Роғун, балки барои тамоми мардуми Тоҷикистон низ ид аст, фаромӯшнашаванда аст» [15, с.47].

Дар ҷойи дигар адиб суханҳоеро, ки халқ нисбати Президенти кишвар гуфтаанд, басо муносиб меорад: «Роғун аз қалби бузурги Эмомалӣ Раҳмон нумуъ кард… Эмомалӣ Раҳмон бе назари Худо нест…Воқеан, эҳёгари Роғун Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Бале, дар саргаҳи бунёди Роғун Эмомалӣ Раҳмон меистад. Маҳз ӯ шамъеро дар дили ҳамаи мардум фурӯзон кард. Мо бо иқдоми ҷасуронаи ӯ Роғунро шинохтем ва дар бунёди он саҳми худро гузоштем. Бо гузашти солҳо шоҳид шудем, ки ҳамаи ин кӯшиши Сарвари давлат барои халқи тоҷик аст”. Публитсист қаҳрамониҳои Сарвари муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро чунин ёдовар мешавад: «Ин аст рисолати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Бинобар ин, аз ӯ аллакай кохи азиме ёдгорӣ монда.

Кохи нахуст Сулҳ аст!
Ва боз ёдгории бисёре…
Ваҳдат!
Забон!
Шашмақом!
Фалак!
Ва боз…
Қасри миллат!
Китобхонаи миллӣ!
Боғи устод Рӯдакӣ!
Боғи миллӣ!
Ва боз…
Нақбҳои Истиқлол ва Озодӣ!

Роҳҳо!

Ва инак Роғун!

Роғуне, ки чун қутбнамо моро ба сӯйи фардои нек ва дурахшон ҳидоят менамояд!» [15, с.115].

Ҳамин тавр, нависанда аз наздик бо онҳое, ки шабу рӯз дар пайи ободии Ватан, барои рӯшноӣ овардан ба ҳар як хонаи тоҷик заҳмат мекашанд, шинос шуда, дар бораи фаъолияти онҳо маълумот мегирад ва ба хонанда таъкид мекунад, ки ба қадри ин мардони ҷонфидои Ватан расидан даркор аст. Онҳо бо чи душворӣ як вайронаро обод мекунанд, дар таги барфу боронҳои зимистон ё ин ки дар рӯзҳои офтобии тобистон. Мо фақат гуфта метавонем, ки Роғун дар муддати чанд сол сохта ба истифода дода мешавад. Китобҳои нависанда хонандагонро ба ҷӯши сохтмони Роғун бурда, водор мекунад, ки ба қадри меҳнати офарандагони он расанд ва аз қаҳрамониҳо, ҷасорат, ватандӯстӣ, фидокории Президенти муҳтарами худ ва дигар шахсиятҳои масъули ин сохтмон огоҳ шавад ва дар дили ҳар шаҳрванди тоҷик меҳр нисбати халқу Ватан пайдо шуда, баҳри ободии он кӯшишу талош кунанд.

Аз осори номбурдаи Шералӣ Мусо бармеояд, ки бунёди неругоҳи Роғун барои халқи тоҷик як давлат аст, як ганҷ аст, ки назирашро дигар кишварҳои рӯйи олам ҳавас мекунанд. Бинобар ин, тамоми қишрҳои ҷомеаи тоҷик ба ин ё он восита дар сохтмони он бояд саҳмгузор бошанд. Вақте ки худи Пешвои муаззами миллат барои дигар кардани маҷрои дарёи Вахш худашон дар сари чамбараки техника нишаста, нахуст ба ин амал даст задаанд, бори дигар ваҳдату ягонагии миллӣ ва бо Сарвари муаззами худ ба ҳама корҳои созандагӣ қудратманд будани сокинони Тоҷикистон дар ҷаҳон собит гардид. Сохтмони Роғун аз давраи шуравӣ оғоз шуда буд ва бо сабабҳои маълум сохтмони он қатъ гардид. Дар мақолаи «НОБ- и Роғун олами нангу номус» М. Имомзода дар ин маврид сухан ронда қайд мекунад, ки: «Заминаи бунёд кардани он (Роғун - Н. К) аз солҳои шастуми асри гузашта оғоз ёфта буд. Бо сабабҳои зиёду монеаҳои гуногун анҷоми он тул кашид ва ахиран чанд сол қабл корҳои сохтмонии он аз нав бо суръат оғоз ёфт. Ин, пеш аз ҳама, матонату устуворӣ ва садоқату меҳнатдӯстии Пешвои муаззами миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад» [4, с. 107].

Ҳамин тариқ, бунёди Роғун яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлол ва иқдомҳои ҷасуронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки он чанд муддат боиси кашмакашию андешарониҳои беасос гардид ва ниҳоят Сарвари давлат изҳор намуд, ки онро сокинони Тоҷикистон бо маблағи худ месозанд. Боиси ифтихор аст, ки сохтмони он идома дошта, пайваста агрегатҳои он ба кор даромада истодаанд. Он рӯз дур нест, ки бузургтарин неругоҳи барқи обии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо тамоми қудрат ба кор даромада, бо нури худ ба мамлакатҳои ҳамсоя ҳам рӯшанӣ мебахшад.

Муқарриз: ***Муродӣ М.Б.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Ғоиб, М. Чашмаи саодат / М.Ғоиб. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 240 с.
2. Давлатов, Р. Ваҳдату ягонагӣ – омили пешрафти ҷомеа / Р.Давлатов // Ваҳдат, давлат, Президент. – Ҷ. 32. – Душанбе: Истеъдод, 2020. – С.219-224.
3. Ибодзода, И. Оҳанги зиндагӣ / И.Ибодзода // газ. Боҷу хироҷ. – 2016. – 5 июл.
4. Имомзода, М. Тараннуми садоқат ва муҳаббат (Маҷмуаи мақолаҳои публитсистӣ) / М.Имомзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2021.
5. Муродӣ, М. Илҳом аз бунёдкориҳо / М.Муродӣ // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 20 апрел, С. 6-11.
6. Муродӣ, М. “Мардистон”-и мардистон / М.Муродӣ // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 2 сент.
7. Налский, Я. Ҷавонии Роғун / Я.Налский // Садои Шарқ. – 2023. -- № 8. –С. 118-125.
8. Одиназода, Б. Конституцсияи Тоҷикистони соҳибистиқлоли ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз / Б.Одиназода // Ваҳдат, давлат, Президент. – Ҷ. 32. – Душанбе: Истеъдод, 2020. – С.334-338.
9. Раҳмонов, Ш. Нависандаи ҳақиқатгигор / Ш.Раҳмонов // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 18 март. – С.4-5.
10. Рачабалӣ, А. Роғун – ифтихори миллат / А. Рачабалӣ. – Душанбе: “Адиб”, 2011.
11. Ҳабиб, П. Туғёни ишқ ва нанг / П.Ҳабиб // Адабиёт ва санъат.—2020.—2 июл. – С.7.
12. Шералӣ, М. Адибони тоҷикистон / М. Шералӣ. - Душанбе: Адиб, 2014. – С. 147-148.
13. Шералӣ, М. Ошёни уқобон / М. Шералӣ. – Душанбе, 2010.
14. Шералӣ, М. Президенти мо / М. Шералӣ. – Душанбе, 2014.
15. Шералӣ, М. Достони Роғун / М. Шералӣ. – Душанбе: “Адиб”, 2015.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН -ТАҚОНБАХШИ БУНЁДИ НБО-И РОҒУН

(дар мисоли публитсистикаи Ш. Мусо)

Дар мақола гуфта мешавад, ки сохтмони ҒЭС- и Роғун дар ҳаёти халқи тоҷик мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, онро бо ифтихор сарчашмаи саодат, омили муҳимми шукуфоии кишвар меноманд. Олимон, нависандагон, шоирон, журналистон ва умуман зиёиёни кишвар дар бораи аҳаммияти он барои халқи мо шеъру суруд, очерку ҳикояҳо навишта, мардонагӣ ва шуҷоати бинокоронро васф мекунанд. Албатта, дар ин ҷо меҳнати сохтмончиёнро қайд накардан мумукин нест. Дар асарҳо аз қаҳрамониҳои сохтмончиён қисса мекунанд ва бе муболиға ҳар кадоми онҳоро метавон қаҳрамони замон номид. Ин ҳама аз мардонагӣ, шуҷоату ватандӯстии Сарвари давлатамон дарак медиҳад. Саҳми Пешвои миллат дар бунёди ин неругоҳи азим калон аст. Бунёди Роғун яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлол ва иқдомҳои ҷасуронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки он чанд муддат боиси кашмакашию андешарониҳои беасос гардид ва ниҳоят Сарвари давлат изҳор намуд, ки онро сокинони Тоҷикистон бо маблағи худ месозанд. Боиси ифтихор аст, ки сохтмони он идома дошта, пайваста агрегатҳои он ба кор даромада истодаанд. “Нақш ва аҳаммияти Роғун дар ҳаёти мамлакати мо то рафт меафзояд, - гуфтааст Сарвари давлати мо, - зеро ин ҷо бузургтарин неругоҳи барқи обии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бунёд мегардад, ки барои кишвари мо аҳаммияти бузурги ҳаётиву стратегӣ дорад”

Калидвожаҳо: Роғун, истиқлол, Президент, неругоҳ, нависанда, публитсист, асар, қаҳрамон, ватан, сохтмон.

ЭМОМАЛИ РАХМОН КАК СТОРОННИК СТРОИТЕЛЬСТВА РОГУНСКОЙ ГЭС

(на примере публицистики Шерали Мусы)

Строительство Рогунской ГЭС занимает важное место в жизни народа Таджикистана. Поэтому ее гордостью называют источником счастья, важным фактором процветания страны. Ученые, писатели, поэты, журналисты и вообще интеллигенция страны писали стихи, песни, очерки и рассказы о ее значении для нашего народа, восхваляя мужество и отвагу строителей. Конечно, здесь нельзя не отметить работу строителей. И каждого из них можно назвать героем своего времени. Мы думаем, что этим мужеством, отвагой, героизмом и патриотизмом обладает глава нашего государства, Президент Эмомали Рахмон. И вклад Лидера нации в строительство этой великой электростанции не меньший, чем вклад ее строителей. Построение Рогуна - это одно из величайших достижений эпохи независимости и смелые действия Основоположника мира и национального единства, Лидера нации уважаемого Президента страны Эмомали Рахмона, которые на протяжении некоторого времени вызывали необоснованные споры и мнения, и наконец, Глава государства заявил, что ее построят жители Таджикистана на свои деньги. Гордостью является то, что ее строительство продолжается и ее агрегаты постоянно вводятся в эксплуатацию. «Роль и значение Рогуна в жизни нашей страны возрастают, - сказал, Глава нашего государства, - потому что здесь будет построена крупнейшая гидроэлектростанция независимого государства Таджикистан, имеющая огромное жизненное и стратегическое значение для нашей страны».

Ключевые слова: Рогун, независимость, президент, электростанция, писатель, публицист, произведение, герой, родина, строительство.

EMOMALI RAHMON AS A SUPPORTER OF THE CONSTRUCTION OF THE ROGUN HYDROELECTRIC POWER STATION

(on the example of Sherali Musa`s publicism)

The construction of Rogun has a crucial place in the life of the people of Tajikistan. Therefore, it is proudly called a source of happiness, an important factor in the prosperity of the country. Scholars, writers, poets, journalists and, in general, the country's intelligentsia have written poems, songs, essays and stories about its importance to our people, praising the courage and bravery of the builders. Of course, the work of the builders cannot be ignored here. From the images of intellectuals, it is clear how many heroes they are. And each of them can be called a hero of the time. We think that all this courage, bravery, bravery, heroism and patriotism were enjoyed by the head of our state, President Emomali Rahmon. And the contribution of the Leader of the Nation in the construction of this great power plant is no less than that of its builders. The Rogun Foundations is one of the great achievements of the era of independence and the brave actions of the founder of peace and national unity, the leader of the nation, the honorable President of the country, Emomali Rahmon, which for some time caused unfounded arguments and opinions, and finally the Head of State stated that it will be built by the residents of Tajikistan with their own money. It is a matter of pride that its construction is ongoing and its units are constantly being put into operation. «The role and importance of Rogun in the life of our country is increasing, - said our Head of State, - because the largest hydroelectric power plant of the independent state of Tajikistan will be built here, which is of great vital and strategic importance for our country».

Keywords: Rogun, independence, President, power plant, writer, publicist, work, hero, homeland, foundation

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кучарова Насиба Аламхоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, кафедраи матбуоти факултети журналистика. **Суроғa**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kucharova_nasiba@mail.ru**. Тел.: **(+992) 988-49-80-80**

Сведения об авторе: ***Кучарова Насиба Аламхоновна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедра печати факультета журналистики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **kucharova_nasiba@mail.ru**. Тел.: **(+992) 988-49-80-80**

Information about the author: ***Kucharova Nasiba Alamhonovna*** –Tajik National University, Candidate of Philology, Docent, Department of Print, Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **kucharova_nasiba@mail.ru.** Phone: **(+992) 988-49-80-80**

ТДУ: 811.21/.22-3 (575.3)

БОЗТОБИ СОХТМОНҲОИ АЗИМ ДАР СУХАНРОНИҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият», солҳои 2001-2010)

Охунзода Насруддин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлоли давлатӣ ба даст овард, вале вазъи дохилии кишвар тадричан ноором гардид ва ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқуъ пайваст. Дар ҳамин лаҳзаи хатарзо барои Ватану миллат нафаре зарур буд, ки ҳастии хешро баҳри таъмини ваҳдати комил дар кишвар бахшад ва дар ин росто монеаҳои зиёдро пушти сар намояд. Дар чунин вазъи муҳлику ноором зимоми давлатдориро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст гирифт ва бо тадбирҳои ватандӯстонаи ин абармарди миллат сулҳ ва ваҳдати сартосарӣ дар мамлакат таъмин гардид ва қадамҳои устувор ҷиҳати рушди давлатдории миллӣ гузошта шуд. Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, ки дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор шуд, саҳифаи нав дар таърихи давлатдории тоҷикон гардид. Ба таъкиди В. Ғаффорӣ ва З. Саидзода, «Иҷлосияи XVI таърихии Шурои Олӣ, ки ба фарзанди барӯманди халқи тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ваколати роҳбарӣ ба ҷомеаи Тоҷикистонро дод, ҳамзамон ба дӯши ӯ вазифаи мураккаб, вале муқаддаси бунёди давлати воқеан соҳибистиқлол ва демократиро вогузошт. Эмомалӣ Раҳмон ба сифати сармеъморе баргузида шуд, ки мебоист нафақат иморати аз ҷанг вайроншудаи давлати тоҷикро тармим кунад, балки сохтмони онро бар пояҳои устувору қавии сифатан нав барпо намояд» [3, с.68].

Дарвоқеъ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саргаҳи ободиву созандагиҳо қарор гирифта, бо талошу азми ватандӯстона Тоҷикистонро аз вартаи ҳалокат начот бахшид. Дар ин миён дастоварди бузургтарини халқи тоҷик расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он саҳми Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мондагор мебошад. Барои такмил бахшидани иқтисоди фалаҷгардида гомҳои устувор гузошта шуд, қисми зиёди корхонаҳо ба фаъолият оғоз намуда, истеҳсолу тавлиди маҳсулот шуруъ ва дар минтақаҳои гуногуни мамлакат корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардиданд. Ин раванд имкон фароҳам овард, ки оҳиста-оҳиста дар кишвар фаъолияти тамоми соҳаҳо барқарор ва тақвият бахшида шавад. Барои вусъат бахшидани соҳаҳо ва таъмин намудани пешрафти кишвар дар оғоз се ҳадафи стратегӣ – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлоли энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баъдан саноатикунонии босуръати кишвар муайян карда шуд, ки онҳо такмилбахши ҳамдигар буда, ба таври махсус роҳандозӣ шуданд. Ба ин мазмун, муҳаққиқ Мурод Муродӣ менигорад: «Раванди татбиқи ин барномаҳо бо тамоми мушкиливу монеа, азму талош, ҷӯшу хурӯши бунёдкориҳо ва комёбиву ифтихорот дар публитсистикаи китобӣ, адабиёти бадеӣ, илмиву оммавӣ инъикос ёфта, доир ба онҳо асарҳои гуногун ба чоп расонида шуданд» [9, с. 83].

Таҳлилу пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки баъд аз соли 2000-ум раванди сохтмонҳои бузург, аз ҷумла, бунёди роҳҳо, неругоҳҳои барқи обӣ, нақбу пулҳо оғоз ёфтаанд. Аз ин бармеояд, ки то оғози ҳазораи нав дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи асосӣ барои расидан ба сулҳу ваҳдати комил равона гардида буд. Ба таъкиди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Мо ҳанӯз дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ изҳор карда будем, ки нақбҳои бузург ва роҳҳои замонавии мошингард бунёд карда, мамлакатро ба як қаламрави воҳид табдил диҳем ва робитаҳои нақлиётии кишварамонро бо мамолики дуру наздик таъмин намоем. То соли 1997 ҳамагӣ 42 фоиз роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва 20 фоиз роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта мумфарш буданду халос, ки аз он 73 фоиз дар ҳолати паст, 26 фоиз дар ҳолати миёна ва танҳо як фоиз дар ҳолати хуби техникӣ қарор доштанд» [13, с. 78].

Аз ин бармеояд, ки шароит дар кишвари кӯҳсори тоҷик он қадар хуб набуд ва рафтуомади мардум дар тамоми фаслҳои сол имконпазир намегардид. Аз ин рӯ, диққати ҷиддӣ ба сохтмони роҳҳо равона гардид. «…кишвари кӯҳсори мо дар давоми даҳсолаҳо бинобар набудани роҳ ба се қисмат ҷудо шуда буд ва ҳамасола қариб шаш моҳ гардиши маҳсулоту рафтуомади одамон аз як қисмат ба қисмати дигари мамлакат имкон надошт. Барои бартараф кардани ин мушкилот Ҳукумат аз соли 2000-ум сар карда, стратегияи

махсуси рушди комплекси нақлиётро ба роҳ монд, ки натиҷаҳои онро ҳар як сокини кишвар возеху равшан эҳсос менамояд. Дар ин давра ҷиҳати ҳалли масъалаҳои марбута бо 21 давлати хориҷии дур ва 13 давлати хориҷи наздик созишномаҳои дуҷониба баста шуданд. Ҳамзамон, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти нақлиёти автомобилӣ 12 конвенсия ва созишномаи байналмилалӣ ба имзо расонида шуд, ки ба ҳамлу нақли байналмилалӣ мусоидат намуданд» [3, с. 78-79].

Барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000-ум инҷониб корҳои шоиста анҷом додааст. Зеро барои рушд ва таҳким бахшидани иқтисодиёт зарурати таъмиру тармими роҳҳо, кандани нақбҳо, сохтмони неругоҳҳо ба миён омада буд. Масъалаи бунёдкориву созандагиҳо дар кишвар дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври барҷаста таҷассум ёфтаанд. Дар ин суханрониҳо, аз як тараф, масоили бунёдкорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, аз ҷониби дигар, дурнамои корҳои созандагӣ дар манотиқи гуногуни кишвар муайян гардидааст. Барои бозтоби масоили бунёдкориҳои азим нашрияи «Ҷумҳурият» ҳамчун василаи асосии расондани иттилоъ ва инъикоси раванди корҳои сохтмонӣ дар мамлакат ва ба сифати минбари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарғиби сиёсати бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин масъала хидмати арзанда менамояд. Ба таъбири профессор Мурод Муродӣ, «Ҷумҳурият» бештар масъалаҳои муҳимми рӯзро инъикос мекунад ва дар ин амал аз жанрҳои анъанавии матбуоти тоҷик васеъ истифода мебарад» [6, с. 49].

Нашрияи «Ҷумҳурият» солҳои 2001-2010 ҳафтае се маротиба ба нашр мерасид. Дар он суханрониҳои Президенти кишвар пайваста ба табъ расидаанд. Суханрониҳои Сарвари давлатро, ки дар ин нашрия чоп шудаанд, аз рӯйи мазмуну муҳтаво ва масъалагузорӣ метавон ба 5 қисмат ҷудо намуд:

Якум, Суханрониҳое, ки дар конфронсу симпозиум ва аз минбарҳои бонуфузи байналмилалӣ ироа гардидаанд ва дар онҳо масъалаҳои бунёди сохтмонҳои азим мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Дар ин суханрониҳо муҳиммияти сохтмонҳои азим дар рушди давлатдории миллӣ ва иқтисодии минтақа муҳим баҳогузорӣ шудаанд. Намунаи чунин суханрониҳо инҳоянд: [Ниг: 20; 30; 33; 38; 47; 49; 54; 56; 73; 82; 89; 90; 96].

Дуюм, суханрониҳое, ки бевосита ба раванди иҷрои сохтмонҳои азим бахшида шудаанд. Дар ин суханрониҳо ба таври васеъ ҷараёни корҳои анҷомпазируфта таҳлил ва баҳогузорӣ шудаанд. Дар баробари ин, дар онҳо зина ба зина раванди бунёдкориҳои азим нишон дода мешавад ва муҳиммияти сохтмонҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ба ин гурӯҳ суханрониҳои зеринро метавон шомил кард [Ниг.: 24; 25; 26; 27; 28; 34; 39; 46; 48; 53; 54; 55; 65; 66; 68; 69; 72; 95; 100; 108;110].

Сеюм, суханрониҳое, ки дар паёмҳои табрикӣ, ҷашнҳои миллӣ, мулоқот бо зиёиёни мамлакат, соҳибкорон ва ғайра ироа гардидаанд. Дар чунин суханрониҳо тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла бунёдкориҳои азими мамлакат мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд. Махсусияти ин суханрониҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба таври фарогир ва ҳамаҷониба мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Ба ин гурӯҳ метавон суханрониҳои зеринро дохил намуд: [Ниг.: 18; 19; 32; 36; 37; 40; 41; 42; 44; 50; 51; 52; 57; 58; 59; 60; 62; 70; 72; 74; 78; 79; 80; 81; 83; 84; 85; 86; 93; 99; 105; 107; 109].

Чорум, суханрониҳое, ки дар шаҳру навоҳии мамлакат бо иштироки фаъолону коргарон ба вуқуъ пайвастаанд. Дар суханрониҳои мазкур Президенти мамлакат аз бунёдкориҳои азим, ки дар минтақаҳои гуногун сурат гирифтаанд, сухан ронда, нақши онҳоро дар рушди минтақа ва ҷумҳурӣ муҳим арзёбӣ намудааст. Намунаи чунин суханрониҳо инҳоянд: [Ниг.: 21; 22; 23; 31; 45; 92; 97; 94; 101; 102].

Панҷум, суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқи буҷет ва лоиҳаҳои грантӣ, ки бевосита ба рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла, сохтмонҳои азим нигаронида шудаанд: [Ниг.: 29; 35; 63; 76; 87; 88; 91; 104; 106].

Зимни таҳлилу баррасӣ муайян гардид, ки дар суханрониҳои Президенти кишвар доир ба бунёди неругоҳҳо, тармиму таҷдиди роҳҳо, кандани нақб ва сохтани пулҳо масъалагузориҳо дар алоқамандии ҳамдигар сурат гирифтаанд. Мусаллам аст, ки

сохтмонҳои мазкур барои Ҳукумати Тоҷикистон аҳаммияти баробар дошта, бунёди саривақтии онҳо дар як сатҳ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар аксар суханрониҳо ба масоили мазкур таваҷҷуҳи баробар зоҳир гардидааст. Дар баробари ин, дар қисме аз суханрониҳо, ки бевосита ба сохтмонҳои Пешвои миллат объектҳои мушаххас иртибот гирифтааст, масъалагузориҳо танҳо дар доираи ҳамон сохтмон шакл гирифтааст. Чунин суханрониҳо, ки дар оғоз ва ифтитоҳи неругоҳҳои барқи обӣ, роҳҳо, нақбу пулҳо ироа шудаанд, дорои мавзуи муайян мебошанд.

Тавре ишора рафт, тамоми суханрониҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нашрияи «Ҷумҳурият» ба табъ расидаанд. Суханрониҳои Президенти мамлакат баъд аз чоп дар нашрияи мазкур ба вусъати корҳо такони ҷиддӣ бахшида, ҷараёни сохтмонҳоро оммавӣ намудаанд. Масъалаи сохтмонҳои азим дар суханрониҳои Сарвари давлат аз соли 2001 бештар гардида, таваҷҷуҳи хосса пайдо кардааст. Масъалаҳои сохтмонҳои азим дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, зеро бе бунёди корхонаҳои азим, роҳу пулҳо, нақбу неругоҳҳо наметавон ба пешрафти кишвар мусоидат намуд. Дар ҷаҳони муосир он давлате рушд мекунад, ки барои вусъати фаъолияти ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ имкони мусоид фароҳам меорад. Дар оғози сол нақшаву барномаҳои Ҳукумат барои иҷрои корҳои минбаъда ба тасвиб мерасад ва тамоми талошу заҳмат ба он равона мегардад, ки нақшаву барномаҳо амалӣ карда шаванд. Президенти кишвар низ дар паёмҳои табрикии солинавӣ аз раванди сохтмонҳои азими мамлакат ёдовар мешавад ва дастовардҳои соли пешин аз ҷониби Сарвари давлат дар муқоиса бозгӯ мегардад. Аз ҷумла, дар паёми табрикоти солинавии 2001, ки ба 10-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон рост омад, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз дастовардҳои Тоҷикистон ба таври иҷмолӣ ёдовар шудааст. Дар ин паёми табрикӣ дар баробари таманниёти нек, расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, қабули қонунҳо, таъсиси артиши миллӣ, пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ, вусъати бунёдкориҳои кишвар, ки дар давоми 10 соли соҳибистиқлолӣ анҷом пазируфтаанд, таҳлилу баррасӣ шудаанд. Сарвари давлат «Бунёди роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, роҳи байналхалқии мошингарди Душанбе – Хоруғ – Қулма – Қароқурум, ба истифода дода шудани кони гази Хоҷасартез, ду агрегати неругоҳи барқи обии «Помир-1», фурудгоҳи Кӯлоб, корхонаҳои муштараки «Зарафшон», «Тоҷик-текстайлз», «Оби зулол», «Ҷавонӣ» дар вилояти Суғд, пахши барномаҳои телевизион дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, идомаи сохтмони туннели Анзоб, неругоҳи барқии Сангтӯда ва ғайра» [58]-ро самараи намоёни заҳмати бунёдкоронаи мардуми Тоҷикистон маънидод кардааст.

Дар беш аз 100 суханронии Президенти кишвар, ки дар нашрияи «Ҷумҳурият» ба нашр расидаанд, масоили бунёдкориҳои азими кишвар мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд. Дар оғоз матни суханрониҳои Президенти мамлакат дар нашрияи «Ҷумҳурият» бесарлавҳа ва аз соли 2005 бо гузоштани сарлавҳа интишор шудааст. Гузоштани сарлавҳа ба суханрониҳои Сарвари давлат, аз як тараф, муҳиммияти мавзуи баррасишавандаро бозгӯ кунад, аз ҷониби дигар, диққати хонандаро ба масъалаи асосӣ ҷалб менамояд. Ҳамин аст, ки имрӯз низ дар матбуоти кишвар, махсусан, дар нашрияи «Ҷумҳурият» ба матни суханрониҳои Сарвари давлат сарлавҳа гузошта мешавад. Зеро дар аглаби суханрониҳо вазъи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мавриди таҳлил қарор гирифта, масъалагузорӣ мешавад. Дар масъалагузориҳо андешаи муаллиф бо факту рақамҳо асоснок гардида, таҳлилҳо вусъат пайдо мекунанд. Ҳарчанд суханрониҳо ҷанбаи расмӣ доранд, дар онҳо вазъи иқтисодию иҷтимоии замон ва руҳияи барозандаи сохтмончиён ба таҳлил кашида шудааст.

Сарвари давлат ҳанӯз дар оғози ҳазораи нав нақши сохтмонҳои азимро дар рушди Тоҷикистон муҳим арзёбӣ ва барномаҳои мушаххасро ҷиҳати ин сохтмонҳо пешниҳод намудааст. Бо бунёди неругоҳҳои барқи обӣ, роҳҳо ва кандани нақбҳо метавон аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфт, ба истиқлоли энергетикӣ расид ва ба рушду пешрафт ноил гардид. Иҷрои амалҳои мазкур имкон фароҳам меорад, ки аз як тараф, сатҳи зиндагии мардум беҳтар гардад, аз ҷониби дигар, барои бунёди корхонаҳои азим замина ба вуҷуд ояд ва сармоягузорӣ ҷиҳати таҳвият бахшидани соҳаҳои хоҷагии халқ бештар гардад. Тавре муҳаққиқ Нуралӣ Солеҳов қайд кардааст: «Бар асари сиёсати Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ки ба ваҳдату пайванди тамоми гӯшаву канорҳои республика равон карда шуда буд, бунёди роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, шоҳроҳи Душанбе-Хоруғ-Қароқурум, Ваҳдат-

Ҷиргатол, Душанбе-Чанак оғоз ёфтанд, ки ҳадафи асосии онҳо пайванди шаҳру навоҳии Шимолу Ҷануб ва Ҷанубу Шарқи ҷумҳурӣ ҳисоб меёфт. Табиист, ки бунёди чунин роҳҳои азим сохтмони нақбҳоро низ тақозо мекард, ки зарурати сохтмони нақби Анзоб, Шаҳристон, Шар-Шар ва амсоли инҳо ба миён омад» [14, с. 288].

Соли 2001 барои рушди давлатдории миллӣ саҳифаи нав кушод, дар кишвар фазои мусоид фароҳам оварда шуд. Оғози пешрафту комёбиҳоро дар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, ки ба ин сол рост меояд, ба таври зайл метавон маънидод кард:

Якум, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» ба тасвиб расид, ки дар таърихи давлати тоҷик саҳифаи навро боз намуд. Зеро дар кишваре, ки ҷангу хунрезӣ ҳукмфармост, наметавон аз пешрафту шукуфоиҳо сухан ба миён гузошт. Дар замони муосир ҷангу хунрезӣ дар нукоти гуногуни ҷаҳон ҷараён дорад, ҳазорон нафар куштаву миллионҳо нафар ованаву саргардон гардидаанд. Дар ҷангӣ шаҳрвандӣ дар кишвари мо ҳазорон нафар кушта ва садҳо ҳазори дигар овора шудаанд. Ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» имкон фароҳам овард, ки тадричан мардуми фирориву овора ба Ватан баргарданд ва дар фазои кишвар сулҳу ваҳдат танинандоз гардад.

Дуюм, раванди бунёдкориҳо дар кишвар вусъат ёфт ва ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла, сохтмони неругоҳҳо, роҳҳо ва нақбу пулҳо шуруъ гардид. Зеро бе таъмини аҳолӣ бо неруи барқ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ наметавон дар рушди кишвар қадамҳои устувор гузошт.

Сеюм, қабули қонуну қарор ва барномаҳои дарозмуддат барои вусъати фаъолият дар ҳама бахшҳо ба таври чашмгир ба пешрафти мамлакат такони ҷиддӣ бахшиданд.

Чорум, Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ҳамкориҳоро роҳандозӣ намуд ва маблаггузорӣ дар ҳама бахшҳои хоҷагии халқ вусъат ёфт. Ин омил имкон фароҳам овард, ки кишвари мо дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати рӯ ба рушд ва барои сармоягузорӣ созгору шоиста шинохта шавад.

Масоили бунёдкорӣ ҳамеша ва дар ҳама давру замон дар меҳвар қарор дорад ва дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ бармало таҷассум мегардад. Чунончи, муҳаққиқ М. Муродӣ дуруст дарёфтааст: «Мавзуъ ва масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ дар ҳаёт ҳамеша мавҷуданд. Рӯйдодҳои фараҳбахш, ҷӯшу хурӯши ободкориҳо, кордониву масъулиятшиносии афроди алоҳида дирӯз буданд, имрӯз ҳам ҳастанд ва фардо низ ба вуҷуд хоҳанд омад. Аз ҷумла, дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон корҳои бунёдкориву созандагӣ ранги дигар гирифт, балки ин тадбир ба маслаки асосии давлату ҳукумат табдил ёфт. Раванди бунёдкориҳо аз дарёфти сулҳ, ваҳдати миллӣ, бунёди роҳҳо, пулҳо, кандани нақбҳо шуруъ гардида, бо сохтмони бинои муассисаҳои мактабӣ, истиқоматӣ, иншооти бузург ва ғайра идома меёбад» [8, с. 135].

Хамин тавр, аз соли 2001 дар кишвар тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардидаанд. Тадричан зиндагии мардум рӯ ба беҳбудӣ ниҳод ва баҳри зиндагии шоистаи мардум гомҳои устувор гузошта шуд. Дар ин робита, дар матбуоти даврӣ доир ба дастовардҳои кишвар матолиби зиёде ба нашр расонда шуд. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаи бошукӯҳи таҷлили 10-солагии Истиқлоли давлатӣ иштирок ва суханронӣ намуда, тамоми фаъолият ва корҳои анҷомпазируфтаро дар даҳ соли соҳибистиқлолӣ таҳлил намуда, заминаи асосии рушди мамлакатро ба таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ нисбат дода, афзудааст: «Ба шарофати сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ мо нақшаҳои азими созандагӣ ва бунёдкориҳоро пеш гирифта, қисме аз онҳоро амалӣ намудем. Ва боз даҳҳо ҳадафи бузурги созандагие дар пеш дорем, ки ба даҳсолаҳои оянда нигаронида шудаанд» [77].

Дар идома Сарвари давлат ба масъалаи бунёди неругоҳҳои барқи обӣ, роҳу нақбҳо ва муҳим будани нақши онҳо дар пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар таваҷҷуҳ намуда, моҳияти масъаларо чунин шарҳ додааст:

«Аз рӯйи манбаъҳои умумии захираҳои потенсиалии об ҷумҳурии мо дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ҷойи дуюм қарор дорад. Истеҳсоли умумии қувваи барқ бо истифодаи ҳамаи дарёҳо метавонад 300 миллиард киловатт-соатро ташкил намояд. Дар давоми солҳои истиқлолият ҳар сол 16 миллиард киловатт-соат қувваи барқ истеҳсол карда шуд. Лекин то ба имрӯз мо худро бо неруи барқ пурра таъмин карда наметавонем. Аз ин рӯ, вазифаи асосӣ ва стратегии мо дар ояндаи наздик ба итмом

расонидани Неругоҳи барқии «Сангтӯда», сохтмони неругоҳҳои хурд ва давом додани сохтмони Неругоҳи барқии «Роғун» мебошад» [77].

Тоҷикистон кишвари обҳои мусаффост ва аз рӯйи ин захираи табиӣ дар минтаҚа мавқеи намоён дорад. Аксари обҳои дарёҳои минтаҚа дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбанд ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ барои кишвари мо муҳим буда, ба иқтисоди кишвар такони ҷиддӣ мебахшад. Дар ин суханронӣ бунёди НБО-и «Роғун» барои пешрафти мамлакат аз вазифаҳои афзалиятнок дониста шуда, расидан ба истиқлоли энергетикӣ, бунёди корхонаҳои бузурги саноатӣ ва дигар иншооти муҳим муайян карда шудааст. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз як тараф, барои расидан ба сулҳи комил талош мекард, аз ҷониби дигар, барои пешрафти иқтисоди мамлакат бо ҷалби сармояи хориҷӣ кӯшиш менамуд. Ба таъбири коршиноси масоили экологӣ Ҳасан Асоев, «...об дар садаи XXI ҳамчун омили коргузорӣ шинохта шуда, низоми муносибатҳои минтаҚавию байналмилалиро муайян мекунад. Ҳоло давлатҳои абарқудрат аҳаммияти стратегии обро дар раванди ҷаҳонишавӣ барои тараққиёти ояндаи инсоният хеле нозукона эҳсос намуда, кӯшиш намуда истодаанд, ки дар ин ё он давлат ба туфайли татбиқи барномаҳои гуногун сиёсати хешро амалӣ гардонанд. Тоҷикистон низ дар ин раванд истисно нест» [1, с. 10].

Имрӯз масоили об ба сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфтааст ва он неруи муҳимми давлатҳо маҳсуб меёбад. Бо сабаби хушксолӣ ва норасоии об миёни кишварҳо танишҳои зиёд ба вуҷуд омада истодааст ва ин ҳолат сол то сол зиёд мегардад. Аз ин рӯ, аз як тараф, истифодаи босамари об дар масъалаи таъмини аҳолӣ бо неруи барқ мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, ба василаи он, заминҳои бекорхобида обёрӣ карда мешаванд ва вазъи экологӣ беҳтар мегардад.

Дар суханрониҳои Президенти мамлакат паҳлуҳои гуногуни масоили бунёдкориҳои азим мавриди таҳлил қарор гирифта, нақши онҳо дар рушди давлатдории миллӣ нишон дода мешаванд. Маълум аст, ки сохтмонҳои азим имкон фароҳам меоранд, ки Тоҷикистон ҳамаҷониба тараққӣ кунад, шароити зиндагии мардум беҳтар гардад ва барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқ заминаҳои боэътимод ба вуҷуд ояд.

Дар суханронии Президенти кишвар ба муносибати 10-солагии Тоҷикистони соҳибистиқлол корҳои анҷомёфта дақиқан зикр ва фаъолияти ҳукумат дар ин давраи бисёр ҳам мушкилу хатарзо бозгӯ гардидааст. Дар ин замина Сарвари давлат ҳанӯз соли 1999 қайд карда буд, ки «ба нохун бошад ҳам, бояд аз дили санги хоро роҳро кушоем, то дарвозаи вилояти Суғд, ки дар байни Душанбею Хуҷанд қарор дорад, дар чаҳор фасли сол ба рӯйи мардум кушода бошад. Бигузор падарону модарон ва бародарону хоҳарони мо аз азоби баста шудани роҳ дар давоми шаш моҳи барфрезию тармаҳо раҳоӣ ёбанд. Бигузор дарвозаи Зарафшон ва роҳи мошингарди туннели Анзоб кӯпруки заррине гардад, ки чун давоми силсилаи Шоҳроҳи Абрешим қисмати шимоли мамлакатро бо пойтахти он бипайвандад. Бигузор рафтуои мардум аз шарофати ин роҳ ба чаҳор самти олам ва саросари Тоҷикистон осону бемонеа гардад» [75].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар ҳамин давраи мушкил Президенти кишвар аз ҳамаи имконот ба таври васеъ истифода карда, барои расидан ба ҳадафҳои олии мамлакат талош намудааст. Дар баробари ин, дар ин ва ҳамчунин, суханрониҳои дигар дар назди масъулин ва аҳли ҷомеа вазифаҳо гузоштаву масъалагузориҳо қатъӣ ва ҳалли онҳо яқинан ва бо дилпурӣ баррасӣ мешавад. «Ба итмом расонидани туннели мошингарди Анзоб барои таъмини иртиботи доимии минтаҚаҳои ҷумҳурӣ ва роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Мурғоб-аҒбаи ҚулмаҚ барои вусъати робитаҳои байналхалқии Тоҷикистон аҳамияти бузург дорад. Мо сохтмони неругоҳи барқии Сангтӯда ва туннели Анзобро ба хотири таъмини истиқлолияти иқтисодӣ ва энергетикии кишвар мақсади афзалиятноки худ эълон кардаем. Аз ин рӯ, минбаъд тамоми имкониятҳои худро ба сохтмони иншоотҳои мазкур равона хоҳем кард» [77].

Дар ин суханронӣ як навъ ҳисоботи даҳсолаи Ҳукумат ба аҳли ҷомеа пешниҳод гардида, қадами устувор дар роҳи давлатдории миллӣ гузошта шуд. Дар суханронии соли 2001 Роҳбари давлат бештар ба масоили бунёдкориҳои азими кишвар таваҷҷуҳ намуда, баҳри ҳалли онҳо вазифаҳои мушаххасро ба миён гузоштааст. Ин суханронӣ аз чанд ҷиҳат аҳамият дорад:

Якум, дар он даҳ соли фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, барои ҳалли масъалаҳои бузург вазифагузорӣ шудааст.

Дуюм, вазъи Тоҷикистон ва ҷаҳон таҳлил шуда, нақшаи дурнамои корҳои бузург баён гардидааст.

Сеюм, масоили бунёдкориҳои азим, аз ҷумла, сохтмони неругоҳҳо ва роҳу нақбҳо аз муҳимтарин вазифаҳо дониста шудааст.

Чорум, суханронии мазкур аҳамияти баланди тарғиботӣ дошта, дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири мусбат гузоштааст.

Президенти мамлакат дар суханрониҳои хеш, пеш аз ҳама, масъалаҳои бунёди сохтмонҳои бузурги кишварро баррасӣ намуда, ҷиҳати иҷрои барномаҳои бузург ва ҳадафҳои созанда вазифаҳо мегузорад. Аз ҷумла, дар суханронии худ ба муносибати 5-солагии ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» зикр намудааст: «Ба шарофати сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими рӯзафзуни ваҳдати миллӣ мо ба марҳилаи нави зиндагӣ – давраи аз нав барқарорсозӣ, созандагии Ватан ва ободонии сарзаминамон қадам гузоштем. Танҳо сулҳу оромии ҷомеа ва ваҳдати миллӣ имкон дод, ки мо дар бобати аз буҳрони шадид раҳоӣ бахшидани иқтисодиёти кишвар, таъмини рушди мунтазам ва тадриҷии соҳаҳои гуногун, гузаронидани ислоҳоти иқтисодии ба талаботи замон ва меъёрҳои байналхалқӣ мувофиқ тадбирҳои зарурӣ андешем. Ҳоло мо таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, ҳалли яке аз проблемаҳои ҷиддии иқтисодиётамон – паст кардани сатҳи камбизоатӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакатамонро мақсад ва шиори асосии худ эълон кардаем» [79].

Аз ин нукта бармеояд, ки бузургтарин дастоварди мардуми тоҷик сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмии тамоми қишрҳои ҷомеа мебошад. Маҳз фазои ороми кишвар ҷиҳати вусъати сохтмонҳои азим заминаи мусоид фароҳам овард, ба равнақи тамоми соҳаҳо замина гузошт. Воқеан ҳам, вазъи ноором ва муташанниҷи ҷаҳон мушаххас кард, танҳо он кишварҳое рушд мекунанд, ки дар онҳо сулҳу субот ҳукмфармо бошад. Ба ин маънӣ, пешрафти кишвари мо аз имзои «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» оғоз ёфтааст. Вусъати сохтмонҳои бузург низ аз таъмини сулҳу субот дар кишвар шаҳодат медиҳанд.

Дар аксари суханрониҳои Сарвари давлат нақшаи дурнамои сохтмонҳои азим тарҳрезӣ гардидааст, ки аз вобастагии онҳо бо барномаҳои Ҳукумат шаҳодат медиҳад. Дар суханрониҳо муносибат ба сохтмонҳо воқеъбинона сурат гирифта, дар муҳлати муқарраргардида ба истифода дода шудани иншооти ба нақша гирифташуда таъкид шудааст.

Таҷдиду тармими роҳҳо ва кандани нақбҳо барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат намуда, анҷоми ин сохтмонҳои азим имкон фароҳам меорад, ки кишвари мо ба марҳалаи нав ворид гардад. Дар суханронии мазкур масоили бунёди роҳҳо, ки ба яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ алоқаманд аст, иртибот мегирад. Муҳимтарин нукта он аст, ки соли дақиқи ба истифода додани он зикр мешавад, зеро таъмиру азнавсозии роҳу нақбҳо, ки дар фасли зимистон мушкилоти зиёдро барои мардуми кишвар ба бор меовард, дар мадди назари Президенти кишвар қарор дошт. Таъмини рафтуомади мардум, аз як тараф, ба табодули муносибатҳои гуногун миёни минтақаҳо мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, меҳру муҳаббат ва муттаҳидии тамоми қишрҳои ҷомеаро тақвият мебахшад. Дар баробари ин, Тоҷикистонро ба марҳалаи нави иқтисодӣ ворид мекунад ва ба рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ такон мебахшад.

Аз таҳлилу таҳқиқ бармеояд, ки Президенти кишвар дар аксари суханрониҳои худ ба бунёди сохтмонҳои азим, бахусус, НБО-и «Роғун» махсус таваҷҷуҳ намуда, ду масъаларо ба миён гузоштаанд. Якум, сохтмони мазкур аҳаммияти муҳимми стратегӣ дорад, ки он бояд бунёд гардад. Дуюм, бо бунёди он Тоҷикистон ба бузургтарин кишвари тавлидкунандаи неруи барқ дар минтақа табдил меёбад ва заминаи асосиро барои сохтмони корхонаҳои азими саноатӣ муҳайё месозад.

Паҳлуи дигари фаъолияти Президенти кишвар, сафар ба шаҳру навоҳии мамлакат ва боздид аз сохтмонҳои азим ба ҳисоб меравад. Дар ин сафару боздидҳо Сарвари давлат бевосита ба раванди корҳо шинос гардида, ҷиҳати вусъат бахшидани бунёдкориҳо дастуру супоришҳо медиҳад. Сарвари давлат зимни сафар ба шаҳри Роғун аз НБО-и «Роғун» боздид намуда, нақши онро дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат муҳим арзёбӣ намудааст.

Бунёди НБО-и «Роғун» дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат нақши бориз дошта, бузургтарин неругоҳи барқи обӣ дар ҷаҳон маҳсуб меёбад. Рушди минбаъдаи кишвар ва соҳаи энергетика бе бунёди НБО-и «Роғун» ғайриимкон аст ва иқтидори он, ки 3600 мегаватт аст, на танҳо талаботи Тоҷикистон, балки кишварҳои минтақаро бо неруи барқи аз ҷиҳати табиӣ тоза таъмин менамояд: «Бо бунёди он дар як сол зиёда аз 14 миллиард киловатт-соат неруи барқ истеҳсол мегардад, ки ин дар татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии мо, яъне таъмин намудани истиқлолияти энергетикии кишварамон нақши ҳалкунанда бозида, илова бар ин, имкон медиҳад, ки Тоҷикистони мо ба яке аз давлатҳои асосии тавлидкунандаи барқи нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи минтақа мубаддал гардад» [46].

Таҳлили муқоисавии суханронии Президенти кишвар нишон медиҳад, ки он ҳамчун барномаи амал дар иҷрои ҳадафҳои стратегӣ нақши калидӣ дорад, аз ҷумла, барои расидан ба истиқлоли энергетикӣ. Дар ин раванд зарур аст, ки шаҳрвандон истифодаи оқилона ва сарфакоронаи неруи барқро ба амали ҳаррӯзаи худ табдил диҳанд. Бо дарназардошти торафт коҳиш ёфтани захираҳои ҷаҳонии нафту газ ва пешгӯии коршиносони ҷаҳон, то соли 2025-ум аз се ду ҳиссаи аҳолии ҷаҳон дучори камобӣ мегардад. Дар замони муосир нарасидани оби ошомиданӣ дар ҷаҳон аз мушкилоти умда маҳсуб меёбад ва Тоҷикистон бо татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи энергетика метавонад давлатҳои ҳамсояро бо неруи барқи аз лиҳози экологӣ бехатар ва нисбатан арзон таъмин намуда, истифодаи бонизому самарабахши захираҳои обро ба манфиати онҳо низ ба роҳ монад. Нигаронӣ дар хусуси он ки бунёди иншооти гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон ба бадшавии низоми экологӣ ва камшавии ҷараёни об дар дарёҳо оварда мерасонад, беасос мебошад. Ба таъкиди Сарвари давлат, «... имрӯз танҳо 3-4 фоизи он истифода мегардад. Ба манфиати ҳамаи мардуми минтақа мавриди истифода қарор додани чунин захираи бузурги табиӣ ва имконияти мусоид амали савоб аст. Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистон бунёди неругоҳҳои хурду бузурги барқи обиро самти муҳими фаъолияти худ медонад. Дар ин замина, ҳоло дар кишвар сохтмони неругоҳҳои дигар, аз ҷумла, «Роғун» ва «Сангтӯда-2» низ идома дорад» [55].

Дар оғози соли 2009 аллакай бунёди неругоҳҳо, нақбу роҳҳо бештар гардидааст. Чунончи, дар суханронии Президенти мамлакат: «Дар зарфи як сол мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани се агрегати Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» ва даҳҳо неругоҳи хурд, марказҳои барқу гармидиҳӣ, хатти интиқоли барқи баландшиддати «Лолазор-Хатлон», вусъат ёфтани сохтмони неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», хатти интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол», аз нав оғоз гардидани кор дар сохтмони неругоҳи бузурги Роғун, идомаи сохтмони роҳи мошингарди Душанбе-Чанак, нақбҳои «Истиқлол», «Шаҳристон», «Шар-Шар», оғози марҳалаи сеюми роҳи байналмилалии мошингарди Ваҳдат – Нуробод – Рашт-Саритош ва як қатор иншооти ҳаётан муҳими дигар нишондиҳандаи суръати тоза пайдо кардани раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии давлати мо дар самти таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат мебошанд» [93].

Дар ин ҷода яке аз қадамҳои устувор дар роҳи бунёди сохтмони НБО-и «Роғун» Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми кишвар ҷиҳати хариди саҳмияҳои ин иншооти аср ба ҳисоб меравад. Муроҷиати мазкур тамоми мардуми мамлакатро муттаҳид намуд ва онҳоро дар роҳи татбиқи ҳадафи асосии кишвар – бунёди НБО-и «Роғун» қарор дод. Иншооти зикршуда на танҳо аҳамияти иқтисодӣ дорад, балки ҳамчун заминаи асосии ватандӯстиву худшиносии тамоми мардуми кишвар ба шумор меравад. Президенти кишвар бо дарки воқеияти замон ва зарурати сохтмони мазкур ба мардуми кишвар муроҷиат намуд. Ин муроҷиатнома ҳамчун дастури роҳнамо хидмат карда, дар он зарурати сохтмони НБО-и «Роғун» зикр мешавад. Муроҷиатнома чунин оғоз мегардад:

«Ҳамватанони гиромӣ!

Падарону модарони арҷманд!

Бародарону хоҳарон ва фарзандони азиз!

Ман ба ҳар кадоми шумо дар айёме муроҷиат менамоям, ки мардуми сарбаланди тоҷик ва кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон боз як соли бунёдкориву созандагиро сипарӣ карда, бо нияти нек ва нақшаҳои бузург ба сӯи ояндаи обод қадамҳои устувор мегузоранд ва дар арсаи ҷаҳон мақоми шоистаи худро беш аз пеш таҳким мебахшанд» [27].

Дар Муроҷиатномаи Президенти мамлакат вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, бо эҳсосу иродат ва арқому далоил зарурати бунёди НБО-и «Роғун» бозгӯ гардидааст. Зеро дар замони муосир кишваре рушду такомул меёбад, ки бевосита метавонад ба бунёди корхона ва неругоҳҳои азим таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Дар раванди хеле мураккаб ва пурҳаводиси ҷаҳони муосир на танҳо асолати миллии худро ҳифз намоем, балки бо заҳмати созанда ва содиқонаву софдилона рушди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлати соҳибистиқлоламонро бояд таъмин созем. Шаст фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд ва истифодаи дурусту самараноки ин захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ имкон медиҳанд, ки дар як сол садҳо миллиард киловатт-соат неруи барқ истеҳсол карда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ панҷ фоизи ин сарвати миллиро аз худ кардааст, ки ин омил наметавонад эҳтиёҷоти аҳолӣ ва талаботи соҳаҳои иқтисоди миллиамонро бо неруи барқ қонеъ кунад. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ба хотири сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» тамоми кӯшишу талоши хешро сарф менамояд, ки ин иншооти муҳим ҳар чи зуд сохта, мавриди истифода қарор дода шавад. Аз Муроҷиатномаи Пешвои миллат мардуми тоҷик зарурат ва аҳаммияти ин иншооти сарнавиштсозро бо тамоми ҳастӣ дарк менамояд. Сохтмони ин иншоот барои мамлакати мо тақдирсоз маҳсуб меёбад ва он на танҳо манбаи нуру рӯшної, балки санги маҳаки номуси миллӣ, шарти иқтидору пойдории давлат ва омили асосии таъмини амнияти миллат ва давлати Тоҷикистон аст: «Ман ҳамчун Президенти кишвар ҳамеша ба азму иродаи мардуми шарифи Тоҷикистон такя менамоям. Зеро халқи тоҷикро ҷаҳониён ҳамчун яке аз миллатҳои бостонӣ ва бонангу номус, мардуми хирадманду тамаддунсоз, адолатхоҳу бунёдкор, заҳматкашу ободгар ва шаҳрсозу шаҳрдор мешиносанду эҳтиром мекунанд. Аз ин рӯ, ман итминони комил дорам, ки ҳар фарди Тоҷикистон, яъне, пиру ҷавон чун ҳарвақта бо муҳаббат ва садоқати гарму самимӣ нисбат ба Ватану сарзамини аҷдодӣ, инчунин, бо пуштибонӣ аз манфиатҳои давлату миллат сохтмони неругоҳи Роғунро аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ мекунад» [27].

Муроҷиатномаи мазкур вижагиҳои махсусро доро мебошад. Якум, масъалагузорӣ дар сохтмони НБО-и «Роғун» дар он бо сухан ва вожаҳои муассир сурат гирифтааст. Муроҷиатнома бештар ҷанбаи таҳрикбахшу даъваткунанда дошта, дар он руҳияи замон бармало гардидааст. Дуюм, дар Муроҷиатнома таҳлилу таҳқиқ ва бозтоби воқеияти замон равшан ба мушоҳида мерасад. Сеюм, тарзи суханронӣ бевосита мавзуи муҳимми рӯзро дар бар гирифтааст. Вазифаи публитсистика низ таъсир расондан ба афкори омма ва ба ин васила, ба коре сарҷамъ намудани аҳли ҷомеа мебошад. Муроҷиатномаи Сарвари давлат пафоси баланди ватандӯстона дорад.

Масъалагузориҳое, ки дар суханрониҳои Президенти кишвар пешниҳод шудаанд, ҳалли худро ёфтаанд. Аслан суханрониҳо дар сатҳи расмӣ ироа мешаванд, бо вуҷуди ин, дар онҳо руҳияи замон инъикос гардидааст ва аз ин рӯ, факту рақам ва масъалагузориҳо ба таври эътимодбахш оварда мешаванд. Истифодаи «фактҳои устувор» [12, с. 275] натанҳо аз руҳи баланди иҷтимоии суханрониҳо шаҳодат медиҳад, балки андешаҳои муаллифро асоснок менамоянд. Ба гумони инҷониб, суханрониҳои Президенти мамлакат махсусиятҳои зеринро доро мебошанд:

1. Дар суханрониҳо масъалаҳое гузошта шудаанд, ки иҷрояшон имконпазир буда, дар рушди давлатдории миллӣ ва ворид гардидани Тоҷикистон ба марҳалаи нави иқтисодӣ мусоидат намудаанд.
2. Масъалагузориҳо ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ омӯхта шуда, дар доираи барномарезиҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ ва дар ҳаёти воқеӣ татбиқ гардидаанд.
3. Дар суханрониҳо масъалагузорӣ доир ба сохтмонҳои азим ба такрор зикр мешаванд ва ин омил аз муҳиммияти чунин сохтмонҳо дарак медиҳад.
4. Дар суханрониҳо руҳияи замон ба таври равшан инъикос гардида, ба ҷанбаи публитсистӣ пайдо кардани онҳо мусоидат кардааст.

Шоистаи таъкид аст, сохтмонҳои азиме, ки дар суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр гардидаанд, бо мурури замон мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ин омил аз он шаҳодат медиҳад, ки нақши суханрониҳои Сарвари давлат дар роҳи татбиқи барномаҳои стратегӣ муҳим мебошанд.

Шоистаи таъкид аст, сохтмонҳои азиме, ки дар суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр гардидаанд, бо мурури замон мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ин омил аз он шаҳодат медиҳад, ки нақши суханрониҳои Сарвари давлат дар роҳи татбиқи барномаҳои стратегӣ муҳим мебошад. Аз ҷумла, сохтмони нақбҳои «Истиқлол», «Озодӣ», «Шаҳристон», «Чормағзак», бунёд ва азнавсозии роҳҳои мошингарди Душанбе-Чанақ, Душанбе-Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-Кулма, Душанбе - Саритош, Душанбе-Хоруғ-Қароқурум, Душанбе-Нуробод-Рашт-Саритош, Ваҳдат-Ҷиргатол ва ғайра Тоҷикистонро ба як кишвари транзитӣ табдил дод. Бунёди роҳу нақбҳои мазкур дастовардҳои бузурги кишвар ба ҳисоб рафта, барои баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ нақши муҳим гузоштаанд. Инчунин, сохтмони неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» ва даҳҳо неругоҳи хурду миёна ба пешрафти чашмгири истиқлоли энергетикӣ мусоидат намуд.

Неругоҳи барқи обии «Роғун» бузургтарин неругоҳ дар дарёи Вахш мебошад, ки сохтмони он босуръат идома дорад. Сохтмон дар неругоҳи мазкур соли 1976 оғоз ёфта буд. Иқтидори лоиҳавии НБО-и «Роғун» ба 3600 МВт баробар буда, он аз 6 агрегати 600 МВт ва баландии сарбанди он 335 метр муайян шудааст. Бо талошҳои Президенти мамлакат сохтмони иншооти мазкур 26 сентябри соли 2005 дубора оғоз гардид. Ин неругоҳ дар ҳолати пурра ба кор даромадан дар як сол метавонад 17 млрд кВт-соат неруи барқ истеҳсол кунад. Барои сохтмони он монеаҳои зиёде пушти сар шудаанд ва маҳз бо талошу ибтикорот ва ташаббусҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди ин иншоот вусъати тоза гирифт. 16 ноябри соли 2018 дар вазъияти тантанавӣ чархаи якум ва 9 сентябри соли 2019 чархаи дуюми Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кор даровард, ки саҳифаи нав дар таърихи давлатдории тоҷик мебошад. Имрӯз низ таваҷҷуҳ ба ин неругоҳ бештар гардидааст ва Пешвои миллат мунтазам ба иншооти мазкур сафар намуда, аз ҷараёни корҳо бохабар мегардад. Ҳамин аст, ки дар ин неругоҳ корҳои сохтмонӣ бомаром идома дорад ва он рӯз дур нест, ки 6 чархаи он пурра мавриди истифода қарор мегирад ва сатҳи зиндагии мардум боз ҳам беҳтар гардида, Тоҷикистон ба кишвари саноатӣ табдил меёбад. Зеро татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар аз бунёди НБО-и «Роғун» вобастагии амиқ дорад.

Воқеан, суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки вобаста ба бунёдкориҳои кишвар ироа гардидаанд, бозгӯи онанд, ки кишвари мо марҳала ба марҳала рушду инкишоф меёбад ва ба пешрафтҳои чашмгир ноил мегардад. Суханрониҳое, ки доир ба раванди бунёдкориҳо пешниҳод шудаанд, муҳим ва омӯзанда мебошанд ва дар онҳо марҳалаҳои бунёдкориҳои кишвар зина ба зина инъикос ёфтаанд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мо имкон медиҳад, ки ҷанбаи таърихӣ ва дар заминаи таҳлилу муқоиса ичрои корҳои анҷомпазируфтаро мушаххас намуда, дар асоси омӯзиш масъалаҳои муҳимми бунёдкориҳоро дар суханрониҳои Президенти кишвар аз чанд паҳлу мавриди пажуҳиш қарор диҳем.

Суханрониҳои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи амал ҷиҳати ичрои корҳои бузург буда, раванди бунёдкориҳои кишварро бозгӯ мекунанд. Дар баробари ин, нақши шахсияти таърихӣ ва роҳбари тавонову хирадманд дар онҳо бармало мегардад, ки бо дарки амиқи масоили муҳими замон роҳи дуруст ва пешрафти давлатро муайян менамоянд.

Муқарриз: ***Муродӣ М.Б.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

илмӣ

1. Асоев, Ҳ. Роғун – машъалафрӯзи минтақа. Ҷилди 1 / Ҳ. Асоев. – Душанбе: Дониш, 2018. – 136 с.
2. Ғаффорӣ, В. Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон / В. Ғаффорӣ, З. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2015. – 808 с.
3. Ғаффорӣ, В. Эмомалӣ Раҳмон: «Ман ба шумо сулҳ меоварам» // Эмомалӣ Раҳмон дар оинаи замон / В. Ғаффорӣ, З. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2015. – С. 3-76.
4. Инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷистон дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» (2019-2021). - Душанбе, 2023. – 736 с.
5. Муродӣ, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 224 с.
6. Муродӣ, М. Андар пажуҳиши як нашрия // Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 46-65.

7. Муродӣ, М. Б. Чехранигорӣ ва масъалагузорӣ дар публитсистикаи муосир (Дар мисоли маводи «Садои Шарқ» ва «Адабиёт ва санъат», соли 2013) // Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Б. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 119-131.
8. Муродӣ, М. Тасвири инсони бунёдкор дар публитсистикаи имрӯз // Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 131-144.
9. Муродӣ, М. Таҳлили хулосавии асарҳои публитсистӣ доир ба кандани нақб ва таҷдиди шоҳроҳҳо / М. Муродӣ // Паёмномаи фарҳанг. – № 4– 2022. – С. 82 - 100.
10. Муродӣ, М. Таҳқиқи публитсистии НБО-и Роғун / М. Муродӣ // Паёмномаи фарҳанг. – №2 – 2023. – С. 83 – 95.
11. Мӯсо, Ш. Достони Роғун / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2015. – 360 с.
12. Прохоров, Е. П. Искусство публитцистики: размышления и разборы / Е. П. Прохоров. – Москва, 1984. – 359 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.
14. Салихов, Н.Н. «Нақби Истиқлол» ва проблемаҳои замони муосир / Н. Н. Силихов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. – Душанбе, 2009. – №8. – С. 287-290.
15. Усмонов, И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 139 с.

Манбаъ

16. Ҷумҳурият. – 2001- 2010.
17. [Манбаи электронӣ] www. president.tj
18. Арзиши муҳим ва волои таҷрибаи сулҳи тоҷикон татбиқи ҳадафи бузурги таърихӣ – ваҳдат ва муттаҳидии миллист (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Конфронси байналмилалии илмӣ бахшида ба 10-солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ш. Душанбе, 25 июни соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2007. – 30 июн.
19. Аз соҳибкорӣ то ватандорӣ (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо соҳибкорони мамлакат, 15 январи соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 19 январ.
20. Барномаи ҷалби инвеститсияҳо – қисми таркибии рушди миллии Тоҷикистон (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Анҷумани нахустини иқтисодию тиҷоратӣ, Дубай, 11 апрели соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2007. – 14 апрел.
21. Ба ҳалли проблемаҳои мавҷуда бо ҳисси масъулият, дасту дили пок ва нияти нек муносибат намоем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар мулоқот бо фаъолони вилояти Суғд, 16 июни соли 2007). – Ҷумҳурият. – 19 июн.
22. Ба шарофати Ваҳдати миллӣ корҳои созандагиро вусъат бахшидем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо мардуми ноҳияи Ванҷ, 23 июни соли 2010). – Ҷумҳурият. – 26 июн.
23. Барои таъмини амнияти иқтисодии давлат ва беҳбудии вазъи иҷтимоии аҳолӣ чораҳои иловагӣ андешем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси фаъолони вилояти Суғд доир ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии вилоят, 15 майи соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2008. – 17 май.
24. Бунёди пулҳо Бадахшонро ба дарвозаи тиллоии Тоҷикистон табдил медиҳад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар маросими ба истифода додани пули миёни Тоҷикистону Афғонистон дар ноҳияи Ишкошим, 31.10.2006). – Ҷумҳурият. – 2006. – 4 ноябр.
25. Бунёди зеристгоҳи «Ҷануб-Шимол» натиҷаи сулҳи пойдор мебошад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо сокинони ноҳияи Ғончӣ, 24 июни соли 2009). – Ҷумҳурият. – 27 июн.
26. Бунёди неругоҳи Роғун барои Тоҷикистон зарурати ҳаётӣ мебошад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо сохтмончиёни Неругоҳи барқи обии «Роғун», 28 октябри соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 31 октябр.
27. Бунёди неругоҳи Роғун масъалаи ҳаёту мамоти давлати Тоҷикистон аст! (Мурочиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон, 05. 01. 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 7 январ.
28. Бунёди нақби Чормағзак ба эҳёи Шоҳроҳи Абрешим мусоидат менамояд (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими оғози сохтмони нақби Чормағзак, 15 марти соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 18 март.
29. Вазифаҳои асосӣ – рушди сифатан нави иқтисодию иҷтимоӣ (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар ҷаласаи васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2006 ва вазифаҳои минбаъдаи Ҳукумати Тоҷикистон, Душанбе, 31 январи соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2007. – 3 феврал.
30. Вақти ислоҳоти куллии Созмони ҳамкории иқтисодӣ расидааст (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар дар вохӯрии сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ, шаҳри Теҳрон, 11 марти соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 14 март.
31. Ваҳдати миллӣ дар бақои давлати Тоҷикистон нақши ҷовид гузошт (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо мардуми ноҳияи Дарвоз, 23 июни соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 26 июн.
32. Даҳ соли ризоят ва пешрафтҳо (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои ҷамъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи навбатии Шурои ҷамъиятӣ, ш. Душанбе, 7 апрели соли 2023). – Ҷумҳурият, 2006. – 11 апрел.
33. Дар Осиёи Марказӣ ба кӯшишҳои рақобати носолим ва худписандии носолим роҳ намедиҳем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси шашуми

вазирони мамлакатҳои иштирокдори Барномаи ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ, 3 ноябри соли 2007, ш. Душанбе). – Ҷумҳурият. – 2007. – 8 ноябр.
34. Дастатон дардро набинад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону кормандони муҳандисиву техникии сохтмони Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», 27 июли соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 31 июл.
35. Заминаи устувор барои низоми самараноки рушди иқтисодӣ ба вуҷуд оварем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Ҳукумат оид ба лоиҳаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2008, 28 сентябри соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2007. – 2 октябр.
36. Зиёиён парчамбардорони илму маърифатанд (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат (Душанбе, 18 марти соли 2006). –Ҷумҳурият, 2006. – 21 март.
37. Зиндагии шоистаро фароҳам оварем (Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба муносибати фарорасии Соли нави 2007, ш. Душанбе, 31 декабри соли 2006). – Ҷумҳурият. – 2007. – 4 январ.
38. Иқдоми муҳим дар вусъати ҳамкориҳо (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар конференсияи инвеститсионӣ бо иштироки сармоягузорон аз кишварҳои аъзои Бонки исломии рушд). – Ҷумҳурият. – 2003. – 27 сентябр.
39. Ин пул рисолати муҳими пайвандсозиро бар дӯш мегирад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар маросими расмии оғози бунёди пули «Панҷи Поён – Бандари Шерхон» бандари Шерхон, 18 июни соли 2005). – Ҷумҳурият. – 2005. – 21 июн.
40. Истиқлолият ҷавҳари асосии зиндагии миллат аст (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Душанбе, 8 сентябри соли 2005). – Ҷумҳурият. – 2005.– 15 сентябр.
41. Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ муқаддасоти ҷовидонӣ мебошанд (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 17-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 8 сентябри соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2008. – 11 сентябр.
42. Истиқлолияти Тоҷикистон дар умқи таърихи куҳанбунёдамон реша дорад (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 19-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Душанбе, 8 сентябри соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 9 сентябр
43. Ин танҳо оғози кор аст (Ҷавобҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба саволҳои мухбирони Ширкати телевизионии «Феникс»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин, Шанхай, 15 июни соли 2006). – Ҷумҳурият. – 2006. – 22 июн.
44. Иҷлосияи тақдирсози XVI – сароғози таърихи навини мо (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана бахшида ба 15-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, Қасри Арбоб, 16 ноябри соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2007. – 20 ноябр.
45. Корҳои ободониву созандагиро вусъат бахшем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолони вилояти Хатлон, 10 июни соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 13 июн.
46. Маблағгузории Неругоҳи барқи обии Роғун торафт меафзояд (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо роҳбарон ва фаъолони шаҳри Роғун, 30 майи соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2008. – 3 июн.
47. Мардуми Тоҷикистон ҳаққи зиндагии шоиста дорад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими муаррифӣ/чошти корӣ «Ҳадафҳои ҳазорсола: дастовардҳои Тоҷикистон» Ню-Йорк, 20 сентябри соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 25 сентябр.
48. Мардум ба истифода супурдани Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2»-ро бесаброна интизоранд (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими оғози бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», 28 ноябри соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 30 ноябр.
49. Минтақаро бо неруи барқи арзон таъмин намоем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Конфронси дуввум оид ба фурӯши неруи барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ. – Ҷумҳурият. – 2006. – 31 октябр.
50. Мо бояд аз робитаҳои дӯстона, ҳамзистии мусолиматомез ва гуфтугӯи тамаддунҳо ҳарф занем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси бошукӯҳ ба ифтихори 16-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 800-умин солгарди зодрӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, шаҳри Душанбе, 8 сентябри соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2007. – 13 сентябр.
51. Мушкилоти рӯзгори мардумро осон ва мавқеи байналмилалии Тоҷикистонро боз ҳам мустаҳкам гардонем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, шаҳри Душанбе, 20 марти соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2007. – 27 март.
52. Наврӯз барои миллати мо ҷашни муқаддас аст (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли зиёи мамлакат, шаҳри Душанбе, 19 марти соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2008. – 20 март.
53. Нақби Шар-Шар «Озодӣ» ном гирифт (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани нақби Шар-Шар ва оғози навсозии роҳи мошингарди Душанбе – Ваҳдат – Данғара, 30 августи соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 1 сентябр.
54. Неруи бузурги табиат дар хидмати инсон (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар маросими бастани маҷрои дарёи Вахш, Сангтӯда, 15 декабри соли 2006). – Ҷумҳурият. – 2006. – 23 декабр.

55. Неругоҳ вазъи таъмини барқро беҳтар менамояд (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани агрегати сеюми НБО-и «Сангтӯда-1»). – Ҷумҳурият. – 2008. – 11 ноябр.
56. Об – сарчашмаи ҳаёт (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар Форуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои оби тоза). – Ҷумҳурият. – 2003. – 2 сентябр.
57. Ободии Тоҷикистони соҳибистиқлолро таъмин менамоем (Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии Соли нави 2010-и милодӣ, 31 декабри соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2010. – 5 январ.
58. Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов ба муносибати фарорасии соли 2001 ва ҳазораи нав. – Ҷумҳурият. – 2001. – 4 январ.
59. Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба муносибати Соли нави 2004 (31 декабри соли 2003). – Ҷумҳурият. – 2003. – 31 декабр.
60. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба муносибати Соли нави 2005 (шаҳри Душанбе, 31 декабри соли 2004). – Ҷумҳурият. – 2005. – 3 январ.
61. Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов ба муносибати Соли нави 2006 (шаҳри Душанбе, 31 декабри соли 2005). – Ҷумҳурият. – 2006. – 2 январ.
62. Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба шарафи таҷлили 15-солагии истиқлолият ва Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ дар варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе (9. 09. 2006). – Ҷумҳурият. – 2006. – 14 сентябр.
63. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2007-ум ва вазифаҳо барои соли 2008 (26.01.2008, шаҳри Душанбе) / Э. Раҳмон. – www.president.tj
64. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар ҷашни 13-умин солгарди Рӯзи ваҳдати миллӣ (27.06.2010, шаҳри Хоруғ) / Э. Раҳмон. – www.president.tj
65. Роҳ пайвандгари қалбҳову марзҳо ва оину фарҳангҳост (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба муносибати оғози марҳалаи дуюми таҷдиди роҳи автомобилгарди «Душанбе – Саритош», 27 июни соли 2006, ноҳияи Рашт). – Ҷумҳурият, 2006. – 1 июл.
66. Роҳсозиву роҳкушои – нишонаи рушди Тоҷикистон (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба ифтитоҳи бунёди нақби мошингарди Шаҳристон, 22. 08. 2006). – Ҷумҳурият. – 2006. – 26 август.
67. Роҳи оҳани Душанбе – Қӯрғонтеппа ҷузъи шоҳроҳи қаторгарди Чин – Тоҷикистон – Афғонистон – Эрон хоҳад шуд (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими оғози сохтмони роҳи оҳани Душанбе –Қӯрғонтеппа, ноҳияи Ваҳдат, 19 марти соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 21 март.
68. Рушди ноҳияҳои кӯҳистон самти афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон аст (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо роҳбарону фаъолон ва сокинони ноҳияи Тоҷикобод ба муносибати оғози марҳалаи сеюми роҳи мошингарди Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош, 3 октябри соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2008. – 7 октябр.
69. Рушди соҳаи энергетика аз самтҳои асосии сиёсати давлат мебошад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими гузоштани хишти аввали Маркази нави барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе, 8 сентябри соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 15 сентябр.
70. Сарҷамъии миллат шаҳсутуни кохи муҳташами истиқлолият мебошад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати рӯзи Истиқлолияти давлатӣ, 7 сентябри соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 12 сентябр.
71. Сохтмони Неругоҳи Роғун ҳамкориҳои Тоҷикистону Русияро ба сатҳи сифатан нав мебарорад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар маросими оғози дубораи сохтмони НБО-и «Роғун», ш. Роғун, 26 сентябри соли 2005). – Ҷумҳурият. – 2005. – 1 октябр.
72. Соҳибкорон метавонанд баҳри таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва рушди иқтисоди Тоҷикистон саҳм гиранд (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо соҳибкорон, шаҳри Душанбе, 25 декабри соли 2007). – Ҷумҳурият. – 27 декабр.
73. Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар бунёди иқтисоди солими минтақавӣ нақши калидӣ дорад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоиши 11-уми Созмони ҳамкории иқтисодӣ, шаҳри Истамбул, 23 декбари соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 30 декабр.
74. Сулҳу ваҳдат – бахти миллат (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар маросими таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 27 июни соли 2006, ноҳияи Рашт). – Ҷумҳурият, 2006. – 29 июн.
75. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ҳангоми оғози сохтмони туннели Анзоб, 20 майи соли 1999. – Ҷумҳурият. – 1999. – 23 май
76. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23 августи соли 2001). – Ҷумҳурият. – 2001. – 25 август.
77. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов бахшида ба 10-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (08.09.2001, шаҳри Душанбе). – Ҷумҳурият. – 2001. – 11 сентябр.
78. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат (Душанбе, 20 марти соли 2002). – Ҷумҳурият. – 2002. – 26 март.
79. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба муносибати 5-солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (26.06.2002, шаҳри Душанбе). – Ҷумҳурият. – 2002. – 30 июн.

80. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар маҷлиси ботантана ба ифтихори 11-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 10-умин солгарди Анҷумани тоҷикон ва форсизабонни ҷаҳон (Душанбе, 8 сентябри соли 2002). – Ҷумҳурият. – 2002. – 11 сентябр.
81. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов ба муносибати даҳумин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (15 ноябри соли 2002). – Ҷумҳурият. – 2002. – 19 ноябр.
82. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар Конференсияи байналмилалии сулҳ ва ризоият (Алмаато, 13 феврали соли 2003). – Ҷумҳурият. – 2003. – 18 феврал.
83. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (ш. Душанбе 20 марти соли 2004). – Ҷумҳурият. – 2004. – 25 март.
84. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба муносибати Рӯзи Ваҳдат (ш. Душанбе, 26 июни соли 2004). – Ҷумҳурият. – 2004. – 30 июн.
85. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (08.09.2004, шаҳри Душанбе). – Ҷумҳурият. – 2004. – 10 сентябр
86. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба муносибати 80-солагии таъсисёбии пойтахти Тоҷикистон (Душанбе, 19 ноябри соли 2004). – Ҷумҳурият. – 23 ноябр.
87. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати сеюм, шаҳри Душанбе, 17 марти соли 2005). – Ҷумҳурият. – 2005. – 19 март.
88. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар бораи ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ (ш. Душанбе, 17 декабри соли 2005). – Ҷумҳурият. – 2005. – 20 декабр.
89. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар мулоқоти роҳбарони ҳайатҳои «мамлакатҳои озмоишӣ» бахшида ба проблемаҳои ба даст овардани Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар Тоҷикистон (Ню – Йорк, 13 сентябри соли 2005). – Ҷумҳурият. – 2005. – 24 сентябр.
90. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар мулоқоти дуввуми байналмилалӣ аз рӯи масъалаи дар амал татбиқ намудани барномаҳои сохта ба истифода додани иншоотҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 16 январи соли 2006). –Ҷумҳурият. – 2006. – 19 январ.
91. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2005-ум ва вазифаҳои минбаъдаи Ҳукумати Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, 30 январи соли 2006). –Ҷумҳурият. – 2006. – 2 феврал.
92. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии вилояти Хатлон дар нуҳ моҳи соли 2007-ум ва вазифаҳои минбаъда (ш. Қӯрғонтеппа, 16 октябри соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2007. – 18 октябр.
93. Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии Соли нави 2009-уми милодӣ (31 декабри соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2009. – 6 январ.
94. Таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар ба масъалаи ҳаёт ва мамоти давлати тоҷикон табдил ёфтааст (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо роҳбарон ва фаъолонои ноҳияи Ёвон, 1 майи соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2008. – 6 май.
95. Тақвияти суннати бузурги дӯстиву бародарӣ (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба оғози сохтмони Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», 20 феврали соли 2006). – Ҷумҳурият. – 2006. – 23 феврал.
96. Тоҷикистон намегузорад Осиёи Марказӣ аз об танқисӣ кашад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии намояндагони воломақоми мамлакатҳои ҷаҳон бахшида ба таҳлили миёнамуҳлати ҷараёни иҷрои тадбирҳои Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2010, шаҳри Душанбе, 8 июни соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 10 июн.
97. Тоҷикистон ба сӯи ҷомеаи демократӣ қадамҳои устувор мегузорад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи роҳбарон ва фаъолони вилояти Суғд, 11 июли соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 15 июл.
98. Тоҷикистон бо номи Рӯдакиву Туғрал ифтихор дорад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо мардуми ноҳияи Айнӣ ҳангоми гузоштани санги асоси зеристгоҳи Хуҷанд-Айнӣ, 08 июли соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 10 июл.
99. Фарҳанги сулҳ волотарин дастоварди миллати тоҷик мебошад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов ба муносибати Рӯзи ваҳдат ва ифтититоҳи муҷассами устод Рӯдакӣ дар шаҳраки Сомониён, ноҳияи Рӯдакӣ, 27 июни соли 2005). – Ҷумҳурият. – 2005. – 30 июн.
100. Ҳадафи асосӣ аз бунбасти коммуникатисионӣ раҳоӣ додани Тоҷикистон аст (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози сохтмони нақби Шар-Шар. – Ҷумҳурият. – 2006. – 24 октябр.
101. Ҳадафи ниҳоии сиёсати давлатии Тоҷикистон таъмини зиндагии шоистаи мардум аст (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар маҷлиси фаъолони ВМКБ (Хоруғ, 31. 10. 2006). – Ҷумҳурият. – 2006. – 4 ноябр.
102. Ҳадаф – таъмини рушди устувори ҳамаи соҳаҳои Бадахшон (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи роҳбарон ва фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доир ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии вилоят ва вазифаҳо барои солҳои оянда, 20 июли соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2008. – 20 июл.
103. Ҳаёт тақозо дорад, ки аз захираву имкониятҳои энергетикӣ оқилона истифода барем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба вазъи соҳаи энергетикаи кишвар ва вазифаҳои минбаъда доир ба рушди он, шаҳри Душанбе, 17 июни соли 2008). – Ҷумҳурият. – 2008. – 19 июн.

104. Ҳукумат вазифадор аст, ки таъсири манфии молиявии ҷаҳониро ба иқтисодиёти Тоҷикистон бозҳорад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натичаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2008-ум ва вазифаҳо барои соли 2009, аз 16 январи соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 20 январ.
105. Чун гавҳараки чашм эҳтиёт намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вазифаи ҷониву имонии ҳар як шаҳрванди равшандилу солимфикри Тоҷикистон мебошад (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба ифтихори 10-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ш. Душанбе, 26 июни соли 2007). – Ҷумҳурият. – 2007. – 30 июн.
106. Ҷашни 20-солагии истиқлолро бо дастовардҳои шоиста истиқбол намоем (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натичаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2009-ум ва вазифаҳо барои соли 2010, ш. Душанбе, 30 январи соли 2010). – Ҷумҳурият. – 2010. – 2 феврал.
107. Ҷомеа ва рисолати зиёӣ (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар, шаҳри Душанбе, 20 марти соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 21 март.
108. Шабакаи ягонаи энергетикии Тоҷикистон муборак бошад! (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани хатҳои баландшиддати интиқоли барқ дар вилояти Суғд, 29 ноябри соли 2009). – Ҷумҳурият. – 2009. – 3 декабр.
109. Шукри истиқлолияти давлатӣ, шукри сулҳу ваҳдати миллӣ (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар маҷлиси тантанавӣ бахшидаба 15-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, Душанбе, 8. 09. 2006). – Ҷумҳурият. – 2006. – 14 сентябр.
110. Эмомалӣ Раҳмон: «Ҳамкории бародарона барқарор мегардад» (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани НБО-и «Сангтӯда-1»). – Ҷумҳурият. – 2009. – 4 август.

МАСЪАЛАГУЗОРИҲО ДОИР БА СОХТМОНҲОИ АЗИМ ДАР СУХАНРОНИҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР

(дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият», солҳои 2001-2010)

Дар мақола суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба сохтмонҳои бузурги кишвар, аз ҷумла, кандани нақбҳо, бунёду таҷдиди роҳу пулҳо ва сохтмони неругоҳҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Зимни таҳқиқу омӯзиши суханрониҳои Сарвари давлат, ки дар саҳифаҳои нашрияи «Ҷумҳурият» ба нашр расида, ҳамчун неруи таҳрикбахшу пешбарандаи бунёдкориҳои азим дар мамлакат гардидаанд, маълум мешавад, ки раванди бунёдкорӣ дар кишвар баъд аз соли 2000-ум вусъати тоза пайдо карда, таваҷҷуҳи асосӣ барои баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва расидан ба истиқлоли энергетикӣ равона шудааст. Барои расидан ба ҳадафҳои бузург Сарвари давлат мунтазам дар суханрониҳои худ ба ин масоил таваҷҷуҳ намуда, дар онҳо ба таври дақиқ анҷом додани сохтмонҳои бузургро нишон додааст. Дар ин миён собит мегардад, ки нақши ВАО, аз ҷумла, матбуот бузургу мондагор аст, зеро он ҳамчун минбари расондани иттилоъ ва мубодилаи афкор хидмат менамояд. Нашрияи «Ҷумҳурият» таърихи зиндаи миллати тоҷик маҳсуб ёфта, раванди бунёдкориҳои кишварро ба таври фарогир инъикос намудааст. Аз ҷумла, ин нашрия суханрониҳои Президенти мамлакатро пайваста интишор менамояд. Дар маҷмуъ, тӯли 10 сол дар беш аз 100 суханронии Президенти кишвар доир ба сохтмонҳои азим масъалагузорӣ ва мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шудаанд. Суханрониҳои Президенти мамлакат аз ҷиҳати масъалагузорӣ ҷанбаи публитсистӣ доранд, зеро дар онҳо руҳияи замон, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва оҳангҳои таъсир расондан ба афкори омма бармало ба мушоҳида мерасанд. Дар баробари ин, суханрониҳо дар замоне сурат гирифтаанд, ки бояд дар ҳамон вақт ва мавқеъ пешниҳод мегардиданд ва онҳо тавонистанд мардумро ба раванди сохтмонҳои азим даъват, масъулин ва сохтмончиёнро вазифадор намоянд, ки дар иҷрои корҳо фаъол бошанд. Ҳамчунин, нақши суханрониҳо дар иҷрои сохтмонҳои азим муҳим ва муассир мебошанд. Зимни таҳқиқ муайн гардид, ки дар асоси суханрониҳо маъалагузориҳо марбут ба сохтмонҳои азим ва барномаи Ҳукумат тавонист ба пешрафти чашмгир ва расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат кунад. Масъалагузориҳое, ки дар суханрониҳо зикр шудаанд, пурра амалӣ гардидаанд, ки аз нақшу қобилияти бузургу нодири Президенти мамлакат шаҳодат медиҳанд. Маҳз аз суханрониҳои Сарвари давлат, аз як тараф, доир ба сохтмонҳои азим маълумот ба даст меояд, аз ҷониби дигар, дурнамои рушду пешрафти мамлакат нишон дода мешавад. Дар баробари ин, суханрониҳои мазкур як давраи таърихи рангини давлатро бозгӯ намуда, махсусияти илмию публитсистӣ ва таърихӣ доранд. Дар асоси омӯзиш муайян гардид, ки дар солҳои 2001-2010 дар аксари суханрониҳо ба раванди сохтмонҳои азим таваҷҷуҳ шуда, ки дар пешрафту рушди мамлакат нақши муассир гузоштаанд ва дар ин миён рӯзномаи «Ҷумҳурият» хидмати босазо намудааст.

Калидвожаҳо: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, суханронӣ, матбуот, нашрияи «Ҷумҳурият», публитсистика, омӯзиш, сохтмонҳои азим, нақбҳо, неругоҳҳо, масъалагузорӣ, таҳлил, таҳқиқ, баррасӣ, муқоиса, нақши шахс.

РЕСТАВРАЦИИ ЗДАНИЙ В ВЫСТУПЛЕНИЯХ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

(на примере издания «Джумхуриат», 2001-2010 годы)

В данной научной статье рассмотрена плодотворная деятельность Основателя национального мира и единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, достопочтенного Эмомали Рахмана по основным строительным работам страны, анализировались и обсуждались вопросы строительства и

реконструкции дорог и мостов, строительства электростанций. В ходе исследования и изучения выступлений главы государства, которые были опубликованы на страницах издания «Джумхурият» и стали движущей силой великих строек в стране, становится ясно, что строительный процесс в стране пошел на спад, затем получил новый подъем после 2000 года, и основной интерес к нему был направлен на выход из коммуникационного тупика и достижение энергетической независимости. Во имя достижения великих целей Глава государства регулярно обращал внимание на эти вопросы в своих выступлениях, отличая в них завершение великих строек. Между тем доказано, что роль средств массовой информации, в том числе и прессы, велика и неутомима, поскольку эти СМИ служат площадкой для информации и обмена мнениями. Издание «Джумхурият» считается живой историей таджикского народа и, являясь всеобъемлющим зеркалом строительства страны, всесторонне отражает строительный процесс. В статье подвергнуты всестороннему анализу выступления Президента страны, опубликованные на страницах издания «Джумхурият», и ориентированные на конструктивные вопросы (2001-2010 годы) а также роль Главы государства в ходе огромного строительства исследована шаг за шагом. Всего за 10 лет в более чем в 100 выступлениях Президента страны обсуждались вопросы огромных строек. Выступления Президента страны имеют важное значение с точки зрения решения проблем, поскольку в них отражены настроения времени, социально-экономическая ситуация и влияние на общественное мнение. В то же время речи Президента смогли мобилизовать народ на завершение массовых строек, обязывали чиновников и строителей, которые помогали в реализации работ. Также велика роль выступлений при выполнении огромных строек. В ходе расследования было установлено, что на основе выступлений, докладов, связанных с масштабными стройками и правительственной программой, был достигнут заметный, прогресс в решении стратегических целей страны - выхода из коммуникационного тупика, достижения энергетической независимости и обеспечения продовольственной безопасности. Затронутые в выступлении вопросы реализованы в полной мере, что свидетельствует о большой роли выступлений. Именно в выступлениях Главы государства, с одной стороны, дается информация об огромных стройках, с другой стороны, показаны перспективы развития и прогресса страны. В то же время эти выступления отражают период красочной истории государства и имеют научную, публицистическую и историческую направленность. На основе исследования установлено, что в 2001-2010 годах в большинстве выступлений Президента внимание уделялось процессу огромных строек, они сыграли эффективную роль в прогрессе и развитии страны, что было отражено на страницах Газеты «Джумхурият».

Ключевые слова: Президент Республики Таджикистан, речь, пресса, издание «Джумхурият», журналистика, образование, огромные сооружения, тоннели, ГЭС, дороги, мосты, анализ, исследование, обзор, сравнение, роль личности.

RESTORATION OF HUGE BUILDINGS IN THE SPEECHES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

(In the example of the «Jumhuriyat»publication, 2001-2010)

In this scientific article, the speeches of the founder of peace and national unity - the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, the honorable Emomali Rahman, regarding the country's major constructions, including the digging of tunnels, the construction and reconstruction of roads and bridges, and the construction of power plants, have been analyzed and discussed. During the research and study of the speeches of the Head of the State, which were published in the pages of the «Republic» publication and became the driving force of the great constructions in the country, it became clear that the construction process in the country gained a new expansion after 2000, and the main interest for aimed at getting out of the communication deadlock and achieving energy independence. In order to achieve great goals, the Head of State has regularly paid attention to these issues in his speeches, and has shown the precise completion of major constructions. In the meantime, it is proven that the role of the mass media, including the press, is great and tireless, because it serves as a platform for providing information and exchanging opinions. The publication «Jumhuriyat» is considered the living history of the Tajik nation and comprehensively reflected the process of the country's development. Among other things, this publication regularly publishes the speeches of the President of the country. In total, over 10 years, in more than 100 speeches of the President of the country, the issue of huge constructions has been raised and discussed. The speeches of the President of the country have a journalistic aspect in terms of problem-solving, because in them the mood of the time, the social and economic situation and the tones of influence on public opinion can be observed. At the same time, the speeches were made at a time when they should have been presented at the same time and place, and they were able to invite the people to the process of massive constructions, to oblige officials and builders to be active in the implementation of works. Also, the role of speeches in the implementation of huge constructions is important and effective. During the investigation, it was determined that based on the speeches, the reports related to the huge constructions and the government program were able to contribute to the remarkable progress and the achievement of the strategic goals of the country - getting rid of the communication deadlock, achieving energy independence and ensuring food security. The issues mentioned in the speeches have been fully implemented, which testify to the great and unique role of the President of the country. It is from the speeches of the Head of State that, on the one hand, information is obtained about huge constructions, on the other hand, the prospects of the country's development and progress are shown. At the same time, these speeches recount a period of the colorful history of the state and have a scientific, publicistic and historical specialty. Based on the study, it was determined that in the years 2001-2010, in most of the speeches, attention was paid to the process of huge constructions, which played an effective role in the progress and development of the country, and in the meantime, the newspaper «Jumhuriyat» served well.

Key words: President of the Republic of Tajikistan, speech, press, «Jumhuriyat» publication, journalism, education, huge constructions, tunnels, power plants, problem solving, analysis, research, review, comparison, role of the person.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Охунзода Насруддин*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., ассистент, кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроғa:** 734064, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: (**+992) 93-100-45-00**

Сведение об авторе: ***Охунзода Насруддин*** **–** Таджикский национальный университет, к.ф.н., ассистент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734064, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-100-45-00**

Information about the author: ***Okhunzoda Nasruddin*** **-** Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Assistant at the Department of International Journalism. **Address:** 734064, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki, Ave., 17. Phone: **+992 93-100-45-00**

ТДУ: 070 (575.3)

ҶОЙГОҲИ “ТРЭВЕЛИНГ-ЖУРНАЛИЗМ” ДАР ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Сухроби Мирзоалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Журналистикаи байналхалқӣ давра ба давра ташаккул ёфта, гуногунпаҳлу гардида, аз ҷиҳати фарогирии мавзуъ ва масъалаҳои он нисбат ба дигар соҳаҳои ҳамрадиф ба он васеътар гашт. Ҳарчанд журналистикаи байналхалқии муосир бештар хусусияти универсалӣ дошта, навигариҳои тамоми соҳаҳо ва мавзуъҳоро инъикос намояд ҳам, инчунин ба соҳаҳои алоҳида низ ҷудо мегардад. Ба ибораи дигар, инъикоси авзои ҷаҳон ва навигариҳои гуногун хосси журналистикаи ахбории байналхалқӣ аст, аммо журналистикаи соҳавӣ низ дар ҳавзаи журналистикаи байналхалқӣ хеле рушд намудааст. Фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ ва сомонаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, фароғатӣ ва амсоли он далели ин андеша мебошад.

Журналистикаи сайёҳӣ яке аз самтҳои ояндадори журналистика ба шумор меравад ва он ба журналистикаи байналхалқӣ алоқамандии зич дошта, яке аз шохаҳои рушдёбандаи онро ташкил медиҳад. Таваҷҷуҳ ба ягон соҳа ё масъала аз тарафи ВАО беҳуда набуда, дар заминаи нақшаи муайян ва аҳдофи муассисон роҳандозӣ мегардад. Қабл аз он ки ба саволҳои: «Чаро дар журналистикаи байналхалқӣ ба соҳаи сайёҳӣ рӯоварданд? Ва» Чӣ журналистони байналхалқиро ба инъикос ва тарғиби сайёҳӣ водор намуд? ҷавоб ҷустан, зарур медонем назаре ба соҳаи сайёҳӣ намоем.

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои сердаромадтарини ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад ва барои баъзе давлатҳо манбаи асосии даромад гаштааст. Аз ин рӯ, давлатҳо талош доранд, ки соҳаи сайёҳиро рушд намуда, сафи сайёҳонро ба кишварашон афзоиш диҳанд. Аслан ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI таҳаввулоти сиёсии олам пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва густариши ҷаҳонишавӣ, бахусус вусъат ёфтани доираи фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар тамоми олам такони ҷиддӣ бахшид. Иттиҳоди Шуравӣ давлати пӯшида ба шумор мерафт, зеро омаду рафти сайёҳони хориҷӣ ба ин давлат мушкил буд ва сафари сайёҳони дохилӣ ба хориҷа сахт назорат мешуд. Новобаста ба талаботи зиёд матбуоти сайёҳӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ кам буда, мувофиқ ба идеологияи шуравӣ амал карда, оламро якҷониба инъикос менамуд ва дар хусуси аҷоибот ва пешравии кишварҳои дигар хеле кам мавод нашр мекард. Ба андешаи муҳаққиқи рус Юлия Ростовская “чунин холигоҳро маҷаллаи “Вокруг Света” кӯшиши пурра намуданро дошт, ки бештар ба саёҳатҳои байналхалқӣ нигаронида шуда буд” [10, с. 38].

Ҳоло давлатҳо ба хотири беҳтар намудани имиҷи байналхалқии кишварашон ва ширкатҳои сайёҳӣ барои рушди тиҷорат ба ҳамкории бештар бо ВАО-и байналхалқӣ рӯ оварданд. Зеро то кадом андоза инъикос гаштани имкониятҳо ва захираҳои сайёҳии олам дар расонаҳои байналхалқӣ ба пешрафти соҳа таъсири бузург мерасонад.

Муҳаққиқони рус дар пайравӣ ба муҳаққиқони ғарбӣ журналистикаи сайёҳиро “Трэвел-журналистика” меноманд, зеро дар доираҳои касбӣ чунин истилоҳро қабул карда буданд. Ба назари муҳаққиқи рус Кривсов Н. В. “мафҳуми аз забони англисӣ гирифташуда кӯтоҳ ва фаҳмо аст” [7, с. 349].

“Трэвел-журналистика”, яъне журналистикаи сайёҳӣ ба журналистикаи соҳавӣ дохил мешавад. Дар журналистикаи сайёҳӣ журналист асосан атрофи сафарҳояш, мавзеъҳои сайёҳӣ, вазъият ва дурнамои соҳаи мазкур ба аудитория мавод омода менамояд. Истифодаи унсурҳои дигар илмҳо низ дар журналистикаи сайёҳӣ ба назар мерасад ва ҳиссаи донишҳо ва маълумоти илмӣ вобаста ба он аст, ки мавод ба кадом самт равона гардидааст. Агар маводи журналист ба таърихи пайдоиши ин ё он мавзеъ бахшида шуда бошад, пас дар чунин мавод маълумоти таърихӣ фаровон истифода мегардад. Агар дар хусуси олами ҳайвонот ва набототи мавзеъҳои сайёҳӣ журналист иттилоъ диҳад, донишҳои ҷуғрофӣ ва табиатшиносӣ дар мавод корбаст мегардад. Ҳангоми муаррифии миллатҳо ва халқиятҳои ҷудогона журналист метавонад аз донишҳои мардумшиносӣ истифода намояд. Ҳарчанд истифодаи маълумоти таърихӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ, санъат, урфу одатҳои халқҳо, иҷтимоӣ, иқтисодӣ

ва дигар соҳаҳо дар журналистикаи сайёҳӣ маҳдуд нест, вале онҳо ҳамчун пуркунанда хидмат менамоянд. Маҳорати нигорандагӣ ва суханварии журналист дар журналистикаи сайёҳӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Шӯру шавқи эмотсионалии журналист дар хусуси мавзеи сайёҳӣ, инъикоси баланди манзараҳо ва истифодаи усулҳои муосири намоишгарӣ дар журналистикаи сайёҳӣ хеле муҳимманд. Ба андешаи Вихорева Л.Г. “бо ёрии журналистикаи сайёҳӣ одамон бо ҷаҳон ошно мешаванд ва аз таръирихи кишварҳои хориҷӣ бохабар мегарданд” [2, с. 454].

Трэвел-журналистика ҳарчанд истилоҳи нав дар журналистикаи байналхалқии муосир бошад ҳам, решаи он ба умқи таърихи чандинҳазорсолаи инсоният рафта мерасад. Намунаҳои аввалини онро аз адабиёти шифоҳӣ, нақлу ривоятҳо, қиссаҳо, афсонаҳо ва достонҳо пайдо кардан мумкин аст. Инчунин аз адабиёти классикӣ даҳҳо асарҳоеро пайдо намудан мумкин аст, ки ҳамчун саромади журналистикаи сайёҳӣ баромад карда метавонанд. Метавонем сафарномаҳои адибон, сиёсатмадорон, ҳарбиён, тоҷирон, олимон ва сайёҳонро низ ҳамчун сарчашмаи пайдоиши публитсистикаи сайёҳӣ эътироф намоем. Масалан, асари “Ҳудуд-ул-олам” (муаллифаш номаълум), “Туҳафи аҳли Бухоро”-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, ёддоштҳои сайёҳон ва боз даҳҳо асари дигар мисол шуда метавонанд. Ба назари муҳаққиқи эронӣ Насруллоҳи Искандарӣ “Сафарнома”-и Носири Хисрав “намунаи очерки сафарии асримиёнагист” [5, с.59]. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки журналистикаи сайёҳӣ нахуст дар адабиёт ба шакли сафарнома зуҳур намуда, бо пайдоиши матбуот ба он гузашта, бо рушди ВАО ва дигар воситаҳои коммуникатсионӣ умумиҷаҳонӣ гаштааст.

Сарфи назар аз он ки дар асрҳои гузашта сафарҳои тулонӣ душвор ва гарон буданд, вале олимон, сайёҳон ва журналистон ба он таваҷҷуҳи хосса доштанд. Одамон ба хондани сафарномаҳо ва очеркҳои сафарӣ хеле мароқи зиёд доштанд, зеро тасаввуроти онҳо ба ҷаҳон, миллатҳо, кишварҳо маҳз тавассути ҳамин гуна мавод пайдо мегашт. Сайёҳӣ ба шуғли доимии гурӯҳе аз одамон табдил ёфт ва бо пайдоиш ва ташаккулёбии соҳаи ҷаҳонгардӣ ва инъикоси ин соҳа дар ВАО журналистикаи сайёҳӣ низ аз зуҳури худ дарак дод. Зеро дар баробари сафарномаҳо, очеркҳои сафарӣ дар матбуот боз нашрияҳои махсус ба ин соҳа бахшидашуда таъсис ёфтанд. Аз ҷумла, маҷаллаи илмӣ-оммавии “Нешнал ҷеографик” мисоли ин гуфтаҳо шуда метавонад, ки соли 1888 ташкил шуда, ҳоло дар баробари матбуот дорои телевизиони ҳамноми худ аст.

Дар миёнаҳои асри XX сайёҳони чехӣ И.Ганзелка ва М. Зикмунд тамоми ҷаҳонро тай кардаанд. Аз натиҷаи сафари онҳо филмҳо, гузоришҳо барои радио ба 11 забон омода шудаанд, ки ба онҳо шуҳрати ҷаҳонӣ овард [11].

Журналистикаи сайёҳӣ тавсифгари кишварҳою миллатҳои ҷаҳон буда, аксар вақт ин таҷрибаи шахсии муаллиф дар сафар аст, ки саргузаштҳояшро ба аудитория нақл менамояд. Журналисти сайёҳӣ бояд дар бораи он чизе нависад, ки ба одамон наздик аст, то онҳо ӯро бифаҳманд. Навиштан дар бораи саёҳатҳои худ ин як роҳи ҷолиб аст. Нақлҳои журналисти сайёҳӣ метавонанд дар бораи сокинони маҳаллӣ бошанд, ки дар роҳ ӯро пешвоз гирифтаанд, ё ин ки дар бораи ҳайвонот ё объектҳои меъморӣ. Тавре ки нависандаи амрикоӣ муаллифи чандин китоб дар мавзуи сайёҳӣ Пол Теру қайд мекунад: "фарқи байни маводи доир ба сайёҳӣ навишташуда аз адабиёти бадеӣ ба монанди он аст, ки чизеро бо чашм мебинӣ ва ё чизеро дар тасаввуроти худ меофарӣ" [17, с. 14].

Журналистикаи сайёҳӣ аз доираи жанри ёддошт ва эссеҳои сайёҳӣ баромада, ба тамоюлоти зудтағйирёбандаи ҷомеа мутобиқ шуда, ба пеш ҳаракат мекунад ва ҳоло дар расонаҳои муосир мавқеи алоҳидае дорад. Бояд гуфт, ки журналистикаи сайёҳӣ на ҳама вақт ба анъанаҳои маъмули журналистӣ пайравӣ мекунад ва аксар вақт қолабшиканӣ дар он ба назар мерасад. Масалан, ахбор ба аудитория ба таври фароғатӣ низ пешкаш карда мешавад. Ногуфта намонад, ки фароғат бахшидан дар баробари иттилоъ додан яке аз вазифаҳои журналистикаи сайёҳӣ ба шумор меравад.

Муҳаққиқи амрикоӣ Ян Борм дар шинохти трэвел - журналистика ба ин назар аст: “тамоми матнҳои гуногуншаклеро, ки асоси онро сайёҳӣ ташкил медиҳад, метавонем ба журналистикаи сайёҳӣ нисбат диҳем” [13, с.13].

Сарфи назар аз он ки бисёриҳо журналистикаи сайёҳиро ҷиддӣ қабул надоранд, самти мазкур симои муайяни фарҳангҳои гуногунро дар зеҳни аудитория ташаккул медиҳад, ба ҳувияти миллии одамон таъсир мерасонад ва бо ёрии иттилоот пайванди миллатҳоро осон

мегардонад. Аммо замонҳои пеш аудиторияро ба ҳайрат овардан осонтар буд, зеро шумораи ками одамон метавонистанд берун аз кишвари худ сафар кунанд. Ҳоло сафар хеле осон шудааст. Иртиботи нақлиётӣ дар байни давлатҳо густариш ёфтааст, тиҷорати сайёҳӣ фаъолона рушд мекунад, манзил ва чиптаҳо хеле дастрас шудаанд, тақрибан ҳама метавонанд бо назардошти имконоти моддии худ самтҳои беҳтарини саёҳатро ба нақша гиранд. Имрӯз сайёҳон аксар вақт дар бораи таассуроташон аз сафарҳо қайдҳо, аксҳо ва сабтҳои кӯтоҳи видеоиро дар интернет мегузоранд. Баъзеҳо ҳатто дар шарҳҳо бо муштариёни худ тамос гирифта, маслиҳат медиҳанд, ки дар куҷо истанд, ба куҷо сафар кунанд.

Трэвел –журналистика табиатан синтетикӣ мебошад, зеро он на танҳо фароғати аудитория, балки маърифатро ҳам дар бар мегирад, ба аудитория донишу далелҳои навро дар бораи ҷаҳон меомӯзонад. Ҳамин тавр, трэвел-журналистика самти махсусест, ки вазифаи он пешниҳод намудани иттилоот дар бораи ҳаёт, фарҳанг, таърих, урфу одат, анъана ва санъати кишварҳои гуногун мебошад. Бояд қайд кард, ки журналистикаи сайёҳӣ на танҳо дар ВАО-и анъанавӣ рушд меёбад, балки аз ҳама бештар дар интернет равнақ ёфтааст. Интернет ва блогосфера дар рушди журналистикаи сайёҳӣ низ нақш доранд. Андешаи мазкур тасдиқи худро дар мақолаи муҳаққиқи рус Бобров А.А. ёфтааст: «ташаккули низоми чандрасонаӣ дар журналистикаи муосир ба рушди журналистикаи сайёҳӣ низ мусоидат намуд» [1, с. 55]. Имрӯзҳо блогҳои сайёҳӣ хеле маъмуланд, ки ба аудитория имкон медиҳанд, ки на танҳо бо ҷузъи матнии мавод шинос шаванд, балки видео тамошо кунанд ва сабтҳои аудиоиро гӯш кунанд. Дар навбати худ И.В. Показаниева чунин мешуморад, ки журналистикаи сайёҳӣ як соҳаи махсуси журналистика мебошад, ки ба истеъмолкунандаи васоити ахбори омма маълумоти саёҳатӣ медиҳад [9].

Бояд қайд кард, ки журналистикаи сайёҳӣ соҳаи васеи мавзуӣ мебошад, ки муаллиф дар интихоби мавзуъ хеле озод буда метавонад. Дар журналистикаи сайёҳӣ ҳатто имконияти баррасии масъалаҳои астрономӣ ва диние мавҷуд аст, ки ба ҳаёти одамони мавриди таваҷҷуҳ дахл дорад. Журналисти сайёҳӣ метавонад ба масъалаи баррасишаванда аз нуқтаи назари гуногун муроҷиат намояд. Ҳангоми сафар журналист ҷойҳои навро меомӯзад ва онҳоро ба аудитория муаррифӣ мекунад, ба одамони дигар кишварҳо, ҳолати равонӣ ва фаъолияти онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Журналистикаи сайёҳӣ воситаи муҳимми таблиғи дониш дар бораи дигар кишварҳо ва халқҳо, густариши иртиботи байналмилалӣ мебошад, ки ин нуктаро муҳаққиқ Вихорева Л.Г. ҷонибдорӣ намуда, чунин иброз намудааст: “яке аз вазифаҳои асосии журналистикаи сайёҳӣ ба вуҷуд овардани эҳтиром нисбат ба ҳамдигар дар зеҳни одамони миллатҳои гуногун аст” [3, с.95]. Ҳамзамон ин соҳаи журналистика аҳаммияти афзояндаи функсияи ҳамгироӣ ва иртиботиро дар ҷаҳони муосир пайдо намуда, он ба самти тиҷоратӣ бештар майл дорад. Ин асосан бо сабабҳои объективӣ, аз ҷумла омилҳои иқтисодӣ ва инчунин тамоюли умумии ҳаракати ВАО ба мавзуъҳои фароғатӣ вобаста аст.

Самтҳои ташаккулёбии журналистикаи сайёҳиро метавон чунин тасниф намуд:

а) тафсири сайёҳӣ, ки иборат аз обуранги бадеӣ ва тавсифи хабарнигории рӯйдодҳои муҳим ва ҷолиби сафар;

б) қайдҳои сафар - ёддоштҳои журналисти дар сафар бударо эссеи сайёҳӣ номидан мумкин;

в) ҳисобот – баёни муфассал ва натиҷагирӣ аз саёҳат;

г) шарҳ- падидаҳои мушоҳидашавандаи соҳаро тавсиф медиҳад;

д) тавсия – маводи дорои ин нишонаҳо бештар хусусияти таблиғотӣ дошта, то андозае аз рекламаи пӯшидаи фармоишӣ ва ё аз таваҷҷуҳи шахсии журналисти сайёҳӣ сарчашма мегирад. Маводи дар чунин руҳия таҳиягардида, наметавонад ба пуррагӣ аҳаммияти ҷамъиятӣ дошта бошад, зеро табъ ва завқи аудитория ба майлу хоҳиш ва манфиати журналист ҳамеша созгор нест. Одатан маводе, ки барои журналистикаи сайёҳӣ омода мегардад, бояд пеш аз ҳама босифат бошад. Бинобар ин, рӯзноманигорони сайёҳӣ бояд бодиққат бошанд, хулосаҳои саросемавор набароранд ва, албатта, роҳи дурусти ҷамъоварии маълумотро интихоб намоянд [12, с. 32].

Функсияҳои журналистикаи сайёҳӣ то андозае ба вазифаҳои журналистикаи анъанавӣ мувофиқат мекунанд. Тавре қайд кардем, функсияҳои фароғатӣ, фарҳангӣ,

коммуникатсионӣ ва таблиғотӣ-истинодӣ дар журналистикаи сайёҳӣ бештар маъмул мебошанд. Дар навбати худ, матнҳои сайёҳӣ нақшҳои таълимӣ ва ҳам амалиро иҷро мекунанд.

Имрӯзҳо дар ВАО раванди азбайнравии бархе жанрҳо, пайдоиши жанрҳои нав ва ё омезиши онҳо, қолабҳои нав ҷараён дорад ва ҳатто жанри баъзе аз маводи журналистиро муайян намудан мушкил гаштааст. “Трэвел-журналистикаи муосир намунаи олии ин раванд буда, сарҳади байни жанрҳоро муайян намудан мушкил аст” [18, с. 8].

Омехтанамоии жанрҳо дар маводи журналистикаи сайёҳӣ ба назар мерасад, ки барномаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ унсурҳои “филмҳои ҳуҷҷатӣ”-ро доранд [9]. Инчунин баъзе унсурҳои барномаҳои таълимӣ, ток-шоуҳои тафреҳӣ бо иштироки баранда, реалити–шоу, сериал ва навори рекламавӣ низ дар барномаҳои телевизионӣ доир ба саёҳат вуҷуд доранд. Ровии барнома доимо аз як ҷо ба ҷойи дигар сафар мекунад ва дар чунин барномаҳо ҳунари актёрии ровӣ хеле муҳим аст, зеро бинандаро ӯ аз паси худ ба сайри ҷаҳон мебарад. Ҳамзамон баранда ҳамчун роҳнамо баромад карда, аудиторияро ба қабули иттилоот омода месозад ва масъули болидаруҳии тамошобинон буда, ба тамошобоб гаштани барнома саҳми бузург дорад.

Дар барномаҳои сайёҳии муосир ду раванд бештар ба назар мерасад: аввалан, барномаҳо барои аудиторияи муайян омода ва пахш мегарданд. Дуюм, таваҷҷуҳи аудиторияро ба барнома тавассути ҷалби ашхоси машҳури ҷомеа – ҳунармандон, сарояндагон, олимон, шоуменҳо, сиёсатмадорон, тоҷирон зиёд менамояд.

Барномаҳои сайёҳӣ дар худ вобаста ба хости муаллифон хислати ҳуҷҷатнокӣ, тафреҳӣ ва истеъмолиро доранд ва онҳо меомӯзонанд, тафреҳ медиҳанд ва ё кумак менамоянд.

Дар қолаби ҳуҷҷатӣ барномаҳои сайёҳӣ ба нашри иттилооти маърифатӣ майл намуда, вазифаи онҳо иттилоърасонӣ ва маърифатнокнамоии тамошобинон аст. Дар чунин барномаҳо баранда шахсияти машҳур ва шинохта аст. Дар барномаҳои мазкур бештар маълумоти ҷуғрофӣ, таърихӣ, наворҳои бойгонӣ ва аксҳо истифода мешаванд. Иштирокчиёни бевоситаи рӯйдод – сокинони маҳаллӣ, коршиносон ё намояндагони ҳокимият буда метавонанд, ки барои рангорангии барнома мусоидат менамоянд.

Дар қолаби намоиши тафреҳӣ ба тамошобин ҳамчун дӯст муроҷиат карда мешавад. Баранда ба тамошобинон дар доираи барномаи тафреҳӣ аз ошпазӣ оғоз намуда, то барномаҳои бозӣ ба саргармсозии аудитория машғул мегардад. Ҳаҷв дар чунин барномаҳо мавқеи намоён дорад.

Дар қолаби барнома барои истеъмолгарон ба аудитория ҳамчун муштариён муроҷиат менамоянд. Чунин барномаҳо иштиёқи тамошобинонро ба саёҳат бештар намуда, доир ба маконҳои тафреҳӣ маълумот медиҳад. Хислати истеъмолии барнома онро ба реклама наздик менамояд, зеро манзараҳои дилфиребро намоиш медиҳад, доир ба вақтгузаронӣ, таомпазӣ, интихоби хушгузаронӣ ва иттилооти сайёҳӣ маслиҳатҳои зарурӣ медиҳад. Ҳамин тавр, низоми истеъмолии барномаҳои сайёҳӣ тамошобинонро ба истеъмолгари хизматрасониҳои сайёҳӣ табдил медиҳад.

Мавқеи журналистикаи сайёҳӣ дар ВАО-и байналхалқӣ ҳоло хеле пеш рафтааст. Дар аксар маврид муҳаққиқон зимни пажуҳиши фарҳанги хориҷиён ва инъикоси симои онҳо дар ВАО-и миллӣ ба муҳтавои маводи рубрикаҳои байналхалқии матбуот ва ё ба бахши ахбори байналхалқии телевизион таваҷҷуҳ менамоянд. Аз ҳама бештар истифода гардидан ва ё «ҳоким» будани жанри муайяни журналистӣ дар телевизион аз маҳбубияти онҳо дар бозори тафреҳӣ вобастагӣ дорад.

Барои ВАО-и муосир ахбори байналхалқӣ хеле камаҳаммият гардидааст, ба истиснои навигариҳои ҷангҳо ва офатҳои табиӣ. Аммо офаридани симои «дигарон» аз қолаби барномаҳои анъанавии ахборӣ ва дигар мавод берун мемонад. Зеро дар филмҳои муосир, сериалҳо, реалити-шоуҳо ба афзоиши шуҳрати самтҳои муайян дар соҳаи сайёҳӣ, муаррифии кишварҳо аз ҷиҳати мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва ҷойгоҳи мусбат ё манфии онҳо дар арсаи байналхалқӣ таваҷҷуҳ карда мешавад. Барои боз ҳам беҳтар дарк намудани равандҳои гуногунсамти ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла барои муҳаққиқони ВАО зарур аст, ки ба трэвел-журналистика низ таваҷҷуҳ намоянд. Таҳқиқи ин самт бисёре аз нозукиҳои раванди ҷаҳонишавиро муайян менамояд, ки ба назари аввал ноаёнанд, аммо ба зиндагии ҳаррӯзаи мо таъсир мерасонанд.

Ба андешаи муҳаққиқи амрикоӣ Элфрид Фюрзих “инъикоси фарҳангҳои бегона дар асри ҷаҳонишавӣ таъсири амиқ ба ҷомеа дорад” [14, с. 80]. Вазифаи журналисти сайёҳ аз расонидани таҷрибаи дигарон иборат аст ва он ба воситаи пешниҳоди ҷанбаҳои нави ягон фарҳанг ва ҳаёти кишваре ба аудитория мебошад. Муҳаққиқи дигари амрикоӣ Карл Сантос дар мавриди трэвел-журналистҳо ба ин назар аст, ки онҳо «пули иртибототи фарҳангӣ» мебошанд, ки иттилоотро аз як фарҳанг ба дигар интиқол медиҳанд [16, с. 397]. Барои барномаҳои сайёҳии муосир хислати гуногунрангӣ хос аст, зеро барнома аз омехтагии якчанд сужаи саёҳати 10-15 дақиқагӣ иборат буда, наворҳо ҳамдигарро зуд-зуд иваз менамоянд, аммо тамошобин танҳо ҳамон навори ҷолиб ва ҳайратоварро дар хотир нигоҳ медорад. Чунин тарзи пахши барнома дар зеҳни одамон таассуроти нодурустро доир ба журналисти сайёҳ ба вуҷуд оварда метавонад, ки чи тавр як шахс дар як лаҳза дар як гӯшаи олам асту як лаҳза пас дар дигар гӯшаи он. Ҳамзамон ҳама журналисти сайёҳро донандаи тамоми олам медонанд, ки ин андеша низ пурра дуруст буда наметавонад.

Трэвел – журналистика ба ташаккули ҷаҳонбинии аудитория дар хусуси олам ва фарҳангҳо таъсири беҳамто дорад ва дар натиҷа қолабишавии донишҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, тавассути ахбор ва барномаҳои гуногуни ВАО симои одамони қитъаи Африқо ҳамчун қафомондатаринҳо ҷилвагар шудааст. Аммо дар ин қитъа кишварҳои сарватмманд ва қудратманд кам нестанд. Масалан, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ дорои силоҳи ҳастаӣ буд ва аз доштани он даст кашид.

Ба фаъолияти трэвел-журналистика ҷаҳонгардӣ ва ҷаҳонишавӣ хеле таъсири бузург доранд. Рушди ҷаҳонгардӣ дар охири асри ХХ дар пайи тағйирёбии низоми сиёсии ҷаҳон, яъне фурӯ пошидани Иттиҳоди Шуравӣ ва густариши ҳамкории кишварҳо ба афзудани гурӯҳҳои сайёҳон ва дигаргун шудани муносибатҳои байналхалқӣ оварда расонд. Омӯзиши трэвел-журналистика дар иртибот ба соҳаи сайёҳӣ ба дарки дурусти ҷараёнҳои фаъолияти ВАО-и муосир, ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа низ мусоидат менамояд.

Ахбори ВАО на танҳо ба афзоиши сайёҳон мусоидат намуд, балки дар асоси он муҳоҷирон ва гурезагон низ ба кишварҳои дорои имкониятҳои хуби сайёҳӣ рӯ оварданд, зеро дар он кишварҳо барои онҳо ҷойи кор пайдо намудан осонтар намуд. Сайёҳӣ яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёти ҷаҳон гардид ва бо шарофати он аз соли 1975 инҷониб маҷмуаи маҳсулоти дохилӣ дар тамоми олам ба таври миёна 4 фисад афзоиш дорад. Мувофиқи тахминҳои муҳаққиқон то соли 2030 шумораи сайёҳон дар рӯйи замин ба 1,8 млрд нафар мерасад [6].

Ҷамъияти трэвел – журналистон гуногун аст. Масалан, дар миёни онҳо журналистоне ҳастанд, ки барои ВАО-и маъмулӣ мавод омода месозанд ва боз ҳастанд журналистони озод – фрилансерҳо ва блогерҳо, ки барои сомонаҳо ва дигар ВАО маводро мефурӯшанд. Баъзе аз фрилансерҳо ва блогерҳои сайёҳатнигор ба ҷамъиятҳои касбӣ, ба монанди Ҷамъияти ҷуғрофидонҳои Русия, Ассотсиатсияи трэвел – журналистони Амрикои Шимолӣ ва ғайра аъзо ҳастанд. Ҳамчунин ба трэвел – журналистика ҷуғрофидонҳо, сайёҳон, экологҳо ва одамони оддӣ низ машғул мегарданд, ки саёҳатро дӯст медоранд.

Дар ВАО ба афзоиши таваҷҷуҳи аудитория ва рекламадиҳандагон ба соҳаи сайёҳӣ аҳаммият дода, маводи зиёди тарғиботиро вобаста ба соҳаи мазкур омода ва паҳн намуданд. Дар замони муосир телевизионҳои моҳворавии сайёҳӣ бештар гаштанд. Масалан, Travel Channel, GEM Treval ва амсоли онҳоро метавон номбар кард. Инчунин дар шабакаҳои глобалии телевизионӣ низ барномаҳои сайёҳӣ омода ва пахш мегарданд.

Дар хорича аз мафҳуми «трэвел-райтер» низ истифода менамоянд, ки маънои сафарноманависро дорад. Аммо ин мафҳум аз журналистика дида бештар ба адабиёт наздиктар аст. Сароғози ин соҳаи журналистикаро метавон жанри очерки сафарӣ донист. Дар замони муосир на ҳамаи идораҳои ВАО очеркнависони штатӣ доранд, ки доир ба саёҳат нависанд ва аз ин рӯ, мухбирон ва фрилансерҳо ба ин кор машғуланд. Трэвел-журналист на ба адабиёт, балки пеш аз ҳама ба журналистика сарукор дорад. Тавре медонем, дар очеркҳои сафарӣ аз унсурҳои адабиёт истифода бурдан мумкин аст ва муаллиф метавонад баъзе лаҳзаҳоро обуранги бадеӣ диҳад, аммо дар маводи журналист – трэвели муосир ин унсурҳо хеле кам истифода мегарданд, зеро хонандаи муосир бештар ба воқеият назар меандозад. Ба андешаи муҳаққиқ Дэнис Э. фарқи журналистика аз адабиёти бадеӣ дар он аст, ки “эҳсосотро канор гузошта, факт ва андешаро аз ҳам ҷудо менамояд” [4, с. 177]. Аммо ба фарқ аз журналистикаи анъанавӣ дар журналистикаи сайёҳӣ баёни эҳсосоти

муаллиф, барандаи барнома ва таъсиррасонӣ ба эҳсосоти аудитория зиёд ба назар мерасад. Сарфи назар аз ин баъзе трэвел - журналистон аз аксҳо, наворҳо ва матнҳои дар интернет гузоштаи сайёҳон истифода мебаранд ва ҳатто нафароне ҳам пайдо гаштанд, ки ба ҷое сафар накарда дар асоси маводи дигарон ва сомонаҳо доир ба дигар кишварҳо мавод омода месозанд. Чунин мавод дар маҷаллаҳои рангаи занона бештар истифода мегардад. Трэвел-журналистика на ҳамеша ба анъанаҳои маъмули журналистика содиқ аст ва на ҳамеша аҳаммияти ҷамъиятӣ доштан ё надоштани маводро ба назар мегирад. Аз ин ҷиҳат, трэвел-журналистика миёни реклама ва шоу дар калавиш аст. Асосан трэвел – журналистика ҷанбаҳои сайёҳиро бо мақсади иттилоотӣ ва вақтгузаронӣ баён менамояд, ки хеле кам дар худ ҷанбаи таҳлилӣ дорад. Трэвел – журналистика ҳанӯз дар худ номаълумиҳои зиёд дорад, зеро соҳа ба пуррагӣ таҳқиқ нагаштааст.

Дар трэвел – журналистика ҷанбаи молиявии фаъолияти он хеле муҳим аст, зеро бесармоягузорӣ идома ёфтани кори трэвел –журналист ғайриимкон аст. Сафар ба кишварҳои дур ва машғул шудан ба фаъолияти журналистӣ дар он ҷо ба сармоягузорӣ эҳтиёҷ дорад. Танҳо як қисми ками идораҳои ВАО ба журналист сафархарҷии кишвари хориҷаро пардохт менамоянду халос, чунки аз ҷиҳати молиявӣ чунин иқтидорро надоранд ва агар дошта бошанд ҳам, намехоҳанд барои муаррифии кишваре аз ҳисоби редаксия маблаге харҷ намоянд. Аз ин рӯ, маводи сайёҳӣ аз тарафи ширкатҳои сайёҳӣ, агентиҳои тарғиботӣ ва кишварҳои пазиранда маблағгузорӣ мегардад. Чунин тарзи кори трэвел-журналистон аз пайи худ мушкилот низ дорад, ки он хусусияти ахлоқиро доро мебошад. Яке аз масъалаҳои баҳснок дар он аст, ки оё ба журналист ё муаллифи маводи сайёҳӣ барои амали худ маблаг гирифтан мумкин аст ё не? Ва идомаи саволи мазкур он аст, ки аудитория аз ин амали журналист огоҳ карда шавад ё на? Бештари трэвел – журналистон ба ин назаранд, ки саёҳати бепул барои анҷоми кори онҳо лозим аст ва он ба сифати мавод таъсире надорад, зеро онҳо воқеиятро таҳриф намекунанд [15, с. 70].

Ташкилотҳое фаъолият доранд, ки бо ширкатҳои телевизионӣ дар самти рушди туризм ҳамкорӣ менамоянд. Этикаи журналистӣ чунин намуди фаъолиятро ҳамчун реклама эътироф менамояд, аммо агар манфиатҳои шабакаи телевизионӣ, ширкати сайёҳӣ ва тамошобинон ба ҳам созгор бошад, журналистон гузашт менамоянд ва барномаҳо омода месозанд. Дар таҷрибаи ширкатҳои телевизионӣ лоиҳаҳои кишваршиносӣ вуҷуд дорад, ки дар қолаби саёҳати гуруҳи кормандони ВАО, яъне Пресс-тур амалӣ мегардад ва он аз ҷониби кишвари қабулкунанда, созмони байналхалқӣ ва ё давлати сарпараст маблаггузорӣ мешавад. Масалан, ИМА, Ҷопон, Чин, Туркманистон, Тоҷикистон ва дигар давлатҳо аз чунин таҷриба зиёд истифода менамоянд.

Сохторҳои давлатӣ ҳамчун сарпарасти саёҳати трэвел – журналистон бо мақсади тарғиби самти сайёҳӣ ва созмон додани имиҷи мусбати кишвари худ барномарезӣ менамоянд. На ҳамаи кишварҳо таҷрибаи бои истифода аз имкониятҳои пресс-турҳои журналистонро доранд. Аз ин рӯ, вохӯриҳои зиёд ва мусоҳибаҳои тулонӣ барои онҳо самараи хуб намедиҳад, зеро онҳо доимо дар зери кори зиёд мемонанд ва аз ҳамин сабаб мавзеъҳои диданбоб ва наворҳои лозимиро дастрас карда наметавонанд. Дар натиҷа маводи журналистон нусхабардорӣ аз ҳамдигар мегардад. Чунин вазъият барои созмондиҳандагон ягон суде намеорад ва онҳо маблаҳои худро ба бод медиҳанд.

Миёни муҳаққиқон чунин назаре ҳаст, ки бештари журналистони дар барномаҳои сайёҳии бепул ширкатнамуда, ба таърифи кишвари сафаркардаашон дода мешаванд. Саёҳати бепул ва ҳуҷраи барҳаво дар меҳмонхона ва ҳамзамон кумаки роҳбаладон ба сифати маводи журналистон бетаъсир намемонад ва дар мавод натиҷаи он баръало намоён мешавад. Аммо маводе, ки бе сарпарастии ношир омода мешаванд, нисбат ба маводи аз тарафи касе, ширкате ва ё давлате сарпарастӣ гардида хеле ҷаззоб, самимӣ ва табиӣ мебароянд. Аз тарафи дигар, ноширон талаб менамоянд, ки мавод доир ба сайёҳӣ бояд хонданибоб бошад ва хароҷоти сафарро пӯшонда тавонад. Ҳамин тавр ба трэвел – журналистон фишори ошкоро ва пӯшида ҳамеша пайгирӣ менамояд, ки ҳисси қарздории журналистро дар назди муҳаррир ва ё ҷониби кишвари даъваткарда ба вуҷуд меорад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки тамоми трэвел-журналистон аз ширкатҳои сайёҳӣ ва хадамоти сайёҳӣ намояндагӣ намуда, фаъолияти онҳоро инъикос менамоянд. Чандин намунаҳои журналистикаи илмӣ-оммавӣ мавҷуд аст, ки дар назди аудитория обрӯи хосса доранд.

Масалан, маводи маҷалла, сомона ва телевизиони National geographic ва «Вокруг света», барномаҳои шабакаҳои телевизионии Discovery ва «Моя планета» мисоли гуфтаҳои болоянд. Зимни таҳқиқи трэвел- журналистика метавон ба ин назар расид, ки дар ин бахши журналистикаи байналхалқӣ, пеш аз ҳама, ба ҷанбаи молиявӣ аҳаммият дод, зеро он ба воқеият таъсир мерасонад. Ин яке аз омилҳои муҳимме аст, ки трэвел – журналистикаро метавонад туъмаи зудҳазми рекламадиҳандагон гардонад. Аз ин ҷо мушкилоти этикии трэвел – журналистика оғоз меёбад ва барои ин нигоҳ доштани тавозун миёни фишори ширкати сайёҳӣ ва кӯшиши ба воқеият мутобиқи пешниҳоди мавод ҷой дорад.

Барномаҳои сайёҳӣ ҳамчун маводи глобалии телевизионҳо дар худ ба андозаи кам ё зиёд ҷанбаи сиёсӣ, идеологӣ ва дигар амсоли онро доро мебошанд. Ҳамин тавр, барномаҳо аз қабл дар қолабе тарҳрезӣ гардида, симои ровии барнома, муҳтавои муаррифии фарҳанги хоричӣ ва захираҳои молиявии аз он бадастоянда ба назар гирифта мешавад. Шореҳ дар барномаи сайёҳӣ доир ба таассуроти худ аз сафар, аз одамон ва миллат дар умум қайд намуда, дар доираи муаррифии кишвар аз мушкилоти сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва масъалаҳои муносибатҳои байналхалқӣ иттилоъ медиҳад ва ба ин соҳаҳо баҳогузорӣ низ менамояд. Аммо дар ҳамин ҳол дар барномаҳои тафреҳӣ ва илмӣ-оммавӣ ширкатҳои тиҷоратӣ на ҳамеша ба инъикоси воқеият ҳавасманданд ва онҳоро танҳо даромади зиёд писанд аст.

Дар шароите, ки сайёҳӣ ба як бахши даромадноктарини иқтисодиёти ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст, муҳиммияти журналистикаи сайёҳӣ низ дар ҷаҳон даҳчанд гардида, ба саноати даромаднок табдил ёфтааст. Рушди журналистикаи сайёҳӣ барои кишварҳое, ки дар ҷалби бештари сайёҳон талош доранд, амри зарурӣ аст. Зеро маҳз журналистикаи сайёҳӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки кишвар ва имкониятҳои сайёҳии онро дар байни сайёҳон ва ҷаҳониён тарғиб намояд. Истифода аз имкониятҳои ВАО-и сайёҳӣ ба рушди сайёҳии кишварҳо хеле мусоид ва ивазнашаванда мебошад. Таҷрибаи кишварҳои дунё нишон дод, ки онҳо маҳз тавассути ВАО дар боло бурдани сатҳи соҳаи сайёҳии кишварашон ба муваффақият ноил гардиданд.

Мукарриз: ***Муқимов М.А.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бобров, А.А. Журналистика путешествий: реальность и тенденции / А.А. Бобров Научные труды Московского гуманитарного университета. 2016. -№3. -С. 53-61.
2. Вихорева Л. Г. Информационный потенциал аудитории трэвел-СМИ в Интернете / Л. Г. Вихорева // Вопросы теории и практики журналистики. — 2015. — Т. 4, -№ 4. — С. 448–455.
3. Вихорева, Л. Г. История и культурология в информационном поле Трэвел-журналистики: на примере СМИ России и Мальты / Л. Г. Вихорева // Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева № 1, Том 1, 2018. - С. 87-96.
4. Дэннис, Э. Беседы о масс-медиа / Э. Дэннис, Дж. Мэррилл. — М.: Вагриус, 1997. — 384 с.
5. Искандарӣ Н. Нақши расонаҳо дар ҷалби сайёҳон / Н.Искандарӣ. – Душанбе, 2010. —116 с.
6. К 2030 году число международных туристов достигнет 1,8 миллиарда человек [Манбаи электронӣ] – URL: https://ria.ru/20130129/227205038.html (санаи муроҷиат: 24.05.2023)
7. Кривцов, Н. В. Трэвел-журналистика: специфика направления и его проблемы / Н. В. Кривцов // Вопросы теории и практики журналистики. — 2017. — Т. 6, -№ 3. — С. 347–365.
8. Маслова Н.М. Путевой очерк: проблемы жанра/ Н.М.Маслова — М., 1980. – 64 с.
9. Показаньева, И. В. Проблемное поле трэвел-журналистики как явления современного медиапространства [Манбаи электронӣ] – URL:/ И. В. Показаньева // Mediascope. — 2013. — № 3. — Режим доступа:http://www.mediascope.ru/node/1385. (санаи муроҷиат: 20.05.2023).
10. Ростовская, Ю. В. Туристическая пресса в СССР: характер, становления и развития / Ю. В. Ростовская //Вопроси теории и практики журналистики. - 2018. Т.7. -№1. -С. 24-41.
11. Старохамская К. Ю. Кто такие Ганзелка и Зикмунд? Вокруг света на автомобиле... 20 лет забвения / [Манбаи электронӣ] – URL: https://www.shkolazhizni.ru/culture/articles/11249/(санаи муроҷиат: 24.05.2023).
12. Соколова, М. В. История туризма: учеб. Пособие / М. В. Соколова. – М., 2012. – С. 352.
13. Borm J. Defining Travel: On the travel book, travel writing and terminology / Jan Borm // Perspectives on Travel Writing / ed. by Glenn Hooper, Tim Youngs. — Aldershot: Ashgate, 2004. — P. 13–26.
14. Fürsich E. How can global journalists represent the 'Other'? A critical assessment of the cultural studies concept for media practice / E. Fürsich // Journalism: Theory, Practice and Criticism. — 2002. — № 3 (1). — P. 57−84.
15. Hanusch F. The dimensions of travel journalism / F. Hanusch // Journalism Studies. — 2010. — Vol. 11, № 1. — P. 68−82.
16. Santos, C. A. Perception and interpretation of leisure travel articles / C. A. Santos // Leisure Sciences: An Interdisciplinary Journal. — 2004. — Vol. 26, № 4. — P. 393–410.
17. Theroux, P. Tao of Travel / Paul Theroux. — Boston; New York: Mariner Books, 2012. — 292 p.
18. Youngs, T. Travellers in Africa; British Travelogues, 1850–1900 / Tim Youngs. — Manchester: Manchester University Press, 1994. — 235 p.

ҶОЙГОҲИ “ТРЭВЕЛИНГ-ЖУРНАЛИЗМ” ДАР ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Трэвел-журналистика самти нав ва кам омӯхта дар журналистикаи байналхалқӣ буда, ба пажуҳиши васеъ эҳтиёҷ дорад. Дар мақола перомуни трэвел-журналистика, яъне журналистикаи сайёҳӣ, моҳият ва таъиноти он таҳқиқ гашта, махсусиятҳои ВАО-и сайёҳӣ, умумият ва тафовути онҳо аз дигар шохаҳои журналистикаи байналхалқӣ муайян карда шудааст. Зимни пажуҳиш таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳқиқи ҷойгоҳи трэвел-журналистика дар низоми журналистикаи муосир, саҳми он дар муаррифии миллатҳо, халқҳо, кишварҳо муайян гардида, мушкилоти имрӯзаи соҳаи музкур таҳқиқ гардидааст. Муайян гардид, ки трэвел-журналистика ҳарчанд истилоҳи нав дар журналистикаи байналхалқии муосир бошад ҳам, решаи он ба умқи таърихи чандинҳазорсолаи инсоният рафта мерасад. Намунаҳои аввалини онро аз адабиёти шифоҳӣ, нақлу ривоятҳо, қиссаҳо, афсонаҳо ва достонҳо пайдо кардан мумкин аст. Инчунин аз адабиёти классикӣ даҳҳо асарҳоеро пайдо намудан мумкин аст, ки ҳамчун саромади журналистикаи сайёҳӣ баромад карда метавонанд. Сафарномаҳои адибон, сиёсатмадорон, ҳарбиён, тоҷирон, олимон ва сайёҳонро низ ҳамчун сарчашмаи пайдоиши публитсистикаи сайёҳӣ метавон эътироф намуд. Бояд қайд кард, ки журналистикаи сайёҳӣ на танҳо дар ВАО-и анъанавӣ рушд меёбад, балки аз ҳама бештар дар Интернет равнақ ёфтааст. Дар шароите, ки сайёҳӣ ба як бахши даромадноктарини иқтисодиёти ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст, муҳиммияти журналистикаи сайёҳӣ низ дар дар ҷаҳон даҳчанд гардида, ба саноати даромаднок табдил ёфтааст. Рушди журналистикаи сайёҳӣ барои кишварҳое, ки дар ҷалби бештари сайёҳон талош доранд, амри зарурӣ аст. Зеро маҳз журналистикаи сайёҳӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки кишвар ва имкониятҳои сайёҳии онро дар байни сайёҳон ва ҷаҳониён тарғиб намоянд.

Калидвожаҳо: Трэвел-журналистика, журналистикаи байналхалқӣ, Вокруг света, ҶЕМ Трэвел, Нешнал географик, сайёҳӣ, журналистикаи сайёҳӣ.

МЕСТО «ТРЭВЕЛ-ЖУРНАЛИСТИКИ» В МЕЖДУНАРОДНОЙ ЖУРНАЛИСТИКЕ

Трэвел-журналистика – новое и малоизученное направление в международной журналистике, и оно нуждается в обширных исследованиях. В статье рассматривается трэвел-журналистика, то есть туристическая журналистика, ее сущность и назначение, определяются особенности трэвел-медиа, их сходство и отличие от других отраслей международной журналистики. В ходе исследования основное внимание уделялось изучению места трэвел-журналистики в системе современной журналистики, определялся ее вклад в представление наций, народов, стран, исследовались актуальные проблемы этой сферы. Выяснилось, что, хотя трэвел-журналистика является новым термином в современной международной журналистике, ее корни уходят глубоко в историю человечества на тысячи лет. Первые ее примеры можно найти в устной литературе, повестях, рассказах и легендах. Также существуют десятки произведений классической литературы, которые можно использовать в качестве источника трэвел-журналистики. Путевые заметки писателей, политиков, военных, торговцев, ученых и туристов также можно признать источниками трэвел-журналистики. Следует отметить, что трэвел-журналистика развивается не только в традиционных СМИ, но и в Интернете. В условиях, когда туризм стал одним из самых прибыльных секторов мировой экономики, в мире возросло и значение туристической журналистики, которая стала прибыльной отраслью. Развитие трэвел-журналистики является обязательным для стран, которые пытаются привлечь больше туристов. Потому что туристическая журналистика дает им возможность продвигать страну и ее туристические возможности среди туристов и всего мира.

Ключевые слова: трэвел-журналистика, международная журналистика, Вокруг света, ДЖЕМ Трэвел, Нешнал-географик, туризм, журналистика путушествия.

THE PLACE OF "TRAVEL JOURNALISM" IN INTERNATIONAL JOURNALISM

Travel journalism is a new and understudied area in international journalism, and it needs extensive research. The article discusses travel journalism, that is, travel journalism, its essence and purpose, defines the features of travel media, their similarities and differences from other branches of international journalism. During the study, the main attention was paid to the study of the place of travel journalism in the system of modern journalism, its contribution to the representation of nations, peoples, countries was determined, and urgent problems of this sphere were investigated. It turned out that although travel journalism is a new term in modern international journalism, its roots go deep into human history for thousands of years. The first examples of it can be found in oral literature, novels, short stories, legends and stories. You can also find dozens of classics that can be used as a source for travel journalism. Travel writings of writers, politicians, military, merchants, scientists and tourists can also be recognized as a source of travel journalism. It should be noted that travel journalism is developing not only in traditional media, but also on the Internet. With tourism becoming one of the most profitable sectors of the world economy, the importance of tourism journalism has also increased in the world, which has become a profitable industry. The development of travel journalism is a must for countries that are trying to attract more tourists. Because tourism journalism gives them the opportunity to promote the country and its tourism opportunities to tourists and the world.

Keywords: Travel journalism, international journalism, Vokrug sveta, GEM Travel, National geographer, tourism, travel journalism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сухроби Мирзоалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, докторанти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроғa**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **suhrobjsm@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Сухроби Мирзоали*** – Таджикский национальний университет, кандидат филологических наук, дотцент, докторант кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17. E-mail: **suhrobjsm@mail.ru.**

Information about the author: ***Suhrobi Mirzoali*** – Tajik national university, associate of philological sciences, docent, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **suhrobjsm@mail.ru**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Сулаймонов С., Маҳмудзода М. Муқоисаи вижагиҳои мафҳумии бархе истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино…… **5**
Ҳомидов Д. Вожагони марбут ба тӯйи арӯсии гӯйиши шимолӣ ва ҷанбаҳои этнолингвистии онҳо… **11**
Гулназарзода Ж.Б., Сатторова Д.Қ. Вижагиҳои муродифот дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ…….. **19**
Саидзода Ҳ.А., Асадова М.Р., Ҷӯраева Ҷ.А. Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои саволӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ…… **27**
Шодиев Р.А. Заминаҳои илмии таҳияи фарҳангҳои этнолингвистӣ дар забоншиносии тоҷик…….. **34**
Абдураҳмонова М.А. Таҳқиқоти бунёдии масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии тоҷик…… **42**
Мавлонзода Ш.М. Нақши истилоҳоти тиббӣ дар номаҳои устод Айнӣ……... **49**
Насимов Н. Фитонимҳо дар фолклори Сари Хосор…….. **58**
Мирзоёров Ф.Н. Баррасии консепти «мард» ва «зан» дар паремияҳои тоҷикӣ (дар заминаи “фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ”)…… **63**
Холова М.И. Дараҷаи омӯзиши полисемия дар забоншиносӣ…… **69**
Қаюмова С. Таҳлили лингвофарҳангии синонимҳои ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ…… **77**
Дадоҷонова И.Б., Восиева Ф.Р. Гурӯҳҳои ономастикӣ ва намудҳои топонимҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ…… **84**
Рачабова М.М., Холматова Х.А. Рочеъ ба таҳлили этимологии консепти “wealth /бойигарӣ” дар забони англисӣ ва тоҷикӣ……. **93**
Асадова М.Р. Тағйири топонимҳо дар ономастикаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ: сохтор ва семантика…… **100**
Абдуллоева Г.З., Назирқулов Т.А. Нақши калимаву истилоҳоти аслии тоҷикӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор…… **107**
Исматуллоева П.Р. Тавсифи умумии намудҳои вожаҳо дар забонҳои қиёсшаванда…… **117**
Каримова З.М. Баррасии хусусиятҳои лақабгузорӣ дар забони зиндаи халқ…….. **125**
Назарова М.Р. Хусусиятҳои ҷумлаҳои бешахси саволӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо ба забони англисӣ…….. **131**
Раҳимқулов Ғ. Вижагиҳои луғавӣ ва дастурии забони матбуоти тоҷикии Ӯзбекистон…….. **137**
Шодиев Б.Ғ. Калимаҳои куҳнашуда дар маводи рӯзномаи “Бухорои шариф”..... **144**
Додаров О. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба афкори забоншиносии Сироҷиддин Алихони Орзу..... **150**
Холмуродов Ш.Н. Масъалаҳои асосии ҷудо намудани воҳидҳои тарҷума ва мушкилоти лексикии онҳо (дар мисоли асари «Пирамард ва баҳр»-и Э.Ҳемингвей)…… **155**
Азизова М.Э., Маджидзода А.Р. Синтаксическая сочетаемость русской глагольной приставки *на-* и способы ее выражения в таджикском языке……. **161**
Нагзибекова М.Б., Султонова Р.Р. Семантико-словообразовательный анализ прилагательных со значением моральной оценки в русском и таджикском языках…….. **168**
Мирзоева М.М. Синтаксические особенности сложных отфразеологических слов…….. **175**
Сохибназарова Х.Т. Отражение видов метафор в таджикском и английском языкознании (на примере художественных текстов)…… **183**
Баротов А.Т. Лакунарность в терминологической системе (на материале русского и таджикского языков)…… **191**
Нагзибекова М.Б., Ганиева Н.Р. Лингвокогнитивное исследование общечеловеческих ценностей «семья/оила» в языковом сознании таджиков и русских…… **198**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Кӯчарзода Аламхон, Сулаймони Аҳтам. Таъсири “Шоҳнома” ва шахсияти Фирдавсӣ дар ашъори Гулрухсори Сафӣ..... **205**
Равшан Раҳмонӣ. ТӯраҚул Зеҳнӣ – нахустин фолклоршиноси тоҷик…… **211**
Муҳаммадизода Қ.М. Нақши воситаҳои таҳлили равоншинохтӣ дар шинохти шахсияти инсон..... **217**
Одинаева Г.М. Мавқеи рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб…… **225**
Мустафозода А. Баъзе вижагиҳои сабкӣ ва забонии насри бадеии Абдулҳамид Самад…… **231**
Мирзо Муҳаммад Рустой. Шахсияти Саййид Нодиршоҳи Каёнӣ аз диди дигарон..... **237**
Сатторов Б.М. Нигоҳе ба пешинаи сабкшиносӣ…….. **247**
Карахонов М.С. “Гулистан” и “Персидское описание путешествий”…….…… **253**

ЖУРНАЛИСТИКА

Каримзода Ҳ.И. Риоя ва тасеаи жанрҳои таҳлилӣ дар матбуоти ҳизбӣ…… **260**
Кучарова Н.А. Эмомалӣ Раҳмон - таконбахши бунёди НБО-и Рогун

(дар мисоли публитсистикаи Ш.Мусо)……. **267**
Охунзода Насруддин. Бозтоби сохтмонҳои азим дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият», солҳои 2001-2010)…….. **272**
Суҳроби Мирзоалӣ. Ҷойгоҳи “трэвелинг-журнализм” дар журналистикаи байналхалқӣ…….. **288**

ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ:

1. Риоя намудани «Этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмии ДМТ»;
2. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
3. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 15 саҳифа ва на беш аз 30 саҳифа;
4. индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
5. номи мақола;
6. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
7. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
8. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
9. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
10. таваҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзӯи мақола, ки дар маҷаллаи «Паёми ДМТ» ба нашр расидааст;
11. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ;
12. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
13. аризаи муаллиф(он) ба редаксия оид ба асолати мақола ва ризоияти чоп;
14. мақолаи аспирант/докторанти Ph.D/ унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
15. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
16. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
17. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [ ];
18. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
19. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад.
20. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи силисиламаҷаллаҳои илмии ДМТ дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ:

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
12. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
13. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
14. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
16. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
18. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
19. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).
20. Статьи, поступающие в редакцию журнала, рассматриваются редколлегией журналов в течение 30 дней.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2023. №10

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Ответственный редактор серии филологических наук: М.Н. Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 31,125 усл. п.л. 8.
Подписано в печать 30.12.2023 г. Заказ №2018/04-01